ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

4/5(209)

В Е С Т Н И К

ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2016

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомзода М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор
Абдулазизов В.- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор
Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Мисбохиддин Нарзикул - доктор филологических наук, профессор
Саидов Х. - доктор филологических наук, доцент
Мамадназаров Абдусалом - доктор филологических наук, доцент
Муроди М. - доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Дустов Х - кандидат филологических наук, доцент

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016
Вестник Таджикского национального университета, 2016

ФУНКЦИОНАЛЬНО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ КАУЗАТИВЫ: ПРОЦЕССЫ ДЕСЕМАНТИЗАЦИИ

С. В. Шустова, Е. А. Ошева
Пермский государственный национальный исследовательский университет, г. Пермь, Россия
Институт иностранных языков и лингвокоммуникаций в управлении, Государственный университет управления, г. Москва

Выделенная в сфере каузации подсистема каузативности рассматривается нами как универсальная субкатегория. В предлагаемой статье мы хотели бы обратиться к проблеме десемантизации глагола (semantische Ausbleichung, semantic bleaching, в понимании Szczepaniak,) [12, 11] в аспекте грамматикализации[1] на примере каузативных конструкций, формируемых аналитическим каузативом. Так, Chr. Lehmann отмечает: "Under the diachronic aspect, grammaticilization is a process which turns lexemes into grammatical formatives and makes grammatical formatives still more grammatical…" [11, 303].

B. Heine и M. Reh определяют грамматикализацию следующим образом: "… as evolution whereby linguistic units lose in semantic complexity, pragmatic significance, syntactic freedom, and phonetic substance…" [7, 15]. E.C. Traugott и B. Heine подчеркивают: "… grammaticilization <…> refers to that part of the theory of language that focuses on the interdependence of language and parole, of the categorical and less categorical, of the fixed and the less fixed in language. Grammaticalization is the linguistic process, both through time and synchronically, of organization of categories and of coding" [13, 1]; "…grammaticalization is a kind of language change, subject to certain general processes and mechanisms of change. <…> Much of the literature on unidirectionality characterizes the development of grammatical from lexical meaning in terms of desemanticization, bleanching and emptying or loss of semantic or pragmatic meaning" [13, 3-4]. Данный подход соотносится с позицией Т.А. Майсака, рассматривающего грамматикализацию как особый семантический процесс, результатом которого является появление языковой единицы с грамматическим значением [2, 40].

Одним из ведущих признаков грамматикализации является десемантизация, так глагол утрачивает конкретную лексическую семантику в определенной среде функционирования и приобретает грамматические функции. Грамматикализация «представляет определенную степень изменения категориального значения глагола, его перекатегоризацию как языковой единицы, отражающую его движение вдоль категориального континуума в направлении от лексического значения к грамматическому. Чем больше грамматических характеристик приобретает глагол, тем менее конкретным становится его лексическое значение» [1, 90].

Аналитический каузатив выступает в качестве прототипического средства актуализации значения каузативности. И, по мнению Дж. Лакоффа, категории видов каузации также могут демонстрировать прототипические эффекты. Прототипическая каузация представлена в концепции Дж. Лакоффа как связанный пучок (кластер) интеракциональных признаков и актуализирует непосредственное воздействие. «Prototypical causation appears to be direct manipulation, which is characterized most typically by the following cluster of interactional properties: 1. There is an agent that does something. 2. There is a patient that undergoes a change to a new state. 3. Properties 1 and 2 ccnstitute a single event; they overlap in time and space; the agent comes in contact with the patient. 4. Part of what the agent does (either the motion or the exercise of will) precedes the change in the patient. 5. The agent is the energy source; the patient is the energy goal; there is a transfer of energy from agent to patient. 6. There is a single definite agent and a single definite patient. 7. The agent is human. 8. a. The agent wills his action. b. The agent is in control of his action. c. The agent bears primary responsibility for both his action and the change.м 9. The agent uses his hands, body, or some instrument. 10. The agent is looking at the patient, the change in the patient is perceptible, and the agent perceives the change» [10, 54–55].

Анализируя прямую и косвенную каузацию, Дж. Лакофф указывает на то, что непреднамеренная каузация менее репрезентативна, чем происходящая по воле агента. Ученый выявляет следующую закономерность: чем более непосредственной является каузация, тем ближе расположены морфемы, выражающие причину и результат (*kill* – выражает прямую каузацию, причина и результат выражаются в одной морфеме; *cause to die* – выражает косвенную каузацию).

Функционально-грамматические каузативы рассматриваются нами как лексико-синтаксический каузатив или аналитический каузатив, их значение формируется в рамках среды функционирования таких глаголов английского языка, как *to cause, to make, to force, to get, to bring, to let, to permit, to set, to keep, to allow* и др.: *… she was at once thrown into a state of selfish panic which caused her to become completely oblivious*]; *I made him*

[1] Грамматикализация – процесс перехода от лексического к грамматическому статусу; грамматизация – становление грамматически обязательным компонентом.

work. I made him angry ; I got him to work. I let him go. I brought him to riun [4-T. 2, 23; 4-T. 1, 192]; *She wanted to go but her parents wouldn't let her; I'm letting you stay up late, just this once; Don't let it worry you; If he needs money, let him (=he should) earn it* (CALD).

В немецком языке к функционально-грамматическим каузативам относятся *lassen, heißen, machen, bringen.* Так, например, В. Гюллен рассматривает вспомогательные каузативы в рамках аналитических глагольных фраз**:** фразы с глаголами англ.: *like, make, have, get: let (us) go, (the court) make(s) (bussing) legal, (Mary) had (John) come (to the meeting), get (the thing) done;* нем.: *fallenlassen, halten lassen, (zum Arbeiten) veranlassen (antreiben), (bekannt) machen* [8, 170-177].

Наш подход к функционально-грамматическим каузативам соотносится с концепцией М. Бейкера о комплементаторах (вспомогательные глаголы времени/ наклонения). К комплементаторам ученый относит *that, if, whether, for* наряду со вспомогательными глаголами *will, would, may, might, can, could, shall, should, must, have* и *be* и называет их малыми категориями, отмечая, что они только семантически связаны с главными категориями (категории существительного, глагола и прилагательного) [6, 33−34]. Мы разделяем эту точку зрения и считаем, что в аспекте грамматикализации в сфере каузативности могут быть выделены дополнительные прототипические «малые категории», модифицирующие контекстную семантику, а именно, в английском языке – *to cause, to make, to force, to get, to bring, to let, to permit, to set, to keep, to allow;* в немецком языке – *lassen, heißen, machen, bringen, fordern, zwingen, empfehlen, anregen, anbieten, raten* и их синонимы. М. Бейкер рассматривает слова из малых категорий «вершиной образуемых групп» [6, 34]. Так, случаи *wir lassen nachdenken, wir zwingen nachzudenken, wir fordern nachzudenken, wir empfehlen nachzudenken* демонстрируют семантическое представление ситуации, отличающееся в плане актуализации степени интенсивности воздействия на объект каузации. В силу того, что функционально-грамматические каузативы демонстрируют признаки десемантизации они становятся вспомогательной вершиной всей каузативной ситуации и появляются до связанной с ними глагольной группы. С точки зрения валентностного потенциала функционально-грамматические каузативы характеризуются более тесной связью с элементами своего синтаксического окружения.

Функционально-грамматическим каузативам приписываются следующие признаки: 1) обладают более обобщенным значением, чем лексический каузатив, 2) демонстрируют наиболее высокую частотность употребления, 3) характеризуются десемантизацией, 4) фиксируют наиболее широкий набор порождаемых конструкций [4- Т. 2, 22; 1, 90-95].

Например, глагол *lassen* в немецком языке кроме свободных значений «оставлять», «пускать» и их оттенков имеет конструктивно ограниченное значение «велеть», «позволять», которые выявляются у этого глагола при наличии двух дополнений – винительного и инфинитива: *Der Lehrer lässt die Schüler laut sprechen.* В некоторых сочетаниях с инфинитивом значение *lassen* достигает такой абстрагированности, что трудно говорить о конкретном лексическом значении глагола. В этом случае *lassen* становится аналитическим средством для выражения грамматизованных значений: модальности, переходности, каузативности. При этом абстрагированное значение *lassen* сливается с конкретным вещественным значением инфинитива, видоизменяя его в том или ином направлении. Аналитический каузатив *lassen + Inf.* является универсальным средством выражения значения каузативности: *«Bitte, gnädige Frau, lassen Sie ihn doch spielen»* (Kafka, Beschreibung ... 37); *Ich stand sehr nahe bei ihm, er sah ihr Gesicht vor Empörung zittern und hörte hinter sich die Fuhrleute lachen; er wandte sich um, einer schaufelte mit einer Mistgabel den Rest von Rüben von der Schräge des Wagens, und der Fahrer ließ von der Schwester einen Zettel unterschreiben: er war dick, blaß und schien es eilig zu haben* (Böll, Der Engel schwieg, 81); модальности: *An diesen Praktikanten gemessen waren es ganz leere Hoffnungen gewesen, Blumfeld sah bald ein, dass er sie überhaupt mit den Näherinnen nicht reden lassen durfte* (Kafka, Beschreibung... 128). [5].

Каузативные конструкции *heißen + Inf.* выражают побуждение к действию или изменению состояния путем приказа: *Der Schaffner hieß ihn einsteigen* (БНРС). Однозначность конструкции *machen + Inf.* дает возможность употребить ее, эксплицируя побудительную семантику глагола: *Das machte mich lachen* (БНРС).

Функционально-грамматические каузативы сочетаются с неличными глагольными формами и с именными в позиции вторичного предиката в составе сложного дополнения, например: *I made him a writer* [4-Т. 2, 23], *I had him fired, I put him to ease* [4-Т. 1, 192]; нем.: *jmdm. Angst, Hoffnung, Mut machen; jmdm. Freude machen; jmdm. Sorgen, Kummer, Ärger machen; jmdn. lachen, weinen machen; jmdn ärgerlich, eifersüchtig, froh, glücklich, lächerlich, unglücklich, zornig machen; sich (bei jmdm.) beliebt, unbeliebt, verhasst machen* (Wahrig).

Функционально-грамматические каузативы *to cause, to make, to force, to get, to bring, to let, to permit, to set, to keep, to allow, lassen, heißen, machen, bringen* и другие можно рассматривать как будущее ядро каузативности. Грамматическое словосочетание может рассматриваться не как идиоматическое и неразложимое сочетание, а как свободное сочетание, в котором выделяются формальная и основная принадлежности аналогично простым формам слов. Аналитические формы рассматриваются как неотъемлемый составной элемент конструкции, включающей в себя также и глагольную основу−носитель лексического содержания конструкции.

Единство аналитической формы и спаянность ее частей являются важным звеном в системе доказательств существования аналитической формы в морфологии языка. Грамматико-семантическая неделимость аналитической формы глагола выражена в том, что только в соединении ее части имеют данные значения.

В синтаксическом плане грамматикализация глагола характеризуется понижением его синтаксического ранга за счет ограничения его нисходящих валентностей валентностью на определенный актант. В семантическом плане грамматикализация отличается изменением глагольного значения в сторону большей его абстрактности и субъективации. Вышеприведенные случаи функционирования грамматических каузативов, употребленные в личной форме, описывают, по словам Н.Н. Болдырева [1, 90] не столько событие, сколько специфику его восприятия, оценки, то есть способ его концептуализации. Личная форма глагола указывает на зависимый, обусловленный статус события, названного вторым глаголом в функции предикатного актанта.

Wörtlich heißt es in dem Schreiben: "Ferner ***fordere*** *ich Sie auf, sich umgehend spätestens innerhalb einer Frist von sechs Monaten (...) um für Sie angemessenen Wohnraum zu bemühen"* (Ip).

Ich ***befehle*** *dir augenblicklich, mich zu lieben* (Ip).

Ich bitte, ich ***befehle****, getreu Alles zu berichten* (Ip).

Функционально-грамматические каузативы актуализируют каузативное значение, но в отличие от лексического каузатива данные глаголы не конкретизируют каузативное действие, функционально-грамматические каузативы не демонстрируют в своем семантическом потенциале такой элемент значения как «содержание каузации» или «содержание каузативного действия». Данная функция не предусмотрена их семантикой и является результатом перекатегоризации вследствие регулярного использования в определенных синтаксических контекстах. Для функционально-грамматических каузативов могут быть выделены определенные типы каузативных конструкций, в которых обязательно присутствуют функционально-грамматический каузатив и/или второй глагол в функции предикатного актанта, и/или девербатив.

Er fordert von Hans-Hermann Wendhausen und Ingolf Viereck bis zum 15/ Januar klarzulegen, wieviel Geld sie von Volkswagen über Jahre für welche Leistungen erhalten haben (Ip).

Заслуживающим внимания, с нашей точки зрения, является специфика функционирования функционально-грамматического каузатива *fordern* в немецком языке, который в большинстве случаев употребляется с девербативами в функции предикатного актанта, например, *die Freilassung, der Rücktritt, die Aufklärung, die Ablösung, der Aufbau, die Beteiligung, die Bezahlung, die Festnahme, die herausgabe, die Ausdehnung, die Verschärfung, die Erhöhung* и многие др.

Sie forderten die Freilassung aller politischen Gefangenen, bevor sie ihre Haltung ändern (Ip).

Die Teilnehmer fordern zudem die Aufklärung der Bevölkerung über mögliche Katastrophen und über Kriesenvorbeugung (Ip).

Основная смысловая нагрузка в аспекте актуализации содержания каузативного действия сосредоточена в сфере девербатива. Девербативы обладают сложной семантикой, поскольку они объединяют процессуальные значения, унаследованные от производящих глаголов, и предметные значения, приобретенные ими в процессе деривации, другими словами, обладают различной степенью «вербогенности» (сохранения ими глагольной семантики) (термин Р.З. Мурясова) [3, 50].

Перекатегоризация функционально-грамматических каузативов базируется на увеличении степени абстрактности выражаемого ими значения и, как следствие, десемантизация. Однако следует обратить особое внимание на тот факт, что утрата глаголом конкретного лексического значения в определенной грамматической функции не предполагает, что данное значение не сохраняется этим глаголом и не может быть реализовано в другой среде, например, другом синтаксическом контексте. По справедливому замечанию Н.Н. Болдырева, один и тот же глагол может выступать в разных статусах: лексическом, грамматическом. *Klar ist bislang nur, was sie von ihm fordern: Reformen, Demokratisierung und vor allem active Bekämpfung jeglicher Gewalt* (Ip) (лексическое и грамматическое значения); *Sie fordern jetzt eine ökologische Finanzreform* (Ip)] (лексическое значение); *Bei der Jahresversammlung in Brüssel forderten mehr als 500 Teilnehmer, den Kampf gegen Feinndlichkeit zu verstärken* (Ip) (грамматическое значение).

При этом обнаруживается поликатегориальность и гетеросемичность, что напрямую соотносится с утверждением Дж. Лакоффа и М. Джонсона о том, что «понимание всегда предполагает категоризацию <…> Категории не относятся к числу застывших и однородных образований. Они определяются прототипами и сущностями <…>, и в соответствии с разнообразными целями могут быть приспособлены к контексту» [9, 192].

Таким образом, грамматикализация отдельных глаголов свидетельствует о том, что перекатегоризация носит не случайный, а регулярный и закономерный характер. Лексические значения, в функции которых входило выполнение служебных функций, перестают быть смысловым центром структуры и подвергаются сложному процессу десемантизации («обесвечиванию», bleanching), который предполагает качественное преобразование семантического потенциала по направлению к асемантизации, постепенной утрате значения,

семантической редукции. Грамматикализация являет собой процесс, в котором грамматические знаки, появившиеся в процессе десемантизации, развивают новые грамматические функции. С этой точки зрения можно говорить не об утрате значения, а о приобретении нового значения, значения грамматического. В связи с этим считаем, что категория каузативности представляет огромный интерес с точки зрения философии языка, философии грамматики, но и не меньший интерес с позиций психолингвистики, так как представляет богатый материал для анализа процессов грамматикализации на примере функционально-грамматических каузативов. Это связано с декодированием объектом каузации интенции каузатора, разграничением между видами каузации, интерпретацией связей между событиями и действиями.

ЛИТЕРАТУРА

1. Болдырев Н. Н. Функциональная категоризация английского глагола. Изд. 2-е / Н. Н. Болдырев. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. - 144 с.
2. Майсак Т. А. Типология грамматикализации конструкций с глаголами движения и глаголами позиции / Т. А. Майсак. - М.: Языки славянской культуры, 2005. - 480 с.
3. Мурясов Р. З. Словообразование и теория номинализации / Р. З. Мурясов // Вопросы языкознания, 1989. - № 2. С. 39–53.
4. Сильницкий Г. Г. Семантика. Грамматика. Квантитативная и типологическая лингвистика: в 2 т. / Г. Г. Сильницкий. - Смоленск: ФГУ «Смоленский ЦНТИ», 2006. - Том I. - 255 с.; 2006. - Т. 2. - 362 с.
5. Шустова С. В. Функционально-грамматический каузатив lassen в аспекте грамматикализации / С. В. Шустова // Евразийский вестник гуманитрных исследований. 2015. - № 1(2). - С. 115–118.
6. Baker M. C. The Atoms of Language. The Mind's hidden Rules of Grammar. Basic Books: NY, 2001. 127 p.
7. Heine B. Reh M. Grammaticalization an Reanalysis in African Languages / Heine B. Reh M. - Hamburg: Helmut Buske, 1984. – С. 15.
8. Hüllen W. Verbs of Causativity in the English Interlanguage of German Learners. In: The Contrastive Grammar of English and German / Ed. by Walter F.W. Johnes and Edwin A. Hopkins. Karoma Publisher. Inc. 1982. Ann Arbor, Michigan. (1) P. 170-177.
9. Lakoff G., Johnson M. Metaphors We Live. In: University Of Chicago Press; 2nd edition, 2003. 256 p.
10. Lakoff G. Women, Fire, and Dangerous Things. What Categories Reveal about the Mind. Chikago, London: University of Chicago Press,1990. 614 p.
11. Lehmann Chr. Grammaticalization: Synchronic variation and diachronic change. In: Lingua e Stile. 1985. – С. 303
12. Szczepaniak R. Grammatikalisierung im Deutschen. Eine Einführung. 2, Auflage. Tübingen: Narr Francke Attempto Verlag GmbH + Co.KG, 201.219 S.
13. Traugott E.C., Heine B. Introduction. In: Approaches to Grammaticalization: Volume II. Types of grammatical markers. Ed. E.C. Traugott, B. Heine. John Benjamins Publishing Company. 1991. P. 1-14.

ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКИЕИСТОЧНИКИ

1. Большой немецко-русский словарь: в 2-х т. / Сост. Е. И. Лепинг, Н. П. Страхова, Н. И. Филичева, М. Я. Цвиллинг, Р. А. Черфас; под рук. О. И. Москальской. 2-е изд., стер. - М.: Изд-во «Русский язык», 1980. - Т. 1. А-К. - Т. II. L-Z.
2. Cambridge Advanced Learner's Dictionary. - Cambridge University Press, 2005. - 3-rd printing, 2006.
3. Wahrig, G. Deutsches Wörterbuch. Neu herausgegeben von Dr. Renate Wahrig-Burfeind. Mit einem «Lexikon der deutschen Sprachlehre». Gütersloh; München: Bertelsmann Lexikon Verlag GMBH, 2000.

ИСТОЧНИКИХУДОЖЕСТВЕННОЙЛИТЕРАТУРЫ

1. Böll H. Der Engel schwieg. Mit einem Nachwort von Werner Bellmann. 5. Auflage. Köln: Verlag Kiepenheuer & Witsch, 1997. - 213 s.
2. Kafka F. Beschreibung eines Kampfes. Novellen, Skizzen, Aphorismen aus dem Nachlass. Frankfurt am Main: Fischer Taschenbuch Verlag, 1989. - 280 s.

СПИСОКПРИНЯТЫХОБОЗНАЧЕНИЙИСОКРАЩЕНИЙ

БНРС – Большой немецко-русский словарь.
CALD – Cambridge Advanced Learner's Dictionary.
Duden – Bd. 8. Die sinn- und sachverwandten Wörter. Wörterbuch der
Ip – www. wortschatz.uni-leipzig.de
Wahrig – Deutsches Wörterbuch.

КАУЗАТИВҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ-ГРАММАТИКӢ: РАВАНДИ ДЕСЕМАНТИЗАТСИЯ

(тағйирпазирии маъно)

Дар мақолаи мазкур масоили вобаста ба назарияи муродифот дар категорияҳои сабаб, ки ҳамчун ҳамбастагии интерперсоналӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Каузативҳои функционалӣ-грамматикӣ ба ҳайси васоити мубрами каузативҳо, дар раванди амалкарди хусусиёти муродифот, ки минбаъд маҳаки категорияи каузативиро ташкил медиҳанд ва яке аз воситаҳои махсуси шарҳдиҳандаҳои забон махсуб меёбанд, дида баромада шудааст. Яке аз аломатҳои асосии грамматика дар забон десемантизатсия (яъне тағйирпазирии маъно) махсуб меёбад. Чунки феъл дар баъзе мавориди муайян маънои мушаххаси лексикиашро гум карда, вазифаи грамматикиро ичро мекунад.

Калидвожаҳо: десемантизатсия, грамматикализатсия, каузативҳои функционалӣ-грамматикӣ, сабабият, муродифоти каузативӣ, азнавкатегорияивазкунӣ, васоити шарҳдиҳандаи забон.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ КАУЗАТИВЫ: ПРОЦЕССЫ ДЕСЕМАНТИЗАЦИИ

В настоящей статье рассматриваются вопросы, связанные с теорией прототипов и теорией грамматикализции в сфере категории каузативности, рассматриваемой как интерперсональное взаимодействие. В качестве одного из средств актуализации каузативности выступают функционально-грамматические каузативы, демонстрирующие в процессе функционирования прототипические характеристики, образующие будущее ядро категории каузативности, и относящиеся к аналитическим языковым средствам. Одним из ведущих признаков грамматикализации является десемантизация, так как глагол утрачивает конкретную лексическую семантику в определенной среде функционирования и приобретает грамматические функции.

Ключевые слова: десемантизация, грамматикализация, функционально-грамматический каузатив, каузативность, прототипическая каузация, перекатегоризация, аналитическое средство.

A FUNCTIONAL-GRAMMATICAL GROUPS: THE PROCESS OF DESEMANTISATION

The given article dwells upon the issues, connected with the prototype theory and grammaticalization theory in the sphere of causativeness category, which is considered as interpersonal interaction. Functional grammatical causatives appear to be a means of causativeness actualization. In the process of functioning they display prototypical characteristics, which form the core of causativeness category and are traced to analytical tools of a language. One of leading grammaticalization indicators is desemanticization when a verb loses its lexical meaning in a certain environment and acquires grammatical functions.

Key words: desemanticization, grammaticalization, functional grammatical causative, causativeness, prototypical causation, transcategorization, analytical tool, German, English, prototypical maens.

Сведение об авторах: ***С. В. Шустова*** - доктор филологических наук, профессор кафедры лингводидактики, Пермский государственный национальный исследовательский университет, г. Пермь, Россия.
Телефон: **8 (342) 239-64-77.** E-mail: **info@psu.ru**
Е. А. Ошева - кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка, Институт иностранных языков и лингвокоммуникаций в управлении, Государственный университет управления, г. Москва. Телефон: **8 (495) 371 98 33.** E-mail: **guu.ru**

НИГОҲЕ БА РИСОЛАИ ОВОШИНОСИИ ИБНИ СИНО "МАХОРИҶ-УЛ-ҲУРУФ"

С. Сулаймонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз чеҳраҳои тобноки фарҳанги миллии тоҷикону эрониён, ки ҷаҳони мутамаддин ӯро бо номи Авитсенна эътироф кардааст, Шайхурраис Абӯалӣ Ҳусейн ибни Абдулло ибни Сино (980-1037) мебошад.

Ибни Сино аз зумраи он нобиғаҳои хушбахти таърихи башарият аст, ки ҳосили умри нисбатан кӯтоҳ, вале пурбору пурбаракати ӯ, мероси гаронбаҳои илмию фалсафӣ, тарбияи шогирдони донишманд ва бовафое, чун Абуубайди Ҷузҷонӣ, Баҳманёр ибни Марзбон, Абдуллои Маъсумӣ, Абулҳасан Нисоӣ, Ибни Зайла будааст, ки ҳар яки онҳо афкору андешаҳои устоди худро гирдоварӣ ва ба шакли китоб тартиб ва танзим намуда, ҳамчунин дар ташвиқу густариши онҳо ҳиссаи сазовор гузоштаанд.

Мероси илмии ӯ барои форсизабонон аз он ҷиҳат муҳим ва арзишманд аст, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна осори илмӣ ва фалсафии Шайхурраис аз ҳавзаҳои илмии Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ва дигар кишварҳои исломӣ ба марказҳои илмӣ ва фалсафии Аврупо паҳн гардида, донишномаи фалсафии ӯ "Китоб-уш-шифо" ва асари доиратулмаорифиаш дар илми тиб "Ал-Қонун фи-т-тиб" дар асри XII ба забонҳои лотинӣ ва кастилӣ тарҷума шуданд. Бо эътимоди комил гуфтан метавон, ки шиносоӣ ба фарҳанги исломӣ ва аз он ҷумла тоҷикон, дар Аврупо бо шинохти мероси фалсафӣ ва тиббии Шайхурраис оғоз гардид. Эҳтироми шахсияти илмии ӯ ба ин андоза будааст, ки ҳайкалтарош, меъмор, рассом, шоир ва яке аз бузургтарин намояндагони даврони Эҳё дар Аврупо Микеланҷело гуфта буд: "Бехтар он аст, ки ғалат карда, Ҷолинюс ва Ибни Синоро тарафдорӣ намоям, на рост гуфта дигаронро".

Бо ин ҳама, омӯзиш, тарҷума ва таҳияи мероси бузурги ӯ ҳанӯз ба итмом нарасида, донишмандону андешамандони ҷаҳон боз ҳам ҷанбаҳои нав ба нави илмии офаридаҳои гаронбаҳои ӯро кашф карда, ба ҷаҳониён пешкаш месозанд. Дар ҳаҷми як мақола ё ҳуд китобе ҳама паҳлуҳои мероси ҷовидонаи ӯро мавриди таҳқиқ қарор додан аз имкон берун аст. Гузашта аз ин, баъзе масъалаҳои мазкур дар осори таърихӣ-фехристнигорӣ, тазкираҳо, таҳқиқот дар Шарқу Ғарб ва зимни ҳамоишҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, ки ба ҳазораҳои ҳаёту фаъолияти илмии андешаманд бахшида шуда буданд, баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ӯ дар пешрафти илму фарҳанги башарӣ муайян гардидааст. Аз ин рӯ, мо танҳо рочеъ ба як масъала, яъне муносибати ӯ ба як бахши илми забоншиносӣ- овошиносӣ (фонетика) таваққуф мекунем.

Мавриди ба ёдоварист, ки бархе паҳлуҳои дидгоҳи Ибни Сино нисбат ба забоншиносии араб ва форсу тоҷик дар таҳқиқоти ховаршиносон ва муҳаққиқон, аз қабили Қосим Ғанӣ (1937), А. Гуашон (1938, 1939, 1959), Муҳибуддин ал-Хатиб (1954), Муҳаммад Муин (1957), Ж. Лазар (1963), В. Г. Ахвледиани (1966), Суҳайл Афнон (1973), Парвиз Мураввиҷ (1973), В. А. Ливиштс, Л. П. Смирнова (1981), М. Ҳассон ат-Тайён (1982), А. М. Байзоев (1990), С. Сулаймонов (1997), Маҳмуд Халил (2009), Риҳоб Камол ал-Ҳилв (2009), Д. Хоҷаев (2013) ва дигарон бо аҳдофи мухталиф мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, хулосаҳои мушаххаси илмӣ пешкаш гардидааст.

Бӯалӣ Сино чун ҳаким ва табиб дар заминаи овошиносӣ низ дорои назариёти махсус мебошад. Ӯ илова бар натиҷагириҳои арзишманди илмӣ, перомуни ҷанбаҳои физикии овоз дар бархе аз осори худ, мисли "Китоб-уш-шифо"ва "ал-Қонун фи-т-тиб" рисолаеро низ бо номи "Махориҷ-ул-ҳуруф ё асбоб ҳудус ал-ҳуруф" ("*Маҳраҷи ҳарфҳо ё сабабҳои падид омадани ҳарфҳо*") рочеъ ба илми овошиносӣ таълиф кардааст, ки дар арабшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҷомеъ қарор нагирифта, то ҳол арзиши забоншиносии он низ муайян нагардидааст. Дар ҳоле ин рисола, на танҳо яке аз аввалин асарҳои назарӣ доир ба овошиносӣ (фонетика)-и забони арабӣ мебошад, балки дар он афкори муҳим рочеъ ба

савтиёти забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар баён гардидааст.

Абӯубайди Ҷузҷонӣ ин рисоларо дар зимни «Сирати Шайх» бо номи: «Мақола фӣ асбоб ҳудус ал-ҳуруф ва махорижиҳо, саннафаҳо би Исфаҳон ли-л-Ҷаббон» ишорат кардааст. Рисола дар «Татиммат сивон ал-ҳикма» ва «Ахбор-ул-ҳукамо»-и ал-Қифтӣ бо номи «Фи-л-ҳуруф», дар «Уюн-ул-анбо»-и Ибни Аби Усайбиъа бо номи «Махориҷ-ул-ҳуруф», дар «Кашф-уз-зунун»-и Котиби Чалабӣ бо номи «Махориҷ-ул-ҳуруф», дар «Нусхаҳои мусаннафоти Шайхурраис»-и Яҳёи Маҳдавӣ бо номи «Маърифат ҳудус ал-ҳуруф» ва дар китобхонаи миллии Теҳрон зери унвони «Махориҷ-ус-савт ва-л-ҳуруф» зикр гардидааст.

"Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф"-ро дар Ғарб ва Русия арабшиносону забоншиносон Я. Баккош, К. Воллерс, Т. Нёлдеги, Н. Бравман, Я. Вайс, А. Шааде, Н. Флейш ва В. А. Звегинсев ҳангоми баёни масоили мухталифи забоншиносии араб зикр кардаанд.

Ин рисола [1] бори аввал аз ҷониби забоншиносони араб Муҳибуддин ал-Хатиб аз рӯйи дастхати Музеи Британия №16659, ки бо нусхаи №200 Фонди Темурӣ (Миср) муқоиса гардид, ба чоп расидааст. Ҳарчанд ин нусха танҳо аз ду ривояти рисола як ривоятро дар бар мегирад, вале аввалин иқдом дар ин ҷода ба шумор меравад. Бори дувум рисолаи мазкурро донишманди эронӣ П. Н. Хонларӣ дар соли 1333 ш. / 1955 бо номи "Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф" ба чоп расонидааст [2], вале ӯ низ аз ду ривояти он як ривояташро ба забони форсӣ тарҷума карда, дар бораи арзиши забоншиносии он чизе наафзудааст. Бори савум ин рисоларо Ф. Ҳ. Тарзӣ соли 1962 дар Бейрут ба чоп расонидааст. Вале ин нашр ба нусхаҳои чопи Қоҳира ва Теҳрон чизи наве илова накардааст. Маротиби чаҳорум "Махориҷ-ул-ҳуруф"-ро арабшиноси гурҷӣ В. Г. Ахвледиани [3] дар такя ба чопи таҳиякардаи профессор Н. Хонларӣ аз нав чоп карда, ба забони русӣ тарҷума ва арзиши забоншиносии онро дар шакли рисола мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Ин таҳқиқотро метавон яке аз аввалин корҳои муҳим ва мукаммал дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рочеъ ба ин рисола шумурд. Рисоларо соли 2008 А. Девонақулов ва Л. Саломатшоева [4] аз нав ба забони русӣ тарҷума кардаанд, вале чунонки аз муҳтавои тарҷума берун меояд, тарҷумонҳо аз назари илмӣ чизе ба он наафзудаанд. Чопҳои охирини рисолаи мавриди баҳс ба қалами Муҳаммад Ҳассон ат-Тайён тааллуқ дорад, ки ҳар ду ривояти ин рисоларо бо назардошти нусхаҳои зиёди он дар китобхонаҳои Теҳрон ва дар китобхонаҳои "Мактабат ал-ҷомиъа", "Мактабат Фотиҳ", "Аясофия", "Ҳамидия", "Нур Усмония"-и Истанбул ба чоп омода карда, дар муқаддимаи муфассал ҷойгоҳи Ибни Синоро дар забоншиносии араб мавриди баррасӣ қарор додааст [5]. Муҳаққиқони эронӣ Маҳмуд Шакиб Ансорӣ дар мақолаи худ зери унвони «Бӯалӣ Сино ва овошиносӣ» ва Маҳмуд Шакиб Ансорӣ ва Алиризо Юсуфӣ бо номи «Аш-Шайр ар-раис Ибн Сино ва илм-ул-асвот» рочеъ ба арзишҳои забоншиносии рисолаи мазкур ақидаҳои арзишманд пешкаш кардаанд.

Дар забоншиносии тоҷик шодравон Т. Хаскашев [6] мақолае рочеъ ба дидгоҳи забоншиносии Ибни Сино дар "Махориҷ-ул-ҳуруф" навиштааст, ки ба истилоҳ "фонетикаи тавлидӣ"-ро дар бар мегирад. Муҳаққиқи дигари тоҷик Д. Хочаев [7] дар бобҳои алоҳидаи монографияи худ рочеъ ба ин рисола изҳори назар кардааст. Ҳамчунин дар солҳои охир дар кишварҳои араб як зумра муҳаққиқон доир ба ин рисола аз дидгоҳи нав ва тибқи қонунҳои фонетикаи муосир таҳқиқот анҷом додаанд [8].

Илми савтиёт ё худ овошиносӣ, яке аз қадимтарин ва муҳимтарин бахшҳои забоншиносии қадим ва муосири араб маҳсуб шуда, ҳадафи асосии он тавсиф ва баёни овозҳои забон дониста шудааст. Забоншиносон онро ба унвони пешдаромад барои таҳқиқоти забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд, зеро таҳқиқи илмии овоҳо як падидаи физикии мушаххас ва баёни чигунагии тавлид ва дарёфти онҳо буда, шинохти вокҳо(фонемаҳо), ки дар забоншиносии араб бо номи "Махориҷ ал-ҳуруф" ёд мегардад, яке аз масъалаҳои умдаи овошиносии тавлидиро ташкил медиҳад. Чунонки пайдост, овоз ё савт чун кӯчактарин воҳиди забонӣ аз ду ҷиҳат: яке аз назари вокҳо (фонемаҳо) ва дигаре аз ҷиҳати тавлиди онҳо, ки ба арабӣ онро "ҳудус" мегӯянд, мавриди пажӯҳиши забоншиносон қарор мегирад. Фарқи асосии овошиносии тавлидӣ бо вокшиносӣ дар он аст, ки аввалӣ овозҳоро ба унвони як падидаи моддӣ мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад, дар ҳоле дувумӣ ба баррасии низоми вуҷуддошта миёни овозҳо ва вокҳо (фонемаҳо) сару кор дорад. Аз ин рӯ, ба ибораи забоншиноси машҳур Ибни Ҷиннӣ "[забон] маҷмӯи овозҳое мебошад, ки ба воситаи онҳо ҳар қавме аҳдофи хешро баён мекунад" [9]. Овозро дар ҷойи дигар адиб ва мунаққиди бузург ал-Ҷоҳиз чунин муайян сохтааст: "Овоз дар баёни лафз чун олат ва он ҷавҳаре мебошад, ки ба воситаи он ҳичо ва тавассути ҳичо асари мушаххас эҷод мегардад. Ҳаракатҳои забон дар сурати лафз, каломи мавзуну мансур танҳо бо зоҳиршавии овоз падид меоянд. Ҳарфҳо низ танҳо баъди тақсимшавӣ ба ҳичо ва таълиф калом шуда метавонанд" [10].

Агар овошиносӣ (фонетика) ҳамчун илми мустақил дар Аврупо диққати олимонро аз охирҳои асри нуздаҳ ва аввалҳои қарни бист ба худ ҷалб карда бошад, забоншиносони араб ҳанӯз аз қарни ҳафтуми мелодӣ ҷанбаи овозии забони арабиро мавриди таҳқиқоти ҷиддӣ қарор дода, асарҳои мукаммал ва арзишманд дар ин ҷода таълиф кардаанд, ки зикри онҳо дар ин мақола аз имкон берун аст. Шояд аз аввалин корҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда, гуфтори яке аз асосгузорони грамматикаи араб Абуасвад ад-Дуалӣ [11] дар мавриди эъробгузории Қуръони Карим ва муайян кардани

садонокҳои кӯтоҳ бошад. Вале масоили марбут ба овоз чун зоҳиркунанда ва расонандаи калом ба шунаванда аз қадимулайём диққати донишмандони соҳаҳои гуногун чун забоншиносӣ, мантиқ, фалсафа, тиб ва табиатшиносиро ба худ ҷалб сохта, афкору андешаҳои мушаххас дар ин ҷода баён гардидааст. Чуноне ки маълум аст, ин анъана ҳанӯз дар фалсафаи Юнони бостон ва ба сурати мушаххас аз Арасту оғоз гардида [12], дар забоншиносии қадими Ҳинд дар рисолаи грамматикии Панини мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [13].

Овошиносӣ аз аввалин масоиле буд, ки забоншиносони асримиёнагии араб низ таҳқиқоти худро аз он оғоз намуда буданд. Халил ибни Аҳмад (ваф. 776 м.) дар "Китоб-ул-айн"[14], Сибавайҳ (ваф. 796 м.) дар "ал-Китоб" [15] ва Ибни Ҷиннӣ (ваф. 1002 м.) дар "Сир (р) синоат ал-иъроб" [16] савтиёти забони арабиро чун забоншинос аз нуқтаи назари забоншиносии араб мавриди таҳқиқ қарор дода, афкору андешаҳои арзишманд иброз доштаанд, ки худ як масъалаи мустақили таҳқиқ мебошад. Дар фарҳанги исломӣ як зумра файласуфон низ, чун ал-Киндӣ, ал-Форобӣ ва Ибни Сино ҳангоми баҳсҳои фалсафӣ ва мантиқии худ ба масъалаҳои овошиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки дидгоҳи онҳо чун файласуф ва тибқи масоиле будааст, ки ба таҳқиқоти фалсафии онҳо алоқамандӣ доштааст.

Масоили забоншиносӣ ва махсусан, овошиносии забони арабӣ диққати файласуф ва табиби бузург Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино (970-1037)-ро низ ба худ ҷалб карда, дар ин соҳа ӯ, чуноне ишора шуд, рисолае махсус роҷеъ ба забони арабӣ бо номи "Махориҷ-ул-ҳуруф ав асбоб ҳудус ал-ҳуруф" ("*Баромадгоҳи ҳарфҳо ё сабабҳои пайдоиши ҳарфҳо"[*17] ба ҷой гузоштааст.

Ин нуқтаро зикр кардан мехоҳем, ки Ибни Сино дар таърихи илм, пеш аз ҳама, файласуф ва табиб шинохта шуда, ӯро мо шартан забоншинос гуфтан метавонем. Мақолаеро, ки роҷеъ ба дидгоҳи забоншиносии ӯ низ пешкаш месозем, далолат ба он надорад, ки Шайхурраис ба сурати махсус ва мустақил ба забону забоншиносӣ машғул гардида бошад, зеро рисолаи мавриди таҳқиқро низ, пеш аз ҳама, аз дидгоҳи андомшинос (физиолог), чуноне ки аз мазмуни он берун меояд, навиштааст. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии мақолаи мо нахуст ин аст, ки дидгоҳи забоншиносии файласуфи бузурги тоҷикро дар ин рисола бо назардошти маълумоти нави илмӣ ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик ошно сохта, пасон ёдовар шавем, ки Ибни Сино бинобар дониши гуногунсоҳа ва доиратулмаорифи худ ва тақозои он матолиби илмӣ ва фалсафие, ки ба он машғул буд, ба масъалаҳои мухталифи забон низ машғул гардидааст. Ибни Сино ғайр аз "Махориҷ-ул-ҳуруф" роҷеъ ба овошиносии забони арабӣ асари дигаре бо номи "Лисон-ул-араб" доир ба мафҳумҳо таълиф намуда буд, ки онро "тозанавис" накарда буд [18]. Аз ин рӯ, мо таваҷҷуҳи Ибни Синоро ҳам дар шакли ғайримустақим дар осори фалсафӣ [19] ва тиббӣ [20] ва ҳам ба сурати мустақим бо осори мушаххас доир ба масоили забону забоншиносӣ [21, 54] мушоҳида менамоем.

Бо вуҷуди ин ки рисолаи ёдшудаи Ибни Сино дар Шарқу Ғарб таҳқиқ ва баррасӣ шуда, ба забонҳои мухталиф низ тарҷума гардидааст, вале дар арабшиносӣ ва забоншиносии тоҷик ҷойгоҳу мартабаи он ҳанӯз муайян нагардида, ба забони тоҷикӣ низ тарҷума нашудааст. Аз ин рӯ, мо қарор додем, онро ба сурати муъҷаз ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик шинос намуда, сипас тарҷума ва таҳқиқи онро ба забони тоҷикӣ дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонем.

Рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф" аз шаш фасл иборат аст:

Бахши аввал: Дар сабаби падид омадани овоз.

Бахши дувум: Дар сабаби падид омадани ҳарфҳо.

Бахши савум: Дар ташреҳи ҳанҷара (гулӯ) ва забон.

Бахши чаҳорум: Дар сабабҳои ҷузъии як-як ҳарфҳои арабӣ.

Бахши панҷум: Дар ҳарфҳое, ки ба ин ҳарфҳо монанд мебошанд.

Бахши шашум: Дар ин ки ин ҳарфҳо ҷуз аз ҳаракатҳои гуфторӣ низ шунида мешаванд.

Дар муқаддимаи рисола Шайхурраис ҳадафи асари худро ин тарз баён кардааст: «Сипос танҳо Худованди Яктоеро, ки сипос сазовори бузургии зот, фарохии раҳмат ва файзи лутфу марҳамати Ӯст. Дуруд бар паёмбар Муҳаммад (с) ва дудмонаш.

Пасон: на ҳар касе ҳадия мепазирад, ба он ниёзманду ва на ҳар касе туҳфае мехоҳад, аз он бенасиб бимонад. Балки басо тавонгар барои бузургдошти бенаво ва бузург баҳри шод гардонидани зердаст ҳадия мепазиранд. Шайхи бузургвору гиромӣ устод Абӯмансур Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон, – Худованд фарзонагии ӯро ҷовидон гардонад, - аз он касонест, ки ҳарчи аз ӯ накӯиҳо бихоҳӣ, дар сиришташ пайдо ва ҳувайдо намоӣ. Дар ман ва зиммаи ман аз ӯ миннатҳоест ошкоро, аз рӯйи дилҷӯйӣ, на аз роҳи ниёз, аз ман дархост кард, он чиро дар шунид андар сабабҳои падид омадани ҳарфҳо ва ихтилофи онҳо пас аз таҳқиқи амиқ дарёфтаам, дар рисолаи муҷаз ба номи ӯ иншо бикунам. Ман ин хоҳиши ӯро бо фармонбардорӣ пазируфтам ва аз Худои Мутаол дархост намудам, дар роҳи росте, ки онро (мақсади худ) гузоштаам ва дар роҳи ҳақиқате, ки онро пайравӣ менамоям, комёб гардонад, зеро танҳо Ӯст бахшоишгар» [21, 54].

Аз мазмуни муқаддима ду чиз равшан мегардад: 1) Ибни Сино одат доштааст, ки осори хурдҳаҷми худро бо дархости шахсони алоҳида ва дӯстон нависад [21, 54]; 2) ӯ рисолаи худро ба забоншинос Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар ал-Ҷаббон бахшида, аз ӯ сипосгузорӣ кардааст [23, 56]. Як масъалаи муҳимме, ки ба зикри номи ал-Ҷаббон ё дар ҷойҳои дигар ал-Ҷабоӣ

марбут мебошад, ин аст, ки Ибни Сино дар мачлиси амир Алоуддавла ширкат меварзид. Дар ин махфил, ки забоншинос ал-Ҷаббон ҳузур дошт, сухан перомуни забон рафт ва Ибни Сино, ки дар он даврон вазир ва дар он махфил ҳузур дошт, доир ба мавзӯи забон чизе гуфт, вале ал-Ҷаббон ба гуфтаи Шайхураис эътироз карда гуфт: Шумо мантиқӣ ҳастед ва мо ба ин зид нестем, вале сухани Шуморо рочеъ ба забони арабӣ қабул надорем. Ибни Сино аз ин гуфтори ал-Ҷаббон аз хичолат сукут ихтиёр кард. Вале бо гузашти чанд муддате ва машғулияти чиддӣ ба сарфу наҳви арабӣ китобе навишт ва аз Алоуддавла хоҳиш намуд, ки онро ба ал-Ҷаббон нишон бидиҳад ва андешаи ӯро рочеъ ба масоили душвори он бозпурсӣ намояд. Вале ал-Ҷаббон чун китобро варақ зад, дар бархе аз масоили забоншиносии он дармонд ва Ибни Сино ба суҳбат ҳамроҳ шуд ва ҷойҳои номафҳуми китобро ба ал-Ҷаббон, ки дар фаҳми онҳо дармонда буд, шарҳу баён кард ва ӯро низ хичил сохт [23, 59]. Ин ҳолат як «қасоси илмӣ»-и Ибни Сино дар ҷавоб ба андешаи ал-Ҷаббон, ки «ту мантиқшинос ҳастӣ ва забонро намедонӣ» мебошад. Воқеан, аз ин гуфтори Ибни Сино дар муқаддимаи рисола нисбат ба Абӯмансур ал-Ҷаббон чун хулоса берун меояд, ки ӯ ин рисоларо баъди вохӯрӣ бо Абӯмансур ал-Ҷаббон навишта, баъдҳо ба ӯ чун устоди соҳаи забон арҷгузорӣ ва ин рисоларо бо хоҳиш ва хотири ӯ навиштааст. Албатта, аз ин муносибати Ибни Сино ба Абӯмансур ал-Ҷаббон чунин хулоса берун кардан мумкин аст, ки эътирофи хато ва ислоҳи он аз шеваи кору кирдори соҳибназарону донишмандон ва бузургвории онҳост.

Ибни Сино муқаддимаи худро бо ишораи шаш фасли рисола ба охир расонида мегӯяд: Ин номаро ба шаш бахш тақсим кардем:

1. Бахши аввали рисола падидаи пайдошавии овоз (савт)-ро дар бар гирифта, сабабҳои пайдошавии овоз ва идроки онро аз ҷониби узвҳои шунавоӣ шарҳу баён кардааст.

2. Дар бахши дуюм рочеъ ба назарияи падид омадани овозҳои нутқ (ҳарф) сухан меравад. Дар ин ҷо сабабҳо ва роҳҳои падид омадани овозҳои нутқ ишора гардида, ба сурати умум, узвҳои нутқ баён ёфта, фонемаҳо аз рӯйи аломатҳои яклаҳзагӣ ва тӯлонӣ будан шарҳ ёфтаанд.

3. Бахши сеюми рисола ба шарҳу баёни муфассали андомӣ (анатомӣ) ва физиологии узвҳои нутқ (ҳанҷара, ком, холигии даҳон, забон ва холигии бинӣ) бахшида шудаанд.

4. Дар бахши чаҳорум хосиятҳои физиологӣ ва савтӣ (акустикӣ)-и нутқ шарҳу баён ёфта, фонемаи забони арабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

5. Дар бахши панҷум рочеъ ба овозҳое, ки дар забони арабӣ вуҷуд надошта, дар забонҳои дигар (форсӣ, хоразмӣ ва туркӣ) мавҷуд мебошанд, таҳқиқ ба амал омадааст.

6. Дар бахши шашум ва охирини рисола доир ба сабабҳои ғайризабонӣ, яъне физикӣ (табиӣ) таҳқиқ ба амал омадааст.

Азбаски рисолаи "Махорич-ул-ҳуруф" таҳқиқи густурдаро тақозо дорад, мо дар ин ҷо танҳо онро ба сурати мухтасар шарҳу баён менамоем:

1. Ӯ дар бахши нахусти рисола рочеъ ба пайдоиши овоз таваққуф карда, дар ин ақида аст, ки сабаби асосии пайдошавии овоз "кандан"-у "кӯфтан", якбора ва сахту бошиддат мавҷ задани ҳаво мебошад. Чунонки маълум аст, ин мавҷ ба ҳавое, ки дар сӯрохии гӯш қарор дорад, рафта мерасад ва онро меларзонад ва садо шунида мешавад [23, 60]. Дар ин ҷода забоншиноси шинохтаи араб Ибни Ҷиннӣ (ваф. 392 х.қ.), ки аз ҳамзамонони Ибни Сино буд, дар бораи чигунагии падид омадани овозҳо як мисоли аҷибе оварда, мегӯяд: "Агар одамӣ ҳангоми дар най дамидан ангуштони хешро дар сӯроххои най нагузорад, садо ба сурати озод берун мешавад, вале агар ӯ ангуштонро бонавбат ба рӯйи сӯрохиҳо бигузорад ва ё сари ангуштонро боло ва поён намояд, овозҳои ҳархела шунида шуда, аз ҳар сӯрохии най садое шунида мешавад, ки аз овози сӯрохии дигар фарқ дорад" [23, 64].

2. Ибни Сино дар бахши дувуми рисола доир ба сабаби пайдоиши ҳарфҳо таваққуф намуда, мавҷзании ҳаворо падидоварандаи овоз медонад. Аз нигоҳи ӯ, пайвастагӣ ва суфтагии ҷузъҳо, густурдагӣ ва шиддати онҳо чигунагии мавҷ задани ҳаво, яъне баландӣ (зерӣ) ва пастӣ (бамӣ)- и онҳоро ба амал меорад. Ду сифати аввал, яъне пайвастагӣ ва суфтагӣ сабабгори баландии овоз ва ду сифати дигар-густурдагӣ ва шиддат сабабгори гаронӣ (пастӣ)-и овоз мегардад. Аммо ҳолати мавҷ аз ҷиҳати ҳайатҳо (шаклҳо)-е, ки дар гузаргоҳи худ монеъшавӣ ва беруншавиро мепазирад, ҳарфҳо ё худ овозҳои нутқро ба вуҷуд меорад.

Ибни Сино дар мавриди падид омадани овоз ва ҳарф ду истилоҳи ба ҳам муқобил "махорич" (баромадҳо) ва "маҳобис" (монеаҳо)-ро истифода кардааст. Ӯ қарнҳо пеш аз забоншиносони аврупоӣ аз вок (фонема) сухан гуфта, вок (ҳарф)-ро шарҳу баён ва фарқи онро аз овоз нишон додааст. Бо назардошти таркиби ҳарфҳо Ибни Сино тақсимбандии онҳоро ба ҳарфҳои муфрад ва мураккаб ҷудо карда, ҳар яки онҳоро шарҳу тавзеҳи муфассал пешкаш кардааст.

3. Масъалаи муҳимме, ки дар бахши сеюми рисола Ибни Сино чун табиби ҳозиқ ба он таваҷҷуҳ намудааст, ташреҳ (анатомия)-и ҳанҷара ва забон буда [23, 65-66], Шайхуррраис онҳоро аз назари илми тиб мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳанҷарарро ба се тағояк: тағояки сипаршакл, косамонанд ва беном ҷудо карда, алоқаҳои онҳоро бо якдигар ба воситаи пайвандҳо ва мушакҳои тангшаванда ва васеъшаванда муайян кардааст. Ӯ дар ин ақида аст, ки мушакҳо бо навъҳои муайяни устухонҳо робита

доранд, мисли устухоне, ки ба ҳарфи "лом" монанд мебошад [23, 70]. Дар ҳамин бахш Ибни Сино моҳияти забон, ҳашт мушак [24, 4] ва иртиботи онҳоро бо якдигар мушаххас сохтааст.

4. Аз масъалаҳои муҳимме, ки Ибни Сино дар бахши чаҳоруми рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф" диққат додааст, ин аст, ки ӯ чигунагии падид омадани ҳарфҳои арабиро аз рӯйи ҷойгоҳи ҳар кадоми онҳо ва ба тартиб аз ибтидои ҳалқ то лабҳо шарҳу баён намудааст. Ӯ ҳарфҳоро дар бахши чаҳоруми "Махориҷ-ул-ҳуруф" ба ин тартиб овардааст: "ء, ه, ع, ح, خ, ق, غ, ك, ج, ش, ض, ص, س, ز, ط, ت, د, ث, ظ, ذ, ل, ر, ف, ب, م, ن, و, ي" [24, 91-92]. Ҷойи ёдоварист, ки пеш аз Ибни Сино Сибавайҳ дар "Ал-Китоб" ва Халил Ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ дар "Китоб-ул-айн" ҳарфҳои арабиро дар шакле мураттаб сохтаанд, ки аз тартиби анҷомдодаи Ибни Сино андаке фарқ дорад. Халил шумораи ҳарфҳои арабиро бисту нуҳ адад дониста, бисту панҷтои онро ҳарфҳои саҳеҳ гуфтааст, ки дар дастгоҳи нутқ дорои ҷойгоҳи мушаххас мебошанд ва чаҳор ҳарфи он "ӯ","ӣ","о" ва "ҳамза" "ҳавоӣ" номида шудаанд." Ҳамза" барои он ҳарфи ҳавоӣ номида шудааст, ки вай аз дарун берун омада, дар ҳеҷ ҷойи забон ё ҳалқ ё забонча қарор намегирад. Ҳарфҳои "о","ӯ" ва "ӣ"низ чунин аст. Шоёни зикр аст, ки агарчи дар қарнҳои дувум ва сеюми ҳиҷрӣ дастгоҳҳои дақиқи муайян кардани овоз вуҷуд надошт, вале донишмандони гузашта аз роҳи озмоиш ва заковату дарки ботинӣ тавонистаанд, дар омӯзиши дастгоҳи нутқ ба натиҷаҳои арзишманде бирасанд, ки таҷрибаи онҳо ҳанӯз ҳам қимати илмии худро гум накардааст.

Ба қавли муҳаққиқи рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф" Ҳассон ат-Тайён муҳимтарин мӯшикофие, ки Ибни Сино дар ин ҷода нишон додааст, ин аст, ки байни садоноки кӯтоҳи "у" ва "и" ва садонокҳои дарози "ӯ" ва "ӣ" фарқ гузошта, кӯшиш кардааст, ки замони ҳосилшавии ҳар яки онҳоро муайян созад [24, 91-92].

Дидгоҳи дигари илмии Шайхурраис дар ин бахш иборат аз он аст, ки ӯ гоҳе барои тавзеҳи баромадгоҳи ҳарф (фонема) аз ҳодисаҳои физикӣ истифода менамояд, барои мисол менависад: "Баромадгоҳи ҳарфи "ғайн" дар мавзеи қай кардан аст; баромадгоҳи ҳарфӣ "ҳе"-и ҳуттӣ дар ҷойгоҳи сурфа кардан аст".

5. Аз масоили муҳимме, ки Ибни Сино дар бахши панҷуми рисола диққат додааст, муайян кардани овозҳое мебошад, ки дар арабӣ вуҷуд надошта, дар забонҳои дигар чун форсӣ, хоразмӣ ва туркӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, ӯ чаҳор овози забони форсӣ: "*пе*", "*че*", "*же*" ва "*ге*"-ро ишорат мекунад, ки хосси забони арабӣ нестанд ва инро дар мисоли зерин дидан метавон: "Ва ҳарфи дигаре, ки ба "ҷим" монанд аст дар гуфтори эрониён дар калимаи "чоҳ" шунида мешавад. Ва нисбати ин "ҷим" ба "ҷим"-и арабӣ монанди нисбати "коф"-и арабӣ ба "коф"-и ғайри арабӣ аст".

6. Масъалаи дигаре, ки Ибни Сино дар рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф" даст задааст ва ба забони тоҷикӣ робитаи хосса дорад, овозест, ки байни "фе" ва "бе" мебошад ва онро дар лаҳҷаҳои ҷанубии Тоҷикистон истифода мебаранд. Худи Ибни Сино ин овозро ин тарз шарҳ додааст: "Дигар ин (ҳарфи) "фе"-е мебошад, ки қариб ба (ҳарфи) "бе" монанд аст ва дар забони форсҳо дар гуфтори "фузунӣ" воқеъ мешавад. Ин ҳарф аз ҳарфи "бе" бо ин фарқ мекунад, ки дар вай ҳабс (монеъшавӣ)-и пурра вуҷуд надорад. Вай аз ҳарфи "фе" бо ин фарқ менамояд, ки тангии баромадгоҳи овоз дар лаб бештар ва фишори ҳаво сахттар аст, то ҷойе, ки дар сатҳи (нарми) даруни лаб қариб, ки ларзае падид меояд". Бо назардошти ин ки худи Ибни Сино ин ҳарфро байни ҳарфҳои "фе" ва "бе" медонад, чунин ҳадс задан метавон, ки он ҳамон овозест, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубии Тоҷикистон боқӣ мондааст.

Дар бахши шашум ва охирини рисола Шайхурраис ба масъалаи алоқамандии падид омадани овозҳои нутқ дар пайванд бо табиат ва ҳодисаҳои он диққат додааст. Яке аз мӯшикофиҳои Шайхурраис дар ин ҷода он аст, ки ӯ барои осон кардани талаффузи ҳарфҳои арабӣ чун таҷрибагар ба табиат ва ҳодисаҳои он мурочиат мекунад, барои мисол дар мавриди падид омадани ҳарфҳои "иткӣ", "де" ва "те" чунин мегӯяд: "[Ҳарфи] «ط» аз ҷумлаи ҳарфҳое мебошад, ки на дар натиҷаи «кӯфтан», балки дар асари «кандан» ё ҳамроҳи «кӯфтан» падид меояд. Ин ҳарф, дарвоқеъ, дар натиҷаи часпидани сатҳи бештари забон, сатҳи ком ва коми сахт пайдо гардида, ҷузъҳои он бо ҷузъҳои муқобил намечаспанд. Дар миёни ин ду сатҳ рутубате ҳаст ва чун [забон] аз ком канда мешавад ва фишори миқдори зиёди ҳаво ба амал меояд, ҳарфи «ط» шунида мешавад".

Аз баррасии иҷмолии рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф"ба чунин хулосаҳо омадан метавонем:

1. Забоншиносони араб қарнҳо пеш аз аврупоиҳо ба омӯзиш ва баррасии масъалаҳои марбут ба дастгоҳи нутқ пардохта, назарияҳои арзишманде ба мерос гузоштаанд, ки имрӯз ҳам қимати илмии худро гум накардаанд.

2. Қироати дурусти Қуръони Карим ва пажӯҳишҳои табибон ба пешрафти илми овошиносии араб мусоидат ва кумаки зиёд намуданд.

3. Донишмандони эронитабор чун Сибавайҳ, ал-Хоразмӣ ва Ибни Сино дар пешрафти забоншиносии араб ва аз ҷумла овошиносии он, саҳми арзанда гузоштанд.

4. Ибни Сино бо вуҷуди он ки дар қарни даҳу ёздаҳ умр ба сар бурда, аз дастгоҳҳои замонавии санҷиши овоз бархӯрдор набуд, бо заковати ботинӣ ва мулоҳизаҳои зотии хеш чигунагии падид омадани овозҳои нуткро муайян карда, ҷойгоҳи ҳарф (фонема)-ро дар забони арабӣ мушаххас намуд. Ба сурати умум, Шайхурраисро метавон асосгузори овошиносии тавлидӣ ва таҷрибавӣ шинохта, усулҳои тарзи падид омадани ҳарфҳои арабиро дар пайванд бо табиат беназир қаламдод кард.

5. Кору пайкори Ибни Сино дар соҳаи забоншиносии араб, тоҷик ва забонҳои дигар камсобиқа буда, рисолаи "Махориҷ-ул-ҳуруф" аз зумраи он асарҳои марбут ба овошиносии (фонетика)-и умумии забоншиносии араб мебошад, ки масъалаҳои мавриди баҳси он то ҳол аҳамияти илмии худро гум накарда, онро метавон дар қатори осори муҳимми марбут ба савтиёти забони арабӣ, форсӣ ва дигар забонҳо ба эътибор гирифт. Тарҷума ва шарҳу тафсири ҷомеи забоншиносии он дар забоншиносӣ ва арабшиносии тоҷик аз воҷиботи муҳимми ин ду соҳаи илм дар Тоҷикистон аст.

АДАБИЁТ

1. أبو الفتح عثمان بن جني (392هـ)، الخصائص، الجزء الأول، بيروت، بدون سنة الطبع، ص، 33.
2. الحاجري (25هـ)، تحقيق عبد السلام هارون، مكتبة الخانجي، القاهرة، 1405هـ-1985م، ص 79.
3. Аристотель. Сочинения / Аристотель. - М., 1975. - Том 1. - С. 44-414.
4. Амирова Т. А. Очерки по истории лингвистики / Т. А. Амирова, Б. А. Ольховиков, Ю. В. Рождественский. - М., 1975. - С. 76.
5. خليل بن أحمد الفراهيدي، كتاب العين، تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي، بغداد، 1980م.
6. سيبويه أبو بشر عمرو بن عثمان، الكتاب، تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون، الجزء الأول، ط 3، 1408هـ-1988م.
7. ابن جني، أبو الفتح، صناعة الإعراب، تحقيق حسن هنداوي، دمشق، دار القلم، 1993م.
8. Абӯалӣ ибни Сино. Осор / Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе: Дониш, 2005. - Ҷилди якум. - С. 171.
9. رسالة أسباب حدوث الحروف للشيخ الرئيس أبي علي الحسن بن عبد الله بن سينا، تحقيق محمد حسان الطيان ويحيى مير علم، دمشق، مجمع اللغة العربية، بدون سنة الطبع.
10. غسان فينيانوس، فلسفة الوجود عند ابن سينا، مجلة التراث العربي، السنة الثانية، عدد خاص يصدر بمناسبة الذكرى المئوية لوفاة ابن سينا، 1980، ص 60.
11. Завадовский Ю. Н. Абу Али ибн Сина / Ю. Н. Завадовский. - Душанбе: Ирфон, 1980. - С. 184-185.
12. Ибни Сино дар бахшҳои мантиқи «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-начот», «ал-Ҳикмат-ул-машриқия» (ба забони арабӣ), «Донишнома» (ба забони тоҷикӣ) роҷеъ ба забони арабӣ, форсӣ ва масоили забоншиноси афкору андешаҳои арзишманд баён кардааст.
13. Дар фаслҳои ёздаҳум «Дар ташреҳи мушаки ҳанҷара» ва дувоздаҳум «Дар ташреҳи мушаки ҳалқум» дар "ал-Қонун" андешаҳоеро Ибни Сино доир ба овозҳои нутқ баён кардааст, ки бо андешаҳои ӯ дар бораи чиҳози нутқ ва вазифаҳои он дар «Махориҷ-ул-ҳуруф» шабоҳат дорад. القانون في الطب، تأليف الشيخ الرئيس أبو علي الحسن بن علي بن سينا، الجزء الأول، بغداد، بدون سنة الطبع، ص 428 إلى ص 543.
14. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва таҳқиқот Ибни Сино китобе бо номи «Лисон-ул-араб» навиштааст, ки он дар шакли мусаввада боқӣ мондааст; Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина / Ю. Н. Завадовский. - Душанбе: Ирфон, 1980. - С. 184-185.
15. رسالة أسباب حدوث الحروف للشيخ الرئيس أبي علي الحسين بن عبد الله بن سينا (370-428 هـ)، تحقيق محمد حسان الطيان ويحيى مير علم، دمشق، 1980م.
16. مخارج الحروف يا أسباب حدوث آنها از شيخ الرئيس أبو علي بن سينا از متن رساله با مقابله وتصحيح وترجمه فارسي دكتور برويز ناتل خانلري
17. В. Б. Ахведиани. Фонетический трактат Авиценны (Абу Али Ибн Сина) / В. Б. Ахведиани; текст, перевод, исследование. – Тбилиси: Мецниереба, 1966.
18.Ниг. ба пайнавишти №15.
19. Т. Хаскашев. Ибни Сино ва фонетикаи тавлидӣ / Т. Хаскашев // Мушкилоти Ибни Сино (мероси адабӣ, анъана ва алоқа). - Душанбе, 1980. - С. 173-183.
20. Дар ин ҷода мақолаи Иброҳим Халил Маҳмудро бо унвони «Овошиносии Ибни Сино дар партави забоншиносии муосир» зикр кардан мумкин аст, ки онро дар монографияи худ: إبراهيم محمود خليل، في اللسانيات في نحو النص، 2009، ص 107-136 ба чоп расонидааст.
21. ابن سينا، رسالة أسباب حدوث الحروف، ص 54.
22. ابن أبي أصيبعة، عيون الأنباء في طبقات الأطباء، الجزء الثالث، بيروت، 1401هـ-1981م، ص 11.
23. ابن سينا، رسالة أسباب حدوث الحروف، ص 56.
24. محمد حسان الطيان، الأصوات عند ابن سينا، ص 4.

НИГОҲЕ БА РИСОЛАИ ОВОШИНОСИИ ИБНИ СИНО "МАХОРИҶ АЛ-ҲУРУФ"

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст,то хонанда ва муҳаққиқро бо яке аз рисолаҳои муҳимми Ибни Сино "*Махориҷ ал-ҳуруф*", ки ба масоили марбут ба савтиёт (фонетика) – и забони арабӣ ва забонҳои дигар бахшида шудааст,ошно сохта, мақом ва манзалати илмии онро барои забоншиносии араб ва тоҷик муайян созад.

Калидвожаҳо: забоншиносии араб, забоншиносии тоҷик, фонетика, фонетикаи умумӣ, гулӯ, ҳиҷо, диалект, ҳиссаҳои нутқ, фонемаҳо, мушакҳо, садопардаҳо, талаффуз.

О ТРАКТАТЕ ИБН СИНЫ " МЕСТО АРТИКУЛЯЦИИ БУКВ "

В статье делается попытка ознакомить "*Махаридж ал-хуруф*" ("Место артикуляции букв") Ибн Сины как один из надёжных источников по общей фонетики арабского и других языков и определить её значимость в истории арабского и таджикского языкознаний.

Ключевые слова: арабское языкознание, таджикское языкознание, фонетика, общая фонетика, горло, слог, диалект, части речи, фонемы, мышцы, связки, произношение.

ABOUT TREATISE OF IBN SINA'S "PLACE OF ARTICULATION OF LETTERS"

The article is an attempt to introduce "Maharidzh al-huruf" ("place of articulation of letters") of Ibn Sina as one of the reliable sources of general phonetics, Arabic and other languages and to determine its significance in the history of Arabic and Tajik linguistics.

Key words: arabic Linguistics, tajik linguistics, phonetics, general phonetics, throat, style, dialect, part of speech, phonemes, muscles, ligaments, pronunciation.

Сведения об авторе: ***С. Сулаймонов*** – профессор кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 907-98-54-43**

АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ “ФОИДАҲО”-И “БУРҲОНИ ҚОТЕЪ”

Д. Хоҷаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фарҳангҳои пешинаи мо дар баробари нигоҳдории бойгарии таркиби луғавӣ боз як асолати муҳимми дигареро ба ҷо овардаанд, яъне то андозае қонуну қойидаҳои асосҳои дастури забонамонро низ ҳифз намуда, такмил додаанд.

Муаллифони фарҳангҳои тафсирии гузашта дар баробари шарҳу тавзеҳи маъноҳои калима ба масъалаҳои дастури забон низ то андозае таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Аз ин рӯ, онҳо, воқеан, забоншиносони замони худ ҳам маҳсуб меёфтанд.

Аз ин нуқтаи назар, вақте ки мо дар бораи вазъи забоншиносӣ дар ин ё он аср ва ё умуман таърихи афкори забоншиносии тоҷик сухан меронем, ин ҷабҳаи фаъолияти мураттибони фарҳангномаҳои тафсириро бояд дар назар дошта бошем. Мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ вобаста ба шарҳи калимаҳо бисёр ҳодисаҳои марбути грамматикаро мушоҳида намуда ва тавзеҳ додаанд. Албатта, ин ё он ҳодисаҳои грамматикиро онҳо мутобиқ ба низому усули таълими ҳамон давр ва бештар аз мавқеи низоми грамматикаи забони арабӣ тавзеҳ кардаанд. Аммо дар ҳар сурат он шарҳу тавзеҳот аз манфиат холӣ набуда, инъикоси вазъи донишҳои забоншиносии ҳамон замон мебошад.

Ин анъана дар таърихи фарҳангнигории мо яке аз вижагиҳои равиши фарҳангнависӣ маҳсуб меёфтааст, ҳарчанд ки чунин усулро на дар ҳама фарҳангҳои тафсирӣ мушоҳида карда метавонем.

Анъанаи ташреҳи масоили асосҳои дастури забон дар фарҳангномаҳо ҳанӯз дар аҳди Сосониён роиҷ будааст. Дар иртибот ба ин масъала донишманди таърихи забон Д. Саймиддинов чунин ибрози назар кардааст. “Фарҳангнома (дар назар аст фарҳангномаи аҳди Сосонӣ Frhangi oim- ewag Д. Х.) якҷо бо ташреҳи луғоту истилоҳот масоили грамматикаи забони авестоиро низ фаро мегирад. Нигоранда мухтасари грамматикаи забони Авесторо дар мисоли чанде аз категорияҳои морфологии ҷинсият, шумора, ҳолатҳо (падежҳо) ва тасрифи феъл ба форсии миёна ташреҳ намудааст. Аз ин рӯ, ин фарҳангро метавон нахустин намуна аз таърихи дастурнависӣ дар суннати аҳди Сосонӣ номид” [12, 62].

Дар асри XVII ду луғати муътабар мураттаб шудааст: яке “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”- и Ҳусайни Инҷу (1608), дигаре “Бурҳони қотеъ”-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Халаф ат Табрезӣ (1652). Ин луғатҳо арзиши баланди лингвистӣ доранд, чаро ки дар ин фарҳангҳо ҳамон анъанаи “Frhangi oim- ewag” идома ёфтааст.

Ҳоло мавриди назари мо арзиши забоншиносии тавзеҳоти дастурии “Бурҳони қотеъ” мебошад. Фарҳанги “Бурҳони қотеъ” соли 1652 дар Ҳиндустон мураттаб шудааст. Муаллифи луғат Муҳаммад Ҳусайн ибни Халаф ат Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон дар назди худ мақсад мегузорад, ки тамоми калимоти форсӣ, паҳлавӣ, дарӣ, юнонӣ, сирӣ, румӣ, баъзе калимаҳои арабӣ, авестоӣ (занд ва позанд) вожаҳои нодир, ифодаҳои идеоматикӣ ва метафорӣ, ки дар омезиш бо вожаҳои арабӣ дар забони форсӣ мустаъмаланд, ҷамъ оварад. Ҳалли ин ҳадаф муаллифро аз истифодаи усули анъанавии мураттабсозии фарҳанг бозмедорад ва дар натиҷа аз осори классикон намунаҳо намеорад. Мақсади асосии муаллиф шарҳи мухтасари маънои луғавии калимаҳо ва тарзи дурусти талаффузи онҳо будааст.

Дар муқаддимаи луғати “Бурҳони қотеъ” муаллиф бо унвони “фоида” 9 мақола овардааст, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шарҳ дода шудаанд. Масалан, муаллиф дар фоидаи якум таъкид мекунад, ки забони форсӣ аз ҳафт хел ё гуна иборат аст, ки чаҳортои он матрук аст. Ва он забони **ҳиравӣ** ва **сакӣ** ва **зобулистонӣ** ва **суғдӣ** бошад ва се забони дигар мутадовил ва он **дарӣ** ва **паҳлавӣ** ва **порсӣ** бувад. Дарӣ он аст, ки дар он нуқсоне набувад, ҳамчу **абрешум** ва **испед** ва **ишкам** ва **уштур** ва **бирав** ва **бигӯ** ва **бишнав** ва амсоли онҳо. Пас бирешум ва сапед ва шикам ва шутур ва рав ва дав ва гӯ ва шунав дарӣ набошад... Ва паҳлавӣ мансуб аст ба Паҳлав, ки падари порс ва писари Сом ибни Нӯҳ бошад ва ин луғат аз забони ӯ мустафиз гашта. Ва баъзе гӯянд, ки мансуб аст ба Паҳла, ки он вилояти Рай ва Исфаҳон ва Динавар бошад, яъне забони мардумии он вилоят аст. Ва ҷамъе бар онанд, ки паҳлавӣ забони шаҳрӣ аст, ки паҳлав бар маънои шаҳр низ омадааст. Ва порсӣ забонеро гӯянд, ки дар вилояти Порс, ки дорулмулки Истаҳр аст, мардумон бад-он сухан кунанд. Ва баъд аз арабӣ забоне беҳтар аз порсӣ нест. Чи дар аҳодис низ мазкур аст, ки ҳазрати рисолатпаноҳ ва амиралмуъминин ва аймаи маъсумин салавотуллоҳи алайҳим ачмаъин ба порсӣ мутакаллим шуданд [7, 20-21].

Чунонки аз муҳтавои фоидаи якуми луғат бармеояд, муаллиф дар шарҳи масъалаи пайдоиши забони дарӣ, паҳлавӣ ва форсӣ бештар ба нақлу ривоятҳо такя кардааст, вале муҳим ин аст, ки луғатнигор ба ин масъалаи муҳим таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Фоидаи дуюм низ идомаи мавзӯи баҳси фоидаи якум буда, муаллифи луғат дар бораи чигунагии забони форсӣ андешаҳояшро баён намудааст.

Муаллиф дар бораи хусусиятҳои забони форсӣ андеша ронданӣ шуда, минҷумла таъкидро аз он шурӯъ кардааст, ки охири тамоми калимоти форсӣ сокин мебошад. Ӯ дуруст шарҳ додааст, ки калимаҳо аз овозҳои ҳиҷосоз ташкил меёбанд.

Гӯянда ва шунаванда калимаро барои ифодаи маънӣ таркиб медиҳад. Калима,- мегӯяд Муҳаммадҳусайни Бурҳон, ақаллан аз ду овоз (ҳарф) иборат аст. Ташкили он, ба андешаи муаллиф, ин тариқ аст: ҳарфи аввал мутаҳаррик, то ки бо он ибтидо карда шавад ва дуюмин сокин, то ин ки таваққуф карда шавад. Масалан, дар калимаҳои дил, сар, по овозҳои (ҳарфҳои) **д, с, п** мутаҳаррик ва овозҳои **л, р, о** сокинанд. Як ҳарф калима буда наметавонад, чаро ки маъниеро намефаҳмонад. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳарфҳое ҳастанд, ки ба калима васл гардида маъниро тағйир медиҳанд. Аз нигоҳи забоншиносии муосир ин гуна ҳарфро пасванду пешванд (суффиксу префикс) мегӯянд.

Дар **фоидаи сеюм** муаллифи луғат дар бораи миқдори ҳарфҳои ҳиҷосоз (таҳаҷҷӣ) ва сиғаҳои феъли форсӣ маълумот медиҳад.

Дар шарҳи алифбо ва анвои ҳарфҳо (овозҳо) муаллиф асосан ҳамон маълумотҳоеро зикр кардааст, ки донишмандони пешин иброз доштаанд. Масалан, ӯ мегӯяд: "Бибояд донист, ки бинои каломи араб бар бисту ҳашт ҳарф аст ва онро ба се қисм сохтаанд: қисми аввалро **масрурӣ** гӯянд ва духарфӣ бувад ва дувоздаҳ ҳарф аст, ки **бо, то, со, ҳо, хо, ро, зо, то, зо, фо, ҳо, ё** бошад. Ва қисми дувумро малфузӣ хонанд ва он сеҳарфӣ бувад ва охираш ҳарфи аввал набошад ва он 13 ҳарф аст, ки **алиф, чим, дол, зол, син, шин, сод, зод, айн, ғайн, қоф, коф, лом** бошад. Ва қисми савумро малбубӣ гӯянд ва он ҳам сеҳарфӣ бувад ва охираш ҳарфи аввал бошад ва он се ҳарф аст: **мим, нун, вов** ва инҳоро мактубӣ низ гӯянд.

Ва бинои каломи форсӣ бар бистучаҳор ҳарф аст. Чи ҳашт ҳарф, ки сақил буда тарк додаанд. Ва он: **со, ҳ, сод, зод, то, зо, ъайн, қоф.** Ва чаҳор ҳарфи дигар, ки хоссаи ачамон аст, дохил намудаанд ва он **пе, че, же, ге** бошад. Ва аз хусни иттифоқ бинои каломи форсӣ бар бистучаҳор ҳарф аст ва соати шабонарӯзӣ низ бистучаҳор аст" [7, 21-22].

Бояд тазаккур дод, ки айнан ҳамин маълумот ҳанӯз дар асри XVI дар рисолаи таълимии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бо исми "Чаҳор гулзор" омадааст.

Пас аз ин, муаллифи луғат дар бораи сиғаҳои феълӣ сухан ронда, аз ҷумла мегӯяд: "Ва бибояд донист, ки чаҳордаҳ сиға аз мозӣ ва музореъ назди арабон мутадовил аст ва ачамон ба шаш сиға овардаанд ва шаш сиғаи муаннас ва ду сиғаи тасниярро тарк додаанд"[7, 2].

Муаллифи луғат ба чунин сурат ихтисор шудани сиғаҳои феълӣ, ҳуруфи таҳаҷҷиро аз эъҷозу кӯтоҳбаёнии забони форсӣ дониста, инро аз хусусиятҳои барҷастаи забони ноби форсии тоҷикӣ меҳисобад, ки комилан дуруст аст. Дар ин бобат мегӯяд: "Ва аз дувоздаҳ сиғаи музаккар ва муаннас ба чаҳор ихтисор карданд ва ду сиғаи мутакаллим ва маъалғайрро ба ҳоли худ гузоштанд. Пас, дар сурате ки ҳуруфи таҳаҷҷӣ аз сию ду ба бистучаҳор ихтисор ёфта бошад ва чаҳордаҳ сиға ба шаш сиға далели возиҳ аст бар эъҷоз ва ихтисори ин забон, чунон ки фармудаанд: "Хайрал каломи моқилун ва даллун" [7, 22].

Пас аз ин тавзеҳ дар ҳамин фасли фоидаи сеюм ба шарҳи сиғаҳои феъл мепардозад. Шарҳи Муҳаммадҳусайни Бурҳон аз донишмандони пешинаш аз он ҷиҳат фарқ дорад, ки ӯ шарҳи феълро на аз масдар, балки аз шакли замони гузаштаи наздик (мутлақ) шурӯъ кардааст. Чунончи: "Ва ҳар як аз сиғаҳои мазкурро аломате бошад. Аммо аломати мозии муфрад "то"- и қарашат ва "дол"- и абҷад бошад, ки дар охири калимот ояд, ҳамчу **рафт** ва **гуфт** ва **шунид** ва **омад** ва амсоли инҳо. Ва аломати музореъ "дол"-и абҷад бошад, ҳамчу **меояд** ва **меравад** ва **мегӯяд** ва **мешунавад**" [7, 23].

Ба ҳамин тартиб оид ба сиғаи амр, шакли инкории феъл, сифати феълӣ, феъли ҳол, зарфҳои макону замон низ маълумоти мухтасар меорад.

Дар фасли **фоидаи чаҳорум** муаллифи луғат дар бораи табдили ҳарфҳои форсӣ суҳбат мекунад.

Фоидаи панҷум "Дар замоир" ном дошта, аз шарҳу тавзеҳи бандакҷонишинҳои шахсӣ – соҳибӣ шурӯъ мешавад. Муаллифи луғат вобаста ба ифодаи маънии дастурии ин бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ онҳоро шарҳ додааст: ба маънои замири воҳиди ғоиб – ӯ: аспаш, ғуломаш; ба маънии ӯро (мафъули бевосита) мегӯяндаш ва меорандаш ва мебарандаш; ба маънии замири воҳиди ҳозир (ту): аспат, ғуломат ба маънии туро (мафъули бевосита Д. Х.): мегӯядат, меорадат ва мебарадат; ба маънии замири мутакаллими воҳид (– ман): зарам, гавҳарам, олимам, фозилам, омадам, рафтам. Агар аз феъл пеш ояд, маънии маро медиҳад, - мегӯяд муаллиф, мисли: зарам дод, аспам бахшид, яъне ба ман зар дод, ба ман асп бахшид.

Ва "нун" ва "дол"-и абҷад дар охири исмҳо ва феълҳо ва сифатҳо омада, маънии: замири ғоиби ҷамъ диҳад: мардонанд, тавонгаронанд, омаданд, рафтанд. Ва "ё"-и ҳуттӣ ва "дол" дар охири исмҳо, сифатҳо ва феълҳо ифодаи замири ҷамъи ҳозир маъалғайр бахшад: инсонед, тавонгаред, рафтед. Ва "ё" ва "мим" дар охири исмҳо, сифатҳо ва феълҳо ифодаи маънии замири ҷамъи мутакаллим маъалғайр кунад: мардонем, фозилем, омадем.

Як нуктаро бояд таъкид бикунем, ки муаллиф бандакҳои феълию хабариро ҳам бо унвони замоир шарҳ бастааст. Хушбахтона, бо овардани ду вожа бандаки хабарӣ ва феъли модалиро таъкид кардааст. Чунончи: "Пӯшида намонад, ки қазияи ҳолӣ аз робита намебошад ва таъбир аз он ба **аст** ва **бувад ва** амсоли он мекунад, ҳамчу: Худо раҳмон аст ва раҳим бувад" [7, 26].

Дар **фоидаи шашум** оид ба ҳуруфи муфрада (пешванду пасванд ва миёнбандҳо), ки дар аввал, мобайн ва охири калимот меоянд, маълумот оварда шудааст. Шарҳу тавзеҳоте, ки муаллиф дар ин

фасл овардааст, хеле муфассал, пурмуҳтаво буда, аксар аз диди забоншиносии муосир ҷавобгӯ ва гоҳе пурманфиату нодиранд. Бинобар ба асоси графикаи арабӣ будани муҳокимарониҳо, баъзе қоидаю хулосаҳо ба диди забоншиносии имрӯз мувофиқат надоранд.

Фоидаи ҳафтум "Дар зикри ҳуруф ва калимоте, ки ба чиҳати ҳусн ва зинати калом меоваранд ва ба маънӣ дахле надорад" унвон дошта, муаллиф оид ба он калимаҳо изҳори назар кардааст, ки баъзе префикси шаклсозанд, ба мисли **би, бар, дар, фар, ҳаме**. Чунончи: бархон, баргуфт, баррафт, яъне хонд, гуфт, рафт; бигуфт, бирафт, бинагуфт, бинарафт, бинашнид, яъне гуфт, рафт, нагуфт, нарафт, нашнид.

Дар банди фоидаи ҳаштум хусусияту маънои як даста калимаҳое шарҳ дода мешавад, ки чиҳати вожасозӣ ва ҳосили маънои нави калимот хизмат мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, он калимотро вобаста ба маъно ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардааст:

Калимоте, ки ифодаи маънои худовандӣ ва соҳибӣ намоянд, яке **манд** аст, ҳамчу: хирадманд, донишманд;

Калимоте, ки фоидаи бисёрӣ ва анбӯҳӣ диҳад: дарёбор, рӯдбор; гулзор, лолазор; хоксор, кӯҳсор; гулистон, бӯстон; санглох, девлох;

Калимоте, ки ифодаи фоилият кунад: шамшергар, коргар; харидор, падидор;

Калимоте, ки ифодаи маънии тасғир намояд: писарак, духтарак; боғча, тоқча;

Калимоте, ки муфиди маънии нисбат бошад: яксола, якмоҳа, якрӯза, заррина, симина, абрешумина, пашмина; заррин, симин, оҳанин;

Калимоте, ки ифодаи маънии иллат ва далел кунад: **чи:** чизе наметавонад хонд, **чи** овозаш гирифтааст; **ки:** ба чиҳати онаш задам, ки намоз намекард;

Калимоте, ки маънии лаёқат бахшад: шоҳвор, гӯшвор, ҷомавор, номавор; шоҳона, бузургона; Дар калимаҳои "шоҳона" ва "бузургона" муаллифи луғат ду пасвандро ҷудо мекунад "он" ва "а", яъне шоҳ+он+а, бузург+он+а.

Калимоте, ки ифодаи маънии муҳофизат кунад: роҳдор, кафшдор ва ба маънии доранда ҳам ҳаст: зардор, молдор, боғбон, дарбон, астарвон, уштурвон.

Калимоте, ки фоидаи маънии иттисоф ба чизе диҳад: ғамнок, хашмнок, шармгин, хашмгин.

Калимоте, ки аз он ранг ва лавн фаҳмид: мушкпом, акбарфом, гулвом, гандумгун, гулгуна.

Калимоте, ки маънии ҳосили масдар диҳад: рафтор, гуфтор, кирдор, хонандагӣ, созандагӣ, бахшандагӣ.

Калимоте, ки маънии зарфият диҳад: **дон:** қаҳвадон.

Фоидаи нуҳум дар бораи тавсифи масоили имло буда, аз таърифи фаҳмиши имло шурӯъ мешавад. Муаллифи фарҳанг дар бораи имло мегӯяд: "Ва имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба ба наҳче, ки асҳоби ин фан таъйин кардаанд." [7, 32].

Воқеан, имло бояд аз чиҳати илмӣ асоснок бошад, он аз тарафи мутахассисони варзида таҳияву тадвин карда шавад ва риояи он ҳатмӣ мебошад.

Имло дар ҳар забоне мувофиқ ба хусусиятҳои дастурӣ ва хату алифбои он таҳия ва муайян карда мешавад. Масалан, муаллифи луғат мегӯяд: "... Дар форсӣ баъд аз замма "вов" навиштан ва баъд аз касра "ё"-и ҳуттӣ марқум гардонидан дар баъзе аз маҳал ва мавозеъ аст" [7, 32].

Муаллифи "Бурҳони қотеъ" мегӯяд, ки ҳар гоҳ мавсуф (муайяншаванда) муқаддам бар сифат бошад, охири онро мақсур хонанд, ҳамчу: чашми сиёҳ, қомати баланд. Ва ҳар гоҳ сифат бар мавсуф муқаддам ояд, охири сифатро сокин гардонанд, ҳамчу: сиёҳчашм, баландқомат.

Аз назари муаллиф дар калимоти биафрохт "би" "бо"-и зоид аст ва дар калимаи биафроз "би" "бо"-и амр аст, дар калимаи маафроз "ма" "мим"-и наҳй буда, дар калимаи наафрохт "на" "нун"-и нафӣ аст.

Чунон ки мебинем, муаллифи луғат бо таъкиди як ҷумлаю як мисол як қойидаи куллияи имлоро нишон додааст.

Дар калимаи "осиёб," бинобар ақидаи муаллиф, ду калима аст, ки ҳарду бо алифи мамдуда шурӯъ шудаанд, бинобар ин як алиф ба "ё"-и ҳуттӣ табдил дода шудааст: особ – ос + об = осиёб.

Дар калимаҳои раманда ва шарманда як "мим" бинобар аз як ҷинс будан ихтисор шудааст. Дар асл ин калимаҳо рамманда ва шармманда, яъне соҳиби рам ва соҳиби шарм аст. Ҳамчунин аз назари муаллиф асли калимаи **паҳно** низ паҳнно буда, "но" ба маънии маҳал аст, яъне маҳалли паҳнӣ. Калимаҳои ниман, бодомагз низ дар асл: нимман ва бодоммагз будааст. Дар калимаҳои сипедев ва гирдаҳан ҳам як "дол"-ро ҳазф кардаанд: гирддаҳан ва сипеддев.

Аз рӯйи зарурати шеър ва қофия дар баъзе калимаҳо таркиби "нб"- ро ба "м" табдил кардаанд: хунб, дунб, сунб, хунбара=хум, дум, сум, хумра.

Дигар аз тавзеҳи ҷолиби муаллифи луғат дар бораи ҷонишинҳо ҳаст. Ӯ мегӯяд: "Бидон, ки лафзи "ӯ" ва лафзи "вай" ишора ба инсон ва одамист. Ва лафзи "он" ва "ин" ба ғайри инсон ва одамӣ" [7, 33]. Вале, мегӯяд ӯ, гоҳе дар каломи мавзун ин меъёр риоя намешавад, аммо дар наср ин ҳодиса ҷоиз нест,- таъкид мекунад муаллифи луғат.

Дигар аз тавзеҳи муҳимми муаллиф дар мавриди ҷамъбандии исмҳост. Муаллиф ин қоидаи куллияро пешниҳод мекунад, ки зирӯҳро ба "алиф"-у "нун" ҷамъ кунанд, ҳамчу: мардумон, аспон,

мурғон ва ғайри зирӯҳро ба “ҳо”-ву “алиф” ҳамчу зарҳо, гавҳарҳо ва гоҳе бар хилофи ин ҳам кунанд ва дарахтҳо ва мурғҳо низ гӯянд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки агар калимаҳои “ки,” “ман,” “ту” ҳарфи “ро” гиранд, чунин навишта мешаванд: киро, маро, туро.

“Ҳо”-и малфуз дар калимаҳои гирехҳо ва зирехҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Дар зирӯҳ “ҳо” –ро ба кофи форсӣ бадал бояд кард, ҳамчу: зиндагон ва мурдагон.

Аҷзои зирӯҳро ба “ҳо”- ву “алиф” ҷамъ кунанд, ҳамчу: дастҳо ва пойҳо ва аз сару гардан мурод аъзо бошад, сарҳо ва гарданҳо; ва агар мурод меҳтар ва бузургии қавм бувад, сарон ва гарданон гӯянд, яъне сардорон ва соҳибқудратон.

Гоҳо бошад, ки як лафз ба маънии муфрад ва ҷамъ низ ояд, ҳамчу мардум, ки ҷамъаш мардумон аст. Гоҳо, - мегӯяд муаллиф, шахси воҳидро низ ҷиҳати таъзим ба лафзи ҷамъ ованд, ҳамчу: шумо ва рафтед ва омадед ва гуфтед ва шунидед ва кардед ва фармудед, чи ин алфоз ҳама ҷамъанд. Ва ҳамчунин чизи бузургҷусса ва қавитаркибро низ ба лафзи ҷамъ ованд, ҳамчу: мори бузургро аждаҳо гӯянд ва муфради он аждар аст [7, 33].

Тавре ки аз бозгӯйи ин луғат маълум аст, луғати “Бурҳони қотеъ”- и Муҳаммадҳусайни Бурҳон яке аз манбаъҳои муътамади нигаҳдошти афкори забоншиносии форсу тоҷик дар асри XVII маҳсуб меёбад.

Муаллифи луғат як даста мавзӯъҳои марбути алифбо, имло, луғат, иштиқоқ, сарфу, наҳви забони форсии тоҷикиро шарҳу эзоҳ додааст, ки дар маҷмӯъ асосҳои дастури забони форсии тоҷикро фаро гирифтааст. Аз ин ҷост, ки дар қисмати асосии луғат истилоҳоту таркиботи забоншиносӣ ва ҳодисаҳои ҷудогонаи фонетикӣ, луғавӣ, сарфию наҳвӣ қариб ки овардаю шарҳ дода намешавад, ба ҷуз чанд истилоҳе. Масалан, дар боби чаҳоруми луғат оид ба бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии “ат” чунин шарҳе оварда шудааст: ат- замири мухотаб аст ба маънии **ту**, чунон ки гӯянд: хонаат ва кошонаат, яъне хонаи ту ва кошонаи ту [7, 71].

Ба ҳамин монанд дар баёни чаҳордаҳуми луғат бандакҷонишини шахсӣ- соҳибии “аш” ин тавр шарҳ дода шудааст: “аш” ба маънии “ӯ” ва “ӯро” бошад, ки замири ғоиб аст, ҳамчу хонааш ва ҷомааш, яъне хонаи ӯ ва ҷомаи ӯро [7, 97].

Дар баёни бисту якуми луғат роҷеъ ба пайвандаки шартии “агар” чунин тавзеҳ аст. “Агар бар вазни сафар калимаи шарт аст” [7, 71].

Дар баёни бисту сеюм оид ба бандакҷонишини шахсӣ- соҳибии “ам” шарҳи зерин дида мешавад: “ам замири мутакаллим аст, ҳамчу: ҷомаам ва хомаам, яъне ҷомаи ман ва хомаи ман” [7, 112].

Хулоса, шарҳу тавзеҳот ва қайду ишораҳои дастурие, ки дар муқаддима ва бандҳои алоҳидаи фарҳангҳои тафсирии гузашта, аз ҷумла луғати “Бурҳони қотеъ” оварда шудаанд, аз диди забоншиносии муосир аксар хеле сода намоянд ҳам, аз нигоҳи замон ва асолати таърихӣ муҳим буда, барои рушди афкори забоншиносии тоҷик ва таълими асосҳои дастури забони тоҷикӣ аз манфиат холӣ нестанд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх, 1952. - №6. – С. 3-8.
2. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С. Ализода. – Душанбе, 2006. – 79 с.
3. Виноградов В. В. История русских лингвистических учений / В. В. Виноградов. – М., 1978. – 387 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3. – Душанбе, 1989. – 225 с.
5. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёсуллуғот. Ҷ. 1. / Муҳаммад Ғиёсиддин. - Душанбе, 1987. – 480 с.
6. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёсуллуғот. Ҷ. 2. / Муҳаммад Ғиёсиддин. - Душанбе, 1988. – 416 с.
7. Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1. / Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон. - Душанбе, 1993. – 416 с.
8. Насриддини Тусӣ. Асос-ул-иқтибос / Насриддини Тусӣ. – Теҳрон, 1323ҳ. – С. 3-48.
9. Насриддини Тусӣ. Меъёр-ул-ашъор / Насриддини Тусӣ. – Душанбе, 1992. – 152 с.
10. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн / Носири Хусрав // Куллиёт. Ҷ.1. – Душанбе, 1991. - С. 5-220.
11. Омӯлӣ Маҳмуд. Нафоис-ул-фунун фи ароис-ул-фан / Омӯлӣ Маҳмуд. – Теҳрон, 1381 ҳ. – 595 с.
12. Саймуддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймуддинов. - Душанбе, 2001. – 275 с.
13. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. - Душанбе, 1998. – 116 с.
14. Хочаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д. Хочаев. – Душанбе, 2011. – 229 с.
15. Хочаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои XVII-XVIII / Д. Хочаев // Забон – рукни тоат. - Душанбе, 2013. – С. 3-17.
16. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе, 1990. – 463 с.

АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ “ФОИДАҲО”-И “БУРҲОНИ ҚОТЕЪ”

Дар мақола арзиши забоншиносии қайдҳои муаллифи луғати «Бурҳони қотеъ» бо исми ифода нишон дода шудааст. Муаллифи мақола аз нуктаи назари фаҳмиши имрӯзи забоншиносӣ ҳар кадоме аз шарҳҳои мураттиби луғати «Бурҳони қотеъ»-ро роҷеъ ба мавзӯъҳои дастури забони форсии тоҷикӣ баррасӣ намудааст. Таъкид мешавад, ки баъзе қайдҳои муаллифи луғати «Бурҳони қотеъ» ба назарияи забоншиносии муосир дар боби калимасозӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷмӯъ андешаҳои забоншиносии муаллифи «Бурҳони қотеъ» аз манфиат холӣ нестанд.

Калидвожаҳо: лингвистика, грамматика, луғат, калимасозӣ, феъл, илм, асос, сарф, афкор, асри миёна, анъана, исм.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ КОММЕНТАРИИ ПО ОСНОВАМ ГРАММАТИКИ ПЕРСИДСКО – ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В СЛОВАРЕ "БУРХОНИ КОТЕ"

В статье рассматриваются лингвистические сущности грамматических комментарий в словаре "Бурхони коте". Автор статьи с точки зрения современного языкознания анализирует и показывает лингвистические ценности данных комментарий автора словаря "Бурхони коте". Отмечается, что некоторые заметки автора словаря по словообразованию соответствуют теории современного языкознании.

Ключевые слова: лингвистика, грамматика, словарь, словооброзование, глагол, наука, основа, морфология, мысль, средневековье, традиции, существительные.

THE COMMENTS OF THE LINGUISTICS VALUE OF THE BASE OF PERSIAN – TAJIK GRAMMAR IN THE DICTIONARY OF "BURKHONI QOTE"

In this article describes a linguistic entity of the grammatical comments in the dictionary "Burkhoni qote"

The author of this article from the point of view of the modern linguistics analyzes and shoes the linguistics of value of these comments of the author of "Burkhoni qote" dictionary. I this noted that some notes of the author of this dictionary is about derivation and corresponds with the modern Tajik theory of linguistics.

Key words: linguistic, grammar, dictionary, derivation, verbs, science, foundation, morphology, thought, medieval, tradition, noun.

Сведение об авторе: ***Д. Ходжаев*** – доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета

О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ ЯЗЫКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

М. Саломов
Таджикский национальный университет

Поэзия в качестве важного элемента с древнейших времен, как и язык, была спутником человеческой жизни. Со времени, когда человечество, обладая говорящим языком, стало хозяином высшего мышления – сознания, началось также творение звучного стихотворения. Другими словами, первобытные люди наслаждались поэзией от периода к периоду в различных условиях разных обществ, величайшие люди, развивая поэзию, при ее помощи описывали и отражали нравственную духовность своего времени в окружении различных социально-политических систем.

Шибли Нуьмони, проявляя интерес к понятию поэзии и поэта, в книге «Шеър-ул-Аджам» подчеркивает: «Слово поэта в словаре как обладатель сознания, и в сознании, в сущности, имеет значение чувство, и поэтому поэт относится к человеку, имеющему чувство, но имеющему устойчивое чувство. Из этих слов становится ясно, что поэзия есть совокупность слова, ритма, мелодии и танца, но как они собираются вместе в одном месте, чувство и возбуждение достигает высокого напряжения» [7, 16].

Наблюдения и доказательства различных документов подтверждают то, что на протяжении истории и многих веков во всех странах и различных территориях поэзия сочинялась различными способами и средствами, в разных условиях и окружениях, оно читалось с большим интересом и увлечением или слушалось народом. Таким образом, человечество продукт творчества собственного мышления использовало для удовлетворения своей нравственной духовности. Если посмотреть на историю происхождения поэзии с точки зрения исследования, то находим, что к поэзии, созданию и ее чтению проявляли особый интерес шахи, эмиры, придворные, священники, офицеры, воины, политики, земледельцы, ремесленники, философы, и вообще, ученые разных наук. Во все времена поэзия была предметом интереса образованных, способных лиц, проницательных и чувствительных людей, и поэзия даже в своей очень простой форме привлекала к себе внимание необразованных людей и детей. Тогда отсюда вытекает, что стихотворение и вообще поэзия, как и язык, являясь очень древней, пережила различные основания формирования и развития.

Суть и корни поэзии скрываются в историческом прошлом человечества. Первое стихотворение или первый поэт в истории и культуре каждой нации связаны со сказками и легендами. Например, арабы признают Яъриба бин Кахтона, являющегося внуком пророка Ноя, первым поэтом. По мнению Шамса Кайса Рози в книге «Ал-муъджам», первое поэтическое произведение он сочинил на арабском языке и «по причине того, что он без обучения сочинил поэтическое произведение, это сочинение назвали поэзией и его автора - поэтом». В исламских легендах первым сочинителем стихотворения называется его святейшество Эдем, который оплакивал своего сына Хобила, убитого рукой другого сына Кобила, на арабском языке [9, 145].

Язык прозвали важнейшим средством общения и обмена мыслей, посредством которого передают информацию друг другу или пользуются информацией других. Так как поэзия является одним из важных средств передачи информации, ее можно представить как один из видов языка, который имеет больше влияния и силы, чем обычный разговорный язык. Поэтический язык, который используется в художественной литературе, специальным образом сконцентрирует средства коммуникации в специальную модель, обладающую семантическим влиянием, что такая сконцентрированная структура при обычном выражении

значения, то есть вне поэзии теряет свою подлинную сущность, поэтому поэтический текст таким способом в разы повышает ценность и стилистическое влияние речи.

В этом случае между языком поэзии и обычным языком возникает некоторое отличие, и это отличие можно рассмотреть следующим образом:

1. Важнейшей задачей или использованием обычного языка является обмен информацией, которого мы можем наблюдать в своем повседневном общении. То есть общение людей между собой называют распространенным использованим языка, которое помогает им в жизни. Например, нижеследующие предложения являются образцами распространённого использования языка, которые отражали различную информацию: Сегодня погода жаркая. Рудаки является основоположником таджикской литературы. Я сегодня встал рано. Ты когда вернулся с занятий? Президент страны прибыл для участия в праздничном мероприятий в школу- интернат для беспризорных детей…

2. Поэзия и вообще поэтика не создается только ради предоставления информации. То есть величественные поэмы, такие как «Шахнаме» Фирдоуси, касыды устода Рудаки «Модари май» и «Шикоят аз пири», рубаи (четверостишия) Абуали ибн Сина и Омара Хайяма, маснави Низома Ганджави и Джалолиддина Балхи, газели, волнующие сердца Саади Хафиза и известные художественные произведения прошлого и сегодняшнего не написаны распространенным (обычным) языком. Это наследие создано ради сообщения человеку чувства и восприятия жизни, в сущности, языком и средствами, отличными от распространенного языка. Художественное произведение, особенно поэзия, сочиняясь для углубления и сближения нашей связи с бытием, имеет связь с практической жизнью. Каждый человек по своей природе для постижения опыта других и лучшего понимания своего опыта имеет какую-то внутреннюю потребность.

Например, Абулкасым Фирдоуси, изучая и наблюдая многолетний опыт человечества, говорил так:

Ба бинандагон, Офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.
Когда видящими (глазами), Создателя
Не видишь, не обижай двух видящих (глаз).

Поэт простое высказывание: «Всевышнего невозможно увидеть глазами», очень влияющее, выражает в стихотворной форме, что является образцом жизненного опыта, и все люди провели этот опыт, но только поэт имеет возможность выражения такого опыта.

Или следующий бейт Джалолиддина Балхи, имеющий связь с жизненным опытом, имеет связь с содержанием бейта Фирдоуси:

Ошиқон пайдову маъшуқ нопадид,
Дар ҳама олам чунин ошиқ кӣ дид?!
Влюбленные явь, Возлюбленная сокрыта,
Кто видел, во всем мире, таких влюбленных?!

В этом бейте «маъшуқ» (возлюбленный) использован для выражения значения «Бог», «ошиқон» (влюбленные) выражает значение человечество.

На этой основе нужно подчеркнуть, что поэты из мира чувств, наблюдения или собственного интеллектуального опыта для читателя или слушателя создают новые и влияющие опыты, что в нем читатель также причастен, и поэт этими опытами дает больше рассудительности и осведомленности. То есть каждый читатель может наблюдать отдельные стороны жизненного поведения и свое отношение к жизни в поэзии.

Таким образом, художественное произведение может служить в качестве движущейся силы для преодоления различных трудностей и повышения опыта людей и внесения в него ясности, который есть литературное пользование языка.

Поэзия охватывает все стороны жизни. Ее основная связь опыта заключается не в изящности, не в философской реальности, пропаганде и побуждении, а состоит в сочетании (соединении). Ибо изящество и реальность есть свойства опыта, то есть человек в процессе жизненного опыта сталкивается с ними лицом к лицу. Но поэзия имеет дело абсолютно со всеми свойствами опыта – изящностью и уродливостью, огорчением и радостью, высшим и низшим, реальностью и вымышленностью.

Таким образом, человечество созданием поэзии и ее пением заложило основу мастерства творения слова и открытия искусства красноречия, что эти достижения, собранные в множественных текстах, свидетельствуют о создании особого и конкретного языка, отдельные особенности и свойственный ему стиль отличаются от других стилей языка. Некоторые исследователи придерживаются точки зрения, что язык художественной литературы, художественной речи не может быть одним из видов использования литературного языка, так как свойства этого вида творческой речи отдельными средствами выражения или совокупностью конкретных структурных средств, свойственных всем видам этой речи, определить невозможно. Рассмотрение особенностей художественного текста подтверждает, что язык художественной литературы не принадлежит ни к одному из видов используемых стилей языка. Язык художественной литературы - это один из особых и сложных случаев языка, что проявляется как необходимый элемент системы литературного языка.

Один из исследователей теории языка поэзии В. В. Виноградов подчеркивал: «Поэзия есть язык в его эстетической функции» [3, 33].

Согласно мнению великого мыслителя Древней Греции Аристотеля: «Как кажется, поэтическое искусство породили вообще две притом естественные причины. Во-первых, подражание присуще людям с детства, и они тем отличаются от прочих животных, что наиболее способны к подражанию, благодаря которому приобретают и первые знания; а во-вторых, продукты подражания всем доставляют удовольствие» [1, 151]. Аристотель этим тезисом определил две основные причины создания искусства поэзии и поэта, что одной из них есть приведение людей в восторг с детского возраста, силу, которую не имеют животные. Также посредством приведения в восторг достигаются первые знания, и потом продукт приведения в восторг дарит человечеству радость. В продолжении точки зрения приведения в восторг Аристотель подчеркивает: «Так как подражание свойственно нам по природе так же как и гармония и ритм (а что метры – особые виды ритмов, это очевидно), то ещё в глубокой древности были люди, одарённые от природы способностью к этому, которые мало-помалу развивая ее, породили из импровизации действительную поэзию.

Поэзия, смотря по личным особенностям характера поэтов, распалась на разные отделы: именно поэты более серьезные воспроизводили прекрасные деяния, притом подобных же им людей, а более легкомысленные изображали действия людей негодных, сочиняя сперва насмешливые песни, как другие сочиняли гимны и хвалебные песни» [1, 152].

На этой базе проблема функции языка поэзии стала объектом интереса исследователей. Одна группа придерживается мнения, что язык художественного произведения имеет только одну особенность, то есть эстетическую особенность. Другая группа имеют мнение, что язык художественного произведения наряду с эстетической особенностью также имеет информативное свойство. Согласно первой точке зрения, язык художественного произведения своими лингвистическими особенностями обладает эстетическими ценностями. Каждое художественное произведение, которое создается, прежде всего, выражает эстетические особенности языка художественной литературы, в которой важное место занимают чувства. Информативное свойство языка имеет больше возможности предоставления информации, в нем содержание и личное видение говорящего выражается на основе интеллектуального и глубинного анализа событий, распространенных законов или используемых языковых норм. Анализы и наблюдения показывают, что в языке художественного произведения также иногда события и различные явления могут приобрести информативный характер. Например, в историко-дидактических поэмах и отдельных автобиографических касыдах иногда отражаются точные доказательства и реальные события, которые могут дать читателю точную информацию. Конечно, такой способ описания свойств имеет информативное свойство, однако прием высказывания, прием предоставления информации или анализ событий и явлений осуществлен необычным способом, восприятие которого для всех неодинаково. Данный вопрос комментируется А. И. Студиевой таким образом: «В языке художественной литературы обсуждается два плана использования – информационный план и эстетический план. Текст художественной литературы обладает такой информацией, что его невозможно обнаружить в каком-то другом распространенным тексте. Художественная литература беспрекословно отражает процесс формирования литературного языка, особенности соотношения различных направлений речи, новые языковые явления и сокращение употребления различных лингвистических элементов в литературном языке и подтверждает формирование нормальной системы в различных пластах литературного языка. В тексте художественного произведения общенациональный язык отражается своим многообразием» [4, 16].

Действительно, язык художественной литературы, особенно язык таджикской классической поэзии, несмотря на наличие эстетических свойств, считаясь одним из важнейших источников, показывающих процесс исторического развития языка, отражает важнейшие фонетические, лексические, грамматические и стилистические особенности.

Таким образом, от ступени к ступени в процессе исторического развития общества повышаются требования к художественному произведению, поэзии и поэтам, появляются такие теоретические науки, как поэтика, литературная критика, поэтическая речь, красноречие, культура речи, теория литературы и им подобные, систематизирующие процесс сочинения художественной поэзии. На базе искусства красноречия также развивается искусство писания стихов среди людей. Об этом вопросе языковед Д. Ходжаев при анализе взглядов языковеда Абунасра Фараби приходит к такому результату: «По представлению Абунасра Фараби первейшей формой искусства, которое появилось у людей, было красноречие. Это искусство постепенно направило людей к абстрактному пониманию понятий и событий вселенной. Что касается искусства красноречия, то оно использовалось для описания и запоминания в памяти понятий и событий из деталей воспоминаний и образов, в результате чего появляется другое искусство-поэтика» [5, 51].

В истории цивилизации арийских народов поэзия также занимала особое положения. Некоторые части священных религиозных книг, вышедших из употребления традиций этой народности, также написаны в форме стихотворений.

Согласно сведениям источников до арабского нашествия среди арийских народностей были употребительны слоговые стихотворения. Позднее система арабского стихотворения писалась по модели

аруза, что одобрялось поэтами персоязычных народов. Также в первые годы установления исламской религии в этом крае преимущественно стихотворения сочинялись на арабском языке, этот процесс продолжался до эпохи Яъкуба ибн Лайса Саффори, и первым поэтом, под руководством которого писались стихи на таджикском языке, является Мухаммад Вассиф.

Таким образом, арабское слово «шеър» также вошло в таджикский язык для выражения значений поэтической, благозвучной и чудесной речи, обладающей ритмом и рифмой, используется в качестве термина. Конечно, в таджикском языке слово «сарвода» также иногда употребляется для обозначения стихотворения, но оно не признано в качестве термина.

В книге «Вожаномаи њунари шоирї» понятии поэзия истолковывается так: «Поэзия - одна из двух частей речи в противоположность прозе, в простейшем определении ею считают речь с ритмом и иногда с рифмой. Условие ее вымышленности также отмечается род этими двумя факторами, и речь, которая не использовала элемент вымысла и только использовала ритм и рифму, называют поэзией» [9, 144].

Об этом понятии величайшие мыслители и писатели мира, высказывали интересные соображения. Принимая во внимание внутренние и внешние особенности поэзии.

Например, один из известных ученых средних веков Араб Ибн Кутайба (213х./828м.–276х./889м.) о проблеме особенностей стихотворения выражает такое мнение: «Задумался о стихотворении и нашел его в четырех видах, во-первых, в речи красиво, во-вторых, добро и приятно, но если взглянешь добром на него, не находишь пользу в значении, в - третьих, если его значение устойчиво, то в речи кратко, в - четвертых, не совершенно ни в речи, ни в значении» [6, 92]. Как вытекает из этой точки зрения, поэзия создается на основе красивого, доброго, приятного, устойчивого и воздействующего значения, но иногда несоблюдением лексико-грамматических норм случаются некоторые логические недостатки, которые считаются одними из особенностей, которые характерны языку стихотворения.

Средневековые таджикские исследователи при рассмотрении понятия «поэзия» назвали речь одним из важных элементов ее создания. Например, Абуали ибн Сино (Авицена) в книге «Китоб-уш-шифо» определяет поэзию как речь, будящую воображение, созданное из одинаковых ритмичных высказываний, речи и слов. Ходжа Насируддин Туси в книге «Асос-ул-иктибос» говорит, что поэзия, по мнению представителей логики, есть воображающее слово, и в обычаях народа есть ритмичная и тонизирующая речь.

Многие определения, которые высказаны этими двумя учеными, приняты известными исследователями в области теории литературы и языкознания. Во всех определениях этого понятия подчеркиваются две интересные особенности стихотворения – будящее воображение и наличие ритмики и рифмы.

В данном контексте интересным является определение поэзии, данное американским поэтом, который говорит: «Поэзия есть искусство, использующее слова в качестве речи и музыки, чтобы выразить реальность, которые фиксируют чувства, дают радостные эмоции, осознают разум и формируют воображение» [9, 144].

Определение Шафе Кадкани, также являясь интересным, охватывает и форму, язык и сущность поэзии. По его мнению, «поэзия есть завязанная узлом доброта или мысль, выражение и назидание, и в каждом стихотворение есть цель поэта. Существование этой доброты и мысли выделяет поэзии от звучной, но бессмысленной речи, а также не стихотворных понятий». [9, 144]. Воображение, то есть интеллектуальную силу поэта для создания связи с внешним миром, вещей окружающей природы, форму стихотворения, звучность или музыку считает важными элементами создания стихотворения. Важнейшим элементом, отмеченным Шафе Кадкани, является язык, который можно рассматривать как самый важнейший созидающий компонент для всех художественных произведений.

Мухаммадризо Шафе Кадкани уверен в том, что «поэзия есть события, которые происходят в языке и действительно его автор своим стихотворением совершает какое-то дело, что читатель между языком поэзии и повседневным языком или автоматическим языком чувствует различие. Это различие может иметь много недостатков, известные и неизвестные недостатки. Настоящая поэзия, вечная поэзия является той, недостатки которой в распространенном языке не подвергаются анализу во всех сферах» [8, 4].

На этой базе необходимо напомнить, что язык поэзии в принципе возникает тогда, когда часть из норм или законов языка нарушаются или создаются другие традиции, которые располагаются выше уровня всеобщих норм. Нужно подчеркнуть, что язык стихотворения есть язык символа, не виден на поверхности, это поток в глубине, его тайна заключена в неясности (неопределенности). Поэт называет имя какой-то вещи и описывает другую вещь, выказывая свое расположение. На уровне доступного понимания говорит «худ» (свой), а восхваляет «халќ» (народ), пишет «ман» (я) и имеет ввиду «мо»- (мы).

Маро ҳамчун падар бингар, на ҳамчун шавҳари модар,
Падарро нек воқиф дон аз он кажбозии музмар [Мавлави].

***

Взирай ты на меня, как на отца, не как на мужа матери,
Отца осведомленным ты признай, о тех сокрытых кознях.

***

Аз мо маҷӯй, ҷоно, асрори ин ҳақиқат,

Зеро ки ғарқи ғарқам аз нуктаи маҷозӣ [Мавлави].

***

Ты не ищи, родимый в нас, тайны этой сущности,
Ибо утонул я в водовороте аллегорических слов.

Это положение с одной стороны вызывает интерес, ибо человечество всегда выражает свои взгляды посредством прозаических предложений. Поэтическое слово есть продукт мышления отдельных одаренных людей. Если мы посмотрим на более чем тысячелетние материалы поэтических произведений литературы наших предков с точки зрения исследователя, то можем наблюдать все фонетические и грамматические особенности литературного языка. То есть, если в языке прозы учитываются все нормы языка, в поэтическом произведении эти нормы, приобретая стилистические индивидуальные свойства, отражаются или выражаются различными оттенками.

Таким образом, «Языковое пространство поэтического текста, образуя при структурно-смысловой поддержке графической и дискурсной форме свою особую материально знаковую форму включает в себя лингвотекстовые единицы следующих уровней фонетического, словообразовательного, лексического, синтаксического» [2, 294].

ЛИТЕРАТУРА

1. Аристотель. Риторика. Поэтика / Аристотель. – М.: Лабиринт, 2000. – 224 с.
2. Бабенко, Л. Г. Лингвистический анализ художественного текста / Л. Г. Бабенко. – Екатеринбург, Уральский ун–т, 2000. – 534 с.
3. Виноградов, В. В. Наука о языке художественной литературы / В. В. Виноградов. – М., 1963. – 255 с.
4. Студиева, А. И. Лингвистический анализ художественного текста / А. И. Студиева. – Волгоград, 1983. – 88 с.
5. Хочаев, Д. Афкори забоншиносии точик дар асрҳои X–XVI / Д. Хочаев. – Душанбе: Фарҳанг ва маориф, 2013. – 345 с.
6. ابن قتیبه الشعر و الشعراء. تهران سپهر. 1363. – 232 ص.
7. علامه شبلی نعمانی. هنری العقوب ترجمهٔ محمد تقی فخر داعی گیلانی. چاپخانه مهر ایران. 1976. 176 ص.
8. محمد رضا شفیعی کدکنی. شعر نو. تهران آگاه. 1370. – 679 ص.
9. واژه نامه هنر شاعری (عروض میر صادقی). تهران کتاب مهناز. 1376. – 374 ص.

ДОИР БА БАЪЗЕ САМТҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЗАБОНИ ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Дар мақола баъзе масоили назариявии ташаккулёбии забони шеъри форсӣ-тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва мисолҳо аз осори шоирон собит месозад, ки забони мутуни осори бадеӣ ба ягон услуби роичи забон марбут нест. Забони осори бадеӣ яке муҳимтарин ва мураккабтарин ҳодисаҳои забон аст, ки ба ҳайси унсури зарурии низоми забони адабӣ зуҳур мекунад.

Калидвожаҳо: забон, назм, назария, калима, забони шоирона, услуб, матни бадеӣ, вазифаи забон, ҳунар, нутқ, маъно.

О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ ЯЗЫКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

В статье описываются некоторые теоретические аспекты формирования языка таджикско-персидской поэзии. Автор статьи на основе достоверных теоретических источников и удачных примеров доказывает, что рассмотрение особенностей художественного текста подтверждает, что язык художественной литературы не принадлежит ни к одному из видов используемых стилей языка. Язык художественной литературы - это один из особых и сложных случаев языка, что проявляется как необходимый элемент системы литературного языка.

Ключевые слова: язык, поэзия, теория, слово, поэтический язык, стиль, художественный текст, функции языка, искусство, речь, значение.

SOME THEORETICAL ASPECTS OF THE TAJIK-PERSIAN POETRY LANGUAGE

This article describes some of the theoretical aspects of the formation of the language of the Tajik-Persian poetry. The author, based on solid theoretical sources and successful examples prove that the examination of the artistic features of the text confirms that the language of fiction does not belong not to one of the species used language styles. The language of fiction is one of the special and complex cases of language, which is manifested as a necessary element of the system language.

Key words: language, poetry, theory, word, poetic language, style, artistic text, language function, art, speech value.

Сведения об авторе: ***М. Саломов*** - доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-80-84-67.** E-mail: **salomov1967@mail.ru**

МАРЗИ МАЪНОӢ

Ж. Гулназарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асосгузори назарияи марзи маъноӣ муҳаққиқи олмонӣ Йост Трир маҳсуб меёбад. Д. Н. Шмелёв доир ба ин мавзӯъ қайд мекунад, ки Й. Трир дар назарияи «марзи мафҳумӣ» ва «марзи калимагӣ»-и худ ба ақидаҳои В. Гумболд такя мекунад. Онҳо андеша доранд, ки забон на танҳо инъикосгари «рӯҳияи миллӣ» аст, балки қодир аст, ки ҷаҳонбинии онро низ ба вуҷуд биёрад. Лео Вейсбергер назарияи Й. Трирро қабул мекунад ва инкишоф медиҳад. Вай низ аввал аз мафҳум ба маънои калима ворид мешавад. Г. Ипсен нақшаи Й. Трирро рад намуда, дар асоси аломатҳои шаклии морфологии забон зикр мекунад, ки дар як гурӯҳ калимаҳое муттаҳид мегарданд, ки аз рӯйи маъно ба ҳам наздикӣ доранд,

яъне дар натиҷаи наздикӣ доштан аз рӯйи мундариҷа дорои хусусияти якхелаи сарфӣ гаштаанд [20, 25-30].

Муҳаққиқони номбурда поягузори ин назария мебошанд. Дар тадқиқотҳои А. Йоллес ва В. Порсиг дар асоси меъёрҳои забонӣ ин истилоҳ мавриди баррасӣ қарор мегирад, ҳарчанд ки дар мадди назар аввал меъёрҳои ҳархеларо ҷой медиҳанд.

Забоншинос Ш. Балли алоқаҳои махсусан забонии калимаҳоро нишон медиҳад ва онҳоро ассотсиатсиявӣ номида, иттиҳоди ин калимаҳоро «марзҳои ассотсиявӣ» ном мебарад. Омӯзиши маъно ба таври системавӣ бо роҳу равиши гуногун ҷараён мегирифт. П. Гиро истилоҳи «марзҳои морфо-маъноӣ»-ро дар мавриди алоқаи маъноии синонимҳо ва паронимҳо ба кор бурдааст [20, 30-31].

Яке аз вазифаҳои семантикаи луғавӣ шарҳи сохтори маънои луғавӣ мебошад. Дар ин замина муносибати маъноии вожаҳои мухталиф муайян мегардад. Дар ин ҳолат маъно на ҳамчун як воҳиди мустақилу мухтор, балки бо маҷмӯи муносибат бо дигар маъно муайян мегардад. Шарҳи мафҳумҳо танҳо ба миқдори калимаҳо вобаста набуда, балки бештар ба алоқае, ки ин мафҳумҳоро ба ҳам мепайвандад, мутобиқ аст.

Пас ақидаи як калима ва як мафҳум ботил аст ва дар ин маврид шарҳи мафҳумҳо дар як доираи муайян, дар як ҳудуду марзи муайян бояд сурат гирад. Бори аввал истилоҳи марзи маъноиро соли 1924 Г. Ипсен истифода намудааст.Ӯ зери ин мафҳум маҷмӯи калимаҳое, ки дорои як маънои умумӣ мебошанд, мефаҳмид.

С. Д. Катснелсон ин истилоҳро «марзи мафҳумӣ» («понятийное поле») номида мегӯяд: «Зери «марзи мафҳумӣ» мукобилияти мафҳумҳо барои ифодашавӣ дар забон фаҳмида мешавад. Гуногунии шаклии воситаҳои ифода ва тафриқаи сохтории ин марзҳо ба имконпазир будани воситаҳои ҳархелаи шакли ифода шароит фароҳам меоранд, ки аз онҳо дар ин ё он забон чун ҳамешагӣ дар мавриди муайян фақат яктояш мавриди истифода қарор мегирад» [2, 77].

Дар «Фарҳанги энсиклопедии забоншиносӣ» доир ба марзи маъноӣ омадааст: «ногусасташавӣ, муттасилӣ, пайдарпайии муҳити маъноӣ» [6, 380-381].

Дар тарҷумаи форсии китоби Франк Полмер «Нигоҳе тоза ба маъношиносӣ» (мутарҷим Куруши Сафавӣ) доир ба ин падида аз назарияи Сосюр то Йост Трир дар мавриди муқоисаи ду забон ва чанд забон баҳс меравад, ки дар натиҷа чунин омада: «нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки тақрибан дар тамоми маворид вожаҳо ба лиҳози маъное мутаноқиси якдигаранд» [15, 124].

Куруши Сафавӣ мегӯяд, ки «Дар маъношиносӣ назаре ба фазое аз низоми маъноии забон гуфта мешавад, ки ба василаи нишонаҳое (нишонаҳои забонӣ) бо шароити лозиму кофӣ муштарак ишғол шудаанд» [16, 51].

Забоншинос Ҳ. Маҷидов меорад: « Маъноҳои мафҳумии калима дар байни ҳамаи маъноҳои дигари он фарқ карда меистад. Дар он ба тариқи ҷамъбастшуда шайъ ё ягон ҳодисаи дигари ҳаёти воқеӣ ифода гардидааст. Пас ин образи ҷамъбастшудаи шайъ ё ягон ҳодисаи дигари ҳаёти воқеӣ маънои луғавии мафҳумиро ташкил медиҳад. Дар маъноҳои мафҳумии калима ҳамчунин мавридҳои истеъмоли онҳо сабт шудаанд. Вобаста ба он ки чунин маъноҳо дар кадом мавридҳо ба кор бурда мешаванд, ба оҳангу ҷилоҳои махсус соҳиб мегарданд, ки дар сабку услубҳои гуногун ба тавассути калимаҳои мухталиф ифода мегарданд» [9, 26].

Марзи маъноӣ гӯё ҳудудест, ки дар он дараҷа ба дараҷа аз рӯйи тартиби муайян воҳидҳои зиёди луғавӣ дар як сохтор (система) муттаҳид гашта, аз ҷиҳати маъно ҷойи худро, мавқеи хешро дороянд. Гурӯҳи воҳидҳои луғавие, ки онҳо марбути як маънои умумианд, мансуби марзи муайяни маъноӣ мебошанд. Пас марзи маъноиро метавон чунин маънидод кард: марзи маъноӣ - «маҷмӯи воҳидҳои забонӣ дар асоси маънои умумӣ муттаҳидшуда ва инъикоскунандаи монандшавии мафҳум, ашё ва вазифаҳо, ки ифодакунандаи воқеиятанд, мебошад» [3, 99] ва дар дохили он мафҳумҳои вобаста ба як маънои умумӣ мафҳумҳои ба ҳам шабеҳ ва фарқкунанда ҷой гирифтаанд.

Марзи маъноӣ муттаҳид гардидани воҳидҳои гуногунро, ки ин воҳидҳо аз рӯйи маъно як сохторро ташкил медиҳанд, нишон медиҳад. Пас марзи маъноӣ на танҳо муттасилӣ, пайдарпайии муҳити маъноӣ, балки муттасилии ҳар як сохтори дохили хешро муайян месозад ва муносибати маъноии калима ё маъноҳои алоҳидаи он, системанокии он, вобастагӣ ва муайянкунии мутақобилаи байни воҳидҳои луғавӣ, қатъ нагардидан, гусаста нашудани муҳити маъноӣ, мухторияти нисбӣ ва буриши ҳудуди маъноӣ, яъне гузариши аъзои як марзи маъноӣ ба марзи маъноии дигар хусусиятҳои фарқкунандаи марзи маъноӣ мебошанд. Чунончи: «Аз марзи дилхоҳи маъноӣ тавассути занҷираи дароз ё кӯтоҳи маъноии дастаҳои миёнарав ба дигар марзи маъноӣ афтодани воҳиди маъноӣ имконпазир аст ва муҳити маъноии забон аз ин ҷиҳат ногусастанист» [1, 252].

Аз ин ҷост, ки воҳиди ин марз танҳо калима не, балки гунаҳои луғавӣ-маъноӣ низ мебошанд. Марзи маъноӣ дар сохтори маъноӣ имконоти бештаре дорад. Ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки «сохти макропадидаи - марзи маъноӣ - сохти принсипиалии микропадидаро муттаҳид мекунад. Занҷираи сохтори алоқаи маъноӣ байни марзҳо дар луғат ё маъноҳо дар калима ҳамон як чиз аст» [1, 255]. Аз ин бармеояд, ки марзи маъноӣ боз ба ҳудудҳои хурд метавонад ҷудо шавад.

Бояд зикр кард, ки алоқаи муайян ва муттассил байни ин гурӯҳҳо дар мавриди муайян вуҷуд дорад ва ҳангоми муайян намудани марзи маъноӣ якдигарро пурра ва мукаммал мегардонанд. Масалан, феъли хондан дар гурӯҳи мавзӯӣ-маъноии омӯзиш, дар гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии марбут ба гуфтор (ба маънои даъват кардан, бо овоз мутолиа кардан, эълон кардан…) ва дарку ҳис (ба маънои донистан, ҳис кардан: аз чашмонаш фикри ӯро хонд) ҷой дорад ва дар гунаи луғавии худ чун лексема дорои чанд семема аст (1. қироат кардан, мутолиа намудан; 2. даъват кардан, чеғ задан, фарёд кардан, талаб кардан, хостан; 3. ҳисоб кардан, донистан; 4. ном додан, номидан; 5. гуфтан; 6. эълон кардан).

Аз ин бармеояд, ки ин гурӯҳҳо мутаносибан зери мундариҷаи аниқи маъное муттаҳид гаштаанд. Ё ин ки ҳалқаҳои ба ҳам пайваст мебошанд, ки тавассути онҳо занҷири муайяни маъноие тавлид мешавад. Аз диди мафҳум ва воситаи ифодаи ин мафҳум агар назар кунем, таркиби луғавиро дар шакли сарзамине, ки аз марзҳои маъноии ба якдигар ҳамсарҳад ва алоқаманд иборат аст, метавон тасаввур кард ва ин марзҳо ба ҳар забон олами махсусу мураккабро ба вуҷуд меоранд ва сохти дохилии онро муайян месозанд. Ба гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ ҳам калимаҳои сермаъно, ҳам якмаъно ва ҳам воҳиде, ки ба маънои алоҳидаи худ ба калимаи сермаъно муносибат дорад, дохил шуда метавонанд. Яъне, марзи маъноӣ барқарор кардани муносибати маъноии байни вожаҳо, ба таври дигар, тасвири силсилаи (системаи) маъноҳои луғавӣ мебошад [6, 102].

Таҳқиқ бо тарзу усули марзи маъноӣ дар луғатшиносӣ, луғатнигорӣ ва грамматика, омӯзиши забони осору асари шоирону адибон ба роҳ монда шудааст. Дар луғатнигорӣ барои мураттаб сохтани луғатҳои идеографӣ, ганчвожаҳо (тезаурусҳо), луғати мавзӯотӣ ва дигар навъи луғатҳо ба кор меравад.

Марзи маъноӣ дар забони русӣ бо номи «семантическое поле» маъруф аст. Мо онро шартан марзи маъноӣ номидем, зеро то даме, ки мо ин мавзӯъро мавриди баҳс дар забони тоҷикӣ қарор дода будем, гунаи тоҷикии ин истилоҳ мавҷуд набуд. Чаро на майдони маъноӣ?

Дар луғат ҳафт маънои калимаи «поле»-и русӣ шарҳ ёфтааст [12, 541] ва ҷойи дигар тарҷумаи ин калима бо маъноҳояш ба забони тоҷикӣ оварда шудааст [7, 783-784] ва танҳо бо як калимаи «майдон» шарҳ наёфтааст. Барои тақвияти фикр шарҳи аввалии калимаро меорем: поле 1.дашт, саҳро, киштзор, мазраа [7, 783). Вожаи майдон дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: 1. ҷойи фарох, замини васеи беиморат; 2. арсаи аспдавонӣ [16, 624] ва дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин ба ғайр аз ин маъноҳо ба маънои «қолабу ҷисми одамӣ ва ҳайвоноти дигар» [11, 3069] низ омадааст.

Дар фарҳанги Деҳхудо 1. май+дон чун гулдон, шамъдон – зарфи маю шароб; 2. сафҳаи замини беиморат; ба касри мим аз дун ба маънии лоғар сохтан чун саворӣ ва гашти замини фароғ, чорпоеро лоғар мекунанд, мийдон гуфтаанд; 3. арса, паҳно [269-270].

Дар забони англисӣ ин истилоҳ «semantic field» номида шудааст ва калимаи field дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: n. 1) дашт, майдон, замини ҳамвор; 2) замина, соҳа, ришта; 3) полез, киштзор, киштгоҳ; 4) замини дорои кон ва манбеи махсус; attr.5) даштӣ, саҳроӣ [8, 322]. Тавре аён гашт, калимаҳои «поле»-и русӣ ва «field»-и англисӣ нисбат ба калимаи «майдон»-и тоҷикӣ имконияти бештари маъноӣ доранд.

Баъд аз баҳси мо дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» (фарҳанги чорзабона) ин истилоҳро майдони маъноӣ номидаанд [17, 42]. Бояд зикр кард, ки истилоҳи мазкур фақат дар китоби номбурда оварда шудааст ва дар ягон мақола, маърӯза ва монографияи илмии ба забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор нагирифта буд. Албатта, дар олами илмҳои дақиқ истилоҳи майдони магнитӣ, майдони электромагнитӣ мавҷуд аст. Дар забони форсӣ «семантическое поле»-ро «ҳавзаи маъноӣ» гуфтаанд. Куруши Сафавӣ дар «Фарҳанги тавсифии маъношиносӣ» доир ба ин падидаи маъноӣ чунин шарҳ овардааст: «вожаҳое, ки мафҳумашон аз вачҳ ё вуҷуҳи муштараке бархурдор бошанд, ба як **ҳавзаи маъноӣ** таалуқ доранд» [13, 51]. Дар ҷойи дигар меорад, ки табойини маъноӣ як навъ тақобили маъноӣ аст, ки миёни мафҳуми чанд вожа дар як ҳавзаи маъноӣ падид меояд [16, 120].

Рӯ меорем ба калимаи марз. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин: I.1. замин. 2. ноҳия, хитта, кишвар. 3. замине, ки онро мураббаъ созанду канораҳояшро мураббаъ кунанду дар миёнаш чизе бикоранд. 4. сарҳад, сағр. 5. соҳили рӯдхона [10, 2737]. Дар фарҳанги Деҳхудо: сарҳад; ҳошия, канора; замини шиёркарда, кошташуда, зидди бум, яъне замин нокошта, дар он хонаву ҷуз он созанд; баромадагии сохта; хиёбон; замин, дашт; сарзамин, мамлакат, мулк, кишвар, шаҳр, ноҳия, диёр. Ин калимаи (марз=марч) авастоии дар паҳлавӣ ба ханак (хона, маскан) тарҷумашуда.

Дар ҳамин асос (чун имконоти маъноии калимаи марз бештар аст), инчунин қарина ва таносуби маъноии калимаи «поле»-и русӣ бо калимаи марз дар истилоҳи семантическое поле вобаста ба хусусияту моҳияти истилоҳ, ки мегӯем, нисбат ба калимаи майдон бештар аст, мо марзи маъноиро мувофиқтар ва созгортар ҳисобидем.

Ҳамин тариқ, метавон доир ба марзи маъноӣ чунин хулоса намуд:

- марзи маъноӣ яке аз воҳидҳои асосӣ дар маъношиносии луғавӣ шинохта шудааст;

- андешаҳои муҳаққиқон дар мачмӯъ вижагиҳои умумию махсуси марзи маъноиро инъикос намудаанд;

- ин падидаи маъношиносӣ хусусият ва мавқеи худро дорад, ки инҳоянд;

а) бартарияти муносибати маъноӣ дар байни калимаҳои марз;

б) хусусияти системавӣ доштани ин таносуби маъноӣ;

в) тобеияти муштарак ва муайянкунии мушараки воҳидҳои луғавӣ;
г) мухторияти нисбии марз;
ғ) ногусасташавии ифодакунанда дар муҳити маъноӣ;
д) алоқамандии марзҳои маъноӣ дар тамоми системаи луғавӣ;
е) хусусияти фарққунанда доштани хар як воҳиди марзи маъноӣ;
- гунаи тоҷикии ин истилоҳ ба андешаи мо бо номи марзи маъноӣ созгор ва муносиб аст ва умед аст, ки дар ин маврид муҳаққиқони тоҷик фикру андешаҳои худро баён мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Апресян Ю. Д. Лексическая семантика. / Ю.Д. Апресян. - М., 1974. – 380 с.
2. Гулназарова Ж. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ. / Ж. Гулназарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 168 с.
3. Кацнельсон С. Д. Содержание слова, значение и обозначение / С. Д. Кацнельсон. - М.: Наука, 1965. – 110 с.
4. Кобозева И. М. Лингвистическая семантика / И. М. Кобозева. – М., 2007. – 352 с.
5. Кронгауз М. А. Семантика / М. А. Кронгауз. – М., 2005. – 352 с.
6. Лайонз Дж. Лингвистическая семантика / Дж. Лайонз // Введение. – М., 2003. – 620 с.
7. Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: СЭ, 1990. – 683 с.
8. Луғати русӣ-тоҷикӣ. - М.: Русский язык, 1985. - 1279 с.
9. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А. Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1079 с.
10. Маҷидов Ҳ, Забони адабии муосири тоҷик. / Ҳ. Маҷидов // Луғатшиносӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. - Ҷ. 1. – 241 с.
11. Муин М. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. - Теҳрон, 1374. - Ҷ. 3. – 2889 с.
12. Муин М. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. - Теҳрон, 1374. - Ҷ. 4. - 3881 с.
13. Новиков Л. А. Семантика русского языка / Л. А. Новиков. – М., 1982. – 272 с.
14. Ожегов С. И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов. – М.: Оникс, 2007. – 972 с.
15. Полмер Франк. Нигоҳе тоза ба маъношиносӣ / Франк Полмер; тарҷумаи Куруши Сафавӣ. – Теҳрон, 1372. –270 с.
16. Сафавӣ Куруш. Фарҳанги тавсифии маъношиносӣ / Куруш Сафавӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1384 ҳ.
17. Сафавӣ Куруш. Даромаде ба Маъношиносӣ / Куруш Сафавӣ. – Теҳрон, 1390. – 460 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - М: Советская энциклопедия, 1962. - 951 с.
19. Сулаймони У. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / У. Сулаймонӣ. – Душанбе, 2009. - С. 42.
20. Шмелёв Д. Н. Очерки по семасиологии русского языка / Д. Н. Шмелёв. – М.: Просвещение, 1964. – 243 с.

МАРЗИ МАЪНОӢ

Таҳқиқ бо тарзу усули марзи маъноӣ дар луғатшиносӣ, луғатнигорӣ ва грамматика, омӯзиши забони осору асари шоирону адибон ба роҳ монда шудааст. Дар луғатнигорӣ барои мураттаб сохтани луғатҳои идеографӣ, ганҷвожаҳо (тезаурусҳо), луғати мавзӯотӣ ва дигар навъи луғатҳо ба кор меравад.

Дар ҳамин асос (чун имконоти маъноии калимаи марз бештар аст), инчунин қарина ва таносуби маъноии калимаи «поле»-и русӣ бо калимаи марз дар истилоҳи семантическое поле вобаста ба хусусияту моҳияти истилоҳ, ки мегӯем, нисбат ба калимаи майдон бештар аст, мо марзи маъноиро мувофиқтар ва созгортар ҳисобидем.

Калидвожаҳо: майдони семантикӣ, марзи маъноӣ, маҷмӯи воҳидҳои забонӣ, аломатҳои семантикӣ, воҳидҳои лексикӣ.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ГРАНИЦЫ

Исследования методами и способами семантического поля используется в лексикологии, лексикографии и грамматике, изучении языка произведений поэтов и литераторов.В лексикографии также используется для составления идеографических словарей, тезаурусов, тематических словарей и грамматики. На этой основе, (так как смысловые возможности слова границы в таджикском языке имеют большие преимущества) мы предлагаем вместо русского значения слова *поле* в таджикском языке использовать слово *границы*, так как в зависимости от значения и сущности термина, данное слово по сравнению со словом *поле* имеет наибольшее значение, и более приемлым в использовании.

Ключевые слова: семантическое поле, семантические границы, совокупность языковых единиц, семантические признаки, лексические единицы,

SEMANTIC BORDER

Research methods and sposabami semantic field is used in lexicology, lexicography and grammar, learning the language and the works of poets literatorov.V lexicography is also used for compiling ideographic dictionary, thesaurus, specialized dictionaries and grammar. On this basis, (as the semantic possibilities of word boundaries in the Tajik language has many advantages), we propose that the Russian value field of speech in the Tajik language to use the word boundaries, as depending on the value and nature of the term, the word is compared with the word field is the largest value, and is more suitable to use.

Keywords: semanitic heskoe field semantic boundaries set of linguistic units, semantic features, lexical units,

Сведения об авторе: ***Ж. Гулназарова*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой истории языка и типологии Таджикского национального уцниверситета. Телефон: **(+992) 918-68-19-70**

АКТУАЛЬНОЕ ЧЛЕНЕНИЕ ВЫСКАЗЫВАНИЯ

З. Р. Юсупова
Технологический университет Таджикистана

Одним из типичных случаев использования различительных способностей порядка слов является выявление, так называемого, **актуального членения** высказывания.

Термин «Высказывание» в современных работах по синтаксису употребляется в самых разных значениях. Это объясняется тем, что теория высказывания находится в стадии становления, поэтому в ней уживаются разные (подчас противоположные) концепции и мысли. Под высказыванием понимается «наименьшая коммуникативная единица, законченная со стороны содержания и интонации и характеризуемая грамматической и смысловой структурой» [2].

«… понятие «высказывание» - не результат формального слияния понятий «предложение» - «фраза». Ему соответствует реальная синтаксическая единица, представляющая собой единство формальной организации и речевой конкретности, единство инвариантного и вариативного, реляционного и субстанционального, закономерного и случайного. Реальность высказывания особенно ярко проявляется в тех случаях, когда границы предложения и фразы не совпадают. Высказывание выступает как единица, в пределах которой язык сцепляется с речью, что особенно очевидно при отсутствии совпадения границ коррелятивных единиц речи и языка» [1].

По Ванникову, «высказывание есть тот первичный лингвистический объект, анализируя который мы выделяем соотносительные единицы языка и речи» [1].

«Русская грамматика» 1980 г. (Т. 2) понимает под высказыванием «любой линейный отрезок речи, в данной речевой обстановке выполняющий коммуникативную функцию и в этой обстановке достаточный для сообщения о чем-нибудь. Высказывание не существует, во-первых, без интонации, которая соответствует данной конкретной задаче сообщения, во-вторых, без конкретной цели этого сообщения» [3, 34]. Таким образом, «Русская грамматика» под одним термином понимает неоднородные явления.

С одной стороны, под высказыванием понимаются простые и сложные предложения, т.е. единицы, имеющие свою собственную синтаксическую организацию. С другой стороны, как высказывания трактуются диалогические единства, в которых последующая реплика зависит от предыдущей. Кроме того, к высказываниям относятся так называемые слова-предложения и, наконец, незавершенные сообщающие единицы, которые всегда требуют информативной поддержки.

Для всех высказываний «Русская грамматика» выделяет некие общие признаки: 1) организацию формами слов; 2) функцию сообщения (коммуникативную); 3) интонацию сообщения (повествование, побуждение, вопрос); 4) способность соединяться с другими высказываниями в составе текста [3].

Основную особенность высказывания лингвисты видят в ориентации на участников речи. Высказыванию свойственна ситуативность, т.е. соотнесенность с конкретной ситуацией, известной говорящему. Поэтому в высказывании используются дейктические элементы, заменяющие прямые обозначения, а также окказиональные обозначения, ясные только в данном контексте.

Актуальное членение предложения всегда бинарно. Оно зависит от того, какую цель перед собой ставит говорящий (пишущий), какую новую информацию он хочет передать своим высказыванием. Эту целевую установку отражает членение предложения на две части - тему и рему. Чтобы высказывание с точки зрения актуального членения было бинарным, необходимо наличие в его составе не менее двух синтагм (под синтагмой понимается, по Л. В. Щербе, «фонетическое единство, выражающее единое смысловое целое в процессе речи-мысли и могущее состоять из слова, словосочетания или даже группы словосочетаний») [4].

В рассуждениях о частях речи существуют противоречия, когда мы определяли часть речи сначала по её значению как отражение определённой категории сущностей реального мира, а затем – по её формальным свойствам, не зависящим от материального значения и даже привносящим в него дополнительные категориальные оттенки. Более того, мы только ещё раз переопределили часть речи по её функции в высказывании. Из этого в частности вытекает, что русский глагол это специальные слова для выражения предикации. Это противоречие проистекает не от недостатков изложения материала, а отражает многофункциональность языковых явлений. Что касается частей речи, то тут следовало бы говорить не об одном понятии «часть речи», а расщепить его на три независимых: «семантическая категория слов» – по отражению категорий действительности, «морфологический класс слов» – по принимаемым формам словоизменения, и «синтаксический класс слов» – по роли в структуре предложения. И эти классы только частично могут перекрывать друг друга.

При построении высказывания разные основания классификации слов могут по-разному акцентироваться в разных случаях. Стараясь описать ситуацию и наблюдая в ней некие объекты, их свойства и процессы, говорящий сразу подбирает существительные для отражения свойств и глаголы для отражения процессов. Выбор глагольных форм привязывает высказывание к ситуации общения, а остальные члены его располагаются в соответствии с их связанностью друг с другом и ставятся в такие формы, которые требуются этой связью. Вот предложение и готово. При этом вполне может оказаться, что в этой описанной панораме события **новым** является вовсе не то, что выражено глаголом, а допустим новым является некоторое свойство сопровождающего события обстоятельства. В принципе каждое слово может оказаться тем новым, ради которого составлено высказывание, при наличии такого противоречия между структурой предложения и задачей говорящего эта задача решается путём расположения членов предложения в соответствии с логическим переходом от известного старого к сообщаемому новому, в той мере как это допускается принятой структурой предложения. В результате

в начале предложения собираются слова, выражающие тему, а в конце – рему. Это видно на примере изменения смысла предложения при перестановке слов:

Прилежные студенты ходят на лекции по языкознанию ***во вторник*** (сообщение о времени лекции).

Во вторник прилежные студенты ходят ***на лекции*** *по языкознанию* (сообщение о характере занятий).

На лекции по языкознанию во вторник примерные ***студенты ходят*** (сообщение о характере прилежности)

Ходят на лекции по языкознанию во вторник ***прилежные студенты*** (сообщение о том, кто ходит на лекции).

Эти примеры, в частности, показывают, что не всякое слово может быть поставлено на конец предложения, в позицию, наиболее ясно выражающую идею **нового**. В этих предложениях нельзя поставить слова «лекции» и «прилежные», которые должны обязательно предшествовать связанным с ними словам. Если именно эти слова несут в себе новую информацию, то применяется новый способ выделения ремы – интонация. Рема произносится с усиленным ударением, а тема – с ослабленным, как бы скороговоркой, с пониженным тоном. При этом слова, выражающие рему могут быть расположены в любом месте предложения и занимать любой элемент его структуры:

Прилежные студенты ходят на ***лекции*** *по языкознанию во вторник* (а не на лабораторные работы)

Прилежные *студенты ходят на лекции по языкознанию во вторник* (они являются прилежными, а не лодырями)

Такое деление предложений на тему и рему независимо от его предикатной структуры называется **актуальным членением предложения.** Актуальное членение может быть показано и специальными формами слов или вспомогательными словами при сохранении неизменной формальной структуры предложения. Так в английском и других европейских языках неопределённый артикль обычно указывает на рему:

A student comes to the lecture (на известную лекцию пришел какой-то студент, что и является предметом сообщения)

The student comes to the lecture (известный студент пришел на какую-то лекцию, что и интересно).

Порядок слов служит как средство выделения актуально значимой информации - ремы высказывания. Эта функция порядка слов универсальна: она отмечается в любом языке, так как обычно рема следует за темой во всех языках. Порядок слов в этом случае обозначается символами T - R.

В экспрессивной речи рема предшествует теме: R - T. В таком случае используются термины: обратный, субъективный порядок слов.

Таким образом, целые комплексы слов располагаются в предложении в зависимости от того, в какой компонент актуального членения они входят - тему или рему. Актуальное членение соответствует синтаксическому, если подлежащее или группа подлежащего совпадает с темой, а сказуемое или группа сказуемого с ремой.

В зависимости от средств выражения актуального членения, т.е. от порядка слов и интонации, высказывания могут быть построены по схемам T-R и R-T . Эти схемы универсальны. Однако оба компонента актуального членения могут быть расположены дистантно, что объясняется их вариативным строением. В этом случае мы получаем следующие схемы: T-R-T и R-T-R. Второе расположение компонентов актуального членения получило название ***интраядерного*** (термин П. Адамца).

ЛИТЕРАТУРА

1. Ванников Ю. В. Синтаксис речи и синтаксические особенности русской речи / Ю. В. Ванников. - М.: Рус. язык, 1979. - С. 34.
2. Леонтьев А. А. Высказывание как предмет лингвистики, психолингвистики и теории коммуникации / А. А. Леонтьев // Синтаксис текста: отв. ред. Золотова Г. А. - М., 1979. - С. 30.
3. Русская грамматика. - 1980. - Т. 2. - С. 34.
4. Щерба Л. В. Фонетика французского языка: очерк французского произношения в сравнении с русским. Пособие для студентов факультетов иностранных языков / Л. В. Щерба. - Л.- М., 1937. - С. 8.

ТАҶЗИЯИ АКТУАЛИИ ФИКРИ БАЁНШУДА

Дар мақола фикру андешаҳои муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ нисбати таҷзияи актуалии фикри баёншаванда оварда шудааст. Мафҳуми “фикри баёншаванда” аз ҷониби муҳаққиқони муосир бо маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад. Ин чунин арзёбӣ мегардад, ки мафҳуми “фикри баёншаванда” ҳоло дар ҳолати омӯзиш ва таҳқиқ қарор дорад.

Калидвожаҳо: таҷзияи актуалии фикри баёншуда, воҳиди коммуникатӣ, оҳанги гуфтор, забон ва нутқ, мавзӯъ, рема.

АКТУАЛЬНОЕ ЧЛЕНЕНИЕ ВЫСКАЗЫВАНИЯ

В статье рассматривается концепции и мысли учёных об актуальном членении высказывания и о самом термине «высказывание». Термин «Высказывание» в современных работах по синтаксису употребляется в самых разных значениях. Это объясняется тем, что теория высказывания находится в стадии становления, о чём говорится в статье.

Ключевые слова: актуальное членение высказывания, коммуникативная единица, интонация, язык и речь, тема, рема.

THE ACTUAL DIVISION STATEMENTS

The article discusses the concepts and thoughts of scientists about the actual partitioning of the statements about the term "statement". The term "Statement" in modern works on the syntax used in a variety of values. This is because the theory of utterance is in the development stage, as described in the article.

Key words: actual division of the utterance, communicative unit, intonation, language and speech, subject, Remus.

Сведения об авторе: ***Зарина Розиковна Юсупова*** - кандидат филологических наук Технологический университет Таджикистана. Телефон: **(+992) 915-07-77-37**. E-mail: **zarina1966@list.ru**

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМИЯИ МАРДУМИ ШУҒНОН

Малоҳати Махсутшо
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Номҳои ашхос ва номҳои таърихӣ ва ҷуғрофи бахши муҳимме аз луғоти ҳар сарзаминро ташкил медиҳад ва аз ин миён номи ашхос аз аҳамияти зиёде бархурдор аст, зеро ин номҳо оинаи таърихи ниёгон, мазҳаб, эътиқод, тарзи тафаккур, рӯҳияи миллию мазҳабӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Антропонимия аз нигоҳи тадқиқоти ҷомеашиносӣ ва мардумшиносӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ бисёр муҳим ва боарзиш ба ҳисоб меравад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки Мовароуннаҳр ва Хуросони бузург аз дер боз сарзамини ақвоми эронӣ ва ғайриэронӣ ва забонҳои гӯйишҳои мухталифи эронӣ ва ғайра будааст, антропонимияи ин сарзамин низ дорои вижагиҳои зиёде мебошад.

Дар миёни номҳои тоҷикӣ қабатҳои гуногуни таърихӣ дида мешавад. Қисми номҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, ки гоҳо бисёр зебову шоирона ба назар мерасанд, номҳои баргирифта аз мазоҳир ва ҷилваҳои табиӣ ва ансори гуногун табиат мебошанд. Иддаи дигаре аз номҳои туркӣ ва ҳамчунин таркибе аз туркӣ ва форсӣ низ номҳои куҳани тоҷикӣ аст, ки дар ривоёти миллӣ ва таърихӣ вуҷуд дорад.

Раванди таърихии исмҳо, ки имрӯз дар системаи номшиносии сокинони Шуғнон вуҷуд дорад, мухталиф аст ва аз назари пайдоиш ба даврaҳои гуногуни ташаккули мардуми Шуғнон марбут аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ин номҳо дорои синну сол ҳастанд.

Гурӯҳи зиёде аз номҳои шуғни бо пайдоиши дини Ислом аз забони арабӣ вориди фарҳанги номгузории мардум гардида, таъсири зиёде дар рушд ва ташаккули номсозӣ ба ҷо гузоштааст. Дар таҳқиқи номҳои мардуми Помир, аз ҷумла мардуми Шуғнон, муҳаққиқи маъруфи забонҳои помирӣ шодравон Д. Карамшоев саҳми босазое гузоштааст. Номҳои арабии роиҷ дар забони шуғнӣ шомили номҳои динию мазҳабӣ ва номҳои арабии мухталиф мебошад [1; 2; 3;]. Дар зер ба теъдоде аз анвои мухталифи ин гуна номҳо ишора мекунем:

1) номҳое, ки ҷузъи дувуми онҳо “оллоҳ”аст: (Ҳ) Абибулло(ҳ), Ҳалилулло(ҳ), (Ҳ) Икматулло(ҳ), Нурулло (ҳ).

2) номҳое, ки ҷузъи аввали он “Абд”ва ҷузъи дувуми онҳо “оллоҳ”аст: Абдулло(ҳ), Абдул(ҳ)алим.

3) номҳои паёмбари Ислом ва аҳли байти ӯ: Муҳаммад (Мамад), А(ҳ)мад, Фотима, Али, (Ҳ)асан, (Ҳ)усейн, (Ҳ)айдар, Умар, Усмон, (Усмон) ва ғайра.

4) номҳои паёмбарон: Иброҳ(Ҳ)им, Исмоил, Аюб, Мусо.

5) номҳое, ки аз калимаҳои Қуръон гирифта шудааст: Назир, Ёсин.

6) номҳое, ки як ҷузъи он арабӣ ва ҷузъи дигараш тоҷикӣ аст: Ра(ҳ)мондӯст, Муҳаммадёр (Мамадёр), Гулмуҳаммад (Гулмамад), Бахтулло (ҳ), Алиёр, Неккадам, Анваршо(ҳ), Шо(ҳ)салим.

7) номҳое, ки як ҷузъаш арабӣ ва ҷузъи дигараш туркӣ аст: (Ҳ)азраткул, Имомқул (Имумқул), Раҳмонбердӣ (Рамунбердӣ), Худойбердӣ, (Худобердӣ).

Ба таври мисол калимаҳои “оллоҳ”, ”абд”, “худо”, ”дин” аз унсурҳои номсози аслӣ дар номҳои шуғнӣ аст ва ҳамчунин се ном – “Муҳаммад”, “Алӣ”, “Саид” бо вуҷуде, ки номҳои хос ҳастанд, вале дар таркиби номҳо унсури номсоз ба шумор мераванд. Яке аз нуқоти муҳим дар бораи номҳои занон он аст, ки дарохири бархе аз номҳои сокинони Шуғнон мутобиқи сарфи забони арабӣ “а”- и таҷниси арабӣ афзуда шудааст, монанди: Парвина, Нигора, Дилноза, Гулнора, Шаҳноза, Нигина, Сангина,

Хуршеда, Дилдора, Умеда, Сабзина, Матлуба, Фарида, Ситора, Назира, Нодира, Мадина, Манижа, Камила, Фарзона, Сайёра ва ғайраҳо, ки хос ба номҳои сокинони соири манотиқи Тоҷикистон мебошад.

Ба ҳар сурат таъсиру нуфузи Ислом ва фарҳанги исломӣ дар сохтор ва густариши номҳои Шуғнонӣ ва танаввуи он нақши бисёре доштааст. Номҳои бошандагони Шуғнон аз назари сохтор яксон набуда, бо роҳҳои мухталиф сохта мешаванд. Дар суннати номгузорӣ таъсироти гуногуни мазҳабӣ, эътиқодӣ, табиӣ, таърихӣ, қавмӣ ва ғайра таъсири босазое доштаанд, ки дар зер ба теъдоде аз онҳо ишора мекунем:

1. Номҳои динӣ ва қуръонӣ: Му(ҳ)ммад, Алӣ, Расул, Марям, Ниссо, Фотима.
2. Номҳои моҳҳо ва айёми арабӣ: Ҷумъа, Курбон, Рамазон, Сафар, Рачаб, Шогун.
3. Номҳои асбобу олот ва аслиҳа: Шамшер, Ханҷар, Сипинёр, Сангмамад.
4. Номҳои маҳал ва мансуб ба он: Зарафшон, Бадахшон, Шуғнон, Хуҷандеҷ, Ғундиҷ, Дарморахт, Рушонгул.
5. Номҳои марбут ба сифот ва ҳолоти нафсонӣ: Ме(ҳ)рубон, Далер, Оқил, Хиром(у)н, (Ҳ)алим, Доно, Хушвахт.
6. Номҳои вобаста ба мафҳумҳои қавмӣ ва хешӣ: Биби, Бибигул, Бобоҷон.
7. Номҳои вобаста ба қавмҳо ва миллатҳо: Арабшо, Қирғизбек, Авғоншо.
8. Номҳои асотирӣ ва таърихӣ, бузургони илму адаби ирфон, ошиқу маъшуқ ва тахаллусҳои шуаро: Рустам, Сӯҳроб, Исфандиёр, Сиёвуш, Темур, Қубод, Лайлӣ, Маҷнун, Юсуф, Зулайхо, Сино, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Шамс.
9. Номҳои марбут ба ҳифзи кӯдак ва назру эътиқод: Назрулло(ҳ), Назрихудо, Худодод, Назарали, Сангин, Амирҷон, Алиназар.
10. Номҳое, ки марбут ба рӯз, моҳ ё шароити таваллуд гузошта шудаанд: Аввалбек, Аввалмо(ҳ), Шанбе, Душанбе, Ҷумъа, Чоршанбе, Пайшанбе.
11. Номҳое, ки марбут ба ранг ва вазъ ҳастанд: Зардолу, Кабудсор, Сабзалӣ, Рушт.
12. Номҳое марбут ба аносир ва авомили табиӣ: Борон, Сангин, Баҳор, Тобистон, Жола, Маҳтоб, Ситора, Сайёра, Ҷаҳонгул, Олам, Шабнам, Барф.
13. Номҳои гулҳо ва гиёҳҳо: Бибигул, Гулрафтор, Рай(ҳ)он, Шафтолу, Баргигул, Сабза, Санавбар, Ни(ҳ)ол, Садбарг, Нилуфар, Себарга.
14. Номҳои бархе аз ширинихо: Набот, Шакар, Асал, Шакармо(ҳ), Ширинмо(ҳ).
15. Номҳои фулузот ва сангҳои гаронбаҳо: Пӯлод, Тилло, Нуқра, Лочвар, Зарнигор, Лаълмоҳ, Зумрат, Фирӯза, Гавҳар.
16. Номҳои марбут ба хирфа ва шуғлу мақом: Де(ҳ)қон, Мулло, Мирзо, Ку(ҳ)кан, Халифа, Охун(д), Дорқа, Шо(ҳ)малик, Султон.
17. Номҳои меваҳо ва донаҳо: Ангур, Ангуршо, Аноргул, Хурмо, Олуболу, Бодом, Шафтолу, Дона (Дуник), Писта, Олуча.
18. Номҳои ҳайвонот: Шер, Паланг, Гургалӣ, Товус, Тутӣ, Майна, Кабӯтар, Кабӯтаршо(ҳ), Кawк.

Таъсири забони тоҷикӣ ва мавқеи он дар доираи номҳои шахсӣ аён аст. Гуфтан лозим аст, ки то паҳн шудани забони тоҷикӣ дар бархе аз навоҳии Бадахшон мардуми шуғнизабон аз номҳои аслӣ истифода бурданд. Ба андозаи аз худ намудан ва паҳн шудани забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) ҳамчун воситаи робитаи байни мардуми гуногунзабон ва инчунин, алоқаи онҳо бо дигар давлатҳои ҳамсоя (ба мисли Афғонистон), дар номҳои шахсӣ васеътар истифода бурдани аппелятивҳои тоҷикӣ, иқтибос кардани миқдори зиёди номҳои шахс дар оянда вусъат ёфт. Аз нуқтаи назари хронологӣ (таърихӣ) қайд кардан лозим аст, ки дохилшавӣ ва паҳншавии забони тоҷикӣ дар Кӯҳистонӣ Бадахшон таърихӣ ҳазорсола дорад. Ин ҳудуди муайян ба он рост меояд, ки дини Ислом дар байни мардуми шуғнизабон паҳн шуда буд. Дар ин асос баробар ва мувозӣ паҳн шудани номҳои арабӣ ва номҳои аслии тоҷикӣ дар байни мардуми Шуғнон якҷоя қарор гирифт.

Яке аз аломатҳои муҳимми номҳои мардуми Шуғнон, ки дар заминаи ақидаҳои динӣ ба вуҷуд омадаанд, серистеъмол будани номи Алӣ мебошад. Ин ном метавонад дар таркиби номҳои мураккаб ҳам дар аввал ва ҳам дар охир ояд:

Алидод, Додалӣ (аз тоҷ. дод, ва арабии Алӣ)

Алибахш (тоҷ. “бахш”, ар. Али бахшидааст)
Алидӯст, Дӯсталӣ (тоҷ. “дӯст”)
Масталӣ (тоҷ. “маст”).
Мавҷудалӣ (араб. Мавҷуд, зистан)
Савзалӣ (савз, тоҷ. сабз)
Давлаталӣ (араб.”давлат”,тоҷ. ”кишвар”)
Алиназар, Назаралӣ (араб.”назар”)
Алиризо, Ризоалӣ (араб.”ризо”, тоҷ.”розӣ”)
Наврӯзалӣ (тоҷ.”Наврӯз”соли нав)
Гургалӣ (тоҷ.”гург”)
Сангалӣ (тоҷ. “санг”)
Сафаралӣ (араб. “сафар”)
Алиҷон, Ҷоналӣ (тоҷ. “ҷон”).

Исми Муҳаммад низ дар таркиби номҳо хеле зиёд кор фармуда шудааст. Дар ин маврид, метавонад ҳамчун ҷузъи аввал, ё чун ҷузъи охири номи мураккаб, ояд.

Масалан, Муҳаммад дар номҳои шахсии мардона ин тавр истифода мешавад: Ма(ҳ)мад, Мамад, Ма(ҳ)мадалӣ (аз Муҳаммад ва Алӣ), Алимамад (аз Алӣ ва Муҳаммад), Шома(ҳ)мад (аз Муҳаммад ва Шоҳ), Маҳмадназар, Назармоҳ, (аз арабии “назар”), Мамадато, Атома(ҳ)мад (аз Ато ва Муҳаммад), Ма(ҳ)мадбек, Бекма(ҳ)мад, Ма(ҳ)мадсафо, Сафома(ҳ)мад, (аз арабии сафо, тоза) ва ғайра.

Аз исмҳои Худо, Мавло ва Уллоҳ чунин номҳои мардонаи мураккаб ба вуҷуд меоянд: Худодод, Додихудо, (Худододагӣ), Худобахш, Худоназар, Назархудо, Худодӯлст, Раҳмихудо, Худораҳм, Мавлобахш, Мавлодод, Мавлоназар, Назармавло, Шукулло, Шукрулло, Абодулло.

Номи шахсии волидон ва хешу табори наздики фавтшуда ҳамчун мероси пурқиммат мебошад ва аз ин сабаб он номҳо набояд аз байн раванд. Лекин на ҳамаи аҳли оила ҳуқуқ доранд, ки аз номҳои аҷдодӣ истифода баранд. Хешовандони наздик (бародарон, писарон, духтарон ва хоҳарон) ба истифода бурдани номҳои шахсии падарон, модарон, хоҳарон ва бародарони фавтида барои фарзанди калонӣ ато мешавад (номи модар ба духтар, номи падар ба писар), фақат бо розӣ будани ӯ номи волидонро ба хоҳар ва ба бародар додан мумкин аст, агар волидон фақат духтар дошта бошанд номи онҳо ба духтари калонӣ бахшида мешавад, лекин на ҳама вақт ин қоида риоя карда мешавад, баъзан номи волидонро фарзандони дигар истифода мебаранд. Бештар номи волидон ба фарзанди аз ҳама хурд мерос мемонад.

Ба ғайр аз ин, волидон ҳуқуқ доранд, ки дар пирӣ номи худро барои яке аз писарон (духтарон) ва ё барои яке аз хешовандони наздик боқӣ монанд. Агар шахс бе фарзанд аст, баъди фавт номи вай ба яке аз хешовандони наздик дода мешавад, аз ин сабаб номҳои имрӯзаи аҷдодӣ инкишоф ва қисмати гуногун доранд. Дар боқӣ намондани номҳои аҷдодӣ волидон барои фарзандони худ номҳои мувофиқ ва зеботар мегузоранд. Дар замонҳои пеш барои ном мондан ба писар, падар роли аз ҳама калон мебозид, аммо модар ҳуқуқи фақат ба духтар ном гузоштан дошт. Дар вазъиятҳои номусоид волидон барои номмонӣ ба фарзанд ба фозилон ва донишмандон мурочиат мекарданд.

Номҳои мардуми Шуғнон ба ғайр аз номҳои динӣ, инчунин аз калимаҳои гуногун сурат гирифтаанд, ки дар ҳаёти моддӣ ва маънавии мардуми ин минтақа мавқеи муҳим доранд.

Мисол: Дилшод (тоҷ.Дил), Маҳтоб (тоҷ. Маҳтоб), Ҷаҳонгул (тоҷ. ҷаҳон, гул), Хушдил (тоҷ. хуш, дил), Равшан (тоҷ. равшан), Ширин (тоҷ. Ширин), Гулдаста (гулдаста, тоҷ. дастаи гул), Гулдона (тоҷ. гулдона,тоҷ. донаи гул), Гулпарӣ, Паригул (тоҷ. гул ва парӣ) Дастамобӯй (тоҷ. дастамбӯй, хушбуй), Рухзорамо (тоҷ. рухзораи моҳ), Бозича (тоҷ. бозича), Хандон (тоҷ. хандон), Муқбил (араб. хушбахт), Ғолиб (араб.) ва ғайра.

Ба мақсади фарқ кардани номи фарзанд ё номи хешу табор аз якдигар бо ин типи компонентҳо ба мисли: Сардор, Барор, Гулзор, Радор, Камол, Шамол ва ғайраҳо ифода мешавад. Номҳои мардонаи зиёде ҳастанд, ки дар байни мардуми шуғнизабон хеле маъмул ҳастанд. Ба онҳо ин гуна номҳо дохил мешаванд: Шодмон (тоҷ. шодбош), Корвон (тоҷ. корвон), Навруз (тоҷ. рӯзи нав), Тирандоз(тоҷ. Тирандоз), Қаладор (араб. қалъа, тоҷ. дор).

Аз ҷумла номҳои шахсии занона ба монанди: Пеwиста (тоҷ.пайваста), Реза, Зубайда (тоҷ. зиёд), Озода (тоҷ. озод), Матоб (тоҷ. маҳтоб), В(w)атан (араб. ватан).

Аз номҳои дар боло зикршуда чунин номҳо ба вуҷуд меоянд ба мисли: Мавлобахш, Алибахш, Мирамбахш, Корвонбек, Корвоншо Шодмонбек, Мардонашо, Наврузали. Номҳои занона ба мисли: Наврузмо, Наврузбегим, Певистамо, Пистагул, Резагул, Резабону, Резамо.

Аз калимаи арабии Азиз дар байни мардуми шуғнизабон чунин номҳо паҳн гардидаанд: Мамадазиз, Азизмамад (аз арабии Муҳаммад ва Азиз), Азизбек (шуғн.), Азизшо (тоҷ. шо), Ёразиз (тоҷ. ёр), Гулазиз (тоҷ.гул).

Номҳои занона: Азизбегим (турк. бегим,тоҷ. хонум), Азизмо (тоҷ. моҳ), Азизхотун (турк. хотун).

Дар байни ҳамаи мардуми шуғнизабон аз калимаи арабии-давлат (боигарӣ) номҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд ба мисли: Давлатбек (шуғн.), Давлатшо, Шодавлат, Давлатмурод, Давлатхудо, Давлатҷон, Давлатхоҷа, Хоҷадавлат, Давлатали, Давлатмамад, Давлатёр, Бахтдавлат, Давлатамон.

Номҳои занона: Давлат, Давлатбахт, Давлатбегим, Давлатмо, Давлатсултон, Давлатбибӣ, Давлатхотун, Модавлат, Амондавлат.

Аз калимаи арабии - мурод (орзу, ният) чунин номҳои дар поён зикршуда ба вуҷуд меоянд: Миродбек, Муродбек, Бекмурод, Муродшо, Шомурод, Миродали, Муроден, Мамадмурод, Миродмамад, Миродик, Давлатмарод, Султонмурод.

Номҳои занона:Марод, Миродбегим, Миродсултон, Миродбахт. Номҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, ки аз ду асос иборат мебошанд. Аз ин рӯ, аппелятивҳои тоҷикии ин гуна компонентҳо сохти мураккаб доранд: Гулба(х)ор, (тоҷ. гул, араб. назар), Сангмамад (тоҷ. санг, араб. мирзо, граф).

Номҳои мураккаби туркӣ, туркӣ-арабӣ, туркӣ-тоҷикӣ хеле камистеъмоланд: Тошбек, Тошхуҷа (турк. тош, санг), (“бек” тоҷ “хоҷа”, тоҷ. идоракунанда), Тошмамад, Қулмамад (турк. қул-хизматгор, араб. Муҳаммад).

Ҳамин тариқ, номҳои мардуми Шуғнон дар заминаи номномаи халқи тоҷик ба вуҷуд омада, таҳти таъсири гӯйиши маҳаллӣ ба тағйироти шаклӣ дучор шудаанд.

Иддаи зиёди номҳо ба ақидаи динӣ алоқаманд буда, иддаи дигаре ба фарҳанги моддӣ ва маънавии мардум вобастагӣ доранд.

Заминаи луғавии номҳоро гурӯҳҳои муайяни вожаҳо ташкил додаанд, ки ҳар кадоми онҳо сабаби ба сифати ном интихоб шудани худро доранд.

Номгузории мардуми ин минтақа ба баъзе омилҳои этнографӣ низ иртибот доранд, ки ба таркиби лексикии номҳо бетаъсир намондааст. Баъзе номҳо аз авлод ба авлод омада расидаанд.

Дар номномаи сокинони Шуғнон тағйироти муайяне ба мушоҳида мерасад. Аз номҳои мураккаби аҷдодӣ камтар истифода ба амал меояд. Бештар номҳои миллии дар адабиёту фарҳанги бостонӣ машҳур истифода мешаванд. Тамоюли интихоби номҳои шево, дилкаш ва пурмаънӣ дида мешавад. Ба тафриқаи гендерии номҳо таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Алоқамандии гендерӣ, махсусан, дар номҳои занона тавассути унсурҳои муайяни номсоз ифода меёбад.

АДАБИЁТ

1. Карамшоев Д. Особенности памирских личных имен / Д. Карамшоев // Памироведение. Вып. 2. -Душанбе: Дониш, 1985.
2. Карамшоев Д. Памирские имен / Д. Карамшоев // Ономастика, типология, стратиграфия. - М.: Наука 1988.
3. Карамшоев Д. Словары памирских личных имен / Д. Карамшоев. - Душанбе: Дониш, 2014.

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМИЯИ МАРДУМИ ШУҒНОН

Мақола ба баррасии манбаъҳои ташаккули антропонимияи сокинони Шуғнон бахшида шудааст. Дар номномаи сокинони ин минтақа номҳои марбут ба дини ислом мавқеи назаррас доранд, ки ба густариши ислом дар минтақа вобастагӣ дорад. Бахши дигари номҳо дар заминаи апелятивҳои гуногуни забони тоҷикӣ –форсӣ пайдо шудаанд ва гурӯҳҳои муайяни луғавиро ташкил медиҳанд. Дар раванди имрӯзаи инкишофи номҳо пайдоиши “ неологизмҳои антропонимӣ” ба мушоҳида мерасад.

Калидвожаҳо: манбаъҳои ташаккули антропонимияи сокинони Шуғнон, номҳои марбут ба дини ислом, апелятивҳои гуногуни забони тоҷикӣ –форсӣ, гурӯҳҳои муайяни луғавӣ.

ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ АНТРОПОНИМИИ ЖИТЕЛЕЙ ШУГНАНА

Статья посвящена анализу семантической базы антропонимов Шугнана. Заметное ядро в антропонимии жителей данного региона состовляют так называемые религиозные имена, связанные с распространением Ислама. Другая часть антропонимов возникла на основе различных семантических групп аппелятивной лексики таджикского языка. Закрепление различных лексических групп в антропонимике жителей Шугнана связано с этнографическим факторами, постепенно теряющими свое влияние. В настоящее время наблюдается изменение в антропонимике региона и появление антропонимических “неологизмов”.

Ключевые слова: семантическая база антропонимов Шугнана, религиозные имена, аппелятивная лексика таджикского языка, семантические группы.

BASIS OF ANTHROPONOMY FORMS OF SHUGNAN IN HABITANTS

This article is dedicated to semantic base of analyses of Shugnan anthroponomy. Noticeable core in anthroponomy of the remote inhabitants consist of religious names connected to dissemination of Islam. Next part of anthroponomy appeared on the base of various semantic group in appeal Tajik language lexicon. Reinforcement of various lexical group of Shugnan inhabitant connected with ethnographical factors that are loosing gradually its influence.

At the moment a change has been observed and appearance of anthroponomical neologism in anthroponomy of the region.

Kev words: semantic database of anthroponyms Shugnan, religious names, appellativa vocabulary of the Tajik language, the semantic groups.

Сведения об авторе: ***Малохати Махсутшо*** - Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева.
Телефон: **(+992) 934-28-28-15**

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАГАРИ РОЗ ВА СИРРРУ АСРОР ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

А. Амириоев
Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппа ба номи Н. Хусрав

Истилоҳоти ба мафҳумҳои роз, сирру асрор, ғайбату ҳузур ва зоҳиру ботин иртиботдошта гурӯҳи алоҳидаи луғати ифодакунандаи масоили назариявию амалӣ ва фалсафии тасаввуфро ташкил медиҳанд, ки дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ васеъ истифода шудаанд, онҳо дар навбати худ ба якчанд зергурӯҳҳои луғавӣ-маъноии дигар ҷудо мешаванд.

1. Гурӯҳи **роз.** Матлаби пӯшидаи солик, ки ҳанӯз ифшо нашудааст, бо вожаи «роз» ифода мегардад. Ин истилоҳ дар ғазалиёти шоир бештар ба кор бурда шудааст:

*Агар фақиро нагуфта **роз** мешунавӣ,*
Биғӯ, ки сурати он шайхи хирқапӯш чӣ буд? [11-1, 484].

Вожаи «ҳамроз» ифодагари солики дигарест, ки шунидани нияти ботинии солик ба ӯ муяссар мегардад:

*В-агар ту бо ман ҳамхирқаву **ҳамрозӣ**,*
Биғӯ, ки сурати он шайхи хирқапӯш чӣ буд? [11-1, 684].

Истилоҳи арабиасли «сир» (ҷамъ «асрор») ҳаммаънои вожаи «роз»-и тоҷикӣ буда, нисбат ба «роз» нисбатан зиёдтар истифода шудааст:

З-он рӯз мову ёрон дар роҳ аҳд кардем,
*Пинҳон кунем **сирро**, пеш афканем сарро [11-1, 153].*

***

***Сир** пинҳон аст андар сад ғилоф,*
Зоҳираш бо пӯсту ботин бар хилоф [12, 24].

Вожаи «сир» бештар дар таркиби ибораҳои изофӣ омада, мансубияташро бо ашёи дигар муайян мекунад. Истифодаи истилоҳ-ибораҳои «сирри дил» [11-1, 29,34; 11-3, 220], «сирри хулосаи ризо» [11-1, 61], «сирри Худо» [11-1, 61], «сирри аршу сад курсӣ» [11-1, 70], «сирри рӯҳ» [11-2, 651; 13, 1115], «сирри ёр» [12, 19] аз ин қабиланд:

*Ман дӯши дидам **сирри дил** андар ҷамоли дигаре,*
Сангиндиле, лаълинлабе, имонфазое, кофаре [11-3, 220].

***

*Асли ҳақиқати вафо, **сирри хулосаи ризо**,*
Хоҷаи рӯҳ Шамсиддин буд сафои нафси мо [11-1, 61].

***

*Аз он нафас, ки дар ӯ **сирри рӯҳ** пинҳон шуд,*
Бикард ҳомила дилро расули раҳгузаре [12, 1115].

Шакли ҷамъи «сир» - «асрор» ҳам васеъ истифода шудааст [11-1, 36, 39, 83; 11-2, 107; 13, 1087; 12, 39 ва ғ].

К-*он нотиқи рӯҳуламин бикшояд он **асрорро** [11-1, 39].*

***

Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
*Аз даруни ман начуст **асрори** ман.*
***Сирри** ман аз нолаи ман дур нест,*
Лек чашму гӯшро он нур нест [12, 16].

«Асрор» низ таъйинот дорад, ки бо ибора - истилоҳоти «асрори Худо» [11-1, 47], «асрори кибриё»

[11-1, 160], «асрори кирдгор» [11-3, 105] «асрори Иброҳим» [12, 35], «олами асрор» [11-1, 49], «сирдеҳи асрор» [11-1, 83] ва ғайраҳо ифода ёфтаанд:

Ай ёри мо, дилдори мо, ай ***олами асрори*** *мо,*
Ай Юсуфи дидори мо, ай равнақи бозори мо [11-1, 49].

***

Андар о, ***асрори Иброҳим*** *бин,*
К-ӯ дар отаи ёфт сарву ёсамин [12, 35].

2. Вожаҳои ифодагари мафҳумоти умумии басирату ғайбату ҳузур ва зоҳиру ботин гурӯҳи дигари луғавӣ-маъноиро ташкил медиҳанд. Ин истилоҳот ба масъалаи фаҳмиши моҳияти сифату сурати ашё иртибот доранд ва дар навбати худ онҳоро ба зергурӯҳҳои дигар тасниф намудан мумкин аст:

а) истилоҳоте, ки нишондиҳандаи айнияти ашё мебошанд: айн [11-2, 353], «аён» [11-2, 502; 12, 33], «ошкор» [11-2, 107], «ошкоро» [12, 19], «мақшуф» [12, 19], «пайдо» [11-3, 403]:

З-ин шамъҳои сарнагун, з-ин пардаҳои нилгун,
Халқе ачаб ояд бурун, то ғайбҳо гардад ***аён*** *[11-2, 502].*

***

Ҷумла харобот хароби туанд,
Ҷумлаи асрор зи туст ***ошкор*** *[11-2, 107].*

***

Гуфт: - ***Машкуфи*** *бараҳна гӯй ин,*
Ошкоро *беҳ, ки пинҳон зикри дин [12, 19].*

***

Мисоли ишқ ***пайдоиву*** *пинҳон,*
Надидам ҳамчу ту пайдо ниҳоне [11-2, 403].

Аз мундаричаи ин байт:

Парда бардору ***бараҳна*** *гӯ, ки ман,*
Менахусбам бо санам бо пераҳан [12, 19].

бармеояд, ки истилоҳи «бараҳна» бо истилоҳи «ошкор», «ошкоро» муродиф аст.

б) гурӯҳи дигари луғавӣ-маъноӣ фарогири истилоҳоте аст, ки аз рӯйи маъно бо истилоҳоти банди а) зидданд. Ин истилоҳ вожаи «ғайб» мебошад, ки истифодаи он бо нишондоди қисмате аз басомадаш дар асарҳои манзуми Мавлоно ба ин тарз аст: ғайб [11-1, 32, 45, 46, 63, 67, 155; 11-2, 353, 403, 604, 651; 11-3, 100, 604; 13, 1115: 12, 68, 107, 111 ва ғ].

Истифодаи ин истилоҳ дар матн:

Зи ниҳонхонаи ***ғайбе*** *паём оварад мастонро [11-1, 67].*

***

Дар ачаб афтод, к-ин маъҷуд нест,
Ин зи ***ғайб*** *афтод, бемақсуд нест [12, 68].*

Дар як матн истифода гардидани ин ду истилоҳ- «ғайб» ва «аён» маънии мутаззодии онҳоро тақвият мебахшад:

Аз ***айн*** *ба* ***ғайб*** *роҳ дорем,*
Зеро ҳамроҳи пайки динем [11-2, 353].

***

З-ин шамъҳои сарнагун, з-ин пардаҳои нилгун,
Халқе ачаб ояд бурун, то ***ғайбҳо*** *гардад* ***аён*** *[11-2, 502].*

Маънои истилоҳи «ғайбӣ» ашёю амалест, ки ба «ғайб» иртибот дошта, мансуб ба олами лоҳут аст. Чунончи, дар байтҳои зерин истилоҳи «ғайбӣ» дар таркиби ибораи «башоратҳои ғайбӣ» муждаи аз ғайб, аз улувият омадаро мефаҳмонад ва дар таркиби «сурати ғайбӣ» ишора ба Офаридгор аст:

Башоратҳои ғайбӣ *шуд гизояш,*
Зи шираш во раҳонад аз башираш [11-2, 152].

***

Ай ***лутфи ғайбӣ****, чанд ту шакли баҳорӣ мешавӣ ?*
В-ай адли мутлақ, чанд ту андар хазонӣ меравӣ? [11-3, 217].

***

Он ***сурати ғайбӣ****, ки ҷаҳон толиби ӯст,*
Дар ойинаи фаҳми ту мафҳум шавад [11-4, 265].

Истилоҳи «ғайбдон» касеро мефаҳмонад, ки огоҳ аз асрори ғайб аст, яъне Оллоҳ аст, истилоҳи «ғайббин» низ ифодакунандаи касест, ки шоҳиди асрори ниҳон аст. Ба гумони инҷониб, «ғайббин» ҳам ишора ба Худованд аст [ғайбдон-11-1, 46; 11-3, 532; ғайббин-11-1, 22]:

Валлаҳ, ки ин дам сӯфиён бастанд аз шодӣ миён,
Дар ғайб пеши ***ғайбдон*** *аз шавқи истисқои мо [11-1, 46].*

***

Чун меҳр ҷонпазирӣ, бе лашкаре амирӣ,
*Ҳам мулки ғайб гирӣ, ҳам **ғайбдон** биёбӣ [11-3, 532].*

Маънои истилоҳи ғойиб [11-1, 25; 12, 92, 108, 218 ва ғ.] солики роҳи тариқат аст, ки аз «ман»-и худ бурун рафта, дар мабдаи хеш ҳулул ёфтааст:

*Дасти пир аз **ғойибон** кӯтоҳ нест,*
Дасти ӯ чун қабзаи Аллоҳ нест [12, 92].

***

*Шуд хаёли **ғойиб** андар сина зафт,*
Чунки ҳозир шуд, хаёли ӯ бирафт [12, 108].

Истилоҳи «ғоибӣ» ишора ба ҳолати аз хеш бурун будани солики тариқат аст:

Авлиё атфоли Ҳаққанд, эй писар!
***Ғойибиву ҳозирӣ** бас бохабар [12, 218].*

Истилоҳи «ҳозир» ба истилоҳи «ғойиб» муқобилмаъност. Агар истилоҳи «ғойиб» солики аз «ман»-и хеш берунрафтаро фаҳмонад, истилоҳи «ҳозир» ишора ба солики ба Ҳақ расида аст:

Нигореро, ки меҷӯям ба ҷонаш,
*Намебинам миёни **ҳозиронаш**.*
*Кӯҷо рафт ӯ? Миёни **ҳозирон** нест,*
Дар ин маҷлис намебинам нишонаш [11-2, 153].

Истилоҳи «ҳозирон» бо «ғоибон» дар як матн истифода гардидаанд ва бо ин неруи муассирию мутаззодии хешро зиёдтар зоҳир кардаанд:

***Ҳозирон** аз **ғоибон** лошак беҳанд,*
***Ғойибонро** чун навола медиҳанд. [12, 92].*

в) истилоҳоти «зоҳир» [12, 24, 25] ва муқобилмаънои он «ботин» [12, 24, 25], «пайдо» [11-1, 68] ва муқобилмаънои он «мастур» [11-1, 68], истилоҳоти зидмаънои «ниҳон» [11-2, 157], «пинҳон» [11-1, 158], «ошкор» [11-2, 157], «ошкоро» [11-1, 158], «рӯпӯш» [12, 108], «хуфя» [11, 315], «хуфӣ» [12, 144] ҳам гурӯҳи махсуси луғавӣ-маъноиро ташкил медиҳанд, ки бевосита ба истилоҳи «роз» ва «сир», «асрор», яъне омолу ашёи воқеӣ ва муҷарради ғайривоқеӣ иртибот доранд. Барои муассирии ифода ва тасвири воқеию муқоисавии фикр аксаран ин истилоҳот якҷоя дар як матн истифода карда шудаанд:

*Бо **ботин** ҳамчу ақли кулл, ба **зоҳир** ҳамчу тунги гул,*
Даме илҳоми амри «қул», даме тафсири «аътайно» [11-1, 62].

***

Сир пинҳон аст андар сад ғилоф,
***Зоҳираш** бо тусту **ботин** бар хилоф [12, 24].*

***

Боз аз ҷаҳони рӯҳ расулон ҳамерасанд,
***Пинҳону ошкоро** боз о ба акрабо [11-2,158].*

***

*Ишқе, ки **ниҳону ошкор** аст,*
Хунрезу ситамгар асту авбош [11-2, 157].

***

*Мисоли ишқ **пайдоиву пинҳон**,*
*Надидам ҳамчу ту **пайдо ниҳоне** [11-3, 403].*

***

Боз шаклу сурати шоҳи сафӣ,
*Ҳаст маҳкуми яке фикри **хафӣ** [12, 144].*

***

*Чун зи дил ба ҷониби дил раҳи **хуфя** асту комил,*
Зи хазинаҳои дилҳо зару нуқра баргузидам [11-1, 315].

***

*Чунки **ғайбу ғойибу рӯпӯш** беҳ,*
Пас лабон барбанду лаб хомӯш беҳ [12, 108].

АДАБИЁТ

1. Баҳор (Малик-уш-шуаро Баҳор). Сабкшиносӣ ё таърихи таттаввури насри форсӣ / Баҳор (Малик-уш-шуаро Баҳор). – Душанбе: Бухоро, 2012. – 572 с.
2. Беков Н. Мухаммад Шахристони - историк философии / Н. Беков. – Душанбе: Дониш, 1987. – 118 с.
3. Белгородский Н. А. Современная персидская лексика / Н. А. Белгородский. – М. –Л.: Изд. А.Н. СССР, 1939. – С. 28-59.
4. Беляев Е. А. Арабы, ислам и арабский Халифат в ранее средневековье / Е. А. Беляев. – М.: Наука, 1966. - 280 с.
5. Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература / Е. Э. Бертельс. - М.: Науки, 1965. – 542 с.
6. Зиёев М. Х. Мавлоно / М. Х. Зиёев. - Душанбе: Дониш, 2007.
7. Одилов Н. Мировоззрения Джалолудина Руми / Н. Одилов. - Душанбе: Ирфон, 1974.
8. Олимов К. Хоросанский суфизм (опыт историко – философского анализа): автореферат дис. .. д-ра философ. наук / К. Олимов. – Ташкент, 1994.

9. Сабзаев С. Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ / С. Сабзаев. – Душанбе: Ирфон, 2014.
10. Ясрабӣ Сайид Яҳё. Забонаи Шамс ва забони Мавлавӣ / Ясрабӣ Сайид Яҳё. - Теҳрон: Амири Кабир, 1384.
11. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Девони Кабир / Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе; Дониш, 2007.
12. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънави // Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Бар асоси матни Николсон ва мукобила ба нусхахои дигар. – Теҳрон. Нашриёти «Замон», 2001.
13. Девони Шамси Табрезӣ.

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАГАРИ РОЗ ВА СИРРРУ АСРОР ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Истилоҳоти ба мафҳумҳои роз, сирру асрор, ғайбату ҳузур ва зоҳиру ботин иртиботдошта гурӯҳи алоҳидаи луғати ифодакунандаи масоили назариявию амалӣ ва фалсафии тасаввуфро ташкил медиҳанд, ки дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ васеъ истифода шудаанд, онҳо дар навбати худ ба якчанд зергурӯҳҳои луғавӣ-маъноии дигар чудо мешаванд, ки онҳоро муаллиф дар мақолаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Калидвожаҳо: Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, луғати ифодакунандаи масоили назариявию амалӣ ва фалсафии тасаввуф, луғат, истилоҳоти мафҳумҳои роз ва сирру асрор, зергурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ ОБОЗНАЧАЮЩАЯ ПОНЯТИЯ ТАЙН БЫТИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ МАВЛЯНА ДЖАЛАЛАДДИНА БАЛХИ

Терминология обозначающая понятия тайн бытия составляет отдельную группу словарей обозначающих теоретическо-практические и философские проблемы мистицизма. Она очень широко использована в произведениях Мавляна Джалаладдина Балхи и, в свою очередь, подразделяется на несколько словарно – смысловых подгрупп, которые и исследует автор в своей статье.

Ключевые слова: Мавляна Джалаладдина Балхи, словарей обозначающих теоретическо-практические и философские проблемы мистицизма, словарь, терминология обозначающая понятия тайнбытия, словарно – смысловые подгруппы.

THE TERMINOLOGY DENOTING THE MYSTERIES OF LIFE IN THE WORKS OF JALAL AD-DIN BALKHI MAWLANA

The terminology denoting the mysteries of life is a separate group of dictionaries representing the theoretical-practical and philosophical problems of mysticism. It is very widely used in the works of Jalal ad-DIN Balkhi Mevlana and, in turn, is divided into several lexico – semantic groups, which explores the author in his article.

Kev words: Maulana of Jalal ad-DIN Balkhi. dictionaries denoting theoretical-practical and philosophical problems of mysticism, dictionary, terminology denoting Tunebite, lexico – semantic subgroups.

Сведения об авторе: ***А. Амириоев*** – преподаватель Курган-Тюбинский государственный университет им. Н. Хусрава

ҲИДРОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСАРИ «СУРАТУЛАРЗ»-И ИБНИ ҲАВҚАЛ

Д. Р. Ҳомидов, Г. Х. Икромова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки осори зиёди таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабию бадеӣ дар хазинаи тамаддуни ҷаҳон маҳфузанд, ки аз онҳо рочеъ ба таъриху ҷуғрофиё ва фарҳангу тамаддуни халқамон маълумоти ҷолиб пайдо намудан мумкин аст. Яке аз ин асарҳо «Суратуларз»-и ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал мебошад ва ин асарро соли 977-и масеҳӣ, пас аз сафари мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ, Марказӣ ва Гана, инчунин ба Испаниё, Итолиё, Эрон, Ҳиндустон ва Моварои Қавқоз намудааш, ӯ бо унвони «Китобулмасолик вал мамолик» («Китоб оид ба роҳҳо ва мамлакатҳо») таълиф менамояд. Китоби мазкур бо номи китоби «Суратуларз» низ машҳур аст, ки мо дар ин гузориши илмӣ асарро бо ҳамин ном овардаем. Дар ин асар Ибни Ҳавқал ҳамчун яке аз нахустин ҷуғрофидонони араб мушоҳидаву мулоҳизаҳои худ ва маълумоти шоҳидонро мавриди таҳлилу баррасии хеш қарор додааст. Ин асар маълумоти муфассали ҷуғрофӣ ва мардумшиносии давлату кишварҳои Шарқи исломӣ, қисман қитъаи Аврупоро дар бар мегирад. Ӯ дар асарҳояш доир ба нимҷазираи Арабистон, халичи Форс, Испаниё, Миср, Сурия, Ирок, Эрон, Мовароуннаҳр ва Моварои Қавқоз маълумоти муфассал додааст. Маълумоти Ибни Ҳавқал рочеъ ба шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр - Самарқанд, Бухоро, Чоч, Хуҷанд, Ӯш, Тирмиз, Қубодиён, Кеш, Чағониён, Ахсикат, Ҳулбук, Бунҷикат, Фарғона, Хоразм, Истаравшан, Суғд, Бадахшон, Хатлон ва монанди инҳо, дорои аҳамияти бузурги илмию таърихӣ мебошад. Муаллифи асар ба сифати мулҳақот ба асари худ 20 харитаи ҷуғрофии дорои тасвири ноҳияву кишварҳоро тартиб додааст.

Тавре маълум аст, ки дар фасли сездаҳуми ин асари ҷуғрофиёӣ муаллиф доир ба сарзамини Мовароуннаҳр, ҳудуди ҷуғрофии он, остону вилоёт ва мардуми ин сарзамин, забону расму ойини эшон маълумоти ҷолибу диққатҷалбкунандаеро овардааст. Аз ҷумла, ӯ дар ин бобат чунин менигорад: «Мовароуннаҳр маҳдуд аст аз Машриқ ба Фомар (Помири кунунӣ – Ҳ. Д.) ва Рошт (Рашт ё Қаротегин- Ҳ. Д.) ва бахше аз ноҳияи Тароз, ки камонвор ба Воробу Сатканд, Суғду Самарқанд ва

навоҳии Бухоро то Хоразм кашида шуда, ба дарёчаи Хоразм мунтаҳо мешавад. Ва аз Шимол ба сарзамини туркони харлахӣ, ки аз дуртарин нуқтаи сарзамини Фарғона то Тароз ба хати мустақим кашида шудааст. Хоразму Хуттал дар Мовароуннаҳр ҳастанд, зеро Хуттал миёни рӯди Вахшобу Харбоб (Ҷарёб) қарор дорад ва рӯди Ҷайҳун, Харбоб ва навоҳии поинтар аз он ҷузъи Мовароуннаҳранд ва Хоразм, ки маркази он аст, пушти рӯд аст ва ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр наздиктар аз шаҳрҳои Хуросон мебошад ва ман ин суханро ба такрор гуфтаам» [19, 130]. Ё дар ҷойи дигар доир ба табиати ин сарзамин чунин меафзояд: «Мовароуннаҳр дар саросари дунё ба фарохии неъмату сафо ва хуррамӣ ва пурбаракат будан маъруф аст. Мардумони он ба некӣ роғиб ва дорои ҳадафи муқаддасанд. Ба зердастону бандагон бахшиш мекунанд ва дорои шавкату муноҷоту қувват ва далериву бузургворӣ ва донишу салоҳанд ва афроди бисёр ва созу барг доранд. Аммо фарохии неъмати он чунон аст, ки дар ҳамаи ақолиме, ки дар ин китоб зикр шудааст, қаҳтӣ рӯй медиҳад, вале Мовароуннаҳр ҳаргиз қаҳт намебинад. Ва агар гоҳе сармо ё гармо ё офате ба кишти он ҷо бирасад, аз навоҳии дигар ниёзмандиҳои мардуми он таъмин мешавад» [19, 133-134]. Боз поинтар рочеъ ба меҳмондории мардумони ин сарзамин мулоҳизаҳои ҷолиби диққатро менигорад: «Бисёр меҳмоннавозанд ва аз меҳмоне, ки шабона бад-онон ворид шавад, нохурсанд нестанд, балки аз вай пазироӣ мекунанд, бе он ки вайро бишносанд ё таваққуӣ подош дошта бошанд. Дар Мовароуннаҳр ҳар молику тавонгаре кӯшиш мекунад, ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсаройи бузург низ тартиб диҳад. Он гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазироӣ мекунад ва ҳангоме ки меҳмоне ба ноҳия ворид шавад, мардуми он ҷо дар пазироии ӯ ба якдигар пешӣ мечӯянд ва дар ин бора ба низоъ бармехезанд» [19, 135].

Мусаллам гашт, ки сарзамини Мовароуннаҳр аз нигоҳи дорои табиату манзараи дилкашу зебо доштан ва мардуми меҳмоннавозу саховатпеша будан, тавоҷҷуҳи оламиёнро аз даврони бостон ба худ ҷалб кардааст. Аз ин ҷиҳат, ба ин мавзеъ сафар кардан ва аз хислатҳои ҳамидаи инсонии мардуми ин сарзамин баҳрабардорӣ намудану онро таблиғу ташвиқ кардан аз дер боз ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин асари ҷуғрофиёии ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал низ, ҳамин ҷиҳатҳо бо далелу бурҳон оварда шудааст. Мо низ дар доираи ин гузориши илмӣ тасмим гирифтем, ки рочеъ ба номи дарёву чашмаҳои сарзамини Тоҷикистон, ки ҷузъи асосӣ ва ҷудонашавандаи Мовароуннаҳри таърихӣ мебошад, дар асоси маводи асари мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумоте чанд бидиҳем. Бояд гуфт, ки дар асар номи зиёди дарёву рӯд, чашмаву кӯл ва дигар мавзеъҳои ба об иртиботдоштаи сарзамини Тоҷикистон дида мешаванд, ки дар забоншиносӣ ин гурӯҳи номҳои ҷуғрофиро яке аз шохаи номшиносӣ (ономастика) топонимия ва ҷузъи таркибии он ҳидронимия мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ҳидронимия, тавре зикраш рафт, ҷузъи таркибии топонимика маҳсуб ёфта, маҷмӯи номи мавзеи ҷуғрофии бо об иртиботдоштаро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳад. Мафҳуми ҳидроним номи мавзеи ҷуғрофии ба об алоқаманд - дарё, баҳр, ҳавз, кӯл, чашма, шаршара, шаршар, чоҳ ва амсоли инҳоро меомӯзад. Баъзан дар илми ономастика (номшиносӣ) баҳри ифодаи таълимот доир ба тадқиқу таҳқиқи ҳидронимия истилоҳи «ҳидронимика» корбаст мегардад, ки аз луғати юнонии hidra - об, onumiya - ном гирифта шудааст, ки маънояш илм дар бораи номи мавзеъҳои обӣ аст.

Ҳидронимҳо дорои хусусиятҳои зиёди забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофианд. Шумораи умумии номҳои ба об алоқаманд ва ё ҳидронимҳо (аз калимаи юнонии hidro-«об»), тавассути мавҷудияти шаклу муродифоти зиёд аз худи шумораи мавзеъҳои обӣ зиёдтаранд. Як дарё ва ё баҳр дар тӯли таърих метавонад чандин маротиба номи худро табдилу тағйир диҳад [1, 25]. Дар асари мавриди тадқиқ қароргирифта чунин номи дарёҳои Тоҷикистон ва самти ҷоришавию чӣ гуна барои обёрӣ нақш доштани онҳо сабт ёфтаанд: Ба рӯди **Ҷайҳун** панҷ рӯд мерезад: нахустин **Боҳшуст**, ки миёни он рӯд ва рӯди дувум шаҳри **Форғар** ва миёни рӯди дувуму савум "Мунг"(Ховалинг ё Балҷувони имрӯза – Д. Ҳ.) ва "Ҳало руд" (Курғонтеппаи ҳозира – Д. Ҳ.) қарор дорад [19, 130]. **Амударё** аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои аму//ому ва дарё иборат аст. Мувофиқи навиштаҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур дар канори ҳамин рӯди бузург воқеъ будааст. Маънои луғавии вожаи ому//аму деҳаест дар канори дарёи лаболаб, ки далел аз бисёр доштани оби дарё мебошад [4, 68]. Номи қадимаи юнонии ин вожа дар сарчашмаҳои таърихӣ дар шакли Окс ва шакли арабиаш Ҷайҳун мебошад.

Ому тоҷикӣ ва аму шакли ифодаи туркии ому//омӯй//омул-и тоҷикӣ аст. …пас аз убур аз рӯди **Қабо** ноҳияти Ӯш ва пас аз убур аз рӯди дувум рӯди **Урсат** ва пас аз убур аз рӯди савум **Хурушоб** қарор дорад. Ва шояд ин номи **Хурушоб** бино ба қавли саҳеҳ **Ӯзканд** бошад [19, 132]. Бояд гуфт, ки **Ӯзканд** яке аз шохобҳои дарёи **Сир** имрӯз маъруф аст. **Хишироб** - номи мавзеъ ва дарё дар дараи Яғноби ноҳияи Айнӣ. Аз ҷузъҳои **хишират**-хунук, хушк ва **об** - дарё таркиб ёфтааст, ки маънояш оби дарёи хунук, сард аст. Риштаи аслии рӯди **Ҷайҳун** рӯди **Харбоб (Ҷариоб)** аст, ки аз билоди Вахон дар ҳудуди Бадахшон берун меояд ва дар ҳудуди Хутталу Вахш рӯдҳое бад - он мепайванданд ва рӯди бузурги мазкур ташкил мешавад. Аз ҷумлаи ин рӯдҳо рӯди **Вахашво** дар пушти **Харбоб** (Ҷариоб) аст, ки наҳри **Ҳулбук** номида мешавад ва пас аз он рӯди **Бурбон** ва савум рӯди **Форғар** ва чаҳорум рӯди **Андичорағ** ва панҷум рӯди

Вахшоб, ки аз ҳама пуробтар аст, мебошад [19, 144]. **Сурхоб -** номи дарё дар мавзеи Рашт. Аз ҷузъҳои сурх - гулгун, қирмизранг, ба ранги хун ва **об** - дарё иборат аст. Маънои луғавии ин топоним бо ранги сатҳизаминии соҳилҳои дарё вобаста аст, ки хоку гили он сурхранг буда, ба дарё ранги сурхчатоб бахшидааст. Номи дигари ин дарё Камароб аст. Ғайр аз ин, номи дигари ин дарё Рашгруд аст, ки ҷузъи аввал мансуб ба номи мавзеи Рашт мебошад [6, 112].

Хингоб - номи дарё дар минтақаи Рашгзамин. Ин вожа аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **хинг**-асп, аспи сафеду хокистарранг ва **об**-дарё таркиб ёфтааст. Ба ҳамин маъно, ҷузъи хинг дар забони адабиёти классикӣ хеле фаровон корбаст гардида, дар гӯйиши маҳаллӣ ба маънои хира, тира корбаст мегардад [13, 602]. Пас, маънои луғавии дарёи Хингоб дарёе, ки обаш тира, хира буда, ба дарёи Вахш ҷоришаванда аст. Ин дарё дар қисмати ҷанубӣ-шарқии Тоҷикистон воқеъ гардида, аз пиряхҳои кӯҳии азимҷусса маншаъ мегирад.

Хуталоб - номи дарёи Ёхсу дар шаҳри Кӯлоб. Ин топоним дар айни ҳол шакли Кӯлобро гирифтааст. Аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои хутал, об таркиб ёфтааст ва ҳар ду ҷузъ тоҷикист.

Ҳамин тариқ, дар ин асари ҷуғрофӣ дар маҷмӯъ чунин ҳидронимҳо ё номи мавзеъҳое, ки марбути обанд ва дар ҳудуди Тоҷикистон воқеанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд: наҳри Суғд - номи қадима ва номи дигари Сир ё Сайҳун, ки дар вилояти таърихии Суғд ҷорӣ буд ва ин ном ҳоло шакли Норинро гирифта, яке аз шохобҳои асосии дарёи Сир маҳсуб меёбад.

Муаллифи асар дар ин бобат чунин меафзояд: «Ҳамаи ин наҳрҳо аз рӯди Суғд муншаъаб мешаванд ва бозмондаи рӯди Суғд дар наҳри Зар мерезад ва ҳамин наҳри Зар аст, ки рабази Бухороро обшор месозад» [19, 156].

Маънои луғавии вожаи **Вахш** аз домани **Вахш//Охшо//Оахшо** – номи дарё, водӣ, қаторкӯҳ, ноҳия, деҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар шакли Охшо, Оахшо номи олиҳаи обу обёрӣ дар тасаввури Бохтариёни қадим мебошад. Яқин аст, ки аз калимаи «вахшу»-и порсии қадим баромадааст. Дар забони авастоӣ ва дар китоби «Авасто» вахш истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш «сухани гуфташуда» аст, дар забони суғдӣ бо «логос» - и юнонӣ (мафҳум, сухан, гуфтор) ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ Вахш ба маънои «рӯҳ» истифода шуда, баъзан «оби ҷорӣ»-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «Вахшу» номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги **Оксус** ном мебурданд. Дар катибаи рӯйи санге, ки дар осорхонаи Калкатта маҳфуз аст, Вахш Худои яккаву ягона номида мешавад. Дарёи Вахш дар ҷанубу ғарби Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, шохоби рости дарёи Аму мебошад. Дарозиаш 524 км (бо дарёи Сурхоб), масоҳати ҳавзааш 39100 км буда, қисми зиёди ҳавза дар ҳудуди силсилаи қаторкӯҳҳои Помиру Олой воқеъ аст. Дарёи Вахш аз якшавии дарёҳои Қизилсую Муғсу ба вуҷуд меояд, ки бо номи дарёи Сурхоб ба ғарб ҷорӣ мешавад, баъди ҳамроҳ шудани дарёи Хингоб (аз чап) дарёи Вахш ном мегирад ва ба ҷанубу ғарб равон мегардад.

Сафедоб - номи дарё дар минтақаи Кӯлоб ва дар ноҳияи Китоб. Ин топоним аз ҷузъҳои **сафед**-ранг ва **об**- дарё таркиб ёфта, ба маънои дарёе, ки обаш соф аст, далолат мекунад. Аз нигоҳи сохт мураккаб буда, ҳар ду ҷузъ мутааллиқи забони тоҷикӣ аст.

Сароб - номи шохоби дарёи Сурхоб. Ин ҳидроним аз ҷузъҳои **сар**-оғоз, ибтидо ва **об -** дарё иборат аст, ки маъноаш оғози дарё мебошад. Антоними ин топоним поёноб аст.

Сайроб - номи мавзеъ ва дарёча дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхандарё. Аз ҷузъҳои **сайр** - гардиш, гашту гузор, ҳаракат ва **об-** дарё ба ҳаракат меояд, мебошад. Муҳити ҷуғрофии ин мавзеъ ба номи мавзеъ мувофиқ аст ва дар ин деҳа тоҷикон зиндагӣ доранд. Номи мавзеъ мансуби забони тоҷикӣ аст.Ҷузъи **сайр** арабӣ буда, бо илова шудани **об** калимаи тоҷикӣ сохта шудааст.

Яғноб - номи мавзеъ, дара ва шохоби дарёи Зарафшон дар ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Калимаи мазкур аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **яғд**-и суғдӣ ба маънои васеъ ва **нов**-дара таркиб ёфтааст, ки ба маънои дараи васеъ далолат мекунад. Ин шарҳи вожа ба муҳити ҷуғрофии Яғноб мувофиқат мекунад [7, 28].

Осруд- чун гидроним вожаи хеле қадимаи забони тоҷикӣ мебошад ва дар қадим маънои «олиҳаи об» Худо, фариштаи обро дошт. Зеро ҷузъи **ос** бо калимаҳои **ёхсу//йохс** умумият дорад ва дар замони қадим рӯд, маънои об, дарёеро медод [2, 110]. Ғайр аз ин, ҷузъи **ос** дар забонамон ба маънои сафедӣ низ меояд ва аз ин ҷузъ вожаи осиё созмон ёфтааст. Маънои дигари луғавии калимаи **Осрӯд//Асрӯд** дарёе мебошад, ки аз назди осиё мегузарад. Ҳамин сафедиро ба инобат гирифта дертар ин номи дарё гунаи туркӣ пайдо намуд ва Осрӯд ба Оқсув табдил ёфт. Дар айни замон низ ин дарё ба ҳамин ном ёд мешавад. Ба номи **Оқсув//Оқсу** дар минтақаи Осиёи Миёна дарёву кӯлҳои бисёре ёд мешаванд. Таърихан ин вожа ба қавли топонимшинос Ҷ. Алимӣ, вожаи туркӣ набуда, дар забонамон тибқи навиштаҳои асари хаттии чинӣ дар давраи қадим дар шаклҳои **Уху, Ху-Ху-Шу, Бу-ху, По-тсу, фо-сту** зикр гардидаанд, ки бо номҳои мазкур муқоисашаванда буда, аз як решаи умумиэронӣ сарчашма гирифта, маънои «олиҳаи об» (Худо, фариштаи обҳо)-ро дорад. Дар китоби муқаддаси «Авасто» яшти 5 ба олиҳаи обҳо (Ардвсиура, Аноҳита) бахшида шудааст ва «Ардвсиура» Яшт ё «Обон-яшт» ном

дорад. Олиҳаи обҳо дар Яшти мазкур ба ду сурат, ба шакли рӯди бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва бахрҳои дунё аст ва сипас тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст [2, 110; 7, 48].

Ҳамин тавр, аз нигоштаи фишурда маълум мегардад, ки дар асари гаронмояи «Суратуларз»- и Ибни Ҳавқал роҷеъ ба ҳидронимҳои мавзеъҳои Мовароуннаҳр маълумоти аҷибу дақиқ ва муфид зикр гардидааст, ки ин маълумоти муаллифи асар оварда, аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Аввалан, маълумоти овардаи ӯ роҷеъ ба номҳои мавзеъҳои таърихии ба ҳидронимҳо мансуб буда, барои харитасозону номшиносон чун сарчашмаи боэътимод хидмат хоҳад кард. Сониян, ин маълумотро муаррихону ҷуғрофиёдонон ҷиҳати муайян кардани ҳудуди таърихии номҳои ҷуғрофӣ истифода хоҳанд намуд. Савум, ин номҳои ҷуғрофии марбути мавзеъҳои об аз нигоҳи мансубият бештар мутааллиқи забонҳои эронӣ, бахусус суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва тоҷикиву забонҳои помирӣ буда, ин номҳо гувоҳи онанд, ки халқу қавмҳои эронӣ дар ин сарзамин бумӣ мебошанд, яъне аз азал иқомату зиндагӣ доранд ва он иддаое, ки гӯё халқи тоҷик аз халқҳои омада бошанд, ғайри воқеианд.

АДАБИЁТ

1. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. - Душанбе: Адиб, 2010. - 461 с.
2. С. Айнӣ. Куллиёт. - Ҷ.11 / С. Айнӣ. – Душанбе, 1965. - С. 82-110 .
3. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1995. - 198 с.
4. Алимӣ Ҷ. Мавзеънномаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 2008. - 46 с.
5. Алимӣ Ҷ. Топонимика / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 1996. - 42 с.
6. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар / А. Девонақулов. - Душанбе: Ирфон, 1989. - С.4-25.
7. Исмоилов Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1994. – 28 с.
8. Лившис В. А. Согдийские слова в таджикском языке / В. А. Лившис. – Душанбе, 1967. - 68 с.
9. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик / Олимҷони Муҳаммадҷон. - Душанбе, 2004. - 68 с.
10. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон / Н. Офаридаев. - Душанбе, 2001. - 125 с.
11. Тоҷиев Д. Т. Осори мунтахаб / Д. Т. Тоҷиев. - Душанбе, 2006. - С. 132.
12. Тӯраев Б. Забон-рукни тоат / Б. Тӯраев. - Душанбе, 2004. - С. 36.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: СЭ, 1969. - Ҷ.1. - 908 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: СЭ, 1969. - Ҷ.2. - 910 с.
15. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджи-кистана / А. Хромов. - Душанбе, 1978. - С. 39.
16. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2002. - 104 с.
17. Ҳомидов Д. Сарнавишти вожаҳо / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2008. - 146 с.
18. Ҳомидов Д. Корбасти гидронимҳо дар асари “Таърихи ҳумоюн” – и Гулшанӣ / Д. Ҳомидов // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2010. - № 7. - С. 44-46.
19. Ибни Ҳавқал. Суратуларз / Ибни Ҳавқал. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 130, 132, 133-134, 135, 144, 156.

ҲИДРОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСАРИ«СУРАТУЛАРЗ»-И ИБНИ ҲАВҚАЛ

Дар мақолаи мазкур асари гаронмояи «Суратуларз»-и Ибни Ҳавқал аз нигоҳи корбасти гидронимҳои мавзеъҳои Мовароуннаҳр мавриди баррасӣ қарор мегирад ва муаллифон дар ин бобат мисолҳои зиёдро аз асар оварда, аз нигоҳи маъно ва сохтор таҳлил намудаанд, ки аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққатанд.

Калидвожаҳо: гидронимҳо, истифодабарии гидронимҳо, хидронимҳои Тоҷикистон, маъно ва сохтори калима, асари гаронмояи «Суратуларз»-и Ибни Ҳавқал

ГИДРОНОМЫ ТАДЖИКИСТАНА В ПРОИЗВЕДЕНИИ ИБН ХАВКАЛА «СУЛАТУЛАРЗ»

В настоящей статье на основе изучения бесценного произведения ибн Хавкала «Суратуларз» рассматриваются гидронимы с точки зрения изученности местности Мовароуннахра.

Авторы по этому поводу приводят большое количество примеров, из произведения которые привлекают внимание читателей.

Ключевые слова: гидронимы, использование гидронимов, хидронимы Таджикистана, смысл и структура слова, бесценное произведение ибн Хавкала «Суратуларз».

HYDRONIMS OF TAJIKISTAN IN IBN HAWGALS WORK ‘ SURAT – AL – ARZ ‘ (The Shape of the Earth)

Srom the point of view of Central Ayias hydronims usage, and the authars picked up a number of examples according to this problem and analyzed them from the point of view of their semantic and structural formation, which are verv attractable from several aspects.

Kev words: hydronyms, the use of hydronyms, hydronymy of Tajikistan, the meaning and structure of words, a priceless work of Ibn was Haskala "Curators"

Сведения об авторах: ***Д. Р. Хомидов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджиксого национального университета

Г. Х. Икромова – соискатель кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета.

Телефон: **(+992) 935-83-66-92**

НАЗАРЕ БА ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶАИ ВАХЁЙ-ҚАРОТЕГИНӢ

О. Борунов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шевашиноси маъруф В. С. Расторгуева соли 1960 дар кунгураи байналмилалии шарқшиносон бо маърӯзаи « Опыт класификации таджикских говоров» баромад намуд, ки матни он дар шакли як китобчаи хеле хурд ба таври алоҳида худи ҳамон сол ба табъ расид. Ин китобча баъдтар соли 1964 дар китоби ӯ « Опыт сравнительного изучения тадикских говоров» ба сифати як боби ҷудогона ҷо дода шуд [10, 154-162]. Дар ин боб ӯ шеваҳои забони тоҷикиро ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст, ки яке аз онҳо шеваи ҷанубӣ мебошад. Муҳаққиқ хусусиятҳои дохилии ҳар як шеваро дар асоси тафовутҳои овозӣ ва қисман шаклҳои феълӣ ба инобат гирифта, дар ин замина шохаҳои лаҳҷавии онҳоро низ муайян намудааст. Ӯ мегӯяд: «Ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо боз ба шохаҳои калони лаҳҷавӣ ва шохаҳои калон, дар навбати худ, ба шохаҳои хурди лаҳҷавӣ ва зерлаҳҷаҳо ҷудо мешаванд» [10, 157]. Ин аст, ки дар дохили шеваи ҷанубӣ панҷ гурӯҳи лаҳҷаҳоро аз ҳам ҷудо намудааст. Инак, лаҳҷаи қаротегинӣ аз ҷумлаи онҳост.

Лаҳҷаи қаротегинӣ дар як ареали васеи ҷуғрофӣ- дар ду соҳили дарёҳои Сурхобу Хингоб ва рӯди азими Вахш то мавзеи сохтмони НОБ-и Роғун интишор ёфтааст. Албатта, вақте ки лаҳҷа дар чунин як ҳавзаи фарохи ҷуғрофӣ густариш меёбад, табиист, ки дар нутқи сокинони маҳалҳои алоҳидаи он кам ё беш тафовути фонетикӣ ва ё лексикию грамматикӣ, баъзан ҳам ину ҳам он ба амал меояд. В. С. Расторгуева ҳамин гуна фарқиятро дар нутқи аҳолии ду тарафи дарёи Сурхоб эҳсос карда, ба хулосае омад, ки дар ин минтақа на як лаҳҷа, балки ду лаҳҷаи мустақил амал мекунанд. Аз ин хотир, лаҳҷаи мазкурро боз ба ду зергурӯҳ тасниф кард: а) лаҳҷаи қаротегинӣ, ё худ лаҳҷаи қаротегинии соҳили рост; б) лаҳҷаи вахиёй-қаротегинӣ, ё лаҳҷаи қаротегинии соҳили чап (ҳавзаи поёноби дарёи Хингоб), ки аз деҳаи Тавилдара то мавзеи бо ҳам омадани дарёҳои Сурхобу Хингоб (ноҳияи Нуробод-О. Б.)-ро фаро мегирад [10, 161]. Муаллиф оид ба умумияту фарқияти ин ду шохаи лаҳҷавии шеваи ҷанубӣ далелҳои фаровон дорад ва дар асоси он далелҳо баъзе фарқиятҳои дохилии онҳоро нишон додааст [10, 161], ки он фарқиятҳоро маводи андӯхтаи мо низ тасдиқ мекунад. Аммо чун ин мавзӯъ мавриди баҳси дигар қарор хоҳад гирифт, алҳол дар ин мақола аз ин беш дар ин хусус чизе нагуфта, танҳо ба тадқиқи баъзе хусусиятҳои лексикаи лаҳҷаи вахёй-қаротегинӣ дар мисоли калимаҳои арабӣ машғул мешавем.

Аз адабиёти илмӣ бармеояд, ки лаҳҷаи қаротегинӣ (соҳили рости дарёи Сурхоб) нисбат ба лаҳҷаи вахиёй-қаротегинӣ (соҳили чапи Сурхоб) бештар омӯхта шудааст. Инро метавон аз рисолаҳои А. З. Розенфельд «Говоры Каратегина» [12] ва Исмоилов Ш. «Лексика каратегинского говора» [4] ба қиёс гирифт. Лекин оид ба лаҳҷаи вахиёй-қаротегинӣ ба ҷуз мақолаҳои Н. Кисляков «Описание говора таджиков Вахё-боло» [5, 24-59] ва Р. Саидов «Баъзе хусусиятҳои лексикаи шеваи Шехои Вахёи Боло» [13, 108-118] чизи дигаре дар даст надорем.

Таркиби луғавии лаҳҷаи вахёй-қаротегинӣ ниҳоят бой ва гуногунранг аст. Ин гуногунрангӣ дар қабатҳои гуногуни калимаҳо, гурӯҳҳои мавзӯӣ ва семантикии вожаҳо, муносибати воҳидҳои луғавӣ ба забонҳои алоҳида, қолабҳои калимасозӣ, васоити калимасоз ва ғайра ба назар мерасад.

Як бахши калони луғати лаҳҷаи мазкурро вожаҳои ба истилоҳ иқтибосӣ ташкил медиҳанд, ки миёни онҳо иқтибосоти арабӣ мавқеи калон доранд.

Калимаҳои арабӣ аз асрҳои VII-VIII сар карда, ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он дохил шудан гирифтанд. Ин раванди таърихӣ вобаста ба ҳодисаи хуҷуми араб ба Осиёи Миёна ва ба ҳайати хилофат дохил гардидани ин марзи ҷуғрофӣ ба амал омад. Дар натиҷаи ин ҳодиса сели калимаҳои арабӣ ба лексикаи забони тоҷикӣ ворид гардида, дар он як таҳаввулоти азим ба вуҷуд овард. Н. Маъсумӣ дар ин бобат чунин мегӯяд: «Таҳйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ мебошад, ки ин на танҳо ба воқеаи таърихии дар асрҳои VII-VIII рӯйдодагӣ вобаста аст, балки протсесси дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми даврaҳои тореволютсионии мардуми Осиёи Миёна давом дошт. Ин масъала таърихан ба воқеаи Осиёи Миёна ва Эронро истило кардани арабҳо ва баъд аз он дар мамлакат афзудани нуфузи дину забони арабӣ алоқаманд аст» [8, 131].

Калимаҳои арабӣ ба лексикаи лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ бо чанд роҳ ворид гардидаанд, ки баъзе аз онҳоро ба таври зерин номбар кардан мумкин аст:

1. Ҷорӣ гардидани дини ислом дар ин ҳавзаи ҷуғрофӣ ва ба ҷо овардани қоидаҳои динӣ аз ҷониби мардуми маҳаллӣ. Бо ин роҳ асосан калимаҳое дохил шудаанд, ки онҳо ба соҳаҳои гуногуни дин, адои урфу одати динӣ, супоришҳои динӣ, маросимҳои динӣ дахл доранд. Истифодаи аксарияти ин навъи калимаҳо дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ, монанд ба забони адабии тоҷик сурат мегирад. Аммо дар баробари ин, баъзе аз онҳо тибқи қонунҳои дохилии худи лаҳҷаи мазкур ба тағйироти фонетикӣ ё лексикӣ гирифтор мегарданд.

2. Таҳсили толибилмони маҳаллӣ дар мадрасаҳои Бухорову Самарқанд ва муносибату муошарати онҳо бо ҳомиёни дину мазҳабҳои исломӣ.

3. Таъсири забони адабии тоҷик ба лаҳҷаи мазкур, ки дар забони адабӣ иқтибосоти забони арабӣ ниҳоят фаровон аст.

4. Дар муддати ду аср (а. VII-IX) дар Мовароуннаҳру Хуросон на танҳо ба сифати забони дин, балки ба ҳайси забони илму фарҳанг амал кардани забони арабӣ.

Калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ нахуст дар шакли гуфтугӯйӣ амал карда, пас аз он оҳиста-оҳиста ба забони адабии хаттӣ роҳ ёфтанд ва ба ин восита дар як давраи муайяни таърихӣ қариб тамоми паҳлуҳои фаъолияти мардуми тоҷикро фаро гирифтанд. Бинобар он, тадқиқи ҳамаҷонибаи ин гурӯҳи вожаҳо дар бобати дақиқ муайян намудани марҳилаҳои аввали рушди забони ҳозираи тоҷик аҳамияти калон пайдо мекунад. Вале бояд иқрор шуд, ки оид ба ин масъала дар забоншиносии тоҷик ба ҷуз асари Т. Бердиева, ки он дар асоси маводи матбуоти солҳои 20-уми асри XX иншо ёфтааст, чизи дигаре камтар ба назар мерасад [1].

Калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҷой ва мавридҳои махсуси истеъмоли худро доранд. Ба таври дигар, лаҳҷаҳо дар ин бобат аз забони адабии тоҷик як андоза фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, баррасии калимаву истилоҳоти арабӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои алоҳида ва ба ин восита муайян намудани умумияту фарқияти лаҳҷаҳо аз забони адабӣ дар ин бобат дорои аҳамияти калон аст. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта Т. Мақсудов, Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷураев, Ш. Исмоилов дар доираи солҳои 70-80-уми асри XX ин мавзӯъро аз рӯйи маводи лаҳҷаҳои Исфара, водии Рашт ва умуман шеваи ҷанубӣ каму беш мавриди омӯзиш қарор доданд [6, 55-60; 9, 276-283; 3, 28-31]. Баъдан дар ибтидои асри XXI ба ин масъала дар асоси маводи лаҳҷаи Мастчоҳ Ф. Убайдов ва зимни маводи лаҳҷаи Конибодом Р. Сангинова даст заданд [15, 114-146; 14, 14-16].

Калимаву истилоҳоти арабӣ, ки мо аз лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ гирдоварӣ намудем, аз нигоҳи теъдод хеле зиёданд. Онҳо ба таркиби луғавии лаҳҷаи мазкур нисбат ба дигар унсурҳои иқтибосӣ барвақттар роҳ ёфта, рафта-рафта дар истеъмоли соҳибони лаҳҷа мавқеи устувор пайдо карданд. Ба хусусияти қадимӣ доштани иқтибосоти арабӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ В. С. Расторгуева ҳанӯз аввали солҳои 60-уми асри XX ишора карда, чунин гуфта буд: «Қабати нисбатан қадимаи лексикаи иқтибосиро калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Ин навъи вожаҳо дар ҳама лаҳҷаҳо ба назар мерасанд, ки бисёре аз онҳо ба фонди луғавии забони умумитоҷикӣ раҳ ёфтаанд» [10, 151].

Маълум аст, ки лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳамчун воситаи муошарати як гурӯҳи нисбатан хурди аҳолӣ дар марзҳои алоҳидаи ҷуғрофӣ иқтидори зиёд доранд ва як қисм калимаҳоро хоҳ худӣ бошанд, хоҳ иқтибосӣ, ба меъёрҳои фонетикиву грамматикии худ мутобиқ месозанд. Ҳатто иддае аз онҳоро ба тағйироти маъноӣ гирифтор менамоянд. Ҳамин ҳодисаро дар унсурҳои иқтибосии арабӣ, ки аз лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ ба даст овардаем, низ дидан мумкин аст. Аммо дар ин мақолаи ҳаҷман хурд тамоми паҳлуҳои ин масъаларо фаро нагирифта, танҳо ба тадқиқи он иқтибосҳое машғул мешавем, ки дар лаҳҷаи мазкур ба тағйироти маъноӣ гирифтор гардидаанд, аз қабили **таҳсин(تحسين),** ки маънои он дар асл «таъриф, офарин, офарин гуфтан» бошад ҳам, дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ дар мафҳуми «водор кардан, майлу хоҳиш доштан» кор фармуда мешавад. Ё худ мегирем вожаи **тазкира ه(تذكر)**-ро, ки маънии адабии он ба ҳама маълум аст, аммо дар лаҳҷаи мазкур ба маънии «такрор кардан, ёдоварӣ намудан» истеъмол меёбад.

Дар ҳақиқат, ин гуна калимаҳо дар ин лаҳҷа хеле зиёданд, ки баъзе аз онҳо дар тӯли таърих на як, балки чандин маънию тобишҳои дигари маъноӣ пайдо кардаанд. Дар мавриде метавонем аз маъниҳои нахустину иловагӣ-лаҳҷавии онҳо натиҷаи дуруст ба даст оварем, ки маводи ҷамънамударо

дар муқоисаву муқобила бо луғатҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Ба ин маънӣ Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармояд, ки «Масъалаҳои забонро бе омӯзиши дақиқи илмӣ ва таҳқиқи даврaҳои таърихии он дар асоси осори хаттӣ наметавон ба таври дуруст ҳаллу фасл кард» [18]. Ин ишора бар он аст, ки забонҳои дунё ҳамеша дар иртибот бо ҳамдигар инкишоф меёбанд ва дар ҷаҳон забон ё лаҳҷаеро наметавон пайдо кард, ки аз забон ва лаҳҷаҳои дигар таъсир нагирифта бошад. Дар ин бобат Н. М. Шанский чунин менависад: «Дар рӯйи замин чунин як забоне вуҷуд надорад, ки вай тамоман аз таъсири забонҳои дигар озод бошад, чунон ки ягон халқи эҷодкор ва соҳиби забон наметавонад тамоман ҷудо ва дур аз дигар халқҳо зиндагӣ ба сар барад» [17, 87]. Маҳз ана ҳамин ҷиҳати масъала тақозо менамояд, ки он қабати калимаҳои арабиро, ки имрӯз дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ хусусияти маҳаллӣ пайдо карданд ва ҳамчун диалектизми семантикӣ шинохта мешаванд, дар қиёс бо луғатҳои тафсирӣ ба риштаи таҳқиқ кашем. Таваҷҷуҳ мекунем ба калимаҳои **фақир, манзил, қалам, ғурбат, тал, мадор, саҳна, толеъ** ва амсоли инҳо, ки дар забони адабии тоҷик бо ҳамон маъноҳои маъмули худ хеле фаровон ба кор мераванд, вале дар муоширати соҳибони лаҳҷаи мазкур онҳо маънии лаҳҷавӣ гирифтаанд. Аз маънии решагии ин воҳидҳои луғавӣ танҳо ашхосе огоҳӣ дорад, ки соҳиби маълумоти кофӣ аст.

Вожаи **фақир (فقير)** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) «бечора, бенаво, камбағал» маънидод карда шудааст [19, 428], ки ин маъно дар забони муосири тоҷик ҳам роиҷ аст. Аммо дар лаҳҷаи мазкур **фақир** на дар маънои боло, балки ба маънои «сатил» кор фармуда мешавад:

Бъра (бирав) да(р) **фақир** ow бийор (Хур).

Синоними он дар лаҳҷаи қаротегинӣ диалектизми **чалак** мебошад.

Диалектизми **фақир** дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ бо пасванди**-ча** омада, шакли **фақирча** ҳам дорад, ки **фақирча** маънои «сатилча, сатили хурд»-ро ифода мекунад:

Фақирча пъри руған-ай (Хур).

Маънии луғавии калимаи **манзил (منزل)** дар луғат ба таври зерин дода шудааст: «работе, ки дар масофаи муайяни роҳ барои дамгирии корвониён бино карда мешуд, истгоҳ, ҷойи дамгирии мусофирон. . .» [19, 632]. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик вожаи мазкур ба маънии «хона, иқоматгоҳ, ҷойи зист» мунтазам ба кор меравад. Вале дар лаҳҷаи мазкур ин воҳиди луғавӣ танҳо дар маънии «гӯр, қабр, қабристон» истеъмол меёбад:

Сари **манзили** аво-ш рафтай (Гулрез).

Дар ин мисол маънии лаҳҷавии **манзил** бо маънои аслии он алоқамандӣ дорад, зеро қабр ҳам мисли **работ** ҷой, макон аст. Яъне, ҳар ду аз гурӯҳи исмҳое мебошанд, ки дар ифодаи макон истеъмол меёбанд. Лекин аз он ҷиҳат, ки яке (работ) ба ашхоси зиндаву дигаре (қабр, гӯр) ба мардуми фавтида иртибот мегирад, то ҷое аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷониби дигар, вожаи **манзил** дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ танҳо дар ҳамон мафҳуми лаҳҷавияш ба кор меравад, ки дар ин мавриди ҳамчун диалектизми семантикӣ намудор мегардад.

Калимаи **толеъ (طالع)** ҳам дар лаҳҷа ҳамин гуна хусусият дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ин воҳиди луғавӣ ба маънии «тулӯъкунанда, бароянда» зикр ёфтааст [19, 371]. Аммо, вақте ки вожаи мазкур ба таркиби луғавии лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ ворид гардид, лаҳҷаи номбурда онро дар асоси қоидаҳои дохилии худ ҳазм намуда, ба тағйироти маъноӣ гирофтор кард. Акнун соҳибони лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ воҳиди луғавии **толеъро** на ба маънии боло, балки ба маънии «бахту саодат» кор мефармоянд:

И(н) бечора **толеъ** надоштаст, ҳар руз шу-ш лат-ъш мекъна (Нушор).

Бояд қайд кард, ки калимаҳои иқтибосӣ баробари ҳазм гардиданашон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба меъёрҳои калимасозии онҳо низ мутобиқ мешаванд ва мебинед, ки тавассути пешванду пасвандҳои тоҷикӣ шакли сохта пайдо мекунанд ва ё бо унсурҳои тоҷикӣ дар як таркиб ҷо гирифта, навъи калимаҳои мураккабро ба вуҷуд меоранд. Калимаи **толеъ** дар лаҳҷаи мазкур ба ҳамин ҳодиса гирифтор гардида, дар як маврид ба воситаи пешванди **бе**-дар шакли **бетолеъ (бебахт, бахтбаргашта)** қолаби сохта пайдо карда бошад, дар мавриди дигар бо калимаи тоҷикии **хуш** алоқа баста, вожаи мураккабсохти **хушполеъро** ба вуҷуд овардааст, ки бо воҳиди луғавии **бетолеъ** дар мавқеи антонимӣ қарор мегирад:

Ҳами(н) фарзанд **хъшполеъ** боша(д), зиқ нъмешай, агар **бетолеъ** боша(д), чи ко (р) каҳанга нъмедунӣ (Сари пул).

Воҳиди луғавии **мадор (مـد ا ر)**, ки дар луғат ба маънои «маркази гардиш, меҳвар, нуқта ё хате, ки дар атрофи он гардиш ба амал меояд» ва боз чанд маънои дигари мачозӣ оварда шудааст [19, 619], дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ маъмулан дар мафҳуми «қувват, тавон, зӯр, дармон» истеъмол меёбад. Мураттибони луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ ба ҳамин маъни роич будани онро дар лаҳҷаи мазкур қайд кардаанд [16, 430]:

Касал-ай, **мадори** гап заҳан надора(д) (Шулонак).

Гуфтан лозим аст, ки калимаи иқтибосии **мадор** дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ аз унсурҳои сермаъност ва ба ҷуз маънои боло, боз ба маънии «андак, каме, қадре», инчунин «вақти, ҳангоми» ва амсоли инҳо ҳам кор фармуда мешавад. Ин рӯйдод, албатта, тасодуфӣ нест, балки ба ҳамон ҳодисаи азхудшавии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ин лаҳҷа вобастагӣ дорад. Зеро, вақте ки калимаи як забон ба забони дигар, ё лаҳҷаҳои он ворид мегардад, табиист, ки ба ҳама қоидаҳои маъмули ҳамон забон, ё лаҳҷа мутобиқ шуда, аз рӯйи ҳамон қонуну қоидаҳои дохили он амал мекунад. Ҳамин гуна тақдири таърихӣ зимни азхудшавӣ дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ ба сари вожаи арабии **мадор** бор гардид. Раванди сермаъноиро аз сар гузаронидани **мадор** дар ин лаҳҷа ва дар маъниҳои «каме, андак, қадре», «вақти, ҳангоми» ба кор рафтани он дар муоширати соҳибони лаҳҷаи мазкур дар ҳамин асос ба амал омадааст:

Бъра, **мадоре** кор къ(н), бас-ай, бо(з) бъгард бийо (Хипшон)

Мадори рафтан шид, мън-а хawар къ(н) (Гулрез).

Ҳамин ҳодисаро дар калимаи **талл (طـل)** ҳам, ки аз нигоҳи баромад арабист, метавон ба мушоҳида гирифт. Вожаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) дар шакли **тал(л)** бо маъниҳои «пушта, теппа, кӯҳи паст, тӯдаи хоку рег»; «шабнам», «борони реза» оварда шудааст [19, 310]. Аммо вақте ки ин калимаро аз лексикаи лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ пайдо карда, ба тадқиқ гирифтем, маълум гардид, ки вай дар лаҳҷаи мазкур дар ду мафҳуми дигар, ки аз маъниҳои боло фарқ мекунанд, кор фармуда мешавад. Инак, он маъноҳо: а) «ҳар чизи болои ҳам бо тартиб чидашуда» (за қабили кӯрпаю болишт, ҳезум, матоъ»; б) «лойи нарми соҳили дарё, ки пойи инсон дар он меғӯтад».

Агар чуқуртар назар андозем, мебинем, ки байни маънии якуми лаҳҷавии он бо маънои дар луғат додашуда як андоза умумият ҷой дорад, ки ин зимни ҳодисаи сермаъноии калима - дар натиҷаи қиёс, ё шабоҳати ашёи болои якдигар гузошташуда бо теппа, тӯдаи регу гил ба амал омадааст. Лекин маънии дуюми лаҳҷавии он аз инҳо хеле дур аст.

Ба ин монанд, воҳидҳои луғавии **қотил**, **латифа**, **хазина**, **мақом** ва амсоли инҳо низ дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ аз қабили диалектизмҳои лексикӣ-семантикӣ ҳисоб меёбанд. Зеро онҳо дар нутқи намояндагони лаҳҷаи мазкур на ба он маъниҳое, ки дар забони адабии тоҷик доранд, балки ба маънии хосси лаҳҷа истеъмол меёбанд. Доираи маънои лаҳҷавии онҳо васеъ нест ва аз ҳудуди интишори лаҳҷаи ҷанубӣ берун рафта наметавонанд. Аз ҳамин ҷиҳат ин калимаҳо хусусияти лаҳҷавӣ пайдо карда, ба гурӯҳи диалектизмҳои лексикӣ-семантикӣ дохил мегарданд. Барои мисол вожаи **қотил (قـا تـل)**-ро мегирем, ки аз решаи **қатл** рӯйидааст. Калимаи арабии **қотил** фоил, яъне исми шахс аст ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) «қатлкунанда, кушанда, он кӣ мавҷуди зиндаро мекушад» маънӣ карда шудааст [19, 701]. Аммо дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ **қотил** хусусияти сифатӣ касб карда, ба маънои «қобил, кордон, моҳир, гулдаст, бемонанд» кор фармуда мешавад. Мураттибони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (2012) низ дар ҳамин маъно маъмул будани онро дар ин лаҳҷаҳо зикр кардаанд [16, 393].

Шариф устои хуб-ай, да(р) лойъ девол **қотил**-ай (Сари пул).

Воҳиди луғавии **латифа (لـطـيـفـه)** дар луғат ба маънои «шӯхӣ, базла, мутоиба, сухани бозарофат» оварда шудааст [19, 549]. Дар ҳақиқат, калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст ва моҳиятан маънои суханеро мефаҳмонад, ки ниҳоят нозук ва мухтасару пурмаъно бошад. Аммо чун лаҳҷаҳои маҳаллӣ қонуну қоида ва меъёрҳои дохилии худро доранд ва баъзе калимаҳои иқтибосиро ба қонунҳои фонетикиву лексикии худ мутобиқ месозанд, лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ вожаи **латифа**ро дар худ ба маънои дигар қабул кардааст, ки он маъно номи асбоби даҳонкушоду поёнтанге мебошад, ки тавассути он ба зарфҳои даҳонтанг, аз қабили чароғ, равған мерезанд:

Латифа-ра бийор-ъ да(р) чъроғ карасин бърез (Бурсад).

Мураттибони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубӣ забони тоҷикӣ» дар нутқи аҳолии як қисми мавзеъҳои ҷанубии Тоҷикистон муодили **латифак** доштани онро низ қайд кардаанд [16, 413], ки чунин

шакл пайдо кардани калимаи **латифа** низ зимни қоидаи ҳазмшавии он дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба амал омадааст. Ин аз он ҷиҳат аст, ки калимаҳои иқтибосӣ, ҳамин ки дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз худ шуданд, соҳибони лаҳҷаҳо миёни онҳову унсурҳои худӣ дигар тафовут намебинанд ва ба ҳар шаклеву ба ҳар маъное, ки хоҳанд, онҳоро ба кор мебаранд. Ин раванд бардавом аст ва аз даврахои аввали рушди забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он ибтидо гирифта, то имрӯз идома дорад. Воқеан, ин ҳодиса дар дигар забонҳову дигар лаҳҷаҳо ҳам ба назар мерасад [7, 47].

Чунонки гуфта шуд, вожаи **хазина(خزينة)** бо воҳиди луғавии **латифа** «ҳамтақдир» аст. Дар нутқи соҳибони лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ калимаи мазкур дар радифи калимаҳои **қотил**, **латифа**, **дарак** ва амсоли инҳо таѓйири маънӣ карда, имрӯз дар ифодаи мафҳуми «равѓанҷойи кундаи ҷувоз» истифода мешавад. Ҳол он ки дар забони адабиёти класикӣ **хазина** ҳамчун ифодакунандаи маънии «ҷойи нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот, сандуқи давлатӣ» ба қалам дода шудааст [19, 455], воқеан, дар забони адабии муосири тоҷик ҳам **хазина** бо ҳамон маънӣ фаҳмида мешавад. Аммо раванди азхудшавии он дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ тақозо кардааст, ки аз маънии асливу бунёдии худ канда шуда, дар маънии хосси лаҳҷа - «равѓандони кундаи ҷувоз» мавқеъ пайдо намояд:

Хазинайи ҷъвоз-а дь-се бор ба owи гарм бъшу, бъад зъѓер-а бъдоз (Лоҷурк).

Бояд қайд кард, ки вожаи арабии **хазина** дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ ба ҷуз маънии боло боз дигар маънои лаҳҷавӣ низ пайдо кардааст, ки он маънӣ «хонаи махсус барои масолеҳи рӯзгор, анбори ѓаладона» мебошад. Ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки **хазина** дар лаҳҷаи мазкур аз гурӯҳи калимаҳои сермаъност. Зеро, агар андак чуқуртар андеша намоем, миёни ҳар ду маънии лаҳҷавии он як робитаи басо нозуке эҳсос мегардад, ки он дар мафҳуми ҷойи захира шудан, ё ҷамъ кардани ягон ашё, аз қабили равѓан, орд, ѓалла, лавозимоти рӯзгор ва ѓайраро ифода кардани онҳо мебошад.

Зъмистун сахт умад, ба(ъ)д бисйорӣ рафтем ай **хазинаи** усто Шариф чан(д) ҷъвол ҷав-ъ гандъм гъръфтем, то боҳор расид (Лангар).

Ҳамин гуна ҳодисаро вожаи **мақом (مقام)** низ аз сар гузаронидааст. Маънои луғавии **мақом** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) «ҷой ва маҳалли сукунат, ҳамчун шаҳр, деҳа; иқоматгоҳ, ҷойи истиқомат» мебошад. Дар ин замина боз чанд тобиши маъноии он дар ин луғат зикр ёфтааст [19, 671]. Лекин дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ вай дар ифодаи мафҳуми «одат, рафтор, анъана» ва ҳам «тарз, хел» мавриди истеъмол қарор дорад, ки ин маъноҳои лаҳҷавии он бо маъноҳои аслиаш ҳеҷ умумият надоранд. Ин аст, ки ҳамчун диалектизми лексикӣ хусусияти семантикӣ зоҳир кардани он маҳз ба ҳамин ҳодисаи забонӣ алоқамандӣ дорад.

Дар омади гап, бояд гуфт, ки калимаи **мақом** дар забони адабии ҳозираи тоҷик маънои «вазифа, мансаб, мартаба; оҳанги мусиқӣ» ва ѓайраро ифода мекунад. Аз ин мебарояд, ки калимаи мазкур дар забони адабӣ ҳам аз унсурҳои сермаънои нутқ аст, вале ин маъноҳои он дар лаҳҷаи мазкур роиҷ нестанд.

Як роҳи ҳазмшавии вожаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаҳо ин азхудшавии маъноӣ мебошад, ки чун унсури сермаъно дар маъниҳои «рафтор, кирдор, одат, анъана; тарз, хел» мавқеъ пайдо кардани калимаи арабии **мақом** дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ зимни ҳамин рӯйдоди воқеӣ ба амал омадааст.

Да(р) мо и(н) хел **мақом** нест; Йа **мақом** гап мезана(д), ки ҳайрун мешай (Ҳичборак).

Як қисми калимаҳои арабӣ вобаста ба ҳодисаҳои азхудшавӣ дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ дар як таркиб ҷо гирифта, вазифаи ҷузъи номии феълҳои таркибии номиро ба уҳда мегиранд. Дар ин бобат мавқеи ёвари **кардан** калон аст. Аммо инро мебояд зикр кард, ки дар ин маврид онҳо маънои асосии худро гум карда, дар мафҳуми сирф лаҳҷавӣ амал мекунанд. Масалан, феълҳои таркибии номии **ѓурбат кардан**, **қалам кардан**, **дарак кардан** ва монанди инҳо бо ҳамин роҳ шакл гирифтаанд. Дар феъли якум ҷузъи **ѓурбат** маънои «ѓарибӣ, мусофирӣ, ҷудоӣ аз ватан»-ро дорад [19, 658], аммо дар лаҳҷаи мазкур якҷоя бо феъли **кардан** маънои «ҷанҷол кардан, сарзаниш кардан, норозигӣ баён намудан»-ро мефаҳмонад.

Awo-м йа(к) қийомат **ѓърбатм кард**, гуфт, ки асп-а ow надодӣ (Себистон).

Дар феъли дуюм маънои исми **қалам** ба ҳама маълум аст. Дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ низ **қалам** бо ҳамон маънои маъмули худ ба кор меравад, вале, вақте ки бо ёварҳои **кардан** ё **шудан** таркиб баст, маънои он дигар мешавад. Яъне, маънои лаҳҷавӣ мегирад, ки он «буридан» ё «даридан» мебошад;

И(м) руз навдвҳой ток-а **қалам каҳем**, пъгаҳ навдаҳой сewo-ра **қалам менем**. (Баҳористон)

Кърта-м да(р) хор-о **қалам шид** (Лангар).

Ҷузъи **дарак** аз феъли таркибии номии **дарак кардан** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) ба маънои «ниҳояти чуқурӣ, қаъри чизе, ҳамчун таги дарё, қаъри баҳр» оварда шудааст [19, 324]. Дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ бошад, маънои он «хабар, бохабар шудан, хабардор гардидан» аст. Лекин, ҳамин ки бо ёвари **кардан** якҷоя омад, мафҳуми «пурсон шудан, чизеро ҷустан, кофтукоб кардан»-ро ифода мекунад:

Ҳарчанд **дарак карем**, ура дига(р) наёфтем. (Ёзғанд)

Ҳамаи ин собит месозад, ки лаҳҷаҳои маҳаллӣ дар муқоиса бо забони адабии тоҷик дар бобати қабули иқтибосоти арабӣ як андоза фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, «Омӯзиши калимаҳои иқтибосии забони арабӣ аз рӯйи материали шеваҳои забони тоҷикӣ боз ҳам аҳамияти муҳим касб мекунад» [9, 277].

Тағйироту таҳаввулоти калимаҳои иқтибосии забони арабӣ, ки дар лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ ба мушоҳида гирифта шуд, албатта, бо таъсири омилҳои дохилии худи ҷомеа ба амал омадаанд. Зеро забон ва лаҳҷаҳои он дар иртиботи қавӣ қарор доранд ва таъсири мутақобила миёни онҳо пайваста идома меёбад. Профессор Ю. Д. Дешериев ба ин маънӣ чунин менависад: «На танҳо ҷомеа дар инкишофи забон таъсир мегузорад, балки забон ҳам ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа беасар наmemонад» [2, 7].

Ба ин тариқ, лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ сарвати пурғановати худро, ки иборат аз унсурҳои ноби сирф тоҷикист, ҳифз намуда, ҳамзамон таркиби луғавиашро аз ҳисоби унсурҳои иқтибосӣ такмил мебахшад ва воҳидҳои иқтибосиро зимни қоидаҳои азхудкунии фонетикӣ ва семантикиву грамматикӣ дар худ ҳазм месозад.

АДАБИЁТ

1. Бердиева Т. Лингвистические и экстралингвистические причины арабских заимствований (по материалам прессы 20-х годов) / Т. Бердиева. - Душанбе, 1971. - 230 с.
2. Дешериёв Ю. Д. Социальная лингвистика / Ю. Д. Дешериёв. - М., 1977. - 382 с.
3. Исмоилов Ш. Лексика каратегинского говора. дис. на соиск. уч. степ. канд. филол. наук / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1982. - 201 с.
4. Исмоилов Ш. Лексика каратегинского говора» / Ш. Исмоилов // АҚД. - Душанбе, 1982. - 24 с.
5. Кисляков Н. Описание говора таджиков Вахио-боло. Труды таджикский базы. Т. 3 (лингвистика) / Н. Кисляков. - Москва-Ленинград, 1936. - С. 29-59.
6. Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. - Душанбе, 1977. - 160 с.
7. Матвияс И. Г. К истории диалектов украинского языка / И. Г. Матвияс // Совещание по общим вопросам диалектологии и истории языка (тезисы докладов и собщений). - М., 1979. - С. 46-48.
8. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ. - Душанбе, 1966. - 267 с.
9. Неменова Р. Л., Ҷураев Ғ. Шеваи ҷануби забони тоҷикӣ / Р. Л. Неменова, Ғ.Ҷураев. - Душанбе, 1980. - Ҷ. 1. - 328 с.
10. Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В. С. Расторгуева. - М., 1964. - 188 с.
11. Расторгуева В. С. Опыт класификации таджикских говоров / В. С. Расторгуева. - М., 1960. – С. 6.
12. Розенфельд А. З. Говоры Каратегин / А. З. Розенфельд. - Сталинобод, 1960. - 106 с.
13. Саидов Р. Баъзе хусусиятҳои лексикаи шеваи Шеҳои Вахёи Боло / Р. Саидов // Маҷмӯаи илмӣ (серияи филологӣ) ҷ. IV (нашри VIII) Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ. - Кӯлоб, 1969. - С. 108-118.
14. Сангинова Р. И. Лексика канибадамского говора таджикского языка / Р. И. Сангинова // АКД. - Душанбе, 2012. - 23 с.
15. Убайдов Ф. А. Ҳифзати вожаҳои аслӣ ва иқтибосии даврони куҳани забони тоҷикӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ / Ф. А. Убайдов. - Хуҷанд, 2012. - 171 с.
16. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷураев, Б. Бердиев). - Душанбе, 2012. - 946 с.
17. Шанский Н. М. Лексикология русского языка / Н. М. Шанский. - М., 1972. - 117 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷумҳурият. 21-03-2010. - №37 (21544).
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М., 1969. – 945 с.

НАЗАРЕ БА ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶАИ ВАХЁӢ-ҚАРОТЕГИНӢ

Дар мақолаи мазкур, сухан оиди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шеваи вахёӣ–қаротегинӣ ва мувофиқакунонии фонетикиву лексикӣ ва грамматикӣ дар гуфтори мардуми сукунатдошта дар ҳудуди вусъатёбии ин шева меравад. Тағйирёбии семантикӣ ва тобишҳои стилистикӣ, ҳамчунин робитаи муродифи (синонимӣ) ва ҳамгунагии (омонимии) онҳо, сермаъногӣ ва суолҳои дигари вобаста ба ин гурӯҳи калимаҳо дида баромада шудааст.

Калидвожаҳо: лаҳҷаи ҷануб, забони тоҷикӣ, диалект, калима, иқтибос, лексика, калимаҳои арабӣ, лексикаи лаҳҷаи вахёӣ-қаротегинӣ.

ВИДЕНИЕ ЛЕКСИКИ ВАХИНО-КАРАТЕГИСКОГО ГОВОРА

В данной статье речь идёт об арабских заимствованиях слов в вахинско-каратегинском говоре, их фонетической, лексической и грамматической адаптации в речи людей, проживающих на территории распространения данного говора. Рассматриваются их семантические изменения, стилистические оттенки, а также синонимичные и омонимичные отношения, многозначность и другие вопросы, связанные с данной группой слов.

Ключевые слова: Южный говора, таджикский язык, диалект, слово, заимствование, лексика, арабские слова, лексика вахинско-каратегинского говора.

A GLANCE TO THE LEXICOLOGY OF VAHIYO-KAROTEGINIAN DIALECT

In this article we are talking about Arabic words adopted to Vahin-Karateginian dialect and their phonetical lexical and grammatical adaptation in the speech of people who lives in this dialect spread areas. We'll study semantic change, styles and also synonymous and homonymous relations, polysemy and other issues related to this group of words.

Key words: Southern dialect, Tajik language, dialect, word, adoption, vocabulary, Arabic words, lexicology of vahiyo-karoteginian dialect

Сведения об авторе: ***Оятулло Борунов*** – соискатель кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: (**+992) 93-535-07-97.** E-mail: **oyat-1986@mail.ru**

АНТРОПОНИМЫ РЕЛИГИОЗНОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ

Ш. Ш. Гуламадиоев
Кулябский государственный университет им. А. Рудаки

Шугнанский язык относится к памирским языкам, составляющим, в свою очередь, особую подгруппу восточноиранских языков и распространённых в горных долинах Памира, на территории Горно-Бадахшанской Автономной области (ГБАО), в Синьцзяне (Китайская Народная Республика) и северо-восточной части Афганистана.

«Касеро чашми дидан надоштан» киноя аз бад дидан, тоқати дидани касеро надоштан аст, ки ба русӣ бо муодилаш «терпеть немогь кого- либо» баргардонида шудааст. Дар ҷумлаи зер сухан аз дӯкондори мутаасиб меравад, ки Ҳидоятро ба хонанишинӣ талқин менамояд. Риши чӯроб – монанди баққол намоён шуд. Ҳидоят чашми дидани ӯро надошт [3, 260] // Показалась широкая, похожая на веник борода лавочника, Хидоят терпеть не могла этого человека [4, 403].

Таъбири «болои чашм» гуфтан ифодаи қаноатмандию хушнудист, ки дар мисоли зер дар таркиб бо муродифаш «нури дида» омадааст. Дар айни замон хушнудии қаҳрамони роман Саломатшоҳ аз дидори дӯсти деринааш Пётр аст:– Ҳай, ман дида истодаам, ки ту шӯхиро ба моҷаро мебарӣ,– хандид Саломатшоҳ миёнбандро аз китф гирифта ва аз ҳар ду нӯгаш дошта алвонҷ дода, тоб хӯронда истода,- омаданҳот болои чашму нури дида [1, 36]. Ба забони русӣ бо усули шарҳ баргардон шудааст:– Уж не всерьёз ли ты принял мою шутку? – рассмеялся Саломатшах и, сняв с плеча платок, принялся скручивать его, держа за противоположные концы. – Приходи, когда захочешь. Мы всегда рады тебе, Петржон [4, 18].

Ибораи «чашмони касе малахак рафтан» аз рехтаҳои фразеологист, ки комилан ба маънои маҷозии ҷузъҳои таркибаш асос ёфтааст, аз ин рӯ имкони тарҷума надошта, ба маънои сахт талабгор будани кас ба ягон чизи ҳозир гуфта мешавад. Дар айни замон барои нишон додани нигоҳи ҳарисонаи лӯлизан ба пули яксӯмӣ, ки ҷавон ба ӯ дароз мекунад, ба кор бурда шудааст: Маҳ, инро бигир, – ҷавон яксӯмиро ба лӯлизан, ки чашмонаш ба он малахак мерафтанд, дароз кард [3, 329]. Мутаассифона, ин лаҳзаи воқеии тасвири бадеӣ дар матни русӣ мушоҳида нашуд.

Даҳон. Бо вожаи «даҳон» чор ибораи фразеологӣ ба маънои маҷозӣ асос ёфтаанд. «Даҳони касро ловида мондан», ки қаринааш «даҳони касеро бастан» аст, сермаъно мебошад: 1) касеро аз гуфтани чизе боздоштан, хомӯш гардонидан; 2) касеро розӣ кунонидан; ришва додан; забонкӯтоҳ кардан; 3) дар музокира, мубоҳиса мағлуб кардан [7; 1, 332]. Дар матни зер сухан аз қаҳрамони асар – Машаро розӣ кунонидан меравад, ки барои Давлатро ғамгин накардан сирреро пинҳон медорад. Дар асар аз номи Ҷаббор омадааст:

- Аз афташ, Маша даҳонпӯкӣ кардагӣ барин. «Сарамро хам кардӣ»– мегӯяд дадом.

- Маша дар ҳеҷ ҷой арз намекунад. Ман даҳони вайро ловида мондаам [3, 332]. Таъбир мазмунан ба русӣ тарҷума шудааст, ки низ такя ба маҷоз дорад.

- Старик, кажется, и про Машу знает, – сказал он.

- Ну и что?

- Пожаловала, наверно …

- Ерунда! У Машки рот на замке. Я заставил её молчать.

- Как?

- Легче легкого. Деньги пообещал [4, 459].

Мафҳуми хомӯш мондан дар таъбири маъмули «ба даҳон об гирифтан» низ ифода меёбад, ки он дар забони русӣ мутобиқат дорад:– Ба даҳонатон об гирифтед магар? [1, 67) // Что молчите, словно воду в рот набрали? Или онемели совсем? [4, 43].

Чунонки дар аввали матн зикр гардид, «даҳон пӯк будан» («даҳонпӯкӣ») дар аввали порча ва дар ҷилди аввали роман ҳам дар муколамаи персонажҳо нисбат ба духтарак корбаст шудааст, вале тарҷумаи он носаҳеҳ воқеъ гардидааст, чунончи:

-Оё Даша ҳам хабар надорад? – пурсид он мард аз Буров.

- Хабар дошту пинҳон кардааст. Ману ту барин даҳонаш пӯк нест. Ту бошӣ, ҳай тақпурсию борикресӣ мекунӣ, ки мондан гир!– ҳам ҷиддию ҳам ҳазломез гуфт ба ӯ Буров [1, 231].

- А разве Даша не знает? – тихо спросил шахтёр у Бурова.

-Знает, только скрывала от Давлата, чтобы не опечалить парня, у неё не такой длинный язык, как у нас с тобой, брат,– полушутя, полусерьёзно ответил Буров [4, 155]. Феълан таъбири «даҳон пӯк будан (ё набудан)» бо «забони дароз доштан» ё «забонкӯтоҳ будан» аз ҷиҳати маъно умумияте надорад. «Забони дароз надоштан» маънои дар гуфтани чизе ҳад надоштанро дорад, ҳол он ки гап дар бораи на ҳаққу ҳуқуқи иброз доштан, балки нигоҳ дошта тавонистани сир меравад.

Ба монанди мисоли боло ибораи «даҳони касе бо баногӯшаш ҳарифона хӯрдан» ки ба маънои хандидан, бағоят шодмон шудан меояд, дорои маҷоз ва бадеият мебошад. Мутаассифона, аз он дар таҳвил қатъи назар шудааст. Аммо дар мавриди дигар қаринаи он «даҳони касе ба пуштаи баногӯш будан» ба маънои ниҳоят хушнуд будан дар таркиби муродифӣ корбаст шуда, ки матлаби нависанда афзудани таъсири гуфтор мебошад: «даҳон ба пуштӣ баногӯш будан» - «ба пӯсти худ нағунҷидан». Ҳар ду таъбир ба русӣ бо усули тарҷумаи айнӣ таҳвил гардидааст. Фарқ дар ин аст, ки дар мавриди таъбири дуюм мутарҷим қаринаи «ба курта (на пӯст) нағунҷиданро маъқул шуморидааст, ки мантиқист, зеро феъли «влазить» (ё «не влазит») суоли «куда» (ба кучо) – ро тақозо дорад ва табиист, ки ҷавоб мутаносибан ба курта («в рубаху») на ба пӯст («в кожу») мешавад: Ба қавли тоҷикон, даҳонаш аз хурсандӣ ба пӯсти баногӯшашу ба пӯсти худ намеғунҷад [3, 444] // Он, как говорят таджики, ходит растянув рот до ушей, и не влазит от счастья в рубаху [4, 552].

Ҳам дар матни асл ва ҳам дар матни тарҷумавӣ барои рӯшании мазмуни таъбирҳо таркибҳои тавзеҳии «аз хурсандӣ» ва «от счастья» илова гардидааст.

Сар. Дар байни ибораҳои соматикӣ се мисол бо калимаи «сар» («калла») дучор омад, ки бо роҳҳои гуногун ба русӣ баргардон шудаанд:

1.«Сари касеро хӯрдан»– касеро нобуд кардан, боиси марги касе шудан – ба забони русӣ он мазмунан таҳвил ёфтааст: «дар акси ҳол боз як нафар бародарамон кам мешуд» («а то ещё одного нашего брата не досчитались бы»): Ҳой, Семён, канӣ як ба ин ҷо биё, ки ин сангро аз сари роҳ онтарафтар лағжонем,– овозе аз ҷонибе баланд шуд,– хайрият дар вақти набудани одам афтодааст, вагарна ин ҳам сари як шӯрбахтро мехӯрд [1, 75] // Эй, Семён! – послышался голос. – Помоги-ка сдвинуть с дороги камень. Хорошо, что не на людей упал, а то еще одного нашего брата не досчитались бы! [4, 49].

Дар иборасозӣ баъзан матлабро калимаи «сар» адо карда наметавонад, зарурати корбурди муродиф ба миён меояд. Ҳарчанд «сар» бо «калла» муродифи пурраро ташкил менамояд, ивази яке бо дигаре боиси тамоман тағйир ёфтани мазмуни ибора мегардад, чунончи: «сар кафондан» – сареро мачрӯҳ кардан (ба маънои аслӣ) дар ҳамин замина таъбири «сар кафад зери токӣ»; «калла кафондан»– роҳи ҳалли муамморо ҷустан. Ибора дар ин шаклу мазмун бо «ломать голову»– и русӣ мутобиқат дорад, ки дар мисоли зер ба кор рафтааст: Ба шахта фаромада бо кори устои кӯҳӣ, челонгар ва инженери ҷавон, ки нишебшинони конвейерро аз ёд бароварда, бедарак «калла мекафонданд», ки чаро чархзании агрегат мувофиқи табъ нест, мадад расонд [3, 424] // Секретарь парткома стал ломать голову над регулировкой вместе с горным мастером, слесарем – наладчиком и молодым, только со студенческой скамьи и поэтому ещё робким инженером [4, 536]. Дар матни русӣ «барои таъкиди ҷавонӣ ва лиҳоз бечуръат» («только со студенческой скамьи и поэтому ещё робкий») илова карда шудааст.

Пой. Як ибораи фразеологии феълӣ дар ду қарина ба кор рафтааст: «ду пойи касеро ба як мӯза ҷо кардан» / ду пойи касеро ба як мӯза қава кардан», ки дар мавриди дуюм ба туфайли корбурди калимаи гуфтугӯйии «қава» ҷанбаи халқии ибора қавитар гаштааст. Ҳарду таъбир ба забони русӣ бо роҳи луғавӣ («давить», «стоял не своем») саҳеҳ таҳвил ёфтааст:

1. Охир роҳи оҳан ду пойи маро ба як мӯза ҷо карда ҳадаҳа мегӯяду мо бошем, назар ба порина камтар ангишт медиҳем [2, 61] // Железная дорога нас давит, а мы ничем помочь не можем, даем меньше чем в прошлом году, и выработка с каждым днём снижается [4, 246].

2. Эрмат «ҳамин ҷавонро хоҳӣ нахоҳӣ ба ман медиҳӣ» гуфта ду пойи ӯро ба як мӯза қава мекард. Ӯ аз гиря бадтар, аз меҳмонӣ сад бор пушаймону лекин ноилоҷ розӣ шуд [3, 247] // Хочешь – не хочешь; а парня отдашь, стоял на своем Эрмат – партизан. Пришлось Кадырову, скрепя сердце, уступить [4, 394].

Аз ҳисоби калимаҳои умумиистеъмолӣ ва гуфтугӯйӣ ба вуҷуд овардани қаринаи ИФФ дар мисолҳои зерин низ мушоҳида мегардад. Ба замми ин қаринанокӣ дар заминаи тағйири ду воҳиди луғавӣ ба амал омадааст: «пойи касеро аз ҳаво овардан» ва «линги касеро аз осмон овардан». Дар ин порчаҳо низ тарҷума бо усули луғавӣ сурат гирифтааст. Ибораи мазкур дар матни аввал маънои нобуд кардан, ба ҳалокат расонидан, дар матни дуюм ба маънои мағлуб сохтан омадааст: Калонҳои ин ҷо ҳам монанди бисёр шаҳриён ҳама фиребгару қаллоб. Аммо гапи ҳақро гӯю рӯз бин. Поятро аз ҳаво меоранд [1, 86) // Ведь здешние господа – не хуже горожан – обманщики и жулики. Но только попробуй произнести это в слух – увидишь, что будешь вздернут вверх ногами! [4, 58]); Шаҳбози Ёлдор - полвон имрӯз линги ҳамаи полвонҳои Хуҷанду Қистакӯз, Унҷию Ёваро аз осмон овард [2, 47] // Но Ёлдор-полвон, ах, сокол!-всех полвонов Ходжента, Костакоза, Унджи и Явы положил на лопаткти [4, 239]. Дар мавриди дигар дар таркиби ибора калимаи «осмон» бо «пой» омадааст, таъбир маънои нест шавад, пайваш аз рӯйи замин рӯфта шавадро дорад, ки дар ҳаққи император гуфта шудааст:

- Кошки, пояш аз осмон меомад [1, 199] // Чтоб такому отцу провалиться! [4, 136].

Аммо таъбири «пой дар гил мондан» аз лиҳози услуб аз мисолҳои боло фарқ мекунад. Он дорои хосияти услуби адабии китобӣ мебошад, ки ба объекти тасвири нависанда мутобиқ аст. Таъбир аз

забони шахси бомаърифат сардори кон коммунист меравад, ки аз дармондагиаш дар хатои ҷиддӣ иқрор мешавад. Он ба забони русӣ бо усули шарҳ – «угадил в трясину» (ба ботлоқ ғӯтидан) таҳвил гардидааст: -Ман ҳамчун коммунист ба котиби комитети партия хатои худамро эътироф намуда, кӯчравии роҳбари корхонаро фош карда истодаам,– ҳалқи аз хиҷолат хушкидаро бо оби даҳон тар кард сардори шахта. – Пой дар гил монда, ба пеши шумо омадам [3, 430] // Я винось перед вами, как коммунист. Угодил в трясину, пришел в партком [4, 548].

Лаб. Дар баъзе ибораҳо, ки дар забони тоҷикӣ ба ИФФ мутааллиқанд, таҳвил бо усули мутобиқ бо риояи умумияти сохтор ва таркиб дар забони тарҷумашаванда воҳиди нави фразеологӣ ба вуҷуд меорад. Масалан, «ба лаб кулӯх молидан» киноя аз хомӯш мондан, надида гирифтан – замазать рот глиной: Мераваму чуноне ки сартҳо мегӯянд, «ба лаб кулӯх молида» гаштан мегирам, чӣ гуфтед, оличоҳ? … [1, 97] // В Шурабе я буду днём, как говорится, «замажу рот глиной» в ожидании мер, которые вы, ваше благородие, сочтёте нужным принять [4, 67].

Ба ҷойи «лабу лунҷ»– и тоҷикӣ дар забони русӣ овардани «бинӣ» кифоя будааст, ки таъбир таҳвил меёбад: «лабу лунҷ овезон кардан» табиат хира будан, ғамгин, димоғсӯхта будан [1, 589] –«нос повесить»: Хайр, бало занад ҳамонҳоро. Даррав лабу лунҷатро овезон накун [3, 335] // Что нос повесил? – Хусейн с маху опустился рядом с ним на траву … [4, 460].

Яке аз вазифаҳои муҳимми воҳидҳои фразеологӣ дар роман мусоидат намудан дар тасвироти миллист. Дар ин сурат матлаби нависанда бо овардани ибораҳои ҷудогона ба даст намеояд, зарурате пайдо мешавад, ки ба доираи васеътари падидаҳои забони халқ - панду андарз, ҳикматҳои мардумӣ, зарбулмасалу маколҳо ва ғайра рӯй орад. Дар тарҷума комилан фаҳмост, ки аз ин воситаҳои халқияти забон, умуман халқияти асари бадеӣ, қатъи назар карда намешавад. Аз ин ҷост, ки баъзан ба гӯш носуфтатар садо диҳад ҳам ва ба назари хонандаи миллати дигар бегонатар намояд ҳам, ба шаклу мазмуни забони асл наздик будани воҳидҳои миллӣ айни муддаост. Чунончи, дар байни тоҷикон таъбири «гадо бошаду дадо бошад» маъмул аст. Яъне, бепадарӣ (ятимӣ) мушкил аст, дар ҳар ҳол, будани падар давлат аст. Ба ҳамин мазмун дар ҳаққи шавҳар низ омадааст: Кӯтур буду чӯтур буду шавҳарам буд, лангам буду гунгам буду дилбарам буд [3, 330]) // Хромой ли, кривой, глухой аль немой - всё равно мой. Понял? [4, 457]. Чунонки мебинем, ба русӣ ҳарчанд мусаҷҷаъ хос нест, мутарҷим аз он камоли маҳорат истифода бурдааст.

Вале бо вуҷуди ин баъзан таъбиру ифодаҳои хосси тоҷикӣ фурӯгузор шудаанд ва маънои ҷумла ба таври умумӣ баён гаштааст, аз он ҷумла, «табарзан як тангаю ин ҷо бизан даҳ танга» [2, 221]; кирми чашми мардонро куштан» [3, 267]; «аз қуттии аттор ёфт нашудан» [3, 433]; «меҳри кабудаки касе тофтан» [3, 388].

Мисолҳое ҳастанд, ки маънои онҳоро мутарҷим дарк накардааст. Масалан, ифодаи қофияноки «на риштаву на тофта, аз баҳри Худо ёфта», мазмуни муфт, моли бемеҳнат ба даст омадаро дорад, аммо дар матни русӣ ба ҷойи он дуои бад («чтоб было ему пусто на том и на этом свете») омадааст: Ниҳоят пас аз он ки пушаймонии Зокир ба куллӣ қаноат хосил кард, аз хусуси пули пилла, сагбачаи ба дару ҳавлии ҳамшираш кушта овехташуда, таҳдиди кадом касе, ки на риштаву на тофта аз баҳри Худо ёфта, мехоҳад пули меҳнати ҳалоли бевазане, ризқу рӯзии ятимонро кашида гирад, сухан кушод [2, 134] // И только уверившись в искреннем раскаянии собеседника, заговорил об истории с дохлым щенком и запиской, в которой какой-то негодяй, чтоб было ему пусто на том и на этом свете, требовал у сестры деньги, полученные за коконы [4, 306].

Ҳамчунин бо калима – меҳвари соматикии бинӣ, димоғ, дандон, мижа, гардан, дум, пӯст ва устухон ибораҳои феълии фразеологӣ созмон ёфтаанд.

Ҳамин тариқа, теъдоди аз ҳама зиёди ВФ-ро ибораҳои фразеологӣ ташкил менамоянд. Онҳо ба мисли ибораҳои синтаксисӣ ба номӣ ва феълӣ қисмат мешаванд, вале фарқ дар ин аст, ки ибораҳои фразеологӣ комилан ба маҷоз асос меёбанд.

Таносуби ибораҳои фразеологии номӣ ва феълӣ 15 бар 75 аст, яъне ибораҳои фразеологии феълӣ ба маротибҳо зиёданд. Алҳол дар таъбиршиносии тоҷик усули таснифоти семантикӣ-услубии ИФФ бар унсури асосии ибора-калимаи меҳварӣ асос дорад, ки он дар ин мақола низ ба кор бурда шуд. Дар романи «Шӯроб» бо ҳар як калима-меҳвар аз ду то ҳашт ибораи фразеологии феълӣ созмон ёфтаанд, ки дар доираҳои мафҳумҳои узвҳои инсон (соматикӣ), коинот ва сайёра, чор унсури ҳастӣ, манзил ва ашёи рӯзгор, хӯрок, мевачот ва ғайра алоқамандона ба усулҳои таҳвия ба забони русӣ таҳлил карда шуданд.

ИФ-и тоҷикӣ бо чаҳор усули таҳвил – мутобиқ, муодил, тарҷума ва шарҳ ба русӣ баргардон шудаанд. Комёбии мутарҷим дар ин қисмати ВФ, яъне ибораҳои фразеологӣ, бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла, кӯшиш ба маъно ва услуби забони асл (тоҷикӣ) наздик кардани таҳвил хубтар даст додааст. Мавридҳое кам нестанд, ки як ибора вобаста ба мавқеъҳои услубӣ дар ду-се қарина (вариант) баргардон шудаанд, тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубии ИФ-и тоҷикӣ дар тарҷума ба эътибор гирифта шудаанд. Вале дар ин қисмати кор низ аз сабаби носаҳеҳ фаҳмидани мазмуни ИФ дар таҳвили мисолҳо нуқсонҳо рох ёфтаанд.

Ихтисораҳо: **ВФ** – воҳидҳои фразеологӣ, **ИФ** - ибораҳои фразеологӣ, **ИФФ** – ибораҳои феълии фразеологӣ.

АДАБИЁТ

1. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 223 с.
2. Мачидов Ҳ, М. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ, М. Мачидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
3. Мирзоева М. М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М. М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
4. Рахим Джалил. Шураб. В трех книгах / Рахим Джалил. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 575 с.
5. Раҳим Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди якум. Китоби 1. Романи «Шӯроб» / Раҳим Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304 с.
6. Раҳим Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди дуюм. Китобҳои 2-3. Романи «Шӯроб» / Раҳим Ҷалил. - Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.
7. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / Тартибдиҳанда М. Фозилов. Ҷилдҳои 1-2. - Душанбе, 1963-1964. – 1756 с.

ТАЪБИРОТИ ФЕЪЛИИ СОМАТИКИИ ТОҶИКӢ ВА ТАҲВИЛИ ОНҲО БА ЗАБОНИ РУСӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимии фразеологии забони тоҷикӣ – таъбирҳои фразеологии феълии соматикӣ ва усулҳои таҳвили онҳо ба забони русӣ дар заминаи романи сеҷилдаи Раҳим Ҷалил «Шӯроб» ва тарҷумаи русии он бахшида шудааст. Аз навъи воҳидҳои фразеологии феълӣ ибораҳо бештар мавқеъ доранд, ки дар онҳо вожаҳои соматикии «забон», «сар», «пой», «лаб» ва ғайра ҳамчун калимаи меҳварӣ нақш доранд.

Воҳидҳои фразеологии соматикии тоҷикӣ ба забони русӣ бо чор усул таҳвил ёфтаанд: усулҳои мутобиқ, муодил, тарҷума ва шарҳ.

Аз қиёс ва муқобалаи маводи забони асл (тоҷикӣ) ба матни русӣ бармеояд, ки тарҷумонҳо барои ҳарчи ба услуби асл (оригинал) наздик овардани баргардониши воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ кӯшиш кардаанд.

Калидвожаҳо: таъбирҳо, таркибҳо, ибораҳои фразеологӣ, ибораҳои фразеологии феълӣ, калима-меҳвар (стержневые слова), усулҳои таҳвил, мутобиқ, муодил, тарҷума, шарҳ.

ТАДЖИКСКИЕ ГЛАГОЛЬНЫЕ СОМАТИЧЕСКИЕ ВЫРАЖЕНИЯ И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Статья посвящена одной из важнейших проблем фразеологии таджикского языка – фразеологическим глагольным соматическим словосочетаниям и способам их передачи на русский язык на основе фактологического материала трехтомного романа Рахима Джалиля «Шураб» и его перевода на русский язык. В группе глагольных фразеологических единиц преобладают словосочетания, имеющие в своем составе ключевые соматические единицы, такие как «забон» (язык), «сар» (голова), «лаб» (губы), «пой» (нога) и другие.

Таджикские соматические фразеологические единицы переданы на русский язык путем аналогии, соответствия, перевода и комментария.

В процессе сравнения и сопоставления исходного языка (таджикского) с языком перевода (русским) выясняется, что переводчики предприняли попытки наиболее точного перевода фразеологических единиц таджикского языка в соответствии с языком оригинала.

Ключевые слова: фразеологизмы, конструкции, фразеологические словосочетания, глагольные фразеологические словосочетания, стержневые слова, способы передачи, аналогически, соответствия, перевода, комментария.

TAJIK VERBAL SOMATIC EXPRESSION AND WAYS OF THEIR TRANSFER INTO RUSSIAN LANGUAGE

The article is devoted to one of the major problems of phraseology of the Tajik language – verbal somatic phraseological word groups and methods for their transfer to Russian language on the basis of factual material of a three-volume novel by Rahim Jalil "Shurab" and its translation into Russian language. In the group verbal phraseological units is dominated by the phrase, having in its composition a key somatic units, such as "sabon" (language) "SAR" (head) "lab" (lips), "Shine" (leg) and others.

Tajik somatic phraseological units transferred to the Russian language by analogy, matching, translation, and commentary.

In the process of comparing and contrasting the source language (Tajik) language (Russian) it appears that the translators have attempted the most accurate translation of phraseological units of the Tajik language in accordance with the original language.

Kev words: idioms, constructions, phraseological collocations, idiomatic verb phrases, core words, modes of transmission, analogicas, matching, translation, commentary.

Сведения об авторе: ***М. Н. Саидходжаева*** – преподаватель кафедры таджикского и русского языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: **(+992) 927-07-20-03.** E-mail: **musabbiyakhon72@mail.ru**

ПОЛИЛЕКСЕМНЫЕ ТЕРМИНЫ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

З. Салиев
Таджикский национальный университет

Сложные термины составляют определенную категорию терминов образовательного сектора как в таджикском так и в немецком языках и представляют одного из наиболее продуктивных способов образования терминов.

I. По морфологическому составу термины отрасли образования в обоих языках делятся на: а) двухлексемные и б) многолексемные.

Главную часть терминов отрасли образования таджикского и немецкого языков составляют двухлексемные сложные слова. Двухлексемные сложные слова представляют собой сложение двух

основ разных частей речи и служат для образования различных частей речи, прежде всего существительных и прилагательных. Производные сложные слова немецкого языка в таджикском языке имеют свои аналогии в большинстве случаев в форме словосочетаний, типа *das Fernstudium - таҳсили ғоибона (заочное обучение), das Studienbuch - дафтарчаи донишҷӯӣ (зачетная книжка), der Studentenwohnheim - хобгоҳи донишҷӯён (студенческое общежитие)*.

В обоих языках представлены так же многолексемные термины, образованные путем сложения двух и иногда более чем двух лексем: *номбаркунӣ (нарекание, именование), иншонависӣ (написание сочинения), омодасозӣ (подготовка), донишҷӯӣ (студенчество), худомӯзӣ (самообучение), мактабдорӣ (управление школой), навоварӣ (новаторство), пешқадамӣ (успешность); Mittelmäßig - миёнадараҷа (среднее, средний уровень), das Reifezeugnis - номаи камол (аттестат), die Aufnahmeprüfung - имтиҳони қабул (вступительный экзамен)*. В приведенных примерах представлены существительные образованные от основ существительных (*назар-, иҷозат-, худ-, ҷой-, шакл-)* и глаголов разного рода происхождения. Общим способом словообразования в данном случае является сложение двух и более основ при помощи суффикса *-ӣ*, т.е. сложносуффиксальный способ.

В немецком языке многолексемные слова представлены чаще всего в трехкомпонентном сложении: *der Studentenwohnheim - хобгоҳи донишҷӯён (студенческое общежитие*).

II. При словосложении характер связи между лексемами выделяются типы сложных терминов в следующем порядке: а) безаффиксальное сложение, б) аффиксальное сложение, в) лексикализация.

Аффиксальное словосложение как в таджикском, так и в немецком языках представляет определенный способ образования сложных слов, который заключается в следующем: 1) интерфиксальный способ образования; 2) сложно-суффиксальный способ словообразования.

При интерфиксальном способе словообразования основа сложного слова соединяется соединительной морфемой. Например в таджикском языке в качестве соединительной морфемы используется *–у-*: *ҷустуҷӯ (поиск), нигоҳубин (уход), нақшуниғор (декорация), гуфтугӯ (диалог, дискуссия)*.

При сложносуффиксальном способе сложное слово формируется сложением основы и суффиксации.

Сложносуффиксальный способ подразделяется на следующие модели:

1. $R_1+R_2+ӣ$: существительные: а) от основы настояще-будущего времени глагола: *иншонависӣ (сочинение), рӯйнавискунӣ (списание), баҳогузорӣ (оценивание), донишҷӯӣ (студенчество), худомӯзӣ (самообучение), навоварӣ (новаторство), пешқадамӣ (первенство)*. Для характеристики общей семантики данной модели важна аффиксация при помощи *–ӣ* которая образует абстрактные термины с обозначением действия, состояния процессы.

В состав модели **$R_1+R_2+ӣ$** входят также некоторые сложные термины с местоимением *худ* в качестве стержневого компонента: х*удатестатсиякунӣ, худбаҳодиҳӣ* и др. В отличии от приведенных сложно суффиксальных терминов в терминах с местоимением *худ* выявляются отношения субъекта (*Худ*) и его действия посредством глагольной основы.

Модель **$R_1+R_2+ӣ$** является наиболее продуктивным способом образования сложных терминов в современном таджикском языке.

2. $R_1+R_2+а$ образует сложносуффиксальные термины от сочетаний основ различных частей речи, но объединяет их кроме общесуффиксального производства так же наличие существительного в качестве второго компонента. В качестве второго компонента продуктивными являются числительные и слова со значением количества: а) в главном образует прилагательные: *хатмкунанда (выпускник), бойгонишуда (архивированное), интиқолшуда (переведенное);* б) существительные – термины отрасли образования в данной модели представлены редко: *талабнома (справка), шаҳодатнома (свидетельство)*. Семантические отношения между компонентами в обоих группах основывается на взаимном определенном семантическом соотношении и выявляются определительные отношения.

3. $R_1+R_2+ак$ – образует сложносуффиксальные термины существительное от сочетания основ глагола с другими частями речи: *хаткашак (линейка), хатпоккунак (резинка)* и как видим, образует термины-названия средств и оборудований, используемых в образовании.

В немецком языке наиболее продуктивны следующие сложно суффиксальные модели:

1. R_1+R_2+er: *der Berichterstatter, der Büroleiter, der Fotokopierer, der Doktorvater*. Модель **R_1+R_2+er** образует имена существительные. Главные семантические отношения между компонентами сводятся прежде всего к атрибутивным и объектным значениям.

2. R_1+R_2+ung: *die Abschlussprüfung, die Allgemeinbildung, die Aufnahmeprüfung, die Auseinandersetzung, die Bildungseinrichtung, die Buchführung, die Buchhandlung* между компонентами в сложном слове выявляются различные семантические отношения объективного и обстоятельственного характера.

3. $R_1+R_2+ation$: *die Basisorganisation, die Interpellation, die Interpretation, die Interpunktion, die Transliteration*. Данная модель образует имена существительные между компонентами выявляются все типовые семантические отношения, характерные для приведенных выше моделей.

4. R_1+R_2+lich: *Allgemeinverständlich, Buchstäblich, Freiberuflich, Leichtverständlich, Maschinenschriftlich, freiberuflich, gemeinschaftlich* – образуют сложные имена прилагательные. Наибольшую группу в обоих языках составляют сложные слова, сочетающиеся без аффиксов, т.е. путем просто соположения основ. При этом важной становится семантическая соотнесенность сочетающихся основ, поэтому в образовании безаффиксальных сложных слов первостепенное значение приобретает семантические отношения между составляющими компонентами сложных слов.

Аббревиатура как способ образования слов развита в таджикском и немецком языках. В различных источниках отрасли образования мы можем встретить некоторые формы аббревиаций, типа *ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Таджикский национальный университет), ДКА – Дарс-кори амалӣ (урок- практическая работа), НХ – Накли хаттӣ (изложение)*.

Аббревиация получила широкое распространение также и в немецком языке. Выделяются следующие типы аббревиации в немецком языке: 1. Аббревиация инициального типа: *TU - Technische Universität (Технический университет), TH - Technische Hochschule (Высшее техническое училище)*. 2. Буквенно-слоговые: *exkl. - exklusive (исключая), Expl. - Exemplar (экземпляр)*.

Во втором разделе второй главы под названием **«Термины-словосочетания»** проводится структурно-семантический анализ терминов в форме словосочетаний. Словосочетание является одним из продуктивных способов терминообразования в обоих языках. По количеству компонентов словосочетания в обоих языках выделяются два типа терминов: а) двухкомпонентные; б) многокомпонентные. Двухкомпонентные термины-словосочетания в сопоставляемых языках образованы по нижеследующим конструкциям.

1. S^n+*и*+A^{adj}: – в которой S^n – главный компонент – существительное, A^{adj} –зависимый компонент – прилагательное связаны при помощи изафетной связки «*-и*. Например: *дарси хониш (урок чтения), синфи якум (первый класс), шурои олимон (ученый совет), шурои методӣ (методический совет), шуъбаи таълим (учебный отдел)*. Некоторые термины-словосочетания могут передаваться на немецкий язык в форме сложного слова. Например: *мактаби ибтидоӣ - die grundschule (начальная школа)*. Модель S^n+*и*+A^{adj} выражает определительные отношения и данная модел может усложняться до включении нескольких определительных компонентов типа *муассисаи олии таълимӣ (высшее профессиональное образовательное учреждение), таҳсилоти касбии иловагӣ (дополнительное профессиональное образование)*.

2. S^n+*и*+*pr*+A^n: – подчинительная связь между ядерным (S^n) и зависимым (A^n) компонентами выражена при помощи изафета и предлогов: *озмуни байни хонандагон (конкурс среди учеников), комиссияи назди мактаб (комиссия при школе), литсейи назди донишгоҳ (лицей при университете)*. Данная структура может иметь более сложную форму типа *«назорати давлатӣ оид ба сифати таҳсилот»*. В определенных случаях термины-словосочетания данной модели могут соотноситься со сложными терминами и являются спецификой таджикского языка, которые построены по моделям изафетных словосочетаний.

3. A^{adj}+S^n: – данная модель характеризует двухкомпонентные термины, связанные способом примыкания прилагательного в качестве зависимого компонента (A^{adj}) к ядерному компоненту – существительному (S^n): *der Beste schüler (лучший ученик) – хонандаи беҳтарин, allgemein bildende Schule (общеобразовательная школа) - мактаби таҳсилоти умумӣ* и другие. Модель A^{adj}+S^n построена на атрибутивной семантической связи между компонентами при котором главный компонент обозначает предмет, а зависимый – признак данного предмета.

4. A^n+S^n: – также характеризует немецкие двухкомпонентные термины, в которых зависимый и главный компоненты – существительные: *unterrichtsplan auf Geometrie, Physik Lehrer, Geographie lehrbuch, Lektion singen, kurse der Russischen sprache* и др. Данная модель является также типовым для выражения атрибутивных отношений и соответствует терминам построенным по модели S^n+*и*+A^n в таджикском языке.

5. S^v+A^n: – *auswendig lernen (выучить наизусть) аз худ кардан, аз ёд кардан, im kopf behalten (запомнить) дар хотир нигоҳ доштан, durch die Prüfung fallen (провалиться на экзамене) аз имтиҳон афтидан*.

При анализе и интерпретации многокомпонентных терминов в исследуемых языках можно выявить такую специфическую особенность терминообразования, как использование в качестве терминов сочетания двух или более двух простых и сложных словосочетаний.

Третий раздел второй главы – **«Термины-символы»** посвящен анализу и интерпретации структурно-семантических особенностей терминов образовательной отрасли применяемых в форме символов в таджикском и немецком языках. Термины-символы в настоящее время часто стали применяться в качестве обозначений различных понятий в области образования. например обозначения групп учащихся и их классов типа *синфи 5^A* (*5^A класс – академическая группа школьников в общеобразовательных учреждениях), мтҳ №28 – мактаби таҳсилоти умумии №28* (*си №28 - общеобразовательная икола №28)*, обозначения оценок и полученных баллов учащихся заглавными

буквами типа *ABC* или цифровые отметки достижения ученика типа 2, 3, 4, 5 также можно отнести к терминам-символам, которые часто стали употребляться в отрасли образования.

В четвертом разделе второй главы под названием **«Эпонимные термины сферы образования»** рассматриваются структурно-семантические особенности эпонимных терминов отрасли образования. Исследуя эпонимные термины образовательной отрасли как таджикского так и немецкого языков можно делать такой вывод, что в определенных случаях форма образования эпонимных терминов особенно в структуре словосочетаний местами имеет определенную схожесть. Эпонимы, в состав которых входят имена и фамилии известных личностей, непосредственно участвующих в открытие того или иного учебного заведения или создавших тот или иное образовательное понятие или объект в немецком языке: *Ruprecht-Karl Universität – Университет Карла Рупрехта; Goethe-Institut - Институт Гёте.* К данной группе терминов также можно отнести названия образовательных проектов, программ, академические сообщества и различные движения отрасли образования, например: *Der LINUS-Konzept – Проект Линюс; SOKRATES Programm – Образовательная программа «Сократ».* Наряду с антропонимами, топонимы также могут участвовать в формировании эпонимов отрасли образования. К таким эпонимным терминам также можно отнести наименования образовательных учреждений и других понятий и объектов, взятые из имен городов и местностей, например; *die Universität Siegen – Университет Сайгена.* Научные направления, школы и концепции по имени ученых и теоретиков в области образования и науки: *Levis-Modell – модель Левиса; Fischereffekt – эффект Фишера; Samuelson-Theorem – теорема Самуэльсона.*

В зависимости от количества компонентов, эпонимные терминологические словосочетания делятся на двух-, трех-, четырехкомпонентные, а также на многокомпонентные терминологические сочетания. Структурную формулу таких словосочетаний можно обозначить представить в виде **NэN**, где N – обозначает имя существительное, а Nэ – имя существительное, выраженное эпонимом и в зависимости от составных единиц терминологических сочетаний данная формула может разворачиваться на основе этой формулы, как **Nэ-NэN**.

Среди трехкомпонентных эпонимных ТС наиболее распространенными оказались следующие модели:

Nэ-NэN: *Ludwig-Maximilians Universität*

NNэN: *Bayerische Elite Akademie – Баварская элитная академия.*

В современном таджикском языке по сравнению с немецким языком сравнительно реже встречаются эпонимные термины и особенно в названии образовательных учреждений эпонимы применяются вместе с полным названием именуемого объекта. Эпонимные термины также применяются для обозначения определенных видов учебной и научной деятельности, например, *Хониши синоӣ – авиценские чтения, Рӯдакихонӣ – кружок чтения «Рудаки».* Как видно из структуры вышеприведенных эпонимных терминов эпоним приводится вместе с основой настоящего времени глагола «хон» (читай) и словообразовательным суффиксом «-и» и данную структуру можно представить в такой модели: **Nэ+V+и,** в данной модели **V** обозначает глагол. Другая группа эпонимных терминов образованы в форме изафетных словосочетаний: *маҳфили Ҳофиз – кружок «Хафиза», маҳфили Хайём – кружок «Хайяма».*

Модели терминологических сочетаний приведенных групп в таджикском языке выглядят немного иначе и в данной модели **A** обозначает прилагательное:

NAAN-Nэ: *Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.*

NAN-Nэ: *Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова.*

NA-Nэ: *Конфронси бузургдошти Имоми Аъзам.*

NNэ: *Стипендияи Айнӣ, маҳфили Ҳофиз.*

ЛИТЕРАТУРА

1. Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. - М.: Просвещение, 1972. - 368 с.
2. Шеллов С. Д. Термины, терминологичность и значение / С. Д. Шеллов // Научно-техническая терминология. – Вып. 5. – С. 17 – 19.
3. Шарофов Н. О., Чураев Т.К. Лексикаи касбу хунар саръчашмаи тер-минологияи техникии тоҷик / Н. О. Шарофов, Т. К. Чураев. - Душанбе, 1991. - 91 с.
4. Широков О. С. Языковедение: введение в науку о языках / О. С. Широков. - М.: Добросвет, 2003. - 736 с.
5. Шмелев Д. Н. Проблемы семантического анализа лексики / Д. Н. Шмелев. - М.: Наука, 1972. - 280 с.
6. Шмелев Д. Н. Очерки по семасиологии русского языка / Д. Н. Шмелев. - М.: Просвещение, 1984. - 244 с.
7. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1988. - 160 с.
8. Щепина Т. С. Прилагательные, обозначающие характер человека / Т. С. Щепина // РЯШ, 1978. - С. 19 – 24.
9. Щур Г. С. Теории поля в современной лингвистике / Г. С. Щур. - М., 1997. - 134 с.
10. Якубова В. Г. О лексико-семантической группе слов со значением чувств / В. Г. Якубова // РЯШ, 1986. - №4. - С. 83-86.
11. Ярцева В. Н. О сопоставительном методе изучения языков / В. Н. Ярцева // ФН, 1960. - №1. - С.61 – 67.
12. З. Самиев. Научно-теоретические особенности сопоставительного исследования образовательных терминов в таджикском и немецком языках / З. Самиев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2013. - №4/1. - С.46-49.

ИСТИЛОҲОТИ ПОЛИЛЕКСЕМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан оиди дараҷаи омӯзиши истилоҳот дар забони тоҷикӣ ва олмонӣ меравад. Бояд қайд намуд, ки истилоҳоти эпонимӣ аз рӯи хусусиятҳои маъноӣ аз дигар воҳидҳои истилоҳотӣ фарқият надоранд, аз ин рӯи хеле зиёд чунин ҳолатҳои синонимия ба назар мерасанд, ки дар онҳо эпонимҳои гуногун як мафҳумро ифода менамоянд. Қайд карда мешавад, ки таҳқиқи истилоҳот бо назардошти шартнокии сабабии падидаҳои забонӣ бо воқеияти объективӣ, яъне бо баҳисобгирии омилҳои экстралингвистӣ, имконият фароҳам меорад то ки ба бисёре аз равандҳои лингвистӣ, ки дар истилоҳот ба вуқӯъ меояд, шарҳу эзоҳ дода шавад.

Калидвожаҳо: лексика, семантика, эпоним, истилоҳот, забон, воҳиди забонӣ, синонимия, мафҳум, воқеият, омилҳои экстралингвистӣ, равандҳои лингвистӣ.

ПОЛИЛЕКСЕМНЫЕ ТЕРМИНЫ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идет о **степень изученности терминов и терминологии в таджикском и немецком языках**. Следует отметить, что эпонимные термины по своим семантическим свойствам не отличаются от остальных терминологических единиц, поэтому достаточно часто встречаются случаи синонимии, при которой разные эпонимы обозначают одно понятие. Отмечается, что исследование терминологии с учетом причинной обусловленности языковых явлений объективной действительностью, то есть с учетом экстралингвистических факторов, позволит дать объяснения многим лингвистическим процессам, происходящим в терминологии.

Ключевые слова: лексика, семантика, эпоним, термин, язык, единица языковая, синонимия, понятие, действительность, экстралингвистические факторы, лингвистические процессы.

POLIHEXANIDE TERMS IN TAJIK AND GERMAN

This article deals with the lexical-semantic features eponymy terms. It should be noted that the eponymy terms on its semantic properties are not different from the rest of terminological units, so quite often there are cases of synonymy, in which different eponymous designate one concept. It is noted that the study of terminology with the causation of linguistic phenomena of objective reality, that is, taking into account extra-linguistic factors, will give an explanation of many linguistic processes occurring in terminology.

Key words: vocabulary, semantics, eponym, a term language, a unit of language, synonymy, the concept, the reality, extra-linguistic factors, linguistic processes.

Сведения об авторе: *З. Самиев* – кандидат филологичесикх наук, старший преподаватель кафедры немецкого и французского языков Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-65-41-01**

ВАСЛИ ПАТРОНИМИ «КАЙ» ДАР НОМҲОИ ЭРОНИИ «ҲАЗОРУ ЯК ШАБ»

Ҷ. Темуров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар «Ҳазору як шаб» пас аз номҳои арабӣ ҷойи дуюмро номҳои эронӣ ишғол мекунанд, ки қисмате аз онҳо аз ҷузъҳои номвожасоз таркиб ёфтаанд. Ҷузъи «кай» низ аз ҷумлаи он ҷузъҳое ҳаст, ки дар сохтани антропонимҳои эронӣ саҳим аст.

Ҷузъи «кай» дар сохтани номҳои эронӣ хеле фаъол буда, ба номи подшоҳон ва шоҳзодагони силсилаи каёнӣ ҳамроҳ карда мешуд. Номҳое, ки бо ин ҷузъ таркиб ёфтаанд, аз таърихи дуру дароз доштани худ гувоҳӣ медиҳанд.

Доктор Баҳром Фараҳвашӣ оид ба ин компонент чунин андеша дорад: «Аз навиштаҳои «Авесто» ва паҳлавӣ бармеояд, «Kavi»- и авестоӣ, «Кау»- и паҳлавӣ унвони шоҳон ва амирон ва шоҳзодагоне будааст, ки пеш аз зуҳури Зартушт дар машриқи Эрон фармонравоӣ мекарданд ва дар ҳангоми зуҳури ӯ адади зиёде аз онҳо бо ӯ мухолиф кардаанд, аз миёни онон «Kavi Vištāsp» подшоҳи Балх аз ӯ пуштибонӣ кард» [1, 23]. Мавриди истифода қарор гирифтан ва паҳншавии унвони «кай» дар давраи ҳукмронии Сосониён аз тарафи олими шарқшиноси америкоӣ Ричард Фрай ба таври зайл зикр гардидааст, ки «берун аз ҳудуд ва сарҳади империяи Сосониён таъмим ёфтани унвони «кай»-ро тангаҳои аз Осиёи Миёна ёфташуда исбот мекунад» [7, 315]. «Кай» дар форсии бостон унвони подшоҳони каёнӣ буда, Мубад Фирӯз онҳоро «силсилаи бузургон ва асилзодагон» тавсиф мекунад, аз қабили Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав ва ғайраҳо [3, 53].

Муҳаммад Муин дар асоси андешаи дигарон панҷ тан аз шоҳони силсилаи каёнӣ - «Кайковус, Кайхусрав, Кайқубод, Кайлухрасп ва Каюмарс»-ро номбар мекунад. Р. Фрай бошад, ин ададро ба ҳашт мерасонад ва Каюмарсро истисно мекунад. Аз қабили, «**Kai** Kavad, **Kai** Apiveh, **Kai** Kaus, **Kai** Arіš, **Kai** Pišin, **Kai** vyarš, **Kai** Siyavuš, **Kai** Xusrav» [4, 3, 1749; 7, 63].

Ҳамчунон ки дар боло ёд шуд, аз рӯйи навиштаи М. Муин баъзеҳо Каюмарсро ба ин силсила дохил кардаанд ва ҷузъи якуми онро ҳамрешаи «Kavi» - и авестоӣ донистаанд, ки тачдиди назар мехоҳад, зеро «Kai» ба ҷузъи аввали «Каюмарс» ягон алоқамандие надорад.

Донишманди забоншиноси тоҷик Д. Саймиддинов дар китобаш «Вожашиносии забони форсии миёна» компоненти «кай»-ро чунин тешреҳ додааст: «Кау «кай, шоҳ». Ин унвон махсуси шоҳони шарқи Эрон дар аҳди бостон буд. Кай-Кавод (бунёдгузори ин хонадони шоҳӣ), Кай-Лухросп, Кай-Хусрав, Кай-Виштосп. – Авестоӣ kavi-, портии монавӣ k`w, форсии миёна дар шакли ҷамъ kayān. Ин унвон бори нахуст дар сиккаҳои шоҳони сосонӣ Пирӯз ва Кавод дар асри V-и мелодӣ ёд мешавад. Унвони

kay дар хориҷи кишвари Сосониён дар сиккаҳои аз Осиёи Марказӣ ба даст омада низ маълум аст. Дар «Фарҳанги паҳлавиг» (бахши XII. 2) kay бо вожаи mas (meh) маънӣ шуда, аз рӯйи тартиби навишти унвонҳо пас аз вожаи «шāҳ» қарор дорад. Идомаи ин вожа дар форсии нав бидуни дигаргуниҳои савтӣ kay (шоҳи бузург), аммо иқтибоси шимолӣ-ғарбии он kaw ба маънои «далер, ҷасур» омадааст. Таърихи пайдоиш ва бунёди маънои ин унвон рӯшан нест. Гумон меравад, ки миёни мардумони ориёӣ ин вожа нахуст ба маънои пешвои қабила, ки русум ва фароизи диниро анҷом медод, ба кор рафтааст. Дар аҳди Сосониён kay аз роҳи суннати асотирии шарқи Эрон маъруф гардидааст [6, 209].

Ҳангоми ҷамъоварии мисолҳо дар «Ҳазору як шаб» мо ба номҳои зерин вохӯрдем, ки бо ин ҷузъ сохта шудаанд:

Кайковус // Ковуси Кай [КаіКāos]. Дар таърихи халқи ориёӣ Кайковус подшоҳи Эрон ва номи яке аз писарони Кайқубод буд.

Дар «Авесто» Кайковус номи дувумин подшоҳи каёнӣ мебошад ва аз се қисм: Kavi+Kavi+usan (қисми аввали онро дар вақти таҳлил истисно мекунем) иборат аст. Сайри таърихии ин ном чунин аст: Ковус – дар «Авесто» «Kavi Usan» ё «Kavi Usashan» омадааст, яъне аз ду қисм «Kavi» + «Usan / Usashan». «Usan / Usashan» - дар забони форсии ҷадид «us» шудааст.

Ковус номест, ки бо унвони «кай» таркиб ёфтааст ва бори дигар ба он ин унвон изофа шудааст, яъне Кайковус. Бояд зикр кард, ки дар Кайковус ду бор калимаи «кай» такроран омадааст. «Қобус» муарраби «Ковус» мебошад. Ҷузъи сеюми ин ном «usan» дар «Авесто» ҳамчун исми мустақил истеъмол шуда, маънои «идора ва майл, орзу ва майл»- ро ифода мекардааст. Бортоломе исми хосси «usan»-ро «дорои чашмаҳо» маънидод кардааст. Аммо Юстӣ ва Шпигел онро «арҷуманд, боирода, тавонотар» тарҷума кардаанд: хулоса «usan» маънои «ирода ва орзу»-ро дорад [5, 1, 236; 1, 248]. М. Муин Кайковусро ба маънии «одил, асил ва наҷиб» ва О. Ғафуров Ковусро «Шоҳ Уса» маънидод намудаанд [8, 3; 2, 191].

Хулоса, аз рӯйи маълумотҳои боло Кайковусро чунин маънидод кардан ба мақсад наздиктар аст: «шаҳриёри тавоно ва боирода».

Кайхусрав [Kay Xosrau]. Кайхусрав яке аз шоҳони каёнӣ ба шумор рафта, писари Сиёвуш мебошад ва дар Эрон подшоҳӣ кардааст.

Ин ном дар «Авесто» «Kavihusrava» [3, 76], паҳлавӣ «Kaihusrau» [1, 247], дар «Шоҳнома» «Кайхусрав» мебошад. Қисми дуюми Кайхусрав - дар «Авесто» «husravah» ба маънии «некномӣ ва машҳур», «husrūv // xu-srav» / некшуҳрат /- дар паҳлавӣ ва дар санскрит «sūshravas» аст [4, 2, 748]. М. Муин, Мӯбад Фирӯзи Озаргушасб ва Баҳроми Фараҳвашӣ ин номро ҷамъан ба маънои «шахси хушном, дорандаи шуҳрати хуб ва некшуҳрат» қаламдод кардаанд.

Кайқубод [Kai Kavad]. Кайқубод номи яке аз подшоҳони каён ва номи падари Нӯшервон буда, аз оли Сосон буд ва дар Эрон подшоҳӣ кардааст.

Кайқубод сарсилсила ва муассиси подшоҳони каёнӣ аст. Дар мадди аввал ба назар чунин мерасад, ки ин ном иборат аст аз ду қисм: Кай+қубод. Лекин дар асл ин ном аз се ҷузъ таркиб ёфтааст ва дар натиҷаи тағйироти фонетикии дуру дароз ба ин шакл то замони мо омада расидааст.

Кайқубод дар «Авесто» «Kavikavāta» омада, дар навиштаҷоти паҳлавӣ ҷузъи дуюми он «kavāt» ва гоҳе «Kubād» сабт карда шудааст. «Қубод» муарраби «Kavād // t ё kubād» мебошад. «Kavāt» мураккаб аст аз ду ҷузъ: якум «kavā», яъне ба маънии «kavi ё kai» ва ҷузъи дувуми он «vāta» буда, онро Бортоломе ба маънии «кайи азиз ва маҳбуб» донистааст [5, 1, 224; 8, 3, 1517; 1, 247].

Хулоса, Кайқубод ба маънои «кайи азиз ва маҳбуб» омадааст.

АДАБИЁТ

1. Баҳроми Фараҳвашӣ. Фарҳанги паҳлавӣ (тарҷумаи русӣ) / Баҳроми Фараҳвашӣ. - Эрон: Интишороти бунёди Фарҳанг (ба забони форсӣ).
2. Гафуров, А. Г. Лев и Кипарис: о восточных именах / А. Г. Гафуров. – М.: Наука, 1971. – 240 с.
3. Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. Бахш аз фарҳанги «Авасто» ва татбиқи он бо форсӣ ва курдӣ / Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. – Шаҳриюр, 1337 хуршедӣ. – 105 с. (ба забони форсӣ).
4. Муин М. Фарҳанги форсӣ / М. Муин. Ҷ. 1-6. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363 (ба забони форсӣ).
5. Пури Довуд. Яштҳо. Ҷ.1. Чопи дувум / Пури Довуд. - Теҳрон, 1347 хуршедӣ. (ба забони форсӣ).
6. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. - Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
7. Фрай, Р. Наследие Ирана. Культура народов Востока. Материалы и исследования / Р. Фрай. – М.: Наука, 1-е изд., 1972; 2-е изд. – М.: Восточная литература, 2002. – 426 с.
8. Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ / Халафи Табрезӣ: бо эҳтимоми доктор М. Муин. - Теҳрон, 1330 шамсӣ (бо забони форсӣ).

ВАСЛИ ПАТРОНИМИ «КАЙ» ДАР НОМҲОИ ЭРОНИИ «ҲАЗОРУ ЯК ШАБ»

Дар мақола сухан оид ба васли патроними «кай» дар антропонимҳои эронии мероси хаттӣ-таърихии «Ҳазору як шаб» меравад.

Ба андешаи муаллиф патронимии «кай» ҳамчун ҷузъи фаъоли номвожасоз, аз ҳама бештар дар таркиби номҳои шоҳон истифода бурда шудааст.

Масъалаи зеринро таҳқиқ намуда, муаллиф қайд менамояд, ки патронимии «кай» таърихи қадима дошта, тӯли асрҳо дар таркиб ва номгузории шоҳону ашрофзодагон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: ном, сохтор, шоҳ, мероси таърихӣ, қисмат, ҷузъ.

ПАТРОНИМ «КАЙ» В СОСТАВЕ ИРАНСКИХ ИМЁН «ТЫСЯЧА И ОДНА НОЧЬ»

В статье подвергается изучению соединении компонента «кай» в иранских антропонимах письменного памятника «Тысяча и одна ночь». По мнению автора компонент «кай», являясь активным антропообразующим элементом, больше всего участвует в образовании имён царей. Подводя итоги рассмотренного вопроса, автор справедливо отмечает, что данный компонент имеет древнюю историю и на протяжении веков участвовал в образовании и составе имен царей (Кайкубод, Кайхусрав, Кайковус).

Ключевые слова: имя, структура, царь, памятник, часть, компонент.

CHUCK «KAI» NAMES AS PART OF IRAN «THOUSAND AND ONE NIGHTS»

The article podyrchaitsya aparntsu connection patronymic «kai» in Iranian anthroponyms written monument «Thousand and One Nights». According to the author component «kai», being an active member antropoobrazuyuschim, most involved the formation of names of kings. Summing up the results of eating consideration, the author rightly notes that the component having the ancient and old, on pretyazheshiim vskov uchastvoeal formation and composition of the names of the kings (Kaykubod, Kayhusrav, Kaykovus).

Key words: name, structure, king, monument, part of the component.

Сведения об автора: ***Дж. Темуров*** – аспирант Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Телефон: **(474) 44-31-08.** E-mail: **rustamshokh@mail.ru**

НАВВОЖАҲО (НЕОЛОГИЗМҲО) ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АРАБӢ

А. Тураев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи наввожаҳо ё худ неологизмҳо дар забони муосири арабӣ бахшида шудааст. Истилоҳи "неологизм" дар фарҳанги энсиклопедии забоншиносӣ чунин шарҳ дода шудааст: "Неологизм аз калимаи юнонии "*неос*" нав ва "*логос*" калима гирифта шуда, маънои калима ё таркиби калимаро гӯянд, ки дар як давраи муайяни таърихии забон ба вуҷуд меояд, ё худ як маротиба дар матн ё гуфтор истифода мегардад" [4, 331]. Ба ибораи дигар, неологизмҳо ё худ наввожаҳо он гурӯҳҳои нави калимаю ибораҳо ва истилоҳоте мебошанд, ки дар асосӣ калимаҳои дар захираи луғавии забон мавҷудбуда сохта шуда, аз назари забоншиносӣ яке аз роҳҳои муҳим ва фаъоли бой гардонидани фонди луғавии ҳар як забон мебошанд. Таҳаввулот ва тағйирёбии таркиби луғавии ҳар як забон, рушд кардан ё заиф гаштани он дар даврaҳои муайяни таърихӣ, яке аз хусусиятҳои хосси он ба шумор меравад. Забон ва ҷамъият бо ҳам тавъаманд, ҳар як ҳодиса ва воқеаи иҷтимоии ҷамъият ба забони он ҳатман таъсир мерасонад. Забони адабии арабӣ низ дар охири садаи XX ба сабаби пешравии илму фановарӣ, ҳодисаҳои сиёсӣ ва пайдо гардидани имконоти техникӣ таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронида истодааст. Дар натиҷаи чунин тағйироту таҳаввулот ва тақозои давру замон дар забони арабӣ чун забонҳои дигари ҷаҳон як гурӯҳ калимаҳо бо номи *"наввожаҳо*" ё "*неологизмҳо"* пайдо гардидаанд, ки дар даврони муосир дар зери таъсири равандҳои нави ҷомеа ва пайдо гардидани соҳаҳои нав ба навӣ илм ва техника, ки эҳтиёҷ ба номгузорӣ доранд, ба вуҷуд омадаанд.

Мавзӯи наввожаҳо гарчанде як масъалаи муҳим ва мубрами забони муосири араб ба ҳисоб рафта, дар пешрафт ва бойсозии он нақши қобили мулоҳиза дорад, ҳанӯз мавриди таҳқиқоти ҷомеи забоншиносӣ қарор нагирифтааст. Дар ҳоле ки омӯзиш ва баррасии ин мавзӯъ барои муайян кардани тағйирот ва таҳаввулоти ҳар як забон дар даврaҳои муайяни таърихӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, мо мавзӯи мақолаи худро ба таҳқиқи ҳамин қишри калима ва ибораҳо дар забони муосири арабӣ, дар асоси яке аз фарҳангҳои навтарини забони адабии муосири арабӣ бо номи *"ал-Муъҷам ал-арабӣ ал-асосӣ*", ки дар шаҳри Работи Марокаш соли 2006-ум ба чоп расидааст, бахшидаем.

Ҷойи тазаккур аст, ки мавзӯи "наввожаҳо" дар даврони қадим дар зимни осори забоншиносии араб ва махсусан, луғатномаҳо дар шакли "ал-муваллад" (чизи нав ба вуҷуд омада) ишора мегардад, ки онро арабшиноси рус В. Белкин чунин шарҳ додааст: "Истилоҳи "ал-муваллад" калимаҳоеро мегуфтанд, ки баромади асили арабӣ надошта, ё баъд аз асри классикӣ ин тарз номида мешуданд ва он калимаҳое манзур буд, ки маънои худро дигар карда, баромади хориҷӣ низ доштанд [1, 177].

Дар даврони муосир ин истилоҳ дар шаклҳои "ал-муҳдас" (навсохта), "ал-истеъмол ал-ҷадид"(корбурди нав), "ал-истиъмол ал-ҳадис" (истеъмоли тоза) ва "ас- сиғат ал-ҷадид"(сиғаи нав) истифода гардида, намунаҳои онро мо дар фарҳангҳои навӣ муосири араб, аз қабили " ал-Маъҷам ал-арабӣ ал-асосӣ", "Муъҷам ал-луға ал-арабийа ал-муосира" ва "ал-Муъҷам ал-кабир", ки аз ҷониби донишмандони Академияи забони арабӣ дар Қоҳира омода гардида истодааст, пайдо карда метавонем.

Мавзӯи наввожаҳо ҳама вақт дар мадди назари донишмандони соҳаи забоншиносӣ қарор дошт. Ҳанӯз яке аз аввалин тадқиқотҳои пуразришро доир ба наввожаҳо дар забоншиносии умумӣ Р. А. Будагов [2, 79] ба анҷом расонидааст. Забоншиноси маъруф назарияҳои дар он давра маъмулро таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки калимаи нав «бо роҳи суньӣ аз захираҳои дар забон мавҷуда, бо роҳи калимасозии маъмули он забон сохта мешавад».

Аз донишмандони эронӣ Амирпуёи Шево истилоҳи наввожаро чунин муайян кардааст: «Бино ба таърифи доиратулмаорифи Вика Пидё наввожаҳо он калимаҳое мебошанд, ки ба тозагӣ тавлид ёфта, бештари мардуми як ҷомеа онҳоро вожаи нав медонанд, ки барои ишора ба чизи нав ё падидаи тоза дар фановарӣ, санъат, сиёсат, фарҳанг ва илм ба кор бурда мешаванд" [7, 36].

Мисол барои наввожаҳо дар забони арабӣ калимаҳои *қитор*-ба маънои қатора, поезд; *тайёра*-ба маънои ҳавопаймо; *сайёра*-ба маънои мошин; *ҳасода*-ба маънои комбайн ва ғайра, ки ҳарчанд имрӯз аз калимаҳои серистемоли забони муосири арабӣ мебошанд, вале имрӯз аз ҷиҳати маънои нави худ неологизм ба шумор мераванд. Ҷойи тазаккур аст, ки наввожаҳо дар ҳама забонҳои ҷаҳон ва аз ҷумла, забони арабӣ яке аз манбаъҳои муҳимми бой гардонидани забони адабӣ будааст. Арабшиноси рус Ушаков В. Д. дар мақолаи худ «*О создании терминов в арабском языке и о терминологических словарях*» қайд менамояд, ки барои сохтани истилоҳоти илмӣ чаҳор тариқаро ба кор бурдан мумкин аст: 1) дигар кардани маънои калима; 2) калимасозӣ; 3) тарҷумаи ҳарфӣ; 4) иқтибосгирӣ [6, 149]. Агар мо ба ин шеваи истилоҳофаринӣ диққат диҳем, мебинем, ки он бевосита ба ҳодисаи пайдоиши наввожаҳо дар забон алоқаи бевосита дорад, зеро тавассути роҳҳои мазкур бо истифода аз лексикаи забон истилоҳоти нав ба нави соҳаҳои илм ва техника сохта мешавад.

Дар забони муосири арабӣ неологизмҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: 1) наввожаҳои забонӣ ва 2) наввожаҳои муаллифӣ.

Неологизмҳо одатан барои ифодаи ашё ва мафҳумҳои нав ба кор бурда мешаванд ва ба захираи ғайри фаъоли забон дохил гардида, дар фарҳангҳои муосир ба неологизм буданашон ишора мегардад [2, 19]. Наввожаҳо одатан дар оғози истифода шудани худ чун наввожа эътироф карда мешаванд, вале бо гузашти вақт ва истифодаи зиёди худ ба калимаҳои оддӣ ва мутадовили забон табдил меёбанд. Масалан, калимаҳои "*қитор*", "*сайёра*", "*тайёра*", "*ҳассода*" ва ғайра дар оғоз наввожа буданд, вале бо гузашти солҳо ва зиёд истифода гардидани онҳо дар забон ба калимаҳои серистеъмол ва мутадовили забон табдил гардиданд. Мо агар наввожаҳои забони арабиро ба гурӯҳҳо тақсим намоем, онҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: яке наввожаҳои лексикӣ ва дигар наввожаҳои маъноӣ. Наввожаҳои лексикӣ, ҳамон калимаҳоеро мегӯянд, ки дар асоси шаклҳои дар забон мавҷуд буда сохта мешаванд ё аз забонҳои дигар иқтибос карда мешаванд. Хусусияти наввожаҳо иборат аз он аст, ки онҳо дар ҳама навъҳои калимаҳои забон: феъл, масдар, исм, сифат ва ғайра мавҷуд буда, тобишҳои маъноии мухталифро ифода мекунанд. Мо аз рӯйи маводи мавҷуда наввожаҳоро аз рӯйи шакли грамматикии онҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудем:

1. Феъл: а) *ба тезҳушиёри ба ишғифт овард*" [1, 180].

أَجْهَضَ، يُجْهِضُ، إِجْهَاضًا - сақт кард, бача андохт (صيغة محدثة) أَجْهَضَ الطبيبُ الحاملَ "*Табиб занро исқоти ҳамл намуд*" [1, 274].

تَحَمَّمَ، يَتَحَمَّمُ، تَحَمُّمًا - оббозӣ (ҳаммом) кард (استعمال حديث) تتمايل الزهور مع النسيم كأنّها تتحمم الشمس "Гулҳо бо вазиши бод ҳам мезананд, мисли ин ки бо нурҳои офтоб шустушӯ карда бошанд" [1, 355].

تَرَخَّصَ، يَتَرَخَّصُ، تَرَخُّصًا - 1) даст кашид, гузашт кард (*аз барои чизе*); 2) сабук гирифт, раво (ҷоиз) шумурд (*чизеро*); 3) иҷозат (рухсат) гирифт [1, 513].

2. Масдар: а) استيداع *масд* استودع - бознишастагии пеш аз муҳлат, бознишастагии зудҳангом. (صيغة متداولة) أحيل الضابط إلى الاستيداع [إدارة] "*Афсар пеш аз муҳлат ба истеъфо фиристода шуд*" [1, 1299].

غَرَامَة *масд* غَرِمَ - ҷ. غَرامات - товон, ҷарима; (صيغة محدثة) حكم القاضي عليه بالغرامة "Қозӣ бар ӯ товон гирифт (ҷарима кард)" [1, 891].

قَنَاعَة *масд* قَنِعَ (صيغة محدثة) القناعة كَنْز لا تفنى "Қаноат ганҷи нестнашаванда аст" (محدثة, المعجم العربي الأساسي) [1, 1010].

3. Исм: а) بَاكِر - фардо سأزورك باكرًا "*Фардо туро зиёрат хоҳам кард*" (استعمال حديث, المعجم العربي الأساسي) [1, 170].

б) حَاجِيَات - эҳтиёҷоти рӯзмарра, ниёзҳои зарурии зиндагӣ اشترى حاجياته من السوق "*Чизҳои мавриди ниёзро аз бозор харид.*" (استعمال حديث, المعجم العربي الأساسي, с-зо)

4. Сифат: а) خَبِيث ج: خُبَثَاء, خَبِيثَة ج: خبيثات, خَبَائِث бадфарҷом المرض الخبيث "Бемории бадфарҷом (саратон)" (استعمال حديث, المعجم العربي الأساسي, [1, 374]).

б) دَهْيَمِيّ - киштии хурде, ки барои сукунат дар об лангар меандозад (*дар Миср*) (محدثة, المعجم العربي الأساسي, [1, 488]).

в) مَزْلَقَانِيّ - гузаргоҳи роҳи оҳан, ки аз ду ҷониб нишеб аст (محدثة, المعجم العربي الأساسي, [1, 582]).

Чуноне ки аз мисолҳои мазкур равшан гардид, калимаҳои أَجْهَضَ - барангехт, таҳрик кард, ба ҳаячон овард; تَحَمَّمَ - сақт андохт; تَرَخَّصَ - оббозӣ (ҳаммом) кард; - даст кашид, гузашт кард (*аз барои чизе*); استيداع *масд* استودع - бознишастагии пеш аз муҳлат; غَرَامَة *масд* غَرِمَ - товон, ҷарима; بَاكِر - фардо; حَاجِيَات - эҳтиёҷоти рӯзмара, ниёзҳои зарурии зиндагӣ; دِينَار - (ҳозира) воҳиди пулӣ дар баъзе кишварҳои арабӣ; خَبِيث бадфарҷом; دَهْيَمِيّ - киштии хурде, ки барои сукунат дар об лангар меандозад; مَزْلَقَانِيّ - гузаргоҳи роҳи оҳан, ки аз ду ҷониб нишеб аст, наввожаҳое мебошанд, ки дар зери таъсири равандҳои нави ҷомеаи башарӣ маъноҳои нав касб намуда, аз як тараф ниёзмандиҳои ҷомеаро таъмин намудаанд, аз ҷониби дигар фонди луғавии забонро ғанӣ гардонидаанд. Ҳамчунин аз мисолҳои мазкур равшан мегардад, ки дар забоншиносии араб ин падидаи нав бо истилоҳоти: محدثة - навсохта; صيغة محدثة – сиғаи навсохта; استعمال

حديث – корбурди нав истифода гардида, бо истилоҳоти мухталифи аз назари маъно ба ҳам наздик ишорат карда мешавад.

Хулоса, аз мисолҳои боло равшан гардид, ки дар забони арабӣ низ падидаи навпардозӣ яке аз ҳодисаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, дар зери таъсири равандҳои тозаи ҷомеа ва таъсири онҳо ба вуҷуд омада, дар забон тағйиротҳои чашмрас ворид менамояд ва дар айни замон фонди луғавии забонро бой гардонида, аз он шаҳодат медиҳад, ки пешрафти забон ва боландагии он ба пешрафти ҷомеа ва тағйироти он вобаста аст.

АДАБИЁТ

1. المعجم العربي الأساسي للناطقين بالعربية و متعلمين تأليف و إعداد جماعة من كبار اللغويين الفو والمنظمة العربية و الثقا 1347 ،2006
2. Белкин В. В. Арабская лексикология / В. В. Белкин. – М., 1972. – С. 177.
3. Брагина А. А. Неологизмы в русском языке / А. А. Брагина. – М., 1973. – С. 79
4. Будагов Р. А. Ввдение в науку о языке / Р. А. Будагов. – М.: Учпедиздат, 1958. – С. 331
5. Куликова И. П. Введение в языкознание / И. П. Куликова, Д. В. Салмина. – М.: Юрайт, 2015.
6. Лигвистический энциклопедический словарь. – М.: "Советская энциклопедия", 1990. – С. 149.
7. Немченко В. Н. Введение в языкознание / В. Н. Немченко. – М.: Юрайт, 2015. – С. 36.
8. Осипова Л. И. Введение в языкознание / Л. И. Осипова. – М.: Академия, 2013.
9. Ушаков В. Д. О создании терминов в арабском языке и о терминологических словарях. Семитские языки. Сбор. статт, Вып. 3. / В. Д. Ушаков. - М., 1976.
10. [Электронный ресурс] www.©2008-2010 farspaje.com.

НАВВОЖАҲО ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АРАБӢ

Дар мақола дар асоси маводи тасвирӣ таҳти таъсири омилҳои забоншиносии дохилӣ ва беруна, раванди ба вуҷуд омадани наввожаҳо дар забони муосири арабӣ таҳқиқ карда шуда, аз ҷумла таҳлили морфологӣ ва луғавии наввожаҳо дар забони адабии арабӣ амалӣ гаштааст.

Ҳамчун объекти таҳқиқ Фарҳанги тафсирии забони адабии муосири арабӣ "ал-Муъҷам ал-арабӣ ал-асосӣ" истифода шудааст.

Калидвожаҳо: наввожаҳо, мувофиқат, калимаҳо, истилоҳ, калимасозӣ, арабшиносӣ, иқтибос, тарҷума, луғатшиносӣ, забоншиносӣ, классикон, таҳлили муқоисавӣ, забони арабӣ.

НЕОЛОГИЗМЫ В СОВРЕМЕННОМ АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье на основе иллюстративного материала исследуется процесс возникновения неологизмов в современном арабском литературном языке под влиянием внутренних и внешних лингвистических факторов. В частности осуществлён морфологический и лексический анализ неологизмов в арабском литературном языке. Как объект исследования использован толковый словарь современного арабского литературного языка "Ал-Муъджам ал-араби ал-асаси".

Ключевые слова: неологизмы, сочетание, слово, термин, словообразование, арабистика, заимствование, перевод, лексикология, языкознание, классики, сопоставительный анализ, арабский язык

NEOLOGISMS IN THE ARABIC LANGUAGE

The article analysis the process of appearing neologisms in modern Arabic literary language, on the basis of illustrative materials by influence of internal and external linguistic factor. In particular carried out morphological and lexical analysis of neologisms in Arabic literary language. The object of the study is used by standard dictionary of modern Arabic literary languages of "Al-muajam al-arabi al-asasi".

Key words: neologisms, combination, word, term, word combination, borrowings, translate, lexicology, linguistic, classic, comparative analysis, Arabic language.

Сведения об авторе: ***А. Турдиев*** – соискатель кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Телефон**: (+992) 918-21-99-82**

ШАРҲИ БАЪЗЕ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР ОСОРИ ТАЪРИХӢ

М. Турсунова
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ҳисор аз замонҳои хеле қадим бо номҳои Шумон, Ҳисор ва Ҳисори Шодмон ёд шуда, дар осори чинӣ бо унвони «Суман» ва маъхазҳои арабиву тоҷикӣ ҳамчун «Шумон» зикр шудааст. Дар забони авастоӣ вожаи «Шумон» дар шакли «шиман» истифода шуда, маънои «нишастгоҳи баланд»-ро ифода мекунад. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» онро «кохи боракӯҳ» маънидод намудааст. Мулки Ҳисор таърихан дар сари роҳи яке аз шоҳаҳои муҳимми **Роҳи бузурги абрешим** мавқеъ дошта, муаррихон ва бостоншиносон ба ин назаранд, ки **Шумон** бо Хитой ва Ҳиндустон дар Шарқ ва бо Мисру Византия дар Ғарб робитаҳои хуби тиҷоратӣ доштааст. Сарчашмаи муътабаре, ки масъалаи гузариши роҳҳои тиҷоратиро ба воситаи водии Ҳисор зикр кардааст, асари Птоломей «Дастурҳои ҷуғрофӣ» мебошад, ки ҳанӯз соли 177-уми мелодӣ навишта шудааст. **Шумон** шаҳри нодири меъморӣ ва фарҳангӣ низ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи нақшаи шаҳрсозӣ дар даврони гузашта дар минтақа беҳамто будааст» [10].

Ҳисор сарзамини бостонии қисмати ҷанубу ғарбии вилояти Бохтари бостон ва айни ҳол воқеъ дар ҳудуди шимоливу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанубии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Ин сарзаминро ҳоло бо номи водии Ҳисор ёд менамоянд ва ин водӣ дорои чандин деҳаву деҳакҳои хушманзар ва шаҳру шаҳракҳои қадимаи ободу зебо мебошад, ки метавон чанде онҳоро, чун ***Душанбе, Қаратоқ, Хонақоҳ, Регар, Тӯфаланг, Даштии Набот, Тирмиз, Бойсун, Сайроб, Дарбанд, Панҷоб, Заркамар (Олтинсой), Шеробод, Деҳнав, Сариосиёб, Узун, Шаргун, Хуфар, Даҳана, Дараи Ниҳон, Сина, Кургончa, Бибишарин, Пасисурхӣ, Чакчак, Сурхоб*** ва ғ. ин ҷо зикр намуд, ки аксари ин номвожаҳои ҷуғрофӣ дорои таърихи қадима мебошанд. Ғайр аз ин, аз ҳудуди сарзамини зикргардида чандин рӯду рӯдак ҷорист, ки калонтарини онҳо ***Кофарниҳон, Хонақоҳ, Сурхондарё, Тӯфаланг*** ва чанде дигар шохобҳои онҳоянд. Умуман, сарзамини мазкур дар водии Ҳисор воқеъ гардида, ба таври дигар мавзеи миёнаоби дарёи Ому маҳсуб ёфта, оғозгоҳи ин водӣ мавзеъҳои Обигарму Файзобод ва интиҳояш - шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст.

Аз бозёфтҳои таърихӣ маълум мегардад, ки Ҳисор дар даврони давлатдории Ҳахоманишиҳо, Селевкиҳо, Юнону бохтариҳо, Кушониён, Ашкониён ва Сосониён мулки обод буда, қалъаи он ҳамчун такягоҳи ҳокимони давру ҳимоятгари мардум хизмат мекардааст. Шарқшиносони рус ва муҳаққиқони хориҷӣ таҳқиқи таърихи Ҳисорро дар асарҳояшон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумла асарҳои А. Вамбери «Путешествие по Средней Азии», Стеткевич «Бассейн Каратагдарьи», Лилентал «Гиссарское Кабадианское бекство 1889 г.», Д. Н. Логофет «Бухарское ханство под русским протекторатом», «В горах и равнинах Бухары: Очерки Средней Азии», Руи Гонзалес де Клавихо «Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403-1406 гг.)», Н. Маев «Очерки Гиссарского края. Материалы для статиски Туркестанского края», «Географический очерк Гиссарского края и Кулябского бекства», Л. Н. Соболев «Заметки о Гиссарских владениях и о среднем течении Сурхандарьи», А. П. Колпаков «Из недавнего прошлого Кабадиана», Н. А. Вендерский «Гиссарское бекство», Р. Ю. Рожевиц «Поездка в Южную и среднюю Бухару в 1906 г.», В. Н. Липский «Горная Бухара», Б. Н. Литвинов «Через Бухару на Памир», Г. Андреев «В Гиссаре», В. В. Бартолд «Чағониён» ва «Ҳисор», Е. А. Давидович, А. Мухторов «Страницы истории Гиссара», Н. Н. Ершов «Каратаг и его ремесла», Е. К. Мейендорф «Путешествие из Оренбурга в Бухару», А. А.Сёменов «Нарубеже Афганистана. В благородном Гиссаре», «По границам Бухары и Афганистана» ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд [16].

Муаррихи асри XV-и тоҷик Мирхонд дар асараш «Равзат-ус-сафо» оид ба тавсифи қалъаи Ҳисор навиштааст: «Алҳақ ин ҳисорест, ки дар рифъату (баландӣ) ҳасанат (зебоӣ) шабеҳи қалъаи Хайбару Сади Сикандар ва хандақи амиқаш ба сони арсаи ҳиммати арбоби аризу паҳновар буд» [7, 10].

Тавсифи муаллифи «Ҳафт иқлим» Амин ибни Аҳмад ар-Розӣ ибни Хоҷа Муҳаммади Мирзо (асри XVI) чунин аст: «Ҳисор – кӯҳистонест назиҳу ботароват… Ва дорулмулкаш Ҳисори Шодмон аст» [14, 94].

Муаррихи асри XVII-и аҳли Балх Маҳмуд ибни Валӣ дар асараш «Баҳр-ул-асрор» (дар боби «Сағониён») Қалъаи Ҳисорро, ки дар ин аср «Қалъаи Афросиёб» низ мегуфтанд, тасвир дода, навиштааст, ки қалъа чунон баланд будааст, ки на одамон, балки онро девону ҷиниён бунёд кардаанд: «Ва он ҳисорест, ки дар ғояти иҳком ва истеҳком бар фарози баланди олӣ. Ва дар баъзе осор чунон ба вузӯҳ мепайвандад, ки он баландӣ… аз сабонии девону ҷиниён хоҳад буд» [8, 411-412].

Академик В. В. Бартольд доир ба Ҳисори Шодмон бевосита мақолаҳои зиёде таҳти номи «Чағониён», «Ҳисор» ва амсоли инҳо иншо намуда, ҷанбаҳои гуногуни мулки зархезу ободро ба тариқи васеъ ба қалам додааст. Вай пиромуни Ҳисори Шодмон дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва даврааи наву навин сухан ронда, нишон медиҳад, ки сарзамин бо номи Чағониён машҳур буда, маркази худро дошт ва дар ин минтақа ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ривоҷу равнақ ёфта будааст. Ба қавли муҳаққиқи номӣ, Чағониён дар навишти арабӣ Сағониён номида шуда, он вилоятест, ки дар болооби Сурхондарё ҷойгир буда, қисми ғарбии водии Ҳисор ва водии Сурхондарёро дар бар мегирифт. Маркази Чағониён дар масофаи 4 рӯза роҳ ё ин, ки 24 фарсах дуртар аз Тирмиз ва 3 рӯза роҳ аз Қуводиён (Қубодиёни ҳозира) воқеъ буд.

Аз рӯйи маълумоти В. В. Бартолд мавзеи поёнии дарёи Сурхон - Тирмиз ва Чармангон нисбати Чағониён дар масофаи як рӯза роҳ ё на камтар аз 6 фарсах воқеъ буда, ба Чағониён дахл надошт. Ин мавзеъ дар зери тобеияти ҳокими махсуси Тирмиз шоҳ қарор дошт. Ҳудуди он аз Чағониён ҷудо карда шуда буд. Вале минбаъд, хусусан дар асри X, дар аҳди Сомониён ин вилоят ба мисли вилоятҳои Шумон ва Ҳорун, ки дар шарқии Чағониён воқеъ буд, ба амири Чағониён тобеъ карда шуданд. Ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ дар Чағониён чун дигар минтақаҳои кӯҳии болооби Сурхондарё нисбат ба Бухоро ва Самарқанд тафовут дошта, он асосан дар зери таъсири Балх буд. То асри III Чағониён дар ҳайати давлати Кушониён, минбаъд то нимаи якуми асри VI дар ҳайати давлати Ҳайтолиён қарор

дошта, тақрибан охири асри VI Чағониён ба туркҳо тобеъ гардид, дар аввали асри VIII бошад он ба тасарруфи арабҳо гузашт [3, 558].

Мувофиқи иттилои сайёҳи чинӣ Сюан Цизан (тақрибан соли 630) пеш аз ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр дар ин ҷо асосан дини буддоӣ ҳукмрон буд. Дар он замон дар Чағониён то 500 дайр мавҷуд буд, аммо теъдоди роҳибон зиёд набудааст. Бо вуҷуди он, дар адабиёти таърихӣ, доир ба Чағониён ақидаи дигар низ мавҷуд аст. Чуноне академик В. В. Бартолд зикр намудааст, ки дар соли 705 Чағониён бояд ба Қутайба ибни Муслим тобеъ мегардид. Аммо баъзе далелҳое мавҷуданд, ки ин ақидаро рад менамояд. Аз рӯйи ахбори баъзе манбаъҳо дар соли 737 Чағонхудот ба сифати иттифоқчии арабҳо амал кардааст [3, 558].

Тазаккури он ҷоиз аст, ки доир ба таърихи иҷтимоию фарҳангии Ҳисор то асри X санаду далелҳои ниҳоят камшумор аст. Аз рӯйи ахбори маъхазҳои таърихӣ яке аз умарои машҳури ин хонадон Аҳмад (Абӯ Алӣ) б. Абӯбакр Муҳаммад ба шумор мерафт. Шаҳри Чағониён дар он замон нисбат ба Тирмиз калон буд. Дар майдони бозор масҷиди боҳашамате бо сутунҳо аз ғишти пухта бунёд ёфта, диққати бинандаро ба сӯйи худ ҷалб менамуд. Хусусан, дар асри XII мадрасаи Чағониён яке аз иншооти зебо ва машҳур ба ҳисоб мерафт [3, 558-559].

Инчунин, академик В. В. Бартолд доир ба таърихи сиёсӣ ва сокинони мулки Чағониён маълумот додааст, ки мувофиқи маълумоти ӯ аҳолии Чағониён ба 16 ҳазор нафар мерасид [3, 559] ва дар нимаи аввали асри XI мулки Чағониён дар ҳайати ҳокимияти Ғазнавиён ва баъдан дар ҳайати давлатдорони Салҷуқиён пурра тобеъ будааст. Дар натиҷаи шӯриши соли 1064 дар вилояти Чағониён ва Хатлон ба амал омада тибқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ дар асри XII Чағониён гоҳе ҳамчун мулки хонҳои Самарқанд ва гоҳе чун ҷузъи давлати Ғуриён – Бомиён шуморида мешудааст [4, 559]. Аз давраи истилои муғул Чағониён рӯ ба таназзул ниҳода, ҷанбаҳои маданияти моддии Чағониён дар асрҳои миёна мавриди тадқиқу баррасӣ қарор наёфтааст.

Дар маъхазҳои таърихӣ Ҳисор бори нахуст бо номи Шумон ва аз асри XVI ҳамчун Ҳисори Шодмон зикр шудааст [11, 397]. Шумон яке аз қадимтарин шаҳр ва вилоятҳои таърихиву фарҳангие, ки дар ҳудуди ҳозираи водии Ҳисор ҷойгир шуда, ба ҳисоб мерафт [4, 164]. Дар маъхазҳои таърихӣ доир ба Шумон санаду далелҳо кам нестанд. Чунончӣ, дар «Ҳудуд-ул-олам» оид ба шаҳри Шумон чунин маълумот оварда шудааст: «Шумон шаҳрест устувор ва ба барокӯҳ ниҳода ва гирди он бораи кашида ва онро кӯҳандижест бар сари кеҳ ниҳода ва андар миёни кӯҳандиж чашмаи об аст бузург» [1, 45].

Бостоншиноси номии тоҷик Ю. Яқубов пиромуни Шумон маълумот дода зикр кардааст, ки дар аҳди Кушониён маркази Шумон шаҳри Ҳамоварон ба ҳисоб мерафт, ки масоҳати он тақрибан 350 гектарро дар бар мегирифт [5, 164]. Дар асрҳои IX-X Шумон дар ҳайати давлати Сомониён дохил мешуд, ки дар ин давра ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ривоҷу равнақ ёфтанд. Шаҳрҳои асосии Шумон – Ҳамоварон, Шумон, Аҳорун, Регар [Регдашт], Зинур ва Сиём ба шумор мерафтанд [13, 123]. Дар ин давра дини ислом дини асосии мардуми Шумон ҳисоб меёфт.

Истилоҳи Ҳисори Шодмон ё Ҳисор дар таърихномаи Темур зикр шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки Ҳисор дар замони Темуриён ва Шайбониён - ҳамчун қалъаи мустаҳкам ва қароргоҳи ҳокимони мустақил аҳамияти худро нигоҳдошта тавонист. Дар ин давра дар ин мулк баъзе пешравиҳо ба амал омадаанд.

Дар нимаи дуюми асри XV Вилояти Ҳисор дар давраи Маҳмуд Мирзо (писари Абӯ– сайид) то Ҳиндукуш ҳудуди зиёдро дар бар мегирифт. Вале дар замони Темуриён Ҳисор ҳамчун вилояти камнуфуз ба ҳисоб мерафт. Зеро, ҳангоми ҷанги охирини байни Темуриён ва ӯзбакҳо Ҳисор ниҳоят хароб гардида буд. Баъдан Ҳисор ба зери тобеияти қабилаи туркманҳои юз дохил мегардад. Аз аввали асри XVII то соли 1869 мулкдорон дар Бухоро ба воситаи шамшер беки Ҳисорро дар муҳлати на он қадар тӯлонӣ тобеи худ гардониданд. Танҳо дар давраи ҳокимияти русҳо ба амир Музаффар муяссар гардид, ки мулки мустақили Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Ҳисорро ба аморати Бухоро тобеъ созад [4, 401]. Дар миёнаи асри XVIII заминҳои маҳаллаи Мир Шодии Ҳисор дар болооби Сурхон кишт карда шуданд. Инчунин, ба Ҳисор ноҳияҳои ғарбӣ, ба мисли Бойсун ва Шеробод дохил мегардиданд. Ба ҳайати Ҳисор, ба ғайр аз Чағониёни қадим, инчунин Қабодиён ва қисми Хуттали қадим бо Кӯрғонтеппа низ дохил мешуданд.

Ҳанӯз В. В. Бартолд дар мақолаи «Ҳисор»-и худ, ки онро пеш аз инқилоби соли 1917 навишта буд, пиромуни мавқеи ҷойгиршавии Шумон истинод намуда, қайд намудааст, ки он дар мавзеи шаҳрчаи Ҳисор, ки дар ҷанубии Қалъаи Ҳисор воқеъ буд, ҷойгир будааст. Вале ба тибқи назари Е. А.

Давидович ва А. М. Мухторов «Шумон дар ҷойи Ҳисори имрӯза ё шарқтари он ё ки дар наздикиҳои Қалъаи Ҳисор» ва ба назари М. М. Дяконов «дар ҷойи Душанбеи ҳозира» мавзеъ доштааст.

Дар асари дигари таърихӣ, ки ба қалами Содиқхоҷаи Гулшанӣ мансуб буда, «Таърихи ҳумоюн» ном дорад, роҷеъ ба водии Ҳисор ва навоҳии он, аз ҷумла доир ба мавзеъҳои Чағониён ё Чағонрӯд маълумоти ачиб оварда шудааст. Ин муаллиф доир ба ин мавзеъ дар яке аз мақолаҳояш маълумот додааст.

Тавре зикр гардид, «Мақолаи шашум иёлати Ҳисор» унвон дошта, дар ин мақолот роҷеъ ба вилояту навоҳии гирду атрофи водии Ҳисор (Душанбе, Қаратоқ, Сариҷӯй, Регар, Деҳнав, Юрчӣ, Кубодиён, Шеробод, Қурғонтеппа, Айвоҷ, ТирмизЪ маълумоти ҷолиб медиҳад. Аз ҷумла, роҷеъ ба водии Ҳисор чунин менигорад: «Ин иёлатро (Ҳисори шумон – М. Т.) иёлати кӯҳистон ва иёлати Ҳисор меноманд ва маркази ҳукумати ин иёлатро Бош Ҳисор меноманд. Ва дар кутуби таворихи салаф Ҳисори Шодмонро Чағониён мехонанд. Шамсуддинбеки Сомӣ дар китоби «Қомус-ул-аълом»-и худ аз ҷуғрофиюни араб ва аз китоби «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ нақл менамояд, ки дар солиф-уз-замон Чағониён ба касрати миёҳи ҷорӣ маъруф ва ба касрати абҳор машҳур ва дорои дусад ҳазор қария аст, лекин алҳол аҳволи ҳозираи он ба саёҳатномаҳо ва ба китобҳои ҷадид-ут-таълиф маълум нест, ки чӣ гуна аст…Ҳисор шаҳрест қадим ва иёлатест азим [16].

Ҳоло чанде аз номвожаҳои ҷуғрофии ин водиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем: Роқими савод дар таърихи санаи 1325 ҳичрии набавӣ (мутобиқи 1908 м. - М. Т.) ба вилояти Кубодиён рафта будам аз роҳи Шеробод ва Тирмиз, охируламр омадам ба болои кӯҳи Тобакутал дидам… [139].

Тирмиз ё Тирмид номи шаҳр ва маркази ҳудуди маъмурии вилояти Сурхондарёи ҳозираи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин номвожаи ҷуғрофӣ таърихан вожаи мураккаб аст ва дар айни ҳол ба қатори калимаҳои рехтаи сода шомил гардидааст. Маънои луғавии ин топоним **гузаргоҳи обӣ** будааст, яъне тавассути бандаргоҳи Тирмиз роҳгузари обӣ мавҷуд аст. Ин топоним мутааллиқи забонҳои эронӣ мебошад.

Дарёе, ки аз таҳти шаҳри мазкур ҷараён дорад, ки манбаи он аз қарияи **Хонақоҳ** аст, ба **дарёи Сурхон** мерезад, аз таҳти **Қалъаи Ҳисор** мегузарад, онро **Оби Ҳисор** ва **Оби Хонақоҳ** ва **Оби Чангоб** низ меноманд [122]. **Хонақоҳ, Дарёи Сурхон, Оби Чангоб** ва **Қалъаи Ҳисор** чун номвожаҳои ҷуғрофӣ номи **дарё, деҳ** ва **диж** буда, мутааллиқи забонҳои эронӣ ва аз нигоҳи сохт **сода** (Ҳисор), **сохта** (Сурхон, Хонақоҳ) ва **мураккаб** (Чангоб) мебошанд. Дар асар ин номвожаҳои ҷуғрофӣ чандин маротиба корбаст гардидаанд, ки ин далели дорои таърихи қадима буданро нишон медиҳанд.

Ва қарияи **Сайроб** миқдори се ҳазор хонавор мардумони тоҷик мутаваттинанд… [110].

Номвожаи ҷуғрофии **Сайроб** номи яке аз деҳаҳои қадимаи мавзеи Бойсуни водии Ҳисор ва **дарё** мебошад ва аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **сайр** ва **об** таркиб ёфта, мутааллиқи забони форсии тоҷикист. Маънои луғавии ин гидроним мавзеест, ки **дар он ҷо об сайр дорад**.

Қарияи **Дарбанд**, ки яке аз қурои **Бойсун** аст, сари роҳи **Ҳирот** мисли як манзил аст [111].

Номвожаи ҷуғрофии дигари ин сарзамин **Дарбанд** аст, ки номи **деҳа** ва **рӯдак** буда, аз нигоҳи сохт мураккаб аст ва аз ҷузъҳои **дар** ва **банд** таркиб ёфтаасту маънои луғавиаш мавзеи **тангнои баста аст** ва мутааллиқи забони форсии тоҷикист.

Панҷоб номи деҳа ва дарёи дигари ноҳияи Бойсуни сарзамини Чағонрӯди таърихӣ ва водии Ҳисор аст, ки аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **панҷ** – адад ва **об** – дарё таркиб ёфта, мансуби забони форсии тоҷикӣ мебошад.

Заркамар яке аз мавзеъҳои ободу зебои водии Сурхондарё маҳсуб ёфта, айни ҳол шакли туркӣ-ӯзбекии **Олтинсой**ро соҳиб гардидааст. **Олтинсой** шакли тарҷумашудаи Заркамари тоҷикӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **зар** ва **камар** таркиб ёфта, маънояш **водии зарин** аст.

Номвожаи ҷуғрофии дигари ин сарзамин **Шеробод** ба шумор меравад ва вожаи **Шеробод** аз нигоҳи сохт мураккаб буда, мутааллиқи забони форсии тоҷикист. Ин вожа чун топоним номи **рӯд** ва мавзеест, ки дар қаламрави имрӯзаи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон воқеъ аст. Инчунин дар қаламрави Осиёи Марказӣ чандин мавзее мавҷуд аст, ки бо номи **Шеробод** ёд мешавад. Чунончи, дар ноҳияи **Китоб** ва вилояти **Хоразм Шеробод** ном деҳае мавҷуд аст, ки тибқи маълумоти сокинонашон ин мавзеъ ба **Шер** ном шахс, ки барои ободии ин деҳаҳо саҳм гирифтааст, гузошта шудааст. Вале Шерободе, ки мо мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ба назари мо, бо ин ривоят умумият надорад. Чунки ин мавзеъ аз нигоҳи ҳудуди маъмурӣ хеле васеъ буда, яке аз мавзеъҳои қадимаи

тоҷикнишин аст. Дар айни ҳол **ноҳия** ва **шаҳр** номи **Шерободро** дошта, беш аз 150 ҳазор нафар аҳолиро фаро мегирад. Топонимияи Шеробод вожаи мураккаб буда, аз ҷузъи **шер** ва **обод** таркиб ёфтааст. **Шер** ҷузъи асосӣ ва **обод** анҷомаи топонимсоз мебошад. Ҷузъи **шер** чун вожаи таърихӣ таҳаввули ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Ин вожа аслан аз калимаҳои қадимаи эронии **xša [y]** ва шакли дигари он **xšaуaϑiуa** буда, маънои **шаҳр, кишвар** ва **шоҳро** дорост. Дар калимаи **шер** аз дифтонги **au** фонемаи **ō** боқӣ мондааст ва аз ҳамсадои думахрачаи **xš-ш** пайдо шуда, шаклҳои **шер** ва **шаҳр** аз ҳамин калима аст. Шаҳр дар ибтидо ба маънои васеъ корбаст ёфта, муодили кишвар, мамлакат аст. Ин калима ҳамчун анҷома ва ҳамчун ҷузъи асосӣ дар таркиби калимаҳои ***Ардашер, Гариошшер, Баҳромшер, Шеробод, Шерхон, Панҷшер*** ва амсоли инҳо корбаст ёфта, ба маънои ***ҷойи истиқомат, ҷойи зисти ҳоким, мақоми будубош*** меояд. Агар ин нигоштаҳоро ҷамъбаст намоем чунин хулоса мебарояд, ки вожаи **Шеробод** калимаи хеле куҳани забони тоҷикӣ буда, таърихан мураккаб мебошад ва ба маънои ***ҷойи зисти ободу шукуфони мардуми ориёӣ*** далолат мекунад. Ба маънии шаҳри **обод**, макони **шукуфони ориёӣ, киштбоб** шудани ин мавзеъро худи муҳити ҷуғрофӣ низ ба исбот мерасонад. Зеро мавзеи Шеробод дар анбуҳи чандин навоҳӣ, аз қабили **Ҷарқӯрғон** ва **Қумқӯрғон** воқеъ буда, нисбат ба дигар мавзеъҳо дар ин мавзеъ киштукор ва ободӣ барвақттар оғоз гардидааст, ки дар айни ҳол низ шукуфонтару ободтар аст ва макони долу дарахти гуногун мебошад.

Топонимҳои дигари ин сарзамин, чун **Деҳнав, Сариосиёб, Ҳуфар, Даҳана, Дараи Ниҳон, Шарғун, Пасисурхӣ** ва монанди инҳо низ мансуби забонҳои эронӣ, аз ҷумла форсии тоҷикӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб ва ибора - топониманд. Ин номвожаҳои ҷуғрофии форсии тоҷикӣ чун **мушт аз хирворест**, ки нақши забони тоҷикиро дар ташаккулёбии номвожаҳои ҷуғрофии берун аз Тоҷикистон нишон медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз нигоштаи фишурда маълум мегардад, ки доир ба водии Ҳисор ва навоҳии атрофи он, аз ҷумла Чағониён ё Чағонрӯд дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти дақиқу муфид оварда шудааст, ки ин маълумоти муаллифони осори таърихӣ оварда аз чанд ҷиҳат ҷолибу манфиатбахш аст. Аввалан, маълумоти онҳо роҷеъ ба номвожаҳои таърихии мавзеъҳо ва ҳудуди густариши онҳо барои харитасозону номшиносон чун сарчашмаи боэътимод хидмат хоҳад намуд ва, дувум, аз ин маълумот барои муайян кардани ҳудуди таърихӣ ва номвожаҳои ҷуғрофӣ истифода кардан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Алиева З. Мачити сангин / З. Алиева, Р. Муқимов, П. Саймолик // Гиссарский заповедник и его архитектурные памятники. – Душанбе, 1993. - С. 45.
2. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. -Душанбе, 1995. - С. 82-110.
3. Бартольд В. В. Чаганиан / В. В. Бартольд // Соч. Т. III. – М., 1965.- С. 558-559.
4. Бартольд В.В. Гиссар (Хисар) / В.В. Бартолд // Соч. Т. III. - М., 1965. - С. 401.
5. Ёқубов Ю. Шумон. / Ю. Ёқубов // ЭСТ. - Душанбе, 1988. - Ҷ.8. - С. 164.
6. Лившитс В. Согдийские слова в таджикском языке / В. Лившитс. - Душанбе, 1967. - 68 с.
7. Мирхонд. «Равзат-ус-сафо» / Мирхонд. - Теҳрон, 1961. - Ҷ. VI. - С. 10.
8. Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳр-ул-асрор / Маҳмуд ибни Валӣ: дар зери таҳияи Б. А. Аҳмадов. – Тошканд: Фан, 1977. - С. 411 - 412.
9. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номашиносии тоҷик / Олимҷони Муҳаммадҷон. - Душанбе, 2004. - С. 19.
10. Раҳмон Э. Суханронӣ ба муносибати 3000-солагии маданияти Ҳисор / Э. Раҳмон // АМИТ «Ховар», 27. 10. 2015.
11. Тошев А. Ҳисор / А. Тошев // ЭСТ. - Душанбе, 1988. - Ҷ.8. - С. 397.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М., СЭ, 1969. - Ҷ. 1. – 908 с. - Ҷ. 2. – 910 с.
13. Фрай Р. Мероси Осиёи Марказӣ. Аз замони бостон то истилои туркҳо / Р. Фрай. - Душанбе, 2000. - С. 123.
14. Хоҷа Муҳаммад Мирзо. Ҳафт иқлим / Мирзо Хоҷа Муҳаммад. – Теҳрон. Қисми II. - С. 94.
15. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2014. - 164 с.
16. Шарофуддинов С. Инъикоси таърихи Ҳисор дар осори таърихӣ / С. Шарофиддинов // Ҳисор дар массири таърих. - Душанбе: Маориф, 2015. – С. 56 – 60.
17. Чағониён // ЭСТ. - Душанбе, 1988. - Ҷ.8. - С. 63.

ШАРҲИ БАЪЗЕ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР ОСОРИ ТАЪРИХӢ

Дар мақолаи мазкур номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор дар асоси маводи сарчашмаҳои хаттию таърихӣ мавриди таҳлили забонӣ қарор гирифтаанд ва муаллиф дар ин бобат маълумоти бештар овардааст. Маводи мақола барои забоншиносони ҷавон, унвонҷӯён ва донишҷӯёни номшинос ва умуман дӯстдорони фарҳангу тамаддуни қадимиамон муфид аст.

Калидвожаҳо: топонимияи Чағонруд, номвожаҳои ҷуғрофӣ, гидронимия, Сурхандарё, омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофӣ, дарё, руд, чашма, сарчашма.

КОММЕНТАРИИ НЕКОТОРЫХ ТОПОНИМОВ ГИССАРСКОЙ ДОЛЫНИ В ПИСЬМЕННЫХ ИСТОЧНИКОВ

Данная статья посвящена изучению образования и эволюции некоторых географических названий в письменных источников.

Ключевые слова: топонимия Чагонруда, географические названия, гидронимия, Сурхандарья, изучение географических названий, речка, басейн, родник, источники.

TOPONYMS CHAGORUDA IN PRODUCT «TARIHI HUMAYUN» OF GULSHANI

Given article is devoted studying of formation and evolution of some place names in product «Tarihi Humoyun» of Gulshani.

Key words: toponyms of Chagonruda, place names, "Tarihi Humayun", studying of place names.

Сведения об автор: ***М. Турсунова*** **–** старший преподаватель кафедры методика преподавание таджикский язык и литературы Таджикский государственный педагогический университет имена С. Айни. Телефон: **(+992) 917-30-31-19**

ЛСГ КАЧЕСТВЕННЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИХ НОС ЧЕЛОВЕКА

Ш. Р. Хасанова
Таджикский национальный университет

Лексико-семантическая группа, характеризующая нос человека представлена следующими 11 таджикскими сложными прилагательными, образованными по модели «признак+бинӣ». Они классифицируются по следующим семантическим признакам: 1. форма носа, так как наличие и отсутствие носа у человека является нерелеватным для физической характеристики человека, 2. цвет носа.

1. Форма носа.

Биникалон – носатый;
Биниборик, борикбинӣ – остроносый;
Бинипучуқ – курносый;
Паҳнбинӣ – широконосый;
Картошкабинӣ (*разг.*) – нос картошкой;
Бинифушк (*прост. разг.*) – курносый;
Бинидароз, дарозбинӣ – длинноносый;
Бинипачақ – курносый;
Биникач – кривоносый;
Минқорбини *(досл.клюв+нос)* – горбоносый;
Камонбинӣ *(досл.лук+нос)* – горбоносый;
Теғбинӣ (*досл.хребет+нос)* – горбоносый;
Бебинӣ – безносый;
Тӯтибинӣ – горбоносый.

В современном таджикском языке прилагательные **бинипучуқ, бинифушк**, **бебинӣ** - *безносый* обозначают человека, имеющего курносый или маленький нос, и указывают только на форму носа. Будет уместным обратить внимание на значение прилагательного **бебинӣ** – *безносый*. Хотя и в русском и таджикском языке префикс *бе- - без-* указывает на отсутствие предмета или признака, в данном случае, он несёт в себе сему «маленький» и в обоих языках характеризует маленький нос.

Фақат фарқе, ки дар миёни онҳо менамуд ин буд, ки яке ***бинипучуқ***, дигаре ***камонбинӣ*** буд [12, 73]. - Только носы у них были разные: один был ***курносый,*** другой ***горбоносый***.

Прилагательные **теғбинӣ, тӯтибинӣ, камонбинӣ минқорбинӣ** являются эквивалентами русского **горбоносый** и выступают как компоненты синонимическоро ряда.

Дарвозабон, пирамарди ***минқорбинӣ****, ки дар болои синааш медалҳо овехта буд, мардумро ба ҳар сӯ пароканда кард [2, 358]. - Сторож, седой,* ***горбоносый,*** *с медалями на груди, расталкал толпу [1, 299].*

Ришу муйсари расида, ба ҳам омехта шудагӣ, қавоқҳои ба дарун косахонаи чашм фурӯрафта, чашмҳои пӯшида, ***бинии теzкашида****, борик, беранг, лунҷҳои фурӯрафта [6, 164]. - Глубоко запали глаза,* ***нос заострился****, худые бледные щеки заросли свалявшейся, спутанной бородой.*

Прилагательные **бинидароз, бинидарозак**, указывающие на большую длину носа могут вступать в синонимические отношения с прилагательными **биникалон, картошкабинӣ** – *носатый*.

Члены такого синонимического ряда будут отличаться оттенками значения, так как **биникалон** и **картошкабинӣ** указывают на большой размер носа, без особого указания на длину. **Биникалон** и **картошкабинӣ** относятся к разговорной лексике, а прилагательное **картошкабинӣ** является стилистически окрашенным, обозначая размер носа путем сравнения его с картошкой. В отличие от

таджикского языка в русском языке нет эквивалентного сложного прилагательного, данное значение в русском языке передается описательно - *нос картошкой*. Остальные прилагательные, в семантической структуре которых присутствует интегральная сема 'форма носа', имеют полные эквиваленты в русском языке.

Носатый, *смуглый, с умным лицом, полным старинной дедовской запорожской отваги и хитрости и одновременно прямоты, что и составляю его обаяние [3, 346]. - Коля Сумской ҷавони гандумгуни бофаросате буда,* ***бинии калоне*** *доит ва аз симояш осори мардонагӣ ва ҳилагарии қадимаи аҷдоди запорожияш аён шуда меистод, дилкашии қиёфату кирдори ӯ ҳам аз ҳамин иборат аст [4, 92].*

Жандармский генерал, седой старичок с с багровыми щеками и ***большим*** *носом, ласково отказывал ей [1, 105]. - Генерали жандарм, ки пирамарди сурхрӯй ва* ***биникалоне*** *буд, бо мулоимат хоҳиши ӯро рад мекард [2, 113].*

Бинифушк, бинипучук, бинипачак служат синонимами к слову **бинипаҳн.** Среди прилагательных, характеризующих форму носа человека, обнаруживаются следующие антонимические пары: **биникалон - бинимайда; бинипучук – бинидароз.**

Прилагательные русского языка, относящиеся к той же подгруппе и имеющие похожий набор сем - *носатый, горбоносый, тупоносый, крючконосый, широконосый, узконосый, остроносый, курносый, кривоносый длинноносый, долгоносый, толстоносый, прямоносый.* Прилагательное *тупоносый* может служить синонимом к слову *широконосый.* Среди прилагательных, характеризующих человека относительно формы его носа, обнаруживаются следующие антонимические пары: *узконосый – широконосый, тупоносый – остроносый, востроносый; кривоносый – прямоносый.*

2. Цвет носа. Как в таджикском языке, так и русском есть прилагательные, содержащие в своей семантической структуре сему «цвет носа». Так, слова **бинисурх** – *красноносый* употребляются при характеристике человека. Цвет носа человека, обычно является непостоянным признаком, и в таких случаях всегда указывается причина появления такого цвета: аз сармо биниаш сурх шуд - от мороза нос стал красным. Данное прилагательное относится к просторечной лексике и таджикского, и русского языков.

Современный русский язык не располагает особыми прилагательными, характеризующими человека относительно цвета его носа. Имеющиеся в русском языке такие прилагательные, как *красноносый* - "с красным носом", *черноносый* - "с черным носом", *желтоносый* - "с желтым носом" и т.п. , в первую очередь, употребляются по отношению к птицам, например: красноносая утка, черноносая ворона и т.п.

Следует отметить, что количество единиц данной ЛСГ в таджикском языке также превосходит число прилагательных в русском языке. Хотя прилагательные русского языка *крючконосый* и *тупоносый* не имеют эквивалентов в таджикском языке. Методом сплошной выборки из толковых и двуязычных словарей было обнаружено 18 качественных прилагательных в таджикском языке и 12 - в русском.

ЛИТЕРАТУРА

1. М. Горький роман «Мать» / М. Горький. - М.: Изд. «Детская литература», 1982. - Часть 1 и 2. - 167 с.
2. М. Горький роман «Модар» / М. Горький; перевод Р. Хошим. – Душанбе: «Адиб», 1989. - 400 с.
3. Фадеев А. А. « Молодая гвардия». Кн. 1-2. / А. А. Фадеев. – Москва: «Просвещение», 1982. - 528 с.
4. Фадеев А. А. Гвардияи ҷавон:роман. Қис. 1. / А. Фадеев. – Душанбе: 1985. - 456 (перевод Х. Ахрорӣ).
5. Фадеев А. А. Молодая гвардия / А. А. Фадеев. - М.: Просвещение, 1957. - С. 544.
6. Дж. Икроми. Духтари оташ. Фасли дуюм «Дарбадарӣ» / Дж. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. - 560 с.
7. Дж. Икроми. Духтари оташ: роман / Дж. Икромӣ; рас.1 Королёва. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 528 с.
8. Дж. Икроми. Двенадцать ворот Бухары: трилогия / Дж. Икроми; пер с тадж. Л. Бать, В.Смирновой, М. Явич. - М.: Сов.писатель, 1987. - 768 с.
9. Дж. Икроми. Дочь огня / Дж Икроми: автор из. пер. В. Смирновой. - М.: Известия, 1965. - 456 с.
10. Русско-таджикский словарь: 45000 слов / Ред.: А. П. Дехоти, Н. Н. Ершова. – М.: Гос. Изд. иностр. и нац. словарей таджикского издат. - Сталинабад: Госиздат, 1949. - 880 с.
11. Русско-таджикский словарь: свыше 7200 слов / С. Д. Арзуманов, Х. А. Ахрори и др.; под ред. М. С. Асимова. - М., 1985. - 1280 с.
12. С. Айни. Повесть «Ятим» / С. Айни; редактор С. Ховари. – Душанбе: Ирфон, 1970. - 347 с.
13. С. Айни. Марги судхур / С. Айни. – Душанбе: Адиб, 2010. – 215 с.

ГУРӮҲИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ СИФАТҲОИ ИФОДАГАРИ БИНИИ ИНСОН

Дар мақола гурӯҳи лексикӣ-семантикии сифатҳое, ки ифодагари бинии инсон мебошанд, дида баромада шудааст. Сифатҳо аз рӯйи аломатҳои луғавиашон ба монанди ранг ва сохти бинии инсон тасриф шудаанд. Дар мақола чумлаҳо аз асарҳои бадеӣ дар муқоиса бо ду забон оварда шудааст.

Калидвожаҳо: гурӯҳбандӣ, семантикӣ, таснифоти ҷисмонӣ, намуд, нишона, сифатӣ, биниборик, биникалон.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ГРУППА КАЧЕСТВЕННЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИХ НОС ЧЕЛОВЕКА

В статье рассматривается лексико-семантическая группа прилагательных, характеризующих нос человека**.** Они классифицируются по таким семантическим признакам как форма и цвет носа в сопоставительных языках. Приводится примеры из художественной литературы.

Ключевые слова: классификация, семантический, физическая характеристика, форма, признак, прилагательное, остроносый, носатый.

LSG QUALITATIVE ADJECTIVES CHARACTERIZING THE HUMAN NOSE

In the article a lexico-semantic group is examined of adjectives, characterizing the nose of man. They are classified on such semantic signs as a form and color of nose are in comparable languages. Led examples from fiction.

Key words: classification, semantic, physical description, form, sign, adjective, sharp-nosed, big-nosed.

Сведения об авторе: ***Ш. Р. Хасанова*** – кандидат филологических наук, Таджикский национальный университет.
Телефон: **(+992) 919-22-55-04**

БЫТОВЫЕ РЕАЛИИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ С. АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА» И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕВОДА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Т. Назибекова
Таджикский национальный университет

Перевод служит средством межкультурных контактов. Взаимодействие культур при переводе предполагает стремление предоставить в распоряжение читателей переводы фактов, свойственных чужой культуре, с целью расширить их кругозор, дать им возможность понять, что у других народов могут быть иные обычаи, что надо знать и уважать другие культуры. В тексте могут быть представлены такие элементы, которые свойственны лишь определённой культуре, то есть культурные реалии, имеющие место в действительности. Несомненно, что язык несёт в себе культурные особенности, а культура не существует без языка.

Произведения С. Айни представляют собой энциклопедию народной жизни. В ярких, подлинно народных характерах писатель раскрыл историю борьбы таджиков за свободу и независимость. Реалистические принципы творчества С. Айни, хорошее знание им культуры и истории таджикского народа, повлекли за собой использование в его произведениях большого числа реалий, относящихся к разряду бытовой лексики. Под бытовой лексикой в нашей работе мы будем понимать совокупность названий предметов и явлений бытовой жизни таджикского общества или совокупность названий предметов и явлений быта, имея в виду быт домашний, семейный, частный, т.е. повседневную жизнь таджикского человека.

Частота употребления и лексико-семантические подгруппы бытовой лексики выглядят так:

Таблица 1

№	Наименование бытовой лексики	Частота употребления
	Названия жилища, частей его, посуды, хозяйственных построек и утвари	107 случаев
	Названия продуктов питания, еды и напитков, бытовые заведения	10 случаев
	Названия одежды, украшения и уборов	3 случая
	Всего:	120 случае

Таким образом, наиболее частотны бытовые реалии со значением названия жилища, частей его, хозяйственных построек и утвари, реже встречаются бытовые реалии а) со значением еды, напитков, б) одежды, украшения и уборов.

Перейдем к рассмотрению нашего фактического материала.

1.Частота употребления бытовых реалий со значением названия жилища, частей его, хозяйственных построек и утвари выглядит следующим образом:

№	Названия реалий	Частота
1	Хучра	40
2	Суфа	35
3	Сандали	22
4	Кӯрпача	2
5	Дастархон	2
6	Танӯр	1
7	Палос	1
8	сарой	1
9	Пиёла	1
10	Всего:	104

Как наглядно показывает наша таблица, наиболее употребительными оказались реалии ***хучра*** (1. Комната; келья; 2. уст. жилая келья при медресе), ***суфа*** (небольшое глиняное или кирпичное возвышение во

дворе или в саду, на котором летом проводят время днем, а ночью спят) и ***сандали*** (низкий столик, который ставится над углублением с горячими углями и накрывается одеялом; используется для согревания ног). Реалии кӯрпача (узкое стеганое одеяло), дастархон (1. Дастархон, скатерть; 2. Скатерть с угощением), танӯр (печь для выпечки лепешек), палос (палас); сарой (1. дворец, 2. Дом; 3. Постоялый двор, караван-сарай; 4. Ист. Торговый дом, торговля), пиёла (пиала) встречаются очень редко.

2. Из реалий со значением пищи и напитков и бытовых заведений нами отмечены в тексте: гулканд (засахаренные лепестки роз) (5 случаев), қазӣ (кази – колбаса из конины), нишалло(лакомство из сахара, взбитых яичных белков и мыльного корня), нон (хлеб, лепешка) и нонвойхона(пекарня); - Ба ҳисоби абераш як хӯрок **гулқанд** марҳамат кунед! – гуфт [2, 24]. -Дайте мне кусочек **гулканда** в счет правнуков! [20 173]; … ки бояд худро ҳамеша бо **қазӣ** ва гӯштҳои бӯрдоқӣ тарбия карда бошад [20 78]. - …, ублажая свой желудок свежей **кази** и жирной бараниной. [2, 211]; Аз гӯш, гардану поҳояш монанди чилчӯби **нишалло** кафк мепарид… [2, 71]. - Вся она была покрыта хлопьями пены, словно сбивалка для **нишаллы**… [2, 207]; Бой дар рӯзи зиёфат мувофиқи он касоне, ки шумораи онҳоро медонист, аз хона бадаста биринҷу равған ва нони хонагӣ медод [2, 65]. - В день, назначенный для приема гостей, бай выдавал сыну, рассчитывая на известных ему гостей рис, сало и лепешки домашней выпечки [2, 202].

О. Сухарева перевела лишь 2 реалии со значением еды и бытовых помещений: нон и нонвойхона, остальные реалии переданы транскрипцией или транслитерацией, т.е. не переведены.

3.Из реалий со значением одежды нам встретились лишь слова **кулоҳ** (головной убор) и **салла** (чалма) (по 2 случая): бар сарашон саллаҳои мисқолӣ ва **куллоҳҳои** заррин… буд. [2, 163]-На головах белели чалмы из тонкой кисеи, намотанный на золототканые и парчовые высокие **кулахи**… [2, 275]. В этих примерах О. Сухарева перевела слова салла – чалма, а слово кулоҳ оставила не переведенным, что, на наш взгляд, неверно.

Таким образом, как показывает наш фактический материал, в произведении С. Айни «Смерть ростовщика» из бытовых реалий чаще встречаются названия жилища, частей его, посуды, хозяйственных построек и утвари, очень редко реалии со значением еды и единичны случаи реалий одежды. Переводчик О. Сухарева в основном перевела реалии транскрипцией или транслитерацией.

ЛИТЕРАТУРА

1. С.Айни. Ёддоштхо. Т. 4 / С.Айни. - Сталинобод: нашрдавточ., 1961. - С. 6-182
2. С. Айни Повести и очерки / С.Айни; перевод О.Сухаревой. - Душанбе: Маориф, 1983. - С. 164-289.

РЕАЛИЯҲОИ ҲАЁТИ МАЪМУЛӢ ДАР АСАРИ «МАРГИ СУДХУР»-И С. АЙНИ ВА ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ РУСӢ

Дар ин мақола реалияҳои ҳаёти маъмулӣ дар асари нависандаи машҳури тоҷик «Марги судхур»-и С. Айни баррасӣ гардида, такроршавии истифодаи онҳо дар нутқ ва тарзҳои ифодаи онҳо дар забони русӣ муайян гардиданд.

Калидвожаҳо: реалияҳои ҳаёти маъмулӣ, забони русӣ, забони тоҷикӣ, такроршавии истифодаи реалияҳо, тарҷума, транскрибсия, транслитератсия.

БЫТОВЫЕ РЕАЛИИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ С.АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА» И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕВОДА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

В статье анализируются бытовые реалии в произведении известного таджикского писателя С.Айни «Смерть ростовщика» и их частота употребления, выявляются способы их перевода на русский язык.

Ключевые слова: бытовые реалии, русский язык, таджикский язык, частота употребления, перевод, транскрипция, транслитерация

DOMESTIC REALITIES IN THE WORK OF S. AYNI "USURER'S DEATH" AND METHODS OF THEIR TRANSLATION INTO RUSSIAN LANGUAGE

The article analyzes the domestic realities in the work of the famous Tajik writer S. Ayni - **"Usurer's Death"** and their frequency of use. The ways of their translation into Russian are identified.

Key words: everyday realities, Russian, Tajik language, frequency of use, translation, transcription, transliteration

Сведения об авторе: ***Тахмина Нағзибекова*** – аспирантка кафедры общего языкознания и сопоставительной типологии Таджикского национального университета

О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ ИЗУЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕРМИНОСОЧЕТАНИЙ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Х. Асламов

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Результаты сравнительной оценки различных языков индексирования подтверждают преимущество информационного поисковых языков (ИПЯ), построенных на основе естественного языка. Причем это

преимущество подтверждается как с точки зрения качества поиска информации, так и экономической эффективности действующих моно - и полиязычных систем. Язык терминов все более привлекает внимание ученых при разработке средств общения с электронной машиной, а участие лингвистов в решении проблемы программирования на естественном языке уже становиться обязательным.

Но если возможность применения естественного языка в конкретных научно-технических разработках признается большинством (и построение дескрипторных языков уже регулируется государственными стандартами), само же терминоведение не может пока дать «четких рекомендаций в области терминостроительства и терминоиспользования». Сохраняется, таким образом, ситуация, о которой писал еще Ф. де Соссюр: «до сих пор в области языка всегда довольствовались операциями над единицами, как следует не определенными» [5, 111]. Такая неопределенность еще более дает о себе знать в нашем случае, когда наблюдение ведётся за такой сложной единицей языка, как терминосочетание.

Понятие, возникшее в конкретной сфере человеческого общества, не существует, как известно, без номинации – слова. Это название понятия можно рассматривать в виде отличительного знака, «. . .который я делаю представителем предмета, характеризующим предмет, чтобы представить его себе в его тотальности» [2, 74]. Усложнение понятия вызывает и усложнение, распространение термина, если не появляется новый, более емкий, термин. Приживется ли такая синтаксическая структура в «цехе» специалистов или нет, - зависит от ряда до сих пор не известных причин. Длинное номинативное терминосочетание в таджикском и английском языках может в процессе его употребления свернуться, скажем, в более усеченную синтаксическую структуру, последняя может также подвергнуться дальнейшему свертыванию, вплоть до аббревиатуры или акронима. Терминологические модели возникают как результат стремления системы нашего языка типизировать свои единицы, обеспечить регулярность их воспроизводства и одновременно единообразие их понимания в процессе общения. В конкретный период истории языка терминостроительство ведется на базе относительно устойчивых, «работающих» для этого периода моделей. Здесь можно сказать, что перечень таких моделей в конкретный период развития языка конечен. В целом же он бесконечен.

Расплывчивость понятия, обозначенного в тексте термином, снимается с помощью контекста, оптимальная глубина которого разными исследователями устанавливается разной.

Степень свободы элементов номинативного терминосочетания, т. е. способность его быть свободным, связным или терминированным, в данной работе не обсуждается. Все рассматриваемые в эксперименте терминосочетания подъязыка вычислительной техники имеют, как мы полагаем, «профессиональное значение, выражающее и формирующее профессиональное понятие» [4, 51].

В этой работе обсуждается основной подход, принятый нами для наблюдения за функционированием синтаксических структур в параллельных номинативных терминосочетаниях на таджикском и английском языках. Мы исходим из предположения, что любая синтаксическая структура наших объектов наблюдения есть лишь внешнее проявление (уже результат) работы законов разных уровней языка. Таким образом, сложность природы объекта требует всестороннего описания, представления каждого элемента терминосочетания, т. е. необходимо запастись достаточной информацией для последующего процесса интерпретации статистических результатов.

Объектом нашего исследования является терминосочетаний с полным левым и частичным правым распространением. Первое распространение в основном присутствует в сочетаниях на таджикском языке. Элементом таджикского терминасочетания может быть: английский термин, алфавитно-цифровое обозначение из таджикских и английских букв, акроним с присутствующими в нем прописными и заглавными буквами и т. п. Термин английского языка также, хотя и редко, может иметь правое распространение: распространение влево в английском термине происходит за счет прибавления обычных слов, символов, смешанных алфавитно-цифровых обозначений, даже сочетаний слов, соединенных дефисом (step-by-step – ќадам ба ќадам – шаг за шагом) и т. п. Укажем примеры сочетаний: двоичный разряд, полу-интеллектуальная цепь, электронно-вычислительная машина, 5-разрядный регистр, ФОРТРАН-транслятор, американская электронная вычислительная цифровая машина ИБМ 360/168, устройство АЦПУ, оператор DECLARE, хорошо отлаженный алгоритм и т. д. Английские терминосочетания: digital computer, pseudo-intelligent circuit, 5-bit register, COBOL-compiler, step-by-step, execution, statement TAKE, GO TO statement, GOTO-free program.

Союзы *будто, как будто, словно, точно, как если бы* используются тогда, когда сходство сравниваемых фактов является воображаемым, предполагаемым: *Рассуждали о том, что мусульманское поверье,* ***будто*** *судьба человека написана на небесах* [7, 284].

Придаточные сравнительные предложения относятся ко всему главному предложению в целом, к ним нельзя поставить вопрос, им не соответствуют и не могут соответствовать указательные слова. Этими признаками придаточные сравнительные отличаются от сходных по значению придаточных образа действия, меры и степени. Ср.: *Я вышел из ванны свеж и бодр,* ***как будто*** *собирался на бал* [7, 269].

Он (Лугин) шел неровными шагами, ***как будто*** *боялся достигнуть цель своего путешествия, или не имел ее вовсе* [7, 299].

В первом примере придаточное сравнительное, во втором — образа и способа действия.

Сравнительные придаточные предложения следует отличать от сравнительных оборотов, в составе которых отсутствует сказуемое: *За окном бегут крутые сопки,* ***словно*** *волны, замерших морей* [7, 412].

В связи с тем, что сравнение заключает в себе множество оттенков (собственно сравнения, уподобления, соответствия и др.), в русском языке сложились разнообразные способы синтаксического выражения сравнительной связи. Разнообразие это состоит прежде всего в различии тех союзов, посредством которых придаточные сравнительные связываются с главным, далее- в употреблении некоторых частиц, уточняющих значения, вносимые союзами наконец- в порядке расположения главного и придаточного предложений.

Сравнительные придаточные предложения, в зависимости от характера заключающегося в них сравнения, распадаются на две группы:

1) в одних сравнение состоит в уподоблении того, о чем говорится в главном предложении, тому что действительно происходило, происходит или будет происходит;

2) в других то, о чем говорится в главном предлождении, сравнивается с чем-либо похожим, напоминающим сравниваемое, но при этом только возможным, иногда же и не реальным, а лишь воображаемым, даже фантастическим.

Указанное различие в характере сравнения выражается в большинстве случаев различными союзами.

Попрекал меня Колюшка, ***будто*** *я чуть не на колени становился, но это неправда*…[14, 171].

Сложные предложения, в которых придаточное присоединяется к главному посредством союза *как*, могут содержать в себе сравнение того или другого характера.

Если сравнительное придаточное предложение относится к члену главного предложения. Выраженному глаголом, именем прилагательным или наречием, то для усиления к этому члену предложения может быть присоединено указательное наречие *так*:

*Почему **так** происходит, загадка – ведь при жизни их мало что мучило* [12, 120].

*А если все **так** делают, то, стало быть, **так** и над* [7, 64].

Для усиления сравнения, имеющего характер уподобления, к указательному наречию *так* в главном предложении может прибавляться частица *же, точно*, а к союзу *как*- союз *и*. Возможно одновременное обоих этих приемов.

*… Левин узнал Катавасова в соломенной шляпе, шедшего, **точно так** размахивая руками, **как** представляла Таня* [6, 334].

В тех случаях когда, когда придаточное сравнительное указывает, чему соответствует то, о чем говорится в главном предложении, последнее обычно не содержит указательного наречия.

Придаточное сравнительное с этим оттенком значения иногда могут рассматриваться как вводные предложения. Точно разграничить собственно сравнительные придаточные предложения и вводные предложения в устной речи можно лишь на основании интонации; вводные предложения этого типа чаще следуют за главным предложением и отделяются от него не большой паузой.

*Недели три спустя стал я замечать, что Азамат бледнеет и сохнет, **как** бывает от любви в романах-с* [7, 254].

В значении, близком к указательному наречию *так* , в главном предложении часто употребляется оборот *подобнотому*, к которому непосредственно и относится придаточное сравнительное с союзом *как*. В ряде случаев, когда слово *подобнотому* оказываются непосредственно перед союзом *как,* пауза перед последним отсутствует, что свидетельствует о тенденции к образованию сложного сравнительного союза *подобнотомукак*. Предложения этого типа имеет книжный характер.

Если сравнительное придаточное предложение служат для пояснения члена предложения, выраженного именем существительным в главном предложении, то для усиления сравнительной связи к этому члену предложения может прибавляться указательное местоимение *такой*. В таких случаях придаточное предложение обычно соединяется с главным по средством сложного союза *какбы* и содержит в себе оттенок условного значения.

***Как бы** то ни было, полтора- два года, по-видимому, все обстояло благополучно* [1, 162].

Если сравнение, заключающееся в придаточном предложении , содержит в себе нечто не реальное, а лишь возможное (иногда воображаемое, даже фантастическое), то придаточное предложение присоединяется к главному посредством одного из следующих союзов: *словно, будто, как будто (как будто бы), точно.* Во всех таких сложных предложениях в главном возможны указательные слова (*так, такой*), функция которых та же, что и при сравнительном союзе *как*. Никаких различительных оттенков в значении сравнительности, связанных с употреблением указанных союзов, по существу нет. Выбор того или иного союза следует отнести к особенностям жанра, а иногда- к особенностям индивидуального стиля говорящих и пишущих.союз *будто* (и в большей мере *какбудто*) чаще встречается в живой разговорной речи, союзы *словно* и *точно* более характерны для книжной речи. Близость союзов *словно, будто, какбудто* (*какбудтобы*), *точно*. Во всех таких сложных предложениях в главном возможны указательные слова (*так, такой*), функция которых та же, что и при сравнительном союзе *как*.

*Опять неслись по пустой дороге, **словно** чем дальше – меньше и меньше было людской жизни* [14, 376].

Особую разновидность представляют собою сравнительные придаточные предложения, поясняющие член главного предложения, выраженный формой сравнительной степени наречия или прилагательного, а также наречиями *прежде, раньше,* наречиями *лучше, скорее* со значением предпочтения, наречиями *иначе, по-иному, по-другому*. Придаточное предложение указывает при этом, с чем сопоставляется то, о чем говорится в главном предложении, или что следует предпочесть тому, о чем говорится в главном предложении. В рассматриваемых сложных предложениях придаточное связывается с главным по средством союза *чем,* реже- *как* (последний является в этих случаях архаическим).

*Ему хотелось, чтобы солнце не взошло **прежде**, чем он дойдет до болота* [6, 554].

Порядок расположения главного и сравнительного придаточного предложений в составе сложного в одних случаях является твердым, в других- зависит от характера взаимоотношений между содержанием главного и придаточного.

Сравнительные придаточные предложения с союзом *чем, как* поясняющие член главного предложения, выраженный сравнительной степенью или наречием *прежде, раньше,* всегда следуют за главным. То же обязательно для придаточных с союзом *нежели*.

Придаточные предложения с союзом *чем,* указывающие, чему предпочитается то, о чем говорится в главном предложении, обычно предшествуют главному предложению, так как в этих случаях важно начать с того, что отвергается, а затем перейти к тому, что предлагается взамен отвергаемого (чаще всего то, что отвергается, уже было предметом обсуждения).

Придаточные сравнительные других типов могут занимать место как после главного предложения, так и перед ним; они могут вводиться и в середину главного предложения. Придаточные с союзами *словно, будто, как будто, точно* очень редко предшествуют главному предложению. Это объясняется тем, что придаточные с этими союзами, как уже сказано ранее, содержит в себе нечто предполагаемое, воображаемое и употребляется обычно для образного раскрытия или углубления того, что сказано в главном предложении. Придаточные с союзом *как* ставятся перед главным во всех случаях, когда к тому, что составляет содержание придаточного, необходимо привлечь внимание слушателя или читателя. Для усиления сравнительной связи в главное предложения в таких случаях может вводиться соответствующие союзу *как* указательное наречие *так* (иногда с сочетанием с союзом *и*).

Опять неслись по пустой дороге, ***словно*** *чем дальше – меньше и меньше было людской жизни* [14, 376].

Надо думать, что она (Катя) и потом была серьезно больна, ***так как*** *следующее письмо я получил уже из Ялты, куда, по всей вероятности, ее послали доктора* [1, 164].

Подобно русскому языку в таджикском языке сравнительные придаточные предложения служат для сравнения явления, действия и состояния предложения с другими подобными действиями, процессами и явлениями.

Сравнительные придаточные предложения в таджикском языкознании издавна считаются одной из разновидностей придаточных предложений образа действия [13, 20]. Специфические свойства придаточных, употребляющихся специально для сравнения или же сопоставления мысли главного с другой, похожей на нее, мыслью, позволяют считать необходимым, закономерным выделение их как самостоятельных придаточных предложений.

Часть придаточных сравнительных разъясняет сказуемое главного: ***Чунон*** *ки тамоми дарахтон, ҳамаи олами наботот ба офтоб моил аст, мо бо социализм моил ҳастем* [3, 155].- *Подобно тому,* ***как*** *все деревья, весь мир растений тянутся к солнцу,* ***так*** *и мы свой взор обращаем к социализму.*

Необходимо отметить, что иногда сравнительное придаточное предложение находит в главном предложении смысловую поддержку, в случае, если ему предшествуют обстоятельства образа действия и сравнительные, дающие характеристику действию главного предложения: Ин на достон аст, на афсона, на очерк, на муболиға, балки як афсона аст, ки бо номҳои реалӣ, чунон буд, тасвир карда шуд (С.Айни)- Это неявляется ни поэмой, ни сказакой, ни очерком, ни метафорой, а является таким приозведением, в котором все показано реально, как в действительности; *Онҳо суханҳои ӯро,* ***чунон*** *ки ангурҳои яккачинро мехӯрда бошанд, дона-дона фурӯ бурда истодаанд*[11, 175].- *Они воспринимали его речь слово в слово,* ***будто*** *съедали виноград поштучно.*

В данных примерах имеются обстоятельства образа действия *(бо номњои реал- реально, дона-дона-слово в слово),* которыедаютв какой-то мере характеристику действию главного, а добавление придаточную предложения придает этой характеристике большую точность и ясность.

Когда обстоятельство главного выражено соотносительными словами, то употребление придаточные придаточных необходимо:*Худро* ***чунон*** *нишон додам, ки гӯё ҳамаи он суханҳоро бовар кардам* [11, 115].- *Я притворился* ***так, будто*** *всему тому верил.*

Придаточные сравнительные предложения в зависимости от выражаемого ими содержания могут быть разделены на две группы:

1. Придаточные предложения могут содержать реальное, соответствующее фактам действительности соотношения. При реальном соотношении двух сравнительных понятий употребляются союзы *чи тарзе ки, чи тавре ки, чунон ки, чи хеле ки, чи гунае ки, чм навъе ки, (ба) мисли он (ин) ки, ҳамчунон ки, чунон ки – инчунон, чи хеле ки- инчунин* и др.

Дастам, ***чунонки*** *ба ҷойи сӯхтаи он намак пошида бошад, тиззосзанон сӯзиш мекард*[11, 145].- *Рука моя сильно ныла,* ***будто*** *рану посыпали солью.*

Подобные сложные предложения могут соединяться и другими союзами, например, условным союзом *агар:* ***Агар*** *оби чашмаҳои кӯҳсори тоҷик шифобахш бошанд, сурудҳои халқи он бо зебоӣ, ҳаяҷон ва латофати худ ба дилҳо фараҳ мебахшанд («Тоҷикистони совети»)-* ***Если*** *ключевые воды таджикских гор целены, то песни таджикского народа своей красотою, трогательностью и нежностью вселяют в сердца вдохновение.*

2. Придаточное предложения, характеризующие действие, состояние, явление, процессы, сходные с другим действием, состоянием, процессом, явлением, могут обозначать неравное состояние двух сравнительных понятий.

Придаточные предложения неравенства могут содержать условные сравнения, не соответствующие фактами действительности, а также образные, метафорические сравнения. Такие ирреальные придаточные вводятся модальным словом *гӯё* и другими производными от него грамматическими формами: *гӯё ки, гӯё ин ки* (в языке классической литературы используются другие его виды: *ту гӯйӣ, ту гуфтӣ, гӯиё, гуфтӣ),* а также союзы *ба тарзе ки гӯё, ба тавре ки гӯё: Шоди ҳам,* ***гӯё ки*** *аз пайи онҳо паридан мехоста бошад, ба багали модараш ба ҷавлон медаромад* [11, 114].- *Шоди шевелился, прижавшись к матери,* ***будто*** *хотел полететь за ними.*

Группа придаточных предложений сравнительных вводимых союзами *чунон ки, чи тавре ки, чихеле ки, чинавъе ки, ба тавре ки, ба тарзе ки,* отходя от своего сравнительного нахначения, переходит в группу вводных конструкций: *Дар ариза рафти корро, **ба тарзе ки** ҳозир гуфта гузаштам, шарҳ додам* [11, 154].- *В заявление, **как** я об этом говорил сейчас, всю работу объяснил.*

В английском языке придаточные сравнительные предложения соединяются с главным предложением союзами:

Than – *чем*

As ... s - *так (такой) же... как*, (первое **as** – в главном предложении)

(not) so ... as - *(не) так (такой)... как*, (**so** – в главном предложении)

The … the – *чем … тем*, (второе **the** – в главном предложении)

Например:

It did, so indeed, and ~~milk~~ sooner **than** she had expected: before she had drunk half the bottle, she found her head pressing against the ceiling, and had to stoop to save her neck' from being broken [15, 54].

"But then," thought Alice, "shall I never get any older **than** I am now That'll be a comfort, one way- never to be an old woman but then - always to have lessons to learn! Oh, I shouldn't like that!" [15, 46].

She draw her foot **as**far down the chimney **as** she could, waited till she heard a little animal (she couldn't guess of what sort it was) scratching and scrambling about in the chimney close above her: then, saying to herself, "This is Bill," she gave one sharp kick, and waited to see what would happen next [15, 51].

"We must burn the house down !" said the Rabbit's voice, and Alice called out **as** loud **as**she could, "If you do, I 'll set Dinah at you!"[15, 52].

"I've seen hatters before," she said to herself: "the March Hare will be much the most interesting, and perhaps as this is May it won't be raving mad at least **not so** mad **as** it was in March " [15, 93].

" It's a mineral, I think," said Alice.

"Of course it is," said the Duchess, who seemed ready to agree to everything that Alice said; "there's a large mustard-mine near here. And the moral of that is-' The more there is of mine, the less there is of yours."' **The more** there is of mine, **the less** there is of yours [15,134].

Пузырёк подействовал, и ещё как! Не успела Алиса выпить и половины, как упилась головой впотолок, и ей пришлось сильно наклониться, чтобы не сломать себе шею.

Значит, я и старше не стану! Пожалуй, это неплохо: никогда не стану старушкой! Да, но ведь тогда мне придётся всю жизнь учить уроки. Нетуж, спасибо!

Она просунула ногу подальше в дымоход и подождала, пока не услышала, что какое-то маленькое существо (какое именно, она не могла понять) шуршит и скребётся в трубе.

– Вот и Билль пожаловал, – сказала она, как следует наподдала ногой и снова стала ждать, что будет дальше.

Придётся сжечь дом, – прозвучал деловитый голос Кролика, и Алиса закричала изо всех сил:– Только попробуйте! Я на вас Динку напущу!

«Шляпы я и раньше видела, – думала она, – а Заяц, конечно, намного интереснее! А потом, ведь сейчас май месяц, а не март, – может, он уже понравился, стал нормальный. . .»

- Горчица - это, кажется, минерал,- продолжала размышлять вслух Алиса.

- Вот именно, минерал! - подхватила Герцогиня. Она, по-видимому, готова была согласиться со всем, что бы Алиса ни сказала.- Тут неподалеку что-то минировали горчичными минами, совсем на днях. А отсюдамораль: "Чемубыть - тогонеминовать!"

При наличии **the ... the** будущее время после первого **the** (т. е. в придаточном предложении) заменяется настоящим.

В таблице можно показать так:

сравнения	Отвечают на вопросы *как что? как кто? чем что? чем кто?* и относятся обычно ко всему главному предложению; присоединяются при помощи союзов *как, подобно тому как, словно, будто, точно, как будто, как если бы, что.*	У женщины были такие же светлые волосы, **как** и у Светланы, а глаза – карие.	***монандӣ***	Отвечают на вопросы? и относятся обычно ко всему главному предложению; присоединяются при помощи союзов *монанди он ки, мисли он ки, ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, чунон ки, гӯё ки, чи тарзе ки, чи тавре ки, , чи хеле ки, чи гуна е ки, чи навъе ки, (ба) мисли он (ин) ки, ҳам-чунон ки, чунон ки – ин-чунин, ба тарзе ки гӯё, ба тавре ки гӯё …*	Чавон, монанди он ки ӯро каждуме неш зада бошад, печу тоб мехӯрд (С. Айнӣ, Ёддошҳо)- Юноша, подобно тому как укуса скорпиона, корчился.

ЛИТЕРАТУРА

1. А. П. Чехов. Степь. Повести. Рассказы / А. П. Чехов. - М: Художественная литература, 1980. – 350 с.
2. Грамматика таджикского языка.(для высших школ, на тадж. языке). –Душанбе: Таджикское государственное издание, 1963. – 184 с.
3. Джалил Рахим. Рассказы / Джалил Рахим. – Душанбе, 1977. - 236 с.
4. Качалова К. Н., Израилевич Е. Е. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами / К. Н., Качалова, Е. Е. Израилевич. - М.: Юнвес Лист, 1998. - 718 с.
5. Л. Н. Толстой. Воскресенье. Рассказы / Л. Н. Толстой. - М.: Художественная литература, 1984. - 527 с.
6. Л. Н. Толстой. Анна Каренина,ч.6, XII / Л. Н. Толстой. - 1982. 627 с.
7. М. Ю. Лермонтов. Полное собрание сочинение / М. Ю. Лермонтов. - М.: Правда, 1953. – 497 с.
8. Руднев А. Г. Синтаксис современного русского языка / А. Г. Руднев. - М.: Высшая школа, 1963. - 543с.
9. Рустамов Ш., Камолиддинов Б. Грамматика современного таджикского литературного языка (на тадж. яз.). ч.3(Сложные предложения) / Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов. - Душанбе: Дониш, АН РСС Тадж, 1989. – 224 с.
10. Уильям Шекспир. Гамлет (перевод А. Кронеберга). Т. 8 / Уильям Шекспир. – М.: Интербук, 1997. – 666 с.
11. С. Айни. Полное собрание сочинений. Т.7. / С. Айни. – Душанбе: Тадж. гос. изд., 1962. - 519 с.
12. Светлана Ягубова. А вы не верили. . ..Фантастика / Светлана Ягубова. - М: Молодая гвардия, 1983. – 352 с.
13. Ф. Зикриёев. Сложные предложения с придаточными образа действия и сравнительными придаточными в современном таджикском литературном языке. Автореферат / Ф. Зикриёев. – Душанбе: Ленинабадская типография, 1976. – 21 с.
14. И. С. Шмелев. Сочинения. Том первый / И. С. Шмелев. - М.: Художественная литература. 1989. – 463 с.
15. Carroll, L. Alice's Adventures in Wonderland / L. Carroll. - N. Y. D. Appleton and Co., 445, Broadway, 1866. - 225 p.

ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ МОНАНДӢ

Дар мақолаи мазкур тадқиқоти ҷумлаи пайрави монандӣ дар забонҳои гуногунсохт шарҳ дода шудааст. Ҷумлаҳои пайрави монандӣ, одатан, амали сарҷумларо шарҳ дода, ба воситаи он ба тамоми сарҷумла муносибат пайдо мекунанд. Аммо, ин ҷумлаи пайрав баъзан ба калимаҳои ҳамнисбат, ки аъзои пайрави сарҷумла мебошад, тобеъ шуда, ба воситаи онҳо тамоми сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Бо ин нишонаҳо аз ҷумлаҳои мураккаби пайрав мувофиқ бо мазмун, тарзи амал, андоза ва дараҷа фарқ мекунанд. Мисли забони русӣ дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои пайрави монандӣ амал, ҳолат ва аломати сарҷумларо ба воситаи ҳамгунсозӣ ва муқоиса шарҳ медиҳад.

Дар забони англисӣ дар мавҷуд будани ҷумлаи пайрави монандӣ пайвандакҳои *the (назар ба* (*нисбат ба*) *… the (ҳамон қадар), the* (*ҳамон қадар,* дар сарҷумла) замони оянда пас аз *the(назар ба* дар ҷумлаи пайрав*)* ба замони ҳозира иваз мешавад.

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои пайрав, монандӣ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, шартӣ, бадеӣ, монандии маҷозӣ.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СРАВНИТЕЛЬНЫХ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

(на материале русского, таджикского и английского языков)

В статье рассматривается вопрос придаточных сравнительных предложений в разносистемных языках. Придаточные предложения, поясняющие содержание главного предложения путем сравнения, называются сравнительными придаточными. Придаточные сравнительные предложения относятся ко всему главному предложению в целом, к ним нельзя поставить вопрос, им не соответствуют и не могут соответствовать указательные слова. Этими признаками придаточные сравнительные отличаются от сходных, по значению придаточных образа действия, меры и степени. Подобно русскому языку в таджикском языке сравнительные придаточные предложения служат для сравнения явления, действия и состояния предложения с другими подобными действиями, процессами и явлениями.

В английском языке при наличии **the ... the** *чем … тем*, (второе **the** – в главном предложении) будущее время после первого **the** (т. е. в придаточном предложении) заменяется настоящим.

Ключевые слова: придаточное предложение, сравнение, сложное подчиненное предложение, условные, образные, метафорические сравнения.

THE GRAMMATICAL PECULIARITIES OF THE COMPARATIVE SUBORDINATE CLAUSE

(in Russian, Tajik and English languages)

The article discusses the question of the comparative subordinate sentences in the languages with different systems. The subordinate clause, explaining the content of the main clause by comparison, called comparative clauses. Comparative subordinate sentences relate to the whole main sentence as a whole. they can not raise the issue. they do not match and can not match the index words. These characteristics differ from comparative clauses are similar in meaning subordinate of manner, measure and degree.
Like the Russian language in the Tajik language comparative clauses are used to compare the phenomena of the operation and status of the proposal with other similar actions, processes and phenomena.

In the English language in the presence of the ... the what ... the (second the – in the main clause) future time after the first (i.e., in the subordinate sentence) is replaced by the present.

Key words: relative clause, comparison, complex sentence subordinate, conditional, figurative, metaphorical comparison.

Сведения об авторе: ***Н. Ш. Рахмонова*** - старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 917-09-02-99.**

АДАБИЁТШИНОСӢ–ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

АЗ ТАЪРИХИ ЭҶОДИ ПОВЕСТИ «СУБҲИ ҶАВОНИИ МО»

Сирољиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз рукнҳои асосии матншиносӣ, ки бори аввал соли 1922 аз тарафи Н. Л. Бродский ба аҳли илм пешниҳод шудааст, ***таърихи эҷоди асар*** ба шумор меравад. Омӯзиши ***таърихи эҷод*** роҳи самараноки тадқиқи асари бадеӣ маҳсуб гардида, он муҳаққиқро аз муҳокимаронихои умумӣ ва ғайривоқеӣ нигоҳ медорад. Чунин тарзи тадқиқ диққати олимони ҷаҳон аз қабили, А. Г. Горнфелд, Д. С. Лихачев, Л. Д. Громова, С. Ш. Тимина, П. Н. Сакулин, А. П. Гроссман, Б. В. Томашевский ва Л. Н. Душинаро ба худ ҷалб намудааст.

Тадқиқи ***таърихи эҷод*** тамоми қонунияти дохилии адабиёти бадеӣ чун образҳо, сужа, бандубаст ва забону услуби асарро фаро гирифта, бо ҳамин дар илми адабиётшиносӣ як соҳаи муҳимми таҳлили филологиро ба вуҷуд овардааст.

Алҳол омӯзиши матнҳои чопии достонҳои «Парии Бахт»-и А. Лоҳутӣ, «Ҳасани аробакаш»-и М. Турсунзода, «Сурӯши Сталинград»-и М. Қаноат, романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб»-и Р. Ҷалил, «Гузашти айём»-и Ҷ. Одина, қиссаҳои «Субҳи ҷавонии мо» ва «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода, «Камони Рустам»-и С. Турсун [4, 20] ба ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба ҷаҳонбинӣ ва маҳорати адибони номбурда кӯмак мекунад.

Дар байни тадқиқотҳои ба таърихи эҷод ва таърихи матни асарҳои бадеӣ бахшида, асару мақолаҳои академики АИ ҶТ, профессор Х. Отахонова, Камол Айнӣ, А. Кӯчаров ва Н. Қаландаров бо мукаммалии худ фарқ мекунанд. Зеро номбурдагон дар тадқиқоти худ дастхатҳои адибоне чун С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймониро истифода кардаанд.

Чунин тамоюли эҷодиро ҳангоми мутолиаи асарҳои яке аз адибони боистеъдод ва сермаҳсул тоҷик Сотим Улуғзода, хусусан ҳангоми нашрҳои навбатии повести тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо» баръало мушоҳида кардан мумкин аст.

Омӯхтани таърихи эҷоди қиссаи «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода такмили минбаъдаи бандубаст, хатти сужа ва образҳо, забону услуби асарро ошкор месозад ва бо ҳамин ба хонанда имконият медиҳад, ки меҳнати эҷодии нависандаро возеҳу равшан ба мушоҳида гирад.

Таълифи асарҳои тарҷумаиҳолӣ ва шарҳиҳолӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс ҳодисаи нав набуда, балки он анъанаҳои хеле қадимӣ дорад. Чунончи «Рисолаи саргузашт»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Ҳамин гуна асарҳое, ки хусусияти тарҷумаиҳолӣ доштаанд, дар адабиёти классикии рус низ ба мушоҳида мерасанд. Дар ин ҷода асарҳои тарҷумаҳолии «Солҳои бачагии Багров набера» ва «Хроникаи оилавӣ»-и С. Т. Аксаков, «Бачагӣ», «Наврасӣ» ва «Ҷавонӣ»-и Л. Н. Толстой, «Бачагии Тёма», «Студентҳо» ва «Инженерҳо»-и Гарин Михайлковский ва «Бачагии Никита»-и А. Н. Толстой аз қабили онҳост. Бо гузашти замон ва омезиши адабиёти тоҷик бо адабиёти дигар халқҳо, хусусан адабиёти нимаи дуюми асри XX, ин анъанаи қадимии адабиёти классикиро мувофиқ ба талаботи замони нав ва шароити нав устод Садриддин Айнӣ дар ҳикояҳои «Аҳмади девбанд» (1928) ва «Мактаби куҳна» (1930), «Ёддоштҳо» (1949-1954) ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1958), Ҷалол Икромӣ дар «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман» (1972), Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил» (1972) ва Сотим Улуғзода дар повести «Субҳи ҷавонии мо» идома додаанд.

Дар таърихи адабиёти собиқ шӯравии рус бошад, А. М. Горкий ҳамчун бунёдгузор ва асосгузори асарҳои тарҷумаиҳолӣ маҳсуб меёбад. Ба қавли Н. П. Белкин «Ин асар (асари сегонаи тарҷумаиҳолии Горкий) ба як қатор нависандгони советӣ имконият дод, ки материали тарҷимаи ҳоли худро чун ҷиҳати типӣ ва умумиятъёфтаи ҳаёт фаҳманд» [3, 79].

А. М. Горкий аввалин касе маҳсуб меёбад, ки дар асари сегонаи худ: «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва «Университетҳои ман» тақдири қаҳрамони асари тарҷумаиҳолиро бо тақдири халқ вобаста ба воқеаҳои таърихии кишвараш алоқаманд тасвир кардааст.

Дар пайравии ин асари сегонаи А. М. Горкий дар адабиёти рус як қатор асарҳои тарҷумаиҳолӣ аз қабили, «Қиссаи бачагӣ», «Озодихоҳон» ва «Замони мудҳиши»-и Ф. Гладков, «Кушодани дунё» (Открытие мира) ва «Мактаб ҳаёт»-и С. Муқонов, «Бачагии Ойбек» ва «Шамо»-и С. Раҳимов, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва повести «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода ба табъ расидаанд.

Дар ин миён повести «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода яке аз намунаҳои олии асарҳои тарҷумаиҳолӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XX тоҷик ба шумор меравад. Ин асари С. Улуғзода дар арафаи анҷумани III нависандагони Тоҷикистон бори аввал соли 1954 дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» шумораҳои №2 то №8 нашр шуда, дастраси хонандагон гардидааст. Сипас, худи ҳамон сол, яъне

соли 1954 дар шакли китоби алоҳида аввалан ба забони русӣ ва дар соли 1956 ба забони тоҷикӣ чоп шудааст.

Аз мулоҳизаҳои профессор Худойназар Асозода бармеояд, ки фикри навиштани асари тарҷумаиҳолӣ дар Сотим Улуғзода маҳз ҳангоми сафари нависанда ба Бухоро (тобистони соли 1949) пайдо шудааст. Дар ин сафар С. Улуғзода ва Ҷ. Икромӣ устод Айниро ҳамроҳӣ мекарданд ва аксар суҳбатҳо дар атрофи қисми якуми «Ёддоштҳо», ки аз тарафи устод Айнӣ ба тозагӣ таълиф ёфта буд, ҷараён мегирифт. Шубҳае нест, ки ин суҳбатҳо, ки хеле самимона, хотирмон ва омӯзанда буданд, ба нависандаи ҳассос таъсири корӣ расонданд ва «Баъд аз саёҳати Бухоро якдафъаӣ С. Улуғзода ба навиштани асари ёддоштияш «Субҳи ҷавонии мо» оғоз намуд» [1, 42].

Ҷараёни эҷоди С. Улуғзода низ, чи хеле ки аз таълифи «Субҳи ҷавонии мо» бармеояд, ҷолиби диққат аст ва ба дарси асарофаринӣ, ки нависанда ҳангоми сафари Бухоро аз устод Айнӣ гирифта буд, вобастагӣ дорад. Устод С. Айнӣ аз таҷрибаи нависандагии худ нақл карда, шогирдонро ба он водор мекунад, ки онҳо навиштаҳояшонро ба ҳамкасбон, ёру рафиқон ва ашхоси мутахассис хононда, фикри онҳоро ба инобат гирифта, баъд ба дасти чоп супоранд.

Повести «Субҳи ҷавонии мо» бори аввал дар арафаи съезди III – юми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон охирҳои соли 1954 дар шакли китоби алоҳида ба забони русӣ аз чоп баромадааст. Сотим Улуғзода сабаби ба забони русӣ ба табъ расидани ин асари худро дар шакли китоби алоҳида чунин шарҳ додааст: «Повестро ман ба ду забон навиштам. Аввало ба забони модарӣ. Баъд бевосита аз рӯйи мусаввадаи он нусхаи русиашро тайёр кардам. Ман бо Нашриёти давлатии адабиёти бачагонаи РСФСР шартнома баста будам ва муҳлати он маҷбурам карда буд, ки нусхаи русии онро зудтар ба анҷом расонам. Бинобар ин, дастнависи русии повест аз нусхаи тоҷикиаш пештар ба чоп тайёр шуд. Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба муносибати съезди III -юми Иттифоқи нависандагони республика зудтар нусхаи тайёрашро аз чоп баровардан шуд. Ман ба ин муқобил нашудам ва повест ба шакли китоби алоҳида соли 1954 ба забони русӣ аз чоп баромад» [7, 38].

Нашри тоҷикии повест соли 1956 дастраси хонандаи тоҷик гардидааст. Пас аз ҳашт соли чопи асар нависанда онро аз нав таҳрир намуда, дар асар баъзе иловаю тағйирот дохил намуд ва сипас соли 1962 дар шаҳри Москва нашриёти «Советский писатель» повести мазкурро зери унвони «Утро нашей жизни» ба табъ расонид. Таҳрири дуюми тоҷикии ин асар бошад, соли 1967 дар шакли китоби алоҳида ба табъ расидааст.

Асари Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо» баъд аз «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ аввалин асари тарҷумаиҳолие мебошад, ки давраи ташаккулу инкишоф ва ба камолрасии зиёиёни тоҷикро дар замони барқароршавӣ ва мустаҳкамшавии собиқ Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон дар бар гирифтааст. Шояд ба ҳамин далел бошад, ки повести «Субҳи ҷавонии мо» хонандагони зиёде пайдо кард ва ба забонҳои чандин халқҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ: ӯзбекӣ (1958), туркманӣ (1960), белорусӣ (1961) ва украинӣ (1963) тарҷима ва нашр шудааст.

Мирзо Турсунзода дар маърӯзаашон, ки дар арафаи анҷумани III – юми нависандагони Тоҷикистон садо додааст, оид ба повести «Субҳи ҷавонии мо» - и С. Улуғзода чунин баҳоро раво донистаанд: «Бешубҳа «Субҳи ҷавонии мо» дар насри тоҷик як асари намоёнест. Вай материалҳои ҳақиқии бисёре медиҳад ва ҷиҳати муҳимми ҳаёт - сар шудани ташаккули табақаи равшанфикрони тоҷикро зоҳир ва тасвир мекунад» [7, 19].

Сотим Улуғзода кӯшиш намудааст, ки дар повести «Субҳи ҷавонии мо» лаҳзаҳои барҷаста, муҳим ва ибратомӯзи айёми бачагӣ ва ҷавонии худро пешкаши хонанда гардонад. Ин асар ҳангоми дар қайди ҳайёт будани муаллифаш дар соли 1954 дар шумораи №8-и маҷаллаи «Пионер» порчае бо номи «Ҷамъомади якум», соли 1955 дар шумораҳои №2, №3, ва №5-уми маҷаллаи «Шарқи сурх», соли 1955 дар шумораи №7-уми маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» порчае бо номи «Модарам», соли 1956 бо забони тоҷикӣ дар шакли китоби алоҳида, соли 1957 бо забони тоҷикӣ дар шакли китоби алоҳида бо номи «Саргузашти Собир» барои хонандагони хурдсол, 25-уми июни соли 1957 дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» порчае бо номи «Мактаби Муллозайниддин», соли 1959 дар шакли китоби алоҳида бо забони арабӣ, 14-уми апрели соли 1959 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» порчае бо номи «Ту фарзанди Ленин шудӣ, Собир!», соли 1961 дар шумораи №9 маҷаллаи «Машъал» порчае бо номи «Рафиқи ман Солеҳ», соли 1967 дар шакли китоби алоҳида бо номи «Субҳи ҷавонии мо» ва ниҳоят соли 1982 дар ҷилди 1-уми «Мунтахабот»-и нависанда нашр шудааст.

Фикри навиштани повести тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо» ба С. Улуғзода маҳз баъди оне, ки дастнависи онро ба фарзандонаш мутолиа мекунад, пайдо мешавад: «Ман, – мегӯяд Сотим Улуғзода, - воқеаҳои повестро ба фарзандонам қисм – қисм нақл мекардам, онҳо нақли маро шунида ба вачд меомаданд, дар чашмонашон қатраҳои ашк пайдо мешуданд. Дар муддати чанд вақт нақли қисса ба охир расид.

Фарзандонам ба камол расиданд ва хоҳиш намуданд, ки саргузашти худаму рафиқонамро ба рӯйи коғаз орам, вале ин хоҳиши онҳоро ҳар дафъа мавқуф мегузоштам. Худ ба худ фикру андеша мекардам, ки саргузашти ман, тарҷимаи ҳоли ман ба кӣ лозим аст ва ин ба хонанда чӣ манфиате мерасонад? Соли 1952 дар шаҳри Москва ҳам кор ва ҳам истироҳат мекардам. Дар ҳамон ҷо ду боби

повести «Субҳи ҷавонии мо» - ро навишта ба мунаққиди рус Вера Смирнова барои мулоҳиза супоридам. Вера Смирнова пас аз хондани ду боби ҷудогонаи повест гарму ҷӯшон маслиҳат дод, ки навиштанро давом диҳам» [7, 37].

Сотим Улуғзода дар повести «Субҳи ҷавонии мо» лаҳзаҳои барҷастаю муҳим ва ибратомӯзи айёми бачагӣ ва ҷавонии худро тасвир намудааст. Нависанда ҷиҳатҳои муҳимми ҳаёти гузаштаро, ки дар иҳотаи он тарбият ёфта, аз он ғизои рӯҳӣ гирифта ба камол расидааст, воқеъбинона тасвир намудааст: «Аз рӯзе, ки ман худро шинохтам, дар сарам кокулча буд. Гумон мекардам, ки ман бо вай зоида шудаам. Ин кокулчаи зормонда, ки аз теппаи сарам овезон шуда меистод, боиси хафагиҳои аввалини ман шуда буд, зеро дар вақти бо ҷӯраҳоям ҷанг карда даст ба гиребон шуданам маро дар муқобили онҳо оҷиз карда мемонд. Хусусан, дар вақтҳои гӯштингириам кокулча балои ҷони ман буд.

Ман шашсола будам, ҷӯраҳо доштам. Мо ҳам ба бачагони калонсолтар тақлид карда гӯштин мегирифтем, аммо гӯштингирии мо аксар вақт бо занозанӣ ва доду фиғон меанҷомид.

Ҳарифони ман, агар дар гӯштингирӣ маро ғалтонда натавонанд, аз кокулам гирифта мекашиданд, ман аз дард доду фарёд бардошта, маҷбур мешудам, ҳатто аз ҳарифе ҳам, ки аз ман камқувваттар буд, таслим шавам. Ин ба ман бисёр алам мекард, ба назди модарам омада гиря мебардоштам:

- Кокула намехоҳам, бурида партоед! Бачаҳои дигар кокул надоранд – ку!

Модарам маро ба оғӯш гирифта аз сару рӯям мебӯсид ва мегуфт:

- Охир бачаҳои дигар худашон ба дунё омадаанд, ту бошӣ фарзанди талабида гирифтагӣ мебошӣ. Дертар фаҳмидам, ки падару модарам баъди Азизхон боз чаҳор фарзанд ёфта бошанд ҳам, ҳамаи онҳо дар хурдсолӣ вафот карда будаанд. Падару модарам пештар аз он ки ман ба олами вуҷуд оям, ғами умрдарозии маро хӯрда, сарамро ба мазори Идрис – пайғамбар ниёз карда будаанд, то ки агар баногоҳ худо ҷони маро гирифтанӣ шавад, ин пайғамбар ба ман шафоат карда, ӯро аз нияташ гардонад. Барои ин хизмати Идрис – пайғамбар падарам ба вай як гӯсфанд ваъда карда будааст. Кокул нишонаи «ниёзмандӣ» - и сари ман, дурустараш – ҳуҷҷати қарздории падару модарам аз Идрис – пайғамбар буд ва ман аз он кокул танҳо баъд аз адои қарз, яъне баъди гӯсфанд куштани падарам дар мазори пайғамбар, халос шуда метавонистаам» [5, 22-23].

Қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» асари тарҷумаиҳолӣ буда, мундариҷаи он атрофи як оилаи деҳқони камбағали тоҷик – Умархону ҳамсараш ва писарҳояш: Азизхон, Собир ва Мухтор баҳс мекунад. Ҷараёни воқеаҳои асар аз забони Собири хурдсол баён мегардад. Шароити пасти зиндагӣ, нодорию қаҳтии замон ва, махсусан, хушксолию гуруснагии соли 1918 Умархонро маҷбур месозад, ки бо аҳли хонадон, ҳамсару фарзандонаш ба Тошканд кӯч банданд. «Ҳамаи ин заҳматҳои бепоёнро ӯ ба хотири аҳли хонадони худро нигоҳубин кардан бардошт мекард, шикояту тангдилӣ аз кору меҳнат надошт. Ӯ намунаи шахсияти марди тоҷик дар он замон ва шояд дар замони мо ҳам мебошад. Муҳаббат ва дӯстдории аҳли хонадон ӯро ба фидокории бардавом омода кардааст. Ҳамин дӯстдорӣ ва дилбохтагии ниҳонист, ки коҳиши он бар асари марги ҳамсару фарзанд ришгаи умри ӯро бурид. Умархон нақши намунаи марди деҳқон ва соҳибхонаи тоҷик бояд бошад» [6, 161].

С. Улуғзода аз тасаввуроти бачагӣ ва ҷавонии худ дар повест лаҳзаҳоеро интихоб намудааст, ки онҳо маҷмӯи воқеаҳои ҳаётиро ба таври равшану возеҳ дар худ инъикос менамояд: «Падарам як ҳафта боз дар Тошкент. Мо бо модарамон мондаем. Модарам ҳомила. Аз чӣ сабаб бошад, ки гоҳо худ ба худ гиря мекунад. Ҳар гоҳ ки ман ё бародарам аз кӯча омада:

- Бибӣ, гӯшна мондам, - гӯем модарам як каф орди зирбондашуда ё аз сандуқ камтар зардолуи хушк ё ки санҷид (ҷигда) гирифта медиҳаду худаш гиря мекунад. Ором ва бесадо гиря мекунад.

- Бибӣ, барои чи гиря мекунед? – мепурсам ман. Вай чашмонашро бо нӯги рӯмолаш пок карда дам намезанад.

Боре ману Солеҳ дар айвон донакбозӣ мекардем, модарам бо зани амакам дар хона нишаста буданд. Овози модарам ба гӯшам мерасид, ки мегуфт:

Поччотон ба мо якуним орд монда рафтанду халос. Агар Худо накарда як-ду моҳ дер монанд, чи кор мекунам? Ризқу рӯзии бачагонамро аз кучо меёбам? Бачагони бечораи ман гушна – гушна мегарданд, рӯзе як бор дами гармӣ мехӯранд, набошад не. Собири маро дидед, рӯз ба рӯз харобтар шуда истодааст… Чунон метарсам, чунон метарсам, авсун! Худо нишон надиҳад – ку, агар мабод… мурда монад, чи кор мекунам? Шӯракам хушк мешавад, ман ҳам мемурам. – Модарам дар ин ҷойи суханаш гирист» [5, 33, 34].

Повести «Субҳи ҷавонии мо» дорои хусусиятҳои гуногун буда, аз ҳар ҷиҳат хотирмон мебошад. Ба андешаи мо яке аз хусусиятҳои муҳимми он аз ин иборат мебошад, ки жанри тарҷимаи ҳол бо жанри хотирот ба ҳам омезиш ёфтааст. Чунин хусусият дар «Ёддоштҳо» - и устод С. Айнӣ низ ба назар мерасад. Хусусан ҳангоми таълифи бобҳое, ки ба Аҳмади Дониш, Ҳайрат ва Шарифҷон - маҳдуми Садри Зиё бахшида шудааст.

С. Улуғзода низ ҳангоми навиштани повести «Субҳи ҷавонии мо» аз ин тарзи усули корбарии устод С. Айнӣ баҳра бурда, онро дар асари худ ҳангоми таълифи бобҳое, ки ба С. Айнӣ, Абулқосим

Лоҳутӣ, профессори рус Андреев ва Нисор Муҳаммади Афғон бахшида шудаанд, моҳирона истифода намудааст.

Баъдан дигар аз хусусиятҳои повести «Субҳи ҷавонии мо» аз он иборат аст, ки асар аз ҳикояҳои хурд (новеллаҳо), чунончи дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ дида мешаванд, фароҳам омада, алоқаи мустаҳками дохилии қисматҳои асарро, робитаи байни онҳо ва ягонагии тамоми сужаи повестро таъмин намудааст: «Дар повести охирини Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо», - қайд намудааст М. Турсунзода, - чунин сохти новеллагӣ мавҷуд аст» [7, 82].

Дар адабиёти тоҷик образи намояндагони миллатҳои гуногун, аз ҷумла халқи рус ба асрҳои гузашта рафта мерасад. Ба ин масъала дар адабиёти бадеии тоҷик бори аввал устод С. Айнӣ дахл намуда, С. Улуғзода онро идома дода, ба қуллаи баланд оварда расонидааст.

Шоҳиди ин гуфтаҳо, повести «Субҳи ҷавонии мо» - и С. Улуғзода маҳсуб гардида, он ба қатори асарҳое дохил мешавад, ки дар он дӯстии байни халқҳо, хусусан халқҳои тоҷику рус ба хубӣ эҳсос карда мешавад. С. Улуғзода кӯшиш намудааст, ки образи намояндагони ин халқҳоро бо тамоми маҳсусиятҳои миллиашон тасвир намояд. Решаҳои таърихии робитаҳои дӯстии халқи русро бо мардуми тоҷик дар повести «Субҳи ҷавонии мо» нависанда бо далелҳои раднашаванда тасвир намудааст. Чунончи дӯстии халқҳои тоҷик бо коргарони фаъоли рус дар мисоли Умархон бо Ершов ва Николаев, дӯстии байни занҳои тоҷику рус дар мисоли ҳамсари Умархон бо завҷаи Ершов ва Николаев ва дӯстии байни бачагони тоҷик ва ҷавонони рус дар мисоли Собир, Серёжа ва Паша далели ин гуфтаҳо мебошад.

Собир аз бачагони рус забони русиро меомӯзад. Меҳру муҳаббати вай нисбат ба бачагони рус рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Аз тамошои китобҳои суратдори Серёжа дар дили Собир шавқу ҳаваси китобхонӣ зиёд мешавад. Инак Серёжа дар дами ҷудоӣ китоби суратдори худро ба Собир чун хотираи дурахшони айёми ҷавонӣ тақдим мекунад: «Мо борамонро мебастем. Аз пагоҳӣ сар карда дар пеши хонаи мо бачагони гуселкунанда ҷамъ мешуданд. Ҷӯраи ҷоноҷони ман Серёжа, Паша ва Лёня ҳам дар он ҷо ҳозир буданд. Онҳо чизҳои моро аз хона ба берун мекашонданд. Пашаи харобаки почадароз зӯр мезад, ки ба мо ҳарчи бештар ёрӣ расонад. Падарам ба вай бо чашми навозиш нигоҳ карда, хандида мегуфт:

- Туро худам келин мекунам. Азизхон мактабашро тамом, ки кард, ба ту хосттор мефиристонам.

Паша, бисёр изо кашид, ба тавре ки ҳатто гӯшҳояш ҳам суп – сурх шуданд.

Ҳамсояҳо ва бачаҳо моро то пеши дарвоза гусел карданд. Серёжа дар паҳлуи ман равон буд, ман ба ӯ гуфтам:

- Ана мебинӣ, ман ҳам хонда саводамро мебарорам, баъд монанди ҳамон китоби суратдори ту китобҳо мехарам.

Серёжа нохост истоду ақиб гашта давон – давон ба тарафи хонаашон рафт.

- Серёжа, кучо меравӣ?-ҳайрон шуда фарёд задам ман аз қафои ӯ.

- Дарав меоям, расида мегирам!

То дарвоза як сад қадам монда буд, ки Серёжа расида омад. Вай дар бағалаш як китоб гирифта овард.

- Ма, Собир, ин ба ту ёдгорӣ, - гуфт вай китобро ба ман дароз кард.

Ин ҳамон китоб буд – китоби мусаввар бо суратҳои ҳайвонот ва мурғони ёбоӣ, ки ман онро ҳар дафъа бо шавқу ҳавас варақ мезадам ва аз тамошояш сер намешудам. Серёжа медонист, ки ман ин китоби ӯро аз ҳамаи китобҳои дигараш дӯсттар медорам, бинобар ин, хостааст дар дами ҷудоӣ ба ман бахшад. Ман аз шодӣ саросема шуда мондам ва гумон мекардам, ки Серёжа ҳазл мекунад. Аммо вай ҳазл намекард ва бо табассуми гарми дӯстона мегуфт:

- Ҳар вақте ки варақ задӣ, маро ба ёдат меорӣ.

- Хуб, - розӣ шудам ман, - Раҳмат.

Падарам бо хоҳиши ман харро истоёнда, туҳфаи гаронбаҳоро ба хӯрҷин андохт.

Инак, мо аз дарвозаи завод ба кӯчаи фарох баромадем. Дарвоза баста шуд ва гуселкунандагони мо дар паси он мондand» [5, 127].

Сотим Улуғзода лаҳзаҳое, ки дӯстии Собир, Азизхон ва бачагони русро тасвир мекунад, хеле табиӣ ва ҳаяҷонбахш мебошанд. Собир дар натиҷаи робитаи дӯстии фаромӯшнашаванда аз бачагони рус забони русиро меомӯзад, ки омӯхтани забони русӣ дар навбати худ барои инкишофи дониш ва ташаккули характери Собир ҳамчун одами маданӣ ва ходими ҷамъиятӣ ба камол расидани ӯ ёрии ҳартарафа мерасонад.

А. М. Горкий оид ба асарҳое, ки дар бораи ҳаёти гузашта офарида шудаанд, гуфта буд: «Барои он ки замони пуразоб ва захролуди замони гузашта нағз равшан гардад ва фаҳмида шавад, дар худ чунин лаёқатеро инкишоф додан лозим аст, ки ба гузашта аз баландии муваффақиятҳои ҳозира, аз баландии мақсадҳои бузурги оянда нигоҳ карда тавонем» [3, 150].

Ба андешаи мо, повести «Субҳи ҷавонии мо» - и Сотим Улуғзода гарчанде дар бораи гузаштаи халқи тоҷик навишта шуда бошад ҳам, ба ояндаи дурахшони халқу Ватан бахшида шудааст. Худи С. Улуғзода ғояи повестро чунин баён намудааст: «Аз навиштани «Субҳи ҷавонии мо» мақсади ман ин буд, ки ба бачагон ва ҷавонон гӯям, ки китобро, донишро, меҳнатро дӯст доранд, қадри некӣ ва

саодатеро, ки Ватан барои онҳо фароҳам овардааст бидонанд, аз душвориҳо натарсанд, дар дӯстӣ содиқувафодор бошанд, одамони доно ва ҳунарманд шуда ба воя расанд» [5, 400].

Бо вуҷуди ин, дар повести «Субҳи ҷавонии мо» Сотим Улуғзода ба муҷазӣ ва зебоии сарлавҳаҳои асар низ аҳамият додааст. Масалан, лаҳзаи ба дорулмуаллимин омадани профессор М. С. Андреев дар нашри якум дар боби «Дорулмуаллимин» ҷой дошт, нависанда онро дар зери сарлавҳаи «Халқи худро шинос» овардааст, ки бо мазмуни боб пурра мувофиқат мекунад. Ба ҳамин монад номи бобҳои дигари асарро, ки дар нашри соли 1956 чунин буанд: «Ҷалои Ватан», «Падарам», «Модарам», «Дуздии Исмат», «Модари угай», «Боз дар Тошканд» ва «Боздид» ба чунин шакл: «Падар», «Модар!», «Дузди Исмат», «Модарандар», «Ассалом Тошканд», «Зиёрати дӯстон», «Халқи худро шинос» тағйир додааст. Бо ҳамин тариқ, нависанда сарлавҳаҳои ҳар як бобро ба мазмуни умумии повест мувофиқат кунондааст.

АДАБИЁТ

1. Асозода Х. Устод Айнӣ дар шиноҳти С. Улуғзода / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 138 с.
2. Белинский В. Г. Пол. собр. соч. Т. 5 / В. Г. Белинский. – М., 1954. – 400 с.
3. Горький М. О литературе / М. Горький. – М., 1956. – 500 с.
4. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 138 с.
5. С. Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
6. Шарифов Х. Гӯяндаи достони таърихи тоҷикон / Х. Шарифов // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе: Сино, 2001. – 195 с.
7. Юсуфов К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷимаҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» / К. Юсуфов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 126 с.

АЗ ТАЪРИХИ ЭҶОДИ ПОВЕСТИ «СУБҲИ ҶАВОНИИ МО»

Алоқи адабиёти тоҷик бо таърих решаҳои ҳазорсоларо дорост. Дар байни нависандагони тоҷик таваҷҷӯҳ ба ҷанбаи таҷрибаи судманди таърих ба монанди осори дар мавзӯи таърих навиштаи Сотим Улуғзода дида намешавад. Барои Сотим Улуғзода ҳамчун нависанда мақсади баррасӣ ва арзёбии сарнавишти таърихии халқи тоҷик дарёфти дарсҳои таърихӣ мебошад.

Повести «Субҳи ҷавонии мо» бо ишора ба худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, боиси пайдоиш ва ташаккули як навъи хоси алоқа нисбат ба гузашта дар хиссу идроки нависанда гардид.

Калидвожаҳо: худшиносии миллӣ ва таъризӣ, Сотим Улуғзода, ташаккули диди таърихии нависанда, таваҷҷӯҳ ба таърих, повести «Субҳи ҷавонии мо».

ИЗ ИСТОРИИ НАПИСАНИЯ ПОВЕСТИ «УТРО НАШЕЙ ЮНОСТИ»

Связь таджикской литературы с историей имеет тысячелетние корни. Обращение к исторической судьбе таджикского народа для писателя, прежде всего, продиктовано страстным желанием извлечь уроки истории выявить и анализировать причины падений и взлетов народа. Сотим Улугзода своими историческими произведениями внес в национальную литературу мощную струю, воплощающую национальные чаяния и исторические интересы народа. В повести «Утро нашей юности» Сотим Улугзода намекая на точную дату пробуждения в нем интереса к истории, располагает важными документами для выявления почвы и основных этапов формирования его исторического видения.

Ключевые слова: национальное и историческое самосознание, Сотим Улугзода, формирование исторического видения писателя, интерес к истории, повесть «Утро нашей юности».

THE HISTORY OF WRITING THE NOVEL "THE MORNING OF OUR YOUTH"

Communication Taiik literature history has ancient roots. Turning to the historical fate of the Taiik people for a writer, above all, dictated by an ardent desire to learn the lessons of history to identify and analyze the causes of the UPS and downs of the people. Sotim Ulugzade his historical works contributed to the national literature a powerful stream that embodies the national aspirations and historical interests of the people. In the story "the Morning of our youth" Sotim Ulugzade hinting at the exact date of the awakening of his interest in history, has important documents to identify the soils and the main stages of formation of his historical vision.

Kev words: national and historical consciousness, Sotim Ulugzade, the formation of historical visions of the writer, the interest in history, the story "Morning of our youth."

Сведения об авторе: ***Сироҷиддин Эмомали*** – декан филологического факультета Таджикского национального университета

МАХСУСИЯТҲОИ ШЕЪРИ АНДЕШАҲОИ ОТИФИИ ТАСВИРИИ БОЗОР СОБИР

Аскар Ҳакимов

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Бозор Собир аз аввалин мачмӯаи худ «Пайванд» (с. 1971) шоири баркамол ба назар мерасид, зеро ҳам аз ҷиҳати синну солу зиндагӣ (он вақт ӯ сиву се сол дошт), ҳам аз назари эҷодӣ таҷрибаи муайяне андӯхта буд. То нашри мачмуаи аввалаш ӯ дар Афғонистон як сол ба сифати тарҷумон хидмат карда, бо шеъри форсии муосири Афғонистону Эрон ошноӣ дошт, ки ин шеър дар он солҳо бо сабаби бастагии сарҳадҳо ва ночиз будани иртиботи фарҳангӣ бо ин кишварҳо ба шоирони тоҷик кам дастрас буд. Шеъри ин кишварҳо дар он айём аз шеъри тоҷикӣ аз назари муҳтавову сабк, забону баён ва ифодаи шайъии эҳсосоту таассурот бештар дастоварда дошт, ки Бозор Собир он таҷрибаро

эҷодкорона омӯхта буд. Бинобар он, ашъори маҷмӯаи аввали ӯ нисбат ба маҷмуаҳои аввали шоирони дигар, ки дар он замон ба арсаи адабиёт ворид мешуданд, аз ҷиҳати муҳтаво, ифодаи бадеъиву шайъӣ ва тасвиркорона пурбору ҳунармандонатар ба шумор меомад.

Маълум аст, ки барои адабиёт ва хосса шеър, тарзи умумӣ ва корхӯрдаи тасвири эҳсосот ва воқеъият роиҷ буда наметавонад, зеро қариб ҳазор сол қабл аз ин «сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар» [9] гуфтаанд ва дар масъалаи талаби тозагӣ аз шеър ҷойи ҳеҷ баҳсу талоше нест. Ҳар шаклу василаи бадеие, ки умумиву дастхӯрда шудааст, парвози озодонаи тахайюлотро маҳдуд сохта, имкон намедиҳад, ки эҳсосоту таассурот бо ҳамон тару тозагӣ ва шадидиаш, ки дар ботини шахсияти шеър ба ғалаён меояд, ифода карда шавад.

Вале дар назар бояд дошт, ки шеъри ҳар давра ва ё муҳити адабӣ аз як меъёри шахсӣ фаротар меравад ва бинобар он, шинохтан ва рӯй овардан маҳз ба ҳамин меъёр ба шоир имкон доданаш мумкин аст, ки ин таҷрибаи фарошахсиро истифода карда, ба дастовардҳои муҳими бадеӣ ноил шавад. Бозор Собир ба таҷрибаи шеъри кишварҳои ҳамзабон маҳз ба ҳамин меъёри фарошахсӣ рӯй меовард, ки бо вуҷуди аз ҷониби шоирони ин кишварҳо истифода шуданашон моли сабки шахсии ҳеҷ яки онҳо набуд. Зеро дар ин замина ӯ фардияти сабки худро нигоҳ дошта, ҷаҳони ботинии худро ҳамчун шахсияти бадеъӣ пурра нишон дода метавонист.

Аз шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ, ки Бозор Собир дар солҳои шаст навиштааст, шеърҳои «Ҳавас», «Бозгашт», «Ёдгори рӯзҳои даргузар» ҷолибанд, ки дар онҳо сифатҳои асосии истеъдоди шоирии ӯ – самимона ва дилкушодона розу ниёз карда, на танҳо хонанда, балки муҳит ва олами ашёро на аз худ дур, балки ба худ ҳамдилу ҳамсуҳбат донистан, ба таври зарурӣ зоҳир шудаанд. Аз ин рӯ, дар ин шеърҳо эҳсосоту таассурот камтар баёни ҳарфӣ, вале бештар тасвиру ифода гашта, таъсири амиқи бадеъӣ боқӣ мегузоранд. Дар ин радиф шеъри «Ҳавас» ҷолиби диққат аст, ки на фақат орзуи инсонии шоирро ифода менамояд, балки ба чӣ ҷаҳоне майл доштани нигоҳи шоиронаи ӯро нишон медиҳад:

Боз овораи айёми тамуз,
Боз хоҳони ҳавоҳои дигар
Ба ҳаво мегузаред аз назарам
Достакҳо, ҳама рӯз,
Ҳама пуршӯртар аз хотири ман.
Хоҳам имрӯз ба ҳамроҳи шумо,
синасафедони баҳор,
Бикушоям пару бол,
Равам он ҷо, ки маро шому саҳар
Нигаҳе мекобад,
Мезанад бӯса раҳи омаданамро ба умед… [5, 24]

Суҷаи ғиноии ин шеър бевосита аз ҳолате, ки шоир дорад, аз дидани парвози достакҳои болои сараш оғоз шуда, хаёлоти ӯро бо худ мебарад. Суҷа дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ на танҳо ба мафҳуми инкишофи ҳодисаҳо, балки ҳамчун инкишоф, ҷараёни андеша, таассурот, эҳсосот бештар мавқеъ дорад, ки дар ин маврид ҳам ҳамин тавр аст. Як дидани парвози достакҳо хаёлоти шоирро бо худ бурда, хоҳишҳоеро, ки дар ниҳонхонаи дили ӯ хуфтаанд, бедор мекунад, яъне як амали дидан барои оғоз шудани силсилаи таассурот сабаб мешавад ва баъд аз ин суҷаи шеър ба роҳи ифодаи эҳсосоту таассурот давом меёбад. Ин гуна аз як воқеъа, ҳолат ва ё суҷае, ки шоир барои ифодаи муҳтавои бадеияш месозад, ибтидо гирифтани шеър имкон медиҳад, ки ҷараёни эҳсосоти мусалсал ба пуррагӣ ифода карда шавад. Дар ин ҳолат ҳодиса танҳо васила аст, мақсад ва суҷаи ҳақиқии шеър дарк, муносибат ва таассуротест, ки шоир аз он бармедорад. Муҳимии масъала на дар ҳодиса, балки дар чигунагии идроки шоир аст, ки онро эҷодкоронаву хаёлангез мебинад ва ин ҳолат дар ӯ эҳсосоту таассуроти мусалсалро ба вуҷуд оварда, хусусияти воқеъанигории шеър маҳдуд ва заминаи таассуротии он фарох мешавад ва ҷараёни инкишофи муносибати шахсияти шеър ба ин ё он ҳодиса ва ё шайъ бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Суҷаи асосӣ ҳам аз ҳамин ҷараёни эҷодкорона дидан, дарк кардан, эҳсосоту таассуроти худро бо табу тоби баланд ба он пайванд дода тавонистан иборат мешавад, ки дар натиҷа шеърро мухтасар, вале пурбору пургунҷоиш менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шеъри «Ҳавас» ҳам фақат як дидани парвози достакҳо дар шахси шеър хоҳишҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ба бачагии деҳотиаш вобаста буда, дар замираш ҷой доштааст. Ва он ин тавр ба забон оварда мешавад:

Сипарам роҳи дароз,
Биравам деҳи шинос,
Бинишинам ба лаби боми падар,
Бинишинам ба сари дастниҳоли падарӣ,
Кашам овоз ба монанди шумо
Ва дар он гӯшаи сабз
Лонае аз гилу хошок кунам [5, 24].

Ин як шеъри содаест, ки шоир дар ибтидои эҷодиёташ гуфтааст, аммо, ба ҳар ҳол, намоёнгари хусусиятҳои умдаи ашъори ӯст. Чанде аз хусусиятҳои он, ки ба суҷаи ғиноӣ, муносибати шоир ба он, афзалияти эҳсосоту таассурот бар ҳодисаи суҷа ва ё шайъи мавриди тасвир дахл доштанд, болотар зикр шуданд, ки минбаъд дар эҷодиёти шоир тавсиа хоҳанд ёфт. Дар ин радиф нишон додани хусусияти сохтори шеър ҳам зарур аст, зеро сохтор дар ифодаи озодонаи андешаи отифӣ ва пуррагии тасвир нақши муҳим дорад. Ин шеър дар қолаби арӯзи озод ё ин ки навъи нимоӣ гуфта шуда, вазнаш бар рамали (мусаддас, мусамман…) махбуни маҳзуф (мақсур, аслам) асос дорад, ки аз рукнҳои **фоилотун фаилотун фаилун (фаилон, фаълон)** ташкил ёфта, дар ҳар мисраъ ба талаби мазмуну оҳанг каму беш оварда мешаванд. Баъзан рукни аввал ба шакли махбун **фаилотун** ҳам меояд. Дарозтарин мисраи он «хоҳам имрӯз ба ҳамроҳи шумо, синасафедони баҳор» аз панҷ рукн, ки нуздаҳ ҳиҷои арӯзӣ ва кӯтоҳтарини он «нигаҳе мекобад» аз ду рукн, ки шаш ҳиҷои арӯзиро ташкил медиҳад, иборат мебошад. Адади мисраъҳо дар пора ба тамом ифода шудани ҷузъи андешаву эҳсосот вобастааст. Ин шеър, ки 17 мисраъ дорад, ба се пора ҷудо мешавад, ки мутаносибан аз панҷ, панҷ ва ҳафт мисраъ иборат мебошад. Ҷойи қофия дар он муайян нест, танҳо дар банди аввал мисраи якум бо чаҳорум ҳамқофия омада, дар дохили бандҳои дигар қофия вуҷуд надорад, аммо дар баъзе мисраъҳои ҳар се банд ҳам калимаҳои **дигар, саҳар, падар** дар охир омадаанд, ки ҳамқофияанд, вале азбаски онҳо аз ҳам хеле дур афтодаанд, вазифаи махсуси қофиявӣ надоранд. Ин ҳама далели он аст, ки шакли шеър аз қавонини пешакӣ озод буда, дар ҳар банд ба тақозои ифодаи комили мазмуну оҳанг сурат мегирад. Ҳар се пора аз мисраъҳои дарозу кӯтоҳ ба ҳам омадаанд, вале бо хотири ба эътибор гирифтани тамомияти маъноиву мантиқии баёни фикру эҳсосот ва зарбу лаҳни сухан равону хушоҳанганд. Аммо ҳар пора аз ҷиҳати ифодаи андешаву эҳсосот ва лаҳну оҳанг тамомшудаву комил аст. Пораи аввали шеър аз назару аз хотири шахси шеър парвозкунон гузаштани достакҳо, пораи дуюм асари ин диданро, ки боиси пайдо шудани хоҳиши ҳамроҳи онҳо парвоз карда рафтан ва пораи севум давоми амалеро, ки барои расидан ба маҳалли хоҳиш, яъне деҳу хонаи падарӣ зарур аст, ифода намудааст. Парвози достакҳо заминаи тасвирӣ ва зикри ҷузъиёти муҳит пару бол, роҳ, деҳ, лаби бом, дастниҳол, гӯшаи сабз, лона, гилу хошок заминаи ашёвии шеърро ташкил дода, ифодаи андешаву эҳсосотро маҳсусу тасаввуршаванда сохтаанд.

Дар ин ҷо оид ба таносуби суҷа ва ё шайъи тасвир бо эҳсосоту таассуроти шоир бояд қайд кард, ки ҳамин суҷа ва ашёе, ки дар заминаи шеър қарор гирифтаанд, бедоркунандаи маҳз ҳамон эҳсосоту таассуроте нестанд, ки баён шудаанд, пас аз ин бармеояд, ки дар айни ҳол муносибати шоир бо онҳо муҳим мебошад. Шоир аст, ки бо чигунагии муносибати худ ин суҷа ва ашёро барои ифодаи манзури худ мувофиқ месозад, вагарна на дар ҳама кас ва на дар ҳама ҳолат тамошои фақат парвози достакҳо ба чунин ҷараёни андеша ва эҳсосоти мусалсал расониданаш мумкин аст. Бинобар, суҷаи асосии ин шеър ва ашъори дигари аз ҳамин қабили Бозор Собир на ҳодиса ва ашё, балки муносибати шахси шоир ба онҳо мебошад, ки дар натиҷаи дарки эҷодкоронаву озодонаи онҳо риштаи эҳсосоти мусалсал пайдо мешавад.

Дар баробари ин, дар эҷодиёти Бозор Собир навъи дигари ашъори андешаҳои отифии тасвирӣ низ мавҷуданд, ки дар онҳо ҳодиса ва ё шайъ дар мақоми аввал буда, шахси шеър дар зимни онҳо арзи вуҷуд менамояд. Дар ин ҳолат, шахси шоир ба олами шахсе, ки дар шеър ба ҷойи субъект қарор гирифтааст, ворид шуда, эҳсосоту таассуротро аз забони ӯ баён мекунад. Дар маҷмуаи дуюми Бозор Собир «Оташбарг» (с. 1974) шеърҳои «Антигона» (Илҳом аз муҷассамаи «Модари Литва»), «Пирамард» аз ҳамин навъи ашъори андешаҳои отифии ғиноиянд. Дар ҳар дуи ин шеър муҷассама ва

пирмард ҳам мавзуъ (объект) ва ҳам шахс (субъект) -и шеър ҳастанд, ки шоир ба забони онҳо сухан мегӯяд. Азбаски эҳсосоту таассурот ба шайъ, дар айни ҳол субъекти ҷудо аз шоир вобастааст, он воқеъӣ, обективӣ ифода мешавад. Дар шеъри «Антигона», ки эҳсосоти модарони дар ҷанги меҳанӣ фарзандгумкарда баён мешавад, аз забони ҳайкали модар чунин суханҳо садо медиҳанд, ки ҳамсанги бузургиҳои ӯ ҳастанд:

Ман модарам, маломатпи дунё кашидаам,
Ман модарам, ба кулфатпи дунё гирпстаам.
Ҳарчанд ман санг бастаам (?), ман зиндаам ҳанӯз,
Ҳарчанд сангҳайкалам (?), ман нола мекунам [6, 5].

Ҳарчанд Бозор Собир худ аз шоирони насли ҷанг нест, аммо сахтиҳои онро дар бачагии худ кашидааст, бинобар он дарди модари литвонӣ ба ӯ шинос аст, зеро дар ранҷу азоби ӯ ранҷу азоби модари тоҷик, модари худро ҳам мебинад. Чизе, ки дар хотираи модари литвонӣ мондааст, хотираи башарият аст аз ҳамаи ҷангҳо, ки чунин бо табу тоб ва эҳсоси шадид ҳушдор медиҳад:

Бо он ки санг бастаам (?), ман боз зиндаам,
Аз ашки ман ҳанӯз
Тар мешавад замин,
В - аз хашми ман ҳисори худо ларза мекунад [6, 6].

Дар шеъри «Пирамард» ҳам таассуроти марде, ки иштирокчии ҷанг будааст, ба қалам оварда шудааст. Ду шеъре, ки дар эҷодиёти Бозор Собир дар нимаи дуюми садаи бист ба назар мерасад ва дар онҳо шоир ба тимсоли дигарон ворид шуда, аз номи онҳо сухан мегӯяд, ҳар ду ҳам шахсиятҳои замони ҷанганд. Яке зан, тимсоли сангпайкари модар ва дигаре пирмард, собиқ иштирокчии ҷанг, ки бо як байт тамоми даҳшати ҷанг ва зиндагии пасазҷангии худро чунин баён мекунад:

Ман як шаҳиди зиндаам аз арсаҳои ҷанг,
Дар байни зиндаҳову шаҳидони кшиварам [6, 22].

Ҳардуи ин тимсол на фақат аз ҷанг хотироти мудҳиш мегӯянд, балки худ ҳам хотираи ҷанг ҳастанд ва шоир ҳам ба вуҷуди онҳо аз роҳи хотира ворид мешавад, ки ҳикмат дорад, зеро хотира танҳо моли гузашта нест, балки ҳушдордиҳандаи имрӯзу ҳимоятгари фардост. Дар ин шеърҳо воқеъияти объективӣ аз забони объект, ки худ суъект ҳам ҳаст, баён мешавад, ки дар он нақши шахси шоир намоён нест. Аммо Бозор Собир шеърҳое ҳам дорад, ки дар онҳо воқеъияте, ки як замон мавҷуд буд, дар хотирааш нақш бастаанд ва ӯ онҳоро бо нақши равшани идроки шахсии худ ифода менамояд. Шеъри «Асп» намунаи барҷастаи ин тарзи ифодаи воқеъият аст. Ҳамаи таассуроти ғиноии шахси шеър дар он вобаста ба аспе, ки дар лавҳи хотироти бачагиаш боқӣ мондааст, бо зикри сифатҳои асп ва ҷузъиёти маҳалли ёдҳои бачагӣ баён мешавад. Аз аввали шеър тимсоли асп дар байни воқеъият ва хаёлот қарор дошта, ба ду тарз – хаёлпардозона ва воқеънигорона ба тасвир гирифта шудааст, ки онро серпаҳлӯ менамояд:

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар.

***

Пояш сафеду гардану пешониаш сафед,
Соқаш дарозу тахташ пушташ дарозтар,
Зери шикам ба тахташ пушташ кашида сахт,
Чашмаш мисоли лахчаи сӯзанда дар назар [7, 23].

Тимсоли асп дар ин шеър, ки ба он ҷавониҳои падари шахси шеър, бачагиҳои худи ӯ, кулбаи падар, деҳу пуштаҳои дур, хулоса ҳамаи он чизе, ки бачагии шоирро фаро гирифта буд, иртиботи қавӣ дошта, зиёда ва муҳимтар аз он, ҳамаи онҳоро дар худ муҷассам намуда, дар хотираи шоир аз нав зинда мекунад, аз тимсол фаротар рафта, ба самбул, намод бадал мешавад. Ҳамчунон ки Тақии Пурномдориён дар бораи намод менависад: «Намод баёнгари куллиёт ва мафоҳими бузург ба василаи мавзуоти ҷузъӣ аст, аммо ин мавзуот ва тасвири ҷузъӣ чунон зинда ва ҷондоранд, ки зеҳнро тасхир мекунанд» [4, 161]. Дар ин ҷо ҳам асп василаи ҷузъист, аммо азбаски пайванди қавӣ ва густарда бо бачагагии шоир пайдо кардааст, мафҳуми на танҳо асп, балки падари ҷавондаргузаштаи азиз, бачагии

ятимона, хаёлҳои зебои тифлӣ, деҳаи чун орзу ширини шоир ва боз чизҳои дигарро ифода мекунад. Тимсолро ба дараҷаи намод расонидан тахайюлоти ғаниву қавии шоирона мехоҳад, ки дар ин шеъри Бозор Собир зуҳур кардааст. Вақте ки шайъ, дар айни ҳол асп ба намод бадал мешавад, вай танҳо шайъ нест ва ҳамчунон ки Чадвик Чарлз менависад: «Ашё фақат шайъе нестанд, намодҳое аз шаклҳои ормонианд, ки дар паси онҳо пинҳонанд» [10, 17]. Ва асп ҳам баёнгари шаклҳои ормонии бачагии шоир гаштааст.

Маълум аст, ки намодҳоро иҷмолан ба ду гурӯҳи куллӣ тақсим кардан мумкин аст: намодҳои аслӣ ва ғайри аслӣ. Ба намодҳои дастаи аслӣ онҳое дохил мешаванд, ки дар дарозои таърихи зиндагии башар ғайри ихтиёри ӯ аз калима ва ё таркибҳои забоние ба вуҷуд омадаанд, ки ифодакунандаи шайъ ё мафҳуме буда, дар асл маънои ба намодии хеш наздике доштаанд ва тадриҷан ғайри ихтиёри инсон ба худ маънои намодӣ гирифтаанд. Масалан, намоди «хурӯс», ки маънои бедорӣ аз хоби ғафлат, даъват барои озодиро медиҳад, аз ҷумлаи онҳо буда, ин аз асл, аз табиати худи хурӯс, ки бо бонги субҳонаи худ бедоркунанда аз хоб мебошад, ба вуҷуд омадааст [2, 245-262]. Дастаи дигари намодҳо эҷоди тахайлоти шоирона аст, ки асп дар шеъри мазкури Бозор Собир аз ин навъи намодҳост. Дар ин ҷо мавридаш аст, ёд оварда шавад, ки: “ Асб ё асп... дар фарҳанги Эрон бавижа асбу гардуна аз замонҳои куҳан мавриди истифода будаанд... Равонкобон асбро намоди равони нохудогоҳ ва ғайрибашарӣ медонанд. Боварҳои қавмӣ ва асотирии фаровоне дар мавриди асб дар миёни милал роиҷ аст ва сабаб шуда, то маънии самбулики фаровоне аз қабили оздӣ, андоми зебо, энержии хуршед, бахшандагӣ, пойдорӣ, пирӯзӣ, қадрдонӣ, суръат, фаҳмидагиву фаросат, нерӯмандӣ, хуш, хирасарӣ, сарсахтӣ ва ғурур дар ҳунару андешаи адбӣ ва фарҳангӣ табалвур ёбанд” [1, 64-65]. Аммо ин намодро дар ин шеър эҷоди Бозор Собир хондан бад он сабаб аст, ки шоир онро сар то сари шеър қарор дода, тадриҷан сифат афзуда, такмил медиҳад ва ниҳоят ба ифодаи мафҳуми фарохи мушаххасе қобил месозад, ки манзури ӯст. Дар натиҷа ин намод ва ин гуна намодҳо танҳо дар ҳамон асар маънои мушаххаси намодӣ пайдо карда, аммо далели халлоқият ва тахайюли қудратманди шоир мегарданд ва ба номи ӯ боқӣ мемонанд. Дар ин ҷо ҷо дорад аз шеъри шоири эронӣ Манучеҳри Оташӣ «Ханҷарҳо, бӯсаҳову паймонҳо» [3, 26-30] ёд оварда шавад, ки дар он ҳам намоди асп офарида шуда, доманаи мафҳуми намодии он хеле фароху пургунҷоиш ва пурбортар аз шеъри «Асп» -и Бозор Собир мебошад. Вале он намоди мафҳумҳои дигар аст.

Шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ боз навъе дорад, ки воқеъияти объективӣ, хоҳ ҳодиса бошад, хоҳ шайъ, гӯё бо ҳамон воқеъияти вуҷуддоштааш аз забони шахси шеър ва ё шоир ифода мешавад. Дар ин гуна шеърҳо маҳалли идрок на дар ботини шоир, балки дар олами хориҷ аст, бинобар таассурот ҳам аз он бештар объективӣ мебошад. Андешаҳои отифии тасвирӣ дар шеърҳои «Ватан», «Дар оғӯши кӯҳистон», «Бухоро», «Забони Ватан» (Гули хор с. 1978) ҳамин гуна домани фарох дошта, мавзуъҳои муҳими зиндагии инсон, таърих, озодӣ, тақдири халқ, адолат, фарҳангро фаро гирифтаанд. Дар ин навъ ашъори Бозор Собир, ки дар онҳо инкишофи афкору эҳсосоти ғиноӣ на муттасил, яке аз дигаре бурун наомада, балки ба болои ҳам зам мешаванд, барангезиши ғиноӣ нақши муҳим дошта, барои эҷоди тимсолҳои пуртаъсир, ифодаи дурахшони андеша ва шадиди эҳсосот хидмат мекунад. Аксари ин тимсолҳо мусалсал буда, дар назари аввал гӯё ба ашё ва мавзуи тасвир алоқа надоранд, вале шоир дар онҳо монандиҳои ғайричашмдошти тару тозае пайдо мекунад, ки доираи таассуротро хеле фарох менамояд. Масалан, дар шеъри «Бухоро» барангезиши ғиноӣ барои зуҳури силсилаи тимсолҳои ғайричашмдошт, вале барҷою мувофиқ созгор омада, ифодаю тасвирро ғаниву ҳарранг сохтаанд. Шоир замоне маркази илму маданияти форсии тоҷикӣ будани Бухоро ва баъдан ба таназзулу парешонӣ расидани онро чунин ба қалам меорад, ки дар он нақши барангезиши ғиноӣ калон аст:

Дар ақсои ҷаҳон тухми бузургонат
Ба монанди зару симат парешон шуд,
Ба монанди зару симат ба беқадрӣ.
Агар роҳе чу роҳи Каҳкашонат буд,
Ба мисли риштае печида гӯё рафт
дар пои ҷаҳонгардон.
Агар шустанд аз байни ту боронҳо
Раҳеро чун раҳи мӯрон,
Раҳеро бодҳо рӯфтанд аз байни тую дунё [7, 23].

Дар ин пора тухми бузургон, зару сим, роҳи Каҳкашон, ришта, раҳи мӯрон ҳама дар натиҷаи барангезиши ғиноӣ ҳамчун тимсолҳои эҳсоси мусалсал ба қалам омадаанд, ки яке бар дигаре афзуда шуда, ифодаи таассуротро шадид месозанд.

Шеъри андешаҳои отифии тасвирии Бозор Собир аксаран муфассал буда, он муъҷазию мухтасарбаёниро, ки ба ин навъи шеър хос аст, надоранд, аммо бо вуҷуди ин на ҳамеша дар онҳо пурҳарфӣ эҳсос мешавад, зеро суханаш муҷаррад набуда, ашёвист. Андешаҳои ӯ, ки аз барангезиши ғиноӣ ва ё ягон санад, ҳодиса ва манзараи табиат оғоз мегирад, озодона ин ё он тимсол ва ё шабоҳатҳои дигарро ба доираи худ кашида, хонандаро дар асоси ин барангезиши ҳиссӣ ноаён ба хулосаи зарурии ҳикматнок баровардан омода мекунанд.

Ашъори пас аз ин, дар солҳои гуногун навиштаи Бозор Собир, аз ҷумла «Тирамоҳ», «Номаҳо», «Абрҳо», «Дарахти садда шуд дар пушта модар», «Кӯҳи лолагардан», «Навбаҳор устоди марҳамбанд» низ ҳамин гуна хусусият доранд, зеро дар онҳо низ нақши асосии суҷасозро на ҳодисаву ашё, балки таассуроти аз онҳо бардоштаи шоир, ки бештар на ба он ҳодисаву ашё, балки ба ҷараёни андешаву эҳсосот ва раъйи шоир вобастаанд, ташкил медиҳанд. Азбаски ин эҳсосот аз ҳам канда набуда, мусалсаланд, онҳо ба ҳамдигар пайванд гирифта, ягонагии суҷаи ғиноиро таъмин менамоянд. Аз ин ҷиҳат шеъри «Кӯҳи лолагардан» (Чашми сафедор с. 1991) ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ин шеър пасон дар маҷмуаҳои «Симхор» (с. 1999) ва «Аз «Гули хор» то «Симхор» (с. 2003) бо номи «Фасли занона» бо таҳрирҳои сахте ба нашр расидааст, ки дар ин ҷо таҳрири охирин мавриди назар аст. Дар ин шеър, ки аз барангезиши ғиноӣ оғоз мешавад, даҳ тимсоли асосӣ бо риштаи эҳсоси мусалсал ба ҳам пайванд мегирад. Онҳо «чашма», «лолазори гулчӯш», «бед», «борон», «рангинкамон», «бунафша», «сафедор», «шохи гул», «боғи ношумурда», «ҳавои борон» мебошанд, ки ҷараёни муносибати шахси шеър ба онҳо суҷаи ғиноии шеърро ташкил додааст.

Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашмаро нигаҳ кун,
Ин чашма мезанад чашм,
Чашми занона дорад;
Аз таънагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

***

Ин лолазори гулчӯш
Сурхида то баногӯш,
Инро макун фаромӯш,
Хунаш, ки мезанад ҷӯш,
Шарми занона дорад… [8, 84]

Бозор Собир дар ин шеър аз ашёи гуногун, ки дар назари аввал ба ҳам камтар наздикию шабоҳат доранд, сифатҳоеро мечӯяд, ки ба ҳам монанд бошанд ва дар ин асос онҳоро сифатҳои «занона» меномад. Ба ҳамин тариқ, чашма «мезанад чашм» -у «чашми занона», «лолазори гулчӯш сурхида то баногӯш» «шарми занона», «бед…остин метаконад» -у «дасти занона», «борон» «атри занона», «рангинкамон шукуфта…рахти занона» ва… ашёи дигар ҳам монандиҳои занонаро пайдо мекунанд. Ӯ ин ашёро, ки дар онҳо ба ҳам монандӣ мечӯяд, бо диққати тамом аз назар мегузаронад, паҳлӯ мегардонад ва сифатеро меёбад, ки онро барои ба зан шабоҳат додан қобил менамояд. Азбаски таваҷҷуҳи асосӣ барои пайдо кардани шабоҳат ҷалб карда шудааст, ки ба як шайъ – дар айни ҳол зан, тааллуқ дорад, ин ашё ба ҳамдигар зуд робита пайдо мекунанд ва дилчаспу боназокат ба ҷилва омада, тару тозаву шоирона идрок мешаванд. Қувваи ҷозибаи марказшитоб дар ин навъ шеърҳо нисбат ба қувваи марказгурез шадидтар амал карда, ҷузъиётро аз ҳам пароканда ва ё баҳамвохӯрии онҳоро тасодуфӣ нишон надода, барои ифодаи ягонагии мақсадноки андешаву эҳсосот ва ба ҳам пайвастагии суратҳои шеър хидмат мекунад.

Дар ашъори андешаҳои отифии тасвирии «Кӯлоби як баёзи пур аз сураи намоз» (с. 1992), «Чашмҳои дурбинҳо кӯр бодо, кӯр!» (с. 1994), «Навбаҳор устои марҳамбанд» (с. 1997) ва як қатор шеърҳои дигари Бозор Собир, ки сохтмони шеър бар асоси эҳсосу андешаи мусалсал қарор мегирад, низ ҳамин навъи ба ҳам вобаста намудани ашёву суратҳои гуногун ба кор бурда мешавад. Шоир дар

онҳо як шайъро бо шайъи дигар ва як суратро бо сурати дигар бо устодӣ ба ҳам пайванд дода, онро аз оғози шеър то ба охир мебарад, дар натиҷа истифораву маҷозҳое, ки истифода шудаанд, зерматни заруриро ба вуҷуд оварда, барои равшантар дарк шудани якдигар хидмат мекунанд. Азбаски ҳар шеъри шоир ҳадаф ва мақсади муайян дорад, ҳеҷ як аз шайъу сурате, ки ба кор рафтааст, камаҳмият ва ё то охир боз нагашта бокӣ намемонад. Ҳадафмандии шеър ва ба охир расидани як чузъи андешаву эҳсосоти ғиноӣ баъзан ба воситаи такрорҳои сабкӣ, ки ҳамчун далелҳои иловагӣ хидмат мекунанд, таъид мешаванд. Ин ҳама бар идроки воқеъии ҳастӣ бастагӣ дорад, ки ҷанбаи ҷаҳоншинохтии Бозор Собирро ташкил додааст. Ин шоир дар ҷаҳоншинохтии худ на фақат бештар назар бар деҳ дошта, балки онро дар маркази назари худ қарор додааст, ки ҳусну қубҳаш ҳам дар ҳамин зоҳир мешавад.

АДАБИЁТ

1. Ёҳаққӣ Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ; таҳия бо шарҳу тавзеҳот ва таълиқот Рустами Ваҳҳоб / Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ. - Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.
2. Каззозӣ Мирҷалолиддин. Парниёни пиндор / Мирҷалолиддин Каззозӣ. - Теҳрон: Равзана, 1376. - 330 с.
3. Оташӣ Манучеҳр. Мачмӯаи ашъор / Манучеҳр Оташӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1386. - 1000 с.
4. Пурномдориён Тақӣ. Сафар дар мех / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон: Зимистон, 1374. – 532 с.
5. Собир Бозор. Пайванд / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1971. - 68 с.
6. Собир Бозор. Оташбарг / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 48 с.
7. Собир Бозор. Гули хор / Бозор Собир. – Душанбе: Ирфон, 1978.
8. Собир Бозор. Аз «Гули хор» то «Симхор» (Гулчини шеър) / Бозор Собир. - М.: Интрансдорнаука, 2003. – 255 с.
9. Фаррухии Сиистонӣ. Девони ашъор. Қасида / Фаррухии Сиистонӣ. - Теҳрон: Дурҷи 3.
10. Чадвик Чарлз. Самбулисм; тарҷумаи Маҳдӣ Саҳобӣ / Чарлз Чадвик.- Теҳрон: Марказ, 1375. – 88 с.

МАХСУСИЯТҲОИ ШЕЪРИ АНДЕШАҲОИ ОТИФИИ ТАСВИРИИ БОЗОР СОБИР

Дар мақола қайд карда мешавад, ки дар шеър наметавонад воситаи ягонаи дастхӯрдаи тасвири бадеии эҳсосот ва воқеият вуҷуд дошта бошад. Ҳар як шакли бадеӣ, вақте ки мавриди истифодаи ҳамагонӣ мешавад, фардияти аввалинаи худро аз даст дода, боиси маҳдуд гаштани фазои парвози хаёлоти бадеӣ мегардад. Дар ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирии Бозор Собир махсусиятҳои решагии истеъдоди шоирии ӯ, ҳамчун самимият ва назари ашёвӣ ба воқеият, ба зуҳур меоянд. Дар онҳо эҳсосот ва таассурот тасвир мешаванд, то зикр, яъне воситаҳои тасвири бадеӣ бештар ба истифода мераванд. Дар баробари ин, муаллифи мақола дар ашъори ғиноии андешаҳои отифӣ чӣ гуна ба хидмати на танҳо инкишофи воқеа, балки дар аксари ҳолат барои инкишофи эҳсосот, андеша ва таассурот омадани сучаро низ баррасӣ менамояд. Моҳияти масъала на дар воқеа, балки дар махсусияти идроки шоир аст, ки онро бо назари хаёлангези эҷодии худ мебинад, ки дар ӯ эсосоти мусалсалро бедор мекунад. Муаллиф боз дар эҷодиёти Бозор Собир мавҷуд будани анвои дигари ашъорро қайд мекунад, ки дар онҳо воқеа ва ё ашё мақоми аввалиндараҷа дошта, шахсияти ғиноӣ зери партави онҳо зоҳир мешавад.

Калидвожаҳо: шеър, бадеият, тасвирӣ, эҳсосот, воқеият, андеша, таассурот, воқеа, ғиноӣ, мусалсал, шакл, муҳтаво.

ОСОБЕННОСТИ ЛИРИЧЕСКОЙ МЕДИТАТИВНО-ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЙ ПОЭЗИИ БОЗОРА СОБИРА

В статье отмечается, что в поэзии не может быть общего, наработанного способа художественного изображения чувств и действительности. Каждая художественная форма, став предметом общего пользования, теряет первончальную индивидуальную особенность, ограничивает свободный полет воображения. В лирических медитативно-изобразительных стихотворениях Бозора Собира проявляются самые существенные особенности его поэтического таланта – искренность, открытость, вещественность видения. В них чувство и переживания больше изображаются художественными средствами, они не называются, а изображаются. Наряду с этим, автор статьи анализирует, как сюжет в лирических медитативно-изобразительных стихотворениях выражает не только развитие событий, а в большинстве процесс развития чувств, раздумий, переживаний. Сущность проблемы содержится не в событии, а в свойстве восприятия поэта, который видит его воображаемым творческим взглядом, вызывающий у него ассоциативные чувства. Еще автором отмечается, что в творчестве Бозора Собира есть и другие виды стихов, в которых события или предмет играют первостепенную роль, а лирическая личность проявляется под их отражением.

Ключевые слова: поэзия, художественность, изобразительность, чувство, действительность, раздумья, пережевания, событие, сюжет, лирический, ассоциативность, форма, содержание.

FEATURES LYRICAL MEDITATIVE. VISUAL POETRY BOSORA.

The article points out that poetry may not be shared, tried and tested method of artistic representation of feelings and reality. Every art form, becoming the subject of General use, loses personalnew individual feature restricts the free flight of imagination. Lyrical meditative visual poems Bosora Collec manifested the essential features of his poetic talent – honesty, openness, objectivity of vision. Their sense and feelings are portraved more artistic means, they are not called and displaved. Along with this, the author of the article analyzes how the story in lyrical meditative visual poems expresses not only the development of events, and most of the process of development of feelings, thoughts, experiences. The essence of the problem is not the event, and the property of perception of the poet who sees his imaginary creative view, calling him an associative feelings. Even the author notes that in the work of Bosor, there are other types of verses which event or object play a major role, and the lyrical personality manifests itself in their reflection.

Key words: poetry, artistry, visual, feeling, reality, thoughts, perejivaniya, event, plot, lyrical, associative, form, content.

Сведения об авторе: ***Аскар Хакимов*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник отдела современной таджикской литературы Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 918-61-01-77**. E-mail: **askar_hakim@mail.ru**

ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ ВА АБУЛҚОСИМИ ЛОҲУТӢ
(таҳлили муқоисавии ашъор ва афкор)

Р. Ваҳҳобзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар нигоҳи аввал ин ду суханвари тавоно ба эътибори мавқеияти фикриву ақидатӣ чун ду қутби мухолиф ба назар мерасанд. Бо ин ҳол чӣ ниёзе ва чӣ асосе ҳаст, ки ин ду суханвари тавонои адабиёти форсизабон бо якдигар муқоиса ва муқобала шавад.

Аввалан, бояд гуфт, ки дар ибтидои садаи XX агар бихоҳем ду тан шоиреро имтиёз бидиҳем, ки бар тибқи суннатҳои дерини адабӣ бар он кӯшидаанд, то афкору орои адабӣ ва фалсафию иҷтимоии худро бар пояи системаи нав ба мухотаби худ ироа бидиҳанд, пас ин ду шоир ҳастанд ва ба ин хотир аст, ки таъсири онҳо дар адабиёти мо маҳдуд ба таъсир дар завқу салиқа ва сабку услуби адабӣ набуда, балки таъсир дар ҷаҳонбинӣ ва шинохту маърифати воқеият аз тариқи каломи бадеъ аст. Яъне, ҳам Лоҳутӣ ва ҳам Иқбол талош кардаанд, то қабл аз сурудани ашъори омӯзандаи худ, пешзаминаи фикрӣ ва ақидатии пазириши ин сурудаҳоро дар зеҳни хонанда ба вуҷуд биёранд ва аз ин рӯ, кори худро аз ислоҳи тафаккури фалсафӣ ва иҷтимоии ҷомеаи худ шурӯъ намудаанд ва дар ин роҳ ногузир даст ба навиштани назира ва ҷавобия ба машҳуртарин осори адабии маҳфуз ва таъсиргузор дар зеҳни ҷомеаи худ задаанд. Зеро ин роҳро наздиктарин роҳе барои ислоҳи фикрии хонандаи худ донистаанд. Вақҳи муштараки ҳарду суханвар дар ин марҳала он аст, ки онҳо талош кардаанд, то хонандаи худро аз асорат ва таслими пиндоре, ки ба унвони тақдир ва қисмати азалӣ пазируфтаанд, берун оранд. Аз ин нигоҳ, ашъори ин ду шоир дар ин марҳала он қадр ба якдигар шабоҳат дорад, ки имкон дорад навиштаҳои яке дар девони дигарӣ дарҷ гардад. Масалан, ин шеъри Иқбол дар девони Лоҳутӣ ғариб нахоҳад буд:

Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,
Аз ҷафои деҳқудоён кишти деҳқонон хароб,
Инқилоб, эй инқилоб [4, 145].

Ва ё ин шеъри Лоҳутӣ дар девони Иқбол:

Ватан вайрона аз ёр аст, ё агёр, ё ҳарду?
Мусибат аз мусалмонҳост, ё куффор ё ҳарду? [15, 16].

Ва, албатта, бо шинохтӣ бар ин нукта, ки манзури Лоҳутӣ аз «мусалмонон» ҳамаи ҳамватанон, дар муқобили хоричиҳо (куффор) мебошад, бар тибқи тасаввури ом.

Ҳамчунин, комилан имкон дошт, ки Лоҳутӣ бо майли тамом ин байти Иқболро дар дафтари худ бинависад:

Мункири Ҳақ назди мулло кофар аст,
Мункири худ назди ман кофартар аст [4, 389].

Ҳарду шоир дар таъкид бар зарурати истиқлол ва ҳуввият он қадар муболиға мекунанд, ки ҳатто аз талхгӯйӣ нисбат ба мухотаби худ парҳез наменамоянд.

Лоҳутӣ мегӯяд:

Эй коргарон, абди тавонгар нашавед,
Маҳкуми шаҳу шайхи бадахтар нашавед.
Ҳар кас ба ҷаҳон майли саворӣ дорад,
Эй коргарон, вале шумо хар нашавед [15, 168].

Иқбол мегӯяд:

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт вале назри Қубоду Ҷам кард.
Яъне аз хӯйи гуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард [4, 239].

Мавриди хитоби ҳар ду шоир дар бештари осорашон ҳамаи мардуми мазлуми Шарқ, бахусус Шарқи мусалмон, мебошад ва ҳарду дар рӯёрӯйӣ бо таҳоҷум ва таҷовузи Ғарб қарор доранд.

Лоҳутӣ:

Қурбони рӯшноиву нуру сафои Шарқ,
В-он боғи дилкашу ҷамани дилкушои Шарқ…
Эй он ки шарқро ба Урупо фурӯхтӣ,
Эй бешараф, бигӯ чӣ харидӣ ба ҷойи Шарқ [15, 18].

Ва, албатта, достони «Сафари Фарангистон», ки бештари қитъаҳо ва байтҳои он бо шарқияҳои Иқбол ҳамхонии комил дорад:

Дар иқлими савдогарон зар худост,
Ба зар ҳар касе бандаи бенавост.
Дар он ҷо ки сад қасри обод ҳаст
Мапиндор як рӯҳи озод ҳаст.

Амиру вазиру дабиру фақир
Ба қонуни сармоя ҳастанд асир [4, 295].

Иқбол мегӯяд:

Роздони ҷузву кул аз хеш номаҳрам шудаст,
Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст [4, 261].

Он гуна ки дар аввал ишора шуд, ҳарду суханвар ислоҳи фикрии хонандаи худро аз тариқи ислоҳи андешаи адабӣ ва фалсафӣ парваришёфта, дар азҳони онҳо ба воситаи осори барҷастаи пешиниён анҷом бидиҳанд. Назира ва ҷавобияҳои Лоҳутӣ ба Фирдавсӣ, Хайём, Хоқонӣ ва дигарон ва ҳамчунин назира ва ҷавобияҳои Иқбол ба Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз ва Мавлоно аз ҳамин мавқеъ суруда шудааст. Ба истисноі баъзе мавориди муштарак дар умум миёни назира ва ҷавобияҳои ин ду суханвар як фарқи усулӣ вуҷуд дорад. Лоҳутӣ афкори пешиниёнро дар ниҳоят аз назари эътиқодӣ ва ҷаҳоншиносии ғоӣ (ниҳоӣ) ва назари синфӣ ва ё материалистиро ҷойгузини он мекунад. Ин равиш дар он осори Лоҳутӣ, ки бо тасарруфи андаке дар қолаби шеъри пешиниён офарида шудаанд, ба сурати барҷаста ошкор мегардад. Масалан, дар ин рубоӣ, ки дар қолаби рубоии маъруф ба номи Хайём мебошад:

Май хӯрдану шод будан ойини ман аст,
Озод будан зи куфру дин дини ман аст.
Гуфтам ба арӯси фатҳ: "Кобини ту чист?"
Гуфто: "Огаҳии синфи ту кобини ман аст" [15, 264].

Дар ин ҷо устод Лоҳутӣ танҳо як калима аз мисраи аввал (ба ҷойи "даҳр" "фатҳ" ва мисраи охири рубоиро, ки дар асл "Гуфто: "Дили хуррами ту кобини ман аст" мебошад, бар муроди худ тағйир дода, асари дигареро ба вуҷуд овардааст.

Вале Иқбол мехоҳад, ки бардошт ва тасаввури иштибоҳии хонандаро аз он осор бартараф ва маънои аслии он осорро, ки бар муроди Иқбол ва мутобиқ бо омӯзаҳои қурьонист барои хонанда бозгӯйӣ ва фикри ӯро ислоҳ намояд. Бо ин ҳол ҳам дар баъзе мавридҳо чунин ба назар мерасад, ки Иқбол андешаи комилан тоза ва муғойир бо назариёти адиби пешинро талқин мекунад. Масалан, дар ҷавоб ба ин абёти Саъдӣ:

Яке қатра борон зи абре чакид,
Хиҷил шуд чу паҳноі дарё бидид,
Ки ҷойе, ки дарёст ман чистам,
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам [12, 313].

Иқбол дар идомаи ин суханони Саъдӣ аз забони дарё мегӯяд:

Валекин зи дарё баромад хурӯши:
Зи шарми тунукмоягӣ рӯ матӯши.
Тамошои шому саҳар дидаӣ,
Чаман дидаӣ, баҳру бар дидаӣ.
Гуҳар шав, дар оғӯши қулзум бизӣ,
Дурахшонтар аз моҳу анҷум бизӣ [4, 227].

Албатта, лозим аст зимнан таъкид шавад, ки назари фавқи Саъдӣ, ки гӯё нақд мешавад, дар таълимоти ӯ мутлақ нест ва афкори ӯ фаротар аз ин аст, ба тавре ки ба афкору орои Иқбол комилан ҳамхонӣ дорад, аз ҷумла дар мавриди нақши инсон дар сарнавишт. Чунончи дар ин қитъа баён шуда:

Ризқ ҳарчанд бегумон бирасад,
Шарти ақл аст ҷустан аз дарҳо.
Бе ачал ҳеч кас гарчи намурд,
Ту марав дар даҳони аждарҳо [4, 118].

Аммо дар ин лаҳза ин қитъа аз шеъри Саъдиро Иқбол барои баён ва нақди он рӯҳиёти фарогире, ки дар ҷомеаи мусулмонони даврони ӯ густариш ёфта буд, бисёр муносиб меёбад ва ба ин восита заминаи посухи ҳамчунин муносибро фароҳам месозад.

Дар кулл ҳарду шоир дар марҳалаи инкор ва ислоҳ ва то ҷое дар марҳалаи тасдиқ, аз ҷумла тасдиқи зарурати истиқлол ва ҳуввият, бо ҳам ҳастанд вале дар ниҳоят, ки ба тасдиқи марҷаъ ва мабдаъи кулӣ ва олии мақсуд ва ҳадафи худ мерасанд, аз ҳам ҷудо мешаванд. Иқбол ба мавзӯъ аз дидгоҳи ирфони фаъол ва Лоҳутӣ ҳамоно аз дидгоҳи материалистӣ нигоҳ мекунанд.

Ин ҳамроҳии Иқбол бо Лоҳутӣ ва дар ниҳоят ҷудоии онҳоро метавон аз он пораҳое аз осори Иқбол таъбир кард, ки аз инқилоби Рус истиқбол карда ва идомати онро аз мавзеи ло илоҳ то иллалоҳ мехоҳад:

Русро қалбу ҷигар гардид хун,
Аз замираш ҳарфи ло омад бурун …
Кардаам андар мақомоташ нигаҳ,
Ло салотин, ло калисо, ло илаҳ…[4, 395].

Ва ин тавсияро аз забони Афғонӣ (Сайид Ҷамолиддин) чунин меорад. Вай дар муроҷиат ба миллати Русия мегӯяд:

Ту ки тарҳи дигаре андохтӣ,
Дил зи дастури куҳан пардохтӣ…
Боз меоӣ сӯйи ақвоми Шарқ
Баста айёми ту бо айёми Шарқ.
Куҳна шуд афрангро ойину дин
Сӯйи он дайри куҳан дигар мабин.
Кардаӣ кори худовандон тамом,
Бигзар аз ло ҷониби илло хиром…[4, 315].

Зимнан, ин ҷо беихтиёр номаи таърихии раҳбари инқилоби исломии Эрон ИмомХумайнӣ (р) ба унвони раҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ Михаил Горбачёв ҳам ба хотир мерасад, ки ҳамчунин Русияро аз сароби фиребои ҷаҳони сармояпарастӣ хушдор медиҳад ва ба водии имон ба Ҳаққ фаро мехонад

Чи Лоҳутӣ ва чи Иқбол дар адабиёти Ғарб мутолиаи хуб доранд ва онро яке тарҷума ва дигарӣ бозгӯйӣ мекунад. Аз ин роҳ ба ҷуз мазомини нав, қолабҳои наверо низ барои назми форсӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ҷумла, тарҷумаи «Сангари хунини» Виктор Ҳугу аз сӯйи Лоҳутӣ ва бозгӯйи шоиронаи «Нағмаи Муҳаммад»-и Гете дар шеъри «Ҷӯйи об»-и Иқбол, ки ҳарду ба навъе саршор аз рӯҳиёти навоварона аст.

Шояд барҷастатарин тафовут миёни ин ду шоири тавоно ва баҳақ адолатҷӯй наҳваи муроҷиати онҳо ба осори куҳан ва осори ҷаҳонӣ бошад, ки яке бештар аз дидгоҳи сиёсиву иҷтимоӣ будааст ва дигарӣ таҳқиқиву фалсафӣ. Чун адабиёти тоҷик ҳамеша бахше аз афкори фалсафии миллӣ буд, мебинем ки дар даврaҳои баъдӣ муроҷиат ба шеъри Иқбол бештар сурат гирифтааст.

Сарнавишти адабӣ ва таърихии ин ду суханвари баҳақ тавоно дар зимни муқоиса ба якдигар метавонад намунаи барҷастае дар ихтиёри мо барои имтиёз додан ба ҷараёнҳои фикриву адабии имрӯз низ бошад, ки оё идомати бақои кадом яке аз ин ду ҷараён бештар танзим шудааст: ситезу рӯёрӯйӣ ва инкори комили меҳварҳои аслии фарҳанги суннатӣ ба хотири аҳдофи сиёсӣ ва ё идомат ва такмили ин суннатҳо аз тариқи ислоҳ ва эҳёи тафаккури шахшуда ва ба суолҳои рӯз қобили посухгӯ сохтани он ва ҳамчунин ҳамзамон наву тоза кардани пероятҳои адабии ин афкор, яъне шаклҳо ва навъҳо ва сабку услуби адабӣ?

АДАБИЁТ

1. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи 20 / Х. Асозода.– Душанбе: Маориф, 1999.
2. Бертелс, Е. Э. Сарсухани девони Лоҳутӣ / Е. Э. Бертелс.– М., 1939.
3. Давронов, С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ / С. Давронов.– Душанбе: Дониш, 1974.
4. Иқбол, Муҳаммад. Куллиёти ашъори форсии Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ / Муҳаммад Иқбол. - Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1373.
5. Иқбол, Муҳаммад. Пайғоми Шарқ / Муҳаммад Иқбол. – Душанбе: Адиб, 1987.
6. Иқбол, Муҳаммад. Садои Машриқ / Муҳаммад Иқбол. – Душанбе: Дониш, 1987.
7. Иқбол, Ҷовид. Зиндарӯд / Ҷовид Иқбол. – Душанбе: ЭрГраф, 2011.
8. А. Лоҳутӣ. Куллиёт. Ҷ. 1. / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1987.
9. А. Лоҳутӣ. Куллиёт. Ҷ. 4. / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Нашр.дав.Тоҷ., 1962.
10. А. Лоҳутӣ. Куллиёт. Ҷ. 5. / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Нашр.дав.Тоҷ., 1962.
11. Мусулмониён, Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Ирфон, 1984.
12. Саъдии Шерозӣ. Куллиёти Саъдӣ / Саъдии Шерозӣ. – Теҳрон: Интишороти Форобӣ, 1386 ҳ.ш.
13. Ҳусейнзода, Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1982.
14. Шукурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист / М. Шукурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006.
15. Абулқосим Лоҳутӣ . Мунтахаби ашъор / Абулқосим Лоҳутӣ . - Душанбе: Ирфон, 1987.

ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ ВА АБУЛҚОСИМИ ЛОҲУТӢ

(таҳлили муқоисавии ашъор ва афкор)

Дар мақолаи мазкур ба таври мухтасар нигоҳ ва мавқеи умумии ду суханвари тавонои адабиёти форсизабони ибтидои садаи ХХ Муҳаммад Иқбол Доҳурӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Асли масъала аз он иборат аст, ки ҳарду шоир, бо назардошти мавқеи умумии ҳифзи манфиатҳои мардуми мазлуми Шарқ, хонандаи худро аз асорат ва таслими пиндоре, ки ба

унвони тақдир ва қисмати азалӣ пазируфтаанд, берун оранд. Аз ин нигоҳ, ашъори ин ду шоир дар ин марҳала он қадр ба якдигар шабоҳат дорад, ки имкон дорад навиштаҳои яке дар девони дигарӣ дарҷ гардад. Лекин дар интиҳо Иқбол ба мавзӯъ аз дидгоҳи ирфони фаъол ва Лоҳутӣ ҳамоно аз дидгоҳи материалистӣ нигоҳ мекунанд.

Ҳарду суханвар ислоҳи фикрии хонандаи худро аз тариқи ислоҳи андешаи адабӣ ва фалсафӣ парвариш ёфта дар азҳони онҳо ба воситаи осори барҷастаи пешиниён анҷом бидиҳанд.

Калидвожаҳо: адабиёт, шоир, ирфон, ҷаҳонбинӣ, муқоиса, истиқлол, ҳуввият.

ИКБАЛ ЛАХОРИ И АБУЛЬКАСЕМ ЛАХУТИ
(сравнительный анализ поэзии и мысли)

В данной статье кратко рассматриваются общие взгляды и общая позиция двух знаменитых поэтов персоязычной литературы начала XX -го века Мухаммада Икбала Лахори и Абулькасема Лахути.

Суть вопроса состоит в том, что оба поэта, исходя из общей позиции защиты интересов угнетенных народов Востока, призывают их к бдительности, защите своих национальных интересов и борьбы за свободу. Они одинаково рассматривают чрезмерную привязанность своих народов к обычаям и суевериям как основную преграду на пути борьбы за свободу от угнетения западных колонизаторов. Однако, в итоге каждый из них настаивает на существенно различных способах решения данного вопроса.

Икбал выступает как реформатор традиционных общественно-философских и эстетических взглядов воплощённых в персидской литературе. А Лахути, в свою очередь, настаивает на революционное обновление мировоззрения своих читателей с позиции марксизма и материализма. Оба поэта, с целью подтверждения своих реформаторских и революционных взглядов, вступают в поэтическую полемику с классиками персидской литературы, в ходе которого формируется новая эстетическо-философское мировоззрение и новые поэтическтие формы в современной персидско-таджикской поэзии.

Ключевые слова: литература, поэт, мистицизм, мировоззрение, сравнение, независимость, менталитет.

IQBAL LAHORI AND ABOLQASEM LAHUTI
(comparative analysis of poetry and thoughts)

This article briefly discusses the common views and common position of the two famous poets of the Persian literature of the early 20th century, Muhammad Iqbal Lahori and Abolqasem Lahuti.

The crux of the matter is that both the poet, proceeding from the General perspective of the protection of the interests of the oppressed peoples of the East, urged them to be vigilant, protecting its national interests and struggle for freedom. They are equally considered excessive attachment of their peoples to the customs and superstition as the main obstacle to the struggle for freedom from the oppressive Western colonialists. However, in the end each of them insists on significantly different ways to solve this issue.

Iqbal acts as a reformer of the traditional social-philosophical and aesthetic views embodied in Persian literature. And Lahuti, in turn, insists on the revolutionary renewal of the worldview of their readers from the position of Marxism and materialism. Both the poet, to confirm its reformist and revolutionary views, enter into a poetic polemic with the classics of Persian literature, in which a new aesthetic-philosophical Outlook and the new poeticheskie forms in contemporary Persian-Tajik poetry.

Key words: literature, poet, mysticism, ideology, comparison, independence, and mentality

Сведение об авторе: ***Рустам Вассобзода*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЭМЫ «САЛАМАН И АБСАЛЬ» ДЖАМИ С ПЕРЕВОДОМ ХУНАЙНА ИБН ИСХАКА

М. Низомов
Таджикский национальный университет

«Саламан и Абсаль» является второй поэмой «Семерицы» Джами. Работа над поэмой, по видимому завершена в 1480 году. Поэма написана метром «Язык птиц» («Мантик-уг-тайр») Шейха Аттара и «Маснави» Мавлоно Джалаладдина Руми (рамал мусаммана махзуф (максур) –V–|-V–|-V-(~)). Это произведение Джами посвящена новой по тематике и содержании поэмы, корни сюжета которой восходят к древнегреческой литературе.

В литературе на фарси до Джами никто не создал под таким названием поэму. О происхождении сюжета данной поэмы среди исследователей нет единого мнения. Джами скорее всего пользовался сюжетом книги «Комментарии «Указания и наставления»» Ибн Сины» Насириддина Туси в двух вариантах, источниками которой были арабский перевод с гречкского Хунайна ибн Исхака и самого Ибна Сина [13, 16]. Всего до Джами существовало четыре варианта сюжета «Саламан и Абсаль» и основным источником служил перевод Хунайн ибн Исхак. На аллегорическое значнеие образов «Саламан и Абсаль» указывают его комментаторы Фахри Рози и Насириддина Туси. В предании Хунайн ибн Исхака преобладает влияние философии и греческой мифологии. У Абдаррахмана Джами чувствуется влияние суфийских поэм, в особенности «Маснави» Джалаладдина Руми.

Как в других поэмах Джами не всегда придерживается линии сюжета самых источников, перевод Хунайн ибн Исхака и комментарий Насириддина Туси. Несмотря на то, что Мавлоно Джами свою поэму написал на основе перевода Хунайна ибн Исхака, он в некоторых эпизодах ввел изменения. Эти изменения,

вероятно, носят идейный характер, так как в некоторых случаях то, что соответствует философии и мифологии Древней Греции, не соответствует исламскому познанию.

Переведённое сочинение Хунайна ибн Исхака очень кратко и малообъемной (11 страниц) [13, 5], а поэма Джами написана более подробно с дополнением рассказов и притч. Следует отметить, что эту кратность исследователи приводят в более краткой форме и некоторые главы неполны и несовершенны. Предания Хунайна ибн Исхака в произведениях, посвящённых теме «Саламана и Абсоля» приводятся по разному. Одно из различий между поэмой Джами и преданий Хунайна ибн Исхака находит отражение в греческой легенде: «Этот образованный падишах правил большим краем, имел сведения о влияниях небесных тел и знал тайн земных особенностей, изучал форм чар и колдовства» [13, 6]. То есть, этот образованный падишах кроме различных информаций, имел представлений об умственных науках, в частности об астрономии, занимался изучением форм чар и колдовства.

В поэме Джами шах имел зеркало, показывающее весь мир, поэтому он был осведомлён о тайнах мира, что у ученых является сердцем мудреца или совершенным человеком:

Имел шах зеркало, что весь мир показывает,
Что занавес от всех тайн мира открывает.
Как сердце ученого не был скрыть о него,
Ничто хорошее или плохое не скрыто [2, 434].

Другая проблема касается рождения Саламана. Согласно преданию Хунайна ибн Исхака и поэмы Джами, Саламан родился искусственно и без участия матери. В соответствии с преданием Хунайна ибн Исхака «Однажды шах пожаловался близкому и образованному другу на то, что не имеет детей. Шах не имел влечения к женщинам. Евклид в добрый час оказался там и взял из спины шаха воду и влил на мандрагору. Он стал ухаживать за растением до тех пор, пока растение не принял душу и от алхимии родился ребёнок, которого назвали Саламаном» [10, 93; 13, 6].

Такой уход за спермой шаха напоминают древнеиранских мифов. Согласно которым из спермы Каюмарса, остававшийся сорок лет (согласно другим легендам тридцать лет) на земле выросло растение под названием ревень (в Древнеримской мифологии Ceres) и вышла пара, которых звали Маши и Машиёна. «Мифология Маздясно основывается на то, что из спермы Каюмарса, который сорок лет оставался на земле вырастает двухтелое растение под названием ревень, из растения появляются супруги (самка, самец) под именами Маши и Машиёна» [3, 242].

Предание о неестественном воспитании Саламана в ревени, как мы знаем, исходит из древнеиранской мифологии и это предание распространено среди древних народов мира. Вырастание из спермы Каюмарса или первого человека и появление из неё пар под именами Маши и Машиёна, Мори и Мориёна, Махли и Махлиёна, Марди и Мардиёна и… является свидетельством распространения этого предания среди различных народов мира [3, 242].

Однако, Мавлоно Джами не указывает на воспитание спермы в ревени, а считает научным опытом мудрец, что заслуживает внимания:

Благожелательный мудрец как-то,
Страсть и женщине упрекнул перед шахом.
Принял меру, знание использовал,
Удивляя тем самым мудрецов.
Сперму без страсти принял у него,
Без матки как-то успокоил его.
Девять месяцев спустя родился
Ребёнок здоровый и невредимый [2, 411].

Джами акцентирует своё внимание на меру или научный опыт мудреца. Выведение без страсти спермы из семени шаха без матки, уход за ним в течении девяти месяцев и рождении здорового и невредимого ребёнка приводил некоторых учёных к удивительным выводам. Так, иранский ученый Кароматуллох Туфангдор об этом пишет следующее: «Мудрец вывел сперму шаха без страсти из поясницы шаха и после девяти месяцев родился здоровый ребёнок! Другие предания рассказывают другое о рождении Саламана и только Джами предлагает такое предание. Следует отметить, что после 500 лет по л.к. от рождения Саламана размышлять о такой теме в то время ныне кажется невозможным… Однако прошло только несколько десятилетий со момента появления мыслей о рождении лабораторного ребёнка. К тому же, способ выведения спермы из тела и создание зародыша только из сперматозоида всё еще кажется невозможным. К сожалению, согласно древним книгам, наши исследователи мало обращали внимания к рассматриваемой научной проблеме. Абулькасым Фирдоуси в «Шахнаме» ведет речь об использовании кесарево сечения в рождении Рустама, но никто не уделял должного внимания к нему» [11, 62].

Эти мысли Туфангдора заслуживают внимания и подчёркивание рождения Рустама посредством кесарево сечения является уместным. Хотя в мифологии народов мира неестественное рождение богатырей есть указание на необыкновенность героев, в исследованиях, относящихся к истории Древнего Ирана, есть

указания на эту проблему. Но научный опыт мудреца в поэме Джами всё ещё не нашел своего полного комментария и никто из исследователей не уделял этому внимание.

В предании Хунайна ибн Исхака Саламан после ожесточённого разногласия отца с его любовью к Абсалем, пытается утопиться в море вместе с возлюбленной. Но его отец даёт приказ духовенству воды спасти Саламана от гибели и эта интерпретация есть указание на море и океан в мифологии Древней Греции [13, 25].

Однако в поэме Джами влюблённые бросаются в пламя, в результате чего Саламан усилиями своего отца остается в живых, а Абсаль погибает:

Как Саламан услышал тот рассказ,
Халат спокойствия на себя порвал.
Веру в жизни он вдруг потерял,
Он мыслям о смерти как-то внял.
С Абсалем оказались в степи,
В сторону смерти он поспешил.
Повсюду холмы отрубил,
Собрал же в одном месте их.
Из этих холмов возвысилась гора,
Пламя бросил в гору и в эти холма.
Обе обрадовались этой пламени,
Бросились в пламя они взявшись за руки [2, 437-438].

Пламя в иранской и исламской культур имеет несколько свойств, два из которых считаются очищающим элементом и нормой проверки и экзамена. В преданиях и древних религиозных произведениях, в частности в легендах о Дороби Хурмуздёр рассказывается о том, что пламя имеет несколько сияний и от каждого сияния исходить очищение [3, 110].

Также в древней иранской мифологии пламя признаётся как средство испытания и экзамена. По словам Зумурради божье испытание посредством пламени, которое в мифологии упоминается как «вар» или «пасохт», является испытанием, где определялось виновность или невиновность людей. Это испытание состояло из питья воды серы, резания ножом, перехода через пламя и т.п. [3, 110]. В этом случае рассказ о переходе Сиявуша через пламя для доказательства своей невиновности служит хорошим примером.

В учениях ислама и мистических исламских произведениях большое внимание уделяется этим двум свойством пламени в совершенствовании личности и борьбе со страстью. В священном Коране и в комментариях к нему записан рассказ о том, как Ибрагима бросили в пламя, а он божьей помощью остаётся в живых. В мистических произведениях и в мистической культуре известно словосочетание «пламя испытания» с намёком на «пламя намрудийцев, которое не навредило Иброхиму [9, 4]. В маснави «Силсилат-уз-захаб» (Золотая цепь) Джами использует данное словосочетание в отношении к Ибрахиму:

Основное свойство пламени – это горение, что среди мудрецов применяется в значении сражении за веру и удаления животной страсти. Сожжение Абсаля вместо утопления в море является одним из начинаний, что не встречается в переводе Хунайна ибн Исхака и в комментариях Насируддина Туси и Исмаила Рези. Шайх Аттар Нишапури в поэме «Мантик-уг-тайр» (Язык птиц) подчёркивает, чтобы освободиться от силков страсти и встретится с настоящей любовью, нужно сгореть в пламени:

Из всего, что имеешь, пламя разжигай,
В пламя бушующее ногою ступай.
Если ничего не осталось, о саване не думай,
Без одежды и без обуви себя в пламя бросай.
Если имущество превратится в пепел,
То и убавится немного твоя спесь [1, 230].

Изображая самосожжение влюбленных, Джами подчеркивает, что Саламан, благодаря усилию мужчин, не сгорел в пламени и частое повторение этого слова свидетельствует о приверженности поэта к суфизму. Если в тексте перевода Хунайна ибн Исхака шах приказывает духовенству воды, используя магию и колдовство. В поэме Джами эту миссию выполняет усилие божьих рабов:

Шах был осведомлен о тайне той,
В смерти Абсаля усилие его.
Для собственной цели он щедрость проявил,
Сжег её, Салмана оставив в живых.
Мужские дела –удел мужчин,
Не скрыть усилие от мужчин.
Перед усилием мужчин это покажется,
Кто не проявит усилия – тот отрицатель [(2, 437, 438].

Абдулхай Хабиби о спасении Саламана от огня пишет: «Спасение Саламана от бушующего пламени в поэме Джами вместо мифологической легенды Греции устойчиво вошло в век Джами и называют его «химмати мардон» (усилием мужчин)» [13, 18].

«Химмати мардон» (усилием мужчин) значения: намерение, желание, воля, усилие, надежда, стремление, старание и т.д. в терминологии мудрецов – это внимание сердца к его намерениям вместе с силами духовенства в сторону Бога для собственного совершенствования или для другого… Усилие делится на три части: усилие наказания, усилие воли и усилие правды.

Однако усилие наказания – это абстракция сердца, состоящая из желаний, которые сбываются или нет. А усилие воли – это первый шаг верности мюрида. Это усилие общества и состояние мира. Усилие правды – это особое усилие и вдохновение гордых шейхов, великих мужей, которые избегают нечистой и желают общего единения. И усилие это внимание сердца и его намерениям вместе с силами духовенства в сторону Бога, чтобы совершенствовать себя и других, а он самое достойное из всего, что Бог внёс в сердце человека. Для его сохранения есть два признака: первый, обстоятельство, являющееся полной и конкретной уверенностью в получении желаемого. Второе, фактичность, в значении того, что все движения хозяина тому, которое своим усилием желает его, имеет соотношение и координации. Иначе, его не назовут волевой мужчиной [9, 1224 – 1225].

Муҳаммад Баҳҷат ал-Асарӣ сабаби хосро бо ин суханони Имодуддин ал-Исфаҳонӣ марбут намудааст: «Он чизе, ки –аввалан- маро барои ҷамъоварии ин китоб водор намуд, ин аст, ки ман ҳамасрони амакам ас-Садр аш-Шаҳид Азизуддин Абӯнаср Аҳмад ибни Ҳомидро дарёфтам. Онҳо шоироне буданд, ки ба ӯ рӯ оварда, аз атоҳояш сарфароз мешуданд. Бо мадҳияҳои худ ба ҳузураш меомаданду аз бахшишҳояш бонасиб мегаштанд….. Ман ба худ раво донистам, то ёди онҳоро зинда кунам ва бо амали хеш сипосгузорӣ ва эҳтироми онҳоро ба ҷо биёрам» [2, 7-8].

Аз гуфтаҳои боло аён мегардад, ки асри VI-и хичрӣ / XII мелодӣ олимону фозилони забардастеро ба арсаи таърих баровард, ки онҳо диққати муаллифро ҷалб намуда, ӯро ба сабти аҳволу осори онҳо дар ин ганҷинаи бузургӣ адабӣ ташвиқ намудааст. Аммо паҳлӯи дигари масъала он аст, ки Имодуддин ба хотири сипосу миннатдорӣ аз он шоироне, ки васфи амаки ӯро сутудаву фазлашро сано хондаанд, ин асарро таълиф намуда, бо ҳамин шукру сипоси хешро ба онҳо изҳор намудааст. Бо ин амалаш ӯ натанҳо шоирону адибон, амирону вазирон, фақеҳону қозиёни асри хеш, балки асри падарону бобоҳои худ, яъне асри V-и ҳичрӣ / XI мелодиро низ дар китобаш сабт намуд.

Яке аз ангезаҳое, ки боиси ба миён омадани «Харидат ал-қаср» гаштааст, ин ошноӣ ва мутолиаи Имодуддин ал-Исфаҳонӣ аз «Думят-ал-қаср»-и Абулҳасан ал-Бохарзӣ мебошад. Дар ҷилди 2-юми «Харидат ал-қаср» муаллиф, чун сухан аз васфу санои ал-Бохарзӣ мекунад, ишора ба тазкираи ӯ намуда, ҳамзамон чунин иброз медорад: «Ин китобро дар Исфаҳон дар китобхонаи Ҷомеи Тоҷулмулк мутолиа намудам. Ва ин маро ба навишти ин китобам ва зикри фазоили ин аср ва ҳар он чӣ, ки аз назму наср дар он ба миён омадааст, водор намуд» [4, 94]. Дар радифи сабабҳои зикршуда гуфторе низ ҳаст, ки шояд аз чашми муҳаққиқону тазкиранигорон дур мондааст. Муаллиф дар асари худ, ки бахшида ба қисми фузалои Исфаҳон аст, ҷойе аз бузургии аҳлу фазли Исфаҳон сухан гуфта, орзую омоли падари хешро нисбати ватаниаш ёдовар мешавад. Бо шавқ суханронии падар нисбати ватану диёр, нисбати бузургону хирадмандони сарзамини аҷдодӣ Имодуддинро таҳти таъсир қарор дода, барои ҷомаи амал пӯшонидани орзӯи падар даст ба таълифи асари мазкур зад. «Падарам Сафиюддин (Худо ӯро биомурзад) пайваста фазоили Исфаҳонро бароям ёдовар мешуд. Мақсадашро аз ин гуфтор баён карда, мефармуд: «Мехоҳам дар бораи Исфаҳон китобе таълиф намоям ва онро ба бобҳо ҷудо созам. Бузургону хирадмандони онро ҳанӯз аз замони Искандар то ба ин аср сано хонам, то ҳамагон донанд, ки Исфаҳон ба олам бузургонеро бахшид, ки ягон иқлим дар тӯли асрҳо, мисли онҳоро ба олам набахшида буд. Аз фузалои Исфаҳон нафаре аз он ғариб намонад, магар ҳар кучое бошад бо аъёну ашроф чун сарвар бошад.» Ман аз Худованди Бузург масъалат дорам, то маро барои амалӣ намудани орзӯи падар комёб гардонад. Китоберо таълиф намояму тибқи орзӯи падар онро ба бобҳо ҷудо созам» [3, 42].

Муҳтавои асар. Ҳамон тавре, ки ишора намудем, «Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср»-и Имодуддин ал-Исфаҳонӣ осори насрию назмии шоирони як асрро фаро гирифтааст. Гузашта аз ин, мо метавонем ин асарро асари «тазкиравӣ» низ номем, зеро дар он, дар баробари осори шоирону адибон, амирону вазирон ва қозиёну фақеҳон, маълумотҳои мухтасару муфид аз ҳаёту рӯзгори онҳо оварда мешавад ва тазкира ҳам бошад, аз маҷмӯи ашъори шоирон ва тарҷумаи ҳоли онҳо [9, 294] иборат аст.

Имодуддин ал-Исфаҳонӣ дар тазкираи худ кӯшидааст бехтарин суханони фузалои замонро гирдоварӣ намояд ва то ҳадди лозим насру назми онҳоро дар он ҷо диҳад. Аз жанрҳои адабӣ қариб аз ҳар адиб намуна оварда, гоҳо ба нақди он сухан меронад. Аз ин рӯ, Имодуддин асари худро ба боғе ташбеҳ кардааст, ки тамоми гулҳои рангоранг дар он рӯйидааст, онро ба баҳре ҳамгун кардааст, ки тамоми дурру гуҳар дар он нуҳуфтааст. Ӯ мегӯяд: «Ин китоб мисли бӯстони беназирест, ки ҳама навъи гулу райҳон дар он рӯйидааст. Мисли баҳрест, ки саршор аз дурру гуҳар. Мисли дунёест, пур аз ҳикмат, дарбаргирандаи фанҳову санъатҳо дар тозатарин маъниҳост» [2, 6].

«Харидат ал-қаср» дарбаргирандаи осору аҳволи афроди гуногуни табақаи ҷамъиятӣ буда, қисме, ки ба шуарои Аҷам бахшида шудааст, аз аҳволи нобиғагони адабиёти форсу тоҷик дарак медиҳад. Қисмати бештари ин донишмандон бо сабабҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ бештари осори худро ба забони арабӣ навиштаанд, аммо он асолати фарҳангиеро, ки дар замири эшон нуҳуфта буд, нигоҳ дошта, бо забони арабӣ дар қолабҳои шеъри форсӣ эҷод кардаанд, ки муаллифи тазкира ба таври махсус онҳоро ишора кардааст. Қисмате, ки ба ҳаёту рӯзгори шоирони Аҷам бахшида шудааст, аз 3-қисм ва ё ҷилд иборат буда, чунин номгузорӣ шудааст:

«في ذِكْر فُضَلاء أهْل أصْفَهان» (ҷилди 1-юм)
«فِي ذِكْر فُضَلاء أهْل خُراسان و» (ҷилди 2-юм)
«فِي ذِكْر فُضَلاء أهل فارس» (ҷилди 3-юм)

Дар ҳар се ҷилд Имодуддин аз осори 217 шоиру адиб, ки амиру вазир ва қозиву фақеҳ ва ғайра буданд, намунаи насру назм овардааст. Жанрҳои назмие, ки онҳо эҷод намудаанд иборат аз ғазал, қасида, насиб, қитъа, рӯбоӣ ва урчӯза мебошад. Осори мансури онҳо ба услуби сачъ, ки дар он асрҳо хеле маъмул буд, навишта шуда, бештар мавзӯъҳои табрику таҳният, тасаллияту ҳамдардӣ, расоили дӯстона (ихвониёт) ва ғайраро дар бар мегирад.

Сохти асар. «Харидат ал-қаср»-и Имодуддин ал-Исфаҳонӣ аз рӯйи сохт ба тазкираҳои ал-Бохарзию ас-Саолибӣ шабеҳ аст. Дар он намунаҳои осори шуарои Ироқ, Шом, Ҷазират ал-араб, Миср, Мағриб, Форс, Хуросону Мовароуннаҳру ғайраро ҷамъоварӣ намудааст [7, 417]. Аз ин маълум мегардад, ки тақсимбандии «Харидат ал-қаср» аз рӯйи ҳудудҳои ҷуғрофӣ ба назар гирифта шудааст. Дар баробари зикри суханварони кишваре муаллиф аз шаҳрҳову навоҳӣ ва ё деҳот ёдовар шуда, мансубияти шоирро ба ин ё он минтақа баён мекунад.

Хусусияти асар. «Харидат ал-қаср»-и Имодуддин ал-Исфаҳонӣ дорои хасоиси худ буда, бо як қатор мумайязоти худ аз тазкираҳои пешин фарқ мекунад. Ин хасоис дар забон ва услуби нигориши

асар, маълумоти лозима аз ҳаёту рӯзгори удабо, махсусан бо зикри солу моҳи таваллуд ва вафот, ки дар тазкираҳои собиқ дида намешуд, дар таҳлилу нақди ашъор ва ғайра таҷассуми худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, муаллиф на танҳо ба зикри шахсият ва намунаи афкори насрию назмии адибон кифоя карда, балки гоҳо онҳоро нақд мекунад, ки ин амали ӯ дониши васеи адабии ӯро нишон дода, хасоиси тазкираашро боз ҳам равшантар месозад. Масалан, Имодуддин дар бораи Имодуддин Абӯлало Муҳаммад ибни Шарафуддин Аҳмад ибни Ҳибатуллоҳ ибни Абдулваҳҳоб ал-Ансорӣ ал-Исфаҳонӣ маълумот дода, намунаи ашъори ӯро меоваду ҷойе чунин мегӯяд: «Аҷамро равияи аҷибест дар шеър, ки хилофи услуби араб. Онҳо як калимаро радиф гардонида, дар ҳар байт онро меоранд. Равӣ назди онҳо ҳарфест, ки пеш аз он калима меояд.» Мисоли инро шоир ал-Имод ибни Шараф гуфтааст:

سَل الصَّبا هل وردَ الثَّريـــا من علـــيه حَســـــد الورد

Тарҷума:

Зи бод бипурс, магар овардааст атри гул ?,
Эй он ки ҳасад мебари бар гул.

Ҳарфи (د) дар калимаи(حَســـد) назди онҳо равӣ буда, калимаи(الورد) радиф аст мисли (ها)-и замир дар калимаи(أسوَدها و أغيَدها)» [4, 242].

Яке аз хусусиятҳои дигари тазкира дар он аст, ки гоҳо Имодуддин дар баробари зикри ашъори шоирон ва нақди онҳо, худ низ ҳунарнамоӣ намуда, дар ҳамон вазну қофия байте замзама мекунад. Дар бештари ҳол бошад, мунозира ва ё байтбараки миёни шоиронро низ меорад. Масалан, баъди нақди шеъри Имод ибни Шараф мегӯяд: «Ин назм миёни аҷам баръало буда, саньатест боиси фахри эшон. Ба ёдам рубоиёте расид, ки дар ҳамин вазн навишта будам. Аз он рубоиёт:

گـــم حـــضر الرَّاح و غَـــاب الوردُ
حَـــتَّى عُـــدِمُ الرَّاح فـــنابَ الوردُ
لمَّـــا عَـــبقَ الرَّاح و طـــاب الوردُ
قُـــلنا جَمـــدَ الرَّاح و [4, 243].دُ

Тарҷума:

Ҳардам май омаду гул ғайб зад,
То даме май тамом шуду гул сар зад.
Чун бӯйи май баланд шуду гул аз он атрнок гашт,
Гуфтем, бӯйи май шах шуду гул об гашт.

Имодуддин ал-Исфаҳонӣ дар ҳар як ҷилди тазкира аз 3-нафар шоирони машҳури арабизабони форсу тоҷик маълумот оварда, ашъори фаровони онҳоро овардааст ва дар асоси он маълумот мумкин аст девонҳои он се шоирро таҳия кард. Дар ҷилди якум пиромуни Абӯисмоил ат-Туғроӣ маълумот дода, ашъори ӯро ба пуррагӣ оварда, ҳатто онҳоро ба мавзӯот ҷудо намуда, жанрҳои онро таъйин мекунад. Дар ҷилди 2-юм дар бораи шоир ал-Абивардӣ маълумот дода, ашъори зиёди ӯро меорад. Дар ҷилди 3-юм оиди Абӯбакр Арҷонӣ маълумот дода, ашъори фаровони ӯро ҷой медиҳад. Ашъори ин ду шоирро ӯ аз рӯйи қофия тасниф карда, тибқи ҳарфҳои алифбоӣ ҷудо мекунад. Ин иқдоми Имодуддин дар ҷамъоварии девонҳо ва тақсими онҳо аз рӯйи ҳарфҳои алифбоӣ нисбат ба тазкираҳои пешин кори наве ба ҳисоб меравад. Ин тарзи баёнро метавон яке аз хасоиси хоссӣ «Харидат ал-қаср» шуморид.

Сарчашмаҳои асар. Ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки Имодуддин ал-Исфаҳонӣ асари худро дар асоси сарчашмаҳои муътамади шифоҳию хаттӣ таълиф намуда, дар иншои он амонати илмиро хуб ба ҷо овардааст.

Сарчашмаҳоеро, ки Имодуддин ал-Исфаҳонӣ истифода кардааст, метавон ба ду қисм ҷудо кард:

а) шифоҳӣ ва ё нақлӣ; б) хаттӣ ё катбӣ;

Дар қисмати аввал метавон ба он маълумотҳое ишора намуд, ки Имодуддин онҳоро аз падараш Сафиюддин Муҳаммад, устодаш Абдурраҳим ибни ал-Ахвата аш-Шайбонӣ, дӯсташ Абӯлмаолӣ Муҳаммад ибни Масъуд ал-Қассом ва бештари онҳоро аз худи шуаро шунидааст. Имодуддин худ таъкид менамояд, ки фалон шоир ё адиб: «Бароям зикр намуд» ё «Бароям қироат намуд» ва амсоли ин. Ё, масалан, дар бораи ал-Муваффақ Абӯтоҳир ал-Ҳусайн ал-Хотунӣ ал-Буҷайлӣ маълумот дода мегӯяд: «Падарамро шунидам, ки санои ӯро мехонд ва бузургияшро месутуд. Ёдашро зинда мекард. Падарам гуфта буд, ки ӯ соҳибмаҳорат буда, донандаи латифаҳову ҳазлиятҳои арабию форсӣ аст» [5, 84]. Дар бораи Ибни Идрис ал-Байёрӣ бошад, ӯ чунин менависад: «Устодамон Абулфазл Абдурраҳим ибн ал-Ахвата ал-Бағдодӣ дар Исфаҳон аз ӯ ёдоварӣ карда гуфт: «Фақеҳ аст, мударрисест аз асҳоби Абӯҳанифа дар Хуросон; гуфт: «соли 508 худаш бароям шеърашро қироат намуд»[4, с. 86]. Сипас мисраъҳои шеъриро меорад. Аз сарчашмаҳои хаттӣ Имодуддин нисбатан фаровонтар истифода бурда, номи муаллиф ва китобаш, номи муаллиф ва дастнависаш, номи муаллиф ва мактубаш ва амсоли инро зикр мекунад. Дар матн ин гуна ибораҳоро дидан мумкин аст: «Дар маҷмӯае бо хатти ӯ ҳондам», «Ӯро ас-Самъонӣ дар Музайялаш зикр кардааст», «Дар номае, ки бароям навишта буд», «Маҷмӯаи ашъори ӯро орият гирифтам» ва амсоли ин. Сарчашмаҳои хаттӣ чунин аст:

1. «Зайл таърих Бағдод», ки аз ҷониби Абӯсаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур ат-Тамимӣ ас-Самъонӣ навишта шуда, ба гуфтаи Ибни Халликон аз 15-муҷаллад иборат будааст [1, 23].

Имодуддин ал-Исфаҳонӣ аз ин асар хеле зиёд истифода бурда, маълумотҳои овардаашро ба он тақвият медиҳад. Гузашта аз ин, дар ҷилди 2-юм бахше дорад бо номи جَمَاعَةمن أهل خُراسان ذكَرهُم ابن السَمعاني في مُذيل يَغْداد» (Ҷамоате аз аҳли Хуросон, ки Ибни Самъонӣ онҳоро дар китоби Музайяли Бағдод зикр кардааст).

2. «Маҷмӯа»-е, ки ба Абӯбакр ал-Хозимӣ тааллуқ дорад. Имодуддин ал-Исфаҳонӣ дар ибтидои ҷилди 2-юм мегӯяд: «Фахр ал-Ислом Муҳаммад ибни Умар ибни Абӯбакр ал-Хозимӣ ал-Ҳиравӣ соли 549 ба Исфаҳон омад. Ӯро аз шуарои Ҳирот пурсон шудам, пас бароям «Маҷмӯае»-ро орият дод ва аз он шеърҳои овардаашро аз он шуаро навиштам». Аз чӣ бошад, ки гоҳо дар матн ал-Хозимӣ ва гоҳо ал-Ҳозимӣ қайд шудааст.

3. «Маҷмӯа»-е бо хаттӣ Алоуддин ал-Ғазнавӣ. Алоуддин Абдурраҳим ибни Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Абӯлфатҳ роҳбар ва мударриси мадрасаи ҳанафияи Ҳалаб буда, Имодуддин дар баъзе аз ҷойҳои китоб чунин меорад: «Дар маҷмӯае бо хаттӣ Алоуддин ал-Ғазнавӣ мударриси мадрасаи ҳанафияи Ҳалаб пайдо намудам».

4. «Маҷмӯа»-е аз Ҳазирӣ. Чи тавре ки ишора намудем, ал-Ҳазирӣ муаллифи китоби «Зинат-ад-даҳр» мебошад, ки дар пайравии «Думят-ал-қаср» навишта шудааст. Аммо Имодуддин аз вуҷуди ин гуна китоб ҷойе ёдрас намешавад, танҳо ду ё се ҷойе гуфтааст: «Дар маҷмӯаи Абӯлмаолӣ ал-Кутубӣ пайдо намудам».

5. «Девон»-и Зиёуддин Фазлуллоҳ ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни ал-Ҳусайнӣ ар-Ровандӣ. Имодуддин чун дар қисмати 3-юми китоб дар бораи Фазлуллоҳ ар-Ровандӣ маълумот медиҳад, иброз медорад: «Бо писари ар-Ровандӣ дӯст шудем. Дар назди ӯ китоберо дидам, ки падараш ӯро тасниф намуда, رَمل يبريق» номаш ниҳодааст. Он аз ҷилдҳои бузург иборат буда, фавоиди зиёдеро доро мебошад. Ҳамааш бо хатти худи ӯ буд. Инчунин, девонеро бо хатти ӯ он ҷо пайдо намудам ва қасидаеро, ки дар васфи амӯям суруда шуда буд, навишта гирифтам» [4, 68]. Дар ҳамин ҷилд бахше дорад бо номи جَمَاعَةَ من أهل قاشان ذكَرهم لِي بأصفهان كَمال الدين ابن السيد أبي الرضا الراوندي أطْنَبَ في وَصْفِهِم (Ҷамоате аз аҳли Кошон, ки Камолиддин ибни Сайид Абӯризо ар-Ровандӣ ашъори онҳоро бароям дар Исфаҳон хонда буд), ки писари Фазлуллоҳ ар-Ровандӣ барои ӯ маълумотҳоро фароҳам овардааст.

Чи тавре ки маълум гардид, Имодуддин ал-Исфаҳонӣ маълумоти овардаи худро дар асоси сарчашмаҳои муътамад навишта, арзиши илмии онро боз ҳам баландтар бурдааст.

АДАБИЁТ

1. Абдулкарим ас-Самъонӣ. ал-Ансоб / Абдулкарим ас-Самъонӣ. - Қоҳира, 1980. - Ҷ 1.
2. Имодуддин ал-Исфаҳонӣ. Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср / Имодуддин ал-Исфаҳонӣ; ба таҳқиқи М. Б. ал-Асарӣ. - Ироқ, 1955. - Ҷ 1.
3. Имодуддин ал-Исфаҳонӣ. Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср / Имодуддин ал-Исфаҳонӣ; ба таҳқиқи Муҳаммад Ол Туъма. - Теҳрон, 2000. - Ҷ 1.
4. Имодуддин ал-Исфаҳонӣ. Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср / Имодуддин ал-Исфаҳонӣ; ба таҳқиқи Муҳаммад Ол Туъма. - Теҳрон, 2000. - Ҷ 2.
5. Имодуддин ал-Исфаҳонӣ. Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср / Имодуддин ал-Исфаҳонӣ; ба таҳқиқи Муҳаммад Ол Туъма. - Теҳрон, 2000. - Ҷ 3.
6. Карл Броккелман. Таърих ал-адаб ал-араб / Карл Броккелман; тарҷумаи доктор Саид Яъқуб Бакр. - Қоҳира 1959. - Ҷ 6.
7. Умар Фаррух. Таърих ал-адаб ал-арабӣ / Умар Фаррух. - Бейрут, 1979. – Ҷ. 3.
8. Ҳоҷи Халифа. Кашф аз-зунун / Ҳоҷи Халифа. - Истанбул, 1941. - Ҷ 1.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ 2.

ИМОДУДДИН АЛ-ИСФАҲОНӢ ВА «ХАРИДАТ АЛ-ҚАСР»-И Ӯ

Дар мақола сухан оид ба тазкираи «Харидат ал-қаср» меравад, ки он ба қалами Имодуддин ал-Исфаҳонӣ тааллуқ дорад. Тазкира ба забони арабӣ навишта шуда, дарбаргирандаи осору аҳволи шоирони зуллисонайн ва арабизабони форсу тоҷик дар асрҳои XI-XII мебошад. Инчунин, дар мақола аз мазмуну муҳтаво ва хасоиси асар маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: Имодуддин, тазкира, Харидат ал-қаср, сохти асар, муҳтавои асар, сарчашмаҳо, хусусияти асар, Исфаҳон, Хуросон, Форс.

ИМАДУДДИН АЛ-ИСФАХАНИ И ЕГО «ХАРИДАТ АЛ-КАСР»

В данной статье речь идёт об антологии «Харидат ал-каср», которая относится к перу Имадуддина ал-Исфахани. Антология была написана на арабском языке и включает в себе жизнь и творчество арабоязычных и двухязычных персидско- таджикских поэтов 11 и 12 веков. Также в статье рассмотрены особенность и содержание антологии.

Ключевые слова: Имадуддин, антология, Харидат ал-каср, сопоставления творчества, содержение творчества, источники, особенность творчества, Исфахан, Хорасан, Персия.

IMADUDDIN AL-ISFAHANI AND HIS “XARIDAD AL-QASR”

This article is about anthology of “Xaridat al-qasr” which belongs to the pen of Imaduddin al-Isfahani. The anthology was written in Arabian language and included the living and the creativity of Arabian and bilingual Persian –tajik poets of XI-XII centuries. And also it was considered the feature creativity and content creativity of anthology.

Key words: Imaduddin, an anthology, Xaridat al-qasr, mapping creativity, content creativity, sources, feature creativity, Isfahan, Khorasan, Persia.

Сведения об авторе: ***М. Н. Аминов*** - аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 988-88-26-14**

АНАЛИЗ СОДЕРЖАНИЯ ПОЭЗИИ САЛМАНА ХИРАТИ

Ахдия Фазили
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

Победа исламской революции, происшедшая навязанная война, политические и социальные события середины 60х годов, стали причиной изменений в политических, социальных и культурных структурах иранского общества и в их руководстве. Естественно, всё это повлекло за собой преобразования в литературной, точнее, во всей творческой среде. После революции поэзия, в основном, функционировала по трем направлениям: 1) традиционная религиозная поэзия; 2) новаторская светская поэзия, или интеллигентская поэзия; 3) интеллигенитская религиозная поэзия. Результатом этих трех литературных течений стало появление четвертого течения: «поколение молодых поэтов послереволюционного периода».

Содержанием поэзии послереволюционного периода было описание угнетенния народа шахским режимом, почитание народных ценностей, воспевание руководства, жертв и жертвенности в течение восьми лет защиты исламских святынь, поклонение культуре и литературе об ашура и, наконец, протест против показа и проявления роскоши, богатства.

Салман Хирати из числа тех поэтов исламской революции, который основной тематикой своего творчества выбрал проблемы революции, социального положения трудящихся масс и т.д.

Хирати, с точки зрения языка и размышлений в стихах, внес в свое творчество много новаторского, присущего только ему. По нашему мнению, можно сказать, что он имеет свой, личный стиль. Для примера достаточно привести два его стиха «Я тоже умру» («Ман ҳам мемирам») и «Ад и ореховое дерево» («Дӯзах ва дарахти гирду»). В этих стихах поэт, используя выражения «Я тоже умру» («Ман ҳам мемирам»), «Пускай, я плачу» («Бигзор, гиря кунам»), создает аналогию, сходство, созвучие внутри стиха и излагает таким образом разнообразные и многочисленные понятия и мысли. Также в стихах Салмана Хирати встречаем много новаторских словосочетаний и выражений, подобно, «фонтан, ищущий свет» («фаввораи равшанҷуст»), также «сырой песок беспечности» («хоки хиси тагофул»), «лес, полный жизни» («ҷангали анбуҳи зиндагӣ»), «серое пространство утра» («саҳни хокистаре субҳ»), «гнев без цвета и мнительности» («буғзи бе рангу васвос»), «синяя постель» («бистари кабуд») и т.п. Таким образом, мы можем констатировать, что Салман Хирати из всех элементов стиха, таких как описание, зарисовки, эмоции и фантазия, воображение и средства украшения речи, язык и мысль, смысл более всего тянулся к новшествам, к тем элементам, которые создавали дух и аромат современности и свежести.

Из анализа творчества этого поэта вытекает, что Салман Хирати твердо верил во всё то, о чем писал в своих стихах. В его поэзии совершенно нет показухи, двуличия, лицемерия. Его речь, его перо – это демонстрация исламской культуры, особенно её шиитской части. Искренность языка, логичность и плавность мыслей выделили его поэзию среди современных поэтов, верных ценностям исламской революции, и они присущи только лишь ему, в этом заключается его индивидуальность.

Особенности поэзии Салмана Хирати. Мы разделили особенности творческого почерка Салмана Хирати по следующим признакам:

1) язык стихов Салмана чистый, прозрачный, близкий к нормативному. Если язык произведений Фуруг и Сухроба отличается гибкостью и мягкостью, а язык Нима грубостью и использованием архаизмов, то язык Салмана мастерски приведен в соответствие между языком Нима и Сухроба и считается его личным почерком. В стихах Салмана природа севера страны описана более мягко по сравнению с Нима и создание словосочетаний и атмосферы грусти и печали у Салмана более достоверны и реальны по сравнению со стихами Сухроба. Салман не очень обращает внимание на красоту слов. Мифы и метафоры в его стихах, в основном, религиозные, традиционные и обычные, поэтому верность и простота и одновременно глубина его размышлений поражают. Другими словами, Салман в своем творчестве успешно применял стиль «кажущаяся простота» («сахли мумтанеъ»).

2) другая особенность почерка Салмана – это самопроверка, самоиспытание своих возможностей, таланта. В связи с этим он проверял свои силы в форме стихов, в действенности их на читателя. Как показывает анализ литературного наследия Салмана, он выбирал самые распространенные, широко употребляемые формы стихов: газель, месневи, рубаи, дубайти (двустишие), четверостишие (чахорпора), стихи в стиле Нима и белый стих.

3) ещё одна особенность стихов Салмана – это отражение чарующих красот природы родного Мазендарана. Другими словами, большая часть слов в его стихах взяты из окружавшей его с детства среды. Анализ наследия Салмана показал, что в лексике его стихов много слов из местного разговорного языка, как лес – ҷангал; река – дарё; гора Шали – кӯҳи Шолӣ; облака и дождь – абру борон и др.

Другой момент - использование пословиц и поговорок, народных поверий Мазендарана.

4) избегание ритмичности при выборе непоэтических слов – одна из особенностей стиля Салмана. Как большинство современных поэтов, в свои стихи он ввел современные и малоиспользуемые слова.

5) ещё одна особенность стиха Салмана – это точность названий стихотворений, название стиха становится осью всего стиха, что становится затем причиной органической связи частей не только одного стиха, но и стихов всего сборника.

6) замеченная нами ещё одна особенность заключается во влиянии профессии Салмана Хирати на его поэзию, т.е. учительствования. Особенно это заметно в стихах Салмана, написанных для молодежи. В таких стихах Салман Хирати предстает перед нами как вдумчивый психолог, мастерски передающий молодежи свое понимание революционных, социальных и религиозных ценностей. Число такого рода произведений Салмана так велико, что можно было бы посвятить им отдельный раздел под названием «Учительские сочинения Салмана» («Сурудаҳои мадрасаии Салмон»):

Дафтари кӯчаки наққошии ман
Дохили ҳар барқат тарҳи як мавҷ кашидам бо ранг
Гуфта будам шояд битвонам дарёро бикашам
Оҳ, афсӯс нашуд
Дафтари кӯчаки наққошии ман
Баргҳои ту кам аст мавҷ аммо бисёр… [4, 35].

***

Моя маленькая тетрадь для рисования
На каждом твоем листе контуры волны в цвете я нарисовал.
Я говорил, возможно, смогу нарисовать море.
Ох, жаль, но не получилось.
Моя маленькая тетрадь для рисования,
У тебя мало листов, волн, однако, много…

Салман, как и все свободолюбивые люди, с революцией связывал большие надежды и в будущем видел идеальное общество во главе с духовным руководством, без всяких разногласий и недостатков.

Салман глазами своих друзей. Мансура Некугуфтар так характеризует поэта: «Салман не гоняется за игрой слов и выражений и не хочет выражать свои мысли через словесные украшения. Он использует при изложении мыслей и раздумий свой жизненный опыт».

Фатима Солорванд говорит: «Салман - отважный поэт, и поэтому он смог попробовать свои силы в разных литературных школах. В своих стихах он отразил климатические, жизненные особенности, свою непоколебимую веру и мировидение, свой протест в социальном плане».

Ораш Шифоъи говорит: «Салман является поэтом – первопроходцем, т.е. он настолько отважен, что для приобретения поэтического опыта, с точки зрения языка и мировоззрения, побывал в различных литературных школах» [2, 12].

Подытоживая проведенный анализ оставшегося литературного наследия Салмана Хирати и высказывания о нем его друзей, с огромным сожалением приходится констатировать, что современная иранская поэзия, по всей вероятности, потеряла выдающегося поэта, трагически ушедшего из жизни в 27 лет.

Исламская революция привнесла много существенных изменений в политическую, социальную и интеллектуальную сферы иранского общества. Вся литературная продукция, созданная на протяжении революционных лет верными делу и идеалам революции писателями и поэтами, является литературой исламской революции. Исламская революционная поэзия родилась и выросла из политической и социальной поэзии. Политическая и социальная поэзия непосредственно повлияла на формирование исламской революционной поэзии. Революционная поэзия периода исламской революции в Иране, в основном, обратила свое внимание на две старые формы персидской поэзии – это газель и рубаи. Поэты этого направления используют довольно активно и новые формы стихов, при помощи которых легче и доходчивее выразить и описать революционные преобразования и события. Революционная исламская поэзия всецело обращена к трудовым массам, она стремится отразить чаяния, надежды и нужды простого народа, трудящихся масс.

Представителями революционной исламской поэзии являются Кайсар Аминпур, Сайид Хасан Хусайни и Салман Хирати. Особенностями творчества этих поэтов, присущими им всем, являются простота, плавность, понятность и доходчивость языка их поэтических произведений. Они все воспевали достижения исламской революции, прежде всего победу над шахинщахским режимом и её героев, пожертвовавших жизнями ради идеалов и святынь революции. Темами их произведений были защита родины, её природных богатств, освобождение её от иностранной зависимости и осуждение вмешательства иностранных государств во внутренние дела Ирана. Поэты, знакомые со страданиями и горестями народа, в своих газелях и рубаи стремились передать народу свои сочувствие, послания, помощь и т.п. После исламской революции поэты – интеллектуалы и просветители, противники режима династии пехлеви, на основе религиозных ценностей, стали поднимать свои голоса за ликвидацию нищеты, против угнетения народа.

ЛИТЕРАТУРА

1. Джавохири Гиляни, Мухаммадтаки (Шамс Лангаруди). История исследований нового стиха / Джавохири Гиляни, Мухаммадтаки (Шамс Лангаруди). – Тегеран, 1377. - Т. 1-2. - 499 с. (на перс. яз.)
2. Бахрами Разия и Саларванд, Фатима. Ветер огня (памяти Салмана Хирати) тетрадь свежих стихов / Бахрами Разия и Саларванд, Фатима. – Тегеран, 1383. (на перс. яз.)
3. Хирати, Салман. В запрещенных садах (Избранное из стихов Салмана Хирати); Бокери, Саъд, Махмуди, Сухайль / Хирати, Салман. – Тегеран: Амир Кабир, 1389. - 137 с. (на перс. яз.)
4. Хирати, Салман. Полный сборник стихов Салмана Хирати (тетрадь свежих стихов) / Хирати, Салман. – Тегеран, 1380. (на перс. яз.)
5. Ходеми Гулоби, Мехди. Изучение жизни и поэзии Салмана Хирати (Знакомство с рисовым полем) / Ходеми Гулоби Мехди. – Техрон, 1385. - Т. 1. (на перс. яз.)
6. Ходжамурадов Олимджан. Литература периода конституционализма в Иране / Олимджан Ходжамурадов. – Душанбе, 2002. – 64 с. (на тадж. яз.)

ТАҲЛИЛИ МАЗМУНИ АШЪОРИ САЛМОНИ ҲИРОТӢ

Дар мақола фаъолияти эҷодии Салмони Ҳиротӣ баррасӣ шудааст, ки эҷодиёти худро ба ҳифз ва тавсиф, тарғиби идеал ва мақсуди Инқилоби исломӣ, муқаддасот ва намояндагони он, инчунин ёдгории қаҳрамонони инқилоб, ки ҷони худро барои ғалаба нисор кардаанд, бахшидааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, агар ба осори ӯ тавсифи умумӣ дода шавад, пеш аз ҳама, бояд дар бораи садоқати устувори ӯ ба имон ва ҳадафҳои инқилоб, азми устувори ӯ барои дифои мазлумон, шахсони аз ҳуқуқ маҳрум ва аъзои камбизоати ҷомеа бояд диққат дода шавад. Инчунин, ба тамоми шоирони давраи инқилоби исломӣ хашмгинӣ ва эътирози номуътадил бар зидди ҳар гуна беадолатӣ, истисмори коргарон, беадолатӣ ва нобаробарӣ ва ба инҳо монанд, яъне зуҳуроте, ки дар ҷомеаи муосир вуҷуд дорад, бояд бартараф карда шаванд.

Калидвожаҳо: шеър, инқилоб, ислом, ҳаёт, ғалаба, қаҳрамонон, муқобилат.

АНАЛИЗ СОДЕРЖАНИЯ ПОЭЗИИ САЛМАНА ХИРАТИ

В статье рассматривается творчество Салман Хирати, который свое творчество посвятил защите и воспеванию, пропаганде идеалов и целей исламской революции, её святынь и лидеров, также памяти героев революции, отдавших жизнь за её победу. Если попытаться дать общую характеристику его произведениям, отмечает автор статьи, то, прежде всего, следует отметить его преданность вере, целям революции и постоянное и твердое решение защитить угнетенных, бесправных, бедных членов общества. Также всем поэтам периода исламской революции присущ гневный и нелицеприятный протест против всякого рода несправедливостей, эксплуатации трудящихся, бесправия и неравноправия и т.п., т.е. тех явлений в современном обществе, которые необходимо искоренить.

Ключевые слова: поэзия, революция, ислам, жизнь, победа, герои, протест.

ANALYSIS OF POETRY SALMAN HIRATA

The article discusses the work of Salman Hirata, who have dedicated their works to protect and chanting, the promotion of the ideals and objectives of the Islamic Revolution, its shrines and leaders of the revolution and the memory of heroes who sacrificed their lives for her victory. If you try to give a general description of the works, the author of the article points out, first of all, it should be noted his dedication to faith, the objectives of the revolution and the constant and firm decision to defend the oppressed, the powerless, the poor members of society. Also, all the poets of the Islamic Revolution period inherent angry and hard-hitting protest against all kinds of injustice, exploitation of workers, injustice and inequality, and the like, ie, the phenomena in modern society, which must be eradicated.

Key words: poetry, revolution, islam, life, victory, heroes protest.

Сведения об авторе: ***Ахдия Фазили*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ АДАБИИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Р. Мансурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти муосири Эрон баъд аз нимаи дувуми солҳои 50-уми қарни XX рушду боландагии биловасфе касб намуд. Мактаби адабие, ки Нимо Юшиҷ поягузорӣ намуда буд, дар ин солҳо шуҳрату шукӯҳи беандозае пайдо намуда, истеъдодҳои нодиреро дар чаҳордевори хеш гирди ҳам оварда буд. Фурӯғи Фаррухзод яке аз чеҳраҳои пурфуруғи ин мактаб ва ҷонибдори сарсахти шеваи Нимо ба шумор меравад. Бо гузашти ҳар соле таваҷҷуху диққат ба осору сурудаҳои ҷаззобу дилписанди ӯ бештар мегардад. Насли имрӯз ҳамвора талош меварзад ба фалсафаи кори офаринандагиву ҳунарии ин шоираи номвар амиқан пай барад. Фурӯғ яке аз пурхонандатарин адибони замон аст ва мухотибони вижаи худро дар ҷомеаи адабӣ миёни табақоти сегона пайдо намудааст.

Замоне ки сухан аз Фурӯғи Фаррухзод дар миён меафтад, зеҳн беихтиёр аз маҷмӯаҳои «Асир», «Девор», «Исён» ва «Таваллуди дигар», ёд мекунад. Сурудаҳои ин дафтарҳо ҳастии зоҳириву ботинии шоирро баён месозанд. Перомуни маҷмӯаҳои аввалини Фурӯғ дидгоҳҳо мухталифанд. Худи Фурӯғ низ дар бораи се маҷмӯаи аввал назари хос дорад. Вале агар мулоҳизоти мунаққидинро канор бигузорем, бояд гуфт, ки интишори маҷмӯаҳои мазкур худ як ҷунбише буд, ки дунёи онрӯзии ҷомеаи эрониро такон дод. Навиштаҳои Фурӯғ дар дафтарҳои аввалин баёнгари ҳолу ҳавои зиндагӣ дар Эрон, ҷустуҷӯи ишқ, ҳуввияту амнияти иҷтимоӣ, беҳудагӣ дар зиндагӣ, масъалаи гуноҳ дар ҳаёти шахсият, сӯйгирӣ аз мушкилот ва дигар масъалаҳои муҳимми мубрами замону ҳаёти фардии хеш мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ашъори ӯ нишонгари зиндагиномаи худи шоир аст, зеро он

сарнавиште, ки ба ӯ насиб дониста шуда буд, Фурӯғ бар пояи шеър кашид ва кулли таҷриботу таъсироти худро аз зиндагӣ ва муҳити табиаташро бо калимаву вожагони мутааддид пайваст намуд ва дар ҳар навиштаҷоташ андешаҳои адабии хешро ҳамчун баёнгару тасдиккунандаи каломи худ, ҷойгузин намуд.

Фурӯғи Фаррухзод ҳамзамон бо сурурдани ашъори бою рангин ва доштани девони бузурги шеър, мақолоту мусоҳибаҳо ва гуфторҳое аз худ ба ёдгор монда, ки фарогири дидгоҳҳои адабии ӯ ҳастанд ва баррасии онҳо аз ҳар нигоҳ судманд аст. Зеро, Фурӯғи Фаррухзод дар ин мусоҳиботу мақолот ва гуфторҳо назари фардии хешро дар атрофи шеъру шоирӣ ва аз ҷумла нақши ашъори онҳо баён намудааст, ки дар ин мақола чанд намунае аз назароти ӯ, ки рочеъ ба калимаву шеър, шоирӣ ва якчанд аз намояндагони адабиёт аст, баррасӣ карда мешавад.

Фурӯғ ба мафҳуму абзори шеър ва нақши калима дар шеър назари хосси худро дошт, тасвиру тарсими рӯҳу вокеияти замонро дар шеър муҳим медонист, ба фалсафаи калимот дар шеър пай бурда буд ва бо вожагон бархурди дигаргунаро тақозо менамуд. Барои шоир ҳар калима як дунёи тозае буд, ки зиндагиномаву шиносномаи вижаи худро дошт. Фурӯғ бар ин назар буд, ки диди шоири муосир бояд вожагони муносиби худро дошта бошад. Ӯ дар мақолае рочеъ ба нақши калима дар шеър ва пайдо намудану истифодаи калимоти тоза дар шеър, чунин изҳор намуда буд: «Барои ман калимот хеле муҳим ҳастанд. Ҳар калимае рӯҳияи хосси худашро дорад. Ҳамин тавр, ашё. Ман ба собиқаи шеърии калимот ва ашё бетаваҷҷуҳам. Ба ман чи, ки то ҳол ҳеҷ шоири форсизабон, масалан калимаи «инфиҷор»- ро дар шеъраш наёвардааст. Ман вақте мехоҳам шеър бигӯям, дигар наметавонам ба худам хиёнат кунам. Агар дид имрӯзӣ бошад, забон ҳам калимоти худашро пайдо мекунад ва ҳамоҳангӣ дар ин калимотро. Ман ҷумларо ба содатарин шакле, ки дар мағзам сохта мешавад ба рӯйи қоғаз меоварам ва вазн мисли нахе аст, ки аз миёни ин калимот рад шуда бе он ки дида шавад, фақат онҳоро хат мекунад ва намегузорад биафтанд. Агар калимаи инфиҷор дар вазн намеғунҷад ва масалан эҷоди сакта мекунад, бисёр хуб, ки сакта мисли гирехе ҳаст дар ин нах» [4, 628].

Шоир бо шеър зиндагӣ мекард ва дар ҳар навиштаҳояш калимаҳоро дар дохили инсоният зинда менамуд. Барои ӯ танҳо навиштани калимот дар рӯйи коғаз набуд, балки навиштани онҳо ба таври ҷондору зинда буд. Вақте аз ӯ пурсиданд, ки «шеър чист?» Фурӯғ дар посух ба ин пурсиш чунин баён карда буд: « Шеър барои ман иборат аз зиндагӣ кардани калимаҳо дар даруни одамист ва бознавиштани ин калимаҳо ба сурати зинда ва ҷондор дар рӯйи коғаз. Бинобар ин, аз ҳар навъи сакта ё таваққуф ё сукуте, ки асбоби бечон шудани калимаҳо бишавад, бояд эҳтироз кард. Як вақт шумо мебинед, ҳамин тавр ки бо худатон ҳастед, калимаҳо мисли мӯрчаҳое, ки як рӯзи офтобӣ аз сӯрох берун меоянд ба дунболи ҳам ва бо як назми мантиқӣ радиф мешаванд. Ин назми калима, агар битавонад дар ҳамон лаҳза баёнкунандаи мафҳуми зеҳнии Шумо ҳам бошад, бидуни тардид шеър хоҳад шуд. Ман ҳоло ин тавр шеър мегӯям. Дигар муддатҳост, ки дунболи калима намегардам, балки мунтазир мешавам калима ҷойи худашро пайдо кунад, ба вуҷуд биёяд, он вақт ман ӯро ба як назм даъват мекунам, ба як навъи ҳамоҳангӣ мехонам» [2, 6].

Фурӯғ дар идомаи қазоваташ перомуни ашъори шоироне, ки ба саҳлангориву бемазмунӣ роҳ медиҳанд изҳори назар намуда, чунин баён кардааст: «Баъзе шеърҳои шоирон мисли дарҳои бозе ҳастанд, ки на ин тарафашон чизе ҳаст на он тарафашон, бояд гуфт:- ҳайфи коғаз. Баъзе шеърҳо мисли дарҳои бастае ҳастанд, ки вақте бозашон мекунӣ, мебинӣ хато хӯрдаӣ, арзиши боз кардан надоштаанд. Холӣ будан он тараф истад, он қадар вахшатноканд» [1, 181].

Тавре ки хотирнишон кардем, Фурӯғ аз зумари шоироне буд, ки худро муассир ва парваридаи мактаби Нимо медонист. Устод Абулҳусайни Зарринкӯб дар бораи пайванди Фурӯғи Фаррухзод бо мактаби Нимо чунин менависад: «Дар байни соири мустаидони аср, ки дар заминаи шеъри ҷадид ҳам баъзе осори арзанда ба вуҷуд овардаанд аз ду шоири дигари ин айём, ки кулливор, ноошно ва бегонаваш аз арсаи шеъри аср убури шитобон карданд ва шеъри нав дар каломи онҳо ғарибтарин ва рангинтарин оҳанги худро танинандоз кард, наметавон бо сукут гузашт. Ҳар ду шоир дар ҷавонӣ ба шуҳрат расидаанд ва ҳарду шоир дар ҳамон солҳои ҷавонӣ ба қаламрави гузаштаҳои адабӣ қадам ниҳодаанд – Фурӯғи Фаррухзод ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ, ки ҳар ду ба ҳалқаи Нимо тааллуқ доштаанд» [3, 552].

Худи Фурӯғ Ниморо оғози хеш медонад. Нимо барои шоир мисли ситорае буд, ки ӯро мутаваҷҷеҳи осмон менамуд ва фазои фикрии ӯро боз ҳам паҳнтару хусусиёти рӯҳиашро боз ҳам болотар мегардонид. Ӯ мехост нигоҳу диди Ниморо дошта бошад ва ончи ки ҷони шеър буд, аз Нимо омӯхтааст. Фурӯғ дар яке аз мусоҳибаҳояш бо М. Озод дар мақаллаи «Ораш» рочеъ ба Нимо Юшиҷ чунин изҳори назар намудааст: «Ман Ниморо хеле дер шинохтам ва шояд ба маънии дигар хеле ба мавқеъ, яъне баъд аз ҳамаи тачрибаҳову васвасаҳову гузаронидани як даврааи саргардонӣ ва дар айни ҳол ҷустуҷӯ. Нимо шоире буд, ки ман дар шеъраш барои аввалин бор як фазои фикрӣ дидам ва як ҷур камоли инсонӣ. Содагии ӯ маро шигифтзада мекард. Бахусус, вақте ки дар пушти ин содагӣ ногаҳон бо тамоми печидагиҳо ва пурсишҳои торики зиндагӣ бархӯрд мекардам, мисли ситора, ки одамро мутаваҷҷеҳи осмон мекунад, дар содагии ӯ содагии худамро кашф кардам. Бештарин асаре, ки Нимо дар ман гузошт дар ҷиҳати забон ва формҳои шеърияш буд, ки ман аз лиҳози шаклҳои шеърӣ ва забон

аз дарёфтҳои ӯ истифода мекунам, вале аз ҷиҳати дигар. Яъне, он чи ки дар воқеъ ҷони шеър аст аз Нимо ёд гирифтаам» [1, 154].

Инчунин, Фурӯғ дар чанде аз мусоҳибаҳояш роҷеъ ба ашъору ҷойгоҳи шоирони дигар дар адабиёт назару ақоиди хешро баён намудааст. Яке аз он шоироне, ки Фурӯғ борҳо қайд намуда буд, ин Аҳмади Шомлу аст. Фурӯғ ӯро шефтаи мафоҳими зебо медонад ва чунин изҳор менамояд, ки гӯё тамоми ин мафоҳим барои А. Шомлу паноҳгоҳе ҳастанд дар берун аз вучуди худи шоир. Зимни мусоҳибае бо Сирус Таҳбоз чунин гуфтааст: «Ба назари ман Аҳмад Шомлу одаме аст, ки дар бештари маворид шефтаи мафоҳими зебо мешавад. Ситоише, ки дар баъзе шеърҳои ӯ ҳастанд ба назари ман натиҷаи таҷрибаҳои ӯ ва маҳлут шуданҳои ӯ бо ин мафоҳими зебо нест, ҳосили шефтагиҳои ӯ аст. Инсоният, ишқ, дӯстӣ, зан. Ӯ нигоҳ мекунад ва он қадар масҳур мешавад, ки фаромӯш мекунад бояд як қадам чулутар бигзорад ва худашро пурт кунад ба қаъри ин мафоҳим то ором шавад. Бояд гуфт, ки ӯ аз зебоӣ дардаш намегирад, вақте дардаш мегирад, дарди муҷарradӣ аст, ки дигар иртиботе ба зебоӣ надорад ва тамоми ин мафоҳим барои ӯ паноҳгоҳҳое ҳастанд дар берун аз вучуди худаш» [5, 217].

Аз ин ҷост, ки Фурӯғи Фаррухзод ҳамчун шоирае, ки диду нигоҳи фарох роҷеъ ба адабиёту шеъру шоирӣ дошт, дар ҳар мақолоту мусоҳибаҳо ва гуфторҳо андешаҳои ҷадиди адабии хешро баён менамуд, ки саросар пурмуҳтавову тозаандешона буданд. Ӯ ҳамаи навиштаҷоти шоирони гуногунро таҳлилу дарк менамуд ва аз онҳое, ки барои ӯ воқеан шоири ҳақиқӣ ҳисоб мешуданд арзи сипос мекард ва дар баробари он аз навиштаҳои бепояву берешаи баъзе шоирон изҳори нигарониву таассуф мекард.

АДАБИЁТ

1. Аббосӣ Б. Ба офтоб саломи дубора хоҳам дод / Б. Аббосӣ // Шеърҳо, зиндагӣ ва баррасии ашъори Фурӯғи Фаррухзод. - Теҳрон, 1382. - С. 154-181.
2. Абдуалӣ М. Осмони равшани шеър / М. Абдуалӣ // Фарҳанги ашъори Фурӯғи Фаррухзод. - Теҳрон, 1377. – 6 с.
3. Зарринкӯб А. Аз гузаштаи адабии Эрон / А. Зарринкӯб. – Теҳрон, 1375. – 552 с.
4. Равшангар аз хомӯшӣ // Баргузидаи шеъри имрӯзи Эрон: Ба интихоб ва муқаддимаи Муртазо Кохӣ. - Теҳрон, 1369. – 628 с.
5. Ҷалолӣ Б. Ҷовидона зистан дар авҷ мондан / Б. Ҷалолӣ. - Теҳрон, 1377. – 217 с.

НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ АДАБИИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Мақола ба таҳлили андешаҳои адабии шоираи муосири адабиёти Эрон, Фурӯғи Фаррухзод бахшида шудааст. Вай дар радифи ашъори хеш мачмӯае аз номаҳову афкори танқидии худро дар атрофии ашъори шоирони машҳури адабиёти муосир гузоштааст, ки арзиши махсуси илмиву адабӣ доранд.

Калидвожаҳо: Ф.Фаррухзод, адабиёт, андешаҳо, шеър, нигоҳи нав.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ВОЗЗРЕНИЯ Ф.ФАРРУХЗОДА

Статья, посвящена анализу литературных воззрений современной поэтессы Ирана Ф.Фаррухзод. Она наряду с поэтическими сборниками оставила большое количество писем и критических заметок о поэзии знаменитых поэтов современной литературы, которые представляют особую научную и литературную ценность.

Ключевые слова: Ф.Фаррухзод, литература, воззрения, поэзия, новое ведение.

THE LITERATURE'S VIEW OF F.FARRUKHZODA

The article analyses the literature's view of Iranian modern poetess F.Farrukhzoda. Along with collection, she left a lot of letters and critical notes about poetry of famous poets in modern literature which have special scientific and literature value.

Key words: F.Farukhzod, literature, view, poetry, new introduction.

Сведения об авторе: ***Р. Мансурова*** – аспирантка кафедры иранской филологии факультетета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93-926-72-77**

НОСЕҲИ ХАТЛОНӢ – ШОИРИ ДОСТОНСАРО

Бӯрӣ Гулназаров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Абдурраҳмонхоҷа ибни Мирзоподшоҳи Хатлонӣ (1779-1887), мутахаллис бо Носеҳи Хатлонӣ дар охирҳои садаи ҳаждаҳум ва аввалҳои садаи нуздаҳум зиндагӣ ва эҷод намуда, аз худ осори зиёде боқӣ гузоштааст. Ӯ яке аз шоирони пешқадам ва сермаҳсули замонаш буда, бо асарҳои таълифнамудааш дар таълиму тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли наврас ва умуман мардуми диёри хеш саҳм гирифтааст.

Илова бар ин, саҳми Носеҳи Хатлонӣ дар рушду нумуи адабиёти тоҷик, хусусан қисмати ҷанубӣ Тоҷикистон назаррас мебошад. Муҳаққиқи пухтакору борикбин, профессор Искандар Икромов, ки дар таҳқиқу омӯзиши зиндагинома ва осори то вақтҳои охир хеле кам маълуму дастраси як зумра адибони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик хизмати арзишманде кардаанд, дар асараш «Зеҳнпораҳо» (Душанбе, 2007) дар мақолаи «Мақоми Хатлон дар адабиёти тоҷик» Носеҳи Хатлониро дар қатори сермаҳсултарин ва маълумтарин намояндагони илму адаби Хатлонзамин ном мебарад: «Бузургтарин ва сермаҳсултарин симоҳои адабӣ, ки дар ин сарзамин ба камол расидаанд,

машҳуртаринашон Носеҳи Хатлонӣ, Ҳочӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Муҷрими Роғӣ, Мирзо Қадам, Лиқои Роғӣ, Мулло Бурҳон, Мирзо Булбул, Мухлис, Мисраъ, Мирзошарифи Амрутихамӣ, Валии Роғӣ ва Абдулҳамиди Қадрӣ мебошанд» [1].

Пештар аз ин, муҳаққиқ А. Ҳабибов дар китоби хеле маъруфи хеш «Доираҳои адабии Бухорои Шаркӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX)» [2] Носеҳи Хатлониро ба қатори шоирони доираи адабии охири асри XVIII – асри XIX-и Кӯлоб Раҳимӣ, Ҳочӣ, Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ, Мулло Рачаб, Мирзо Қадам, Муҷрими Роғӣ, Мизробхон, Хотирӣ ва Шоҳин дохил менамояд.

Муҳаққиқи ҷавон Фарҳод Шафиев дар монографияи худ «Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб» дар такя ба маълумотномаи маъхазҳо дар мавриди васеъ будани доираи адабии Хатлон ва сермаҳсул будани намояндагони он чунин менигорад: «Дар ҳақиқат, ҳавзаи илмию адабии Хатлони асри XIX ва ибтидои асри XX шахсони зиёдеро, аз қабили Носеҳи Хатлонӣ, Муҳаммадҳусайни Ҳочӣ, Муҷрими Роғӣ, Мирзо Қадам, Мисраъ, Мирзо Лиқо, Аламии Дуобӣ, Мулло Бурҳон (Бисмил), Мирзо Рачаб, Мавлоно Муҳаммад Умар Маҳмудхоҷаи Балҷувонӣ дар арсаи илму адаб парварда буд, ки аксари онҳо соҳибдевон буда, дар мамлакатҳои Шарқ чун суханвар маълумум машҳур буданд» [3.]

Чуноне зикр шуд, дар мавриди номгир намудани намояндагони машҳуру сермаҳсули доираи адабии Кӯлоб ва умуман Хатлону Бухорои Шаркӣ, пештар аз дигарон аз Носеҳи Хатлонӣ ёд мешавад. Ба гумони мо, ин як далели муътамади тавоноӣ ва соҳибистеъдодии шоир мебошад. Дигар ин ки шоир соҳибдевон буда, бештар ҳамчун шоири достонсарои замонаш шинохта мешавад. Аз Носеҳи Хатлонӣ ба ғайр аз девони ашъор, инчунин се достони калонҳаҷм ба мерос мондааст: «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез» ва «Ҳадиқат-ур-расул».

Хушбахтона, ин достонҳои панду насиҳатӣ пайдо ва дастрас мебошанд ва онҳо низ чун дигар ашъори боқимондаи шоири пешқадами замонаш бо забони сода эҷод гаштаанд ва барои ҳама табақоти мардум фаҳмо буданд ва ҳастанд.

Ва аммо, мутаассифона, бо вуҷуди ин ҳама мероси адабии гаронбаҳои Носеҳи Хатлонӣ, мисли аксар шоирони ҳамзамонаш, то ба ҳол ба таври комил ва дақиқ мавриди омӯзишу таҳлил ва баҳодиҳии чиддӣ аз ҷониби адабиётшиносону муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Мо сари ин мавзӯъ поинтар бармегардем ва ҳоло дар мавриди ҳолу аҳвол ва зиндагии шоир чанд нуктаро гуфтанием.

Қабл аз ҳама, ёдрас бояд шуд, ки зиндагиномаи шоир низ чун мероси адабиаш пурра омӯхта нашудааст ва бисёре аз лаҳзаҳои ҳаёту рӯзгори вай то ба ҳол маълуму дақиқ карда нашудааст. Банда – муаллифи навиштори зиндагиномаи шоир, ки набераи Абдурраҳмонхоҷа Носеҳи Хатлонӣ мебошам, дар такя ба нақлу ёддоштҳои модарам Абдурраҳмонова Одинабӣ, ки шахси босавод буданд ва дигар шахсоне, ки аз нақлҳои падаронашон дар бораи шоир қиссаҳо карданд, кӯшиш дорам зиндагиномаи шоирро то ҳадди имкон пурраю аниқу дақиқ созам.

Дар бораи зиндагӣ ва осори Носеҳи Хатлонӣ фақат муҳаққиқ Амирбек Ҳабибов, ки дар омӯзишу тадқиқи рӯзгору ҷамъоварии қисмате аз осори паҳну парешони 63 нафар шоирони гумноми Қаротегину Дарвоз ва Кӯлоб тадқиқоти пуразрзише ба анҷом расонидааст, маълумот додааст, ки он ҳам нопурраю нокифоя мебошад.Дар мачмӯаи мазкур, ки унвонии «Ганҷи парешон» аз тариқи нашриёти «Ирфон» дар соли 1984 бо теъдоди 8000 нусха ба табъ расида буд, дар аввали қисми сеюм, ки ба доираи адабии Кӯлоб бахшида шудааст ва дар он дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти 22 нафар адибон маълумот дода ва аз осорашон намунаҳо оварда шудааст, ба шоир Носеҳи Хатлонӣ аз ҳама зиёд – 22 саҳифа (219-238) чудо гардидааст.

Тайи даҳсолаҳои зиёд соли таваллуд ва вафоти шоир аниқ маълум набуд, аниқаш дар ин маврид касе кӯшише ҳам накарда буд. Аммо А. Ҳабибов дар такя ба маълумоти овардаи худи Носеҳи Ҳатлонӣ дар охири нусхаи достони «Ҳадиқат-ур-расул» (захираи Академияи Улуми Ҷумҳурии Ӯзбакистон рақами 8500) санаи таваллуди ӯро 1767 муайян намудааст.

Оваридам бӯстонеро ба чанг,
Ки дар ӯ гулҳо шукуфта ранг-ранг.
Кардаам таърихаш аз булбул сурог,
Дар ҷавобам гуфт «зеби чорбог».
Нусхаи ториху таснифаш хуш аст,
Як ҳазору дусаду бисту шаш аст.

Соли 1226 мутобиқ аст ба соли 1810-1811 милодӣ, пас ин асар дар ҳамин сол таълиф шуда будааст. Шоир мегӯяд, ки

Дар ҳазору дувисту сиву як,
Ин китобат тамом шуд бешак.
Ҳаст дар лавҳи дилам ҳарфи падар,
Мулҷари мавлуди ман соли бақар.
Кам-камак рафтам ба нармӣ роҳро,
Тай задам соли ду кам панҷоҳро [4].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар соли 1815, яъне дар 48-солагӣ китобати ин достон ба анҷом расонида шудааст.

Ҳарчанд маҳалли ба дунё омадани Абдурраҳмонхоҷа бинни Мирзоподшоҳи Хатлонӣ комилан аниқ нест, вале аниқу дақиқ аст, ки ӯ то замони ба Бухоро баҳри таҳсил рафтан дар шаҳри Кӯлоб дар хонаи падар ба камол расидаву хатту савод баровардааст. Худи Носеҳ дар ин маврид гуфтааст:

Фақир аз қарияҳои кишвари Кӯлоб мебошам,
Гирифторам ба гуфтори лаби лаъли Бадахшонӣ…

Инчунин, дар хотимаи достони «Ҳадиқат-ур-расул» омадааст:

Абдурраҳмони Хоҷаи Кӯлобӣ,
Дар баҳри китобат аст чун мургобӣ.
Дорад ҳаваси шино ба гирдоби муҳит,
Мабсут намояд гуҳари ноёбӣ.

Ҳамин тариқ, дар мавриди аз Кӯлоб будани Носеҳ шакку шубҳае намемонад. Дар хусуси он ки шоир баъди солиёни таҳсили илму дониш дар Бухоро ва хатми мадраса, баъди чандин соли зиндагии қашшоқона ва саргардониву оворагардиҳо дар шаҳрҳои Бухоро, Тошканду Хуҷанд ва чанд вилоёти Мовароуннаҳр бозгашта ба ватанаш меояд ва дар пиронсолӣ дар Кӯлоб аз дунё дармегузарад, низ баъзе маълумот ҳаст.

Аниқ маълум нест, ки Абдурраҳмонхоҷа маълумоти ибтидоиро дар кучо ва дар пеши кӣ ё киҳо гирифта бошад. Вале пайдост, ки бе доштани чунин маълумот касе нияти дар мадрасаи Бухоро идомаи таҳсил карданро дошта наметавонист. Гумон меравад, ки ӯ маълумоти ибтидоиро назди падараш Мирзоподшоҳ гирифта бошад. Аз иловашавии «Мирзо» ба исми падараш бармеояд, ки ӯ хату савод дошт ааст ва дар таълими фарзанд саҳм гузоштааст.

Хулоса, бо вуҷуди тангдастӣ Абдурраҳмонхоҷа чун аксар толибилмони камбизоати ташнаи илму дониши замонаш дар маркази илмию фарҳангии тоҷикон шаҳри Бухоро азми таҳсил менамояд ва он ҷо мадрасаро хатм мекунад. Ва баъдан дар ҳамин шаҳр мемонад, оиладору фарзанддор мешавад ва тайи бист сол иқомату саргардониҳо насибаш мегардад. Билохира, ӯ аз чунин аҳволи вазнини зиндагӣ ба танг омада ба Кӯлоб бармегардад.

Баъд аз ба Кӯлоб баргаштан аҳволи зиндагии ӯ каме беҳ мегардад. Шоир барои таъмини рӯзгор ба деҳқонӣ машғул шуда, инчунин ба кори тадрисӣ низ шуғл варзидааст. «Дар ҳақиқат ҳам Носеҳ ба ватанаш баргашта ба корҳои деҳқонӣ ва инчунин тадрисии мадрасаи дар Кӯлоб таъсиснамудаи худаш, машғул мешавад.

Феълан калонсолони шаҳри Кӯлоб ҷое, ки ҳоло хонаи маданияти шаҳр ҷой гирифтааст, он ҷоро мадрасаи Абдурраҳмонхоҷа мегӯянд. Инчунин, тасдиқ мекунанд, ки Носеҳ аз Бухоро омада, мадрасаи куҳнаеро таъмир намуда, худаш дар он тадрисӣ мекунад» [5].

Чуноне ишора рафт, дар бораи зиндагиномаи Носеҳи Хатлонӣ маълумоти хеле маҳдуд ва баъзан норӯшану нокифоя дастрас ва нашр гардидааст, вале баъди таълифоти А. Ҳабибов аз хешовандону наздикони шоир доир ба ҳолу аҳволи ӯ маълумоти зиёде пайдо гардида ва дастрас гашта истодааст. Алҳол муаллифи ин сатрҳо ба омӯзишу тадқиқ ва аниқгардонии онҳо машғулам ва ният аст дар мақолаи алоҳидае сари зиндагиномаи пурратару муфассали ин достонсарои хеле боистеъдод сухбат намоем.

Ин ҷо бошад, дар такя ба осори шоир ва маъхазҳои мавҷуда асосан дар бораи рӯзгори шоир ва мазмуну мундариҷаи се достони Носеҳи Хатлонӣ ва девони шоир мухтасаран зикр менамоем.

Аввалтар аз ҳама бояд зикр намуд, ки Носеҳи Хатлонӣ бо вуҷуди маҳрумиятҳои рӯзгор дониши хуб аз бар карда будааст. Тибқи гуфтаи муҳаққиқ А. Ҳабибов «Аз рӯйи девони ашъор ва се адад достонҳои Носеҳ чунин ба назар мерасад, ки шоир доманаи дониши васеъ доштааст. Барои ин аз як тараф дар мадраса хуб хондани ӯ ва аз тарафи дигар касби китобат кардани шоир бояд сабаб шуда бошад. Доир ба илмҳои замонаш даст доштани худро чунин қайд кардааст:

Ҳал намудам мушкилоти ҳикмату тавзеҳро,
Дар миёни олимон шуд номи ман Мулло Ҷалол [5].

Тавре маълум аст, бисёре аз адибони асрҳои XVIII - XIX ва ибтидои садаи XX адабиёти Бухорои Шарқӣ, ки аслан дар кӯҳистон умр ба сар мебурданд, бо вуҷуди донишу маҳорат ва истеъдоди хуби шеъргӯйӣ ва достонсаройӣ доштан рӯзгори хеш ва аҳли байташонро асосан аз пешаи деҳқонию боғдорӣ таъмин менамуданд.

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки қисмати калони ин шоирон асосан аз мачбурӣ дар маҳалли иқомати хеш ба кори китобат машғул мегаштанд. Як сабаби ба исми бархе аз онҳо илова гардидани лақаби «Мирзо» дар ҳамин аст. Аксар зиндагии камбағалона ба сар мебурданд ва ё дар миёни ин табақа зиста аз аҳволи тангу камдастӣ ва ранҷу азоби онҳо ба хубӣ огоҳ будаанд. Гузашта аз ин, бисёре аз намояндагони аҳли илму адаб, ки аз дини Ислом, аз қавонини шариат огаҳии хуб доштанд, кӯшиш мекарданд рӯзгори хеш ва аҳли оилаашонро бо меҳнати ҳалол, бо маҳсули обилаи кафи даст таъмин созанд. Аз ин ҷост, ки дар ашъори онон аз қашшоқию мухточии рӯзгор ва беадолатиҳои замонаву замонадорон, бекадрии одаму олиму сухану суханвар бисёр сухан рафтааст.

Носеҳи Хатлонӣ низ аз зумраи ҳамин гуна сухансароёне будааст, ки дар зиндагӣ, бахусус овони наврасию таҳсилу ҷавонӣ як даврае нодорию камбағалиро низ аз сар гузаронидааст:

…Чоруқи куҳна буд попӯшам,

Чакмани пора-пора бар дӯшам.
На ба мерос дида моли падар,
На аминам, на марди савдогар.
Нашудам ман ба умри худ асло,
Қозии шаҳру муфтии саҳро.
На раису имоми аҳли замон,
На муаззин, ки ош орому нон…

Дар ғазали дигари шоир омадааст:

Фитодагию фақирию ачз шони ман аст,
Кучо, ки нақши қадам дидаӣ нишони ман аст.
Дар ин нашимани ғамзодаи мусибатҷой,
Ба гӯши ҳар кӣ расад нолаву фиғони ман аст.
Агар ба хизмати Исо равам рафт,
Фиғону оҳ дар ин роҳ нардбони ман аст.
Вазифае, ки шабу рӯз мерасад аз ғайб,
Ситора нуқлу маҳу офтоб нони ман аст.
Замин, ки хирмани худ баст, шуд тали гандум,
Фалак яке зи гуломони каҳкашони ман аст.

Ё ки:

…Моҳии беобам аз бедастгоҳӣ дар ҷаҳон,
Аз барои харҷи хона хун дамодам мехӯрам.
Тирабахтӣ бин, ки дар пеши амири зарнисор,
Арзи қашшоқӣ намоям, чӯби маҳкам мехӯрам…

Агарчанде Носеҳи Хатлонӣ барои таъминоти рӯзгори худу аҳли оила ҳам ба кори деҳқонӣ, ҳам ба китобат ва ҳам ба тадрисӣ машғул шудаву бисёрҳо кӯшиш менамояд ва заҳмат мекашад, зиндагиаш беҳ намегардад ва ба қавли худи шоир, чуноне дар як ғазалаш мегӯяд: *«Ба ҳар ҷо меравам, Носеҳ, зи зулмат нестам фориг, Ба ранги соя меояд сияҳбахтӣ ба дунболам».*

Чун дар замони шоир бинобар нобасомониҳои мухталиф ва кӯрдилии зимомдорони давр илму дониш ва адабу фарҳанг қадру қиммати чашмрасу басанда надошт, ҳатто касби китобат ҳам аҳволи рӯзгори шоирро беҳбудӣ бахшида натавонистааст. Носеҳ дар достони «Маҷлисафрӯз», ки саршор аз панду насиҳат аст, дар ин маврид гуфтааст:

…Ҷуз китобат ҳунар надорам ман,
Ҳамчу соя сияҳкорам ман.
Менависам китоб ҳамвора,
Синаам чун қалам шуда пора.
То ба рӯйи дигар варақ гардад,
Дили ман ҳамчу хома шақ гардад.
Ман ба ин меҳнати уфуру ситам,
Пул ба даст оваридаам кам-кам…

Чун худи шоир аз падар молу сарвате ба мерос нагирифтааст, бисёр маҳзунона мегӯяд, ки:

Пас аз маргам ба фарзандон агар мерос мемонад,
Давоти бесиёҳию қаламдонест пуштии ман…

Ё ки:

Ба мулку давлату иқбол кас номам намедонад,
Вале дар олами бетолеӣ бисёр машҳурам…

Ба ҳамин сурат, девони ашъори Носеҳи Хатлонӣ саршор аз шикоятҳо аз рӯзгору рӯзгордорӣ ва бетолеӣ, ноадолатиҳо ва беқадрии илму дониш ва зулмпешагии сарватмандону мансабдорон дар он давру замон мебошад. Бинобар ин, ба гумони мо, муҳаққиқи борикбину нуктасанҷ Амирбек Ҳабибов барҳақ ба хулосае омада, ки «ҳиссаи зиёди ашъорашро шикоятнома гуфтан мумкин аст».[5] Ва мо, дар навбати хеш, бар ин назарем, ки новобаста аз чунин оҳанги шикоятомезро касб намудани қисмате аз ашъори Носеҳ наметавон ӯро пессимист, рӯҳафтодаю маъюс ва шеърҳояшро маъюсона гуфт. Дуруставш ин аст, ки шоир дар мисоли рӯзу рӯзгор ва аҳволи хеш ва қаҳрамони лирикиаш он ҳақиқатеро нишон додааст, ки аксари аҳолӣ ва аз ҷумла аксари олимону адибону ҳунармандони замон бар иллати костагии ҷомеа ва сохти ҷомеа гирифтори он буданд.

Биноан, ин нуктаи басо муҳим мавриди зикр ва таъкид аст, ки гарчанде Носеҳи Хатлонӣ дар зиндагӣ аз тиҳидастӣ бисёрҳо азобу машаққат дидааст, қарздориҳо кашидааст ва аз умри ноосудаи хеш афсӯсҳо хӯрдааст:

Ман зи умри худ наёсудам, дарег!
Кош дар дунё намебудам, дарег!
Чун гузар кардам ба бозори ҷаҳон,
Ҳосилам афсӯс шуд, судам дарег…

ва аммо боз ҳам ба ҳайси як фозили аз меҳнати ҳалол бо обилаи кафи дастон нонхӯранда ва шукргузор боифтихор ва муътақидона мегӯяд:

Носеҳ, аз кори зироат дасти худ кӯтоҳ макун,
Дар ҷаҳон ашроф бошад, ҳар кӣ гардад деҳқон.

Шоир дар бораи мақому мартабаи марди барзгар ва фоидаи меҳнати ҳалол ва умуман дар бораи касбу ҳунаромӯзӣ дар девони ашъор ва достонҳояш, бахусус дар «Маҷлисафрӯз», фикру ақидаҳои пешқадам ва ҷолибу манфиатовар, ки панду ахлоқӣ ва насиҳатианд, баён намудааст. Аз ҷумла, дар достони «Маҷлисафрӯз» Носеҳи Хатлонӣ дар ин маврид чунин меоварад:

…Гуфт деҳқонбачаи некӯсиришт,
Боиси ободии даҳр аст киштт.
Гар набошад тухму заръу киштту об,
Оламе дар як замон гардад хароб!
Деҳқонон ҳар куҷо хирман кунанд,
Халқро таъмир ҷону тан кунанд.

Аслан, ба мисли ӯ бисёре аз шоирони дар замони Носеҳ ва баъдан зиндагию эҷод карда, хоссатан ононе, ки аз касбу кори зироаткорию боғдорӣ рӯзӣ ба даст меовардаанд, марди деҳқонро сано гуфтаанд ва меҳнаташро васф намудаанд. Масалан, Мирзо Қадам, ки аз шоирони пешқадаму сермаҳсул ва соҳибдевони охирҳои асри XIX ва нимаи аввали асри XX буд ва худ деҳқонӣ мекарду боғдорӣ фаррохтар андешаронӣ карда, дар ғазале хеле хуб сароидааст:

Ба номи холиқе ҳамчун бародар ҳар кӣ деҳқон аст,
Дилаш пок аз кудуратҳо, ба рӯяш нури имон аст.
Камоли баҳри тавфиқаш бад-ин олам намегунҷад,
Зи дасти пурҷафои ӯ ҳазорон хайру эҳсон аст.
Ба давлатгоҳи он бигзар ҷу тоби ҳиммататаш бингар,
Ки ин дунёву мофиҳо ба пешаш зарраи дон аст.
Чунон Ҳотамсифат хайраш шабонарӯз мебошад,
Вале чун ном бар Ҳотам ба деҳқон доди чандон аст,
Ҳама шоҳу гадоёнро бидидам бар дару бомаш,
Ҳама шайхону олимҳо дуогӯяндаи он аст.
Ҷу мӯру мӯрчаву малах бо тамоми ҷумла(и) нафсон,
Ҳама пайваста бар деҳқон зи эзид мағфират хон аст.
Ба таҳқиқ ин суханро дон ба дунё номи нек аз нон,
Ба фардо зарраи эмон наҷот аз нори сӯзон аст.
Шунидам ман зи устодам, ки он аз пири худ бишнид,
Ки нуре бар сари деҳқон шабонарӯз ҷӯён аст.
Ба давлатхонаи деҳқон ҳазорон гар шавад меҳмон,
Дилаш гунҷоише дорад, ба ҳар як рӯ хандон аст.
Илоҳо, бар мани мискин бибахшо роҳи деҳқонӣ,
Ки шояд дарбиёбам ман аз он ганҷе ба деҳқон аст.
Қадам дар васфи деҳқонон чӣ лоиқ дур сухан гуфтан,
Ки деҳқонро худо додаст, чандин ганҷ пинҳон аст [6].

Ба андешаи мо, ғазал, балки сурудаи мазкур аз ҷумлаи беҳтаринҳоест, ки ба марди деҳқон бахшида шудааст ва қадру манзалати барзгар дар он васф шудааст.

Аслан шахсе, бахусус сухансарое, ки худ аз табақаи заҳматкашон аст ва ё мардуми меҳнатӣ, ин офарандагони неъматҳои моддиро пуштибонию васф менамояд, наметавонад нисбати онон зулму золимӣ ва ноҳақиҳои ҳокимону амалдорону сарватмандон ва тайёрахӯрии ононро набинад ва нодида бигирад. Баръакс, чунин рафтору кирдори бераҳмонаи ононро аз ҳисоби меҳнати сангину вазнини халқи заҳматкаш зиндагӣ, айшу ишрат ва кайфу сафо кардану давр ронданашонро боҷуръатона зери тозиёнаи танқид мегирад.

Дар ашъори Носеҳи Хатлонӣ, бахусус дар достони «Ҳадиқат-ур-расул», ки савумин достони таълифкардааш мебошад ва бештар масоили панду ахлоқиро фарогир аст, тоифаи ҳаққимардумхӯр ба меҳнат кардан ва ҳалол хӯрдану ҳалол зистан даъват мешавад. Шоир дар хотимаи ин достон таъкид менамояд, ки:

Шукрилиллаҳ хатм кардам ман китоб,
Шуд аён аз ҷайби субҳам офтоб.
Ҳаст мазмуни ҳикоятҳоиш панд,
Муштамил бар вазъҳои дилписанд.
Аксаринаш маъниш Қуръон бувад,
Ки дили афсурдагонро кон бувад.
Сабт дар вай гуфтаи Пайғамбар аст,
Бои огаҳ, к-ин садаф пургавҳар аст.
Маслаки асҳоби шайхони кибор,

Қавлу феъли хусравони рӯзгор…[4]

Яъне, Носеҳи Хатлонӣ дар бештари ҳикоёти ин таснифоти хеш «…ба воситаи нишон додани образҳои «мусбати» подшоҳон ва пайғамбарони гузашта, ки худашон бо меҳнати дасти худ рӯз мегузарониданд» [5] амирону амалдорони замонашро ба меҳнат кардан даъват намудааст. Ба ин маънию мақсад дар «Баёни хилофати Умар разийаллоҳи таъоло анҳу» хеле хуб гуфта шуда:

Чун расидӣ вақти давлат бар Умар,
Баст аз баҳри хилофат ӯ камар.
Ҷамъ гардиданд асҳоби камол,
Ки диҳандаш ачрае аз байтмол.
Ҳар қадар гуфтанд ёрони Расул,
Ки зи байтулмол ачра кун қабул.
Гуфт: «Дорам қуввати касб ин замон,
Нест лоиқ хӯрданам моли касон».
Аз ҳукумат ҳар гаҳе фориг бигашт,
Ҷанда мепӯшиду меомад ба дашт.
Хокро бар фарқ ар мерехтӣ,
То ба вақти зуҳр хиште рехтӣ.
Баъд аз ин рафтӣ амири додгар,
Сӯйи кори хеш то вақти дигар.
То замони реҳлаташ ин буд ҳол,
Касб кардӣ туъмаи аҳлу аёл.
Ҳосил овардӣ ба хона қутро,
Кай назар кардӣ дурру ёқутро.
Эй, ки мегӯйӣ амирам дар ҷаҳон,
Зиндагонӣ боядат кардан чунон.
Пайравӣ хоҳӣ агар ту бо Умар,
Чашм бикшо, сифати ӯро нигар.
Дар аморат мезанӣ лофу газоф,
Мекунӣ афъоли эшонро хилоф [4].

Ончуноне зикр гардид, Носеҳи Хатлонӣ дар эҷоди достон маҳорати хуб доштааст. Ӯ дар давраи фаъолияти эҷодиаш се достони калонҳаҷм, ё худ се маснавии мазмуни панду ахлоқидоштаро таълиф намудааст: «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез» ва «Ҳадиқат-ур-расул». Ва заррае ҷойи шубҳа намонда, ки муаллиф ё худ таълифгари ҳарсеи онҳо Носеҳ аст, чаро ки дар хотимаи «Ҳадиқат-ур-расул», ки пас аз дуи аввалӣ иншо шудааст, овардааст:

Пеш аз ин таснифе кардам ду китоб,
Ки шуда мақбули табъи шайху шоб.
Аввалинро Маҷлисафрӯз аст ном,
Дувумиро Ҳайратангез ихтимом.
Исми ин гашта Ҳадиқат-ур-расул,
Чорбоғаш гуфтаанд аҳли қабул [4].

Ва шоир андаке поинтар бори дигар таъкид мекунад, ки ин достонро низ худи ӯ тасниф намудааст:

Абдурраҳмон ибни Мирзоподшоҳ,
Котиби ин нусха шуд бешитибоҳ.

Ҷойи тазаккур аст, ки дар девони ашъори Носеҳи Хатлонӣ назар ба достонҳояш мавзӯоти иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад ва қисмати калони таълифоташ як навъ хосияти тарҷумаиҳолиро дорост, ки чуноне болотар қайд намудем, аз мазмуну мундариҷаи онҳо аҳволи рӯзгори шоир ва ба чи кору касбҳое шуғл варзиданаш то андозае айён мегардад.

Баръакси ин, дар ҳар се достон шоир асосан сари масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ андешаронӣ намуда, бисёр фикрҳои пешқадам баён кардааст. Дар маҷмӯъ Носеҳ ба сифати як шоири пешқадам ва хуб беҳтарину волотарин хислатҳои ҳамидаи инсониро тарғибу ташвиқ ва ахлоқу хислату кирдорҳои баду зишти ҷомеаи замонашро баҳри беҳбуди ахлоқи ҷомеа ва саодатмандии мардуму диёр мазаммат намудааст. Гузашта аз ин, аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии мавзӯъҳои достонҳои таснифнамудаи шоир ва умуман ашъораш метавонанд имрӯз ва дар оянда ҳам дар кори ислоҳи камбуду норасоиҳои дар ахлоқу маънавиёт ва ҳам иҷтимоиёти ҷомеа ҷойдошта нақши бориз бибозанд.

Носеҳи Хатлонӣ таснифи достони «Маҷлисафрӯз»-ро дар соли 1220 хичрӣ мутобиқ ба соли 1805-1806 милодӣ ба охир расонидааст. Он «нисбатан бар ду достони дигараш бузургтар мебошад. Достон иборат аз 193 варақ буда, дорои 4124 байт аст. Вале аз аввали китоб чанд варақ афтодааст, ки миқдори байтҳои онро муайян кардан мумкин нест. Ин достон ба 33 боб тақсим шуда ва бобҳо дар навбати худ, боз ба фаслҳо ҷудо карда мешавад» [5].

Тавре борҳо ёдрас гаштем, ин асар асосан мавзӯъҳои панду насиҳатиро фарогир мебошад ва шоир бо илтифот тавсия менамояд, ки ҳамагон аз ин чашмаи маънавӣ нӯш ва аз меваҳои ин боғ даҳон ширин кунанд:

…Муштамил бар насоеҳ асту панд,
Нӯш кун шарбати сухан чун қанд.

Достони дигари худ «Ҳайратангез»-ро Носеҳи Хатлонӣ дар соли дигари пас аз хатми таснифи «Маҷлисафрӯз», яъне дар соли 1221/1806-1807 китобат мекунад.

Сана алфу дусадду бисту як буд,
Ки аз таснифи назмаш дил биёсуд.

Модоме шоирро фақат аз таснифи ин асари панду насиҳатӣ дил биёсудааст ва ӯ ин корро бо камоли майлу завқ ба анҷом расонидааст, пас ривоёту ҳикоёти пандуахлоқии бисту панҷ фасли он чи гуна метавонад ба дилҳои хонандагон фараҳ набахшад ва ба роҳи ростину ба корҳои ростин ҳидоят нанамояд? Тибқи маълумоти овардаи А. Ҳабибов «Маҷлисафрӯз» аз 124 варақ иборат буда, дар ҳар варақи он 32 байт ҷой дода шудааст, ки дар маҷмӯъ 3963 байтро ташкил менамояд.

Соли таснифи достони савум ва охирини Носеҳи Хатлонӣ «Ҳадиқат-ур-расул» 1811 мебошад. Ин достон ҳам саросар пандуахлоқӣ буда, хушбахтона, то замони мо чаҳор нусхаи хаттии он ҳифз ва дастраси аҳли илм гардидааст. Нусхаи 1484 АИ Тоҷикистон ва нусхаи 8500 Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯрайҳони Берунии АИ Узбакистонро муҳаққиқон дастхати худи Носеҳи Хатлонӣ меҳисобанд ва корҳои тадқиқотӣ аз рӯйи онҳо сурат гирифтааст.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик муҳаққиқ Амирбек Ҳабибов аввалин олиме буданд, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи ин достон сари кор гирифтанд. Мавсуф нусхаи 8500 АИ Узбакистонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, дар «Ганҷи парешон» овардааст, ки он «дорои 133 варақ буда, дар ҳар варақи он 30 сатр ҷой гирифтааст, ки ҳамагӣ 4 ҳазор байтро ташкил медиҳад. Ғайр аз он ки достони мазкур 4 ҳазор байт дорад, боз шоир онро ба 4 фасл тақсим мекунад. Шояд барои ҳамин ҳам бошад, ки гоҳо онро «чорбоғ» ҳам меномад» [5].

Ду нусхаи дигар аз тарафи котибон бе нишон додани маъхаз нусхабардорӣ шудаанд. Якеи онҳо нусхаи 737 Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон мебошад.

Пеш аз оне ки дар мавриди нусхаи чоруми ин достон ҳарф занем, бояд гуфт: дар соли 2005 «Ҳадиқат-ур-расул»-и Носеҳи Хатлонӣ бо хати сирилик тариқи Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 268 саҳифа бо теъдоди 500 нусха рӯйи чоп омад. Бешак, ин як туҳфаи арзандае гардид барои аҳли илму адаб ва муштоқони каломи бадеъ, хосса адабиёти классики тоҷику форс…

Мураттиб ва шореҳи луғоти ин китоби нодиру пурарзиш Саломи Нуриёни Баравнӣ, дар пешгуфтори китоб ёдрас месозад, ки ин нашри сирилик аз рӯйи нусхае вокеъ гардидааст, ки он моли шахсии ӯ мебошад ва аз падар мерос мондааст. «Падарам-Нуруллоҳбеки Маҳрамбек навваралоҳи марқадуҳу марди китобдӯсте буд. Аз вай ба мо чанд китоб, аз қабили «Девон»-и Хоҷа Ҳофиз, «Девон»-и Ҳаллоқулмаъонӣ Бедил, нусхаи қаламии асари панду насиҳатие бо унвони «Ҳадиқат-ур-расул» ёдгор мондааст. «Ҳадиқат-ур-расул», ки ҳоло дар дасти шумо аст, ҳанӯз дар солҳои донишандӯзӣ нусхаи қаламии он чанд муддат дар дасти банда – Салом Нурийони Баравнӣ буд ва ман ба мутолиаи ин асар машғулиат доштам, вале вақти зиёде, ки сарфи омӯзиши фанҳои расмии донишгоҳи омӯзгорӣ мегардид, имкони ба ин асар чиддан машғул шудан намедод. Ҳодисаҳои солҳои охир, ноороминҳои ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ, ки ба муваққатан ба хонаи бобоӣ баргаштани банда сабаб гардид, маро водор намуд, ки ба омӯзиши «Ҳадиқат-ур-расул» баргардам. Чун ба ин асари тарбиявӣ-ахлоқӣ, аз назари таҳқиқ наздик шудам, дарёфтам, ки китоб метавонад дар баланд бардоштани маърифати хонандагон, дар иморати одобу ахлоқи костаи омма ҳиссагузор бошад, бинобар ин, зарур донистам, ки матни пурраи онро ҳамчун як сарчашмаи нодири мероси миллии тоҷикон ба нашр омода созам» [4].

Бояд зикр намуд, ки Саломи Нуриёни Баравнӣ аз солҳои навадуми садаи гузашта ба ин ҷониб ба омӯзиш, пурраву мураттабсозӣ ва дастраси умум гардонидани «Ҳадиқат-ур-расул»-и Носеҳи Хатлонӣ машғул шуда, як қатор мақолоту таълифоте ба табъ расонидааст, ки мукаммалтаринаш ҳамин чопи сирилики достон мебошад. Мо ният дорем сари ин мавзӯъ ва дар мукаммалсозии достон хизматҳои кардаи Саломи Нуриёни Баравнӣ ва саҳми ӯ, инчунин мазмуну мундариҷа ва мавзӯоти «Ҳадиқат-ур-расул» муфассалтар дар мақолоте дигар суҳбат намоем, чаро ки ҳаҷми ин нигоштаи мо дигар имкони давом додани мавзӯъро намедиҳад.

Носеҳи Хатлонӣ дар «Ҳадиқат-ур-расул» низ чун дар дигар асарҳояш бо нияти саҳмгирӣ дар беҳсозии ахлоқи ҷомеа, тарбияи инсони комили дорои ахлоқи ҳамида, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, садоқату вафодорӣ, некниятӣ, ҳақиқатҷӯйию ҳақпарастӣ, хайркорӣ ва ҳалолхӯрӣ, касбомӯзӣ ва меҳнатдӯстӣ тарбият намудани одамон, хосса насли наврасу ҷавон, дур будан аз кору амалҳои зишту носавоб, золимию баландешӣ, фиребгарӣ, ҳаққимардумхӯрӣ ва мардумозорӣ, ғайбату гапчинию гапбарӣ ва амсоли инҳо ба масоили зиёди маънавию иҷтимоӣ дахл мекунад ва мавқеи инсонро, чи мард бошаду чи зан, дар ташаккулу пешрафти ҳаёти ҷомеа аз муҳимтарин омилҳо меҳисобад ва ташвиқу тарғиб менамояд. Ва чуноне аз таҳаллуси шоириаш пайдошт, панду насиҳат мекунад.

Хулоса, Абдурраҳмонхоҷа бинни Мирзоподшоҳи Хатлонӣ, мутахаллис бо Носеҳи Хатлонӣ, тавре ки аз шиносоӣ бо осораш ва мутолиаи он бармеояд, аз адибони пешқадам, соҳибистеъдод ва сермаҳсулу бомаърифати охирҳои садаи ҳаждаҳум ва аввалҳои садаи нуздаҳум буда, дар достонсароӣ ва таснифи достон маҳорати хуб доштааст.

АДАБИЁТ

1. Икромов И. Зеҳнпораҳо / И. Икромов. – Душанбе, 2007.
2. Ҳабибов А. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ (асри XIX ва ибтидои асри XX) / А. Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1984.
3. Фарҳод Шафиев. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб (нимаи дуюми асри XX) / Ш. Фарҳод. – Душанбе: Шучоиён, 2011.
4. Носеҳи Хатлонӣ. Ҳадиқат-ур-расул; мураттиб ва шореҳи луғот Саломи Нуриёни Баравнӣ / Носеҳи Хатлон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – С. 5, 45 – 46, 247.
5. Ҳабибов А. Ганҷи парешон / А. Ҳабибов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С. 226, 227,224, 232, 247, 229.
6. Мирзо Қадам. Девон. (Мероси адабии шоирони Роғи охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX. ҷилди якум); мураттиб Искандар Икромов // Мирзо Қадам. - Душанбе: Кишоварз, 2009. - С. 95.
7. Ҳабибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон / А. Ҳабибов. - Душанбе: Дониш, 1971.

НОСЕҲИ ХАТЛОНӢ – ШОИРИ ДОСТОНСАРО

Носеҳи Хатлонӣ (1779-1887) дар охирҳои садаи ҳаждаҳум ва аввалҳои садаи нуздаҳум зиндагӣ ва эҷод намуда, аз худ осори зиёде боқӣ гузоштааст. Ӯ яке аз шоирони пешқадам ва сермаҳсули замонаш буда, бо асарҳои таълифнамудааш дар таълиму тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли наврас ва умуман мардуми диёри хеш саҳм гирифтааст.Илова бар ин, саҳми Носеҳи Хатлонӣ дар рушду нумуи адабиёти тоҷик, хусусан қисмати ҷанубӣ Тоҷикистон назаррас мебошад. Тавре ки аз шиносоӣ бо осораш ва мутолиаи он бармеояд, аз адибони пешқадам, соҳибистеъдод ва сермаҳсулу бомаърифати охирҳои садаи ҳаждаҳум ва аввалҳои садаи нӯздаҳум буда, дар достонсароӣ ва таснифи достон маҳорати хуб доштааст.

Калидвожаҳо: Носеҳи Хатлонӣ, рушду нумуи адабиёти тоҷик, адибони пешқадам, достонсароӣ, таснифи достон, таълиму тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли наврас.

НОСЕХ ХАТЛОНИ – СКАЗАТЕЛЬ ДАСТАНОВ

Носех Хатлони (1779-1887) жил и творил в конце 18 и начале 19 веков и оставил огромное поэтическое наследие. Он был одним из передовых и плодотворных поэтов своего времени и внес огромный вклад в дело нравственно-этического воспитания подрастающего поколения. Также неоценим вклад Носеха Хатлони в развитие таджикской литературы, особенно ее южных территорий. Как видно из знакомства с его творческим наследием, он являлся самобытным, плодотворным и передовым литератором конца 18 и начала 19 веков и обладал необычайным мастерством в сочинении составлении дастанов.

Ключевые слова: Носех Хатлони, развитие и процветание таджикской литературы, передовые литераторы, сказитель дастанов, составление дастанов, нравственно-этическое воспитание подрастающего поколения.

NOSEH HATLON – SKAZATEL DASTANS

Noseh Chatlani (1779-1887) lived and worked in the late 18th and early 19th centuries and left a rich poetic legacy. He was one of the most advanced and fruitful poets of his time and made an enormous contribution to the ethical education of the younger generation. Also the invaluable contribution of Nosehe Chatlani to the development of Taiik literature. especiallv in its southern territories. As vou can see from exploring his heritage. he was an original, fruitful and leading writer of the late 18th and early 19th centuries and possessed extraordinary skill in the preparation of composition of the epics.

Kev words: Noseh Chatlani, development and prosperity of the Tajik literature advanced writers, a narrator of dastans, preparation of epics, moral and ethical upbringing of the younger generation.

Сведения об авторе: ***Бури Гулназаров*** – старший преподаватель кафедры таджикской литературы факультета филологии и журналистики Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Телефон: **(+992) 918-68-19-70**

НИГОҲЕ БА «ҒАРБЗАДАГӢ»-И ҶАЛОЛ ОЛИ АҲМАД
(пажӯҳиши фарҳангшиносӣ)

Олимҷон Хоҷамуродов
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҷалол Оли Аҳмад (1923- 1969) аз ҷумлаи он чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангии қарни XX Эрон аст, ки осори бадеӣ, адабӣ ва публитсистиаш василае барои ибрози андешаҳои иҷтимоӣ - сиёсиаш буда, тозагиву арзишмандии онҳо бо зербинои фикрии нависанда робитаи қавӣ доранд [1, 5].

Аз ин рӯ, ба қавли нависанда ва адабиётшинос Ҷамол Мирсодиқӣ «достонҳояшро, ки бифшоранд, усорае аз назариёти сиёсиву иҷтимоӣ ва мазҳабии ӯ берун мезанад» [2, 632]. Аммо дар осори иҷтимоӣ- адабӣ ва таҳқиқотӣ- публитсистиаш афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии хешро хеле бо сароҳату бепарда баён кардааст. Аз ҷумла, дар асари маъруфи таҳқиқӣ- оммавиаш «Ғарбзадагӣ», назариёти интиқодгароёнааш хело хашину босароҳат ироа шудааст. Аз ин ҷост, ки ин асар баъд аз такмилаш чандин бор дар Эрон ва хориҷ аз он ба чоп расида, баҳсҳои фаровонеро ба роҳ андохтааст.

Ба андешаи бародараш Шамс Оли Аҳмад: «Ғарбзадагӣ» ба маънии воқеӣ…доктрини як мутафаккир» буда ва Ҷалол Оли Аҳмад бо ин китобаш «соҳиби як мактаби фикрист» [3, 262].

Албатта, ин назари шахсии як бародар аст. гузашта аз ин, бо вуҷуди он ки пеш аз Ҷалол Оли Аҳмад ба масъалаи таъсири Ғарб ва ғарбпарастӣ дар ҷомеаи Эрон дигарон, ба вижа Козимзода

Эроншаҳр, Шин Партав, аз муосирони нависанда Самади Беҳрангӣ, Алӣ Шариатӣ ва амсоли эшон андешаронӣ кардаанд, аммо Ҷалол Оли Аҳмад нисбат ба онҳо ба ин масъала бархӯрди амиқу ҳамаҷониба намудааст.

Ба эътирофи худи нависанда ӯ таъбири «ғарбзадагӣ»-ро аз ифодоти шифоҳии» устоди фалсафиаш доктор Аҳмад Фардид гирифта[4, 10], аммо беш аз ҳар эронӣ онро маъруф сохтааст.

Ин асар бо тарҳи масъала ва ҳаллу фасли он дар андак муддат маъруфияти зиёде касб кард. Ба қавли Ризо Бароҳанӣ «Ғарбзадагӣ»-и Оли Аҳмад нахустин рисолаи шарқиест, ки вазъи Шарқро дар баробари Ғарб, Ғарби истеъморгар рӯшан мекунад ва шояд нахустин рисолаи эрониест, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ дорои арзиши иҷтимоист» [5, 465].

Воқеан, «Ғарбзадагӣ»-и Оли Аҳмад як рисолаи илмӣ- публитсистии мунҳасир ба фард аст, ки то ба имрӯз матолиби он ҳам дар Эрон ва ҳам хориҷ аз он мавриди таҳқиқу арзёбии ҷомеашиносону мунтақидин қарор гирифтааст [6].

Мутаассифона, ин асар то ба имрӯз барои хонандаи тоҷик ба таври бояду шояд муаррифӣ нагардидааст. Дар ин мақола саъй мешавад то дарунмоя ва мазмуни ғоявии «Ғарбзадагӣ» ҳамчун як асари илмӣ- оммавии дорои аҳамияти адабӣ- фарҳангӣ бо зикри вижагиҳои он таҷзияву таҳлил гардад.

Бояд ёдовар шуд, ки тарҳи аввали ин асар ҳамчун гузорише таҳия гардида буд ва соли 1961 гунаи (варианти) аввали он ба таври ғайрирасмӣ чопу мунташир гардид.

Худи Ҷалол Оли Аҳмад дар «Пешдаромад»-и китобаш дар ин бора чунин ишора мекунад: «тарҳи нахустини он чи дар ин дафтар хоҳед дид, гузорише буд, ки ба «Шӯрои ҳадафи фарҳангии Эрон» дода шуд. Дар ду маҷлис аз ҷаласоти мутааддиди он Шӯро. Чаҳоршанбеи 8 озари 1340 ва чаҳоршанбеи 27 дайи 1340» [4, 9].

Шӯрои мазкур дар назди вазорати фаҳанги вақт, яъне вазорати маориф доир шуда буд, ки донишмандону коршиносони фаррехта бояд масоили мубрами низоми таълиму тарбия ва маорифи кишварро баррасӣ ва барои рафъи он пешниҳодоте ба вазорат ироа медоштанд.

Ин супориши иҷтимоӣ хатти машӣ ва сохтори гузориши Ҷалол Оли Аҳмадро муайян кардааст. Мунтаҳо, андешаи тозаи ин гузориш, ки дар пероиши забони бадеъу бепарда ироа гардида буд, онро аз як санади амалии идорӣ ба як асари таҳқиқотии публитсистӣ табдил медиҳад. Бадеиист, ки дар чунин як қолаб ироа гардидани ин «гузориш» истеъдоду иҳотаи муаллифи он нақши боризе бозидааст. Аз ин рӯ, ба тайиди худи Оли Аҳмад ин гузориш дар маҷмӯаи ҳисоботи аъзои «Шӯрои ҳадафи фарҳангии Эрон», ки дар баҳмани соли 1340 ҳ.ш (феврали 1961) аз тарафи вазорати фарҳанг мунташир шуд, шомил нагардид. Иллати онро нависанда чунин тафсир мекунад: «Ҳанӯз мавқеи он нарасидааст, ки яке аз давоири вазорати фарҳанг битавонад, чунин гузоришеро расман мунташир кунад» [4, 9].

Агарчи гузориши Оли Аҳмад дар он маҷмӯа ҷой дода нашуд, аммо нусхаҳои чопи мошинка шудаи он дар байни рӯшанфикрони кишвар паҳн гардид ва бо ташвиқи дӯстон Ҷалол Оли Аҳмад онро такмилу таҳрир намуда, тавре ки ёдрас шудем дар ҳазор нусха ба чоп расонад.

Вижагии ин рисолаи Ҷалол Оли Аҳмад, қабл аз ҳама, дар дарунмоя ва сабки забони хашин ва бадеӣ он аст, ки ба таври ҳамаҷониба бемории иҷтимоии ҷомеаи Эронро дар ёздаҳ боб ироа ва роҳҳои илоҷи онро аз диду андешаи хеш пешниҳод кардааст.

Ҷалол Оли Аҳмад нисбат ба дигар муҳаққиқон ба масъалаи мазкур даст зада, такяи каломаш бештар рӯйи мақулаи «ғарбзадагӣ» ва таърихчаи пайдоиши ин бемористи. Аз ин рӯ, сабаб ва заминаҳои ғарбишавӣ ва ғарбзадагии ҷомеаи Эронро аз нигоҳи таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба як тартиби муайян ба муоина гирифтааст. Бояд мутаззакир шуд, ки Оли Аҳмад дар ҳаллу фасли ин масъала ба ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷомеашиносии он ба ҷузъиёт нарафта, онро ба мутахассисини соҳа муҳаввал мекунад ва бештар ба накди масоили иҷтимоӣ ва фарҳангии он мепардозад.

Ҷалол Оли Аҳмад масъалаи ғарбзадагиро дар ҷомеаи Эрон ба як офате монанд мекунад, ки гандумро аз дарун мепӯсонад, аммо ҷилдашро нигоҳ медорад. Аз назари нависанда, ин беморӣ ду чеҳра дорад: яке «Ғарб» ва дигаре «ғарбзада».

Аз ин нигоҳ нависанда вобастагии ҷомеаи Эронро аз Ғарб дар ҳамаи соҳоти ҷомеа, қабл аз ҳама, фарҳанги он ба муоина гирифтааст. Бад-ин сабаб, унвони ҳар як боби асар ба тадриҷ ташхиси решаҳои ин «бемористи». Барои мисол, боби аввал «Тарҳи як беморӣ», боби дуюм «Нахустин решаҳои беморӣ», боби сеюм «Сарчашмаҳои аслии сел», боби чаҳорум «Нахустин гадидагиҳо» ва амсоли он, ки ҳар як боб тарафҳои мухталифи «бемории ғарбзадагӣ»-ро шарҳу тафсир мекунад.

Зимнан, тавре ки ёдовар шудем, сайри таърихӣ ва баҳсҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фалсафӣ низ дар асар фаровон ҷой дорад, ки Ҷалол Оли Аҳмад ба иллати ворид набуданаш ба кунҳи ин масоил аз дидгоҳ як нависандаи интиқодгаро ба онҳо наздик шудааст.

Дар боби «Тарҳи як беморӣ» нависанда ҳадафи аслии рисолаашро, ки аз назари мо бобҳои баъдӣ барои исботи ин нуқтаи назар равона шудаанд, чунин иброз медорад:

«Ҳадафи аслии ин дафтар ин аст, ки мо натавонистаем шахсияти «фарҳангӣ-таърихӣ»-и худамонро дар қиболи мошину ҳуҷуми ҷабриаш ҳифз кунем, балки музмаҳил (несту нобуд- О. Х) шудаем. Ҳарф дар ин аст, ки мо натавонистаем мавқеияти санҷидаву ҳисобшудае дар қиболи ин ҳаюлои қуруни ҷадид бигирем. Ҳарф дар ин аст, ки мо то вақте моҳияту асос ва фалсафаи тамаддуни

Ғарбро дар наёфтаем ва танҳо ба сурату ба зоҳир адои Ғарбро дармеоварем. Бо масраф кардани мошинҳоям, дуруст ҳамчун он харем, ки дар пӯсти шер рафт ва дидем, ки чӣ ба рӯзгораш омад» [4, 20].

Ин иқтибоси тӯлонӣ бад-ин сабаб оварда шуд, ки дар он доктринаи асосии нависанда, ифода шудааст. Бобҳои баъдӣ ва мадорику матолибе, ки дар онҳо ҷой дода шудаанд, ҳама ба манзури исботи ин доктрина ва мақулаи «ғарбзадагӣ» равона шудааст.

Қабл аз он ки ба баҳси ғарбзадагӣ бипардозад, нависанда дар ҳамин боб саъй кардааст, ҳудуди ҷуғрофиёии Шарқро аз нигоҳи ғарбиёни истеъморгар мушаххас созад. Аз назари Оли Аҳмад «Ғарб» аз вақте моро, аз савоҳили шарқии Мидитарона (баҳри Миёназамин-О.Х) то Ҳинд, «Шарқ» хонд, ки аз хоби зимистонаи қуруни вустоии худ бархост ва ба ҷустуҷӯи офтобу адвияву абрешум ва дигар матоъҳо…ба Шарқ омад» [4, 21-22].

Албатта, ин таснифбандии Ҷалол Оли Аҳмад доир ба ҳудуди марзии аз Шарқу Ғарб диди хосси ӯст ва аз тақсимбандии Гегель ва дигар муҳаққиқини аврупоӣ тафовут дорад. Сарфи назар аз ин ҳама, ба таври умум, мафҳуми «Шарқ» дар таснифбандии нависанда ба доктринааш ҳамхонӣ дорад.

Зеро, манзури Ҷалол Оли Аҳмад аз Шарқ дар ин баҳсаш, пеш аз ҳама, шарқи исомӣ ва аввалтар аз ҳама Эрон аст. Аз ин нигоҳ, ӯ ба ин ақида аст, ки барои Ғарб тасхири қитъаи Африқо ва то ҳадде Ҳинд, мушкиле ба бор наовард. Зеро «бумиёнаш бар заминаи ҳеҷ суннати шаҳрнишинӣ ё динии густарда қадам намезаданд» [4, 22] ва гузашта аз ин, ҳар қабилае барои худаш худое дошту адабеву забоне ва муҳимтар аз ҳама, парокандаву султапазир буданд. Аммо шарқи Ховари миёна, билкул аз соири кишварҳои Шарқ фарқ мекард. Зеро Ховари миёна бо куллияти исломиаш ва гузашта аз ин, бо фарҳангу тамаддуни бостонии хеш садди асосие барои густариши «тамаддуни урупоӣ, яъне дар муқобили бозорёбии саноеи Ғарб» [4, 24] қарор дошт.

Яке аз силоҳи асосии Ғарб дар тасхири Шарқ барои истеъмору бозорёбӣ, таблиғи масеҳият буд, ки ин аслиҳаи тавоно дар кишварҳои исломӣ коргар набуд. Аз ин рӯ, ба андешаи нависанда, Ғарб дар мавриди Ховари Миёна тадбири дигареро пеш гирифт. Он авваltар аз ҳама, таҳзияи куллияти ислом ва сипас аз роҳи нуфузи фарҳангу технология тасхири Ховари Миёна, аз ҷумла Эрон будааст.

Ҷалол Оли Аҳмад, қабл аз он ки решаҳои ин нуфуз ё ба қавли худаш бемориро арзёбӣ намояд, «ғарбзадагӣ»-ро чунин таъбир мекунад:

«Маҷмӯаи аворизе, ки дар зиндагиву фарҳанг ва тамаддуну равиши андешаи мардумони нуқтае аз олам ҳодис шудааст, бе ҳеҷ суннате ба унвони такягоҳе ва бе ҳеҷ тадовуме дар таърих ва бе ҳеҷ мударриҷи таҳаввули пояндае, балки фақат ба унвони савғоти мошин…»[4, 26].

Тавре ки мулоҳиза шуд, нависанда ривоҷи ин бемории «ғарбзадагӣ»-ро дар ҷомеаи Шарқ, ба вижа Эрон раҳоварди бе решаву пояи «савғотии» асри техника ё ба қавли худаш мошин меҳисобад.

Дар боби дуюм, ки «Нахустин решаҳои беморӣ» ном дорад, Оли Аҳмад иллати «ғарбзадагӣ»-и Эронро дар таърихи кишвар ҷустуҷӯ мекунад. Дар ин боб нависанда сайри таърихии хешро дар таърихи Эрон аз замони бостон то қарни ХХ аз зовияи муносиботи ҷаҳони Ғарб бо ҷаҳони Ислом анҷом медиҳад. Аз ин рӯ, дар консепсияи таърихшиносии Ҷалол Оли Аҳмад Эрон ба ҳайси давлате шинохта мешавад, ки дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш ҳам аз Шарқ ва ҳам аз Ғарб мавриди таҳоҷум қарор гирифта ва дар заминаи ин таъсирпазириҳои мусолиматомез ё иҷборӣ арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии хешро ба миён овардааст.

Ҷалол Оли Аҳмад тамоми таърихи беш аз 2500 солаи Эронро ба ду давра тақсим мекунад, ки дар давраи сонӣ он тағйироти куллие дар мақому мартабаи Эрон ва дигар кишварҳои Ховари Миёна ба амал меояд, ба тафсил аз дидгоҳи хеш ироа медорад.

Аз нигоҳи Ҷалол Оли Аҳмад нахустин бархӯрди Эрон бо Ғарб, ин бархурд бо лашкари Искандари Мақдунист. Ба қавли нависанда: «Ин бархӯрд бо Искандар ва сарбозонаш бархӯрд бо хонабадӯшони зиннишин набуд. Бархӯрде буд, бо моҷарочӯёну сарбозони муздури довталаби шаҳрҳои канораи Мидитарона, ки…дар пайи сарвати асроромези шоҳаншоҳии эронӣ… омада буданд» [4, 34]. Ва таъкид мекунад, ки бар хилофи бодинишинҳои Шимолу Шарқӣ ғарбиён ба ҷойи харобкории шаҳрҳову ободиҳо, шаҳрҳо сохтанд ва «аз масабби (резишгоҳи-О.Х) Нил то масабби Синд тухми чандин Искандарияро ба ҷойи урдугоҳҳои муваққатии хеш пошидаанд, ки дутои онҳо то ба имрӯз сару қомату доман густурда» [4, 34] аст.

Ва таваҷҷуҳи эрониён ба Исломро низ нависанда таваҷҷуҳе ба Ғарб донистааст. Зеро, ба андешаи Ҷалол Оли Аҳмад сарфи назар аз китобсӯзониҳои ҳазрати Умар дар Райю Искандария «Ислом лобаяке будааст, ба даъвате, ки аз се қарн пеш аз баромадани нидои Ислом дар ин дашти Бараҳут салтанатҳо дар даҳони Мониву Маздак ба зарби сурб доғ карда, хафа шуд» [4, 36]. Зеро, таъкиди нависанда: «Ислом худ нидои тозае буд, бар мабнои тақозои шаҳрнишиниҳои восити Фароту Шом, ки ҳар як хаста аз ҷангҳои тавили Эрону Рум…» [4, 36] буданд ва умед доштанд, ки омадани Ислом сулҳи доимиро дар ин манотиқ ба бор хоҳад овард. Исломӣ шудани Эронро Ҷалол Оли Аҳмад ҳамчун навъе аз анвои шарик бо ҷаҳони Ғарб меҳисобад, ки аз дер замоне хоҳиши шинохти халқову кишварҳои ҷадидро ба мақсади баркарории робитаҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ доштааст. Аз ин рӯ, мегӯяд: «Оё ин таваҷҷуҳи мо ба ислом низ худ таваҷҷуҳе ба Ғарб нест?» Ва худ чунин тавзеҳ медиҳад: «Шояд ҳам таваҷҷуҳи мо ба Ғарб аз ин ношӣ мешавад, ки дар ин паҳндашти хушк, мо ҳамеша чашм ба роҳи

абрҳои Мидитарона доштаем. Дуруст аст, ки нур аз Шарқ бархост, аммо абрҳои боронзо барои мо сокинони фалоти Эрон ҳамеша аз Ғарб меомадаанд. Дар ин тавоҷуҳ ба сарманшаи абру обу ободонӣ, мо аз биёбонҳои ҷанубу шимоли шарқӣ низ мегурехтаем. Дуруст, баръакси он чи шимолиҳои урупоиро аз сармову рутубату яхбандони диёри худ ба ҷанубу дарёҳои гарм мекашонад… Ин кашиши дучониба дар саросари торики тамаддуни башарӣ ҳувайдост» [4, 37].

Дар ин доду ситати беш аз ду ҳазорсолае, ки Эрон бо Ғарб доштааст, бо ҳамаи бурду бохтҳои дутарафа, агарчи муомилаи ду дӯстро надошта бошанд ҳам, аммо ҳамчун ду ҳарифи баробарҳуқуқ муносибат доштаанд. Зеро ба қавли нависанда: «Абрешумро додаему нафтро, Ҳиндро маъбар будаем ва Зардушту Меҳрро, дар таркиши ислом то Андалуз сафар кардаем. Дастори ҳиндиву хуросониро ба сари пешвоёни ислом ниҳодаем. Фарраи яздониро ба «ҳола» бадал кардаему даври сурати муқаддасони масеҳиву исломӣ ниҳодаем ва… бисёре бидеҳу бисгонҳои дигар» [4, 40].

Аммо нависанда бо таассуф менигарад, ки дар ин ду-се қарни ахир вазъ билкулл дигаргун шуда ва эҳсоси рақобату баробарӣ фаромӯш ва ба ҷояш эҳсоси дармондагиву убудият нишастааст:

«Акнун аз он ду ҳарифи қадим, чунин ки мебинем, оқибат яке ҷорӯкунандаи майдон аз об даромада аст ва он дигаре соҳиби маъракае аст. Ва чӣ маъракае! «Сипас, нависанда ба худ суол медиҳад: «дар ин ду-се қарни ахир чӣ рух додааст?... то рӯзгор чунин воруна шавад?» [4, 41].

Бобҳои баъдии китоб посух ба ин суол аст. Яъне, нависанда кӯшиш кардааст суқути Шарқ, пеш аз ҳама, Эронро баъд аз қарни XVII, дар сиёсату иқтисоду фарҳанг нишон диҳад.

Аммо дар арзёбии решаҳои ин рукуд Ҷалол Оли Аҳмад қазоваташ яктарафа ва дар ағлаб маврид субъективона аст. Нависанда омилҳои айниву зеҳнии рушди Ғарби сармоядориро дуруст баррасӣ кардааст. Ба ин андешаи солим, ки, пеш аз ҳама, инқилоби техникӣ низоми сармоядориро ҷойгузини низоми феодалӣ сохт ва инқилоби илмӣ, мунҷар ба кашфи роҳҳои бахрӣ гардид. Аммо нависанда ҳангоме ки дар бораи сабабҳои ақибмонӣ ва рукуди Эрону ҷаҳони Шарқ сухан мегӯяд, далоилаш бештар эҳсосотиву ғайримантиқист.

Аз назари Ҷалол Оли Аҳмад сабаби рукуди сесадсолаи Эрон ва вобастагии он аз кишварҳои истеъморгар аз бекифоятии нухбагони рӯҳонии кишвар мебошад, ки мутеи ҳокимони ғаддори вақт гардида буданд. Ин масъаларо нависанда дар боби «Сарчашмаи аслии сел» баррасӣ кардааст.

Нависанда сарчашмаи аслии ақибмондагии Шарқ, бавижа Эронро дар қиёс бо Ғарб ва мутеу ғарбзадагӣ шудани онро аз мазҳабситезӣ ва ташайюъпарастии ҳукумати Сафавӣ, ки бо пуштибонии уламои Ислом амалӣ мешуд, медонад. Аз ҷумла, муътақид аст, ки «дар ин се қарни ахир, аз тарафе дунёи Ғарб дар як инқилоби санъатӣ қаввом омад ва «феодализм» ҷойи худро ба шаҳрнишинӣ дод… ва мо дар ин гӯшаи Шарқ …бар мабнои ташайюъ паноҳ бурдем… ва ҳатто агар қиёме ҳам кардем, ба либоси «ботиниён» -у «нуқтавиён»-у «ҳуруфиён» ва «баҳоиён» даромадем ва ба изои (ба ивази- О.Х) ҳар чӣ мадрасаву озмоишгоҳ, ки дар Ғарб бино ниҳода шуд, мо маҳофили сиррӣ сохтему ба бутуни (аъмоқи - О .Х) ҳафтгонаи рамузу исми аъзам паноҳ бурдем» [4, 43].

Нависанда боз ҳам ҷилавтар меравад ва дар канори шоҳроҳи тараққӣ мондани Эрону ғарбзада шудани ҷомеаи онро аз мубаллиғу хидматгори дарбор шудани уламои аҳли шиъа, ки бо ин роҳ куллияти Исломро аз ҳам пошиданд, медонад. Зеро ба андешаи ӯ «даст кам бо суқути ризоятомези худ… ба таблиғи ташайюъ ба хидмати дарбори Сафавӣ даромаданд, ки ҷаъли ҳадис кунанд» [4, 44]. Аз ҳамон рӯз саркарда мо эрониён, таъкид мекунад Оли Аҳмад, «саворон бар маркаби куллияти Ислом бадал шудем ба ҳофизони қубур (қабрҳо- О.Х) ва резахорони хони мазлумияти шуҳадо» [4, 44].

Таҷзияву таҳлили ҳамаи масоили матраҳшудаи рисола аз маҷоли як мақола хориҷ аст. Аммо ба таври хулоса метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки Ҷалол Оли Аҳмад чӣ гуна ғарбзада шудани ҷомеаи Эрони замони хешро дар ин рисолааш аз дидгоҳи зер арзёбӣ кардааст:

- Ғарбзадагӣ дар қолаби фарҳанг ва равобити иҷтимоӣ;
- Техника(ба қавли ӯ мошин) ва технология;
- Робитаҳои иқтисодии Ғарб бар пояи манфиатҳои истеъморӣ ва империалистӣ;
- Раҳоӣ аз ғарбзадагӣ: бозгашт ба фарҳанги миллӣ ва ба мазҳаб.

Агарчи Ҷалол Оли Аҳмад роҳи раҳоӣ аз ғарбзадагии ҷомеашро дар бозгашт ба суннатҳои миллӣ ва ислом мебинад, аммо дар боби хотимавии рисола таъкид бар он дорад, ки барои расидан ба сӯйи тараққии ҷомеаву рифоҳи мардум побанди Ғарб набошем. «Ҷони деви мошинро дар шиша кунем» ва билохира, онро худамон бисозем ва асири мошин набошем. Зеро «мошин василаасту ҳадаф нест. Ҳадаф фақрро аз байн бурдан асту рифоҳи моддиву маънавиро дар дастраси ҳамаи халқ гузоштан» [4, 117] аст.

Аз ин рӯ, ба андешаи Оли Аҳмад то замоне ки ба улуми ҷадиду технологияи нав ошно нашавем ва сохтани мошинро ёд нагирем, ғарбзада бокӣ мемонем.

Ҷойи тазаккур аст, ки ин назари нависанда то ба имрӯз барои аксари кишварҳои Шарқ, аз ҷумла Тоҷикистони мо низ мисдоқ аст. Чунки барои муқобила бо ҷаҳонишавӣ ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ соҳиб шудан бо илму технологияи муосир хело муҳим аст. Ба таъбири дигар, набояд масрафкунандаи технологияи ҷадид буд, балки мисли Японияву Ҳинд, содиркунандаи он буд.

АДАБИЁТ

1. Хоҷамуродов Олимҷон. Ҷаҳише ба сӯйи ҳаяҷону асабоният / Олимҷон Хоҷамуродов // Адабиёт ва санъат, 2004. 14.05. - №20. (1210).
2. Мирсодиқӣ Ҷамол. Адабиёти достонӣ / Мирсодиқӣ Ҷамол. - Теҳрон. 1366ҳ.ш. - 650 с.
3. Шамс Оли Аҳмад. Аз чашми бародар / Шамс Оли Аҳмад. – Қум: Интишороти «Китоби Саъдӣ», 1369ҳ.ш. - 470 с.
4. Ҷалол Оли Аҳмад. Ғарбзадагӣ / Ҷалол Оли Аҳмад Ҷалол Оли Аҳмад. – Теҳрон, 1390. - Чопи чаҳорум. - 180 с.
5. Ризо Бароҳанӣ. Қиссанависӣ. Чопи дуввум, матни комил / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон: Созмони интишороти Ашрафӣ, 1348ҳ.ш. - 840 с.
6. Бархе аз ин пажӯҳишҳо перомуни «Ғарбзадагӣ»-и Оли Аҳмад дар «Ёдномаи Ҷалол Оли Аҳмад» / ба кӯшиши Алӣ Деҳбошӣ. – Теҳрон: Нашри Шаҳоб,. 1378. - Чопи аввал ҷой дода шудааст. Ҳамчунин нигː Ризо Бароҳанӣ. Қиссанависӣ; Абдулалӣ Дастғайб. Нақди осори Ҷалол Оли Аҳмад / Абдулалӣ Дастғайб. – Теҳрон: Нашри жарф, 1371. - Чопи аввал; Қосим Софӣ. Қаламрави андешаи Ҷалол Оли Аҳмад / Қосим Софӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1363ҳ.ш.; В. Б. Кляшторина. Иран 60-80-х годов. От культурного плюрализма к исламизации духовных ценностей: (Идеология, политика, литература) / В. Б. Кляшторина. - М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1990.
7. Ҳасан Обидинӣ. Сад соли достоннависӣ дар Эрон / Ҳасан Обидинӣ. – Теҳрон, 1366. - Чопи аввал. - Ҷ.1. ҳ.ш. - 345 с.

НИГОҲЕ БА «ҒАРБЗАДАГӢ»-И ҶАЛОЛ ОЛИ АҲМАД
(пажӯҳиши фарҳангшиносӣ)

Дар мақола аввалин маротиба дар эроншиносии тоҷикӣ дар ҷанбаи таҳқиқоти маърифатӣ китоби машҳури нависандаи эронӣ ва публитсист Ҷалол Оли Аҳмад «Ғарбзадагӣ» дида баромада шудааст.

Бо дида баромадани мазмуни ғоявӣ – мавзӯотӣ, услуб ва композитсияи асари илмӣ-публитсистии Ҷалол Оли Аҳмад «Ғарбзадагӣ», муаллифи мақола муносибати нависандаро нисбати ҷаҳони ғарб ва ҷаҳони ислом ошкор месозад. Ана дар ҳамин фалсафаи истеъмолӣ нависанда асоси паҳншавии «ғарбзадагиро» дар ҷомеаи Эрон ва аз даст додани худогоҳии миллиро мебинад.

Калидвожаҳо: Ҷалол Оли Аҳмад, Ғарбзадагӣ, публитсистика, фарҳанг, ислом, худогоҳии миллӣ.

ВЗГЛЯД НА «ЗАПАДНИЧЕСТВО» ДЖАЛАЛА АЛЕ АХМАД
(культурологическое исследование)

В статье впервые в таджикской иранистике в аспекте культурологического исследования, рассматривается самая известная книга иранского писателя и публициста Джалал Але Ахмада «Гарбзадеги (Западничество)».

Рассматривая идейно-тематическое содержание, стилистику и композиции научно-публицистического произведения Джалал Але Ахмада «Гарбзадаги» автор статьи раскрывает отношение писателя с западным миром и миром ислама. Именно в потребительской философии писатель видит основу распространения «западничества» в иранском обществе и потери национального самосознания..

Ключевые слова: Джалал Але Ахмад, Гарбзадаги, западничество, публицистика, культура, ислам, национальное самосознание.

A LOOK AT THE "WESTERNIZATION" JALAL ALE AHMAD
(cultural studies)

In the article for the first time in the Tajik Iranian studies in the aspect of cultural studies, considered the most famous book of the Iranian writer and journalist Jalal Ale Ahmad "Garbzadegi (Westernism)."

Considering the ideological and thematic content, style and composition of the scientific and journalistic works of Jalal Ale Ahmad "Garbzadagi" the author reveals the attitude of the writer with the Western world and the Islamic world. It is in the consumer philosophy of the writer sees the basis of grafting "Westernism" in Iranian society and the loss of national identity.

Key words: Jalal Ale Ahmad, Garbzadagi, Westernism, journalism, culture, Islam and national identity.

Сведения об авторе: ***О. Ходжамуродов*** – доктор филологических наук, профессор кафедры гуманитарных наук и развития личности Технологического институт Таджикистана. Телефон: **(+992) 951-54-42-05; 915-05-46-64**. E-mail: **khojamurod@mail.ru**

ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

М. Р. Исматуллоев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Зарбулмасал ва мақолҳо яке аз жанрҳои оммавии адабиёти шифоҳии халқ, яъне фолклор ба ҳисоб меравад. Ин навъи жанри фолклорӣ ақида, ҷаҳонбинӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, тачрибаҳои ҳаётӣ, заковат ва ахлоқи оммаи васеи мардумро ба таври хеле сода, муъҷаз ва пурмазмуни бадеӣ ифода менамояд. Нависандаи рус М. Горкий дар бораи моҳияти зарбулмасал ва мақол чунин ибрози ақида кардааст: «Дар калимаҳои сода хирадмандии аз ҳама бузург мавҷуд аст. Зарбулмасал ва мақолҳо ҳамеша мухтасаранд. Вале хирад ва ҳиссиёт дар онҳо дар ҳаҷми як олам ҷой дорад» [3, 414].

Аҳамияти истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо чун яке аз воситаҳои пуркуввати тасвир дар адабиёти бадеӣ бағоят бузург аст. Агар онҳо дар мавқеи худ истеъмол шаванд, забони асарҳои нависанда пуробуранг ва таъсирбахш шуда, хусусияти миллии он барчастатар мегардад. Дар эҷодиёти П. Толис зарбулмасал ва мақол фаровон истифода шудааст. Бисёр зарбулмасалу мақолҳо ва ифодаҳои халқӣ бетағйир ба забони асарҳои нависанда дохил шудаанд: «Аввал таом, баъд калом», «Меҳнату роҳат», «Дара задам – девор кафид», «Гӯш ба қимор мондан», «Хар аз лой гузаштан» ва ғайра: «Корро ту куниву гапаш ба ман расад», «Ҳалворо ҳаким хӯраду калтакро ятим» гуфтагӣ барин мешавад» [8, 148].

Маҳсул ва услуби адабии Пӯлод Толис ба талаботи замони зиндагии нависанда то андозае ҷавоб дода метавонад. Фаъолияти эҷодӣ ва адабии ӯ аз омӯзиши эҷодиёти халқ, ҷустуҷӯйи роҳ ва тарзҳои содаю равони ифодаи фикр, воситаҳои таъсирбахши забони халқӣ оғоз ёфтааст.

Дар зарбулмасалу мақолҳо маъниҳои амиқи иҷтимоӣ ифода ёфтаанд. Онҳо мазмунҳои ба ҳадди охирин фишурда, суфтаю сайқалдодашудаи воқеаҳо, хулосаҳои борҳо санҷидашудаи таҷрибаи рӯзгор, мақсади фаъолияти фикрию ҷисмонии одамонро дар бар мегиранд. П. Толис вобаста ба хислат, характер, касбу кор ва мавқеи иҷтимоии персонаж, мутобиқ ба майлу рағбат ва ҷаҳонбинии ғоявии ӯ мақолу масалро интихоб намуда, дар мавқеаш ба кор мебарад. Нависанда, махсусан, дар тасвири марому мақсад, рӯҳия ва психологияи персонажҳои манфӣ аз зарбулмасалҳо моҳирона истифода бурдааст. Инро мо дар мисоли фелетони «Ҳар гулеву як бӯе» дида метавонем, ки ҳатто дар номи асар мақол истифода шудааст.

Дар асарҳои бачагонаи Б. Ортиқов низ мавқеи истифодаи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ хеле калон аст. Муаллиф онҳоро барои ифодаҳои гуногуни маъноӣ дар ҳолатҳои зарурӣ истифода намуда, содагӣ ва равонии забони персонажро таъмин намудааст: «Алифро калтаку б-ро ғалтак», «Хоҳ болоро бод бараду хоҳ поёнро сел», «Ҳамая мону аммая меҳон кун», «Ё шаҳри азим рав, ё кӯҳи баланд», «Ба лаб кулӯҳ молидан» ва ғайра: «Ҳамин ки бегоҳ мешуд, боз ба лабамон кулӯҳ молида, ба қӯшхона даромада меомадем» [6, 88].

Дар ашъори Баҳром Фирӯз ҳам истифодаи зарбулмасалу мақолҳо баръало ҳис мешавад. Нависанда онҳоро аз забони қаҳрамонони худ истифода бурда, барои тақвияти фикри худ кор мефармояд: «Гапро ғоз додан», «Гоҳ аз пир, гоҳ аз мурид», «Ҷоғашон тафсид» ва ғайра: «Кунҷковона ҳар хел савол диҳам ё ба ягон гапашон розӣ нашуда, талош кунам, хафа намешаванд. Агар аз ҳад гузаронам, «Оббо, маҳмадоное! Хайр ҳеҷ гап не, гаҳ аз пир, гаҳ аз мурид-дия», мегӯянд» [2, 358].

Муаллифи китоби «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» М. Фозилов зимни тадқиқ ба хулосае омадааст, ки: «Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ду хел мебошанд: зарбулмасалу мақолҳои даҳонакӣ ва зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ…

Дар даврaҳои аввали ташаккули забони адабии тоҷик унсурҳои забони гуфтугӯйӣ ба забони адабӣ ва адабиёт дохил гардидаанд. Дар ҳамин ҷараён зарбулмасалу мақолҳо низ ба таври фаровон ба асарҳои бадеӣ дохил шудаанд» [10, 3].

Дар ҳақиқат, дар осори шоирони классик мисраъ ва байтҳои зиёде ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати сохту мундариҷа ва қувваи таъсиргузорӣ ба зарбулмасалҳо баробаранд. Гуфтаҳои пурҳикмати бузургони илму адабиёт ҳамчун натиҷаи мушоҳидаи чандинсолаи рӯзгор монанди мақол ва зарбулмасалҳо бо шакли муъҷаз ва маъноҳои бикри фалсафӣ барои сода, мухтасар ва таъсирбахш ифода ёфтани нутқ аҳамияти басо бузург дорад. Нависандагони баъдина, баробари истифода кардани ин гуна дурдонаҳои мероси гузаштагон, дар ҷараёни кори эҷодӣ баъзан худашон низ пандҳо меофаранд, ки аҳамияти махсуси бадеӣ ва услубӣ доранд. Пӯлод Толис дар асарҳояш ҳам аз ин ҳодисаи умумӣ дар канор намондааст:

Ба рӯзи бекасӣ ҷуз сояи ман нест ёри ман,
Вале он ҳам надорад тоқати шабҳои тори ман [8, 134].

Ятимию бекасӣ, оворагию бенавоӣ Қосимҷонро аз як дар ба дари дигар, аз ин деҳа ба деҳаи дигар бурда, ӯро дар зиндагӣ дилшикастаю ноумед сохта буд. Ҳатто ӯ худро дар машаққатҳои зиндагӣ созгор намуда, тоқати ҳар гуна таҳқиру пастиҳоро ба худ раво медид. Ӯ ба Ҳасан маслиҳат медиҳад, ки: «Як мушт хӯрдӣ – хӯрдӣ-дия!» ба тақвияти фикри худ Қосимҷон мақоли халқиро меорад:

Ман-маниҳо пешаи шайтон бувад,
Ҳар кӣ худро кам занад, мард он бувад [8, 136].

Барои аъзои ҷамъият умумӣ ва ягона будани ҳар забони миллӣ дар истеъмоли сухан, баъзе тамоилҳои услубӣ зоҳир намудани забони асарҳои нависандагони ҷудогонаро инкор намесозад. Чунон ки В. В. Виноградов қайд мекунад: «Истеъмоли сухан ва маънои калима як чиз нест, дар он бисёр имкониятҳои маъноии калима ниҳон аст».

Вобаста ба талаботи фикр ва мундариҷаи матн калимаҳо дар асари бадеӣ тобишҳои нав пайдо карда, сермаъно мешаванд, ё баръакс доираи маънояшон маҳдуд мегарданд. Ин ҳодиса, то як андоза, ба захираи дониш, таҷриба ва маҳорати сухандонии нависанда, аз тарафи дигар, ба майли услуб ва тақозои табъи эҷодии ӯ вобаста аст.

Чунончӣ, дар забони асарҳои Пӯлод Толис ба маънои аслӣ кор фармудани калимаҳо ҷолиби диққат аст. Адиб баъзе калимаҳоро аз маънои маҷозӣ ва дигар тобишҳои маъноӣ тоза карда, дар асарҳояш танҳо ба як маънои аслиашон ба кор мебарад: Шуоҳои кӯчи офтоб аз тиреза гузашта, рост ба рӯйи сандалӣ мефаромаданд [7, 43].

Калимаи сандалӣ дар луғати устод Айнӣ дар ду маъно омадааст: 1. курсӣ; 2. чорпояи маълум аст, ки бар болои оташ гузошта, бар рӯяш кӯрпа андохта дар гирдогирдаш нишинанд [1, 333]. Дар «Ғиёсуллуғот» маънои дигари сандалӣ чунин шарҳ ёфтааст: «Навъе аз тахти кӯчак, ки ба ҳиндӣ гавкӣ гӯянд» [4, 13]. Дар асарҳо, аз ҷумла осори бачагонаи нависанда, танҳо ба маънои чорпояи маълум

истифода шудааст. Мисоли дигар: «Маҳмуд… дар хона ботинкаашро кашид, палтояшро ба мех овехт ва ба сандалӣ нишаст» [8, 11].

Чунин тасвир шудани калимаи сандалӣ дар повести «Қиссаи мӯмиё»-и Б. Ортиқов дида мешавад. Нависанда калимаи сандалиро ба маънои чорпояи маълум истифода намудааст: «Вай дар таги пояш сандалича гузошта, баргҳои зиёдатии токро зада мепартофт». Ё мисоли дигар: «Шикастабанд аз болои сандалича поён фуромада, мисли онрӯза каме аз мӯмиё ба даҳан андохт» [6, 258].

Дар осори ба бачагон бахшидаашон ба забони умумихалқӣ ва гуфтугӯйӣ майли бештар доштани нависандагон П. Толис, А. Деҳотӣ, Б. Ортиқов, А. Шукӯҳӣ, М. Шарқӣ ва дигаронро аз истифодаи калимаҳои гап ва ҷиян низ фаҳмидан мумкин аст. Калимаи гап чун сухан, ҳарф, лафз, калом, такаллум, нутқ синонимҳои бисёр дорад. Чи хеле ки забоншинос М. Муҳаммадиев қайд мекунад: «калимаи гап дар забони адабӣ нисбат ба сухан камистеъмол бошад ҳам, дар забони умумии гуфтугӯйӣ аз ҳамаи синонимҳо серистеъмол ва сервазифа мебошад» [5, 194].

Дар ҳақиқат, калимаи гап дар таркибҳои гуногун омада, маъниҳои зиёди аслию маҷозӣ дорад. Дар асарҳои бачагонаи П. Толис, асосан калимаи «гап» истифода шудааст: - Мебинем, - оромона ҷавоб дод Комил, - мебинем, канӣ, гапи кӣ рост мебарояд [7, 309]. Ё худ: - Анвар ба қаиқронӣ усто, - гапи рафиқашро қувват дода гуфт Инъом [7, 344]. Дар мисоли поён бошад, калимаи гап ба маънои маҷозӣ истифода шудааст: - Лекин, аз худат гап наметмонад, пули дар чойхона коркардаашро бояд бигирад [8, 94]. Таркиби аз худат гап наметмонад қатъияти фикри Шокиртарошаро қувват бахшидааст. Калимаи сухан бошад, дар осори бачагонаи нависанда хеле кам, ҳамагӣ як-ду маротиба истифода шудаасту халос: «Боз як-ду сухани хуши тағоям ва панду насиҳати мӯйсафед деҳқонбачаро бовар кунонд» [8, 118].

Дар офаридаҳои Б. Ортиқов калимаи гап ба маъноҳои гуногун омада, барои тақвияти сухани гӯянда хизмат намудаанд: - Ҳамаи гап, ҳамаи нозукӣ дар он аст, ки мӯмиёи соф аз сӯрохӣ, ё дарз не, балки аз худи санги хоро ҷӯшида мебарояд [6, 302]. Ё ки: - Ду-се рӯз ҳеҷ гап не, худам чаронидан мегирам [6, 63].

Дар повести «Об аз кучо меояд?-и А.Шукӯҳӣ низ калимаи гап зиёд омадааст, ки барои тасдиқи фикр ва далелу арқом овардани гуфтаҳои персонажҳо ба кор бурда шудаанд: - Не, амак, мо барои обкушоӣ омадем. Самад дармонд, – ана! – Асад рости гапро гуфта Самадро нишон дод [2, 258]. Зани калонсол ниҳоят ба гап даромад [2, 262]. – Ростӣ, –кӯтоҳ ҷавоб дод, Бурҳони бихӣ. Охир вай агрономи колхоз, бояд гапи ростро гӯяд [2, 267].

Дар осори бачагонаи П. Толис калимаи ҷиян низ хусусиятҳои услубӣ гирифтааст. Муродифи ин калима, чи хеле ки дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» омадааст, додарзода ва хоҳарзода мебошад [9, 752]. Вале нависанда муносибати хешутабории мазкурро танҳо ба воситаи калимаи «ҷиян» ифода кардааст. Зиёда аз ин, калимаи ҷиян дар қиссаи «Тобистон» хеле серистеъмол аст. Тағои Ҳасан – Абдулатиф ин калимаро чун воситаи ҳалимӣ, қавмдӯстӣ ва меҳрубонӣ нисбат ба хоҳарзодааш истифода мекунад: - О ҷиянам, о ҷияни худам, шери тағо! – мегуфт ӯ бо ҳаяҷон мӯйлабашро даст-даст карда. – Кор ана ин хел шудааст, боракалло, қандата зан, ҷиянам, офарин! [8, 158]. Дар ҳақиқат, ин калима танҳо муносибати хешутабориро ифода намекунад ва чи хеле ки аз мисоли боло бармеояд, гувоҳи манфиатпарастии ӯ ва риёкориҳои Абдулатиф низ мебошад. Ифоданокии калимаи ҷиян, махсусан, ҳангоми дар як ҷумла чанд бор такрор шудани он меафзояд. Мисоли дигар: - Ҷиянам, - гуфт ӯ дар охир бо оҳанги нарму дӯстона, вале ҷиддӣ, - ҷиянам, ман ба ту панду насиҳат хондан нестам [8, 113].

Калимаи ҷиян дар ашъори ба бачагон офаридаи дигар нависандагон ба монанди, Б. Ортиқов, А. Деҳотӣ, Б. Умарӣ, А. Шукӯҳӣ, А. Баҳорӣ ва дигарон серистеъмоланд. Масалан, Б.Ортиқов калимаи ҷиянро барои миннатдорӣ ва рӯҳбаланд намудани персонажи хурдсоли худ аз тарафи раиси колхоз кор фармудааст, ки ҳусну таровати матнро дучанд намудааст: - Бале, ҷиян, офарин, - гуфт хурсанд шуда раис, - ман ҳозир ба саҳро рафта истодаам [6, 63].

Ҳамин тариқ, дар забони асарҳои нависандагони бачагон П. Толис, А. Шукӯҳӣ, Б. Ортиқов, Ҳоҷӣ Содиқ, А. Баҳорӣ. А. Шарифӣ, Б. Умар, М. Шарқӣ ва дигарон ибораҳои фразеологӣ, мақолу зарбулмасалҳо ва афоризмҳои адабиёти хаттӣ воситаи муҳимми ифоданокӣ ва образнокии нутқ буда, онҳо барои зиёд кардани қувваи таъсири сухан, пуробуранг баромадани мазмун ва мундаричаи идеявии объекти тасвир роли бағоят муҳим мебозад. Воситаҳои тасвири номбаршуда, дар ифодаи махсусиятҳои забону услуби нависандагон саҳми муносиб мегиранд. Ҳамаи онҳо мувофиқи маъно ва мазмуни худ барои ҳаматарафа воқеӣ ва табиӣ баромадани нутқ хизмат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. С. Айнӣ. Куллиёт. Т. 4 / С. Айнӣ. - Сталинобод: НДТ, 1961. – 352 с.
2. Амонов Р.Тазкираи адабиёти бачагон. Т. 2 / Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 368 с.
3. Горький М. Материалы и исследования / М. Горький. – М.: Советский писатель, 1954. - Т. 1. – 743 с.
4. Ғиёсуллуғот (таҳияи А. Нуров). Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 416 с.
5. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Д.: Маориф, 1993. – 272 с.

6. Ортиқов Б. Повести и рассказы / Б. Ортиқов. – Душанбе: Маориф, 1984. – 399 с.
7. П. Толис. Куллиёт / П. Толис. – Душанбе: Ирфон, 1975. - Т. 1. – 464 с.
8. П. Толис. Куллиёт / П. Толис. – Душанбе: Ирфон, 1976. - Т. 2. – 672 с.
9. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ / Зери таҳрири Д. Саймиддинов, С. Д. Холматова, С. Каримов. - Душанбе, 2006. – 814 с.
10. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. Т. 1. – 368 с.

ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Муҳаққик дар мақолаи худ доир ба яке аз жанрҳои маъмултарини адабиёти шафоҳии тоҷик – зарбулмасал ва мақолҳои насри бачагона маълумот дода, хусусиятҳои тарбиявии онҳоро кушода додааст. Таъсирбахш ва барҷастатар ифода шудани онҳо барои боз ҳам дилчасп шудани нутқи персонажҳо кӯмак мерасонад. Чунин зарбулмасал ва мақолаҳо дар эҷодиёти ба бачаҳо бахшидаи П.Толис, Б.Ортиқов, Ҳочӣ Содик, А. Шукӯҳӣ, А. Шарифӣ, М. Шаркӣ ва дигарон зиёд истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, адабиёти бачагона, мазмун, тарбия.

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ПРОЗЕ

Автор в своей статье даёт информацию об основных жанрах устного народного творчества – пословицах и поговорках в детской прозе и открывает воспитательные особенности данного жанра. Влияние и выдающиеся их особенности помогают для развития речи детей. Такие пословицы и поговорки в детском творчестве использовали П. Толис., Б. Ортиков., Х. Содик., А. Шукухи., А. Шарифи., М. Шарки и другие.

Ключевые слова: пословицы, поговорки, детская литература, содержание, воспитание.

PROVERBS AND SAYINGS IN THE TAJIK CHILDREN PROSE

An author inform us about one of the basic genres of oral people creation – proverbs and sayings in children prose and discloses education process of this peculiarities. The influence of their peculiarities helps for the development of the children speech. This types of proverbs and sayings in the children creation were used by P. Tolis., B. Ortikov., H. Sodiq., A. Shukuhi., A. Sharifi., M. Sharkey and others.

Key words: proverb, proverbs, children's literature, content, education.

Сведения об авторе: ***М. Р. Исматуллоев*** - кандидат филологических наук, дотсент, докторант Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни.Телефон: **(+992) 935-83-53-68**

РӮЗГОР ВА ОСОРИ ФАРИДУН ТАВАЛЛУЛӢ

Ш. С. Тешаева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоири муосири Эрон – Фаридун Туваллулӣ – соли 1920 дар шаҳри Шероз ба дунё омадааст. Волидайни ӯ аз хонаводаҳои асили Шероз буданд. Падараш аз соҳибмансабони девони он замон буд ва хонаводаи ӯ яке аз хонаводаҳои бонуфуз ба шумор мерафт. Фаридун 6 сола буд, ки модарашро аз даст дод ва ба дарди ятимӣ гирифтор гардид. Шояд яке аз авомили муассир дар ҷӯш задани табъи шоирии вай ҳамин воқеаи дарднок дар зиндагии хусусии ӯ буд, ки дар синни 11 – солагӣ ба сурудани шеър оғоз бахшид. Пас аз хатми мактаби миёна ба донишгоҳи Теҳрон дохил гардид ва дар соли 1942 дар риштаи бостоншиносии донишкадаи адабиёти ин донишгоҳ фориғуттаҳсил гардид. Сипас, ба кори бостоншиносӣ рӯй оварда ва то мурдоди 1954 чанд муддат раиси идораи бостоншиносии кишвари Форс буд. Таваллулӣ пас аз августи 1942 вориди фаъолиятҳои сиёсӣ шуд ва ба навиштани мақолоти сиёсӣ дар нашриёти ҳизбӣ пардохт. Вай ин ҷӯшу хурӯши адабиро дар заминаи танз ба кор гирифт. Хоки ишқу адабпарвари Шероз бо табиати муқовиму сарсахти шоир омехта шуд, то яке аз бепарвотарин танзпардозони ин марзу бум чеҳранамоӣ кунад [6].

Муқовимати сарсахтонаи Таваллулӣ дар муқобили қонуни ислоҳи мӯйҳои сар дар дабиристонҳо, ки то ҳадди ихроҷи ӯ аз дабиристон гардид, бебокии вайро аз ҳамон овони ҷавонӣ нишон медод. Вай пас аз итмоми таҳсилоти миёна дар Шероз дар донишкадаи адабиёти донишгоҳи Теҳрон ба фарогирии доништи бостоншиносӣ пардохт ва пас аз итмоми таҳсилот дар вазорати фарҳанг ба кор шуруъ намуд. Ҳамин солҳо буд, ки шоҳкории вай дар заминаи танз ба номи "ат-Тафосил" дар рӯзномаҳои он замон дар шакли пароканда чоп мешуд [5].

Сипас, соли 1946 Фаридун Таваллулӣ бо ҷамъоварии дастнавиштаҳои хеш китоби "ат-Тафосил"-ро нашр намуд, ки шомили 75 қитъаи адабӣ буда, дар шакли мақома навишта шудааст. Насри ин китоб тақлиде буд, танзомез аз "Гулистон"-и Саъдӣ, мақомоти Ҳамидӣ ва тазкираҳои қадимӣ. Мазмуни он ба ғайр аз чанд қитъаи мутоибаомез интиқодоте буд, ки дар натиҷаи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии он замон ба амал омадааст.

Озодии ин навиштаҳо ба ҳадде буд, ки бисёре аз нашриёте, ки ин матолибро чоп мекарданд, баста мешуданд. Аммо озодии солҳои даҳаи бист ба ӯ ин фурсатро фароҳам оварда, то дар муқобили истеъморгарон ва мустабидон муқовимат намояд. Фаридун Таваллулӣ пас аз ин солҳо (1942-1954) дастгир ва зиндонӣ мешавад ва таҳти шиканҷаҳои гуногун қарор мегирад, ки ҳосили ин моҷаро ноумедии шадиди шоир аст. Аммо рӯҳи Фаридун илова бар шикасти сиёсӣ аз паймоншиканиии барҳе аз ёронаш низ дар азоб буда, ин ноумедии маҳзро дар китоби "Нофа" ба риштаи назм мекашад:

Кас надонист, ки дар пардаи ҳар хандаи гарм,
Нолаҳо хуфта туро з-он ҳама андуҳи дароз.
Кас надонист, ки дар зулмати ҳирмону дарег,
Даштаҳо хӯрда туро бар тани табдори ниёз.

Ин ноумедӣ дар канори вазъи бади маишӣ ва ҷисмии вай саранҷом боиси рӯй овардани ӯ ба сӯйи Асадуллои Алам, ки ба раёсати донишгоҳи Шероз расида буд, ба сурудани китобе бо ашъори бисёр сабук ва мубтазал мепардозад, ки шоир дар айни нобоварии хонандаи илм, ки худро ғуломи хонаводаи салтанат мехонад, тахаллуси "*Мири бутон*"-ро мегирад [2].

Билохира, Фаридун Таваллулӣ, ки дӯстонаш ӯро "Ҳазоровои гулистони Шероз" меномиданд, дар соли 1986 ва пас аз таҳаммули солҳои бемории қалбӣ, ки аз кӯдакиаш ба ёдгор монда буд, дар синни 66- солагӣ ҷон ба ҷонофарин супурд ва дар канори муриди риндони олам дар Шероз дафн гардид.

Таваллулӣ бар асари ошноӣ бо Нимо Юшиҷ дар шеър ба шеваи ҷадид гироиш ёфт ва ба яке аз пешравони он табдил ёфт. Таваллулӣ бо забони фаронсавӣ ошноӣ дошт ва ашъоре аз шоирони фаронсазабонро ба форсӣ тарҷума кардааст. Фаридун Таваллулӣ 3 духтар бо номҳои Нимо, Фиребо ва Раҳо дорад. Таваллулӣ ба хотири алоқаи зиёди хеш нисбат ба Нимо номи ӯро бар нахустин духтари худ мегузорад [1].

Шеъри Таваллулӣ дар маҷмӯъ шеъри ошиқона, романтикӣ ва эҳсосотӣ аст. Бо тасвирҳои вожаҳо ва таркибҳои фиребандаи хушоҳанг, ки бо баёни шоиронаи эҳсосоти фардӣ беш аз ҳар чиз аз комӯйиҳои ҷисмонӣ сухан мегӯяд, ки муваффақияти ӯ дар ҳунари шоирӣ ба сабаби ҳамин шеърҳост. Таваллулӣ дар сурудани шеъри ошиқона ба шеваи нав, рӯзгори пешрав ва инчунин назарияпардоз будааст, ки дар ин замина саҳми бузурге дорад.

Фаридун Таваллулӣ баъд аз Нимо Юшиҷ ва дар канори Гулчини Гелонӣ ва доктор Хонларӣ яке аз нахустин пешоҳангони таҳвили шеъри форсӣ дар қарни охир аст. Таърихи шеъри форсии муосирро бидуни мутолиа ва таҳқиқ дар шеъри ӯ ба дурустӣ наметавон навишт. Чандин намуна аз беҳтарин шеърҳои ғаноии муосири Эрон сурудаи Таваллулист [4]. Шеърҳои дафтари "Раҳо" зери унвонҳои: "Марям", "Ишқи рамида", "Маҳтоб", "Сояҳои шаб", "Бостоншинос", "Андӯҳи шомгоҳ", "Ноошнопараст", "Вайронаи умед", "Ҳаваснок", "Нопойдор", "Кӯи мурдагон" ва "Гунаҳкор", ки нахустин маҷмӯаи ашъори ӯст, гузашта аз арзиши таърихие, ки дорад, фарогири чандин намунаи шеъри барҷастаи ними қарни ахири забони форсист. Ҳамчунин, гузидаи ашъори дафтари "Нофа", ки шомили номҳои "Малъун", "Сарнавишт", "Ҳамзод", "Ҳавдачи марг", "Гиловез", "Бунбаст", "Бепаноҳ", "Лобаи иблис", "Кохи гумон", "Палид", "Тобут" ва "Андарзи рӯзгор" мебошад, дувумин маҷмӯаи шеърии Таваллулӣ мебошад. Илова бар ин, Фаридун Таваллулӣ осори назмии зиёдеро бо номи "Пуё" зери унвонҳои: "Ҷавона", "Чун насӯзам", "Пироҳани гулфом", "Азизо", "Гар дилнавозӣ мекунӣ"; китоби "Шигарф" зери унвонҳои: "Кӯҳи дард", "Овози кӯҳҳо", "Тарозуи симин", "Субҳи баҳор", "Зиндагонӣ", "Бомдоди баҳор", "Буҳтони зиндагӣ", "Мастона" ва маҷмӯаи шеърҳои "Бозгашт" таҳти унвонҳои: "Ошнои ғариб", Пуле аз пайвандгоҳ", "Уфрияти хомӯшӣ", "Бахт" ва "Чатри сафед" аз барҷастатарин намунаҳои шеъри Таваллулӣ ҳисобида шудааст. Ғайр аз ин, дар миёни осори назмии ӯ қитъаҳо ва се достон бо номҳои "Лавҳи маҳфуз", "Амният" ва "Колхоз" мушоҳида мегардад [1].

Таваллулӣ аз пешравони шеъри ҷадиди форсӣ ва аз нахустин пайравони сабки Нимо маҳсуб меёбад. Шеъри нав аз нигоҳи Таваллулӣ вижагиҳое дорад. Ӯ вазнро дар шеър мепазирад, вале ақида дорад, ки бояд бо ҳолу аҳволи шеър ҳам оҳанге дошта бошад, яъне вазне, ки шоир бармегузинад, бояд мутаносиб ва созгори ҳолу аҳволи шеър бошад. Ҳамчунин, Таваллулӣ қофияро дур намекунад. Аз сурудани ашъори бевазн мепарҳезад ва риояи қавоиди форсиро воҷиб мешуморад ва навпардозони ростинро ба риояи он тавсия мекунад. Шеъри ӯ шеърест васфи ошиқона бо таркиботи хушоҳанг, аммо маҳдуд. Муваффақтарин шеърҳои ӯ ҳамон аст, ки дар қолаби дубайтиҳои пайваста суруда шудааст [3].

Шеъри Таваллулӣ дар маҷмӯъ шеъри ошиқона, романтикӣ ва эҳсосотӣ аст. Бо тасвирҳои вожаҳо ва таркибҳои фиребандаи хушоҳанг, ки бо баёни шоиронаи эҳсосоти фардӣ беш аз ҳар чиз аз комӯйиҳои ҷисмонӣ сухан мегӯяд, ки муваффақияти ӯ дар ҳунари шоирӣ ба сабаби ҳамин шеърҳост. Таваллулӣ дар сурудани шеъри ошиқона ба шеваи нав, рӯзгори пешрав ва инчунин назарияпардоз будааст, ки дар ин замина саҳми бузурге дорад.

Яке аз хусусиятҳои чашмрасу шигифтангези завқи Таваллулӣ офаридани таркибҳои хушоҳанг ва фасеҳ дар баёни ташбеҳот, истиорот ва тасвиргириҳои нав зуҳур намудааст ва чандон, ки метавон гуфт вай ганҷинаи камолоти забони форсӣ ва вожагони шеъри дариро ғанитар кардааст [6].

Хулоса, Фаридун Таваллулиро аз ҷиҳати муҳтавои ашъори ғиноӣ ва ошиқона бояд бунёдгузори шеъри нави тағаззулӣ хонд. Тасвир дар шеъри ӯ аҳамияти фаровон дорад ва метавон гуфт, ки шеъри Таваллулӣ то андозае шеъри тасвирист. Таваллулӣ забони тавоно дорад ва дар сохтани таъбирҳои шоирона ва офариниши таркиботу корбурди алфоз ва мусиқии калом дар миёни шоирони ҳамзамонаш камназир аст.

АДАБИЁТ

1. Алибобо Чоҳӣ. Ин бонги диловез: Зиндагӣ ва шеъри Фаридун Таваллулӣ / Чоҳӣ Алибобо. – Теҳрон, Чопи саввум, 1380.
2. Мансури Поймард. Рӯзномаи эътимоди миллӣ. Шумораи 138 / Поймард Мансур. – Теҳрон, 1386.
3. Ризо Бароҳанӣ. Тилло дар мис. Интишороти "Зарёб" / Бароҳанӣ Ризо. – Теҳрон, 1380.
4. Фаридун Тавалллулӣ. Шуълаи кабуд. Мунтахаби панҷ дафтари шеър: "Раҳо", "Нофа", "Пӯё", "Шигарф", "Бозгашт" / Тавалллулӣ Фаридун. – Теҳрон, 1376. Чопи аввал
5. Ҳасан Имдод. Тавалллулӣ ва ҳаводиси Форс / Имдод Ҳасан. – Бухоро, соли чаҳорум. - Шумораи 85.
6. Ҳасаналӣ Маҳаммадӣ. Шеъри муосири Эрон. Аз Баҳор то Шаҳриёр. / Маҳаммадӣ Ҳасаналӣ. – Теҳрон, 1389. - Ҷилди 1.

РӮЗГОР ВА ОСОРИ ФАРИДУН ТАВАЛЛУЛӢ

Дар ин мақола дар пояи маводи гирдомада рочеъ ба рӯзгор ва осори яке аз чеҳраҳои шинохтаи шеъри муосири Эрон таҳқиқ ба амал омадааст. Эҷоди таркиботи хушоҳанг ва равон дар баёни ташбеҳот, истиорот ва тасвирот яке аз хусусиятҳои чашмрасу шигифтангези мероси назмӣ ва насрии ин шоири забардаст ба ҳисоб меравад. Метавон гуфт, ки ӯ бо ифодаи чунин сабку услуб дурдонаи камолоти забони форсӣ ва вожагони шеъри дариро ғанитар сохтааст.

Калидвожаҳо: оҳанг, танз, назм, калима, таркиб, каломи манзум, санъат, ашъор, қофия, мадҳ, истиора, мачоз, тасвир.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ФАРИДУНА ТАВАЛЛУЛИ

В данной статье на основе собранного материала исследуется жизнь и творчество одного из известных лиц современной иранской поэзии. Творение благозвучных и изящных аллегорий, метафор и описаний является одним из ярких и изумительных особенностей поэтического и прозаического наследия этого искусного поэта. Можно сказать, что он таким стилем и манерой изложения обогатил сокровищницу слов персидского языка и поэтики дари.

Ключевые слова: мелодия, подшучивание, поэзия, слово, состав, поэтическая речь, искусство, стихи, рифма, восхваление, аллегория, метафора, образ.

LIFE AND WORK OF FARIDUN TAVALLULI

In this article the research is fulfilled based on the collected materials about the life and literary works of one of the outstanding figures of modern Iranian poetry. We can say that, one of the autstanding and amazing features in the poetry and prose works of this eminent poet is the creation of euphonious and eloquent structures on expression of allegories, metaphor and new descriptions, which he has enriched the treasury of Persian vocabularies and poetic terms of dari through this style of composition.

Key words: melody, ribbing, poetry, word, composition, poetic speech, art, poetry, rhyme, glorification, allegory, metaphor, character.

Сведения об авторе: ***Ш. Тешаева*** – соискатель кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 935-27-84-28**

ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ПЕРСИДСКОГО РОМАНА

Акрам Борути

Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ

Для полного понимания особенностей романа, как литературного жанра необходимо обратиться к определению его сущности.

Прежде всего, необходимо отвлечься от характеристики рассказов и повестей. Несмотря на то, что рассказы и повести имеют длительную историю, в настоящее время они олицетворяют некоторые моменты индивидуальной бытовой жизни, и в частности, в исторически далёком времени их содержание было направлено на освещение бытовой жизни в совокупности с религиозной жизнью общества.

В отличие от них, романы олицетворяют и отображают более глобальные моменты и события общественной жизни, и этой своей особенностью они близки к дастанам. Нужно отметить, что жанр романа в иранской литературе довольно недавно образован, а именно: в течение последних четырёх столетий.

«Дастан, является прообразом жанра романа и основным сопутствующим элементом его появления» [9, 22]. «Поэтому писатель в романе отображает взаимоотношения отдельных личностей в общественной жизни в совокупности с происшедшими событиями. Все отображаемые им события носят глобальный характер, которые ранее не затрагивались другими писателями» [10, 76].

С учетом всего вышесказанного можно констатировать, что роману, как литературному жанру, нельзя дать конкретного определения, так как в отличие от других литературных жанров он не имеет четких границ с точки зрения его содержания, структуры и формы. Поэтому «в отличие от других литературных жанров, например - поэзии и драматургии дать определение жанру романа весьма трудно» [9, 23].

Наверно, самое краткое определение роману дал в своей книге под названием «Различные стороны романа» А. М. Фостер: «роман-это то же, что и дастан в прозе, но только в более широком смысле. Необходимо отметить, что его границы должны быть в пределах не менее 50-ти тысяч слов» [9, 23].

Конечно, это определение не полное, так как оно определяет его количественные размеры, не затрагивая его художественных особенностей.

Если руководствоваться этим определением, то многие образцы романов остаются вне пределов границ жанра роман. Иными словами, жанр романа подразумевает приложение усилий писателя к исследованию

различных методов художественного вымысла, основанного на реальной общественной жизни, связанной с определёнными событиями. Эта особенность романа позволяет стереть географические рамки и связывает культуру и традиции различных народов в одно целое.

Жанр кисса и написания её в иранской литературе относят к древним временам, в то время как жанр дастан и романа – это литературные явления нового времени. В прошлом дастаны в основном писались в поэтической форме. До конца XIX века прозаическая литература Ирана в основном была посвящена и отображала исторические события, выражала нравственно-философскую мысль. Конечно, в период правления сафевидов , были и любовные дастаны, которые можно отнести к прообразам персидского жанра романа.

Другим литературным видом до начала XX века можно назвать жанр - сафарнаме (путевой дневник). Авторы этого жанра обычно отображали в своих дневниках рассказы и воспоминания о своих путешествиях в другие страны. Это жанр, с точки зрения своей формы и стиля, стал моделью для последующих литераторов – романистов.

Однако, первым модерновым иранским романом можно считать «Повествование о путешествиях Ибрагимбека» (1896), автором которого является Зейнал Обиддин Марагайи. Роман повествует о судьбе и путешествии в Иран, человека иранской национальности египетского происхождения. Основная цель этого произведения – показать общественно-политическую жизнь Ирана до конституционного периода.

«На пороге конституционного периода появились литературные произведения, которые способствовали росту политической самосознательности и дальнейшему развитию поэзии и прозы в Иране» [3, 71].

С появлением революционно-настроенных представителей общества, ростом их политического самосознания, широкого распространения литературы и прессы, среди населения стали появляться романы, посвященные общественно-политической и культурной жизни иранского народа.

В конце 1904 года страну охватил экономический кризис. Упадок промышленного производства, снижение торгового оборота с Севером, распространение холеры на этих территориях. Война России и Японии и последующая за ней революция стала следствием повышения цен, сокращением таможенных доходов и падение платежеспособности населения. Все это стало причиной того, что были повышены налоги на торговлю. Этот экономический кризис вызвал бурное сопротивление населения, и в результате привел к конституционной революции (1905-1911) [8, 74], но это продолжалось недолго, революция задохнулась, и все чаяния революционеров остались невыполненными.

В этот период, как и прежде, основным романноподобным жанром, к которому прибегали иранские писатели, был дастан. Основной тематикой этих произведений было отображение социально-общественной жизни иранского общества, борьба за справедливость и свободу, утверждение норм законодательства в общественной жизни, внедрение демократических реформ [7, 246].

Революционные события (Машруты 1905-1911) и широкое недовольство общественно-политической и культурной жизнью Ирана при правлении династии Каджаров привело к их свержению и приходу к власти Реза-шаха Пехлеви. Реза-шах стал основателем новой правящей династии. Начиная с этого периода, многие представители литературы в своем творчестве все более широко стали отображать социальную проблематику иранского общества.

Произведение Марогайи не сразу нашло последователей. Наоборот, многие литераторы обратили свои взоры на историческую проблематику, в результате, в этот период появляется много произведений на историческую и любовную тематику. Это явление длится три десятилетия и, в частности, весь период правления Резе-шаха Пехлеви. Этот процесс свидетельствует о том, что в литературном обществе преобладает историческая тематика. С другой стороны, этот процесс показал, что писатели в своем творчестве стали более глубоко отображать патриотические и националистические взгляды и идеи. Этому способствовало и то, что в этот период сильно усилилась деятельность цензурных органов страны. Выбор исторической тематики позволял литераторам без опаски вести свое творчество и посредством своих произведений в той или иной степени критиковать и раскрывать существующие недостатки действующей власти.

С учетом вышесказанного необходимо отметить, что многие писатели старались посредством своего творчества в форме романа более глубоко, основываясь на реальных фактах, раскрыть исторические события. Однако читательская масса Ирана ещё не была подготовлена к восприятию таких романов как новой формы литературного жанра.

Одной из главных целей Реза-шаха была модернизация Ирана. Он и другие представители правящей верхушки Ирана, получившие европейское образование, были уверены в том, что модернизация равносильна европеизации иранского общества. Одним из принципиальных сторон реформаторства Реза-Шаха было внедрение европейской системы образования. Эта реформа предполагала не только внедрение европейской системы образования, но и проведение некоторых других прогрессивных мер, а именно: отмену ношения хиджабов женщинами, замену мужской одежды. Эти преобразования в конечном итоге привели к тому, что всё больше женщин стало участвовать в общественной жизни Ирана.

Это послужило толчком равноправию мужчин и женщин в романах иранских литераторов. Все эти прогрессивные процессы и изменения, произошедшие в иранской литературе, привели к тому, что в Иране на

пороге XX века появились такие литературные произведения нового образца, как творчество Мухаммада Али Джамаль-заде (1922), и десять лет спустя произведения Садека Хидоята и Бузурга Алави.

Творчество Джамаль-заде началось со сборника коротких рассказов «Йеки буд ва йеки набуд». Его произведения стали отличаться от прежней классической иранской литературы восхваляющей и отображающей философско-духовную жизнь. Другим отличием его творчества было внедрение в литературу бытового разговорного языка, что послужило примером использования такого языка другими литераторами в последующем. Несмотря на то, что Джамаль-заде считается основателем нового модернистского направления художественной прозы в Иране, однако творчество Садека Хедаята оказало более сильное влияние на развитие персидской художественной прозы, особенно её малого жанра.

Самой известной повестью С. Хедоята считается «Буфи кур» («Слепая сова»). Данная повесть была написана в период, когда на персидский язык было переведено большое количество западных романов и когда многие иранские студенты получили образование в западноевропейских странах. Поэтому можно считать, что повесть «Буфи кур» написана под влиянием этих настроений. Последующие произведения С. Хедоята состоят из коротких рассказов, где резкой критики подвергается социально-общественная жизнь Ирана того времени. После С. Хедоята новое поколение иранских прозаиков оказалось под влиянием политических событий начала нового десятилетия (1951 г.).

Национализация нефтяной промышленности и снижение влияния иностранцев на эту отрасль, проведенная Мосаддыком, представила его в общественной среде как истинного национального героя.

Однако после его свержения в 1332 (1953) году, с помощью английской разведки и ЦРУ, в стране наступило тяжелое время для ведения литературной деятельности и усиления цензуры привело к пессимистическим взглядам и неверию в будущее молодого поколения иранских литераторов. Это разочарование молодых иранских литераторов, в частности писателей - романистов, которыесвои творческие усилия направили против героев – нигилистов и пессимистов. Вторая группа основным стержнем своего творчества выбрала отображение самых отрицательных сторон в жизни иранского общества в лице беднейших его слоев, тем самым дискредитируят усилия Мухаммад Реза-шаха Пехлеви по модернизации страны.

В период с 1941 г. и доисламской революции в стране появляются крупные писатели - романисты, каждый из которых по мере своих возможностей внес определенную лепту в развитие жанра романа в Иране, в частности, Ахмад Махмуд, Содик Чубак, Гулямхосейн Сайеди, Джалал Али Ахмед, Симин Данешвар, Хушанг Голшари и другие.

С приходом Исламской революции и в результате с произошедших изменений в различных областях общественной жизни Ирана пришло и новое поколение литераторов. В этот период по причине ужесточения условий культурно-общественной жизни, в частности запрещение показа западных фильмов, показа развлекательных программ на телевидении и в сокращении городских развлекательных мероприятий, люди обратились больше к самообразованию.

После революции разразилась ирано-иракская война, в связи, с чем боевые сражения этой войны стали основной тематикой творчества литераторов.

Жанр романа весьма удобен для художественного отображения реальных событий, происходящих в стране. Поэтому иранские литераторы весьма удачно отображали события военных лет в своих произведениях.

Несомненно, что военная тематика - одна из самых удобных для дастаного творчества. И мы знаем много примеров отображения дастаного творчества, посвященных тем или иным войнам, восхвалению героизм, проявлению патриотизма, тем или иным военным победам, а также пораженим и т. д.

Война является двигателем истории, и действительно, история творится в результате вооруженных столкновений, и конечно, придет время, когда войны уйдут в прошлое, так как войны являются «Злом» человечества. Настанет время, когда все разногласия будут решаться мирным путем на основе существующих границ между странами [1, 125].

В период после Исламской революции самые известные рассказы и романы в литературе Ирана напрямую или косвенно посвящены военной тематике.

Наверное, главным достижением романистики в Иране является приход в литературу женщин - литераторов.

Поэтому можно констатировать, что персидский современный роман на протяжении целого столетия был средством отображения мотивов несогласия с существующим положением, критикой социально-общественной жизни, но, несмотря на все трудности в процессе своего постепенного развития, он приобретал черты современного, модернового, социального романа.

Персидский роман – это литературное явление, которое рассматривает различные вопросы и проблемы, в том числе – социально –политические. При этом писатель стремится привлечь внимание читателя к проблемам и порокам общества, порой подсказывая пути их решения. Персидский социальный роман в процессе своего эволюционного развития с самого начала, т.е. с периода Машрута и по сей день, испытывает влияние различных социальных и политических течений. В романических формах периода Машрута

внимание писателей было направлено на создание таких эпических произведений, которые бы завершались пробуждением общественного сознания.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ботул Гостон. Социальный аспект войны / Ботул Гостон; перевод Хушанга Фархуджаста. – Тегеран: Изд-во науки и культуры, 1379. – Т.4. –
2. Дастгейб, Абдолали. Критика сочинений Ахмад Махмуда Муина / Дастгейб Абдолали. – Тегеран, 1378.
3. Дастгейб, Абдолали. Возникновение персидского романа / Дастгейб Абдолали. – Тегеран: Навид Шероз: 1386. – 460 с.
4. Дастгейб, Абдолали. Стурктурный анализ персидского романа. 1-е издание / Дастгейб Абдолали. – Тегеран: Сураи Мехр, 1383. – 512 с.
5. Дервишиян Али Ашраф. Мрачные годы Аспарака / Дервишиян Али Ашраф. – Тегеран, 1370. – 4 т. - 2269 с.
6. Ибадиян Махмуд. Введение в современную персидскую литературу. 1-е издание / Ибадиян Махмуд. – Тегеран: Чашма, 1383.
7. Ибадиян Махмуд. Литературные виды. 1-е издание / Ибадиян Махмуд. – Тегеран: Хавзаи хунар, 1379.
8. Ибрахамиян, Эрванд. Иран между двумя революциями от Конституционной революции до исламской революции / Ибрахамиян Эрванд; перевод Казим Фирузманди, Хосайни Шамс и др. – Тегеран: Нашри марказ, 1377.
9. Фостер А. М. Донишвар Симин, Сувушан / А. М. Фостер. - Тегеран: Хоразми, 1357. – Т.9. – 307 с.
10. Хосайни Хошим. Современная иранская литература сквозь времени / Хосайни Хошим, Ахмад Махмуд [и др]. - Афраз, 1389. – 187 с.

ЗАМИНАИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСИИ ТАШАККУЛИ РОМАНИ ФОРСӢ

Дар мақола баъзе хусусиятхои романи мусосири форсӣ дар асоси таърихи қадим баррасӣ шудааст. Муаллифи мақола ба хулосае меояд, ки дар жанри роман кӯшиши нависанда дар тахқиқи методхои гуногуни тахайюли бофта дар асоси ҳаёти вокеии иҷтимоӣ бо ҳодисахои муайян алоқаманд дар назар дошта мешавад. Ин махсусияти роман имкон медиҳад, ки ҳудудҳои ҷуғрофӣ алоқамандкунандаи фарҳанг. суннатхои гуногуни халкхо. аз байн бардошта шавад.

Калидвожаҳо: роман, махсусият, нависанда, суннат, тахайюлот.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО ПЕРСИДСКОГО РОМАНА

В статье рассматриваются некоторые особенности современного персидского романа на основе давней истории. Автор статьи приходит к выводу, что жанр романа подразумевает приложение усилий писателя к исследованию различных методов художественного вымысла, основанного на реальной общественной жизни, связанной с определёнными событиями. Эта особенность романа позволяет стереть географические рамки и связывает культуру и традиции различных народов в одно целое.

Ключевые слова: роман, особенность, писатель, жанр, традиция, вымысел.

SOME FEATURES OF MODERN PERSIAN NOVEL

The article discusses some of the features of modern Persian novel on the basis of a long-standing history. The author concludes that the novel genre writer implies efforts to study the application of different methods of fiction based on real social life associated with certain events. This novel feature allows you to erase the geographic scope and binds the culture and traditions of different peoples into one.

Key words: affair, feature writer, genre, tradition, fiction.

Сведения об авторе: ***Акрам Борути*** – аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. E-mail: **baroutiakram@yahoo.com**

ОБРАЗИ ПОДШОҲОН ДАР “ЧАҲОР МАҚОЛА”-И НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ

Абдуқодирзода Саидмукаррам
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ масъалаҳои ҳикмати амалӣ мавқеи муҳим дорад. Низомии Арӯзӣ, дар баробари баёни масоили адабӣ ба умури ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ диққати ҷиддӣ додааст. Нақду назарҳои адиб ба масоили мавриди назар, махсусан, дар хилоли ҳикояҳо равшантар ифода ёфтааст. Бо нишон додани мавқеъ ва кирдори табақаҳои хосси ҷомеа, хусусан подшоҳону аркони давлат адиб назари сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқии худро хеле нишонрас баён намудааст. Масъалаи мавриди назар дар назму насри то замони Низомии Арӯзӣ, чун “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус, “Сиёсатнома” - и Низомулмулк, “Насиҳат-ул-мулук”-и Имом Муҳаммад Ғаззолӣ ва дигар осори адабӣ матраҳ шудааст.

Образи подшоҳон дар тамоми ҳикояҳои «Чаҳор мақола» мақоми аввалдарача дорад. Ин бесабаб ҳам нест, зеро ҳадафи аслии Низомии Арӯзӣ хидмат ба подшоҳи валинеъмати хеш Алоуддин Ҳусайни Ғурӣ ба василаи нишон додани бузургию шаҳомати подшоҳии вай мебошад.

Дар тасвири Низомии Арӯзӣ подшоҳӣ дар баландтарин мақом пас аз паямбарӣ қарор дорад. Тибқи ин андеша, дар ҷомеаи инсонӣ мақоми баландтаринро пайғамбарон доро мебошанд. Пас аз пайғамбарон имомон қарор доранд, ки шариат ва суннати пайғамбаронро дар гӯшаву атрофи олам нигоҳ дошта, фармудаҳои пайғамбаронро ба уммат мерасонанд. Вале дар кори эҳёи шариат имом наметавонад, ки ба офоқи Машрику Мағриб ва Шимолу Ҷануб бирасад ва амру наҳйи ӯ ба дуру наздик ва оқилу ҷоҳили олам таъсир дошта бошад. Аз ин сабаб, ба қавли Низомии Арӯзӣ, ноилоҷ имомонро «ноибон боянд, ки ба атрофи олам ин навбат ҳамедоранд ва аз эшон ҳар якеро ин қувват набошад, ки ин ҷумла ба унф (дағалӣ) тақрир кунад, лобуд соисе (сиёсатмадоре) бояд ва қоҳире лозим

ояд. Он соис ва қоҳирро малик хонанд, яъне подшоҳ ва ин ниёбатро подшоҳӣ. Пас подшоҳ ноиби имом аст ва имом ноиби пайғамбар ва пайғамбар ноиби Худои азза ва ҷалла...» [8, 29].

Аз ин хулосаҳои Низомии Арӯзӣ, ки дар муқаддимаи «Чаҳор мақола» ироа гардидаанд, маълум мегардад, ки подшоҳ аз лиҳози мақоми худ дар ҷомеаи инсонӣ пас аз имом ё поёнтар аз мақоми пайғамбарӣ қарор дорад ва «ҳеҷ ҳамле гаронтар аз подшоҳӣ ва ҳеҷ амале қавитар аз мулк нест» [8, 29].

Ҳадафи аслии нависанда дар тасвири образи подшоҳон офаридани симои шоҳи ормонист, ки адолат, раҳму шафқат, ҳиммату ҷавонмардӣ, шуҷоат ва қатъият дар мулкдорӣ, покдинӣ ва тадбирандешӣ, тарки шаҳвату бадахлоқӣ ва амсоли инҳо сифатҳои ҳамидаи ӯро ташкил менамоянд.

Чунин подшоҳи одилу соҳибтадбир ва бо ҳушу рой бояд барои машварат дар корҳо дар хидмати худ чаҳор тоифаи мардумро нигоҳ дошта бошад. Ин тоифа дабирон, шоирон, мунаҷҷимон ва табибон мебошанд, ки подшоҳро хидмати онҳо ногузир аст. Маҳз дар муносибат бо чаҳор тоифаи мазкури мардум симо ва сифатҳои образи подшоҳон кушода мешавад. Аз ҷумла, дар муносибат бо дабири хонадони Сомониён Абулқосим Аскофӣ ва нақши ӯ дар пешравии мамлакатдории Нуҳ ибн Мансури Сомонӣ андешаи мазкур ба тасвиб мерасад. Чунончи дар мақолати аввал, ки ба дабирон ихтисос дода шудааст, нақл мешавад, ки ҳокими Рай ва Кӯҳистон Мокон ном дошту аз зердастони ин хонадон дар аҳди Нуҳ ибн Мансур буд. Ӯ бар зидди хоҷагони худ исён кард ва ба хонадони Сомониён хавфу хатар овард. Барои барҳам задани хавфи Мокон подшоҳ Нуҳ ибн Мансур Тош ном сипаҳсолори худро бо ҳафт ҳазор лашкари савора ба ҷанги ӯ фиристод.

Қабл аз фиристодани лашкар ба ҷанги Мокон амир Нуҳ ибн Мансур дабири хосси худ Аскофиро пинҳонӣ аз дигарон даъват намуда гуфт: «Ман аз ин шуғл азим ҳаросонам, ки Мокон марде далер аст ва бо далерию мардӣ кифоят дорад ва чуд ҳам. Ва аз Даёлама чун ӯ кам афтодааст. Бояд, ки бо Тош мувофиқат кунӣ, ҳар чи дар ин воқеа аз лашкаркашӣ бар вай фурӯ шавад, ту ба ёди ӯ фурӯ диҳӣ. Ва ман ба Нишопур мақом хоҳам кард, то пушти лашкар ба ман гарм гардад ва хасм шикастадил шавад. Бояд, ки ҳар рӯз мусрее тезрафтор бо мулаттафае аз они ту ба ман рсад ва ҳар чи рафта бошад, нукат аз он берун оварда бошӣ ва дар он мулаттафа сабт карда, чунонки тасаллии хотир ояд» [8, 36-37].

Дар суҳбати мазкури шоҳ бо дабир, аввалан, ниёзмандии кори подшоҳӣ ва мулкдорӣ ба дабирон ошкор мегардад. Подшоҳ ба дабири худ чун ба сипоҳсолор арҷ мегузорад ва асрори мулкро ба ӯ бовар менамояд. Подшоҳ ба заковат ва нуктадонии дабири худ барҳақ бовар дошт ва ин заковати Аскофӣ вақте зоҳир мегардад, ки дар ҷанг бо сипоҳи Нуҳ ибни Мансур Мокон кушта ва лашкараш саркӯб мегардад. Сипаҳсолор Тош аз Аскофӣ хоҳиш мекунад, ки бо кӯтоҳтарин вақҳ ба амир Нуҳ номае навишта аз ҳақиқати ҳол ӯро хабардор намояд. Аскофӣ дарҳол қаламу қоғаз гирифта менависад: «Аммо Мокон фасора каисмиҳи вассалом», яъне: Аммо Мокон чун номи худ шуд, яъне мурд. Ва дар ҳамин якчанд калима дабири доно аз ғалабаи лашкари амир Нуҳ ва шикасти комили лашкари ёғии Мокон ва ба қатл расидани худи вай хабар медиҳад.

Яке аз сифатҳои асосии подшоҳон ҳушу фаросат ва ақлу тадбирандешии онҳо мебошад. Подшоҳ ба замми ақлу фаросати баланд ҳиммат ва азми дуруст дошта бошад, зеро ҳоли замона ва раъият ба ақлу фаросат ва тадбирандешии ӯ вобаста аст. Раиятпарварӣ ва раҳму шафқат нисбат ба зердастон аз зумраи фазилатҳои подшоҳи одил мебошад.

Мувофиқи андешаи Низомии Арӯзӣ, тамоми надимони дарбори подшоҳ - табибон, шоирон, мунаҷҷимон ва дабирон, ки ба фаъолияти фикрӣ сару кор доранд, бояд рӯзгори моддии осуда дошта бошанд, вагарна аз рӯйи хотирпарешонӣ дар кори онҳо халалҳо ворид хоҳад шуд.

Дар ҳикояте, ки аз ҷузъиёти фаъолияти яке аз дабирони хилофати Аббосиён нақл мекунад, зикр мешавад, ки ҳангоми аз номи халифаи Бағдод ба волии Миср нома навиштан ногаҳон канизаки дабир даромада изҳор кард, ки «орд намонд». Бо таъсири ин ҳолат дабир чунон шӯридатабъ ва парешонхотир гашт, ки он сиёқати сухан аз даст бидод ва бад-он сифат мунфасил шуд, ки дар нома бинвишт, ки «орд намонд». Чунонки он номаро тамом кард ва пеши халифа фиристод ва аз ин калима, ки навишта буд, ҳеҷ хабар надошт [8, 38]. Халифа аз беробтии таъбири «орд намонд» дар матни нома дар тааҷҷуб афтод, вале чун аз асли ин воқеа огоҳ гардид, амр дод, ки дар таъмини осоиши моддии дабир чораҳо андешанд, то ӯ битавонад бо хотири ҷамъ фаъолият карда тавонад.

Ҷиҳати дигари хислати подшоҳон он аст, ки қабл аз эътимод ва ғамхорӣ намудан дар ҳаққи ходимони дарбори худ онҳоро мавриди омӯзиш ва озмоиши ҳунару истеъдод қарор медиҳанд ва танҳо дар сурати боварӣ ҳосил намудан ба ҳунару истеъдодашон ба онҳо иноятӣ ғамхорӣ менамоянд. Аз ҷумлаи чунин озмоишҳост Яъқуб Исҳоқи Киндии Яҳудиро озмудани халифа Маъмуни Аббосӣ ё Абӯрайҳони Беруниро озмудани Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, табиб Ҷосаликро озмудани Фазл ибн Яҳёи Бармакӣ ва амсоли онҳо.

Дар яке аз ҳикоятҳои марбут ба табибон нақл карда мешавад, ки дар сари синаи вазири Аббосиён Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ беморие барас пайдо шуд. Фазл ибн Яҳё аз ин ҳолат хеле андӯҳгин шуд ва бо надимони худ машварат намуда, ба қароре омад, ки барои муолиҷа Ҳаким Ҷосаликро аз Порс ба Бағдод даъват намояд. Бо ин мақсад ба Шероз кас фиристоданд ва пас аз он ки Ҷосалики

табиб ҳозир шуд, Фазл ибни Яҳё гуфт: «Маро дар пой футуре мебошад, тадбири муолиҷат ҳамебояд кард».

Ҳаким Ҷосалиқ ба ӯ таъкид кард, ки пеш аз муолиҷа бояд аз тамоми маҳсулоти ширӣ ва туршиҳо парҳез намояд, аз ғизо бештар нахӯдоб хӯрад бо гӯшти мокиёни яксола ва ҳалво. Зардии мурғро ба асал ҳамроҳ карда бихӯрад ва танҳо баъди анҷоми ин ғизоҳо табиб ба ӯ даво хоҳад дод.

Вале баръакси фармудаҳои табиб «Фазл бар одат он шаб аз ҳама чизҳо бихӯрд ва зирабои муаққад сохта будаанд, ҳама ба кор дошт. Ва аз қавомиху равосир ҳеҷ эҳтироз накард.

Дигар рӯз Ҷосалиқ биёмаду қорура бихост ва бингарист. Рӯяш барафрӯхту гуфт: «Ман ин муолиҷат натавонам кард. Туро аз туршиҳою лабаниёт наҳӣ кардам, ту зирабой бихӯрдаӣ ва аз комаю анбиҷот парҳез накунӣ, муолиҷат мувофиқ наяфтад» [8, 124].

Пас Фазл ибн Яҳё бар ҳадду ҳазоқати он бузург офарин карду иллати хеш бо ӯ дар миён ниҳоду гуфт: «Туро бар ин муҳим хондам ва ин имтиҳоне буд, ки кардам [8, 124-125].

Ҳамин тавр, истеъдоди дабирону мунаҷҷимон, шоирону табибон мавриди озмоиш ва санҷиши ҷиддӣ қарор мегирад. Дар баробари ин, як ҷиҳати хислату хӯйи подшоҳон ин аст, ки хулоса ва андешаҳои ходимон бояд на аз рӯйи ақлу илми онҳо, балки аз рӯйи хоҳиш ва мувофиқи сиёсати подшоҳ бошад, вагарна аз лутфу марҳамати подшоҳон ҳунарвару донишманд бенасиб хоҳад монд.

Аз ҷумла, дар ҳикояти Султон Маҳмуд ва Берунӣ маъруф аст, ки Берунӣ муаммои дармиёнгузоштаи султонро, ки ӯ аз кадом аз чаҳор дари қаср берун хоҳад рафт, аз ҷиҳати илмӣ дуруст ҳал мекунад. Бори дуюм ҳам Берунӣ аз чунин озмоиш ғолиб меояд, вале ин шоҳро малӯл месозад ва ба ҳабси Берунӣ фармон медиҳад. Берунӣ шаш моҳ дар қалъаи Ғазнин дар ҳабс мемонад.

Вақте ки вазири султон Маҳмуд Хоҷа Ҳасани Маймандӣ дар назди шоҳ аз Берунӣ шафоат карду озодии ӯро хост ва далел оварад, ки «бечора Бӯрайҳон, ки чунон ӯ ҳукм бар он некӯӣ бикард ва бадали хилъату ташриф банду зиндон ёфт». Султон Маҳмуд гуфт: «Хоҷа бидонад, ки ман ин донистаам. Ва мегӯянд, ки ин мардро дар олам назир нест, магар Бӯалии Сино, лекин ҳар ду ҳукмаш бар хилофи раъйи ман буд. Ва подшоҳон чун кӯдаки хурд бошанд, сухан бар вифқи раъйи эшон бояд гуфт, то аз эшон баҳраманд бошанд. Он рӯз, ки он ду ҳукм бикард, агар аз он ду ҳукми ӯ яке хато шудӣ, беҳ афтодӣ ӯро. Фардо бифармой, то ӯро берун оранд ва аспи сохти зар ва чуббаи маликӣ ва дастори қасаб диҳанд ва ҳазор динору ғулому канизаке» [8, 90].

Пас ҳамон рӯз, ки фолгӯй гуфта буд, Бурайҳонро берун оварданд ва ин ташриф бар ин нусхат ба вай расид. Ва султон аз ӯ узр хосту гуфт: «Ё Бӯрайҳон, агар хоҳӣ, ки аз ман бархурдор бошӣ, сухан бар муроди ман гӯй, на бар салтанати илми хеш» [8, 90-92].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки раҳму шафқат ва ғамхорию дастгирии подшоҳ дар ҳаққи раият ва ходимони дарбор то ҳадде ба дараҷаи итоат ва фармонбардории онҳо низ вобаста аст. Дар ҳоли исёни раият ё нофармонии ходимони даргоҳ, аз ҷумла мунаҷҷимон, дабирон, шоирон, табибон, онҳо на мавриди иноятu ғамхорӣ, балки ҷазову уқубат қарор хоҳанд гирифт.

Асоси подшоҳӣ сиёсат ва идораи мулк аст. Аз ин ҷо подшоҳ бояд соҳиби иродаи қавӣ ва дар азму қарори худ қатъӣ бошад, манфиати кишвар ва раиятро бар манфиатҳои шахсӣ ва хонаводагӣ афзал шуморад. Подшоҳ бояд ҳамеша бар ҳавасҳои ҷисмонӣ ва шаҳвонии худ ғолиб омада тавонад. Ҳангоми иқдом намудан ба коре ба ақлу фаросати худ ва аҳкоми шаръ такя намояд. Чунин ҳолатҳои фурӯ нишондани подшоҳон хашму ғазаби худро дар ҳикояти шашум аз мақолаи аввал, марбут ба халифаи Бағдод Маъмун ва дар ҳикояти марбут ба қиссаи ишқи Маҳмуд бо Аёз дар мақолати дуюм тасвир гардидааст. Дар ҳикояти марбут ба зулфи Аёз оварда мешавад, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ марде диндору тақводор буд, вале ба ишқи Аёз алоқае сахт дошт, ҳарчанд ки дар ин ишқ аз маҳдудаи шаръ қадам берун намениҳод.

«Шабе дар маҷлиси ишрат, баъд аз он ки шароб дар ӯ амал намуд, ба зулфи Аёз нигарист, анбаре дид бар рӯйи моҳ ғалтон, сунбуле дид бар чеҳраи офтоб печон: ҳалқа-ҳалқа чун зирех, банд-банд чун занҷир. Дар ҳар ҳалқае ҳазор дил, дар ҳар банде сад ҳазор ҷон. Ишқ инони хештандорӣ аз дасти сабри ӯ бирабуд ва ошиқвор дар худ кашид. Муҳтасиби оманно ва саддақно сар аз гиребони шаръ бароварду дар баробари султон Яминуддавла биистоду гуфт: «Ҳон Маҳмуд, ишқро бо фисқ маёмезу ҳақро бо ботил мамзуҷ макун, ки бад-ин зиллат вилояти ишқ бар ту бишӯрад ва чун падари хеш аз биҳишти ишқ биафтию ба анои дунёи фисқ дармонӣ» [8, 61].

Чунонки маълум мегардад, ишқи султон Маҳмуд ба Аёз чун ишқи рӯҳонӣ таъбир шуда, на ишқи ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ. Ин маънӣ дар навбати худ таъкид менамояд, ки подшоҳ бояд ба шаҳват ва ҳавасҳои нафсонӣ дода нашавад ва бештар ба аҳволи мулку раъият пардозад. Дар хештандорӣ ва тарки шаҳвату ҳавои нафс ба подшоҳ диндорӣ ва парҳезгорӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, подшоҳ бояд бо хислати покдинӣ ва парҳезгорӣ низ ороста бошад.

Дар маҷмӯъ, зимни тасвири симои подшоҳон дар ҳикояҳои чаҳор мақолати асари худ Низомии Арӯзӣ саъй намудааст образи подшоҳи ормониеро тачассум намояд, ки бо сифатҳои раҳму шафқат, инсофу адолат, ҳиммату ҷавонмардӣ, қатъият ва устуворӣ дар сиёсати мулкдорӣ, ақлу фаросат ва тадбирандешӣ, покдинӣ ва парҳезгорӣ, далериву шуҷоат, дурӣ аз шаҳвату бадахлоқӣ ва амсоли онҳо

ороста бошад. Чунин шоҳи ормонӣ танҳо хоҳиши Низомии Арӯзӣ нест, балки орзуи тамоми адибони асрҳои миёна ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Абулмаолӣ Насруллоҳи Муншӣ. Калила ва Димна / Абулмаолӣ Насруллоҳи Муншӣ: бо интиқодоти устод Сайид Муҳаммади Қазвинӣ. - Теҳрон, 1377 ҳ. - 538 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 1. / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе, 1964. - 478 с.
3. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV / Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе, 1999. -1008 с.
4. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди дувум. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози қарни ҳафтум / Забеҳуллоҳи Сафо. - Теҳрон, 1378 ҳ. - 1128 с.
5. Кайковус Унсурулмаолӣ. Қобуснома / Кайковус Унсурулмаолӣ. – Душанбе, 1979.
6. Манижа Раҳимзода (Мусулмонқулова). Симои шахсиятҳо дар «Асрор-ут-тавҳид» / Манижа Раҳимзода. – Душанбе, 2004. – 80 с.
7. Муҳаммад Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук / Муҳаммад Ғаззолӣ; таҳияи Назруллои Назар. – Душанбе, 1993. – 142 с.
8. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола ва таъличот бар асоси нусхаи аллома Муҳаммади Қазвинӣ / Низомии Арӯзии Самарқандӣ; бо тасҳеҳи мучаддад ва шарҳи луғату иборот ва тавзеҳи нукоти адабӣ ба эҳтимоми Муҳаммад Муин. – Теҳрон, 1388 ҳ. – 736 с.
9. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н. Салимов. - Хуҷанд, 2002. - 396 с.

ОБРАЗИ ПОДШОҲОН ДАР “ЧАҲОР МАҚОЛА”-И НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ

Дар “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар баробари баёни масоили адабӣ ба умури ахлоқию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ диққати ҷиддӣ додааст. Бо нишон додани мавқеъ ва кирдори табақаҳои хосси ҷомеа, хусусан подшоҳону аркони давлат адиб назари сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқии худро хеле нишонрас баён намудааст. Образи подшоҳон дар тамоми ҳикояҳои «Чаҳор мақола» мақоми аввалдарача дорад.

Калидвожаҳо: Низомии Арӯзии Самарқандӣ, шоири дарборӣ, “Чаҳор мақола”, образи подшоҳон, бузургию шаҳомати подшоҳӣ, тасвири симои подшоҳон.

ОБРАЗ ЦАРЕЙ В "СОБРАНИИ РЕДКОСТЕЙ" ИЛИ "ЧЕТЫРЕ БЕСЕДЫ" НИЗАМИ АРУЗИ САМАРКАНДИ

Трактат Низами Арузи Самарканди в общих чертах характеризует состояние придворной литературы. Центральным героем во всех рассказах является царь. Он центральная фигура всех рассказов. По мнению Основной целью автора является изображение идеального царя. Царь, конечно, заботится о благе всех этих людей. В целом, царь в изображении Низами - личность властная, но справедливая и благородная.

Ключевые слова: Низами Арузи Самарканди, придворный поэт, «Четыре беседы», образ царей, величие царей, изображение образа царей.

THE WAY OF KINGS IN "COLLECTION OF CURIOSITIES" OR "FOUR DISCOURSES" OF NIZAMI SAMAROANDI AROSE

Treatise Arose Nizami samarqandi an overview of the status of courtlv literature. The Central character in all the stories is the king. He is the Central figure of all stories. According to the Main purpose of the author is the image of an ideal king. The king, of course, cares about the welfare of these people. In General. the king in the image of Nizami - the identitv of the imperious but fair and noble.

Key words: Arusi Nizami samarqandi, the court poet, "Four interviews", the way of kings the greatness of kings, the image of the image of the kings

Сведения об авторе: ***Абдукодирзода Саидмукаррам*** – доцент кафедры международных отношений Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 988-31-50-50**

ПОЭЗИЯ И ПОЭТИЧЕСКОЕ ИСКУССТВО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУСУЛЬМАНСКИХ БОГОСЛОВОВ

И. Давлатов
Таджикский национальный университет

Поэзия, как и любое другое высокое искусство, безусловно является неким божественным даром, которым Господь наделяет своих особых им же избранных рабов. Под этим божественным даром в данном случае имеется в виду истинная поэзия, сотворенная в согласии с божественными законами, и никакая иная. По справедливому утверждению Мухаммадали Аджами «поэзия является шестым чуством, которым Бог удостаивает не каждого» [1, 3]. Именно поэтому человек не может знать и объяснить душевные и психологические состояния и условия, при которых создается поэзия. Однако эти состояния и условия сопровождают человека на протяжении всей его жизни от начала и до конца, делая его связь с поэзией неразрывной. Даже правители и государственные деятели во все времена прибегали к помощи поэзии и использовали её духовную мощь в укреплении своей власти и реализации своей политики, в силу чего поэзия нередко отходила от своей столбовой дороги и не всегда выполняла возложенную на неё миссию. Может быть, именно это и послужило причиной того, что иногда люди цивилизованные и истинно верущие разочаровывались в поэзии и поэтах и сторонились их. Один из крупнейших деятелей и реформаторов XX

века Аллама Абулхасан Али Надви по этому поводу писал: «До тех пор, пока сердце не отягощено болью и не обрело непоколебимой веры в истины шариата, образование и воспитание не могут занять в душе подобающие и доподлинно предназначенные им места. Поэтому цели образования и воспитания могут быть как весьма благотворными, так и вредоносными, ибо они обладают как созидательной, так и разрушительной силой. Поэтому необходимо правильно оценить и распорядиться потенциалом поэзии и прозы, чтобы употребить его не на разрушение, подавление здравомыслия, поиск наслаждений и удовлетворение низменных инстинктов, а на дела благородные и праведные, на исправление и устранение пороков души» [14, 242].

Поэтическое искусство есть одна из сфер человеческого бытия, имеющая свои специфические особенности. Природа человека создана Всевышним таким образом, что всякого рода тонкие искусства благоприятно воздействуют на него, внушая ему удовольствие и наслаждение. Люди, даже не обладающие художественным вкусом, испытывают влечение к этим искусствам, к каковым относятся поэзия, зодчество, живопись и т.п. Священный ислам, являющийся последней и замыкающей небесной религией, и в этой области выработал свои мудрые законы, согласно которым искусство, функционирующее в рамках шариата, не является запретным, напротив, оно дозволено и одобряемо. Сущность отношения ислама к искусствам, в особенности к поэтическому искусству, подробно изложена в трудах средневековых мусульманских ученых – теологов и философов, в частности, в фундаментальном сочинении Абухамида ал-Газзали «Возрождение наук о вере» («Ихйа улум ад–дин»). В наше время детальная разработка вопроса отношения исламского вероучения к искусствам дана в работе выдающегося современного богослова Юсуфа ал-Карзави «ал-Ислам ва-л-фан» («Ислам и искусство»).

Достаточно подробно данная тема на основе коранической суры «Поэты» разбирается в статье профессора марокканского литературного института в г. Уджда Мухаммада Икбала аль-Арауи называющейся «Искусство и красота с позиции исламской цивилизации» [2].

В настоящей статье мы также хотели бы остановиться на основных положениях темы взаимоотношения ислама и искусства, опираясь на священный Коран, пророческие хадисы и воззрения древних теоретиков литературы и мусульманскых богословов. Задача её состоит, во-первых,в необходимости опровержения утверждений представителей целого ряда новоявленных течений, заявляющих от имени ислама о том, что ислам якобы отрицательно относится ко всем искусствам и всецело отвергает всякое из них. Во-вторых, в статье предпринята попытка ознакомить современных литераторов, как прозаиков, так и поэтов, живущих в постсоветских восточных республиках, и знавших, главным образом, только метод социалистического реализма, с другой точкой зрения, с тем, как оценивали поэзию и её художественные ценности их древние предки и предшественники.

Во избежание удлинения настоящей работы в ней не приведены высказывания богословов, основывающиеся на сурах Корана и пророческих преданиях. Но прежде чем приступить к рассмотрению темы исследования, хотелось бы вкратце ознакомить читателей с лексическим и терминологическим значением понятий «ши'р» (поэзия), «њунари ши'р» («поэтическое искусство»), «ша'ир» («поэт»), зафиксированных в известных энциклопедических изданиях и словарях.

1. В «Словаре таджикского языка написано: «Поэзия есть речь ритмическая, красноречивая и художественная, обладающая размером и рифмой». «Поэтом» же называется «лицо, способное слагать стихи, перелагать в стихи художественное слово и вводить прозаическую речь в особую систему изложения» [19, 2, 581-595].

2. В «Энциклопедии таджикской литературы и искусства» дано следующее определение поэзии: «Ши'р (поэзия) есть арабское слово, означающее «осознание», «ведание», «знание», «чувствование» и представят собой речь ритмическую и рифмованную. Поэзия является одним из двух основных жанров литературы, отличающихся по своей структуре и строю художественной речи от прозы» [23, 3, 367].

3. В словарях «Гияс ал-лугат» и «Фарханги Амид» значение «поэзии» излагается почти так же, как и в «Энциклопедии таджикской литературы и искусства», за тем исключением, что лексическое значение слова «ша'ир» («поэт») обьясняется весьма кратко: «Поэтом называют индивидуум, знающий и слагающий стихи» [7, 1, 451; 3, 2, 1520].

4. В известном словаре «ал-Мунджид» слово «ши'р» истолковывается как «стих», «песня», а от него образуется множественное число в форме «аш'ар». Слово «шаи'р» дается здесь в том же значении, что и в словаре «Гияс ал-лугат» [6, 1, 856].

Ба сифати шоҳид нахуст аз мероси нависандаи маъруф устод Шодравон Ф. Муҳаммадиев пораеро нақл мекунем. Миёни осори нависандаи мазкур романи «Палатаи кунҷакӣ» мавқеи ҷудогона дорад. Нақди тоҷик дар замонаш ба ин шоҳасар баҳои сазовор дода буд. Дар ин роман яке аз дарунмояҳои муҳимму қобили тааммул издивоҷи маҷбурист, ки махсусан дар ҷомеаҳои шарқӣ решаҳои бас амиқ дорад.

Дар ин амри нохушоянд, ки шояд дар ҷомеаҳои дигар низ намунаҳо дошта бошад, ҷониби мазлуб зан қарор мегирад. Зеро ӯ ҳуқуқи эътироз кардан, баёни матлаб намудан надорад. Он чи аз ӯ тақозо мешавад, бидуни қайду шарт пазируфтани фармони волидайн, махсусан падару бародар аст.

Аз сӯйи дигар, дар чунин ҷомеаҳое метавонанд дучори чунин саҳнаи мазлумона гарданд. Ҷойи басо таассуф аст, ки ҳарчанд аз ҳазораи сеюми таърихи инсоният беш аз як даҳа мегузарад, вале ин расми дерсолу сахтҷони ҷомеаи шарқии мо то ба ҳол зинда аст ва дар бархе аз манотиқи кишвар ҳузури ниҳоят пурранг дорад. Издивоҷи маҷбурӣ: амале, ки зимни он озодиҳои фардии бозигарони ин саҳна комилан пушти по зада мешаванд. Хоҳиш, ният, андеша, эҳсосу авотифи ҷонибҳо барои фармоишгарони ин амри иҷборӣ ҳеҷ аҳамияте надорад. Такяи онҳо бар суннату анъанаҳои муравваҷ аст. Яъне, пешгузаштагони мо чунин одате доштанд ва мо низ бояд онро риоят кунем. Ин амал чи паёмадҳое хоҳад дошт, барои ҳидоятгарон ҳеҷ арзише надорад. Иброҳим яке аз шахсиятҳои муҳимми «Палатаи кунҷакӣ» маҳз бо ҳамин тариқ аз рӯйи расму ойин хонавода бунёд мекунад, вале… «Ҳазорон сол аҷдодаш ба ҳамин ойин хонадор шуда, рӯз гузаронидаанд. Ҳеҷ кадоми онҳо аз бадбахтӣ ғуссамарг нашудааст. Иброҳим ба дастури қадим хонадор шуд ва расо пас аз як сол аз зани никоҳияш ҷудо шуд» [3, 25].

Тааҷҷуб ин аст, ки дар аксар маворид дастандаркорони чунин аъмоле намояндагони қутбҳои мухталифанд. Яъне, яке комилан побанди расму ойинҳои марсум аст ва адами муроот аз онҳо барояш амрест дарку тасаввур ношуданӣ. Тарафи дигар, ҳарчанд зеҳни равшану ҷаҳонбинии пешрафта дорад, вале ба иҷрои амре дастур медиҳад, ки нораво буданаш барояш собит аст. Воқеан пайравӣ, бастагӣ ба бархе аз ойинҳои қадим, ки бесуд ва гоҳо зиёноваранд, дар қиболи таҳаввулоти замонӣ муқовимати шадид доранд ва аз зеҳн поккорӣ намудани онҳо ниҳоят мушкил аст: «Агар маҳсули боқимондаҳои урфу одати феодалӣ ин ҳолро ба эътибор бигиранд, яъне ба назар бигиранд, ки модари «қафомонда» ва бародари пешқадамаш забон як карда ӯро маҷбурӣ ба хеши худашон хонадор карданд ва сабабгори носозии оилавиашон гардиданд» [3, 114].

Таслиму фармонбардори расмҳои пешин будани бархе аз мардум қаҳрамони достонро дар шигифт меорад. Мехоҳад иллати ин побандии атрофиёну наздиконро бидонад. Талош меварзад дарк намояд, ки замоне инсонҳо чунин таслиме мегиранду, наздиконро барои издивоҷи зӯракӣ маҷбур месозанд, далелашон чист? Чи чизе эшонро бимзада мекунад? Чаро наметавонанд аз чаҳорчӯби дерсол қадаме фаротар гузоранд. Ба ин андешаи ботинии қаҳрамони «Палатаи кунҷакӣ» таваҷҷуҳ кунем: «Бародар талаб мекунад, ки дарди дилашро гуфта диҳад. Чиро гӯяд? Чи тавр гирифтори ишқи Хиромон шуданашро. Магар ҳамин бародараш набуд, ки бахсу мунозираи бутун-бутун ташкилотҳо, маҳаллаҳо, гурӯҳ-гурӯҳ одамонро ба осонӣ ҳал карда метавонисту носозиеро, ки дар оилаи додараш буд, ба ҷойи бартараф кардан мураккабтар менамуд. Магар ҳамин марди хирадманд, ҳамин ходими маъруфу машҳури идораи корҳои дохилии республика рафиқ Ҳамроҳ Олимӣ набуд, ки бо заҳмати модари парешон аз як гиребон сар бароварда Иброҳимҷонро зӯран ба хеши худашон хонадор карданд? Ҳар боре ки Иброҳимҷон баҳонае ёфта тӯйро ба таъхир андохтанӣ мешуд, сахт карда мегуфт:

-Бас, шаш-ҳафт сол интизор шудем, ки арӯс меёбӣ, натавонистӣ шер. Акнун шер ба гапи модар гӯш кун.

«Ба гапи модар гӯш кун» мегуфту гапи худашро мегузаронд. Барои он ки Иброҳимҷон ба зани ёфта додаатон зиндагӣ намекунам, бародараш қариб ҳар рӯз ӯро аз ҳаллочӣ мегузаронид» [3, 87].

Издивоҷи маҷбурӣ, ки перомунаш баҳс шуд, зимнан ба яке аз ҳодтарин масъалаи дигар, никоҳи хешовандӣ пайванд мехӯрад, ки намунааш дар мисоли болоӣ омадааст. Номуносиб, нораво, хатарнок будани чунин никоҳе кайҳост, ки аз ҷониби муҳаққиқон исбот гардидааст. Шояд никоҳи хешовандӣ, гоҳо маҷбурӣ набошад, вале бехабарӣ, бемаърифатии аксар боис мегардад, ки гурӯҳе ба гирдоби бадтарин пайёмадҳои чунин никоҳе биафтанд. Дар пораи мазкур ҳарчанд аз ҷониби ровӣ матлаби равшане перомуни он зикр намуда, вале худи ибораи «ба хеши худашон» тааммулбарангез аст.

Яке аз муҳаққиқи саршиноси Ҳиндустон, ки асари нақди арзишманде перомуни сабку ҳунари нависандагии Рабиндра Ядав навишта, дар атрофи масъалаи мазкур, яъне никоҳи маҷбурӣ андешаҳои

судманде баён медорад. Номбурда дидгоҳҳои хешро зимни таҳлилу арзёбии зиндагии яке аз қаҳрамонони Рақандра Ядав Самар («Осмони бекарон») баён менамояд. Самар мардест аҳли мутолиаву равшанфикр, ӯ ҳаргиз ҷонибдори он нест, ки дар ҷомеаи суннатии онҳо занҳо чодарпӯш бошанд. Вале ба хотири он ки волидайн ва бародарони худро наранҷонад ва ба суннатҳои зерин эҳтиром гузорад, ҳамсараш Прабхуро накуҳиш месозад, то чодар ба сар андозад. Барои Самар возеҳ аст дар ҷомеае мисли Ҳиндустон тибқи суннатҳои роиҷ зан бояд мутеъ ва фармонбардори дархостҳои шавҳар бошад ва марде, ки аз ин расму анъанаҳо пайравӣ менамояд, зиндагии хешро бар мабнои онҳо сохтааст, бояд шеваи хонаводагии хешро бар асоси онҳо бунёд намояд. Таҳаввулоти сиёсии давр ин ки дар ҷомеа расман баробарҳуқуқии зану мард эълон шуда, камтарин таъсире дар мафкураи шахшудаи Самар надорад.

Муҳаққиқи ёдшуда қайд менамояд, ки иллати дигари низоъҳои хонаводагӣ беҳуқуқии занон дар масъалаи интихоби ҳамсар бар асоси хоҳиши шахсист. Сонаване Чандрабҳана аз қавли Рачендра Ядав чунин менигорад: «Ин қиссаи танҳоӣ то кай ҳақ будани худро собит месозад? То тӯй касе фикр ҳам накард, ки розигии Самарро пурсад. Шояд ҷавонон дилдодаҳои худро доштанд? Магар онҳо чунин қадами волидайнро фаҳмида метавонанд? Чунин ҳолат Самарро низ думболагир аст. Самар суханро аз он хусус, ки тӯй шудан намехоҳад, шурӯъ кард, вале касе ба суханаш гӯш накард. Илова бар ин, таҳқир ва дашном ҳам шунид» [4, 2].

Тавре ки дида мешавад, тарҳи масъала дар матни асари ҳарду нависанда шабоҳати комил доранд, вале ба андешаи мо чи дар мисол аз матни точикӣ ва чи аз матни ҳиндӣ ҳадафи аслӣ танҳо инъикоси зан ва ҷаҳони он нест, балки дар радифи тарсими он тааммулу андеша атрофи аркону заминаҳои устувору расму суннатҳои қарнҳо шаклгирифта ва дар хуну пӯсти мардум нишаста аст. Дар тасаввури суннатии мардуми точик зан-мардум дар қиёс ба мард ҷойгоҳи нозиртаре дошт. Дар адабиёт ва миёни халқ аз занон ҳамчун «мушти парзада», «хонагӣ», «сиёҳсар» ва ғайра ёд менамуданд, ки ин худ гувоҳи мавқеияти ҷамъиятии он буд.

Ҷолиб ин аст, ки мисолҳои мазкур аз нигоҳи замонӣ низ тафовути зиёд доранд. Дар навиштаи Р. Ядав тасвири масъала ба нимаи дувуми қарни XX рост меояд. Яъне замоне, ки кишвар пас аз солҳои тӯлонии муборизаву пайкор соҳиби истиқлолу озодӣ мегардад. Бар хилофи он дар романи «Палатаи кунҷакӣ» ин мавзӯъ замоне матраҳ мегардад, ки аз умри ҷомеаи Шӯравӣ, ки нахустин иқдомаш эъломи озодӣ ва баробарии мардону занон аст, беш аз ҳафт даҳсола сипарӣ шудааст ва занон гӯё саросар ба ҳуқуқҳои ростини хеш даст ёфтаву мавқеияти хешро дар ҷомеа истеҳком бахшидаанд. Вале шеваи тасвири масъала аз сӯйи нависанда ба гунаест, ки ба дигарсон будани воқеияти рӯзгор, таблиғ будани гуфторҳои мавҷуд ишора мекунад. Зеҳни халлоқи нависанда дар пайи шинохти заъфу нотавониҳои маънавии занон ва омилҳои иҷтимоии он аст, ки хориву золимӣ ва бекадрии занонро сабабгор мегардад. Вале роҳи ин шинохту маърифат, ки дар ботини нависанда масиру қаламрав дорад, ниҳоят ноҳамвору печида аст. Магар масъалаҳое, ки чунин тасаввуротро барои мавқеияту ҷойгоҳи зан фароҳам овардаанд, оё ҳамагӣ ба замон тааллуқ мегиранд. Ё магар гуноҳи пешиниён чунин аст, ки ниҳолеро бо чунин самари талх дар замини бовархо коридаанд? Оё дар рафъи мушкилоти имрӯза, масъалаи зан, худи инсонҳо дар замони муосир нақше надоранд. Ровии «Палатаи кунҷакӣ» дар ин замина андешаву дидгоҳҳои ниҳоят амиқ дорад. Раванди дуру дароз ва пурбори таърихи башарӣ, дастёбиҳои илмиву фаннии инсон, дигаргун шудани мазҳари зиндагӣ, камолоти азими васфношуданӣ, кашфиётҳои тозатарин ба моҳу дунёи пурнақши он зеҳни адибро муталотум месозад. Вале аз сӯйи дигар, карахту берӯҳ будан, нотавонии вай зимни тасимигириаш дар сари масоиле мисли зану мақоми иҷтимоиаш вайро сардаргум месозад (Самар, қаҳрамони Р. Ядав). Сабаби раҳоӣ, тарки ин худиву одати дар хун нишастаро наметавонад пайдо кунад. Барои асру замоне, ки дар «Палатаи кунҷакӣ» ва ё «Осмони бекарон» мунъакис гашта, сухан аз муҷриму гунаҳкори доимӣ, яъне, пасмандаҳои замони гузашта, ҷамъияти феодалӣ, дам назадан, ҳама айбро ба гардани замони гузашта бор намудан маъмул шудааст. Вале чунин тарзи инъикос барои ровӣ қобили пазириш нест. Ӯ ба зарфияту тавони зеҳнии инсон ақлу хирадаш нигоҳи дигар дорад. Ин неруи ботиниву зотӣ набояд ба осонӣ пазирандаи будиҳо бошад, балки посухи дигареро, роҳи ҳалли тозаеро бояд ҷустуҷӯву пайдо намояд. Тамоми мушкилотро ба дӯши пояҳои пешин бор кардан, гурез аз масъулият як навъ худхоҳӣ ва гоҳо буздиливу тарсуӣ, камзарфиву камхирадист.

Воқеан дидгоҳу тавсифи нависандаҳои мазбур ва назаргоҳҳо перомуни мавзӯи матруҳа андешабарангез аст. Аз нигоҳи адабиётшиносии тадбиқӣ мо ин ҷо унсуреро пайдо намудем, ки асос барои таъсирпазирии яке аз дигаре бошад. Вале аз сӯйи дигар масъалае, ки сархати осори он ду қарор гирифта, қобили қиёсу арзёбист ва моли ҳалоли мазҳари зиндагии инсонӣ, вуҷуди ҳамин мушкил аст, ки ҳушу зеҳни ҳунармандро ба худ во мекашад ва ӯро ба тааммулу андеша, дастёбӣ ба шеваҳои бурунрафт бармеангезад. Ба дигар сухан, дастгоҳи равонии таҳлилгарӣ ӯро ба кор меандозад. Ҳарчанд ангезаи ин таҳлилгарӣ густурдаву доманадор нест, вале дар матни зиндагии инсон мубрамият, чеҳраи шохис ва бозофарин дорад. Онро намешавад нодида гирифт. Наметавон бидуни таваҷҷуҳ аз пешаш гузашт.

Раванди ҳастӣ исто нест. Ҳама чиз дар ҳалли ҳаракату ҷунбиш, таҳаввулу дигаргунӣ аст. Пас, ин саҳнаи зиндагӣ ҳам наметавонад тағйирнопазир бошад.

АДАБИЁТ
1. Жирмунский В. М. Байрон и Пушкин / В. М. Жирмунский. - Л.: Наука, 1978. –424 с.
2. Жирмунский В. М. Сравнительное литературоведение. Восток и Запад / В. М. Жирмунский. - Л.: Наука, 1979. –495 с.
3. Муҳаммадиев Ф. Романҳо ва ҳикояҳо. Ҷ. 3. / Ф. Муҳаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1991. – 384 с.
4. Сонаване Чандрабҳану. Раҷҷендра Ядав–прозаик / Сонаване Чандрабҳану. – Ҷайпур, 1982. – 160 с.
5. Rajendra Yadav. Sara akash (Осмони бекарон) / Rajendra Yadav. – Dilli, 1960.

ТАСВИРИ МУШКИЛОТИ ЗАН ДАР РОМАНИ "ПАЛАТАИ КУНЧАКИ"-И Ф. МУХАММАДИЕВ ВА "ОСМОНИ БЕКАРОН-И Р. ЯДАВ

Яке аз мавзӯъҳои адабиёти татбиқӣ, ки диққати мухаққиконро ҷалб мекунад - ҷойгоҳи зан дар ҷомеа мебошад. Новобаста ба он, ки дар адабиёт ва фарҳанги ҳар ду халқият ҳам ин мавзӯи нав нест, дар ташаккули даврони таърихии инсоният ин мавзӯъ табдил меёбад ва дар тағаввул мебошад.

Мавзӯи мазкур дар мисоли романи "Палатаи кунчакӣ"-и нависандаи тоҷик Ф. Муҳаммадиев ва романи "Осмони бекарон"-и нависандаи адабиёти муосири ҳиндӣ Р. Ядав таҳқиқ шудааст.

Калидвожаҳо: мушкилоти зан, романи тоҷикӣ ва ҳиндӣ, адабиёти татбиқӣ, раванди таърихӣ, адабу фарҳанг.

ОПИСАНИЕ ПРОБЛЕМ ЖЕНЩИН В РОМАНЕ «УГЛАВАЯ ПАЛАТА» Ф. МУХАММАДИЕВА И «НЕОБЪЯТНОЕ НЕБО» («САРА АКАШ») Р. ЯДАВА

Одна из тем сравнительной и сопоставительной литературы, заслуживающее особое внимание исследователей - это определение места женщины в обществе. Несмотря на то, что эта тема не является новой в литературе и культуре этих двух народов, однако сталкиваясь с ней на протяжении истории человечества она развивается и преобразовывается.

Данная проблема рассматривается на примере романа «Угловая палата» таджикского писателя Ф. Мухаммадиева и романа «Необъятное небо» современного писателя хинди Р. Ядава.

Ключевые слова: проблема женщин, таджикский роман и роман хинди, сопоставительная литература, история, литература и культура.

DESCRIPTION OF WOMEN'S ISSUES (PROBLEMS) IN THE NOVEL "CORNER HOUSE" (“PALATAI KUNJAKI”) F.MUHAMMADIEV AND "IMMENSE SKY" OF (“SARA AKASH”) R. YADAV

One of the relative and comparative literatures deserves special attention of researchers - this definition of the place of women in society. In spite of, that this topic is not new in the literature and culture of the two people however faced with it on throughout the history of humanity it growth and convert.

This problem is consider on the example of the novel "Corner house" of Tajik writer F. Muhammadieva and the novel "Immense sky" modern Hindi writer R. Yadav.

Key words: problem of women, tajik novel and hindi novel, comparative literature, history, literature and culture.

Сведения об авторе: ***М. А. Нурова*** - доцент кафедры индийской филологии Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 909-00-92-62**

МУЛОҚОТИ МАВЛОНО ЯЪҚУБИ ЧАРХӢ БО ХОҶА УБАЙДУЛЛОҲИ АҲРОРИ ВАЛӢ ДАР МУЛКИ ЧАҒОНИЁН (ҲИСОРИ ШОДМОН)

Бурҳон Сайфиддинов
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Мавлоно Яъқуби Чархӣ аз бузургони тариқати нақшбандия буда, дар ривоҷу равнақ ва густариши ин тариқат дар ҳудуди Ҳисори Шодмон хидмати шоиста кардааст. Яъқуби Чархӣ ҳамчун донишманду орифи бузурги тоҷику форс шинохта шуда, ба зиёрати ин орифи бузург шахсиятҳои забардаст аз Ҳисори Шодмон дидан кардаанд. Мавлоно Яъқуб ибни Усмони Чархӣ дар нимаи дуюми асри XV дар деҳаи Чархи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар оилаи рӯҳонӣ таваллуд шудааст. Ӯ баъди анҷоми таҳсилоти ибтидоӣ барои идомаи илмомӯзӣ ба Ҳирот, ки дар он замон маркази бузурги илму адаб ва тамаддуни замон буд, меравад. Вай илмҳои замонаашро аз худ карда, ҳамзамон, ба ҷараёни Нақшбандия, ки дар он замон хеле ривоҷ ёфта буд, пайваста, осори пирони ин тариқат, аз қабили Боязиди Бастомӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Шайх Аттор ва дигаронро аз бар намудааст.

Яъқуби Чархӣ ҳамчун шогирди вафодори Хоҷа Баҳоуддин барои равнақ ва интишори таълимоти Нақшбандия бо раҳнамоии устоди худ ба сарзамини Чағониён-водии Ҳисори Шодмон раҳсипор мегардад. Вай дар ин диёр илму дониш, Қуръон, ҳадисҳои Пайғамбари ислом (с) ва моҳияти тариқати Нақшбандияро талқин намуда, аз рӯйи фаҳму фаросати худ дар дилу дидаи мардум ҷо мегирифт.

Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар яке аз деҳаҳои ин сарзамин маскан гирифта, то охири умр дар он ҷо зиндагӣ кардааст. Ин деҳа аз ҳамон давра ба Ҳазрати Мавлоно мансуб буда, ҳанӯз аз замони зиндагии Мавлоно Яъқуби Чархӣ шуҳратёр гардида, ободу сабзу хуррам буд ва мардум аз ҳар гӯшаву канор барои равшан намудани чароғи диёнати худ ба зиёрати Яъқуби Чархӣ меомаданд ва то ба имрӯз яке аз марказҳои ободу осоишта ва зиёратгоҳи ихлосмандон мебошад.

Беш аз 500 сол аст, ки аҳли донишу фарҳанг аз ин ганҷинаи бебаҳои илму ирфон – мероси пурбаҳои Яъқуби Чархӣ баҳравар гашта, нусхаҳои зиёди он дар китобхонаҳои давлативу шахсии мардуми маорифпарвари тоҷик маҳфуз аст.

Доир ба бузургии Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва мавқеи ҷойгиршавии қабри ӯ донишманди тавонои Эрон Саид Нафисӣ чунин иброз доштааст:

«Яъқуби Чархӣ. Насаби ӯро Сурурӣ ҳам навиштаанд. Қабри вай инак дар колхози Ленин дар 5 километри Душанбе пойтахти Тоҷикистон дар водии Чағониён дар ҷоест, ки собиқан шаҳри Ҳисори Шодмон дар он ҷо буда ва баъд ба Ҳисорот маъруф шудааст. Инак асаре аз он шаҳр нест ва танҳо як ҳаммом ва ду мазор аз он мондааст. Қабри писараш Юсуфи Чархӣ, ки ҷонишини падар шуда, тақрибан дар 40 километри Душанбе аст. Дар ҷое, ки инак ба номи Чуртак маъруф аст ва сохтмоне ба сабки қабри Темур дорад ва дар он ҷо дар камари кӯҳ хонақоҳе бисёр бузург кандаанд ва андаруни он чанд ҳуҷра аст…».

Мақому мартабаи Мавлоно Яъқуби Чархӣ то он дараҷаест, ки ба зиёрати турбати бузургвор, масҷиди Мавлоно, дидани қадамгоҳи ашхоси бузург ва шиносоӣ бо осори таърихии ин диёр аз гӯшаву канори дунё меҳмонони зиёде ташриф меоранд.

Доир ба меҳмондӯстию меҳмоннавозӣ, ҳалолкориву меҳнатпазирӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёту зиндагии Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар байни мардум ривоятҳои зиёде вуҷуд дорад. Дар гирду атрофи мазори Мавлоно дар соҳили дарёи Кофарниҳон заминҳои васеи ҳосилхез ва обҳои равон зиёд аст. Мавлоно дар ин водии ҳосилхез полезу киштзор ва боғҳои сабзпӯш бино карда буданд ва аз меҳнати пурмаҳсули худ рӯз ба сар мебурданд. Маҳз қисме аз ривоятҳо ба фазилатҳои хуби инсонӣ, меҳнати ҳалол кардан, зиндагии осоишта доштан ва бечорагону фақиронро дастгирӣ намудани Мавлоно бахшида шудааст.

Нақл ҳаст, ки Хоҷа Аҳрор аз Самарқанд барои дидани дидори мубораки Мавлоно Яъқуби Чархӣ меоянд ва хоҳиш менамоянд, ки ӯро дар роҳи тариқати Нақшбандия тарбия намоянд ва фотиҳа диҳанд.

Ҳамчунин, ривоят менамоянд, ки Хоҷа Аҳрор дар назди Мавлоно Яъқуби Чархӣ муддати се сол меистад. Дар ин давра Мавлоно бо Хоҷа Аҳрор суҳбатҳои дуру дароз, радду бадали афкор намуда, фазилат ва мартабаи ӯро месанҷанд. Мавлоно дарк мекунанд, ки Хоҷа Аҳрор камол ёфта, ба дараҷаи Ҳақ расидаанд ва соли 1431 ба ӯ дуои хайр дода, сафари нек орзу менамоянд.

Нақли дигаре ҳаст, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба дидори Мавлоно Яъқуби Чархӣ расидаанд. Тахмин меравад, ки ин сафар шояд дар охири умри Мавлоно ба вуқӯъ пайваста бошад. Зеро Абдурраҳмони Ҷомӣ соли 1414 таваллуд шуда, Мавлоно Яъқуби Чархӣ соли 1447 вафот намудааст.

Дар ҳар сурат нақл мекунанд, ки Мавлоно Яъқуби Чархӣ Абдурраҳмони Ҷомиро хеле самимӣ истиқбол намуда, чанд муддат ҳамсуҳбат мегарданд ва ба Ҷомӣ дуои нек дода, роҳи сафед мехоҳанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳангоми рафтан асои худро дар лаби чӯи масҷид ба замин фурӯ менишонанд. Аз даму нафаси бузургвор асо сабзида, як чанори бузурги сербаргу шоха мегардад.

Айни ҳол, дар масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархӣ ҳафт чанори бузург месабзад, ки яке аз онҳо чанори Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Он чанорҳо мисли бузургворон умри зиёда аз панҷсадсола доранд, ки аз ҳаёту рӯзгори Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ қиссаҳои ин ду марди бузургро аз наслҳо ба наслҳо мерасонанд.

Фахриддин Алии Сафӣ дар таърихи фарҳангу адаби интиҳои қарни XV ва нимаи аввали XVI ба ҳайси шоиру нависанда, олиму воиз ва фақеҳу муфассири Қуръон мақоми назаррасе дорад ва ба қалами ӯ осори гаронбаҳое дар ҷанбаҳои мухталифи илму адаб мансуб аст.

«Рашаҳоти айн-ул-ҳаёт» аз ҷумлаи муҳимтарин таълифоти Фахриддин Алии Сафӣ буда, ба қавли худи муаллиф соли 1503, яъне дар синни чилсолагиаш навишта шудааст ва мавзӯи он шарҳи аҳволи бузургони силсилаи Нақшбандияи тасаввуф мебошад. Ин асар аввалин китобе маҳсуб мегардад, ки мунҳасиран дар бораи шарҳи ҳоли бузургони тариқати Нақшбандия баҳс мекунад.

“Рашаҳоти айн-ул-ҳаёт»-и Фахриддин Алии Сафӣ чун сарчашмаи таърихию адабӣ аҳамияти муҳим дорад. Фахриддин Алии Сафӣ дар он роҷеъ ба зиндагиномаи яке аз бузургони тариқати Нақшбандия Мавлоно Яъқуби Чархӣ ду нақл овардааст, ки дар возеҳ намудани шахсияти ин бузургвор хеле муҳимманд ва дар зер матни пурраи яке аз онҳо таҳия гардидааст.

«Зикри мулоқоти ҳазрати Эшон ба хидмати Мавлоно Яъқуби Чархӣ (қаддаса сирраҳу). Ҳазрати Эшон (яъне Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрори Валӣ) мефармуданд, ки аввал бор, ки ба Ҳарӣ мерафтам, ба Чиҳилдухтарон расидам. Бозаргони бисёр боҷамол бар дари работ нишаста буд. Чунин фаҳм кардам, ки ба тариқи хоҷагон (қаддасаллоҳу арвоҳуҳум) машғул аст. Пурсидам, ки ин тариқа аз кадом азиз ба шумо расидааст, чунончи тариқаи мардуми бозор ва туҷҷор мебошад.

Филҳол зоҳир карду гуфт:

- Азизе аст дар Ҳалғату аз хулафои ҳазрати Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд (қаддаса сирраҳу), ки эшонро Мавлоно Яъқуби Чархӣ мегӯянд. Ин нисбат аз эшон ба ман расидааст.

Ва баёни фазоил ва шамоили эшон кард ва дар он басо муболиға намуд.

Хостам, ки аз ҳамон ҷо муроҷиат кунам, баъд аз он ба мулозамати Мавлоно Яъқуб шитобам. Ба Ҳарӣ рафтам ва он ҷо муддати чаҳор сол маскан афтод. Ва дар хидмати шайх Баҳоуддини Умар дар нигоҳдошт эҳтимоми тамом доштанд. Баъд аз чаҳор сол ба ҷониби Ҳалғату равон шудам. Чун ба вилояти Чағониён расида шуд, ба ҷиҳати заъф ва беморӣ, ки ориз шуда буд, муддати бист рӯз таби сармо кашида будам, натавонистам, ки зуд аз он ҷо берун оям. Ва баъзе мардум дар навоҳии Чағониён ғайбати хидмати Мавлоно Яъқуби Чархӣ бисёр карданд. Ва дар ин муддати беморӣ ба сабаби шунидани суханони парешон футури азим дар доияи мулоқот бо эшон воқеъ шуд.

Охируламр, бо худ гуфтам: «Ин миқдор масофати баъида қатъ кардам, нек набошад, ки эшонро мулоқот накунӣ».

Чун рафтаму эшонро дидам, бисёр илтифот намуданд ва аз ҳар боб суханон фармуданд. Ва чун рӯзи дигар ба мулозамати эшон расидам, бисёр-бисёр ғазаб карданд ва ба хушунату дурушти пеш омаданд. Ба хотир омад, ки ғазаби эшон ба сабаби истимои он ғайбат буд ва футуре, ки ба сабаби он шуда буд. Агарчи тасреҳ накарданд, лекин гуфтанд, ки саҳл набошад, ки касе ояд ва касеро пеш аз ду моҳ набинад.

Ҳазрати Эшон фармуданд: маро яқин шуд, ки сабаби ғазаби эшон истимои ғайбат ва он футур буд дар мулозамат. Баъд аз он соате боз ба тариқи лутф пеш омаданд ва илтифоту иноят бисёр намуданд ва кайфияти мулоқоти худро ба ҳазрати Хоҷа Баҳоуддин (қаддаса сирраҳу) баён фармуданд. Ва баъд аз баёни кайфияти мулоқот ба ҳазрати Хоҷа даст дароз карданд, ки «Биё байъат кун». Табиати бар ман гирифтани дасти эшон иқбол накард, аз он ҷиҳат ки бар пешонии мубораки эшон баёзе буд мушобеҳи маразе, ки муҷиби нафрати табиат мебошад.

Эшон кароҳати табиати маро дарёфтанд ва дасти худро ба таъҷил кашиданд. Ва ба тариқи халъу лабс табдили сурати худ намуда, ба сурате зоҳир шуданд, ки ихтиёр аз дасти ман бирафт. Наздик шуд, ки бехудона бар хидмати Мавлоно часпам.

Эшон боз дасти худро дароз карданд ва фармуданд, ки ҳазрати Хоҷа Баҳоуддин (қаддаса сирраҳу) дасти ман гирифта буданд ва фармуданд, ки дасти ту дасти мо аст. Ҳар кӣ дасти ту гирифт, дасти мо гирифт. Дасти афтода Хоҷа Баҳоуддин мегиранд. Бетавакқуф дасти Мавлоно Яъқуброро гирифтам. Баъд аз таъзими тариқаи хоҷагон (қаддасаллоҳу арвоҳаҳум) бар ваҷҳи нафӣ ва исбот, ки онро вуқуфи ададӣ гӯянд, хидмати Мавлоно Яъқуб фармуданд, ки он чи аз ҳазрати Хоҷаи Бузург (қаддаса сирраҳу) ба мо расидааст, ин аст. Агар шумо ба тариқи ҷазаба толибонро тарбият кунед, ихтиёр шуморост. Гӯянд, ки баъзе асҳоб аз хидмати Мавлоно Яъқуб (қаддаса сирраҳу) пурсиданд, ки толиберо, ки ин замон тариқа гуфтед, чӣ гуна буд, ки фармудед, ки ихтиёр шуморост, агар ба ҷазаба тарбият кунед? Хидмати Мавлоно фармуданд, ки толиб инчунин мебояд, ки пеши муршид ояд, маҷмӯи умур муҳайё карда бувад. Ҳамин мавқуфи иҷозат бувад, ӯро қуввати ҳар чи гӯянд, ҳаст.

Ҳазрати Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон (қаддаса сирраҳу) дар «Нафаҳот-ул-унс» навиштаанд, ки чунин истимоъ афтодааст, ки хидмати Мавлоно Яъқуб фармудаанд, ки толибе, ки суҳбати азизе меояд, чун Хоҷа Убайдуллоҳ мебояд омад. Чароғ муҳайё сохта бувад ва равған ва фатила омода карда, ҳамин гӯгирде ба он мебоист дошт.

Ҳазрати Эшон мефармуданд, ки хидмати Мавлоно Яъқуб (алайҳирраҳма) иҷозат хостам, тариқаҳои хоҷагонро (қаддасаллоҳу арвоҳаҳум) ба тамом баён карданд. Ва чун ба тариқи робита расид, фармуданд: «Дар гуфтани ин тариқа даҳшат накунӣ ва ба мустаъидон бирасонӣ».

Ҳазрати Эшон мефармуданд, ки хидмати Мавлоно Яъқуб (алайҳирраҳма) инсоф медоданд, мефармуданд, ки тариқе, ки аз ҳазрати Хоҷа Баҳоуддин (қаддаса сирраҳу) ба мо расида, зикр аст. Агар касе ба тариқи ҷазиба тарбият метавонад кард, ба бисёр хуб аст, мебояд кард.

Ҳазрати Эшон мефармуданд, ки чун аз хидмати Мавлоно Яъқуб (алайҳи-р-раҳма) иҷозат хостам, тариқаҳои хоҷагонро (қаддасаллоҳу арвоҳаҳум) ба тамом баён карданд ва чун ба тариқи робита расид, фармуданд: «Дар гуфтани ин тариқа даҳшат накунӣ ва ба мустаъидон бирасонӣ».

Иқтибоси ду пораи мазкур, ки аз китоби «Рашаҳоти айн-ул-ҳаёт»-и Фахриддин Алии Сафӣ гирифта шудааст, воқеан аз бузургии мақому мартабаи Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар байни бузургон ва пайравони маслаки Нақшбандия гувоҳӣ медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Ботурхони Хилъатпури Валихоҷа. Хоҷа Аҳрори Валӣ / Ботурхони Хилъатпури Валихоҷа. - Душанбе, 2000.
2. Мавлоно Фахриддин Алӣ бинни Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Рашаҳоти айн-ул-ҳаёт; бо муқаддима ва тавзеҳот ва ҳавошӣ ва таълиқоти доктор Алӣ Асғар Муъиниён / Мавлоно Фахриддин Алӣ бинни Ҳусайн Воизи Кошифӣ. - Теҳрон.
3. Мавлоно Яъқуби Чархӣ кист? Замимаи мақолаи «Тоҷикистон». - Душанбе, 1992.
4. Осори мунтахаби Хоҷа Аҳрор ва пайравонаш. - Душанбе, 2004.
5. Б. Сайфиддинов. Фахриддин Алии Сафӣ ва «Латоиф-ут-тавоиф»-и-ӯ / Б. Сайфиддинов // Нури маърифат. - Хуҷанд, 2004.
6. Тафсири Яъқуби Чархӣ; таҳия ва тасҳеҳи С. Маҳмадуллоҳ. - Душанбе, 2006.
7. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. Ҷилди 2. - Душанбе, 1989.
8. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. - Душанбе, 1988.

МУЛОҚОТИ МАВЛОНО ЯЪҚУБИ ЧАРХӢ БО ХОҶА УБАЙДУЛЛОҲИ АҲРОРИ ВАЛӢ ДАР МУЛКИ ЧАҒОНИЁН (ҲИСОРИ ШОДМОН)

Дар мақола масоили таъсирпазирии яке аз сӯфиёни маъруфи нимаи дуюми асри XV ва оғози асри XVI Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба афкори адабии даврони худ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили образи Яъқуби Чархӣ дар китоби Алӣ Сафӣ хусусиятҳои характер , сифатҳои ахлоқӣ-маънавии Яъқуби Чархиро ошкор кардааст.

Калидвожаҳо: Мавлоно Яъқуб иЧархӣ, сӯфӣ, таҳлили ,Хоҷа Убайдулло Аҳрорӣ, сифатҳои маънавӣ – ахлоқӣ, афкори адабӣ.

ВСТРЕЧА МАВЛОНО ЯЪКУБИ ЧАРХИ С ХОДЖА УБАЙДУЛЛОХ АХРОРИ ВАЛИ В ПРОВИНЦИИ ЧАГОНИЁН (ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЕ)

В статье рассмотрена проблема влияния одного из суфийских личностей второй половины XV и начала XVI веков Мавлоно Яъкуба Чархи на литературную мысль своей эпохи. Автор в результате анализа образа Яъкуби Чархи в книге Али Сафи раскрывает особенности характера, моральные и духовные качества Яъкуба Чархи.

Ключевые слова: Мавлоно Яъкуб Чархи, суфий, анализ образа, Ходжа Убайдулло Ахрори, моральные и духовные качества, литературная мысль.

THE MEETING OF MAWLANA YA'QUB CHARKHI WITH KHOJA UBAIDULLOH AHRORI VALI IN THE LAND OF CHAGHONIYON (HISORI SHODMON)

The article considers the problem of the influence of one of the Sufi personalities of the second half of XV and beginning of XVI centuries Mavlono Javcub Charkhi on the literary thought of his era. The author of the analysis of the image of Akubi Charkhi in the book Ali Safi reveals the features of character, moral and spiritual qualities Javcub Charkhi.

Key words: Mavlono Jaycub Charkhi. the Sufi, the analysis of the image, Hodge, Ubaidullo Ahrari, moral and spiritual qualities, and literary thought.

Сведения об авторе: ***Б. Сайфиддинов*** - проректор по учебной части Таджикской национальной консерватории им. Т. Сатторова. Телефон: **(+992) 918-65-22-35**

ТАҲҚИҚ ВА ШИНОХТИ ШЕЪР АЗ НИГОҲИ ШИБЛИИ НУЪМОНӢ

З. Ҳамроқулова
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ қарнҳост, ки диққати аҳли суханро ба худ ҷалб намуда, бо равонию содагӣ ва маънии латиф дили ҳазорон ҳаводорони каломи мавзунро тасхир намудааст. Ашъори дилнишини шоирони форсизабон дар рушду нумуи фарҳанги башарӣ саҳми босазою нотакроре дошта, ихлосмандони ин назми оламгир дар ҳама давру замон роҷеъ ба мазмуну маънӣ ва моҳияти ашъори ноби форсии тоҷикӣ андешаву ақидаҳои гуногуни ҷолиб иброз намудаанд. Ноқидону суханшиносон шеърро аз ҷанбаҳои мухталиф мавриди нақд қарор дода, дар ин бора осори фаровон ва арзишмандеро аз худ мерос гузоштаанд.

Чун сухан дар бораи шеър меравад, саволе ба миён меояд, ки оё ҳар каломи мавзунро метавон шеър хонд? Дар адабиётшиносии асримиёнагии тоҷик шеър каломи маънавӣ ва воситаи барангехтани эҳсосот ва ҷӯшу хурӯши қалби инсонӣ фаҳмида мешуд. Агар ба маънои луғавии калимаи «шеър» назар андозем, дар «Ғиёс-ул-луғот» он ба маъниҳои «дарёфтан», «донистан» ва «маърифати чизҳои нафис» баён шудааст [4, 464]. Аз ин бармеояд, ки шоир шахси доно ва аз кулли ҳикматҳои зиндагӣ огоҳ буда, ҳикматро хеле моҳирона дар либоси бисёр зебову нафис ва муносиб тасвир намуда, ба хонанда мерасонад. Дар осори шоирону нависандагони классик, ба мисли «Китоб-уш-шеър»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Эҳсоъ-ул-улум»-и Абӯнасри Форобӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, «Рисолаи арӯз»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, инчунин, дар «Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шеър ва адабиёти Эрон»-и донишманди машҳури ибтидои қарни бистуми кишвари Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ ва чанде дигарон низ, масъалаҳои умумии назарияҳои адабӣ, шеъру шоирӣ ва сабабҳои бартарии назм бар наср фикру ақидаҳои ҷолиб баён шудаанд.

Тавре ки аз таълимоти мутафаккирон ва донишмандони ашъори форсии тоҷикӣ бармеояд, тамоми фаъолияти инсонӣ аз идрок ва эҳсос сарчашма мегирад. Омӯзишу пажӯҳиш ва инкишофи тамоми соҳаҳои илму дониш натиҷаи амали идрок буда, зери таъсири воқеаи ҷолибе эҳсосоти инсонӣ таҳрик меёбад. Дар натиҷа, тамоми вуҷуди инсонро шодиву сурур ё маҳзуниву парешонӣ фаро мегирад. Ва агар ин ҳиссиёти қалбӣ бо сухани мавзун ва маънии олӣ ифода ёбад, шеър мегардад. Дар мавриди шинохти шеър, дарки моҳияту унсурҳои он ва муҳиммоти шоирӣ, аллома Шиблии Нуъмонӣ (1857-1914) дар асари машҳури худ «Шеър-ул-Аҷам» андешаҳои ҷолиб иброз намудааст. Шиблии Нуъмонӣ барои фаҳмидани ҳақиқат ва моҳияти ашё, табиат ва олами моддӣ ҳар як узви инсонро вобаста медонад. Масалан, вазифаи идрок аз назари муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки мо тавассути он ашёи гирду атрофро маълум менамоем ва дар бораи онҳо иттилоъ пайдо мекунем. Яъне, идрок аз таҳқиқ ва инкишофи донишҳо оид ба шинохти ашё иборат буда, сабаби ба вуҷуд омадани фаҳмишҳои

умумӣ мебошад. Аммо эҳсос танҳо дар натиҷаи воқеаи муассире зуҳур мекунад ва боиси фаъол гаштани ҳолатҳои масрурангез ё ғамангез мегардад. Ба василаи барангехтани эҳсосот неруи тахайюли инсонӣ аввалин алфозу иборoти мавзунро ба вуҷуд меорад. Яъне, дар бунёди шеър пас аз фаъолгардонии қувваи идрок барангехтани эҳсосот дар нисбати шинохти муҳити атроф боиси ба танзим даромадани алфоз ва иборoти таъсирбахш мешавад. Дар асоси ин раванд Шиблии Нуъмонӣ шинохти мантиқии шеърро тавсиф намуда, дар баробари ин эҳсосотро нисбат ба дигар лавозимоти шеър муҳимтар арзёбӣ менамояд. Ба андешаи аллома Шиблӣ, ҳиссиёти ба чӯшомадаи ҳайвонот ё парандагон бо садоҳо ва ҳаракоти гуногун зоҳир мегардад. Вале ҳангоми мутаассир гаштани эҳсосоти инсонӣ ва ба хурӯш омадани қалб алфоз ва иборoти мавзуне ба воситаи неруи нутқ ҷорӣ мегардад, ки онро Шиблии Нуъмонӣ шеър меномад ва ин фаҳмишро чунин арзёбӣ менамояд: «Каломе, ки эҳсосотро бармеангезад ва онро ба таҳрик меоварад, шеър аст» [11, 4]. Ба андешаи Шиблии Нуъмонӣ тамоми манзараҳои зебои табиат: чашмаҳои хурӯшон, насими форами субҳгоҳон, осмони нилгун, ситораҳои дурахшон, дашту дамани гулпӯш, ки пеши назар ҷилвагаранд, воситаи илҳоми шоирон буда, боиси таҳрики эҳсосоти онҳо ва тавлиди сухани мавзуну зебо мегарданд, асоси шеърро ташкил медиҳанд. Ҳангоми шунидани мусиқӣ ё тамошои тасвири рассоме ба воситаи қувваи сомеа ва босира ҳиссиёти мо таҳрик меёбад, мутаассир мегардад. Дар ин маврид Шиблии Нуъмонӣ бар он ақида меояд, ки танҳо шеър қодир аст ҳам ба сомеаву босира ва ҳам ба зоиқаву ломиса таъсир бахшида, тамоми эҳсосоти моро бедор созад. Хаёлангезии сухан дар ин ҳолат ба тасвир ва тасаввури ҳар гуна маъниофариниҳо боис мегардад. Масалан, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин байт моро маҷбур месозад, ки қувваи эҳсосоти худро бедор сохта, барои дарки маъниҳои тозаи воқеот равона созем:

…Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ
Ва ё ҷун баркашида тег пеши офтоб астӣ … [8, 124].

Дар ин мисраъҳо шоир софии майро ба ёқут ва ҷилои онро ба теғе, ки дар партави шуои офтоб медурахшад, ташбеҳ додааст. Матлаб ин аст, ки аз истифодаи санооти бадеӣ ҳангоми хондани шеър чизи набуда ва ё монанд ба он пеши назар таҷассум мегардад.

Ба ақидаи Шиблии Нуъмонӣ, воқеа низ дар бунёди шеър мавқеи муҳим дорад. Дар ин маврид чунин мисоле меорад, ки шахсе агар ҳангоми дидани шер ғурришу чашмони пур аз хашм ва ҳайбати онро бо эҳсосоту алфози муассире баён созад ё сурати воқеаеро дар пирояи тахайюл ороста ба хонанда пешниҳод намояд, ин шеър аст. Ин андешаи аллома Шиблӣ дар мавриди тахайюл бо ақидаи файласуфони Юнони бостон ва мутафаккирони тоҷик Ибни Синову Абӯнасри Форобӣ, ки унсури хаёлро ҷавҳари аслии шеър шумурдаанд, созгор меояд. Масалан, Абӯнасри Форобӣ шеърро натиҷаи муҳокот ва омили аслии онро аз тахайюл медонад. Ӯ чунин мешуморад, ки ақовили шеър агар бо мусиқӣ ҳамроҳ шавад, унсури тахайюл дар онҳо афзунтар хоҳад шуд ва мизони инфиолоти нафс дар баробари асар меафзояд. Ба андешаи Форобӣ, вазн ва мусиқӣ аз омилҳои нахустини тахайюл ба шумор мераванд.

Дар баробари мазмуни баланд шеър дорои вазну қофия, тахайюл, муҳокот, санъатҳои бадеӣ ва дигар аҷзои шеъру шоирӣ мебошад. Оё ин ҳамаро унсурҳои аслии шеър гуфтан дуруст аст? Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам»-и худ доир ба шеъру шоирӣ ва шартҳои асосии он назарияҳои ҷолибе баён намуда, шеърро каломи мавзун ва мураттаб, мазмуни онро мақсади аввалӣ ва шакли шеърро тобеи мазмун мешуморад. Шеър ҳангоме дилпазир аст, ки оҳанги хаёлангез ва вазн дошта бошад. Ба ин маънӣ донишманди дигар Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз шеър таҷаллии андеша ва хаёлу оҳангро талаб намуда, дар «Меъёр-ул-ашъор»-и худ таърифи шеърро хеле амиқ баён месозад. Ӯ мегӯяд: «Шеър дар назди омма каломест муқаффо ва мавзун, вале дар назари аҳли мантиқ каломест маънавӣ» [6, 29]. Ин таърифи саҳеҳ ва мукаммалест, ки фикру ақидаҳои аҳли мантиқ ва суханшиносонро нисбат ба шеър ба ҳам овард ва минбаъд дар тамоми тадқиқоти донишмандон эътибори баланд пайдо намуд.

Доир ба фикру ақидаҳои ин мутафаккирон мулоҳизаҳо ронда, Шиблии Нуъмонӣ суханеро, ки дорои вазн бошад, ҳанӯз шеър намеҳисобад. Ӯ вазнро дар шеър унсури асосӣ не, балки яке аз ҷузъҳои шеър ва ё омили тахайюл медонад, ки ин ба фаҳмиши файласуфони асримиёнагии тоҷик мувофиқ меояд.

Яке аз унсурҳои асосии дигари шеър, ба ақидаи Шиблии Нуъмонӣ, ин муҳокот аст. Чи тавре ки Ибни Сино қайд намудааст, муҳокот инъикоси табиат мебошад, ки тавассути истифодаи саноати бадеӣ ба вуҷуд меояд. Маънии аслии муҳокот он аст, ки як чиз бо ҳолате тавре тасвир карда шавад, ки сурати аслии он дар пеши назар таҷассум гардад. Барои муҳокот, пеш аз ҳама, ҷузъе аз табиат ва мутобиқати он ба оҳанг ва вазн зарур мебошад, то ки дар тасаввури хонанда он бо рангу ҷилои тоза зуҳур кунад. Албатта, як рассом ё наққош чунин имкониятро надорад. Вале танҳо шоир ва фақат дар шеър қодир аст ин амалро моҳирона, ҷаззоб ва хеле олӣ тасвир намояд. Чунончи:

Нармак-нармак насим зери гулон мехазад,
Ғабғаби ин мемакад, оразӣ он мемазад.
Сунбули ин мекашад, гардани он мегазад,
Гаҳ ба чаман мечамад, гаҳ ба суман мевазад [11, 9].

Бубинед, манзараи баҳор бо чӣ баёни сеҳрангезе ифода ёфтааст. Албатта, тасвири манзараи баҳор, ки ашёи моддист, шояд мушкил набошад, вале таъсир расонидан ба эҳсосоти хонанда ва ворид намудани ӯ ба олами тахайюл, ба фикри мо, амалест мушкилтар. Ҳатто наққоши забардаст наметавонад аз уҳдаи ин кор барояд. Масалан, дар ин шеър:

Насабномаи давлатти Кайқубод,
Варақ бар варақ ҳар сӯе бурд бод [11, 9].

Ин ҷо барбод рафтани хонадони Каёнӣ баъди вафоти Доро бо тахайюли шоир мохирона ба риштаи назм кашида шудааст. Ба ақидаи Шиблии Нуъмонӣ, ба таври мукаммал дар расм ё нақш нишон додани тахайюл ва муҳокот номумкин аст. Дар ин маврид низ, мо мушоҳида менамоем, ки Шиблӣ ҷонибдори андешаҳои мутафаккирони Юнон ва Ибни Синову Форобӣ мебошад. Ӯ мегӯяд: «… ҳақиқат ин аст, ки шоирӣ дар асл номи ду чиз аст: яке муҳокот ва он дигаре тахайюл. Чунон ки аз ин миён яке ҳам ёфт шавад, пас шеър мустаҳақ мешавад, ки онро шеър гӯянд ...» [11, 9]. Яъне, Шиблии Нуъмонӣ бар он ақида аст, ки ҷузъҳои асосии шеър асосан аз тахайюл ва муҳокот иборат аст.

Ба андешаи Шиблии Нуъмонӣ маънии шеър ба мувофиқати куллии шаклу мазмун вобастагии муҳим дорад. Зеро «Ҳар сухане, ки дар он маънии латиф набошад, табъи аҳли тамиз ба он майл намекунад» [10, 8]. Дар баробари ин, ҳарчанд тахайюл ва муҳокот яке аз унсурҳои асосӣ дар назманд, санъатҳои бадеӣ низ ҳангоми ифодаи мазмун омили ягонаи назм – шеърият буда, онро муассир месозанд.

Ҳамин тариқ, дар баробари баёни ақидаҳои мушаххаси худ оиди моҳияти шеър ва унсурҳои он Шиблии Нуъмонӣ эътимод бар он дорад, ки як шеъри олӣ дар баробари мазмуни баланд аз вазну қофия, тахайюл, муҳокот, санъатҳои бадеӣ ва дигар аҷзои шеъру шоирӣ иборат аст. Бо афкору андешаҳои Шиблии Нуъмонӣ оиди шеър ва моҳияти он ошно гардида, қайд кардан бамаврид аст, ки ӯ мехоҳад бигӯяд: «…фақат шеър бо тамоми унсурҳояш қодир аст, ки эҳсосоти латиф ва оливу шарифонаро дар мо зинда ва тоза намояд, моро аз доираи маҳсусот ва модиёт хориҷ сохта, ба як олами ҷаззоб ва дилпазире ворид созад» [11, 23].

Эътибори назари ин донишманди дақиқназар моро водор месозад, ки баҳри ташаккули шеъри муосири тоҷик ба омӯзиш ва пажӯҳиши афкори адабию эстетикии осори мутафаккирони Шарқ ва дастраси мардум гардонидани беҳтарин арзишҳои он кӯшиш намоем. Зеро ба андешаи аллома Шиблӣ танҳо « …шеър дилҳои моро рақиқ ва нарм мекунад, ҳолати ризо ва таслим ва таъсир ва билохира ақида ва имон дар мо пайдо мешавад, модият ҷо холӣ карда ба ҷойи он рӯҳоният ва маънавият қарор мегирад, ӯ моро ба олами тахайюл савқ дода, дар он олам барои соате ҳам шуда ба мо фароғат мебахшад» [11, 74].

АДАБИЁТ

1. Абӯнасри Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ. Эҳсоъ-ул-улум; тарҷумаи Ҳусайн Хадев–ичам / Абӯнасри Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ - Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1345.
2. И. С. Брагинский. Абдурраҳмони Ҷомӣ / И. С. Брагинский, Е. Э. Бертелс, А. Афсаҳов [ва диг.] // Мачмӯи мақолаҳо ба ифтихори 550-солагии шоир, адиб ва мутафаккири бузурги форс- тоҷик Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, Ирфон, 1965. - 220 с.
3. Арасту. Андар шинохти шеър / Арасту. - Душанбе: Адиб, 2007. - 169 с.
4. Ғиёс-ул-луғот. - Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 1978. – 480 с.
5. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. - 328 с.
6. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Хоҷа Насируддини Тӯсӣ.–Душанбе: Ориёно, 1992.-152 с.
7. Муллоаҳмадов Мирзо. Инсон, адабиёт, инсоният / Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Адиб, 1998. - 336 с.
8. Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. - Теҳрон,1308. - 682 с. (бо ҳуруфи форсӣ).
9. Мусулмонқулов Р. Фурӯғи шеъри ҷ онпарвар / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 240 с.
10. Осори Рудакӣ / Таҳти таҳрири А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 542 с.
11. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. - 144 с.
12. Шамси Қайси Розӣ. Адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ / Шамси Қайси Розӣ. - Душанбе, 2001. - 40 с.
13. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шеър ва адабиёти Эрон. Ҷилдҳои 3-4. / Шиблии Нуъмонӣ. - Теҳрон, 1343.
14. Шарифов Ҳ. Услуб ва камолоти сухан / Ҳ.Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 174 с.

ШЕЪРУ ШОИРӢ АЗ НИГОҲИ ШИБЛИИ НУЪМОНӢ

Шиблии Нуъмонӣ (1857-1914) дар “Шеър-ул-Аҷам”-и худ доир ба таҳқиқи шеър, дарки моҳияту унсурҳои он ва муҳимоти шоирӣ фикру андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ дар мавриди шеър ақидаҳои файласуфони асримиёнагии тоҷикро дастгирӣ намуда, тахайюл ва муҳокотро ҷузъҳои асосии шеър мешуморад.

Калидвожаҳо: ашъор, шоир, идрок, эҳсос, тахайюл, вазн, санъатҳои бадеӣ.

ШИБЛИ НУМОНИ И ЕГО ВЗГЛЯДЫ НА ПОЭЗИЮ

В книге “Шеър-ул-Аҷам” Шибли Нумони (1857-1914) подробно выразил своё мнение о сущности поэзии и её элементах. Взгляды автора об основных элементах поэзии совпадают с мнениями таджикских философов средневековья.

Ключевые слова: поэзия, поэт, восприятие, ощущение, воображение, ритм, художественное искусство.

NUMONI SHIBLI AND HIS VIEWS ON POETRY

In the book " Sher - ul- Acham " Shibli Nu'mon detail expressed his opinion about the nature of poetry and its elements . The view of the author of the basic elements of poetry coincides with the views of the Tajik philosophers of the middle ages.

Key words: poem, poet, perception, sensation, imagination, rhythm and visual arts.

Сведения об авторе: *З. Хамрокулова* – старший преподаватель кафедры таджикского языка Технологического университета Таджикистана. Телефон: **(+992) 917-73-78-43**

МУҲАҚҚИҚИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Муҳаййё Холтураева
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар таърихи илму адаби форсу тоҷик аз бузургтарин шоир, ориф ва адабиётшинос шинохта шуда, бо осори гаронқадри хеш дар фарҳанги адаб дар радифи суханварони бузург ва донишмандони тавоно мавриди эътибори умум қарор гирифтааст. Дар марказҳои фарҳангии Шарқу Ғарб Мавлоно Ҷомӣ чун хотиматушшуаро унвон гирифта, осори илмию адабии ӯ чун ҷамъбасти адабиёти 500-солаи тоҷик қалмдод мешавад.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар байни мардуми тоҷик соҳиби эҳтироми баланд буда, дар мадорису макотиби шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот ва дигар марказҳои илмӣ асарҳои илмию адабии ӯ ба сифати китоби дарсию таълимӣ истифода мешуд. Адабиётшиноси варзидаи тоҷик ва муҳаққиқи асосии осор ва аҳволи Мавлоно Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод, ки умри пурбаракати худро ба омӯзишу пажӯҳиши афкори илмӣ ва осори адабии ӯ бахшидааст, сабаби маҳбубияти Ҷомиро дар муҳити илмию адабии тоҷик бо чунин андешаҳо асоснок мекунад: «Маҳбубият ва қаробати Ҷомӣ бо мардуми мо ба дараҷаест, ки гуфтори ӯро одамони синну соли гуногун, ақоиду мафкураҳои мухталиф ва вазъияту кайфияти мутақобил, сарфи назар аз шуғлу пеша ва омолу андешаи хеш, чун далелу бурҳон барои қабулу рад, тақвияту тазъиф ва панду андарзи мусоҳиб ба сифати ҳикмати рӯзгорон ба кор мебаранд» [4, 3].

Дар ҳақиқат, Мавлоно Ҷомӣ ва осори адабии ӯ дар маҳфилҳои мардуми суханшинос, дар маросимҳои шодию дар маъракаҳои мотам дар паноҳи андешаҳои ӯ андӯху маломат ва ранҷу озурдагии хешро бартараф менамуданд. Зеро асарҳои Ҷомӣ ба рӯҳу равони мардум хеле наздик буда, ғаму андӯҳи мардумони табақаҳои гуногунро бо забони фаҳмо ва гуворо ифода намуда, вирди забони ҳамагон гардидаанд. Мақолаи Аълохон Афсаҳзод «Тамоми умр бо Ҷомӣ» унвон гирифтан тасодуфӣ набуда, балки он ифодагари маҳбубияти мардум ба Ҷомӣ ва осори ӯро тақассум менамояд. Аз замони Ҷомӣ то рӯзҳои мо осори ин шоири дардошнои мардум ҳамеша ва ҳаррӯза дар байни мардумони зинаҳои гуногуни ҷомеа сайр карда, дар замири дили онҳо тухми меҳру муҳаббат ва дӯстиву рафоқатро кишт мекунад. Ба ибораи устод Афсаҳзод «…ин аҳвол беш аз ним ҳазор сол боз давом дорад ва торафт густариш ёфта, чун торҳои заррини хуршед тамоми шебу фарози оламро нур мепошад» [5, 29].

Дар таърихи фарҳанги мардумони Мовароуннаҳр ва қисман Хуросон Мавлоно Ҷомӣ бо осори пурғановати худ ба сифати «Пешво» шинохта шудааст, ки ин гувоҳи эътибору эҳтироми аҳли илму ирфон нисбати ин нобиғаи илму адаб мебошад. Аълохон Афсаҳзод як боби асари гаронқадри худ «Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир»-ро маҳз ба таҳқиқи маҳбубияти мардум ба Ҷомӣ ва осори ӯ бахшида, ба хулосае меояд, ки Мавлоноро аҳли илму маърифат ба сифати «Пешво» хонда, дар ҳар маҳфилу маърака ба осори ӯ чун ба раҳнамову роҳкушо мурочиат менамуданд. Аълохон Афсаҳзод ин маҳбубиятро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва самимияту садоқати мардумро чунин арзёбӣ мекунад: «Абдурраҳмони Ҷомӣ дар аҳди хеш барои мардумони Ховари Наздик ва Миёна хусусан барои адибон ба воситаи ду ҷиҳати фаъолияти хеш чун пешво шинохта шуда буд:

- аввалан вай ба воситаи таълим, тадрис, ҳакамӣ, маслиҳат, ёрии моддию маънавӣ ва амсоли инҳо;

- ҳамчунин бо эҷодиёти худ, ки бисёр адибон осори ӯро пайравӣ карда, мактаби адабиашро давом медоданд, ба сифати муқтадои суханварон ва орифон эътироф гардида буд» [5, 134].

Ин падидаи иҷтимоӣ чун анъана дар байни шаҳру деҳоти Мовароуннаҳру Хуросон давом мекард ва дар ҳар мактабу мадорис «Шарқи мулло»-и Мавлоно Ҷомӣ чун китоби дарсӣ, рисолаи «Арӯз» ва «Қофия» чун дастури шоирӣ, ғазалиёти ӯ чун ҳамрозу ҳамдами мардум хизмат менамуд.

Хонадони Аълохон Афсаҳзод, ки аз аҳли илму маърифат буда, дар водии Зарафшон ҳамчун мударрис ва муаллим соҳиби эҳтиром буд, аз осори Мавлоно Ҷомӣ баҳраҳо бардошта, фарзандони худро аз мактаби маърифати ин орифи соҳибмактаб сабақҳо медоданд. Аълохон Афсаҳзод ин анъанаи неку ибратбахшро ба ёд меорад ва бо ифтихор дар бораи он менависад: «Дар хонадони мо мақбулияту маҳбубияти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ суннате қадимӣ ва ойини муқаддас буда, яқинан ба тарзи мерос аз насл ба насл гузаштааст. Ба ин маънӣ-ман аз рӯзе, ки худро мешиносам, бо номи Мавлоно

Ҷомӣ ва каломи сеҳрбаёни ин марди бузурги адабу ирфон ошноӣ дорам, доир ба зиндагӣ ва хислатҳои ноҷиб, табиати шӯх ва ҳозирҷавобии ӯ нақлу ривоятҳо шунидаам» [5, 30].

Чи хеле ки мебинем, Аълохон Афсаҳзод аз рӯзе, ки худро мешиносад, дар муҳити оилаи соҳибмактаби худ, ном ва осори Мавлоно Ҷомӣ ҳамеша ҳамқадаму ҳамрозашон будааст. Зеро Ҷомӣ дар тамоми осору ашъори худ бо дарду армони мардум буда, кӯшидааст дар гиреҳкушоии муаммоҳои рӯзгори одамони ҳоҷатманд ёрирасон бошад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Ҷомӣ маҳбубияти зиёдеро дар байни хоссу ом соҳиб будааст. Вале дар ҳавзаҳои адабии форсизабонон ба осори ӯ назари на он қадар некбинона доштаанд. Масалан, Ҷомӣ дар муҳити илмию адабиётшиносии Эрон ба дараҷае, ки дар Тоҷикистон соҳибном аст, эътибор надоштааст.

Абулҳусайни Зарринкӯб дар мақмӯаи «Бо корвони Ҳулла» дар радифи 30 шоири соҳибдевону соҳибном ба Мавлоно Ҷомӣ низ таваққуф намуда, ӯро «Орифи Ҷом» ном мебарад. Вале ба соҳибному овозадор будани Ҷомӣ хушбин набуда, балки бар он мекӯшад, ки дар шуҳрати ӯ костагие бинад. «Ҷомӣ дар шоири овозаи баланд дошт, аммо дар ҳақиқат шоириро фуруди шаъни хеш медид ва гоҳ-гоҳ аз он изҳори малол мекард. Бо ин ҳама дар шоирӣ бешу кам саромади муосирони хеш буд… Аммо ба ҳар ҳол вайро шоири қавӣ, мубтарис (навовар) ва офаранда наметавон шинохт. Он чӣ номи вайро дар шоирӣ баландовоза кард, зоҳиран шуҳрати донишу ҷоҳи ӯ буд» [9, 220].

Албатта, назари Зарринкӯб ба Ҷомӣ ва шеъри ӯ аз назари шеърият ва навоварӣ қобили мулоҳиза мебошад, вале муаллифи «Бо корвони Ҳулла» сабабҳои шуҳратёрии Ҷомиро нодида мегирад ва чун Афсаҳзод наметавонад дар байни мардум ворид шуда, ин маҳбубиятро дарк намояд. Шеъри Ҷомӣ аз назари Зарринкӯб «… ғолибан чуз тақлиди каломи устодони куҳан чизе нашуд», баҳогузорӣ мешавад. Вале намехоҳад донад, ки аз шеъри гузаштагон ғазалҳои Ҷомӣ дар байни мардум маҳбубтар ва мақбултар мебошанд. Афсаҳзод чун фарзанди хонадони соҳибмактаб инро аз замони туфулият ба мушоҳида мегирад ва осори Ҷомиро дар қатори шоҳасарҳои адабиёти бузурги мо дар китобхонаҳои шахсӣ ва қадимӣ мебинад, ки мардуми соҳиби донишу хирад ба осори Ҷомӣ ва классикони тоҷик бо эҳтиром муносибат намуда, китобро чун арзиши маънавии мардум мешинохтанд. Афсаҳзод китобҳое, ки ҷаҳони маънавии ӯро бо нури дониш рӯшанӣ бахшидаанд, аз айёми туфулият мечӯяд ва ба рафҳои китобхонаҳои бузургон ворид шуда, онҳоро ба мо шинос мекунад. «Дар манзили худи мо аз «Ҳафтяк» ва «Чаҳоркитоб» то китобҳои тавсиру фиқҳу фатво ва фалсафаю ирфон, ки хос мутааллиқи бобоям буданд ва кам истифода мешуданд, мавҷуд буданд. Аммо чанд китобе, кам буданд, ки шунидани онҳо барои мо-бачаҳо низ бисёр завқ мебахшид. Инҳо «Амир Ҳамза», «Алфа Лайла», «Гулистон», «Бӯстон» ва девони Шайх Саъдӣ, девони Хоҷа Ҳофиз, «Баҳористон» ва «Ҳафт авранг»-и Мавлоно Ҷомӣ, девони Ҳилолӣ, куллиёти Мирзо Бедил ва ниҳоят девони Эшони Туғрал буданд [5, 30].

Ин феҳрасти китобҳое буд, ки то солҳои 50-уми қарни XX хонадони мардумони саводнок чун сармояи арзишманд дар сандуқҳои махсус маҳфуз медоштанд ва ҳар толибилм баъд аз ҳифзи ин осор ба мутолиаи асарҳои бузургтар рухсат дода мешуд. Барои толибилмон ва мардуми ташнаи донишу маърифат муҳим набуд, ки Ҷомӣ ба кадом шоир тақлид кардааст, балки дар шеъри Мавлоно Ҷомӣ ғамзадагӣ, зиндагии пуршикаст, муроҷиат ба Худо, ҳамдардӣ ба ҳамдардон, насиҳат бо забардастон, дастгирии муҳтоҷмандонро медиду як лаҳзае дар ин дунёи пурфитнаву макр нафаси осуда мекашид. Аз ин буд, ки Ҷомиро мардум дӯст медошт ва ин муҳаббат шеъри ӯро дар маҳфилҳо вирди забонҳо мегардонд.

Аввалин шиносоии Аълохон Афсаҳзод ба шеъри Ҷомӣ ба тирамоҳи соли 1943 рост меояд. Афсаҳзод чун муҳаққиқи осори Ҷомӣ дар ин сол ҳамагӣ 8-сол дошт, мебинад, ки бобояш Қозӣ Бобоҷон (1848-1944) натъи зерини Ҷомиро қироат менамуд:

Ассалом, ай қиматтар аз гавҳари дарёи ҷуд,
Ассалом, ай тозатар гулбарги саҳрои вуҷуд.
Ассалом, ай он ки то аз ҷабҳаи одам натофт,
Нури покат, кас набурд аз қудсиён ӯро суҷуд.
Сад саломат мефиристам ҳар дам, ай фахри киром,
Бу, ки ояд як алайкам дар ҷавоби сад салом!

Қозӣ Бобоҷон-бобои Афсаҳзод дар ин замон 96-сола буда, дар айёми ғуруби офтоби умр, дар ин абёти Ҷомӣ дарду ҳасрати пирии худро ёфта, бо лаҳни мунга онро қироат менамуд!

Ё шафеъалмузнибин бори гуноҳ овардаам,
Бар дарат ин бор бо пушти дутоҳ овардаам!
Чашми раҳмат боркушо, мӯйи сафеди ман нигар,
Гарчи аз шармандагӣ рӯйи сиёҳ овардаам.

Ҷойи тазаккур аст, ки дар муҳити кӯҳистони даврони ҷанг, ки мардум рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронд, шеъри Ҷомӣ бо чунин оҳанги ҳазин ва маъниҳои пурдард ҳамрози одамони бахтбохта ва дардманду дармонда буд. Он рӯзҳо табли шодӣ задан ва шеърро василаи хушҳолӣ намуданро замон намепарварид.

Ва ё соли 1945, ки ҷанги хонумонсӯз ҳанӯз ба хонадони ҳар тоҷик фалокату даҳшат меовард, Афсаҳзоди наврас ва мардуми деҳаи Варзиканда аз забони падари саркораш ғазали зерини Ҷомиро шунида, як лаҳза худро дар олами дигар медид:

Ҷон аз он лабҳо ҳикоят мекунад,
Тӯтӣ аз шакар ривоят мекунад.

Баъд аз солҳои 50-ум барои Афсаҳзод марҳилаҳои нави шиносоӣ ба осори Ҷомӣ шурӯъ мешавад. Соли 1959 Афсаҳзод ҳамчун донишҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз устод Ҳусейнзода сабақҳои нотакрор оиди шинохти осори Ҷомӣ мегирад ва ҳамзамон ба мутолиаи китобҳои «Ҷомӣ»-и Алиасғари Ҳикмат, «Ҷжами»-и Е. Э. Бертелс, интихоб аз асарҳои Ҷомӣ, ки соли 1956 аз тарафи М. Раҳимӣ чоп шуда буд, сарфароз мегардад. Албатта, барои донишҷӯйи солҳои 50-ум мутолиаи ин қадар асар оид ба як шоир ба хотири баҳое сазовор шудан на фақат зиёд аст, балки зиёдатист. Ин гувоҳ бар он аст, ки Афсаҳзод дар замираш донае, ки ниёи соҳибмактабаш дар шинохти Ҷомӣ кишта буданд, ӯ бо як завқи тамом онро парвариш мекард ва дар ҳар фурсат мекӯшид, ки он дона сабз гашта, ба дарахти серборе табдил шавад, то коми мардумро меваҳои он ширин намояд.

Ниҳоят, соли 1963 дар Тоҷикистон бахшид ба 550-солагии зодрӯзи Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ тайёрӣ мерафт, ки яке аз фаъолони ин маъракаи муҳимми фарҳангӣ Аълохон Афсаҳзод буд. Ва ин маъракаи бузурги фарҳангӣ марҳилаи нав ва ниҳоят ҷиддиеро дар ҳаёти Афсаҳзод боз намуда, ӯро дар шинохти Ҷомӣ бо қадамҳои устувор раҳнамун сохт.

Дар кумитаи тадорукоти ҷашн ба Афсаҳзод ва ҷумлаи муҳаққиқон масъулияти хеле баланд вогузошта шуда буд. «Маро низ муваззафи таҳия ва нашри осори ин суханвари аллома карданд. Ҳамроҳи шодравон устод Баҳром Сирус ҷилди якуми «Осори мунтахаб»-и адиб, мустақилона достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ва бо Абӯбакр Зуҳуриддинов, «Хирадномаи Искандарӣ»-ро барои нашр ҳозир кардем, ки ҳама соли 1964 аз чоп баромад» [5, 37].

Аз ин нигоштаи муҳаққиқ бармеояд, ки дар ин ҷашн Афсаҳзод ба муҳимтарин вазифа-омодасозии осори Ҷомӣ ба ин маъракаи бошукӯҳ сафарбар шуда, барои таҳқиқоти минбаъдаи ӯ заминаи мустаҳкамеро ба вуҷуд овард. Дар ҳамоиши илмии Ҷомӣ, ки маводҳои он соли 1964 аз чоп баромад, Афсаҳзод дар мавзӯи «Достони Лайлӣ» ва «Маҷнун»-и Ҷомӣ гузоришӣ илмӣ намуд, ки он дар маҷмӯаи номбурда чоп гардид. Қайд кардан ҷоиз аст, ки Афсаҳзод ғайр аз ин мақола боз панҷ мақолаи дигар дар саҳифаи матбуоти даврӣ чоп мекунад, ки ҳамагон дар бораи Ҷомӣ ва осори ӯ мебошанд.

Мақолаи «Достони Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ дар маҷмӯаи мақолоти бахшида ба 550-солагии Мавлоно Ҷомӣ чоп гардид, ки ин аввалин мақолаи илмии Афсаҳзод мебошад. Дар ин мақолаи худ Афсаҳзод ба масоили муҳимтарини ишқномаҳои адабиёти тоҷикӣ-форсӣ таваҷҷуҳ намуда, кӯшидааст нишон диҳад, ки достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ аз достонҳои ҳамноми Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрав тафовути ҷиддӣ дорад. Ба қавли Афсаҳзод «Ягонагии мавзӯъ, ягонагии вазн, ягонагии ном, баробар омадани баъзе лаҳзаҳо натавонистаанд шоирро ба муқаллидии Низомӣ ва Амир Хусрав табдил диҳад» [5, 183]. Пештар, яъне соли 1948, ховаршиноси Шӯравӣ Бертелс Е. Э. оид ба ин масъала чунин нигошта буд: «Достони ӯ (Ҷомӣ) чунон ҳам оргиналист, ки дар ин ҷо агар унвони умумӣ вуҷуд надошта бошад, робитаи онро бо достони Низомӣ пай бурдан чандон осон нест» [6, 144]. Яке аз тафовутҳои асосии достони «Лайлӣ»-и Ҷомиро Афсаҳзод, пеш аз ҳама, дар он мебинад, ки Мавлоно Ҷомӣ масъалаҳои нави замони худро дар ин достон мавриди таҳлил қарор додааст.

Аълохон Афсаҳзод дар ин мақолаи худ фарқияти достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ аз достонҳои Низомӣ ва Амир Хусравро дар матн, мавзӯъ, тасвири ҳодисот, тасвири ишқу зиндагӣ ва ғайра бо далелҳои воқеӣ нишон медиҳад.

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мавлоно Ҷомӣ ба матлаи зерин оғоз меёбад:

Эй, хоки ту тоҷи сарбаландон,
Маҷнуни ту ақли ҳушмандон.

Аз рӯйи таҳқиқи Афсаҳзод ин достон соли 1484 дар вазни ҳазачи мусаддаси ахбари мақбузи маҳфуз, ки арконаш ба мафъулу, мафоилун, фаулун (VV / V-V-/ VV-/) баробар мебошад, дар муддати чаҳор моҳ суруда шуда, 3860 байтро дар бар мегирад. Афсаҳзод дар бораи сохт ва мундаричаи достон, миқдори абёт ва ҳатто муддати сурудани асар бо машҳуртарин шарқшиносони дунё баҳс мекунад. Масалан, дар масъалаи муддати эҷод шудани достон бо Арберри баҳс намуда, чунин менигорад: «Арберри ба иштибоҳ роҳ дода менависад, ки Ҷомӣ ин достони худро дар зарфи чордаҳ моҳ анҷом додаст. Ин даъвои ӯро абёти зерини худи Ҷомӣ, ки Е. Э. Бертелс [7, 281] онро иқтибос меорад, рад мекунад:

Шуд арз зи табъи фикратандеш.
Дар тӯли чаҳор маҳ каму беш,
Дар як-ду соате зи ҳар рӯз,
Шуд табъ бар ин мурод фирӯз.
Гар соатҳо фароҳам оянд,
Бар як-ду-се ҳафта пай физоянд [1, 77].

Устод Аълохон Афсаҳзод достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомиро дар адабиёти форс-тоҷик сеюмин достон ҳисобида, дар муқоиса бо достонҳои ҳамноми пешин (аз Низомӣ ва Амир Хусрав дар назар аст) ба чунин хулоса меояд:

1. Дар байни достонҳои ҳамноми Низомӣ, Хусрав ва Ҷомӣ як умумияти зиёде ҳаст, ки он ҳам дар мазмун, ҳам дар шакл ва ҳам дар тартиби баёни воқеаҳо зоҳир мегардад.
2. Дар ҳар се достон ҳам чаҳор боби анъанавӣ-ҳамд, наът, меъроҷ ва сабаби назми китоб пайи ҳам оварда шудааст.
3. Ҳар се шоир дар мавридҳои зарурӣ ҳикматҳои тамсилиро ба кор мебаранд, лекин ин ҳикоятҳо ба мақсадҳои гуногун хизмат мекунанд.
4. Дар ҳар се достон пайдо шудани ишқи Қайс ба Лайлӣ, хостгории падари Маҷнун ва хоҳиши ӯро рад кардани падари Лайлӣ, ҳичравии Маҷнун ва ғайра барин лаҳзаҳо муштараканд.

Афсаҳзод ҳамзамон фарқиятҳои ин достонҳоро низ ба мушоҳида гирифтааст, ки аз ҷумлаи онҳо:

1. Агар Низомӣ ба фарзандаш аз дигар илмҳо бештар ба фиқҳу тиб кӯшиш намудан, Хусрав ба писараш умуман пардохтани илмро тарғиб кунад, Ҷомӣ ба писараш бештар ба илмҳои динӣ машғул шуданро талқин мекунад, ки аз рӯйи хулосаи Афсаҳзод аз пешгузаштагони худ ақиб рафтааст.
2. Достони Ҷомӣ аз достонҳои Низомиву Хусрав ба ҳайси сужет фарқ дорад.
3. Дар услуб, забон, тарзи тасвири қаҳрамонҳо, воситаҳои тасвири қаҳрамонҳо, манзараҳои табиат фарқиятҳо вуҷуд дорад.

Афсаҳзод бо чунин назар соли 1971 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Достони Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ дифоъ намуда, ҳамзамон нашри интиқодии ин асарро дар муқоисаи нусхаҳои дастнависи достони мазкур ба вуҷуд оварда, дар шинохти матни асарҳои Ҷомӣ роҳ кушод. Аз замони таълифи ин мақола ва то охири умр Аълохон Афсаҳзод зиёда аз 70 мақола ва гузоришҳои илмӣ, асарҳои тадқиқотӣ дар бораи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ таълиф намудааст.

Ҳамчунин осори 8-ҷилдаи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ маҳз бо ташаббус ва заҳматҳои зиёди устод Аълохон Афсаҳзод дар Чумҳурии исломии Эрон чоп гардида, дастраси мардуми форсизабон гардид. Муҳимтарин рисолаю асарҳое, ки Аълохон Афсаҳзод дар бораи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва осори гаронқадри ӯ нигоштааст, мехоҳем ном бурда, таҳқиқу арзиши ҳар як ин асарҳоро дар гузоришҳои оянда мавриди баррасӣ қарор диҳем: «Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (Душанбе: Дониш, 1970), Абдурраҳмони Ҷомӣ (Душанбе: Маориф, 1970), «Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Душанбе: Дониш, 1980), «Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Душанбе: Дониш, 1981), «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV» (Душанбе: Дониш, 1987), «Лирикаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Москва, 1988, ба забони русӣ), «Ҷомӣ - шоири ғазалсаро» (Душанбе: Маориф, 1989).

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки устод Аълохон Афсаҳзод зиёда аз 35 соли умри пурбаракати хешро дар пажӯҳиш ва таҳияи осори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бахшида, мактаби «Ҷомишиносӣ» - ро аз худ ба мерос мондааст. Ин иқдом ва заҳматҳои устод Афсаҳзод минбаъд чун суннати бузурги «Ҷомишиносӣ» дар фарҳанги форсизабонон идома хоҳад ёфт.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1970. – 204 с.
2. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1980. – 223 с.
3. Афсаҳзод А. Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1981. – 156 с.
4. Афсаҳзод А. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 379 с.
5. Афсаҳзод А. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 2014. – 461 с.
6. Бертелс Е. Э. Джами / Е. Э. Бертелс. – Сталинабад: Таджиктосиздат, 1948. - С. 144.
7. Бертелс Е. Э. Избранные труды. Низами и Фузули / Е. Э. Бертелс. - М.,1962. – С. 230-249.
8. Зарринкӯб А. Аз гузаштаи адабии Эрон / А. Зарринкӯб. – Теҳрон, 1385. - С. 387-391.
9. Зарринкӯб А. Бо Корвони Ҳулла / А. Зарринкӯб. - Душанбе: Пайванд, 2004. – 332 с.
10. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 / Х. Мирзозода. - Душанбе: Маориф, 1977. - С. 330-400.
11. Осорномаи Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе, 2005. – 154 с.
12. Раҳмонфар Асрор. Аълохон Афсаҳзод – Ҷомишиноси забардасти чаҳон / Раҳмонфар Асрор // Абдурраҳмони Ҷомӣ адиб ва мутафаккир. - Душанбе: Адиб, 2014. – С. 5-28.
13. Сатторзода А. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷоми / А. Сатторзода. - Душанбе: Дониш, 2014.
14. Ҳусейзода Ш. Шеър ва шоирӣ аз назари Ҷомӣ / Ш. Ҳусейзода // Ҳабдаҳ мақола. - Душанбе: Ҳумо, 2007. - С. 290-324.
15. Ҷомӣ – 550 сол. (Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба 550- солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ). – Душанбе, 1964. - С. 215.

МУҲАҚҚИҚИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар мақолаи мазкур фаъолияти илмию матншиносии муҳаққиқи варзидаи аҳвол ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ доктор Аълохон Афсаҳзод мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бешак, Аълохон Афсаҳзод дар шинохти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва осори гаронбаҳои ӯ дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳамзабонон мактаби илмию матншиносиро ба мерос гузоштааст.

Калидвожаҳо: таҳқиқ, достон, гузориш, рисола, Афсаҳзод, Ҷомӣ, баррасӣ.

ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В данной статье рассмотрена научная деятельность умелого исследователя жизни и творчества Абдуррахмана Джами доктора Аълохона Афсахзода, который в таджикской и персидской литературе несомненно, унаследовал научно-текстологическую школу в исследовании жизни и бесценных произведений Абдуррахмана Джами.

Ключевые слова: исследование, изложение, сочинение, Афсахзод, Джами, рассмотрение.

RESEARCH OF THE SITUATION AND WORK ABDURRAHMAN JAMI

In this article the scientific and creative textual skilled researcher on the situation and work Abdurrahman Jami, the doctor AlohonAfsahzoda. AlohonAfsahzoda in the tajik and persian literature undoubtedly inherited the scientific knowledge in the textual school Abdurrahman Jami and his priceless works.

Ключевые слова: исследование, изложение, сочинение, Афсахзод, Джами, рассмотрение.

Сведения об авторе: ***Мухайё Холтураева*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 915-15-96-96**

ТАЪСИРПАЗИРИИ ВОҚИФ АЗ ШОИРОНИ ПЕШИН

Шарофиддин Асомидинзода

Рочеъ ба аҳвол ва осори шоири асри XVIII Воқифи Лоҳурӣ аз тарафи адабиётшиносон дар Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон баъзе корҳо сурат гирифта бошад, ҳам то кунун тадқиқотҳои муфассале ба миён наомадааст. Дар Тоҷикистон низ ба истиснои баъзе мақолаҳои муҳаққиқоне, ки чун А. Ғаффоров, С. Султон ва Дарвеш Баҳриддин, Рачабалӣ Худоёров, Исфандиёри Назар доир ба Воқифи Лоҳурӣ ба чуз баъзе ишораҳо маълумоти бештаре дида намешавад.

Воқифи Лоҳурӣ (ваф. 1788) ба ғазалҳои шоирони гузашта ба монанди Ҷалолиддини Румӣ (1207–1273), Ҳофизи Шерозӣ (1325–1388), Авҳадӣ (тав. 1565), Замирӣ (ваф. 1594), Назирӣ (ваф. 1612), Зуҳурӣ (ваф. 1616), Салими Теҳронӣ (ваф. 1647), Соиб (1603–1677) ва ҳамасрони худ чун Халилӣ, Офарини Лоҳурӣ (ваф. 1742), Ҳазин (1692–1766) ва дигарон назира ва ҷавобияҳо навиштааст.

Воқиф ба ғазали зерини Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ назирағазале навиштааст, ки дар поён аввал матни ғазалҳоро оварда, баъдан онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ғазали Ҷалолиддини Румӣ:

«Сӯфиёнем омада дар кӯйи ту,
Шаолиллаҳ аз ҷамоли рӯйи ту!
Аз атаи ибриқҳо овардаем,
К-оби хубе нест ҷуз дар ҷӯйи ту!
Ҳо, бидеҳ чизе ба дарвешони хеш,
Ай ҳамеша лутфу раҳмат хӯйи ту!
Ҳусни Юсуф қути ҷон шуд соли қаҳт,
Омадем аз қаҳт мо ҳам сӯйи ту!
Сӯфиёнро боз ҳалво орзуст
Аз лаби ҳалвоии дилҷӯйи ту!
Валвала дар хонақоҳ афтод дӯш,
Мушкпур шуд хонақоҳ аз бӯйи ту!
Даст бикшо ҷониби занбили мо,
Офарин бар дасту бар бозӯйи ту!
Шамси Табрезӣ! Туйӣ хони карам,
Сер шуд кавну макон аз тӯйи ту! [*1, 826*].

***

Эй, маро рӯйи иродат сӯйи ту,
Қиблаи дил, Каъбаи ҷон кӯйи ту.
Ғофил аз дуди дилам натвон шудан,
Хоҳад омад ҳамчу хат бар рӯйи ту.
Бар сари кӯйе маломат ман кунам,
Бандаи соҳибсаломат кӯйи ту.
Ҳеч кас аз марги мо ғамгин нашуд,
Шуд парешон андаке гесӯйи ту.
Дар бихиштам дил намеояд фуруд,
То ҷудо афтодаам аз кӯйи ту.
Чашми ман бисёр гардиду надид
Гӯшае чун гӯшаи абрӯйи ту.
Хун хӯрам з-ин май, ки чун минои май
Ҳар тунукзарф аст ҳамзонуйи ту.
Сарви ман рафтиву об аз дидаам
Шуд равон аз баҳри ҷустуҷӯйи ту.
Чун кунам, к-аз баҳри озорам рақиб
Муттафиқ шуд бо сагони кӯйи ту.

Гӯямат девонаву мастам, кӣ кард?
Бӯйи ту, эй офати ҷон, бӯйи ту!
Ғайр аз теғи ту шуд серобу ман
Ташна мурдам бар канори ҷӯйи ту.
Ман гадои кӯят, эй Муллои Рум,
Шайъуллиҳ аз ҷамоли рӯйи ту!
Доди Воқифро бидеҳ, эй шоҳи ҳусн,
Мекашам тасдеъ дар урдуйи ту [*2, 254*].

Ҳар ду ғазал ҳам дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф навишта шудааст, ки арконашон аз ду бор фоилотун, фоилотун фоилун дар ҳар байт иборат мебошанд. Нақшаи ин баҳри шеърӣ чунин аст:

– V – – / – V – – / – V –

Ғазали Мавлоно аз 8 байт ва ғазали Воқиф аз 13 байт иборат мебошад, ки 5 байт зиёдтар аст. Ҳарду ғазал ҳам ба ғайр аз он, ки дар як баҳри шеърӣ ва вазни ягона навишта шуданашон, мазмуни ишқиро доро мебошанд. Фақат фарқ дар он аст, ки ғазали Мавлоно аз забони шахси якуми шумораи ҷамъ, яъне аз номи сӯфиёну дарвешон ва ғазали Воқиф ба ҷуз байти чорум, ки дар он сухан аз номи шумораи ҷамъ меравад, дигар дар тамоми байтҳои боқимондаи он сухан аз забони шахси якуми танҳо, яъне аз забони ошиқ гуфта шудааст. Воқиф дар пайравии ғазали Мавлоно калимаҳои «кӯй», «рӯй», «чӯй», «сӯй», «бӯй»-ро ба сифати қофияи якхела овардааст. Дар ғазали Мавлоно қофияҳои «хӯй», «бозӯй», «тӯ» низ мавҷуданд, ки чунин калимаҳои қофия дар ғазали Воқиф ба назар намерасанд. Воқиф ҳам дар ғазали хеш калимаҳои «гесӯй», «абрӯ», «ҳамзонӯй», «ҷустуҷӯй» ва «урдӯй»-ро ба сифати қофия кор фармудааст, ки он вожаҳо дар ғазали Мавлоно дида намешаванд.

Мавлоно дар ғазали хеш ягон калимаи қофияшударо дуюмбора кор нафармудааст, вале баръакси ӯ Воқиф дар ғазалаш калимаҳои «кӯй»-ро чор ва «рӯй»-ро ду маротиба ба сифати қофия истифода намудааст.

Воқиф дар байти 12 ғазали татаббуъбастааш тахаллуси ва ё номи муаллифи ғазали писандидаашро оварда, як мисраи ғазали Мавлоноро низ ба сифати меҳмон меоварад ва аз ин маълум мегардад, ки ӯро маҳз ҳамин ғазал водор намудааст, ки назирағазал нависад. Гарчанде дар ғазали Воқиф баъзе калимаҳои қофия такроран омада бошанд ҳам, аз ғазали Мавлоно пастар намеистад. Ғазал аз лиҳози мазмун ба шеъри Мавлоно ҳеҷ монандие надорад ва метавон онро ғазали аслӣ (оригиналӣ) номид. Воқиф дар мавридҳое, ки ба ғазалҳои шоирони гузашта ва ё муосираш назирағазал менависад, аксаран тахаллуси онҳоро дар мақтаи ғазали худ оварда, як мисраи ҳамон шоирро низ нишон медиҳад.

Мавлоно дар байти чоруми шеъри худ ба санъати талмеҳ рӯй оварда, аз ҳусни ҳазрати Юсуф ёдовар мешавад. Воқиф ҳам дар байти якуми ғазалаш бо истифода аз санъати талмеҳ бо ишораи тахаллуси шоир мисраеро аз он ғазал намуна меоварад ва аз ин ба кадом ғазали шоир татаббуъ ва ё назира навиштанаш маълум мегардад.

Ӯ дар баъзе назирағазалҳояш аз муаллифи шеър ном намебарад. Шояд ин амалро шоир ба он хотир мекунад, ки он ғазалҳо дар миёни аҳли илму адаб хеле машҳуранд. Чунин назирағазал дар девони Воқиф ба назар меояд, ки он дар пайравии ғазали машҳури Хоҷа Ҳофиз эҷод гардидааст. Агар ғазали Ҳофиз аз ҳафт байт иборат бошад, назирағазали Воқиф ҳашт байтро ташкил медиҳад. Дар поён ҳарду ғазалро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Ҳофиз:

Муждаи васли ту ку, к-аз сари ҷон бархезам?
Тоири қудсаму аз доми ҷаҳон бархезам.
Ба валои ту, ки гар бандаи хешам хонӣ,
Аз сари хоҷагии кавну макон бархезам.
Ё Раб, аз абри ҳидоят бирасон бороне,
Пештар з-он, ки чу ғарде зим иён бархезам.
Бар сари турбати ман бо маю мутриб бинишин,
То ба бӯят зи лаҳад рақскунон бархезам.
Хезу боло бинамо, эй бути ширинҳаракот,
К-аз сари ҷону ҷаҳон дастфишон бархезам.
Гарчи пирам, ту шабе танг дар оғӯшам каш,
То саҳаргаҳ зи канори ту ҷавон бархезам.
Рӯзи марғам нафасе муҳлати дидор бидеҳ,
То чу Ҳофиз зи сари ҷону ҷаҳон бархезам [*3, 413*].

***

Воқиф:

Метавонам зи сари ҳарду ҷаҳон бархезам,
Натавонам зи сари пири муғон бархезам.
Номи ман бандаи ишқ аст у нишонам дог аст,

Рӯзи маҳшар ба ҳамин ному нишон бархезам.
Ҳачрам аз пой фигандаст, аз он пир шудам,
Гар диҳад даст висоли ту, ҷавон бархезам.
Чанд гӯӣ, ки: «Фалонӣ зи бари ман бархез,
Дар канорам нанишин, то зи миён бархезам!»
Эй ки гуфтӣ: «Ба сари турраи ман савдо кун!»
Бош, то ман зи сари суду зиён бархезам.
Гар пайи куштани ман ёр зи ҷо бархезад,
Ман ҳам аз рӯйи адаб аз сари ҷон бархезам.
Гар кушӣ, шӯх, зи базми ту нахезам ҳаргиз,
Ман на онам, ки ба таҳрики забон бархезам.
Ин макон пири харобот ба ман таъйин кард,
Воқиф, аз пойи хуми бода чӣ сон бархезам? [*2, 196*].

Дар поён байтҳои ба шоирон ишорашударо, ки ба онҳо Воқиф назирағаз навиштааст, намуна меоварем:

Воқиф аз ҳолам чу шуд, гуфт Авҳадӣ:
«Эй мусулмонон, фиғон аз дасти дил!»
***
Надорам ҳеч, Воқиф, чун Зуҳурӣ:
«Диле дорам ба дилбар бигзаронам».
***
Воқиф дилам ба сони Замирӣ зи ҳачри ӯ:
«Дар оташ аст дуди кабобаш надид кас».
***
Назирӣ гуфт чун он моҳ омад бар сарам, Воқиф,
«Кучо будӣ, ки имшаб сӯхтӣ озурдаҷонеро».
***
Ин ғазал гуфта шуд аз файзи Назирӣ, Воқиф:
«Ғайри ман дар паси ин парда сухансозе нест».
***
Воқиф, зи Салим ин сухани тоза шунидам:
«Хуб аст, ки маъшуқ ба кас хуб набошад».
***
Салим, уфтода, Воқиф, баски табъам аз сафои дил,
«Чу оина ба ҳар сурат, ки уфтад, кор месозам».
***
Воқиф, ману Салим аз ин хона меравем,
«Бошем чанд сурати девори зиндагӣ?»
***
Воқиф, мапурс ҳасрати моро, ки чун Ҳазин:
«Пеш аз зуҳури ҷилваи ҷонона сӯхтем».
***
Ин ғазал аз партави Соиб ба ман, Воқиф, расид,
«Аз забони шамъ ин парвона мегӯяд сухан».
***
Кашида хон Халилӣ зи дарду ғам, Воқиф:
«Салои гиряи хунин ба шайху шоб зада».
***
Воқиф он аҳд гузошташт, ки мо ҳамчу Ҳазин,
«Мегирифтем ба ҷонон сари роҳе гоҳе».

Абдуллоҷон Ғаффоров дар «Энсиклопедияи шӯравии тоҷик» дар бораи Офарини Лоҳурӣ маълумоти мухтасар дода, аз ҷумла овардааст, ки «чанде аз муосирон ва шоирони баъдина ба Офарини Лоҳурӣ дар шеъру шоирӣ пайравӣ кардаанд» (Энсиклопедияи шӯравии тоҷик, ҷ. 5. – Душанбе, 1984, сах. 413). Азбаски Воқиф ба ашъори шоирони гузаштаву муосири худ таваҷҷуҳи зиёд дошт, бинобар ин, бо боварии қатъӣ метавон гуфт, ки ӯ аз шеъри шоири ҳамзамони худ – Офарини Лоҳурӣ низ бахравар гардида, таҳти таъсири ғазалҳои ӯ ғазалназираҳо навишта бошад. Ғазали поён яке аз он гуна назирағазалҳост, ки Воқиф дар мақтаи он аз Офарини Лоҳурӣ ёдовар шуда, мисраи писандидаашро низ дар шеъри худ ҳамчун меҳмон овардааст:

Ин ғазал, Воқиф, ба тарзи хос гуфтӣ, Офарин,
«Бандаи табъи сухангӯят на ман, сад ҳамчу ман».

Мутаассифона, ғазали пурраи Офарини Лоҳурӣ дастраси мо нагардид, вагарна то кучо таъсир гузоштани он ба ғазали Воқифро мавриди таҳлил қарор медодем.

АДАБИЁТ
1. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. 800 ғазали дилошӯб / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 856 с.
2. Девони Вақифи Лоҳурӣ. Нусхаи шахсии Р. Худоёров. – 315 с.
3. Мирзо Асадулло Ғолиб. Мунтахаби осори форсӣ / Мирзо Асадулло Ғолиб. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 393 с.
4. «Шоирони Афғонистон». – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 181 с.
5. Девони Вақифи Лоҳурӣ. – Душанбе: Ашӯриён, 2015. – 685 с.
6. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.

ТАЪСИРПАЗИРИИ ВОҚИФ АЗ ШОИРОНИ ПЕШИН

Рочеъ ба аҳвол ва осори шоири асри XVIII Вақифи Лоҳурӣ аз тарафи адабиётшиносон дар Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон баъзе корҳо сурат гирифта бошад, ҳам то кунун тадқиқотҳои муфассале ба миён наомадааст. Вақифи Лоҳурӣ (ваф. 1788) ба ғазалҳои шоирони гузашта ба монанди Ҷалолиддини Румӣ (1207–1273), Ҳофизи Шерозӣ (1325–1388), Авҳадӣ (тав. 1565), Замирӣ (ваф. 1594), Назирӣ (ваф. 1612), Зуҳурӣ (ваф. 1616), Салими Теҳронӣ (ваф. 1647), Соиб (1603–1677) ва ҳамасрони худ чун Ҳалилӣ, Офарини Лоҳурӣ (ваф. 1742), Ҳазин (1692–1766) ва дигарон назира ва ҷавобияҳо навиштааст, ки дар мақолаи мазкур баъзе аз онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: Вақифи Лоҳурӣ, аҳвол ва осори шоир, шоирони гузашта, назира, муқоиса, ғазал, ҳамаср.

ВЛИЯНИЕ ПРЕДШЕСТВЕННИКОВ НА ТВОРЧЕСТВО ВОКИФА ЛОХУРИ

Относительно наследия поэта XVIII века Вокифа Лохури литераторами Индии, Ирана, Афганистана проведены некоторые изыскания, но до сих пор не существует подробного исследования относительно его жизни и поэтического наследия. Вокиф Лохури наряду с сочинением поэтических произведений, также сочинял газели подражая поэтам-предшественникам, таким как Джалолиддин Руми, Хафиз Шерози, Авхади, Замири, Назири, Зухури, Салими Техрони, Соиб и своим современникам как Халили, Офарини Лохури, Ҳазин и другим. В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению некоторые из его сочинений, написанных в подражание Джалолиддину Руми, Хафизу Шерози и Офарину Лохури.

Ключевые слова:: Вокиф Лохури, жизнь и поэтическое наследие, поэты - предшественники, поэтическое подражание, сравнение, газели, современники.

INFLUENCE OF PREDECESSORS ON CREATIVITY WAKITA, LAHORI

Regarding the heritage of the poet of the EIGHTEENTH century Wakita, Lahori writers India, Iran, Afghanistan conducted some research, but so far there is not extensive research on his life and poetic legacy. Vakif, Lahori along with writing poetry, also wrote ghazals in imitation of the poets predecessors, such as Jaloliddin Rumi, Hafiz Sherozi, Avadi, Zamiri, Naziri, Zuhuri, Salimi Tehrani, ISS and his contemporaries as Khalili, Farini, Lahori, Asin and others. In this article, the author subjected to study and discuss some of his writings, written in imitation of Jaloliddini Rumi, Hafiz Sherozi and Oparino, Lahori.

Key words:: Vakif, Lahori, the life and poetic legacy of the poet - predecessors, poetic imitation, comparison, Gazelle, contemporaries.

Сведения об авторе: Сведения об авторе: ***Ш. Асомидинзода*** – заведующий отделом образования Исполнительного комитета Хукумата города Пяндж. Телефон: **(+992) 918-30-05-47**

НИГОҲЕ БА ДОСТОНИ «КАЙХУСРАВ» ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Рустам Наботӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Достони «Кайхусрав» дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мақоми волое дорад. Он ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм (ҳудуди 15 ҳазор байт) ва ҳам аз ҷиҳати муҳтаво бузургтарин достони ҳамосии «Шоҳнома» аст, ба ҳадде, ки метавон гуфт, достони достонҳои ин шоҳасар мебошад. Аз ҷиҳати сохтор низ ин достон аз сойири достонҳои «Шоҳнома» бо печидагӣ, мураккабӣ ва ба ҳам омадани силсилаи бузурги воқеаҳои пурмоҷаро фарқ мекунад. Ин асар дар дохили худ достонҳое аз қабили «Рафтани Гев ба Туркистон», «Арз кардани Кайхусрав», «Фуруди Сиёвахш», «Комуси Кашонӣ», «Ҷанги Рустам бо хоқони Чин», «Аквондев», «Бежан ва Манижа», «Ёздаҳ рух» ва «Ҷанги бузурги Кайхусрав бо Афросиёб»-ро, ки 9 тоянд, фаро гирифтааст. Дар ҳамаи достонҳои номбаршуда воқеаву ҳодисаҳо ва тамоми сужету фабулаҳои асар дар атрофи қаҳрамони марказӣ – Кайхусрав мечарханд. Фирдавсӣ тарзе саҳнаороӣ мекунад, ки ҳамаи муаммоҳои дар рафти воқеаҳои асар падидомада ҳатман бо амалу рафтору гуфтори Кайхусрав гиреҳ мехӯранд. Мақсади асосии Фирдавсӣ ҳам нишон додани симои Кайхусрав бо тамоми шаҳомату барҷастагиаш мебошад. Гарчанде Фирдавсӣ дар тасвирҳои ин достон аз неруи халлоқи адабии худаш хеле зиёд кор гирифтааст, аммо сарчашмаи умдаи эҷодии ӯ «Шоҳнома»-и насрии Абӯмансурӣ будааст. Мо дар мақолаҳои қаблӣ решаҳои бунлоди образи Кайхусрав ва сужаи марбути корномаҳои ӯро дар осори аҳди қадим низ ҷустуҷӯ кардаем ва маълум карда будем, ки симои Кайхусрав ва баъзе воқеоти дар достон ба тасвиромада дар манобеи аҳди қадим, аз қабили Ригведо, Авасто, «Динкард», осори дигари паҳлавӣ, ба монанди «Шаҳристонҳои Эрон», «Бундаҳиш», «Минуи хирад», «Ардавирознома», «Гузидаҳои зодспарам» ба назар мерасанд [3, 127-133].

Таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи мо ошкор намуд, ки симои Кайхусрав ба сифати шоҳи нексиришт, пок ва созандаи ормонҳои мардумони эронитабор дар осори хаттии қадимии номбаршуда тачассум шудааст. Дар ҳамаи маъхазҳои пешазисломӣ фарзанди Сиёвушу Фарангис будани

Кайхусрав ва дар матни «Шаҳристонҳои Эрон» дар Самарқанд мутаваллид шудани ӯ ва шаст сол дар Эрон ҳукмфармоӣ намуданаш ба қайди таҳрир омадааст. Аз ҳама муҳимтар ин аст, ки Кайхусрав дар ҳамаи манбаъҳои хаттӣ шоҳи бо фарр ва додгустару ободкор ва бинокунандаи шаҳрҳо буда, дорои маънавияти улвӣ мебошад. Вай пайваста бо душмани сарсахту пурзӯри Эрону эрониён, яъне Афросиёби хунхор ва намояндагони он дар набард буда, оқибат ӯро дар канори рӯди Чиючаст аз байн мебарад. Аҷибтар ин аст, ки дар аксари мутуни осори қадим Кайхусрав аз чумлаи ҷонҳои зинда ва пайвастшуда ба Ҷаҳонофарин ба тасвир омадааст. Чунин ҳолат дар миёни аҳли таҳқиқ баҳсҳои зиёдеро бор овардааст ва бархе аз донишмандон хулоса кардаанд, ки Кайхусрав шабеҳи Исои Масеҳ будааст ва вазифаи пайғамбариро ҳам бар дӯш доштааст [7, 9-44]. Бархеи дигар дар симои ин қаҳрамон ҷилое аз тасаввуфро дидаанд [12, 137-163]. Аммо, ба назари мо, дар андеша ва аъмоли Кайхусрав бештар обу ранги фалсафӣ дида мешавад, то мазҳабию ирфонӣ.

Диққатангез аст, ки устураи Кайхусрав дар ҳаёти маънавии мардумони эронитабор бо омадани ислом қатъ нашуд, балки дар осори давраи исломӣ, то эҷод шудани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, бо обу рангҳои гуногун таҳаввул кард. Дар осори таърихнигорони давраи исломӣ, аз ҷумла «Ал-ахбор ат-тивал»-и Абӯҳанифаи Диноварӣ (ваф. 895), «Таърих ар-русул в-ал-мулук»-и Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (839-923), «Таърихи сунани мулук-ул-арз-ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ (тав. 892), «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (899-959), «Муруҷ-аз-заҳаб»-и Масъудӣ (ваф. 958), «Ғурари ахбори мулук-ул-фурс ва сияриҳим»-и Абӯмансури Саолибӣ (таълифаш байни солҳои 1018-1022) ва монанди инҳо, ки ҳама ба арабӣ таълиф шудаанд, лаҳзаҳои гуногуни корномаи Кайхусрав оварда шудаанд. Фарқи онҳо аз манобеи тоисломӣ фақат дар шакли номҳои шахсиятҳо ва баъзе ҷузъиёти сужа мебошад. Аммо дар асари Саолибӣ навгонӣ он аст, ки пандномаи Кайхусрав қабл аз нопадид шуданаш бозгӯ карда шудааст [4, 214-222]. Аввалин асари давраи исломӣ, ки ба форсӣ аз Кайхусрав ҳикоят мекунад, тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ (ваф. 974) мебошад [4, 214-222]. Барои мо муҳим он аст, ки дар ин китоб ва сойири кутуби фавқан зикршудаи давраи исломӣ достони Кайхусрав ҳазф нагардид, балки бо вариантҳои гуногун бозгӯ шуд.

Устураи Кайхусрав дар миёни хоразмиёну суғдиён то дер гоҳ зинда будааст ва ин чиз аз иттилооти Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» ва Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» [4, 214-222] ҳувайдост.

Қиссаи Кайхусрав дар шоҳномаҳои ба забони форсӣ таълифшудаи пеш аз Фирдавсӣ низ, албатта, ҷой доштааст ва ҳузури он ба тавре муфассалтар дар «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ омадааст. Ин ақидаро аксари шоҳномапажӯҳон, аз қабили Зотанберг [1, 188], М. Н. Османов [1, 181-189], А. А. Стариков [6, 29-30-31], З. Сафо [8, 78], М. Риёҳӣ [2, 91-94], Ҷ. Х. Мутлақ [13, 2-3], Х. Шарифзода [5, 20] ва дигарон низ қайд кардаанд.

Азбаски, шахсияти Кайхусрав ва аъмоли ӯ дар осори қадим ва таърихномаҳои аҳди исломӣ хеле пуррозу рамз ва бо рӯҳонияту покии хос гузориш ёфтааст, нависандагон ва шуаррои ориф аз он барои ифодаи маъниҳои ирфонӣ бардошти фаровон намудаанд. Чунончи, Шаҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ (мақтул дар соли 1191) дар асарҳои худаш Кайхусравро ба манзалаи як ҳакими ишроқӣ қаламдод кардааст [12: 137-163]. Махсусан, ҷоми гетинамое, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба дасти Кайхусрав додааст, диққати адибони орифро ба худ ҷалб намудааст ва онро аз Аҳмади Ғаззолӣ сар карда, то Ироқию Ҳофиз ва дигарон ҳамчун намоди дили орифи комил қабул кардаанд.

Бо ин ҳама, образи Кайхусрав ва корномаҳои ӯ ба таври ҳамосӣ аз ҳама муфассалтар ва муҳташамтар дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба тасвир омадааст [10, 11: 583-1457]. Дар тасвири Фирдавсӣ баёни воқеоти марбути ҳаёти Кайхусрав ва иқдомҳои ӯ дар пайвастагӣ ба як силсила воқеаҳои дигар ба шакли як асари бузурги ҳамосӣ даромад. Ба дунё омадани Кайхусрав ва то ба синни булуғ расидани ӯ дар гузоришоти Фирдавсӣ басо асрорангез аст. Падараш – Сиёвуш қурбони макру тазвири хонадони Афросиёб мешавад. Вале модараш Фарангис, ки дар батн ӯро дошт, аз тарафи Пирон – сарлашкари Тӯрон пинҳонӣ наҷот дода мешавад. Зода шудани Кайхусравро баъзе қаҳрамонони достон бар асари нишонаҳои гуногун пешгӯйӣ мекунанд. Ҳатто ӯ дар хоби Афросиёб аён шуда, ӯро забун мекунад ва ин хоб боиси чорасозиҳои беҳудаи ин шоҳи табаҳкор мегардад. Кайхусрав дар хобҳои Сиёвушу Пирон ва Гударз низ аён шуда, аз рисолати муҳимми худ дарак медиҳад. Оқибат Кайхусрав ба Эрон омада ба ҷойи ниёяш Кайковус ба тахти шоҳаншаҳӣ баргузида мешавад. Моҷароҳо ва ҷангҳои тӯлонӣ рӯйи саҳна меоянд ва дар масири онҳо бо саъйу муборизаҳои Кайхусрав ҳамаи душманони ӯ як-як барчида мешаванд [10, 11: 583-1457]. Пирӯзии Кайхусрав бар душманонаш натиҷаи ниёишҳои ӯ бар Яздони пок ҳам ҳаст. Ӯ ҳаргиз манманӣ кардан ва дағдағаи яккаҳукумрони ҳафт кишвар шуданро ба дил роҳ намедиҳад. Ҳамаи корҳои бузургро бо маслиҳату машварат бо мӯбадон ва паҳлавонон ба анҷом мерасонад. Ӯ адлро, ки сарчашмаи ҳамаи аъмоли нек ва рукни умдаи ахлоқи писандида аст, ҳамеша риоят мекунад ва ҳатто душманонро агар сидқан аз карда ва ё қасди бади худ пушаймон шаванд, мебахшад. Аз дари сулҳ даромадан ва оқибатандешию оянданигарӣ аз хислатҳои умдаи Кайхусрав аст. Ба ифтихори ғалабаҳо ҷиҳати шодбошии паҳлавонон оростани базмҳо низ аз барномаи амали Кайхусрав берун нест. Аммо Кайхусрав ҳамеша порсову хештандор аст. Фирдавсӣ бо ин образ хостааст типи подшоҳи неруманду хирадманд ва ормониро падид оварад ва бар он нек муваффақ шудааст.

Нишон додани шахсияти сойири қаҳрамонон низ аз ҷониби Фирдавсӣ ба хубӣ анҷом дода шудааст. Яке аз онҳо Тӯс аст. Ин образи басо мураккаб ва дар ботини худ хеле пурзиддият мебошад. Ӯ аз хонадони Нузариён аст ва бисёр мехост, ки аз ин дудмон касе бар рӯйи тахти шоҳӣ бошад. Азбаски ин нияти ӯ амалӣ намегардад, баъзе корҳои бадқасдонае аз ӯ сар мезанад. Чунончи, бо ҷурми ӯ бародари Кайхусрав – Фуруд (аз Ҷарира) ба таври фоҷиавӣ кушта мешавад. Фирдавсӣ чунин саҳнаҳои пуртаззоду фоҷеаборро ҷиҳати боз ҳам комилтар нишон додани шахсияти Кайхусрав ба кор бастааст. Корсозӣ ва чораандешии Кайхусрав дар достони «Комуси Кашонӣ» боз ҳам пуррангтар ҷилвагарӣ мекунад. Бар иллати иштибоҳоти сахту нобахшидании Тӯс лашкари Эрон аз ҷониби Тӯрониён мунҳазим бармегардад. Аз чунин ҳолат Кайхусрав чун як инсони заминӣ гирифтори ғаму андӯҳ ва хашму кин мешавад. Дар рафти воқеаҳои баъдӣ образҳои Рустам, Гударз, Фарибурз, Гев, Бежан ва дигарон ба саҳна ворид карда мешаванд. Дар натиҷаи бархурдҳо, гуфтумонҳо ва амалкарди ин қаҳрамонон ва билохира фармонҳои саҳеҳи Кайхусрав ҷанги зидди лашкари Тӯрон созмон дода мешавад ва дар ин набарди хунин ғолибият насиби лашкари Эрон мешавад. Душманони пурзӯри Эрон – Комуси Кашонӣ ва Хоқони Чин аз ҷониби Рустам барафканда мешаванд. Дар идомаи достон омадани қиссаи ширини Бежан ва Манижа хеле диққатангез аст. Ин достони паҳлавонии ошиқона аст. Аҷаб ин аст, ки ҳамаи паҳлавонони бузурги Эронӣ издивоҷашон бо духтарони бегонаасл сурат мегирад. Бежан низ ошиқи Манижа духтари Афросиёб мешавад. Вале ӯ бар асари воқеоти пурихтилофе, ки дар достон ба вуҷуд меоянд, ба дасти Афросиёб гирифтор ва дар чоҳи амиқе зиндонӣ мегардад. Дар ҳамин асно Кайхусрав аз ҷоми гетинамойи худ бо тартибу низоми хос истифода мекунад ва макони дар банд будаи Бежанро ошкоро мебинад. Бежанро Рустам, тибқи фармудаи Кайхусрав, озод мекунад ва ба мақсадаш мерасонад.

Дар натиҷаи пайкору ҷангҳои сахт бо лашкари Тӯрон, ки дар миёни онҳо бо даъвати Афросиёб аз кишварҳои дигар мисли Ҳинду Чин, Руму Сақлоб ва ғайра низ фавҷ-фавҷ лашкар буд, Эрониён пирӯз мешаванд ва билохира худи Афросиёб низ ба дасти Кайхусрав аз миён бардошта мешавад. Бо чунин фарҷом қисмати ҳамосии «Шоҳнома» низ ба итмом мерасад.

Кайхусрав пас аз хотима додан ба ҷанг ва таъмини сулҳу субот ва ба ҳам овардани ҳафт кишвар ин дунёро тарк мекунад ва нопадид мегардад. Сабабҳои чунин рафтори ӯро ба таври зайл хулоса кардан мумкин аст:

«Шоҳнома» асари бузургҳаҷмест ва ҳамаи муҳтавои он беруномада аз диду шинохти ягонаи эҷодгарии Фирдавсии бузург аст. Бинобар ҳамин, дар сар то сари «Шоҳнома» мантиқи устувори тасвири воқеаҳо ва баёни андеша мушоҳида мешавад. Маълум аст, ки бунёди ин ҳамосаи бузурги миллӣ ва инсонӣ бар таззодҳо ва дуализми ҷаҳонбинӣ такя дорад. Барои дарки саҳеҳи ин масъала метавон аз нақди сохторшиносӣ ва равонтаҳлилӣ суд чуст.

Муҳимтарин мафҳуми калидии сохторшиносӣ, ки «тақобули дугона» аст, имкони татбиқаш бар «Шоҳнома» ҳаст. Чунин тақобулҳои дугонаро дар табиат низ мушоҳида кардан мумкин аст: шаб-рӯз, торикӣ-рӯшноӣ, сиёҳ-сафед, гарм-сард, об-оташ, тарӣ-хушкӣ ва ғайра. Дар муносибатҳои иҷтимоӣ низ метавон чунин тақобулҳои дугонаро дид. Чунончи, бад-хуб, зишт-зебо, тавонгар-нодор, қавӣ-заиф, ҷанг-сулҳ, олиҳиммат-пастҳиммат, додгарӣ-бедодӣ ва ғайра. Дар «Шоҳнома» тасвири ҳамаи тақобулҳои дугонаи зикршуда ба таври аёнӣ ба тасвир омадааст ва муҳимтарини онҳо муборизаи некӣ бар бадист. Ба образи Кайхусрав ҳам нек бингарем, дар он таҷассуми пирӯзии мутлақи некиро бар бадӣ мушоҳида мекунем. Аз назари Фирдавсӣ дар рафтору гуфтор ва андешаи инсон омилҳои таъйинкунанда покии гуҳар (насаб) ва некӣ дар муносибатҳои иҷтимоист. Аз ин дидгоҳ вуҷуди Кайхусрав оганда аз ду гавҳари ба ҳам зид аст. Аз тарафи модар гавҳари нопоки Афросиёбро дорад ва аз тарафи падар гавҳари поки Сиёвушро. Аммо неруи охирӣ дар набард бо аввалӣ ҳамеша пирӯз ба тасвир омадааст. Кайхусрав дар бисёр лаҳзаҳо худро бо Ҷамшеду Заҳҳок қиёс мекунад ва ин бехуда нест, Ҷамшед соҳиби ҳафт кишвар буд, яъне дар назари ӯ ҷаҳон дар итоати ӯ буд ва ин замини бузург насиби Заҳҳок шуд. Дар робита ба ин шикваи Коваро, ки бар рӯйи Заҳҳок кашида буд ба ёд оварем, бачост:

Агар ҳафт кишвар ба шоҳӣ туруст,
Чаро ранҷу сахтӣ ҳама баҳри мост? [9, 54].

Вақте Фаридун Заҳҳоки лаинро аз байн мебарад, қудрати сиёсии худро миёни писаронаш тақсим карда буд. Салму Тур аз он ки Эрон (нофи замин) бародари кеҳтари онҳо – Эраҷро бахшида шуда буд, дар равони худ эҳсоси таҳқир диданд ва Эраҷро куштанд. Аз ҳамин ҷо ҷангу ҷидоли хунин миёни Эрону Тӯрон шурӯъ мешавад ва ахиран дар аҳди Кайхусрав душмани Эрон – Афросиёб тавре ки гузашт, аз ҷониби ӯ аз миён бардошта мешавад. Дар натиҷа ҳафт кишвари собиқ ба ҳам меояд ва подшоҳи он Кайхусрав боқӣ мемонад. Аммо Кайхусрав фақат фармонраво нест, дар айни замон ӯ ҳам паҳлавони майдонҳои набард ҳасту ҳам ҳакими хирадманд. Ӯ ба дунёву кори дунё ва қудрату давлат назари файласуфона дорад. Ӯ мебинад, ки ҳангоми ғалабаи қатъӣ бар душманон ҳолаш шабоҳати зиёд ба ҳоли Ҷамшедро дорад. Ҷамшед қудрати мутлақро дар даст дошт. Дигар бо мубадон, паҳлавонон, ки аз пеш дар идораи давлат саҳим буданд, эътиборе надод. Ҳама осоиши мардум ва ободии кишварро аз неруи худ диду манӣ кард ва аз пайи он фарри шоҳӣ аз ӯ зоил шуд. Дар аҳди Кайхусрав низ бинобар сиёсати оқилонаи ӯ ҳамаи душманиҳо ва беназмиҳои сиёсиву иҷтимоӣ рафъ гардида, зиндагии

борифоҳи мардум ва ободии кишвар комилан таъмин шуд. Ҷавонмардию силаҳшӯрӣ ва заковату хиради Кайхусрав аз мӯбадону паҳлавонони кишвараш бартарӣ дошт. Гарчи ӯ мазҳари адолату додгарӣ, худопарастиву бахшандагӣ ва парҳез аз дурӯғу паймоншиканӣ буд, бо ин ҳама, ахиран қудрати мутлақро соҳиб шуда буд. Ҳамин ақидаи қудрат метавонист дар равони вай маниро, яъне худкомагиро тавлид намояд.

Гузашта аз ин, Кайхусрав медонист, ки бар аҳволи ҷаҳон субот бегона аст. Аз ин рӯ, дар ин дунё хушии мутлақ низ насиби одамӣ нест. Аз пайи ҳар падидае омадани падидаи зидди он ногузир аст. Бинобар ин сабабҳо, Кайхусрав ин ҷаҳони моддиро тарк кард ва Фирдавсӣ низ ин подшоҳи ормонии худро, дарвоқеъ, барои ҷаҳониён ормонӣ гардонид. Худи Фирдавсӣ ҳам шоири оддие нест. Ӯ низ ба ин дунё ва аҳли он аз дариҷаи ҳикмату хирад менигарад. Ин чиз ба пуррагӣ дар достони Кайхусрав низ падидор аст. Диди ақидатӣ ва меҳварии Фирдавсӣ дар ин достон мукофоти амал аст. Ҳукми қазову қадар беш аз ҳама бастагӣ дорад аз хӯю аъмолу кирдори инсон. Мукофоти амали зишт ҳатман зишт хоҳад буд. Мисоли барҷастаи он фарҷоми корҳои зишти Гарсевазу Афросиёб аст. Мукофоти амали нек ҳамеша нек мебошад. Мисоли равшани он фарҷоми аъмоли неки Рустаму Кайхусрав аст.

Фирдавсӣ азбаски дар ин достон хостааст ва тавонистааст образи муҳташаму ҷовидро ба вуҷуд орад, сабки суханаш ҳам мутобиқ бар нияту самараи эҷодиаш романтикӣ гаштааст. Дар достон парвози тахайюли бадеӣ дар авҷ аст. Ҳарчанд ки ин достон ҳамосист, дар ҳама ҷойи он разму базму ғалабаю тантана нест. Дар он муноҷоту сӯгворӣ, мазмунҳои шукуру шикоят, саҳнаҳои ошиқона, бухлу ҳасад, андарзу насиҳат ва ҳоказо ҳам ҳаст. Ҳайати персонажу образҳо низ хеле гуногунанд. Ба ин ҳайат шоҳону шоҳзодагон, мӯбадон, сарлашкарон, паҳлавонон, духтарону занон, ҷодугарон, издиҳоми лашкарон, деҳқонон, савдогарон, ҳатто образҳои фавқуттабиӣ мудом дар ҳаракату бархурдҳои пуртаззод ба тасвир омадаанд. Персонажҳо аз қавму табори гуногунанд ва ҳар яке хулқу хисол ва шеваи рафтори худро дорад. Аз ҷиҳати фазову макони тасвир низ ин достон вусъати густарда дорад. Бинобар ин, ин асарро метавон ҳамчун як романи комил талаққӣ кард. Ба муқтазои хусусиятҳои жанрии асар васф якчо бо иғроқи шоирона дар ҷойи аввал қарор дорад. Назари ақидатии Фирдавсӣ дар достони Кайхусрав мабнӣ бар ҳеҷ будани дунё ва кори дунё аст. Нигоҳи ӯро метавон чунин хулоса кард, ки аз инсон фақат некӣ хоҳад монд ва ҳар даъвои дигаре ҳеҷу пуч аст. Шоир чунин ақидаи адабӣ, фалсафӣ ва эстетикии худро бо истифода аз тамоми имконоти неруи халлоқи худ ба хонандагон талқин намудааст.

АДАБИЁТ

1. Османов М. Н. Своды иранского героического эпоса («Худай-намэ» и «Шах-намэ») как источники «Шах-намэ» Фирдоуси / М. Н. Османов// Уч. записки Института востоковедения АН СССР. – М., 1985. – Т. XX.
2. Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ) / Риёҳӣ Муҳаммадамин; ба алифбои кириллии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 338 с.
3. Рустам Наботӣ. Шахсияти Кайхусрав дар осори хаттии пешазисломӣ / Рустам Наботӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология – Душанбе: Сино, 2012. – №4/1 (80). – С. 127-133.
4. Рустам Наботӣ. Шахсияти Кайхусрав дар осори хаттии давраи исломӣ / Рустам Наботӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология – Душанбе: Сино, 2012. – №4/3 (88). – С. 214-222.
5. Шарифзода Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе: «Андалеб Р», 2014. – 400 с.
6. استریکوف، آدکادیویچ. فردوسی و شاهنامه. تهران: کتاب آ، 1388. – 182 صح
7. آیدنلو، سجاد. سیاوش، مسیح و کیخسرو: مقایسه ای تطبیقی. پژوهشهای ادبی شماره 2 (2). – صص 449. 1388.
8. صفا، ذبیح. حماسه سرایی در ایران. چاپ چهارم. تهران: امیر کبیر، 1363. – 675 صح
9. فردوسی، ابوالقاسم. شاهنامه. با معانی لغات و برخی توضیحات. تهران: نشر قطره، 1381. 2966 صح
10. فردوسی، ابوالقاسم. شاهنامه. با معانی لغات و برخی توضیحات. تهران: نشر قطره، 1381. 2966 صح
11. فردوسی، ابوالقاسم. شاهنامه. با معانی لغات و برخی توضیحات. تهران: نشر قطره، 1381. 2966 صح
12. همدانی، اسدی. حماسه، اسطوره و تجربه: گوشه‌ای از شاهنامه. نقد ادبی، 1388. – ش (3) 7. – ص 137 – 163.
13. (خلق مطلق، جلال. شاهنامه تا خداینامه. در بارهٔ مآخذ مستقیم و غیرمستقیم شاهنامه (2008). http://www.noufe.com 31

НИГОҲЕ БА ДОСТОНИ «КАЙХУСРАВ» ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Дар мақола бузургтарин достони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ – достони «Кайхусрав» ба таври мухтасар таҳлилу баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, такомулу таҳаввули шахсияти Кайхусрав ҳамчун як образи барҷастаи бадеӣ дар ёдгориҳои хаттии пешазисломӣ ва давраи исломии то «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ таҳлил шудааст.

Гузашта аз ин, тағйири аҳволи Кайхусрав дар охири умраш бар асоси равиши равонтаҳлилӣ ва сохторшиносӣ, бахусус мафҳуми «тақобули дугона» таҳлил гардида, ба диди адабӣ ва ақидатии Фирдавсӣ дар достони мазкур низ мушаххасан ишора шудааст.

Калидвожа: Кайхусрав, «Шоҳнома»-и Фироавсӣ, достон, образ, тақобули дугона, диди ақидатӣ, иғроқи шорина, роман.

ВЗГЛЯД НА «СКАЗАНИЕ О КЕЙ-ХОСРОВЕ» В «ШАХ-НАМЕ» ФИРДОУСИ

В данной статье автором подвергнут рассмотрению и изучению образ Кей-Хосрова в «Сказании о Кей-Хосрове» в «Шах-наме» Фирдоуси. Также данной образ рассматривается в доисламских памятниках. И памятниках исламского периода до создания «Шах-наме» Фирдоуси.

Кроме того, на основе психологического и структурного анализа и изучения литературных источников показан принципу «двойственности противопоставления», изменения душевного состояния Кей-Хосрова в конце его жизни с точки зрения Фирдоуси.

Ключевые слова: Кай-Хосров, «Шах-наме» Фирдоуси, дастан, образ, «двойственность противопоставления», идейное видение, поэтическая гипербола, роман.

THE VIEW AT THE LEGEND OF KAI-KHUSRAV IN SHAHNAME FIRDOUSI

In the given article the author subject to time and studying the image of Kai-Khusrav in legend of Kay-Khusrav and Shahnameh Firdousi. Also this image regarded pre-Islamic monuments. And monuments of the Islamic period prior to the creation of the Shahname Firdousi.

In addition, on the basis of psychological and structural analysis and study of literary sources shown duality principle of opposing changes in mental state, Kay-Khusrav at the end of his life view of Firdousi.

Key words: Kai-Khusrav, Shahname Ferdowsi, dastan, image, duality, pitting ideological vision, poetic hyperbole, the novel.

Сведения об авторе: ***Рустам Наботи*** – кандидат филологических наук, начальник отдела Научно-технической информации ТНУ. Телефон: **(+992) 221-71-87; 918-97-31-41**. E-mail: **rustamnaboti@inbox.ru**

ТАСВИРИ РӮЗГОРИ ШОҲ ШУҶОЪ ДАР «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО»-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Момогул Шодиева
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт,шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Дар миёни осори муътабари форсӣ тазкираҳо ҷойгоҳи муносиб доранд. Ин гуна осор ҳам аз лиҳози адабӣ ва ҳам аз ҷиҳати таърихӣ муфиду судманд мебошанд.

Яке аз чунин осор «Тазкират-уш-шуаро»-и ДавлатшоҳиСамарқандӣ ба ҳисоб меравад, ки ахбори фаровон дар бораи вазъи адабӣ ва ҳамчунин сиёсиву иҷтимоии даврaҳои гуногун медиҳад [1, 35-36]. Бештари ин ахбор дар осори дигари адабиву таърихӣ наёмадаанд. Ин асар аҳаммияти бузурги адабиву таърихӣ дорад. Бисёре аз ахбори он то кунун аз тарафи муҳаққиқон ба таври бояд арзёбӣ нашудааст.

Пирӯзии қавми биёбонгарди муғул, ки ба одобу сунан ва усули иҷтимоӣ ху нагирифта, бунёди қудрати эшон танҳо дар сояи қатлу ғорат ва решакании мабонӣ ва муносиботи иҷтимоӣ хулоса мешуд, аз тиратарин даврaҳои таърихии мардуми тоҷик маҳсуб мегардад. Ҳузури таърихии ҳамлаи муғул ҳамвора бар пайкару рӯҳияи миллати тоҷик озордиҳанда буда, хотираи талхи он рӯзгори наҳс ҳанӯз фаромӯш нашудааст.

Сарзамини тоҷик, қабл ва баъд аз ҳамлаи муғул чандин истилоро таҷриба кардааст, аммо ҳеч кадом ба монанди фитнаи муғул ва химу бадфарҷом набудааст. Бо мурур ба ҳар манобеи ин давра, метавон ба ин воқеият пай бурд.

Ибни Асир, Ҷувайнӣ, Рашидаддин, Вассоф ва муаррихони баъдӣ аз қабили Сайфии Ҳиравӣ ва Мирхонду Хондамир ва дигарон низ фоҷиаҳои ин асрро бо обу ранг нақл кардаанд [1, 672].

Замони пас аз ҳамлаи муғул ҳам асосан давраи тираву тори пасмондаҳои муғул буда, нақши он дар сарнавишти мардуми тоҷик хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Дар ин давра яке аз паси дигар сулолаҳои хурд ва парешон дар гӯшаву канори Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳукумат кардаанд. Яке аз чунин сулолаҳо, хонадони тоҷикнажоди Музаффариён мебошад. Ин хонадон аслан аз шаҳри Хофи Хуросон бархостаанд. Сарсилсилаи ин сулола амир Шайх Ғиёсиддини Ҳоҷӣ ба шумор меравад. Ӯ пас аз ҳамлаи муғулҳо дар музофоти Язд паноҳанда шуд.

Шайх Ғиёсиддин аз самти мисараш Мансур се набера дошт: Муҳаммад, Алӣ ва Музаффар. Миёни фарзандонаш Музаффар ба сабаби фазлу дониш ва покдомонӣ бештар маҳбубият дошт. Ҳукумати ниммустақили Музаффариҳо дар зери итоати илхонони муғулӣ аз соли 1313, яъне аз замони ба вилояти Язд ҳоким гаштани амир Музаффар оғоз мегардад.

Сипас ӯро ҳокими Майбуд таъйин намуданд. Амир Музаффар пас аз маргаш (1314) дар саҳни мадрасе, ки дар шаҳри Майбуд, бино карда буд, ба хок супорида шуд [3, 459].

Мансаби Музаффаррро хони муғул ба писари ҷавонаш Муборизиддин Муҳаммад бахшид. Аммо, машҳуртарин намояндаи сулолаи Музаффариҳо, вориси тоҷу тахти Муборизиддин писараш Шоҳ Шуҷоъ (1359-1384) гардид.

Ӯ дар миёни подшоҳони сулолаи Музаффариҳо бо донишмандиву фазилат маъруф аст. Дар синни нуҳсолагӣ Қуръонро хатм намуда, бо шеъру шоирӣ низ ошноӣ дошт. Перомуни рӯзгори ӯ Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин мегӯяд: «Дар рӯзгори давлати Муҳаммади Музаффар ва авлоди ӯ Хоҷа Имоди Фақеҳ марҷаъи хоссу ом будӣ ва ҳамгинон ба суҳбати шарифи ӯ моил будандӣ ва бо вуҷуди илму тақво ва ҷоҳу маротиб шоире комил буда сухани ӯ футуре надида» [1, 191].

Бояд гуфт, ки Давлатшоҳ на танҳо рӯзгори Музаффариҳоро тасвир мекунад, балки ба зиндагии Шоҳ Шуҷоъ низ пардохта, аз ҷумла чунин менависад: «Аммо Абулфаворис Ҷалолуддин Шоҳ Шуҷоъ чароғи дудмони Оли Музаффар буд ва дар илму мурувват ва фазоил ягонаи рӯзгор аст.

Баъд аз Муҳаммади Музаффар дар Ироқи Аҷам ва Форсу Кирмон салтанате ба истиқлол ёфт, олимпарвару шоирнавоз буда ва уламову фузало дар улум ба номи ӯ тасонифи марғуб пардохтаанд ва ӯ подшоҳи аҳли фазл буда» [1, 226]. Аммо, муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» дар қатори баршумурдани ҳусни ният ва хубиҳои Шоҳ Шуҷоъу авлоди ӯ костиҳову норасоиҳои онро низ бар шумурдааст. Аз ҷумла, зиддият ва ҷангу хусумати дохилии хонадони Музаффариҳо низ аз қалами ин адиби тоҷик берун намондааст.

Ба навиштаи Давлатшоҳ Шоҳ Шуҷоъ бародаронаш Султон Аҳмадро ҳокими Кирмон ва бародари дигараш Шоҳмаҳмудро ҳукумати Исфаҳон бахшид. Бародарзодааш Шоҳяҳёро аз ҳукумат дур карда, зиндонӣ намуд, аммо дере нагузашта ӯро озод ва ба ҳукумати Язд таъйин кард. Аммо, чуноне ки интизор мерафт Маҳмуд ва Яҳё бо ҳам иттифоқ баста, муддате ба ҷанг бо Шоҳ Шуҷоъ пардохтанд.

Соли 1364 ҳатто Шерозро ҳам ишғол карданд. Танҳо марги Маҳмуд Шоҳ Шуҷоъро аз гирифториҳо озод сохт. Пас аз нақли ин достон тазкиранависи тоҷик як шеърро ҳам овардааст, ки ҳасби ҳоли он рӯзгор мебошад. Ба навиштаи ӯ ҳангоми муборизаи ду бародар «Шоҳ Маҳмуд мутаваффо шуд ва Шоҳ Шуҷоъ ин рубоиро муносиби он воқеъа мегӯяд:

Маҳмуд – бародарам, шаҳи шермакин.
Мекард хусумат аз пайи тоҷу нигин.
Кардем ду бахш, то биёсояд халқ,
Ӯ зеризамин гирифту ман рӯйи замин» [1, 239].

Тавре гуфта шуд, Шоҳ Шуҷоъ на танҳо ҳамчун сиёсатмадор, балки чун адиб шуҳраи офоқ гардида буд. Дар ҷавоби яке аз ҳамзамононаш, ки ӯро барои ҷанги бо бародар накуҳиш карда буд, ӯ рубоии зеринро менависад:

Саломи ман бирасону бигӯй бисёраш,
Ки чашми бад ба ҷамолу ҷалоли ту марасод.
Маро ту таъна мазан гарчӣ дар замони шубоб,
Ҷаримаи ба хатоӣ, на ихтиёр уфтод.

Пас аз овардани ин мисраъҳо Шоҳ Шуҷоъ чанд лафзи берун аз адабро ҳам оварда, Султон Увайсро, ки муаллифи чанд байти сарзанишкунанда буд, таҳдид мекунад.

Тавре аз саҳифаҳои таърих бармеояд, даврони зиндагии Шоҳ Шуҷоъ бо ошуфтагиву гиру дорҳои дохилӣ сипарӣ мегардад [4, 234]. Фарҷоми рӯзгори ин шоҳи адабпарвару донишмандро низ Давлатшоҳи Самарқандӣ тавсиф карда, чунин менависад:

«Ва Шоҳ Шуҷоъ, ки баъд аз 14 сол, ки ба комронӣ ва истиқлол салтанат ронд, ба ҳасрати тамом дар рӯзгори шубоб ва айёми фазлу иктисоб ҷаҳони бесомонро видоъ фармуд ва рӯзгори номусоид бар ҷавонӣ ва комронии ӯ набахшуд. Шуҷоъ буд, аммо на бо савори аҷал, мудаббир буд, аммо на ба ҳукми азал» [1, 227].

Пас аз зикри ҳузнангези рӯзгори ӯ Давлатшоҳ ин ду байтро ҳам овардааст, ки хеле дилчаспу хотирмон аст:

Дардест аҷал ки нест дармон ӯро,
Бар шоҳу гадост ҳукм фармон ӯро.
Шоҳе ки ба ҳукми душ Кирмон мехӯрд,
Имрӯз ҳамехӯранд кирмон ӯро.

Ҳамин тавр, маълумоти кӯтоҳ вале зебои асари «Тазкират-уш-шуаро» имкон медиҳад, ки вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва адабиву ҳунарии нимаи дувуми қарни XIV-ро мо ба таври иҷмолӣ тасвир кардан тавонем. Муқоисаи ахбори Давлатшоҳ бо сарчашмаҳои дигари таърихиву адабӣ имкон медиҳад, ки бисёре аз саҳифаҳои норавшани таърих муайяну мушаххас гарданд. Таҳқиқи ин асар аз нигоҳи иҷтимоӣ низ хеле арзишнок буда, нашри муфассал ва ташреҳи он аз зарурияҳои рӯзҳои мо ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Тазкирату-ш-шуаро. Давлатшоҳи Самарқандӣ / Ба ҳиммати Муҳаммад Рамазонӣ. - Теҳрон, 1338. - 431 с.
2. Таърихи Эрон. Давраи Темуриён. Пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ. Тарҷумаи Ҳасани Анӯша. - Теҳрон, 1376. - 760 с.
3. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV; мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе, 1999.
4. Маҷмаъ-ул-ансоб; таълифи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммади
5. Шабонкораӣ; ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. - Теҳрон, 1343.

ТАСВИРИ РӮЗГОРИ ШОҲ ШУҶОЪ ДАР «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО»-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Ин мақола ба рӯзгору осори ҳокими Форс, намояндаи сулолаи Музаффариён Шоҳ Шуҷоъ бар асоси яке аз сарчашмаҳои нодири форсии асримиёнагӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки ҳаёти ин ҳоким дар замони нооромиҳои сиёсӣ сипарӣ шудааст. Сарфи назар аз авзои нооромиҳои замон, Шоҳ Шуҷоъ ашъори зиёде сурудааст, ки дар он ҳодисаҳои таърихӣ низ инъикос ёфтаанд.

Калидвожа: Давлатшоҳи Самарқандӣ, Форс, Шероз, Музаффариҳо, Шоҳ Шуҷоъ.

«ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО» ДАВЛАТШАХАСАМАРКАНДИ О ЖИЗНИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШАХ ШУДЖА

В статье исследуется жизнь и творчество правителя Фарса из династии Музаффаридов Шах Шуджа. Отмечается, что согласно этому источнику жизнь этого правителя-поэта проходил в сложной и непростой обстановке. Несмотря на все тяжести и невзгоды Шах Шуджа сочинил множество стихов, которые имеют исторические сюжеты.

Ключевые слова: Давлатшах Самарканди, Фарс, Шираз, Музаффариды, Шах Шуджа.

"TAZKIRAT-USH-SHUARA" DAVLATCHALARGA ABOUT THE LIFE AND ACTIVITIES OF SHAH SHUJA

The article examines the life and work of the ruler of Fars from the dynasty of Muzaffarid Shah Shuja. It is noted that according to this source the life of this ruler-poet took place in a complex and challenging environment. Despite all the hardships and tribulations of Shah Shuja wrote a lot of poems that have historical subjects.

Key words: Dawlatshah Samarkandi, Fars, Shiraz, Muzaffarid, Shah Shuja.

Сведения об авторе: ***Момогул Шодиева*** - аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 935-42-01-49**

ТЕОРИЯ ТЕОМАНИЗМА В ИРФАНИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИР САЙИД АЛИИ ХАМАДОНИ

К. Кодиров
Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава

Ибн ал-Араби теорию «вахдати вуджуд» («единства сущего») поставил в центре всей системы своей мысли, изложив её во всей полноте. Отсюда он и признан основоположником этой теории в ирфане. Это он преподнес благочестивым ‘арифам девиз «هو هو» (он – это он). Поэтому ирфан Ибн ал-Араби предстает учением «вахдати вуджуд» («единства сущего»), нашедшее отражение в «Фусус ал-хикам» («Геммы мудрости») и «Футухоти маккия» («Маккиевы открытия»).

В своём учении Ибн ал-Араби исходит из того, что в существующей действительности нет ничего лишнего и истина сущего едина, нет разницы между существованием и существующего, между наукой и действительностью, между наукой и известного. Излишни поистине, долги, насаждения и добавления, а аллегорические отношения к бытию и существующему – действительны:

«Весь действительный мир является единым существом и никогда в существующем нет расхождения. Действительность вся является единством и в сущности никак не может быть несоответствия. Она вся одна истина и предстаёт лишь возникновением и видением. Никаких излишеств в мире не существует; а то излишнее, которое предстаёт взору, - нет ничего кроме сновидений и грёз, теней и образов, вторым отражением косого глаза. Все эти излишки являются факторами, связанными тайнами и подтверждениями, некоей манифестацией и проявлением любви к субстанции [Бога], к его атрибутам именного и духовного порядка и всё это есть отражение вина и рисунком одного лишь сияния лика кравчия, отразившегося в чаше» [3, 98].

Ибн ал-Араби был последователем теоманизма, т. е. теории «وحدة الوجود» единой сущности к которой относятся имена и атрибуты, представленные двояко: чистым или божественным бытием «حق» и бытием, смешанным с небытием, что конституирует мир творения «خلق». Чистая сущность открывает свои атрибуты только в теофаниях. Феноменальный мир – это мир теофаний, он ни в коей мере не является иллюзией, он существует на самом деле, поскольку представляет из себя теофанию, другое «я» абсолюта. Следовательно, не существует разницы между сущностью и атрибутами: бытие тождественно мышлению.

По Ибн ал-Араби теофания проходят через три этапа: есть теофания единства (эпифания имен, единых с совершенным человеком); теофания самости, или эпофания атрибутов; теофания божественной личности, или эпофания сущности. В каждой эпохе существуют совершенные люди, являющиеся эпифониями чистей метафизической реальности Мухаммедавой (حقيقة محمدية), логоса Мухаммедова, или вечной пророческой подлинности [4, 61].

Садрид-дин Ширази, известный как Мулла Садра, теории «вахдати вуджуд» («единства сущего») придал иную трактовку и растолковал ее с помощью ссылок, ирфана и Корана, введя доказательства и ирфан в

сферу сияния Корана. Мулла Садра свою философию основал на подлинности бытия и учение «вахдати вуджуд» («единства сущего») привёл в соответствие с доказательствами и ирфаном, комментировал рассудок, откровение и объяснение таким образом, что между Кораном, ирфаном и доказательством не оставил места для разногласию. Это обстоятельство он объяснил: «Ирфан есть дух Корана, а доказательство – язык ирфана».

В концепции Мулла Садра благодатным источником ирфана предстает Коран, а Коран есть манифестация Бога, который находит своё отражение в зеркале откровений Корана. Коран своим величием и сиянием есть милость божия в метафорических письменах и выражениях. В каждой из букв Корана скрыты тысячи аллегорий и доводов, которые притягивают сердца людей ирфана.

Коран есть глас небесный, источник всех ирфанов и разделов просветления, в котором нашли отражение все субстанциональные достоинства, прикладные атрибуты и имена (Бога) отразились в нем. Коран пользуется абсолютизмом и абсолютной святостью. Абсолютная святость состоит из итога совокупности слов смерти и посмертной вечности. Каждое слово Корана принадлежит Богу и под особым значением указывает на имен Господа. Да, «…..суть жизни каждой буквы и каждого слова, познание и обучение которых происходит – это воздух одного вдоха и выдоха, который выходит из пространства носоглотки, протекает и превращается в издержки букв и в каждой издержке из определенных издержек в какой-нибудь из букв происходит волнение и каждая буква принимает особую форму…. И с такими разнообразиями свойств того количества букв приходит в манифестацию…» [2, 25].

Мир Сайид Али Хамадани в «Асрор ан-нукта ё Тавҳиди ирфони» («Тайны точки или ирфанические единства») пишет: «Суть» есть ключ от кладези определенных слов и цифр, изображение письменных букв, которые своей сущностью охватывают тайны цифр, обозначения букв в слове [2, 36]. Абу Наср Фараби в одном четверостишии «точку» представляет как тайну бытия:

Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.
(Тайны бытия остались сырыми и недозрелыми
И тот весьма благородный жемчуг остался непросветленным.
Иные высказали что-то, исходя из доводов рассудка,
Но та суть, которая была корневой, осталась несказанной) [3, 71].

«Вахдати вуджуд» («единства сущего»), т.е. «суть» есть существование действительной единицы, а существование вещей – манифестацией субстанции Бога, в виде материальных вещей.

Другой поэт говорит:

گر نه حسنش دائماً در جلوه
این نمود و بود عالم از کجاست؟
از تجلی جمالش وحدت اس
در حقیقت این که کثرت را بقاست

(Если его красота не в постоянной манифестации,
Тогда откуда этот вид и существование вселенной?
Единство от манифестации его красоты
Поистине – множеству существование) [4, 783].

«Вахдати вуджуд» («единства сущего») в ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани представляется как мир сотворения, свод науки ясновидения, а также свидетельство божьей книги, которая содержит все столпы атрибутов и эпитетов Бога. Каждое из творений есть слово от слов Бога, которое в особом значении не имеет указания в небожественных именах и происходит с дыханием Творца через говорящего, свидетельствуя о сокровенном. Этот процесс можно сравнить с тем, как слова выходят с при дыхании из гортани человека. «Да, суть и душа всех букв и слов, с помощью которых происходит процесс объяснения и освоения, обучения и учения, не что иное, как воздух, который выходит из дыхательного аппарата и расходуется на образование 28-значного алфавита. В каждом из определенных выходов появляется буква из букв. Каждая из букв принимает определенную форму, которая выступает её отличительным признаком. И с этими многочисленными отличительными признаками от того количества единиц происходят многочисленные буквы [2, 37].

‘Арифы и иные представители мистики настаивают на том, что в действительном контексте и объективной действительности кроме единичной субстанции нет ничего постоянного, не считая Бога. Сияние лика и сверкание субстанции Бога есть откровения красоты Бога. Мир множества есть зеркало жилища, а абсолютным существом является Бог. Множество выражается в проявлениях, а его достоверность и происхождение – добавление.

Исходя из того, что проблема теории «вахдати вуджуд» («единства сущего») является осью ирфанической поэзии, теория «сущности» в мистике Мир Сайида Али Хамадани представляется то же «вахдати вуджуд» («единства сущего»), которое находит свое выражение как в прикладном, так и в теоретическом ирфане.

Вопросы тариката с его детализацией (ступеней, состояний, этапов и т.д.) в ирфане Мир Сайида Али Хамадани находят свое отражение в поэтическом контексте. При этом он, как ‘Ариф, следует тем теоретическим положениям, которые в ирфанском теогнозисе имеют доктринальную правомерность. Отсюда ясно, что в своей ирфанической поэзии Мир Сайид Али Хамадани всемерно пользуется символикой и терминологией ирфанической догматики.

Мир Сайид Али Хамадани проявляет себя глубоким последователем учения тариката (путь духовного усовершенствования), но как личность с развитым культурным сознанием, подкрепленным обширными познаниями, он в своей ирфанической поэзии предаётся как последователь культурного течения этого далеко не однообразного учения. Поэтому его ирфан проявляет такие особенности, которые дают основание полагать, что его творец представляет ирфан одной из направлений поэзии, которое примешано, контаминировано с теогностическим научным мышлением.

Поэзия Мир Сайида Али Хамадани строго не дифференцирует теоретические и практические аспекты ирфана. Но, очевидно, что при всём желании между этими двумя концепциями обойти какого-то расслоения трудно избежать. Исходя из этого, как нам представляется, при исследовании ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани между этими двумя концепциями не следует проводить прямую линию.

Практическая концепция ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани основывается на том, что поэт в ней рассуждает о некоторых нитях, связывающих человека с мирской жизнью и ответственности человека перед этим миром.

Поэтому эта концепция ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани приобретает черты «ҳикмати амали» («практический мудрости») - прикладной философии или этики. В этом смысле обратимся к примерам:

Айб аст баланд бар кашидан худро,
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дидайӣ бояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро.
(Неприлично великим представлять самого себя,
Из всех людей избранным выставлять себя
У зрачка глаза следует учиться,
Замечать всех и не замечать самого себя) [1, 64].

Эта концепция ирфана называется «сайру сулук» - странствие. В этой концепции даются и пояснения к ирфану. В частности, популярно разъясняется, с чего солик (странствующий) должен начать сложный путь мистического восхождения, чтобы добраться до высочайшей вершине духовного совершенства - таухид – единение с Богом. Какое состояние и ступени преодолеть при этом.

Сложный путь тариката (путь духовного усовершенствования) солик (странствующий) должен совершить под руководством наставника – пира:

Пир бояд роҳро, танҳо марав,
Аз сари ашьё дар ин дарё марав.
(Наставник нужен дороге, без наставника не иди,
Из-за вещей на это море не ходи) [1, 27].

«Таухид» - единение с Богом - в ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани предстает вершиной духовного совершенства человека, конечной целью странствий солик (странствующий). «Таухид» же в этой поэзии есть «тайны сути» и теории «вахдати вуджуд» («единства сущего»), которая упоминается на каждой «стоянке» в ином изложении.

«Таухид» ‘арифа - это эманация человека в божество, единение человека с Богом, «таухид» ‘арифа - это существование лишь одного Бога, «таухид» ‘арифа - достижение той ступени в странствии путника, когда кроме Бога нет другого существа [3, 86].

С позиции Мир Сайида Али Хамадани, процесс «таухида» - это не дело рассудка и мысли, а дело сердца и усердия на пути к просветлению и самоочищению. Поэт об этом говорит:

Эй хирад саргаштаи даргоҳи ту,
Ақлро сарришта гум дар роҳи ту.
(О, разум в заблуждении у твоего двора,
Рассудок в растерянности на пути к тебе) [2, 66].

Целью странствования со стоянками и этапами является, по мысли Мир Сайида Али Хамадани, «сирот», который человек должен перейти:

Эй, ки дар дунё нарафтӣ бар сироти мустақим,
Дар қиёмат бар сиротаи ҷойи ташвиш асту бим.
Қалби зарандуд настонанд дар бозори ҳашр,
Холисе бояд, ки аз оташ бурун ояд салим.
(О ты, который на этом свете не шёл по прямому мосту,
В день страшного суда на мосту есть место волнениям и страху.

На базаре страшного суда не примут позолоченное сердце,
Нужно чистое, чтобы здравым выйти из огня) [1, 136].

В творчестве Мир Сайида Али Хамадани человеческий дух подобен растению, живущему по закону природы, но в этике речь идет исключительно о каком-то блоке достоинств наподобие правдивости, прямоты, справедливости, щедрости, совестливости и т. п., в которых дух переходит в манифестацию.

В теоретическом ирфане Мир Сайид Али Хамадани языком поэзии изображает действительность в её обычном ходе, рассуждает о Боге, человеке и жизни, но здесь поэзия функционирует на позициях рассудка. В этой позиции ирфанической поэзии все виденное и прочувствованное собственным сердцем передаёт доводами рассудка. По мысли поэта -'Арифа, рядом с Богом другие вещи, хотя они реально существуют, не существуют, существо самого Творца отражает все другие вещи, которые являются эпитетами, атрибутами и иными достоинствами своего творца и проявляются в его манифестациях.

В своей ирфанической поэзии Мир Сайид Али Хамадани стремится к тому, чтобы познать истину бытия, которое является Богом и освидетельствовать его. С позиции 'Арифа, совершенство человека заключается не в том, чтобы в своей памяти хранил какой-нибудь из образов действительности, а в том, чтобы проделал путь мистического просветления и достигнул того начала, откуда происходил. Этим самым он сокращает расстояние между Богом и человеком и, расставшись с собой, воплотиться в нём и найти вечную жизнь.

Он говорит:

Гар ҷаҳоне чун Алойи ҳар дам он ҷо шуд фано,
Қатра дар дарё фитоду боз шуд обе ба об.
(Если целый мир там, как Алайи, аннигилировался -
Все равно, что капля попала в океан, вода соединилась с водой) [2, 5].

В связи с этим в ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани понятие «таухид» - единение с Богом - становится актуальным предметом разъяснения и популяризации, ибо без раскрытия сути «таухида» приступить к рассмотрению теории «вахдати вуджуд» (единства сущего) представляется алогичным.

Фраза «сайру сулук» (странствие) концентрирует в себе нити растолкования ряда понятий и идей, важнейшими из которых выступают: «любовь» (ишк), «аннигиляция» (фано), «манифестации Бога» (тачалли), ибо субстанция божества присутствует везде и во всем.

В понимании теории и практики ирфана как самого Мир Сайида Али Хамадани, так и всего ирфана, существенную помощь можно извлечь и, трактата поэта «Рисолаи нафсия» («Трактат об алчности»). В нем растолковываются многие символические и терминологические слова и выражения ирфанической теории и обихода, а также в литературной практике. В качестве примера обратимся к толкованию слова «нафс» - душа, дух. «Ҳаворо бо ҳаво парастидан» («лелеять желание с желанием») в значении предпочтении мирских страстей и благ перед духовностью. Несовершенство плоти происходит от скаредности, так как «жадно бросается на все мирские соблазны»:

Нафси ноқис бахил хоҳад буд,
Дар саховат залил хоҳад буд.
Гар таваккул кунад,
В-ар на, доим алил хоҳад буд.
(Ущербная плоть бывает скаредной,
По части великодушия бывает жалкой.
Если б она уповала на Бога, приобрела бы,
Но если нет, то навеки останется хилой) [2, 87].

Аллегорически, плоть является темницей духа, а мир - темницей плоти. Так как дух тяготеет к плоти, а плоть не всегда привязана к желаниям, то 'Ариф может стать безнравственным или же благочестивым:

Орифи неку бад шавад битамом,
Ҳамчу неком биравад, вассалом.
(Добронравный 'Ариф испортится совсем,
Как добронравные пройдет, и все) [2, 88].

В связи с распространением ирфанической поэзии Мир Сайид Али Хамадани «нафси мутмаина» (безмятежное состояние души) трактует как мрачность плотских желаний и светских соблазнов, лицемерие и жажда удовлетворения, и заключает:

Мутмаина сифоташ ин бошад,
Васфи ӯ назди мо чунин бошад.
(Таковы его твердые правила,
Его изображение нам представляется таким) [2, 88].

В нижеследующем фрагменте Мир Сайид Али Хамадани с помощью аллегорий представляет понятие «нафси ошиқ» (влюбленный дух), которое выражает положение «желающего - толиба» (искателя любви):

Баъд аз ин қурби давлати васл аст,
Қурби васли азим бар асл аст.

Боз меҳрочи анбиё бошад,
Ҳамнасибӣ зи авлиё бошад
Нек ҷамъияте падид ояд,
Маҷлиси ҷамъеро биёрояд,
Яъне мақоми ҷамъи ҳазрати вуҷуд,
Яъне аҳадияти фарику ҷомеъ буд.
Ҷумла асрор кардааст таҳқиқ,
Ёфта аз худои худ тавфиқ.
Муршиди комиле бувад ба камол,
Бувад оёинаи ҷамолу ҷалол.
(За этим следует близость счастья соединения,
Близость великого соединения с началом.
Затем будет восхождение пророков,
Содолие будет уделом святых.
Возникнет порядочное сообщество,
Которое украсит собрание некоего общества,
То есть, положение общества близких Господа.
То есть, единство единичного и общего.
Все тайны познавший,
Удостоивший содействия своего Господа.
Наставником совершенным ставший,
Зеркалом отражения великолепия и величия) [2, 89].

Другим атрибутом духовности в ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани является «смирение», свойственное определённому состоянию духа. Отсюда слагается понятие «смиренный дух», который Творцом дарован пророку Мухаммаду, ибо:

Аввалин тавҳиди куллӣ они ӯст,
Кулли куллиёт дар фармони ӯст.
Он гаҳе иблоғи ҷомеъ ёфта,
Дар ҳама мавзеъ сомеъ ёфта.
(Первое полное соединение – его доля,
Все всего - под его властью.
Когда он получил полное посвящение,
Повсюду приобрел слушателей) [2, 89].

То, что мы извлекли из вышеизложенного, показывает, что теория «вахдати вуджуд» (единства сущего) в ирфанической поэзии имеет различные формы выражения. ‘Арифы говорят, что «вахдати вуджуд» (единства сущего) представляет собой единство относящейся исключительно к существу Истины, что субстанция Истина, есть беспредельная сущность, бесконечное совершенство, беспредельное величие, беспредельное могущество, бесподобная красота [4, 84].

«Вахдати вуджуд» (единства сущего) состоит из единственной истины, которой является истина существа. Истина существования классифицируется по мистическими состоянию: «воҷиб» - необходимость, «мумкин» - возможность, «ғанӣ»- достаточность. Истина существования – единична и одно из состояний её - достаточность и совершенство являются атрибутом субстанции Бога.

«Вахдати вуджуд» (единства сущего) есть всеобъемлющее единство существования и абсолютного пространства. Существование, т.е. – это существование Истины, и все, что не есть Истина, не есть и существование. Всё кроме Истины, есть подобие существования, а не существование.

Мир Сайид Али Хамадани придерживается концепции, что в действительности может иметь место лишь одна «манифестация» - манифестация «вахдати вуджуд» (единства сущего). Это манифестация Бога и Перворазума. Бог же является творческой силой «любви», ибо является и влюблённым, и возлюбленным. В центре ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани поставлены перипетии ирфанической же любви, ибо поэт убеждён, что мир является сотворением любви. Поэтому самые весомые достижения Мир Сайида Али Хамадани в поэзии достигнуты на ирфанической эротике. Здесь он проявляет себя проницательным мастером ирфанической эротической поэзии.

Если учесть, что в центре эротической поэзии ирфана непременно стоит фигура совершенной личности, то степень ценности этой поэзии становится очевидным. При этом существительные эпитеты изображения материального мира поэтом использованы как выразители «вахдати вуджуд» (единства сущего). Поэтому, как показывает знакомство с его поэзией показывает, мастерство поэта наиболее выражено проявляется с участием этой поэтической фигуры, ибо «аллегоричность изображения в поэзии ирфана является своеобразным способом урегулирования соотношения тайного и явного значения слов и важнейшим поэтическим приемом» [3, 46].

Представить традиционную таджикско-персидскую поэзию, особенно её ирфаническое течение, без ирфанических иносказательных изображений не возможно. Во всех случаях просветленческие мысли ‘Арифов в различных метрах поэтической просодии и прозаической литературы оставляли глубокий след в мыслительных процессе своего времени. Эти мысли в словесной форме, прежде всего в размышлениях и объективном мышлении, получали ирфаническую тенденцию.

Ирфанические тенденции времен Мир Сайида Али Хамадани ввели в действие новое течение, которое подняло тысячелетние пласты культурных залежей народов, различные религиозные источники, идейные течения, которые в синкретической совокупности породили художественную мысль.

Основными источниками ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани, прежде всего, служили четыре элемента предвечности, явления действительности и человеческого общества, которые находятся в связи с эмпирическими опытами человека. В этом ряду следует упомянуть памятники различных религиозных образований, таких, как книги Адама, Шиса, Идриса, Ибрахима, священные книги Ригведа, Авеста, художественные произведения древности индейцев Махабхарата, псаломы Давуда, Талмуд Мойсся, Евангелий Иусуса Христа и много других письменных и устных памятников, которые оставили художественный след в ирфанической поэзии Мир Сайида Али Хамадани.

ЛИТЕРАТУРА

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. Иборат аз чаҳор ҷилд /Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе: Ирфон, 1995. - Ҷилди 1. – 144 с.
2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. Иборат аз чаҳор ҷилд / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе: Ирфон, 1995. - Ҷилди 2. – 154 с.
3. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Наҳзатҳои исломӣ дар сад соли охир / Муртазо Мутаҳҳарӣ. – Техрон, 1382 (2004). – 241 с.
4. Зайниддин Қиёмназод. Сайри ирфон дар ислом / Зайниддин Қиёмназод. – Техрон, 1372 (1994). – 269 с.
5. Султонов М. Сурийская доктрина Алии Хамадони / М. Султонов. – Душанбе: Дониш, 1993. – 196 с.
6. Султонов М. вопросы самосовершенствования в учении Алии Хамадони / М. Султонов // Известия АН Таджикской ССР, отд-обществ.наук. Серия философия, экономика, правоведение. – Душанбе, 1987. - № 1. – С. 12-20.
7. Степанянц М. Т. Философские аспекты суфизма / М. Т. Степанянц. – М.: Наука, 1987. – 269 с.

НАЗАРИЯИ ТЕОМАНИЗМ ДАР ШЕЪРИ ИРФОНИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола назарияи теоманизм дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Тазаккур дода мешавад, ки дар шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ алоқамандии теоманизм ва назарияи «вахдати вучуд» таҷассум ёфтаанд.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, худо, инсон, воқеият, ирфон, шеър, тавҳид, тариқат, рӯҳ.

ТЕОРИЯ ТЕОМАНИЗМА В ИРФАНИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИР САЙИД АЛИИ ХАМАДОНИ

В статье рассматривается теория теоманизма в ирфанической поэзии Мир Сайид Алии Хамадони. Подчеркивается, что Мир Сайид Алии Хамадони в ирфанической поэзии был последователем теоманизма, также теории «вахдати вужуд» (единства сущего) к которой относятся именам атрибуты.

Ключевые слова: Мир Сайид Алии Хамадони, бог, человек, действительность, ирфон, поэзия, таухид, тарикат, дух.

THEORY THEOPANISM IN ORGANICHESKOI POETRY OF MIR SAYID ALII HAMADONI

The article discusses the theory of theopanism in organicheskoi poetry of Mir Savid alii Hamadoni. It is emphasized that Mir Savid alii Hamadoni in organicheskoi poetry was a follower of theopanism, the theory of "vahdati vujud" (the unity of things) which includes the names of the attributes.

Key words: Mir Sayid Alii Hamadoni, God, man, reality, irfon, poetry, Tawheed, tariqa, spirit.

Сведение об авторе: ***Каримджон Кодиров*** – и. о. профессор кафедры таджикской литературы Курган-Тюбинского государственного университета им. Н. Хусрава

САЙРИ КӮТОҲИ ТАЪРИХӢ БА БАЪЗЕ МАНОБЕИ ИСТИЛОҲОТИ МУСИҚИИ ТОҶИКӢ

З. Ф. Абдуллоева

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ

Мусиқӣ (аслаш калимаи юнонии μουσική, шакли сифатӣ аз калимаи юнонии μούσα – муза, санъати музаҳо) навъе аз ҳунару санъати бадеии қадимии ҳар қавму миллат аст, ки завқи зебоишиносии онро дар худ таҷассум намуда, дорои ва арзиши фарҳангии ин қавму миллат ба ҳисоб меравад. Вай дар тӯли садсолаҳо вазифаи ғоявию тарбиявӣ ва маданию маърифатиро ичро карда, дар амри пешрафти умумии иҷтимоӣ, ғоявӣ ва фарҳангии инсоният ва тарбияи ахлоқию зебоисандии он воситаи муҳимми маънавӣ ба шумор меравад.

Бояд таъкид намуд, ки таҳаввули таърихии мусиқӣ, пеш аз ҳама, ба қонуниятҳои инкишофи иҷтимоии ҷамъият сахт алоқамандӣ дорад. Ҳар халқ соҳиби мусиқии хосси худ мебошад. Мусиқии як халқ аз халқи дигар бо хусусиятҳои миллии он фарқ мекунад. Мусиқии халқӣ зинаи аввали мусиқии касбист ва бо мусиқии касбӣ дар алоқамандӣ ва ҳамбастагӣ инкишоф меёбад. Мусиқӣ мисли дигар

навъҳои санъату ҳунар мактаб ва равияҳои хосси эҷодӣ дорад. Дар мероси мусиқии ҳар халқ ва мусиқии касбии он ғаму андӯҳ, ранҷу озор, меҳнату машаққат, орзую омол, бедории маънавӣ ва зиндагию муборизаи халқ, баҳри озодӣ ва ҳаёти хушу хуррам, инъикос ёфтаанд.

Мусиқӣ ва мусиқишиносии тоҷикӣ ҷузъи таркибии осори фарҳангии мардуми эронинажод маҳсуб мегардад ва реша дар умқи таърихи ин мардуми куҳанбунёд дорад. Таърихи инсоният гувоҳ аст, ки мардуми эронинажод дар гузашта дорои фарҳангу адаби асили ғанию воло буда, бо таълифу тадвини осори гаронбаҳо дар тамоми бахшҳои илму ҳунар, аз ҷумла таълифу таснифи осори рангини мусиқӣ, дар ғанӣ гардонидани санъату ҳунар ва фарҳанги умумибашарӣ саҳми назаррас дорад.

Муаллифи «Фарҳанги истилоҳоти мусиқии «Шоҳнома» (1994, 2002) Н. Ҳакимов [6] дар бобати марҳилаҳои таърихии ташаккули фарҳанги мусиқии мардумони эрониасл таҳқиқоти ҷолиб анҷом додааст [3].

Ин муҳаққиқ, аз ҷумла дар хусуси даврабандии таърихи қадимтарин, қадим ва аввали асрҳои миёнаи фарҳанги мусиқии мардуми эронӣ ба таври нисбатан муфассал изҳори назар карда, се марҳилаи асосии ташаккули онро таъкид менамояд: 1. Марҳилаи қадимтарин: а) то нимаи аввали ҳазораи II то милод; б) то нимаи дувуми ҳазораи II то милод; 2. Марҳилаи қадим: а) асрҳои охири ҳазораи II то милод – асри VII то милод; б) асрҳои VI-VI то милод; в) асрҳои III-I то милод; г) асрҳои I-VI милодӣ; 3. Марҳилаи аввали асрҳои миёна: а) асрҳои V-VII милодӣ [3, 386].

Муҳаққиқи мазкур дар ин таҳқиқоти арзишманди худ баъдан оид ба анъанаҳои мӯбадии (зардуштии) мусиқии эронӣ, анъанаҳои мусиқии шамангароии эронӣ, эҷодиёти мусиқӣ дар қаринаи маросими динӣ, сурудҳои авастоӣ, анъанаҳои мусиқии буддоӣ ва монавӣ, фарҳанги мусиқии шаҳрӣ, жанрҳои мусиқии халқӣ, анъана ва жанрҳои мусиқии ҳарбӣ, суннатҳои ҷавонмардию паҳлавонӣ, амалияи мусиқии дарборӣ, мусиқии дунявӣ, созҳои мусиқии мардуми эронӣ ва ғ. андешаҳои ҷолиб ва қобили мулоҳиза изҳор кардааст [3, 364-445].

Чунонки аз таҳқиқи дақиқи маъхазҳои муътамади таърихӣ ба мушоҳида мерасад, гузаштагони мо ҳанӯз дар замони давлатдории нахустин хонадонҳои эронии ҳахоманишӣ ва ашконию сосонӣ дар аксари соҳаҳои илму ҳунар, аз ҷумла санъати нафисаи мусиқӣ, ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, рисолаю достоннома ва дигар осори илмию фарҳангии марбут ба он аз худ боқӣ гузоштаанд.

Сайри таърихӣ ва таҳқиқи осори гузаштагони мо дар бахши мусиқӣ, бахусус дар замони авҷу шукӯҳи давлатдории сулолаи Сосониён ба бисёр ҷанбаҳои зуҳуру таҷаллии санъати мусиқӣ равшанӣ андохта, дар хусуси арҷгузории донишмандону мусиқидонони ин давр аз ҷониби шоҳону сарварони сосонӣ ва эътибору эҳтироми фаровони сарояндагони мумтозе чун Борбад, Саркаш, Гесуи Навогар, Бомшод, Ромтин ва ғ. дарак медиҳад.

Маълум аст, ки ҳанӯз то ба тасарруфи арабҳо даромадани Мовароуннаҳру Хуросон дар ин сарзаминҳо адабиёти хаттӣ бо чандин забон ривоҷу равнақ пайдо карда, дар ин замина адабиёти шифоҳӣ низ, ки бозгӯйи орзую ормонҳои мардумони ин сарзаминҳо буд, тараққӣ намуд. Баъд аз забти ин сарзаминҳо ба дасти арабҳо, бештари ёдгориҳои хаттии таърихӣ ва илмию адабӣ нобуд гардид ва ба коми оташи беамон рафт. Бо вуҷуди ин, баъдан як миқдори ками ин осор аз тарафи донишмандони араб, ки аксар эронинажод буданд, ба арабӣ тарҷума гардид. Зеро мардуми эронинажод дар ҳар давру замон кӯшиш кардаанд, ки осори илмию адабии худро аз таассуби динию таҳмили расму одоти бегонагон ҳифз намоянд. Масалан, донишманди эронитабор Аҳмад ибни Тоиб (Табиб) (831-897) чанд рисоларо оид ба риёзиёт, нуҷум, мусиқӣ ва тиб ба арабӣ тарҷума намуд.

Ба андешаи профессор А. Рачабов дар мусиқии миллии эрониён қабл аз футуҳоти араб шаклҳои мухталифи ичрои оҳангҳо (масалан дар савти "Хусравонӣ", "Уромонӣ", "Патвожа" ва ғ.) вуҷуд дошт [5, 93]. Ҳамчунин, дар ин аҳд осори зиёди назарӣ низ доир ба мусиқӣ таълифу тадвин шудааст. Ҷоҳиз (соли вафоташ 884) дар "Китоб-ут-тоҷ"-и худ зикр кардааст, ки дар рӯзгори Сосониён равия ва усулҳои гуногуни мусиқӣ густариш ёфта буд ва дар ин давра китобе дар бахши мусиқӣ бо номи "Траникнамак" (Китоби сурудҳо) таълиф гардида буд.

Мутаассифона, бештари солноманависон ва муаррихон бо назардошти вазъи сиёсии он замон, фарҳанги то исломӣ, аз ҷумла осори мусиқиро танҳо ба мардуми араб нисбат додаанд. Ибни Хурдодбеҳ (соли вафоташ 922) мегӯяд, ки дар аҳди хилофати араб порсиён китоби "Хусрав Каватан у ритак" (Хусрави Қубодон ва ғуломи ӯ)-ро ба арабӣ тарҷума карданд, ки дар он дар бобати мусиқӣ маълумоти фаровон оварда шудааст ва аз ин китоб арабҳо баҳраи зиёд бурдаанд [5, 93].

Маъхазҳои муътамади таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки мусиқии аҷдодии мо, аз ҷумла суғдиён, хеле ривоҷу равнақ ёфта буд. Шумораи асбобҳои мусиқии суғдиён ва шеваи ичрои оҳангу суруди онҳо хеле зиёд ва гуногун будааст, ки ин ҳақиқат аз нақшҳои рӯйи деворнигораҳои Панҷакати қадим, зарфҳо ва ғайра ба мушоҳида мерасад.

Абӯнасри Форобӣ дар китоби "ал-Мадхал ила-с-синоъати-л-мусиқӣ" (Муқаддимаи санъати мусиқӣ) дар хусуси фарҳанги мусиқии мардумони Мовароуннаҳру Хуросон қабл аз футуҳоти арабҳо сухан гуфта, ёдовар шудааст, ки "ин ҳамон илмест, ки онро гузаштагони мардуми Аҷам – донишмандони аҳди Хусрави Парвиз машҳур кардаанд ва китобҳои ин донишмандон то ба мо расидаанд ва мо айни замон ба онҳо пайравӣ мекунем" [5, 103].

Мусиқишиноси назарияпардози араб Юсуф ибни Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ (790-874) дар "Рисолат фӣ ниғам" дар бобати фарҳанги ғании мусиқии мардумони Моваруннаҳру Хуросон чунин зикр кардааст: "Анъанаҳои порсиён дар мусиқӣ хеле ғанист ва онҳо оҳангҳои мухталифе, аз қабили "Насим", "Обзан", "Абзис" (Исфарос), "Сандон", "Наврӯзӣ", "Меҳрчонӣ" ва ғайра доранд, ки барои онҳо шарҳу тафсири зиёде мавҷуд аст. Онҳо ҳамчунин осори сершуморе дар боби илми мусиқӣ доштанд ва ҳамаи онҳо дар замони то ислом хеле маълуму машҳур буданд" [5, 103].

Бояд таъкид кард, ки барору комёбӣ ва дастовардҳои камназири мусиқии тоҷикиро дар раванди ташаккулу такомули истилоҳоти мусиқии он метавон ба хубӣ мушоҳида намуд.

Барои таъйини вежагиҳои мусиқии халқи тоҷик ва истилоҳоти он рисолаҳои фаровони мусиқӣ, ки дар даврaҳои мухталиф таълиф шудаанд, аҳамияти муҳим доранд.

Нахустин рисолаи мусиқии ба мо маълум, ки дар бобати ин навъи санъат маълумоти муфид медиҳад, "Китоб ул-мусиқӣ ал-кабир"-и донишманди маъруф Абӯнасри Форобист. Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино низ дар таълифоти илмии худ ба масоили марбут ба мусиқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда, фасли чоруми "Донишномаи Алоӣ", қисматҳои чудогонаи "Китоб-уш-шифо", "Китоб-ун-наҷот", ҳамчунин рисолаи алоҳидаи "Рисола фӣ-л-мусиқӣ"-и худро ба масъалаҳои амалӣ ва назарии мусиқӣ бахшидааст [2].

Дар байни рисолаҳои мусиқии баъдӣ "Китоб-ул-адвор" ва "Рисолат-уш-шарафия"-и Сафиуддини Урмавӣ (асри XIII) мақоми хос дошта, дар пешрафти назарияпардозии мусиқӣ марҳилаи нав ба шумор меравад.

Фарҳангномаҳои "Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-ид-дибоҷ"-и Маҳмуд ибни Масъуди Шерозӣ ва "Нафоис-ул-фунун фӣ-ароис-ил-уюн"-и Омулӣ оид ба таҳаввули мусиқӣ ва истилоҳоти марбут ба он маълумоти ҷолиб медиҳанд.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар "Рисолаи мусиқӣ"-и худ масоили назарии мусиқиро ба ваҷҳи мухтасар, вале бо сабки дилнишин баён кардааст [7]. Дар ҳамин давр ҳамчунин Зайнулобидини Ҳусайнӣ бо номи "Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ" ва Хоҷа Абдулқодири Гӯянда зери унвони "Ҷомеъ-ул-алҳон" оид ба мусиқӣ рисолаҳои арзишманд таълиф кардаанд [1; 5; 7].

Рисолаҳои Нақмиддин Кавкабии Бухороӣ (асри XVI) ва Дарвешалии Чангӣ (асри XVII) аз рисолаҳои пураразиштарини мусиқии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд [1].

Дар даврaҳои баъдӣ низ, рисолаҳои мусиқии зиёди ҷолиб ва қобили мулоҳиза таълиф шудаанд, ки дар таъйину ташхиси раванди ташаккул ва такомули истилоҳоти мусиқӣ аз аҳамияти фаровон бархурдоранд.

Илова бар ин, манбаи муҳимми истилоҳоти мусиқӣ ашъори устод Рӯдакӣ, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, ашъори Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус, "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, осори Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дигар шоирону адибону форсу тоҷик маҳсуб мешаванд.

Гирдоварӣ ва таҳқиқи истилоҳоти ин рисолаҳои мусиқӣ ва истилоҳоти мусиқии дигар осори назму насри ниёгон дар рӯзгори имрӯзаи истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ беш аз пеш зарурат пайдо карда, таъйину таҳқиқ ва истифодаю корбасти истилоҳоти мусиқӣ барои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз аҳамияти бузург бархӯрдор хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Кавкабӣ, Нақмиддин. Рисолаи мусиқӣ / Кавкабӣ Нақмиддин; тавзеҳи А. Рақабов. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 144 с.
2. Нағмаи ниёгон; таҳқиқ ва таҳияи А. Рақабов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 160 с.
3. Негматов Н. Н. Ариана и Арйанведжа (история и цивилизация) / Н. Н. Негматов, Р. С. Мукимов [и др.] – Худжанд: Ношир, 2006. – 707 с.
4. Низомов А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомов. – Душанбе, 2014. – 353 с.
5. Раджабов А. К истории развития музыкальной жизни Мавераннахра и Хорасана VII-VIII вв. / А. Раджабов // Хорезм и Мухаммад аль-Хорезми в мировой истории и культуре. – Душанбе, 1983.
6. Ҳакимов Н. Фарҳанги истилоҳоти мусиқии «Шоҳнома» / Н. Ҳакимов. – Хуҷанд, 1994.
7. Ҳусайнӣ, Зайнулобидин Маҳмуд. Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ / Ҳусайнӣ Зайнулобидин Маҳмуд; таҳияи А. Рақабов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 336 с.
8. Ҷомӣ. Осор. Ҷилди ҳаштум / Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 495 с.

САЙРИ КӮТОҲИ ТАЪРИХӢ БА БАЪЗЕ МАНОБЕИ ИСТИЛОҲОТИ МУСИҚИИ ТОҶИКӢ

Мусиқӣ мисли дигар навъҳои санъату ҳунар мактаб ва равияҳои хосси эҷодӣ дорад. Дар мероси мусиқии ҳар халқ ва мусиқии касбии он ғаму андӯҳ, ранҷу озор, меҳнату машаққат, орзую омол, бедории маънавӣ ва зиндагию муборизаи халқ, баҳри озодӣ ва ҳаёти хушу хуррам, инъикос ёфтаанд.

Мусиқӣ ва мусиқишиносии тоҷикӣ ҷузъи таркибии осори фарҳангии мардуми эронинажод маҳсуб мегардад ва реша дар умқи таърихи ин мардуми куҳанбунёд дорад. Бо дарназардошти ин, муаллиф дар мақолаи худ баъзе аз манобеи фарогири истилоҳоти мусиқиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: мусиқӣ, навъи санъат, истилоҳоти мусиқӣ, сайри таърихӣ, мусиқишиносии тоҷикӣ,

КРАТКИЙ ИСТОРИЧЕСКИЙ ЭКСКУРС В НЕКОТОРЫЕ ИСТОЧНИКИ ТАДЖИКСКОЙ МУЗЫКАЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ

Музыка как и другие виды искусства имеет свою школу и свои творческие направления. В музыкальном наследии каждого народа и в профессиональной музыке выражаются боль и отчаяние, страдания и мучения, труд и счастливая жизнь. Музыкальное искусство и таджикское музыковедение являются составной частью культурного наследия персоязычных народов и имеют глубокие исторические корни. Автор в данной статье рассматривает некоторые источники, которые содержат информацию о таджикской музыкальной терминологии.

Ключевые слова: музыка, виды искусства, музыкальная терминология, исторический экскурс, таджикское музыковедение.

A BRIEF HISTORICAL EXCURSION INTO SOME OF THE SOURCES OF THE TAJIK MUSICAL TERMINOLOGY

Music like other arts has its own school and its creative direction. In the musical heritage of each nation and in the professional music expressed the pain and despair, pain and suffering, work and happy life. Musical art and musicology of the Tajik are an integral part of the cultural heritage of Persian-speaking peoples and have deep historical roots. The author of this article considers some of the sources that contain information about the Tajik musical terminology.

Key words: Music, art forms, musical terminology, history, Tajik musicology.

Сведения об авторе: ***З. Ф. Абдуллоева*** - соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ. Телефон: **(+992) 901-40-00-40**

МУЛОҲИЗАҲОЕ ЧАНД ОИД БА ҲИКОЯҲОИ Ӯ. КӮҲЗОД

Д. Ҳикматова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ӯрун Кӯҳзод аз адибони қобилиятноку бомаҳорат буда, бо ҳаёти халқ алоқаи зич ва бевосита дорад, дар асарҳои худ масъалаҳои муҳимму ҷиддӣ, зиндагии мураккабу рангин, меҳнати бунёдкоронаи халқи моро бомуваффақият меомӯзад ва реалистона тасвир мекунад. Кӯҳзод ба кори эҷодӣ аз соли 1963 оғоз кардааст. Аввалин ҳикояҳои ӯ дар маҷмӯаи «Сареву савдое» ба табъ расидаанд. Доир ба маҷмӯаи нахустин ду суханшинос тақриз навишта, мундариҷаи асар ва маҳорати ҳикоянависии Кӯҳзодро дуруст муайян кардаанд. Мақолаи «Ҳадяи нахустин» аз Тӯйчӣ Миров ва мақолаи Саид Саъдизода «Савдои зиндагӣ» аст [8, 5].

Дар ин маҷмӯа ҳикояҳои хуби нависанда, аз ҷумла «Хеши дур», «Саломи ҳамсоя», «Вақти қимат», «Пагоҳ– фардо», «Дӯстон», «Модар ва Азроил» ва ғайра гирд оварда шудаанд.

Соли 1974 «Роҳи ағба» ном китоби нависанда чоп шуд, ки повестҳои «Роҳи ағба» ва «Писанддара»-ро дар бар мегирифт. Соли 1978 бошад, як зумра ҳикояҳо ва повестҳояш нашр гардиданд ва то ҳол асарҳои бисёри нависанда ба сифати роман, повест ва ҳикоя ба табъ расида, дар рушду нумуи насри муосири тоҷик саҳм гирифтаанд. Кӯҳзод он ҳодисаҳоеро, ки ба инкишофи фардияти инсон, ба тараққиёти ҳамаҷонибаи шахс мамоният мекунанд, чунин боқимондаҳои ҷамъияти гузаштаро, ки инсони ҷамъяти нав дар натиҷаи озод шудан аз қайди онҳо шахсияти худро устувор менамояд, бештар ба муҳокима гирифтааст. Ӯ муборизаи сохти наву куҳна, то чӣ андоза ҷонсахт будани ҷаҳонбинии куҳна ва тасаввуроти нораво доштан ва бо чӣ азобҳо ташаккул ёфтани шуури тозаи инсонро таъкид кардан мехоҳад.

Муқарриз Саъдуллоев А. дар бораи яке аз маҷмӯаҳои Ӯ. Кӯҳзод «Як сару сад хаёл» чунин ишора мекунад, ки: «Вақте ки ҳар як ҳикояи ин маҷмӯаро мехонед, дар ким – кучои хаёл равзанае падид меояд: ин гапро дар кучое шунидаед, бо чунин одам шумо ҳам вохӯрдаед, ҳамин хонаи «будӣ нобуд»-ро дидаед ва ғайра» [7, 4].

Дар ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод зиндагӣ ба тарзе тасвир шудааст, ки ҳақиқат доранд, яъне ҳар он воқеаҳое, ки дар зиндагист, гоҳ ширину гуворо, гоҳ намакин ё нафратовар аст. Дар маркази ҳикояҳои ӯ, пеш аз ҳама, инсон ва фаъолияти ҷамъиятию меҳнатии вай меистад. Ҳикояҳои ӯ «Саттори роҳбалад», «Модар ва Азроил», «Дӯстон», «Достони муаллим», «Пули ларзон», «Никоҳ бо корд», «Шаби чордаҳ» ва ғайра аз ҷиҳати банду баст, барҷастатар тасвир намудани образҳо ва тасвири воқеаҳои реалии ҳаёт ҷолиби диққатанд. Нависанда дар баробари тасвири ҳаёти гузашта ва имрӯза баъзе масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ, муносибати мураккаби инсонӣ, қарзи вичдон, ҷавобгарӣ дар назди халқ ва ҷамъиятро ҳам ба миён мегузорад.

Мунаққиди рус В. Г. Белинский дар бораи асарҳое, ки асоси реалӣ доранд, мегӯяд: «Чунин ба назар меояд, ки дар ҷое, ки ихтиёри нависандаро маъхазҳо, фактҳо маҳдуд мекунанд ва ӯ бояд кӯшиш намояд, ки он фактҳоро ба қадри имкон саҳеҳтар нақл кунад, санъат дар маънои бадеият чӣ ҷойи даркорӣ дорад? Албатта, сухан дар бораи он меравад, ки дуруст нақл кардани фактҳо бо ёрии як худи дониш имкон надорад, балки боз фантазия ҳам лозим аст. Мисол мегирем фактҳои таърихиеро, ки дар маъхазҳо ҳастанд, мисли сангу хишт мебошанд, танҳо санъаткор аз ин мавод бинои зебое сохта метавонад» [1, 62].

Маҷмӯаи «Як сару сад хаёл» ҳикояҳои зиёдро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, дар ин маҷмӯа ҳикояҳое ҷой дода шудаанд, ки дар онҳо сифати инсони муосир тасвир шудаанд.

Маҷмӯа бо ҳикояҳои «Достони муаллим» ва «Саттори роҳбалад» оғоз мешавад, ки дар хусуси ҳодисаҳои солҳои аввали барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ, ҷанги граждани ва мубориза барои ҳаёти нав ҳикоят мекунанд. Дар ҳикояти «Достони муаллим» мавзӯи мубоизаи зиёиёни тоҷик ба муқобили душманон аст. Дар ин ҳикоя мазмуну мундариҷа не, балки шиддати воқеаҳо дар ҷойи аввал меистад. Дар ин ҳикоя бештар андешаҳои омӯзгор писанд меояд. Вале ҳамин мавзӯи куҳнаро муаллиф Ӯ. Кӯҳзод ба таври нав ҳал мекунад. Дар «Достони муаллим» сухан дар бораи корнамоии муаллиме меравад, ки дар деҳаи Хунукчашма барои аз ғафлат ва торикии нодонӣ раҳо додани мардум заҳмат мекашад. Меҳнати ӯ осон набуд, чунки вай ба мардуми нодон нури дониш меовард ва ӯ худро фақат муаллими мактаб не, балки муаллими аҳли деҳа мешуморид.

Дар ҳикояи «Достони муаллим» сар то по аз андешаҳои қаҳрамони беном, як муаллим ва фидоии матини роҳи маорифи халқ, дар ҳолати дар дами марг, дар остонаи ба ҳалокат расиданаш аз дасти душманон бо як иродаи қавии ватандорӣ худдорӣ мекард, сухан меравад. Нависанда образи яке аз босмачиён - Табари қулдурро, ки «марди сода ва чашму дилаш кӯр» буда, аз ӯ «хӯса сохтанду худаш бехабар аст» ба вуҷуд овардааст. Вақте ки муаллими қаҳрамон рафтору кирдори Табар, мутеиву фармонбардорӣ, беандешагиву бетамизиҳои ӯро фикр мекард, дар назараш Табар як ҷоҳилеро мемонд, ки ба сурати одамӣ менамуд. Табар шахси оддӣ буд, лек бозичаи дасти босмачиён шуд. Вақте ки муаллимро босмачиён ваҳшиёна мехкӯб карданд, дар ҳамон маврид ҳам ӯ аз ҷаҳолат, нодонӣ ва умри ба ҳадаф рафтаи онҳо ҳайф мегӯяд. «Ин ҷоҳилон бо ҳамин ҷаҳолаташон мурда мераванд. Нофаҳмида мурда мераванд… Ҳайфи одаму ҳайфи умр! Ҳайфи одам!» [3,17].

Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя масъалаи шахс ва ҷамъиятро пеш гузошта, бештар он воқеаҳоеро, ки дар ҷамъияти гузашта ба инкишофи озодонаи шахсияти инсон халал мерасонид ва имрӯз ҳам боқимондаҳои он ба шинкишофи ҷомеа халал расонида истодаанд, ба таҳқиқ гирифтааст ва дар роҳи аз байн бурдани таъсири онҳо ҷидду ҷаҳд дорад.

Дар ҳикояи «Достони муаллим» ва ҳикояҳои дигари Кӯҳзод падидаҳои гуногуни чунин маҳдудияти назар, чунин беасолатӣ, ки боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон, сабабгори таҳқир дидани ҳиссиёти инсонӣ гардида, дар зиндагӣ бемақсадӣ, беиродагӣ ва нотавониву оҷизиро ба миён меорад, бо диққат аз назари таҳқиқ гузаштааст. Ҳамаи ин қаҳрамонию фидокориҳои муборизони озодихоҳӣ дар мисоли муаллим дар он буд, ки золимону ҳаққи мардумхӯронро нест карда, адолату баробариро ҷорӣ намоянд.

Чун забон яке аз воситаҳои асосии офаридани образи характери персонажи асари бадеӣ ба ҳисоб меравад, ҳар як адиб, пеш аз ҳама, фикри худ, ғояи худро дар либоси тасвири бадеӣ манзури хонандагон мегардонад. Нависанда бояд на танҳо захираи бойи луғавӣ дошта бошад, балки ҳар як калима, ибора ва ифодаро дар мавқеъ истифода бурда тавонад. Забони навиштаҳои Ӯ. Кӯҳзод равону фасеҳ аст. Насрнавис на фақат ба мазмун, балки ба шакли асараш низ эътибори махсус медиҳад. Ӯ. Кӯҳзод бисёр муъҷаз ва конкрет менигорад. Аз тафсилоти зиёдатӣ худдорӣ мекунад.

Хусусиятҳои дигари забони муаллиф муъҷизабаёнӣ мебошад. Ӯ ҳангоми тасвири воқеаю манзараҳо ягон калимаро бечо истифода намебарад. Дар ин порча фикр кӯтоҳ, вале пурра ифода ёфтааст: - «Дар шаҳбарӣ одам як бор хато мекунад ва онро ислоҳ кардан мумкин нест, - гуфт ӯ ба аскарон» [3, 29]. Забони нависанда бой ва пурмазмун мебошад. Муаллиф барои пурра ва ҳаматарафа ифода кардани фикр аз тобишҳои гуногуни маъноии калимаҳо ва аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ моҳирона истифода мебарад. Нависанда муносибати худро ба ҳодисаву воқеаҳои дар ҳикояҳо баёншуда, ба воситаи нутқи персонажҳо, муносибати байниҳамдигарии онҳо ифода кардааст. Персонажҳои ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъиятианд. Ҳар кадом дорои расму одат, ҷаҳонбинии ба худ хос мебошад. Забони ҳар яке аз ин персонажҳо ба фардияти онҳо ёрӣ мерасонад. Забони муаллим дар ҳикояи «Достони муаллим» аслан аз забони адабӣ таркиб ёфтааст: «– Ҷон ба ҳама баробар азиз аст, модар, – бо ханда ҷавоб гардонид муаллим. – Лекин замон нав шуд, дар замони нав корҳои нави бисёре ҳаст, ки ягон кас бояд кунад» [3, 11].

Забони нависанда барои равшану образнок баромадани тасвир, барои эҷоди образҳои барҷаста воситаи муҳиммест. Яке аз воситаҳои муҳимми дигари бадеӣ, ки нависанда бо ёрии он мазмуну ғояи асар ва образи қаҳрамонро кушода медиҳад, портрет аст. Портрет дар он вақт образро пурра кушода нишон медиҳад, ки бо характери психологӣ, бо тасвири типии персонаж пайваст бошад. У. Кӯҳзод аз забони худ не, балки аз забони қаҳрамон портрети қаҳрамонони дигарро меофарад. Масалан, портрети Сатторро командири отряд Иван Фёдорович чунин нишон медиҳад: «Командир чашмони зардчаи на он қадар калони андаке фурӯрафтаашро боз ҳам тангтар кард ва номаълум аз по то сари Саттор, ки дар паҳлуи харсанг меистод, чашм давонид: чоруқ, эзори алоча, ҷомаи алоча, миёнаш бо яккабанд бастагӣ, салла. Манаҳаш калонустухони мустаҳкам, пешонааш танг, вачоҳаташ мардона, фақат бурутҳояш намезебад» [3, 21]. Баъди хондани чунин портрет ба хонанда маълум мешавад, ки Саттор тахминан чандсола аст.

Ӯ. Кӯҳзод дар истифодабарии санъатҳои бадеӣ низ, маҳорати хоссе дорад. Санъатҳои бадеӣ барои таъкид ёфтани фикр, пурқувват гардидани тарзи баён ва таъсирбахшу ифоданок, мухтасару муъҷаз баромадани тарзи ифода ёрӣ расонидаанд.

Ҳамаи он санъатҳои бадеие, ки дар ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод истифода шудаанд, ба мақсадҳои идеявии ҳикояҳо тобеъ буда, барои равшан кардани муносибати нависанда ба воқеаҳои тасвиршуда ва персонажҳои гуногуни ҳикояҳо хизмат мекунанд. Дар ҳикояҳои Ӯ. Кӯҳзод асосан санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва ғ. кор фармуда шудаанд.

Ташбеҳ барои ифодаи идеяҳои нависанда роли калон мебозад. Нависанда аз ташбеҳ, ҳамчун муҳимтарин воситаи ифодаи ақидаи сиёсӣ ва ҷамъиятии худ истифода мебарад. Ӯ. Кӯҳзод нависандаи ҳаҷвнигор аст. Ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда камбудиҳои ҳаётиро нишон дода, бартараф шудани онҳоро яке аз масъалаҳои муҳим медонад. Адабиётшинос М. Шукуров дар ҳаққи эҷодиёти Кӯҳзод ишорае намудааст: «Ҳоло доираи назари нависанда торафт васеъ, андешаву мулоҳизаҳои вай ҷиддӣ, ҳиссу ҳаяҷони шаҳрвандии ӯ баландтар шуда истодааст. Ҷиҳатҳои нав ба нави воқеияти ҳозира ба чашмандози ӯ даромада, мавриди тадқиқи таҳлилӣ ва муҳокимаи ҳарҷонибаи публитсистии пурҳиссиёти вай қарор меёбанд ва пафоси фаъолонаи гражданиву ватандӯстонаи асарҳои вай меафзояд» [11, 112].

Дар ҳақиқат Ӯ. Кӯҳзод ба мавзӯъ ва масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият дахл карда, бо ҳикояҳои пурмазмуну баландғояи худ дар адабиёт мавқеи намоёне пайдо кардааст. Ӯ. Кӯҳзод нависандаи ҳассосу мушоҳидакор аст. Кунҷковии ӯ боиси силсилабандии воқеаҳое шудааст, ки барои кашфу тасвирашон ба зиндагӣ ниҳоят моҳирона назар кардан лозим аст. Чунонки ишора рафт, бештари маврид мурод аз борикбиниҳо кашфи нуқсону камбудиҳоест, ки мутаассифона алҳол вомехӯранд. «Бартарии муаллиф дар он аст, ки танқидаш бунёдкорона аст, агар қаҳрамоне беамон фош шуда бошад, бегумон ӯ пайи ислоҳи худ ё вазъияти баамаломада, аллакай, камар бастааст» [5, 6].

Ба вай лозим меояд, ки дар ҳаққи одамони бадсиришт ва намояндагони дин ташбеҳҳои обдору намакинро ба кор барад. Ин на танҳо қимати асарҳои Кӯҳзодро меафзояд, балки ба хонандагон низ таъсири мусбат хоҳад расонд. Ӯ. Кӯҳзод шахсони меҳнатдӯстро бисёр эҳтиром мекунад ва дӯсташон медорад, аз ин рӯ, дар вақти тасвир намудан онҳоро хуб тасвир мекунад, дарди онҳоро дарди худ медонад. Маҳорати Ӯ. Кӯҳзод боз дар он аст, ки ҳатто дар он як ҷумлаи кӯтоҳ ташбеҳ офарида метавонад, ки ба ин на ҳамаи нависанда муяссар шуда наметавонад. «Чашмони хорроранги Саид об гирифта буд ва лаввас месӯхт. Гӯё аз даруни об ҳавли оташ мебаромад. Баданаш хонаи оташ буд» [3, 70].

Умуман Ӯ. Кӯҳзод дар жанри ҳикоя устод аст, чун ҳодисаҳоеро, ки ба инкишофи шахсияти инсон, ба тараққии ҳамаҷонибаи шахс мамониат мекунанд, бештар ба муҳокима гирифтааст. Дар ҳақиқат, агар мо ба зиндагӣ дуруст назар кунем, мебинем, ки ҳоло ҳам шахсоне мавҷуданд, ки онҳо ба зиндагӣ бо назари танг менигаранд, бе меҳнату машаққат аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кардан мехоҳанд. Аз ин рӯ, ба муқобили чунин шахсон муборизаи бурдан, симои ҳақиқии онҳоро ба воситаи образҳои бадеӣ дар пеши чашми хонандагон возеҳу барҷаста кушода додан, барои аҳли қалам яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб, Ӯ. Кӯҳзод ин масъулиятро дуруст ҳис намуда, он нуқсону камбудиҳоеро, ки мо дар зиндагӣ мебинем, шарҳу эзоҳ додааст. Ҳикояҳои «Достони муаллим» ва «Саттори роҳбалад» қимати калони тарбиявӣ дошта, муборизаи зиёиёни точикро ба муқобили душмани халқ нишон медиҳанд. Агарчи душманон муаллимро мехкӯб карданд ва Саттор дар рафти мубориза нобуд гардид, аммо корнамоӣ, қаҳрамониву ватандӯстӣ ва миллатпарастии онҳо ҷовидон хоҳад монд.

АДАБИЁТ

1. Белинский В. Г. Назаре ба адабиёти русии соли 1847 / В. Г. Белинский. - Сталинобод: НДТ, 1949. – 927 с.
2. Зеҳни Т. Санъати сухан / Т. Зеҳни. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 300 с.
3. Ӯ. Кӯҳзод. Як сару сад хаёл / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 253 с.
4. Миров Т. Ҳадяи нахустин / Т. Миров // Комсомоли Точикистон.- 1972. 28-уми май. - С. 4.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии точик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Ирфон, 1959. – 321 с.
6. Набавӣ А. Умеду оиндаи наср / А. Набавӣ // Садои Шарқ, 1986. - №1. – С. 98.
7. Саъдуллоев А. Инсон бо орзу зиндааст / А. Саъдуллоев // Маданияти Точикистон, 1983. 27-уми сентябр.
8. Саъдизода С. Савдои зиндагӣ / С. Саъдизода // Комсомоли Точикистон, 1972. 21-уми август. - С. 5.
9. Табаров С. Услуби бадеӣ ва насри муосири точик / С. Табаров // Садои Шарқ, 1975. - № 2. – С. 135.
10. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 321 с.
11. Шукуров М. Як назар ба бурду бохти ҳикоя / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1982. - №2. – С. 112.

МУЛОҲИЗАҲОЕ ЧАНД ОИД БА ҲИКОЯҲОИ Ӯ. КӮҲЗОД

Ӯрун Кӯҳзод аз адибони қобилиятноку бомаҳорат буда, бо ҳаёти халқ алоқаи зич ва бевосита дорад, дар асарҳои худ масъалаҳои муҳимму ҷиддӣ, зиндагии мураккабу рангин, меҳнати бунёдкоронаи халқи моро бомуваффақият меомӯзад ва реалистона тасвир мекунад. Кӯҳзод ба кори эҷодӣ аз соли 1963 оғоз кардааст. Умуман Ӯ. Кӯҳзод дар жанри ҳикоя устод аст, чун ҳодисаҳоеро, ки ба инкишофи шахсияти инсон, ба тараққии ҳамаҷонибаи шахс мамониат мекунанд, бештар ба муҳокима гирифтааст.

Калидвожаҳо: Урун Кӯҳзод, кори эҷодӣ, жанри ҳикоя, инкишофи шахсияти инсон, устоди кори худ, образҳои бадеӣ, симои халқ.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О РАССКАЗАХ У. КУХЗОДА

Урун Кухзод является одним из одаренных литераторов современного периода таджикской литературы и имеет тесную и непосредственную связь с народной жизнью. В своих рассказах он глубоко изучает очень важные и серьезные проблемы, релистично отражает сложную и разнообразную жизнь и плодотворный труд нашего народа. Он является мастером своего дела в написании рассказов, так как в своих сочинениях в основном обсуждает те проблемы, которые препятствуют всестороннему развитию личности.

Ключевые слова: Урун Кухзод, творческая работа, жанр рассказа, развитие личности, мастер своего дела, художественные образы, народный образ.

SOME REFLECTIONS ON THE STORIES OF W. COHSOD

Urun Cohsod is one of the gifted writers of the modern period of the Taiik literature and has a close and direct relationship with people's life. In his stories he deeply examines the very important and serious problems, relističnyi reflects the complex and diverse life and the fruitful work of our people. He is a master of his craft in writing stories. as in his writings mostly discuss the problems that hinder the full development of personality.

Key words: Urun Cohsod, creative work, short stories, personal development, master of his craft, artistic images, popular image.

Сведения об авторе: ***Д. Хикматова*** – соискатель кафедры теории о новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета.

ПАДИДАҲОИ ТОЗАИ ИЛМИИ ОСОРИ УСТОД С. АЙНӢ

Ҳ. У. Солиев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Устод С. Айнӣ олим ва донишманди бузург буд. Нахустин мақолаи ӯ дар бораи Бедил дар маҷаллаи «Шӯро» [1912, № 2] ба забони тоторӣ чоп шуд. Таҳқиқоти минбаъдаи Айнӣ ба таърихшиносӣ, кишваршиносӣ, адабиётшиносӣ ва забоншиносии нави тоҷик асос гузоштанд. Ӯ луғатшинос ва мусиқидон ҳам буд. Очерки илмии Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923) аввал бо номи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм ронданд» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (солҳои 1920-21) порча-порча чоп шудааст. Асари мазкур ҳукмронии амирони манғитро дар Бухоро аз аҳди Раҳимхон ибни Ҳаким Отолиқи манғит (1747) то сарнагун шудани охирин намояндаи ин хонадон амир Олимхон (1920) дар бар гирифта, тохтутоз, ҷангҳо ва зулму ҷабри онҳоро нисбат ба аҳолии бегуноҳ нишон медиҳад. Очерки дигари ӯ «Материалҳои таърихи инқилоби Бухоро» (Москва, 1926, ба забони ӯзбекӣ) аз давраи мулки хусусӣ шудани ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро (дар аҳди Шоҳмурод, ҳукмронӣ солҳои 1785-1800) то ғалабаи Инқилоби октябр, ҷараёни худогоҳӣ, бедории иҷтимоӣ, ҳаракатҳои маорифпарварӣ, озодихоҳии халқ ва зиёиёни миллии он - ҷадидҳо, воқеаи Колесов ва дигар амалиёти зидди амириро фаро гирифтааст.

Айнӣ асосгузори адабиёти навини тоҷик мебошад. «Намунаи адабиёти тоҷик», ки таърихи бештар аз ҳазорсолаи адабиёти форсии тоҷикиро то аввалин падидаҳои адабиёти тоҷикии замони шӯравӣ дар бар кардааст, якумин тадқиқоти бузурги ӯ оид ба мероси маънавии халқи тоҷик мебошад. Дар шароите, ки пантуркистон, ба қавли худи Айнӣ, «бар зидди барпо шудани Ҷумҳурияти Советии Тоҷикистон» иғво паҳн карда, «дар Осиёи Миёна тоҷик ном як халқ нест, инҳо ҳамон ӯзбаконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадраса забони худро гум кардаанд» мегуфтанд, «Намунаи адабиёти тоҷик» бо далелҳои таърихӣ «пардаи он иғвогаронро даронид ва ба даҳони онҳо муҳри хомӯшӣ зад» [1, 97].

Айнӣ баъдтар ҳамчун яке аз муҳаррирони «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) дар ҳозир кардани ин китоби дастҷамъӣ ба чоп ва дар илм истифода бурдани истилоҳи «адабиёти тоҷикӣ-форсӣ» хизмати бузургеро анҷом дода, муштараконо мероси адабии тоҷикону форсҳо (эрониҳо)- ро ба исбот расонд. Ин истилоҳ дар илми шарқшиносии ҷаҳон эътироф шудааст.

Таҳқиқоти «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934), «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» (1939), «Устод Рӯдакӣ», «Камоли Хуҷандӣ» (ҳар ду 1940), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1940-42), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ва ғ. мақоми ҳар яке аз ин алломаҳои илму адабиётро дар таърихи фарҳанги тоҷик муайян намуданд ва дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти онҳо сухани тоза ва бозёфти нодир мебошанд. Айнӣ ҳаёт ва эҷодиёти Восифиро муддати мадиде омӯхта, чандин мақола чоп кард ва ниҳоят соли 1946 асари муҳимме ба унвони «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» анҷом дод, ки он соли 1956 интишор ёфт. Айнӣ дар мустаҳкам гардонидани равобити илмию адабии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳми калон гузоштааст [4, 189]. Ҳамчун алломаи зуллисонайн аз солҳои аввали Инқилоби Бухоро дар ин самт кор кард, солҳои 1946-50 мудири кафедраи адабиёти ӯзбаки Донишгоҳи давлатии Самарқанд буд. Монографияи Айнӣ «Алишер Навоӣ» (1948), ки замони зиндагӣ, тарҷумаи ҳол, фаъолияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва эҷодии шоири бузурги ӯзбак Алишери Навоиро бо иловаи шеърҳои мунтахаби форсӣ-тоҷикиаш (бо тахаллуси “Фонӣ”) фаро гирифтааст, ҳамчунин дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии ӯро бо шоири классики адабиёти форсии тоҷикӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ мушаххас нишон медиҳад. Худи Айнӣ дар зиндагӣ ва фаъолияти эҷодию илмиаш ҳамин анъанаро идома дод ва ғанӣ гардонд.

Солҳои 20-уми асри гузашта дар Ҳукумати Шӯравии собиқ ҷараёни ба истилоҳ «сохтмони забонҳо» оғоз гардид, ки он масъалаҳое чун табдили алифбо ва муайян кардани меъёрҳои забони адабии муосирро дар назар дошт. Албатта, ин чорабинии сиёсӣ ва ба амал баровардани кори иҷборӣ буд. Айнӣ ҳамроҳ бо дигар намояндагони илму адаби тоҷик, дар ин раванд кӯшиш кард, то алифбои наве тартиб диҳанд, ки ба табиати овозии забони тоҷик мувофиқ, аз бар карданаш осон ва забони адабӣ забони содае бошад, ки ҳам ба мардуми оддии тоҷик ва ҳам ба ҳамаи форсизабонон фаҳмо ва дастрас гардад. Агар ӯ бо мақолаҳои худ оид ба масъалаҳои забони тоҷикӣ («Китобҳои тоҷикӣ», «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ», «Дар атро-фи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Дунёи нав ва алифбои нав» ва ғ.) асоси назарии услуби нави забони адабии тоҷик, роҳҳои демократӣ гардонидани онро нишон дода бошад, бо асарҳои бадеии худ намунаҳои равшани содабаёниро ба майдон гузошт. Забони Айнӣ забони оммаи васеи халқи тоҷик гардид. Айнӣ дар тамоми марҳилаҳои эҷодиёти худ сабки сода ва фаҳморо пеш гирифтааст.

Вай «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-ро (1938) аз дасти таҳрир баровард, ки он ҷилди 12 «Куллиёт»-и ӯро (1976) ташкил мекунад. «Луғати русӣ-тоҷикӣ» (ҷилдҳои 1-2; 1933-34) зери таҳрири Айнӣ чоп шудааст. Ӯ яке аз муҳаррирони «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (1940) буд.

Эҷодиёти Айнӣ, хусусан насри реалистии ӯ натиҷаи ба ҳам пайванд додани беҳтарин анъанаҳои адабиёти Шарқ ва Ғарб мебошад. Айнӣ аз адабиёти форсии тоҷикӣ сар карда, то адабиёти туркизабон ва араб тамоми сарватҳои маънавии халқҳои Шарқро аз худ карда буд. Романтизми адабиёти Шарқ бо реализми рус ба ҳам омехта, дар эҷодиёти Айнӣ сифатҳои тоза пайдо кард. Айнӣ борҳо дар бораи таъсири таҷрибаи эҷодии А. С. Пушкин ва Н. В. Гогол, А. П. Чехов ва В. В. Маяковский ба эҷодиёти худ сухан рондааст. Ӯ, махсусан, омӯзиши самарабахши худро аз М. Горкий таъкид кардааст. С. Айнӣ дар анҷумани I -уми нависандагони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Москва бо Горкий бевосита шинос ва ҳамсуҳбат шуда буд. Вай дар мақолаҳояш дар бораи М. Горкий «Зиндаи абадӣ» (1936), «Омӯзиши ман аз Максим Горкий» (1937), «Хотираи фаромӯшношудании устоди бузург» (1938, ба забони ӯзбакӣ), «Симои фаромӯшнашаванда» (1946), «Падари тарбиятгари адабиёти советӣ» (1951) ӯро устоди худ ҳисобидааст. Айнӣ дар ин замина хизмат кардан ба халқу Ватан ва адабиётро вазифаи муқаддаси ҷамъиятии худ қарор дода, таълиму тарбияи нависандагони ҷавонро ба ухда гирифт, равнақу ривоҷ додани адабиёти ҳарбии ватандӯстонаро яке аз муҳимтарин вазифаҳои худ донист. Айнӣ ба таърих, ба ҳофизаи таърихии халқ беҳтару бештар диққат ва эътибор медодагӣ шуд, сабақҳои таърихиро барои имрӯз ва оянда ба кор гирифт. Айнӣ иқрор кардааст, ки ӯ дар эҷоди бадеӣ истифода бурдани фолклор - зарбулмасал, мақол, латифаҳои халқӣ, афсонаю ривоят, суруду тарона ва ғайраро аз Горкий омӯхтааст. Истифодаи фолклор яке аз рукнҳои ҳалқияти эҷодиёти Айнӣ мебошад. Офаридани типҳои мухталифи иҷтимоӣ, характерҳои барҷаста, симои муаззами халқ, образҳои нотакрор, хубӣ ва қабоҳатҳои зиндагӣ, умуман ҳунари воқеъгароии асил аз бисёр ҷиҳатҳо ба омӯзиши эҷодии таҷрибаи ғоявию эстетикии Горкий алоқаманд будааст.

Айнӣ таҷрибаи ёддоштнависии миллиро дар эҷодиёти худ моҳирона кор карда, таҷоруби адабии нависандагони дигар халқҳоро низ истифода бурд. Омӯзиши таҷрибаи адабии Горкий, махсусан, дар таълифи «Ёддоштҳо» самараи хуб дод. «Ёддоштҳо»-ям, ки диққати хонандагони советиро ба худ ҷалб кардаанд, - иқрор мекунад Айнӣ, - асосан бо таъсири илҳомбахши «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва дигар ҳикояҳои ёддоштии ин устоди бузург таҳрир ёфтаанд» [5, 250]. Устод Айнӣ ёрмандии дастаҷамъонаро ба ҳамдигар дар роҳи пешрафти кори адабӣ аз сабақҳои муҳимми эҷодӣ медонист. Ӯ ба Горкий пайравӣ карда, муҳокимаи дастҷамъии дастнависи асарҳоро ба ҳукми қоида даровардааст, ин корро аз муҳокимаи асари худ «Марги судхӯр» шурӯъ намуд. Айнӣ дар ин масъала барпо кардани самимият ва муҳаббатро дар байни аҳли адаб шарт ва зарур мешуморид, ки ин ҳам анъанаи Горкий аст.

Айнӣ падари тарбиятгари адабиёти шӯравии тоҷик ва дигар адабиёти Шарқ дар замони шӯравӣ ва баъди он аст. Нуфуз ва таъсири мактаби Айнӣ дар инкишофи адабиёти миллатҳои гуногуни шӯравӣ баҳснопазир мебошад.

Мактаби бузург ва гуногунҷабҳаи реалистии Шарқ, пеш аз ҳама, бо номи Айнӣ вобаста аст. Инро М. Авезов, С. Муқанов, Ч. Айтматов, М. Ҳусейн, Г. Ғулом, Б. Карбобоев ва дигарон иқрор кардаанд. Мавқеъ ва мақоми Айнӣ дар зуҳуру инкишофи вуқуъгароӣ ва халқият дар адабиёти Шарқи хориҷа низ бузург мебошад, ки онро донишманди Эрон Саид Нафисӣ дар Анҷумани II-юми нависандагони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таъкид карда буд. Дарвоқеъ, дар кишвари Эрон ба нашр ва таҳқиқи мероси адабӣ ва илмии С. Айнӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Донишмандони Ҷумҳурии Исломии Эрон чаҳор ҷилди «Ёддоштҳо», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва баъзе дигар асарҳои Айниро бо сарсуханҳои муфассал ва тавзеҳоти илмӣ ба чоп расондаанд. Онҳо, махсусан, ба забони ширин, бетакаллуф ва рангину равони устод С. Айнӣ баҳои баланд медиҳанд, забон ва сабки «Ёддоштҳо»-ро бо шеваю услуби «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ муқоиса мекунанд. Нависандагон ва олимони Эрон исми шарифи Айниро дар радифи номҳои бузургтарин шоирон - Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Афзалиддин Хоқонии Шервонӣ гузоштаанд. Айнӣ ба сифати чеҳраи шинохтаи классики адабиёти Шарқ эътироф шудааст. Конференсияи II-юми

нависандагони мамлакатҳои Осиё ва Африқо (Қоҳира, 1962) дар баённомаи худ таъкид кард: «Мо дар инкишофи тафаккур ва бедории худ аз асарҳои бисёр адибони гумном, инчунин нависандагоне ба мисли Робиндронат Такур, Лу Син, Садриддин Айнӣ ва Тоҳо Ҳусайн миннатдору шукргузор ҳастем». Нависандагон ва донишмандони Ғарб номи Айниро бо Ҷек Лондон, Киплинг, Горкий, Кнут Гамсун дар як қатор гузоштаанд. Алфред Курелла шоир, носир ва тарҷумони немис менависад, ки Айнӣ таҷассуми робитаи самара-бахши маданияти ҷаҳонӣ - шарқӣ ва ғарбӣ мебошад. Ин аст, ки 100-солагии зодрӯзи Айнӣ (1978) бо қарори ЮНЕСКО дар миқёси байналхалқӣ ҷашн гирифта шуд. Осори Айнӣ аз солҳои 20-уми асри 20 инҷониб ба забони русӣ, 17 забони халқҳои собиқ шӯравӣ ва 12 забони хориҷӣ тарҷумаю нашр шудаанд.

Устод С. Айнӣ аз соли 1933 нафақахӯри шахсӣ бошад ҳам, то охири умр дар хизмати давлат, халқ, илму адабиёт буд. Депутати Совети Олии СССР (1950; 1954) ва Совети Олии РСС Тоҷикистон (даъвати 2), бо ду ордени Байраки Сурхи Меҳнат (1953), се ордени Ленин (1941, 1948, 1949), Ҷоизаи давлатии ба номи Сталин (1950) сарфароз гардидааст.

АДАБИЁТ

1. С. Айнӣ. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ. 1. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 346 с.
2. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ; бо кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон, 1385. – 372 с.
3. С. Нафисӣ. Мусоҳабат бо марди бузург / С. Нафисӣ // С. Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон. – Душанбе: Ирфон, 1988. - С. 182-184.
4. С. Айнӣ. Куллиёт.Ҷ. 11. Китоби якум / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 506 с.
5. С. Айнӣ. Куллиёт.Ҷ. 11. Китоби дуюм / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1976. - 770 с.

ПАДИДАҲОИ ТОЗАИ ИЛМИИ ОСОРИ УСТОД С. АЙНӢ

Садриддин Айнӣ асосгузори адабиёти навини тоҷик ва забоншиноси маъруфи тоҷик масҳуб меёбад. Асарҳои бадеӣ ва илмии ӯ чандин маротиба ҳам дар чумҳурии мо ва ҳам берун аз он ба нашр расидаанд. Нуфуз ва таъсири мактаби Айнӣ дар инкишофи адабиёти миллатҳои гуногуни шӯравӣ баҳснопазир мебошад. Мақолаи мазкур ба омӯзиши падидаҳои тозаи илмии осори устод Айнӣ бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, асосгузори адабиёти навини тоҷик, забоншиноси маъруфи тоҷик, мактаби Айнӣ, инкишофи адабиёти советии тоҷик, осори устод Айнӣ

НОВЫЕ НАУЧНЫЕ ЯВЛЕНИЯ ПРОИЗВЕДЕНИЙ САДРИДДИНА АЙНИ

Садриддин Айни (1878—1954) — основоположник таджикской советской литературы, видный ученый-филолог. Его художественные произведения и научные труды неоднократно издавались как в нашей стране, так и за рубежом. Влияние и авторитет школы Айни в развитии многонациональной советской литературы бесспорны. Данная статья рассматривает новые научные явления научного наследия Садриддина Айни.

Ключевые слова: Садриддин Айни, основоположник новейшей таджикской литературы, известный таджикский ученый – филолог, школа Айни, развитие советской таджикской литературы, наследие Садриддина Айни.

NEW SCIENTIFIC PHENOMENON OF THE WORKS OF SADRIDDIN AINI

Sadriddin Avni (1878-1954) — the founder of Taiik Soviet literature. a prominent scientist-philologist. His artistic works and scientific works have been repeatedly published both in our country and abroad. The influence and prestige of the school Aini in the development of multinational Soviet literature is undeniable. This article examines the new scientific phenomenon of the scientific heritage of Sadriddin Aini.

Kev words: Sadriddin Aini. the founder of contemporary Tajik literature, a well-known Tajik scientist – philologist, school, cafes, and the development of Soviet Tajik literature, the legacy of Sadriddin Aini.

Сведения об авторе: ***Х. У. Солиев*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН РТ.Телефон: **(+992) 905-45-88-86; 905-15-05-68**

ВОСПРОИЗВЕДЕНИЕ СТИЛЯ СТИХОТВОРЕНИЯ «МУЖЕСТВО» А. А. АХМАТОВОЙ ПРИ ПЕРЕВОДЕ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Кимати Элназар
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В настоящее время значительно возрастает значение переводческого дела как органического компонента литературного процесса. В самом деле, развитие художественного перевода в нашей стране дает возможность таджикам приобщаться не только к творческому наследию классиков мировой литературы, современных зарубежных поэтов и писателей, но и соприкоснуться со всем тем богатством культурного, художественно- эстетического наследия, которое создано и продолжает создаваться народами мира.

В творческом освоении национальными литературами реалистических традиции русской литературы велика роль художественных переводов. Переводы лучших произведений русской и мировой литературы – одно из важных звеньев взаимовлияния и взаимообогащения таджикского народа.

Художественный перевод, являясь важнейшей формой взаимосвязей национальных литератур, также выражает и взаимосвязи нашего народа. Словами И.Г. Неупокоевой «Говоря о роли художественного перевода в развитии межнациональных литературных общений, следует различать перевод как средство

литературных связей, в развитии которых роль его первостепенна по своему значению, и перевод как форму творческого взаимодействия, где он служит таким важным задачам литературного развития, как расширение идейно-эстетических возможностей данного национального искусства, обогащение национального языка, выработка слога художника, работа над его формой» [3, 104].

Среди переведенных произведений русской литературы на таджикский язык творения А.А.Ахматовой занимают важное место. Переводы произведения Анны Андреевны Ахматовой, таджикские поэты не только знакомят своих читателей с замечательной лирикой и эпосом русской поэтессы, но и саамы учатся у нее мастерству, осваивают ее творческий опыт. Известно, что творчество А.Ахматовой оказывает огромное воспитательное воздействие на читателя, так как говоря словами Народного поэта Республики Таджикистан, лауреата Государственной премии имени Рудаки Фарзонаи Худжанди: «Анна Ахматова – русская поэтесса, снискавшая славу еще до начала первой мировой войны, как будто была избрана самой судьбой испытать неосознанную и просто унаследованную от прошлого ее современниками систему ценностей сперва под действием той волны энтузиазма, которая захлестнула массы в предвкушении грядущего коммунистического рая, а затем в условиях безумного репрессивного режима – сталинского тоталитарного государства. Поэзия А.Ахматовой поднимала глубинные пласты человеческого сознания, поднимала народные низы. Источником этого огромного поэтического проникновения и поэтического призыва была лирика русской поэтессы» [4, 70].

О роли А.Ахматовой в русской поэзии А. Колонтай отмечает : «А.А. Ахматова дала "целую книгу женской души". Ахматова – революционный поэт. При всём том внешне она почти всегда оставалась поэтом традиционным, поставившим себя под знак русской классики, прежде всего Пушкина» [2, 88].

У каждого большого поэта — свой мир идей и образов, свой «магический кристалл», следовательно, и свой стиль. Работая над переводом литературного произведения, чрезвычайно важно воссоздать стиль поэта, т. е. донести до читателя его индивидуальную творческую манеру.

Мы попытаемся охарактеризовать некоторые наиболее существенные стороны поэтического языка Анны Ахматовой, проследить, как воспроизводятся они таджикскими переводчиками.

Верное воспроизведение стиля является одной из главных задач переводчика, ибо индивидуальный стиль писателя и составляет, как правило, то неповторимое, что есть в каждом произведении. Произведение, лишенное в переводе индивидуальных черт, в огромной степени теряет эстетическую ценность. Вот почему реалистический перевод предполагает сохранение характерных черт оригинала, его своеобразия.

Поэтесса Анна Ахматова прожила удивительно яркую, полную трагизма, взлетов и падений, жизнь. Ей довелось застать сразу несколько эпох, так как одна из самых одиозных и непредсказуемых представительниц русской поэзии родилась за 17 лет до революции, стала свидетельницей сталинских репрессий, ленинградской блокады и восстановления страны после Великой Отечественной войны. В 1941 году, будучи в эвакуации, Анна Ахматова начала работу над поэтическим циклом под названием «Ветер войны», в который вошло стихотворение «Мужество». Следует сразу оговориться, что поэтесса никогда не была сторонницей советской власти, довольно открыто выражая свои монархические взгляды. Однако стихи из «Ветра войны» лишены даже малейшего намека на подобное.

Дело в том, что в этот период поэтесса переосмыслила очень многие важные для нее вопросы и пришла к выводу, что именно благодаря советской власти произошло единение русского народа, который смог дать достойный отпор немецко-фашистским захватчикам. Нет, Анна Ахматова не стала идейной коммунисткой. Уж слишком свежи еще были в воспоминаниях арест и расстрел мужа, поэта Николая Гумилева, а также сибирская ссылка сына, обвиненного в антисоветчине. Поэтому стихотворение «Мужество», преисполненное патриотизма, к советской власти не имеет никакого отношения. И рассматривать его следует не с политической, а с гражданской позиции.

В полной мере испытав на себе жернова сталинских репрессий, в период войны Анна Ахматова вновь ощутила себя нужной и полезной своему народу. Выражалось это в том, что ее стихи, преисполненные веры в победу, в какой-то момент оказались востребованными. В прошлом остались жесткая цензура и всевозможные препоны, благодаря которым поэтесса была лишена возможности донести до читателей свои произведения. И именно война в корне изменила эту унизительную для Ахматовой ситуацию.

Однако поэтесса осталась верна себе, четко разграничив такие понятия, как «народ» и «власть». Поэтому в стихотворении «Мужество» она обращается к обездоленным, голодным и уставшим людям, которые, тем не менее, не сломались под тяжестью военного бремени. «Час мужество пробил на наших часах, и мужество нас не покинет», — утверждает поэтесса, и эта строчка является ключевой в данном произведении, сдержанном, емком и поражающем своей суровой красотой. Быть вместе со своим народом для Ахматовой означает разделить с ним общую судьбу. Поэтому в стихотворении «Мужество» она отождествляет себя с ним и выступает от его лица. Поэтесса отмечает, что ей, как и тысячам других людей, «не страшно под пулями мертвыми лечь» ради того, чтобы сохранить «великое русское слово». Именно в этом она видит свою главную задачу поэта и гражданина, носителя русского языка, который обязан передать его будущим поколениям «свободным и чистым». Стихотворение «Мужество» было написано А. А. Ахматовой 23 февраля 1942 года. Оно вошло в поэтический цикл «Ветер войны». «В цикле богатая эмоциональная палитра — от бытовых зарисовок до народной клятвы и панихидного плача».

Лирическая героиня говорит здесь от лица целого поколения, от имени всего русского народа. Это стихотворение — обещание, клятва, данная Родине. Оно проникнуто публицистическим пафосом, относится к патриотической лирике. В начале стихотворения говорится о необычайной важности настоящего момента: в опасности судьба не только России, но и всего мира. Время требует от людей внутренней цельности, душевной стойкости, героизма: «Час мужества пробил на наших часах». Русские люди готовы пойти на любые жертвы во имя желанной победы, ради своей Родины: Не страшно под пулями мертвыми лечь, Не горько остаться без крова… Но все эти лишения они способны вынести ради одного — сохранения единства нации, национального самосознания, языка и культуры. Символом нации является речь, язык. «Великое русское слово» — вот величайшая ценность, определяющая жизнь и развитие народа. Именно в этом залог будущей победы, свободного развития страны. В этом стихотворении Ахматова говорит «мы», она говорит от имени русского народа, индивидуальность поэта здесь сливается с народной массой. Заключительная часть стихотворения представляет собой обращение к слову. «Это своеобразная клятва, обещание и даже молитва: последнее слово "Навеки!" вынесено в отдельную строку. Здесь явно прочитывается смысл: слово — самое святое в жизни, действительно божество, которое хранят и берегут, к которому обращаются с молитвой…»: И мы сохраним тебя, русская речь, Великое русское слово. Свободным и чистым тебя пронесем, И внукам дадим, и от плена спасем. Навеки!

А. Ахматова, создавая образ "час мужества", основывалась на тютчевском призыве, обращенном ко всем смертным: Мужайтесь, о други, боритесь прилежно, Хоть бой и неравен… Как бой ни жесток…

У А.Ахматовой образ мужества имеет конкретную характеристику, он тесно связан с современностью, в нем прославлены самоотверженность защитников родины и великие ценности народного духа.

Стихотворение написано четырехстопным и вольным амфибрахием. Оно состоит из двух катренов и заключительного трехстишия. Рифмовка — перекрестная и парная. Поэт использует различные средства художественной выразительности: метафору («что ныне лежит на весах»), метафору и фразеологизм («Час мужества пробил на наших часах»), анафору («Не страшно под пулями мертвыми лечь, Не горько остаться без крова»), олицетворение («от плена спасем»). Поэт использует книжную лексику, слова и выражения высокого стиля («ныне», «без крова»).

Таким образом, Анна Ахматова в стихотворении «Мужество» очень четко обозначила свою цель и роль в историческом процессе. Уже тогда поэтесса понимала, что восстановить разрушенные бомбежкой фабрики и заводы будет гораздо проще, чем вернуть людям духовное богатство, растраченное и фактически растоптанное во время войны. Поэтому поэзия является одним из немногих средств, которое сможет заставить людей вновь научиться чувствовать прекрасное. Однако справедливости ради стоит отметить, что в своем творчестве Ахматова после войны так и не вернулась к лирике, благодаря которой прославилась в 20-х года прошлого века. Ее стихи стали более резкими, с ярко выраженной социальной окраской и обличительным подтекстом. адресованным власть имущим.

Стихотворение «Мужество» А. Ахматовой явило России имя русской поэтессы. и оно же подняло ее на огромную высоту. Это стихотворение русской поэтессы перевели на таджикский язык известный таджикский поэт Бахром Фируз и опубликовал 28 сентября 1967 года в газете «Маориф ва маданият». а также другой таджикский поэт Доро Начот к 100-летию со дня рождения А. Ахматовой в газете «Точикистони Совети» 24 июня 1989 года. Стихотворение не осталось неоцененным современниками. Позднее А. В. Дружинин скажет: «Поэзия Ахматовой — сочетание предметности слова с резко преобразующим поэтическим контекстом, с динамикой неназванного и напряженностью смысловых столкновений. Это большая поэзия, современная и переработавшая опыт двух веков русского стиха. На рубеже прошлого и нынешнего столетий, хотя и не буквально хронологически, накануне революции, в эпоху, потрясенную двумя мировыми войнами, в России возникла и сложилась, может быть, самая значительная во всей мировой литературе нового времени «женская» поэзия – поэзия Анны Ахматовой» [1, 56].

Из двух таджикских переводчиков только Бахром Фируз правильно понял и перевел этот отрывок. Доро Начот в основном повторяет Бахрома Фируза с незначительными изменениями. Оба переводчика пропустили определение «час мужества» как незначительную деталь.

Свойственны. контрастны и лексические образы. которые воплощены в словах «свободным. чистым». «великое русское слово». «мужество», «сохраним». Эту поэтическую особенность стихотворения наиболее удачно передал Бахром Фируз.

Таким образом. таджикский переводчик. будучи тонким художником. чрезвычайно чутко улавливает особенности языка переводимого произведения. Иногда язык его перевода достигает почти ахматовского совершенства.

ЛИТЕРАТУРА

1. Дружинин А. В. Литература на современном этапе / А. В. Дружинин. - М.: Наука, 2001. – 187 с.
2. Колонтай А. Н. Характер творчества русской поэтессы / А. Н. Колонтай. - М.: Художественная литература, 2002. - 386 с.
3. Неупокоевой И. Г. Особенности творчества А. А. Ахматовой / И. Г. Неупокоевой. - М.:Наука, 2001. - 294с.
4. Фарзонаи Худжанди. Двадцать лепестков / Фарзонаи Худжанди. - М.: Советский писатель, 1990. - 176 с.

ТАҶДИДИ ТАҚВИМИ ШЕЪРИ «МАРДОНАГӢ»-И А. АХМАТОВА ДАР ТАРҶУМАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ин мақола ба эҷодиёти шоираи рус Анна Ахматова бахшида шудааст.ки вай асосгузори шеъри мактаби нави руси мебошад. Муалифи мақола дар асоси маводи бисёр тарҷумаи шеъри А. Ахматова «Мардонаги»-ро тахлил менамояд.

Калидвожаҳо: шоир, шеър, тарҷума, таквим, забон, Ахматова, мавод.

ВОСПРОИЗВЕДЕНИЕ СТИЛЯ СТИХОТВОРЕНИЯ «МУЖЕСТВО» А. А. АХМАТОВОЙ ПРИ ПЕРЕВОДЕ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Эта статья посвящена творчества великой русской поэтессы Анны Ахматовой – основателя новой поэтической школы русского стиха. Автор статьи на основы обширного материала исследует переводы стихотворения А.Ахматовой «Мужество» на таджикский язык.

Ключевые слова: поэт, стихотворение, перевод, стиль, язык, Ахматова, материал.

PLAYING STYLE POEM "COURAGE" ANNA AKHMATOVA WHEN TRANSLATED INTO TAJIK LANGUAGE

This article is devoted to creativity of the great Russian poetess Anna Akhmatova - the founder of a new poetic school of Russian verse. The author based on extensive material explores the translation of Anna Akhmatova's poem "Courage" in the Tajik language.

Key words: poet, poem, translation, style, language, Akhmatova, material.

Сведение об авторе: ***Киматби Элназар*** – аспирантка кафедры русской и мировой литературы Таджикского государственного университета имени Садриддина Айни. Телефон: **(+992) 988-16-94-89**

НИГОҲИ МУХТАСАР БА ТАҲҚИҚИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗИИ НИШОПУРӢ

Фаррух Ҳайдаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маркази адабии дарбори Салҷуқиён дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун маркази адабу фарҳанг як силсила сухангӯёни номиро ба олами шеъру адаби форсӣ пешниҳод намудааст, ки саҳми эшон дар рушду нумуи ин адабиёти куҳанбунёд қобили мулоҳиза мебошад.

Аз симоҳои машҳури шеъру адаби доираи адабии Салҷуқиҳо адибони номӣ чун Амир Муиззӣ, Анварӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ, Маҳастӣ ва бисёр дигаронро метавон ном бурд.

Рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён – шаҳри Марв бештар назаррас буд. Мувофиқи тахлили Бертельс Е. Э. тазкиранигори қарни XIII Муҳаммад Авфии Бухорӣ дар «Лубоб – ул - албоб»-и худ роҷеъ ба як саду шаш шоири аҳди Салҷуқиён маълумот дарҷ намудааст. У шуарои қаламрави паҳновари Салҷуқиёнро ба чор ҳавза тақсим намудааст: 1) ҳавзаи адабии Хуросон, 2) ҳавзаи адабии Ироқу Моварои Қафқоз, 3) ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, 4) ҳавзаи адабии Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон. Авфӣ то давраи ба фаъолияти адабӣ шурӯъ намудани Амир Муиззӣ миқдори шоирони мавзеи Хуросонро бисту ду адад муайян кардааст. Мутаносибан дар Мовароуннаҳр – ҳафт, дар Ироқ – даҳ, дар Ғазна – сездаҳ шоирро баршумурдааст. Баъд аз марги Муиззӣ миқдори шоирон дар Хуросон – бисту се, дар Мовароуннаҳр шонздаҳ, дар Эрон – шаш ва дар Ғазнин – даҳ адад будаанд [6.500].

Яке аз шоирони тавонои ин давр, ки то ба ҳадди маликушшуарой расидааст, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Муиззии Нишопурӣ мебошад, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақоми махсус дорад.

Аввалин сарчашмае, ки тавассути он роҷеъ ба рӯзгору ашъори Амир Муиззӣ метавон иттилои муътамад ба даст овард, бидуни шубҳа девони маҳфузмондаи худи шоир аст, ки хушбахтона, дар Теҳрон бори аввал соли 1318, яъне соли 1940 бо саъй ва кӯшиши донишманди маъруф Аббос Иқбол ва сипас аз чониби олимони дигари Эрон се бори дигар дар асоси ин нашр ба табъ расидааст [2;3;4;5].

Гузашта аз ин, дар бораи рӯзгор ва осори ин шоир мо ҳанӯз дар маъхазҳои асри XII ба маълумотҳои судманде дучор мешавем. Ҳамин гуна маълумот роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Муиззӣ дар аксар сарчашмаҳои адабии минбаъда ииз ба назар мерасад.

Бешубҳа, маълумоти ҳамаи сарчашмаҳо аз нигоҳи арзиш яксон нест. Бо вуҷуди ин, ахбори фаровони манбаъҳои адабию таърихӣ бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки Муиззӣ ҳамчун шоири бузурги қасидасаро дар тӯли асрҳои миёна соҳиби шуҳрат гаштааст. Аз муаллифони сарчашмаҳо ягона шахсе, ки бо шоир вохӯрдааст ва дар китобаш оид ба эҷодиёти ӯ маълумот медиҳад, шоир ва олими асри XII Низомии Арӯзии Самарқандист. Мавсуф доир ба Амир Муиззӣ маълумоти нисбатан ҷолиб додааст. Ин маълумот аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки аз забони худи Муиззӣ нақл карда мешавад. Бинобар ин, аз тамоми тазкираҳо, ки зикри рӯзгори Муиззӣ дар онҳо рафтааст, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ китоби муътамадтар аст ва маълумоти бисёри тазкираҳои баъдина аксар аз такрори гуфтаҳои Низомии Арӯзӣ иборатанд

«Чаҳор мақола» ҳамчун сарчашмаи **боэътимод дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Муиззӣ шумурида мешавад. Чунон ки ишора шуд, муаллифи «Чаҳор мақола» ҳамзамони шоир буда, бо вай вохӯрда мулоқот кардааст. Аз он чумла Низомии Арӯзӣ вазъияти вохӯрдааширо бо Муиззӣ дар «Чаҳор мақола» чунин тасвир мекунад: «… ба назди Амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам ва шеъри ман бидид…., ба мубоди ӯ омадам. Бузургиҳо фармуд ва мехтариро вочиб дошт. Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодатӣ ва гилаҳо ҳамекардем. Маро дилеҷод ва гуфт» [10.70].**

Дигар аз сарчашмаҳои муътабар ва муътамаде, ки оид ба Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалики Муиззӣ маълумот медиҳад, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорӣ мебошад. Муаллифи «Лубоб-ул-албоб» низ дар бораи Муиззӣ малумоти мухтасаре медиҳад. Муҳаммад Авфӣ асосан дар бораи шуҳрати шоирии Муиззӣ сухан ронда, дар бораи ҷой ва соли таваллуду вафоти шоир маълумоте намедиҳад» [9. 193].

Мувофиқи ахбори Муҳаммад Авфӣ ному кунният ва лақаби нисбаи Муиззӣ Амирушшуаро Абӯабдулло Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ [9.300] мебошад. Дар ин ҷо «амирушшуаро» далолат ба вазифаи ӯ мекунад. Абӯабдулло кунияти шоир буда, Абдулмалик номи падари шоир ва Нишопурӣ нисбаи ӯст. Лақаби Муиззӣ ҳамон навъе, ки муаллифи «Чаҳор мақола» [10, 81] мегӯяд, аз лақаби султон Маликшоҳи Салҷуқӣ, яъне «Муизziддин» гирифта шудааст ва ба вай бо таклифи яке аз амирони дарбор «амир»-ро афзудаанд. Ба ин тариқ лақаби шоир Амир Муиззӣ интишор ёфтааст ва илму адаб шоирро дар таърихи адабиёт бо ҳамин ном мешиносанд. Ин ақидаро муаллифони сарчашмаҳои дигар низ [7. 65] ва [2.17] тасдиқ кардаанд.

Худи шоир низ Муҳаммад будани номашро дар ашъораш зикр мекунад. Аввал, дар қасидаи ба мадҳи Абӯбакр Шамсушшараф ӯ чунин мегӯяд:

Ин ки эзид ҳамчунон, к-ӯро ба санъа лутфи ***хеш.***
Куният Сиддиқ доду номи пайғамбар маро [2, 6].

Сонӣ, дар қасидаи ба мадҳи Фахрулмулк бахшидааш мегӯяд:

Бувад номам бад ин хидмат ҳақиқат бандаи маҷлис
Агарчи хоҷа Бурҳонӣ Муҳаммад кард номи ман [2, 6].

Соли таваллуди Муизziро аз рӯйи маълумотҳои таърихии қасидаҳояш гурӯҳи муҳаққиқони тоҷик охири нимаи аввали асри XI соли 440 (1049) тахмин мекунанд [1, 553].

Аббос Иқбол низ дар чунин ақида аст ва мегӯяд, ки «… давраи шоирии Муизzӣ ақаллан аз соли 465 (1072) таърихи ҷулуси Маликшоҳ шурӯъ шуда ва агар дар ин таърих синни шоирро дар ҳудуди бисту панҷ, бигӯем, таваллуди ӯ мақарини соли 440 буда...» [2, 73].

Ҷойи бахс нест, ки Муизzӣ дар оилаи аҳли адаб ба дунё омадааст. Падари Муизzӣ Абдулмалики Бурҳонӣ худ шоири дарбор буд. Ӯ дар дарбори Алп Арслон (1063-1072) хизмат намуда, ба унвони «Амир-ул-шуаро»-и дарбор мушарраф гардидааст. Бино ба иттилои Низомии Арӯзии Самарқандӣ падари Муизzӣ дар аввалҳои ба тахт нишастани Маликшоҳи Салҷуқӣ вафот кардааст.

Худи Муизzӣ низ ба писари шоир Бурҳонӣ будаташ ишораҳо менамояд. Аз ҷумла дар қасидаи «Дар мадҳи амир Сақатулмулк Абӯмуслим сарви шайёрӣ домоди хоҷа Низомулмулк раиси шаҳри Рай»:

Дар маҷлиси ту буд яке шоири азиз
З-он шоири азиз Муизzист ёдгор.
Донам, ки ихтиёри падар хидмати ту буд
Ман низ чун падар кунам ин хидмат ихтиёр [3, 212].

«Дар мадҳи Киёмҷайруддавла вазири Санҷар»:

Писар беҳтар бад ин хидмат, ки бар ҷойи падар бошад
Муизzӣ чун бувад ноиб зи Бурҳонӣ падар мадфун [3, 573].

«Дар мадҳи Абӯсаҳл Абулраҳим –раиси шаҳри Рай»:

Меҳтаро, гар рафт Бурҳонӣ Муизzӣ ноиб аст,
Ҳам зи булбул бачаи булбул беҳ андар бӯстон [3, 576].

«Дар мадҳи Саидулруасо Муинулмулк»:

Зи Бурҳонӣ туро фардо ҳазорон офарин бошад
Ба ҳар некӣ, ки кардастӣ ту бо фарзанди Бурҳонӣ [3, 657].

Бурҳонӣ, ки худ аз аҳли илму адаб буд, барои нашъунамои ҳамаҷонибаи фарзандаш кӯшишҳо намудааст ва ин аст, ки Муизzӣ аз улуми роиҷи замона ба хубӣ бахра бурдааст.

Дар бораи замони наврасӣ ва ҷавонии Муизzӣ маълумоти дақиқе дар даст нест ва ин давраи ҳаёти ӯ норавшан аст. Танҳо як нукта муайян аст, ки падари ӯ дар дарбори Алп-Арслон **456-465 /1063-1072/** хидмат мекард ва ин далолат бар он мекунад, ки Муизzӣ баробари падар аз давраи ҷавонӣ ба дарбори салҷукиҳо наздик буд. Касбу кор ва ҳунари ӯ низ бояд мувофиқ ба камолоту завқи падараш ва дарбори мазкур мебуд. Вай, бешубҳа дониши расмии замонашро гирифта буд, яъне асосҳои саводу дониш, иллоҳиёт ва то дараҷае дигар навъҳои илму маърифатро аз худ кард.

Беш аз ҳама, эҳтимол, падараш диққати ӯро ба шеъри аҷаму араб ва форсии тоҷикӣ ҷалб кардааст. Аз эҷодиёташ маълум мешавад, ки вай тарзи сухан, ифода ва шеъру аҷами **арабро** хеле хуб аз худ кардааст. Муҳити зиндагии ӯ омӯхтани ҳунари ҳарбу муборизаро тақозо мекард.

Беҳуда нест, ки мувофиқи баъзе маълумотҳо вай дар айёми ҷавонӣ ба корҳои ҳарбӣ машғул будааст.

Аз рӯзгори пеш аз ҷалб шуданаш ба дарбор, мувофиқи тазкираҳо маълум мешавад, ки гӯё дар ибтидои ҳол сипоҳӣ [7, 65] ва дар силки сипоҳиён [11, 1292] будааст. Суханони зерин то дараҷае далели ин даъво шуда метавонанд:

Маро ба хидмати дарбор хост пайвастан,
Аҷал зи колбадаш ҷон гусаст дар Қазвин.

Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани падараш ӯ ҳамчун шоир ба дарбор ва дарбориён маълум набуд. Аз рӯйи баъзе шеърҳо ва маълумоти «Чаҳор мақола» [10, 31] зиндагии ӯ дар ин давра бо машаққат ва душворӣ мегузаштааст. Соҳиби зану фарзанд нашудани ӯ низ яке аз сабабҳои тангии моддӣ диданаш буд.

Баъди падараш ва аз рӯйи васияти падар Муиззӣ хидмати дарбор ихтиёр намудааст. Давраи ҷавонӣ ва миёнсолии ӯ ба даврони ҳукмронии Маликшоҳи Салҷуқӣ рост меояд.

Оид ба таърихи ба дарбор омадани Муиззӣ дар сарчашмаҳо мулоҳизаҳои гуногун дида мешавад.

Мувофиқи гуфтаҳои худи Муиззӣ, ки дар «Чаҳор мақола» зикр шудааст, ӯ як сол дар хидмати Маликшоҳ будааст ва дар ин муддат фақат як бор ӯро аз дур дидаасту халос. Бинобар гуфтаҳои ӯ «ва харҷи ман зиёдат шуд, вом ба гардани ман дар омад ва кор дар сари ман печид» [10, 81] маълум мешавад, ки ӯ аз сабаби даромаде надоштанаш зери бори қарз мондааст. Пас аз ин, шоир ба назди Алоуддавла Амир Алӣ Фаромурз, ки домоди Ҷағирбек буд ва дар дарбори ӯ мансаби калонеро ба ҷо меовард, меравад ва аз ҳазор динор қарздор шудани худ ба ӯ хабар мерасонад ва ҳамзамон аз ӯ хоҳиш мекунад, то ба ӯ иҷозати ба Нишопур рафтан диҳанд. Амир Алӣ Фаромурз ин тақсири ҳуд ва дарбориёнро эътироф мекунад ва ба ӯ сад динор дода мегӯяд, ки «Султон намози шом ба моҳ дидан ояд, бояд ки он ҷо ҳозир бошӣ то рӯзгор чи даст диҳад [10, 82]. Баъд аз ин, мувофиқи маълумоти «Чаҳор мақола» Муиззӣ ба хиргоҳи шоҳ ҳозир мешавад ва ҳангоме ки шоҳ ва муқаррабони ӯ ба моҳбинӣ берун меоянд ва гӯё аввал касе, ки моҳ дид, султон буд». Алоуддавла ба ин муносибат аз Муиззӣ дархости шеър мекунад ва Муиззӣ ҳозирин бадоҳатан ин ду байти машҳуру маъруфро мегӯяд:

Эй моҳ, чу абрӯвони ёрӣ, гӯйӣ
Ё не, чу камони шаҳриёрӣ, гӯйӣ.
Наъле зада аз зари иёрӣ гӯйӣ,
Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ гӯйӣ [3, 736].

Ҳангоме ки ҳозирин ин ду байтро аз даҳони Муиззӣ мешунаванд, ӯро таҳсини зиёде мекунанд ва султон ба ӯ аспе туҳфа мекунад. Баъди намози шом дар сари хон Алоуддавла аз Муиззӣ талаб мекунад, ки дар атои шоҳ шеъри дигар бигӯяд. Муиззӣ дарҳол ин ду байтро мегӯяд:

Чун оташи хотири маро шоҳ бидид,
Аз хок маро бар забари моҳ кашид.
Чун об яке тарона аз ман бишнид,
Чун бод яке маркаби хосам бахшид [3, 791].

Султон дубора ба ӯ атоҳои бисёре, аз ҷумла ҳазор динор, медиҳад ва талаб мекунад, ки ӯро аз лақаби худаш, яъне «Муиззи дунё ва-д-дин» хонанд. Шоири ҷавон то ин дам тахаллус надошт. Маликшоҳ бо амри худ фармуд, ки ба ӯ тахаллус диҳанд. Амир ба хотири Султон, ки лақаби фахрии «Муиз-уд-дунё ва дин» дошт, «Муиззӣ» тахаллус гузоштанро таклиф кард, ба ҳама маъқул афтод. Он гоҳ султон ҳиммат карда гуфт: «Бигзор Муиззӣ мартабаи амирӣ ҳам дошта бошад». Ба ин тариқ, тахаллус ва мартабаи дарбории ӯ «Амир Муиззӣ» шуд. Ӯро тадриҷан ба вазифаи «амир-аш-шуаро»-ӣ ҳам бардоштанд. Акнун вай надими шоҳ ҳам буд. Аз ҳар ҷиҳат осуда гашт. Чи тавре ки худи Муиззӣ мегӯяд, пас аз ин ҳодиса ӯ яке аз надимони наздиктарини шоҳ мешавад ва дар дарбор моҳонаву рутбаи калонеро соҳибӣ мекунад.

Дар ин бора шоир дар қасидаи «Дар васфи шамшер ва мадҳи амир Алӣ бинни Фаромарз» ишорае менамояд, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст:

… Донам шунидаӣ, ту худованд, ҳоли ман
К-аз фурқати падар тани ман буд нотавон.
Будам миёни халқ чу ошуфтагин табоҳ,
Будам ба гирди шаҳр чу девонагон навон.
Сарве будам фитодаву пажмурда бар замин
Бар осмон кашид маро хусрави замон.
Додам лақаб Муиззиву бишнид шеъри ман
Чун дид дар мадеҳ забонам гуҳарфишон.
Миро, манам ба хидмати ту ноиби падар,
Алҳамд филлиамоилу Алҳамд филлисон.
Гар гулситони шеър зи булбул тиҳӣ шуда-ст
Бишнав навои бачаи булбул зи гулситон.
Фархунда буд бар мутанаббӣ бисоти Сайф,

Чунон ки бар ҳаким Дақиқӣ Чағониён.
Фархундатар бисоти ту бар ман, ки ёфтам,
Аз ту саодату шарафу умри ҷовидон [3, 483].

Давраи бехтарини ҳаёти Муиззӣ аз ҳамин воқеаи барои шоир фараҳбахш оғоз меёбад ва тамоми тазкираҳо шаҳодат бар он медиҳанд. Аз он ҷумла Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» мегӯяд: «… ва он чи ӯро дар давлати султон Маликшоҳ муяссар шуд, он улфи шон ва рафъати дарачат ҳеҷ шоиреро муяссар нашудааст ва гӯянд: се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо дидаанд ва қабулҳо ёфтаанд, чунон ки касеро он мартаба муяссар набуд: яке Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати султон Маликшоҳ» [9, 300].

Дар ин давра, ҳамзамон, аксари шоирони дарбор пеш аз қироат дар назди султон ашъори мадҳиашонро аз назари амирушшуаро Амир Муиззӣ мегузаронидаанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ низ, чи хеле ки худи ӯ иттилоъ медиҳад, то пешниҳод ба Маликшоҳ қасидаи ҳудашро ба Муиззӣ нишон медодааст. аз чумла ишора менамояд, ки **«… ба назди Амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам ва шеъри ман бидид…» [10, 70].**

Ин давраи ҳаёти Муиззӣ, ки ба хушӣ сипарӣ гаштааст ва ӯ дар дарбори Маликшоҳ ба мадҳи футуҳоти ин подшоҳ машғул шуда, ҳамзамон дар тамоми сафару маҷлисҳо Маликшоҳро ҳамроҳӣ менамуд, лекин дар ҳаёти сиёсии салҷуқиҳо як қатор дигаргунӣ ва туғёнҳо рӯй дод. Аз тарафи қотилони исмоилии Ҳасан Сабоҳ Маликшоҳ кушта шуд. Шурӯъ аз ҳамин соли 485 //1092 ба муддати панҷ сол, яъне то замони ба тахт нишастани Санҷар Муиззӣ ба мисли пештара овони сарсонию саргардониро аз сар мегузаронидааст ва қасидаҳояш гувоҳӣ медиҳанд, ки дар талаби «мамдуҳи побарҷое мегашта, то замоне Арслон Арғу ва Муҳаммад ва вузарои эшонро мадҳ мегуфта ва дар Ҳирот ва Нишопур ва Исфаҳон мегашта, то ин ки Санҷар бар Хуросон мустақар шуда ва Арслон Арғу ва амири ҳабашӣ барафтоданд» [2, 6]. Аз ин таърих, яъне соли 490//1097 то фарҷоми рӯзгори худ, яъне соли 520//1127, Муиззӣ шоири Санҷар будааст.

Дар давраи ҳукмронии султон Санҷар ибни Маликшоҳ дурахшонтарин давраи зиндагии амир Муиззӣ сипарӣ шудааст. Султон Санҷар Муиззиро бисёр навозиш кард, эътибору шаъни ӯро афзоиш дод, ки аз ашъори Муиззӣ ба равшанӣ эҳсос мешавад:

То қиёмат фахри ман бошад, ки андар базми хеш,
Дар бари тахтам нишониву «падар» хонӣ маро [3, 706].

Кардам андар фатҳи Ғазнин соҳирӣ дар шоирӣ,
Кард пургавҳар даҳонам подшоҳи гавҳарӣ [3, 712].

Тавре ба назар мерасад, дар ин абёт аз ҷониби шоир ду нуктаи муҳим баён шудааст: Яке он ки султон Санҷар ӯро бо икром дар бари худ ҷой дода, бо эҳтиром «падар» мехонд. Дигар султон аз қасидаҳои Муиззӣ қадршиносӣ мекард ва дар воқеаи фатҳи Ғазнин даҳони Муиззиро бо гавҳар пур кард, то мукофоти қасидаи фатҳияро адо намояд.

Ҳодисаи аз дасти Санҷар тир хӯрдани шоир яке аз ҳодисаҳои муҳим ва асосии зиндагии шоир аст, ки чи дар рӯзгораш ва чи дар ашъораш мавқеи калонеро ишғол мекунад. Аммо дар кадом сол тир хӯрдани Муиззӣ ва дар бораи ба чи ҳолат афтодани ӯ маълумоти саҳеҳ ва ягонае ба назар намерасад.

Муҳаммад Авфӣ дар асари худ менависад, ки «… ногаҳ тире аз камон чудо шуд… ва нишона аз ҷигари он дилбанди фузало сохт… ва дарҳол бар замин афтод ва ҷон бар осмон рафт» [9, 306]. Ин гуфтаи Муҳаммад Авфӣ қобили қабул нест, чунки ашъори зиёди шоир чи дар қасида ва қитъаоту рубоиёти шоир шаҳодат аз он медиҳанд, ки шоир баъди ин воқеа нафавтидааст. Аз ҷумла:

Миннат худойро, ки ба фарри худойгон,
Ман банда бегунаҳ нашудам кушта ройгон.
Миннат худойро, ки ба ҷонам накард қасд,
Тире, ки шаҳ ба қасд наандохт аз камон.
Якчанд агар зи ранҷ дилам буд дардманд,
Яксол агар зи дард танам буд нотавон.
Фарҷоми кор оқибати хеиро сабаб,
Фазли худоӣ донаму фарри худойгон [3, 781].

Дар бораи рӯзгори минбаъдаи Муиззӣ маълумоти муфассал дар даст нест, лекин аз рӯйи ашъораш маълум мешавад, ки баъди воқеаи тир хӯрданаш қариб як сол бемори бистарӣ буда, дар ин муддат баъзе лутфу мехрубониҳои дарбориёнро дар хусуси ширкат дар айшу нӯшҳо бо иллати нотобӣ рад мекардааст:

Аҳд кардастам, ки даст аз ҷоми май дорам тиҳӣ,
К-аз паси тимор як сол аст, маъзам пурхисор.
Баски дар оғози кор аз умр бубридам умед,
Аҳду паймон бишканам чун беҳ шавам анҷоми кор.
Аз ҳама чизе маро парҳез кардан воҷиб аст,
Хосса аз чизе, ки бо табъам набошад созгор.
То ки бошад дар барам пайкон маро ранҷур дон,

В-аз набошад бар кафам соғар маро маъзур дор [3, 794].

Аз рӯйи бисёр қасидаҳояш, ки аксар вақт аз нохушии захми тир шикоят мекунад, аён мегардад, ки Муиззӣ то охири умр пайкон ба сина ва ранҷур будааст.

Дар бораи вафоти шоир муаллифи «Лубоб-ул-албоб» чунин навиштааст: «Сабаби вафоти ӯ он буд, ки рӯзе султони Саид Санҷар дар хиргоҳ тир меандохт ва ӯ беруни хиргоҳ истода буд. Ногоҳ тире аз камони шоҳ ҷудо шуд ва аз ҷодаи ҳадаф хато шуд бе қасд. Тир нишона аз ҷигари он дилбанди фузало сохт, мурғи чаҳорпари тири ӯ аз саводи дили он саводи дидаи арбоби ҳунар дона сохт ва дарҳол бар замин афтод ва ҷон ба осмон рафт. Оре, тири қасди замонаро ҷуз аз дили фузало нишона нест» [9, 70]. Аммо, пеш аз ҳама, аз ашъори Муиззӣ маълум мешавад, ки баъди ин ҳодиса низ муддате зиндагӣ ба сар бурдааст.

Дар кадом сол вафот кардани Муиззӣ дақиқ нест ва дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ низ зикри он аниқ муайян нашудааст. Дар китоби Давлатшоҳи Самарқандӣ «Тазкират-уш-шуаро» [7, 65], «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» [11, 1292], «Лубоб-ул-албоб» [9, 300] дар ин бора, яъне фавти Муиззӣ, сухан нарафтааст.

Аббос Иқбол дар муқаддимаи зикршуда менависад, ки «соли 542, ки Тақии Кошӣ ва дигарон барои фавти Муиззӣ муайян кардаанд, ба чандин иллат дуруст наменамояд [2, 6]. Аббос Иқбол барои ин гуфтааш далел меорад, далели якуми ӯ чунин аст: соли 465 / 1065, ки таърихи ба тахт нишастани Маликшоҳ аст, дар ин сол Муиззӣ ҳамчун шоир ном бароварда буд ва шахси баркамол буд. Агар дар ин таърих синни шоирро бисту панҷ гӯем, таваллуди ӯ тахминан ба соли 440/1049 рост меояд. Агар соли 542 /1049-ро соли вафоти Муиззӣ донем, дар ин сурат умри Муиззӣ қариб ба сад мерасад, лекин ин далел он қадар боварибахш наменамояд, чунки «шоире, ки дар таърихи 510 тир хӯрда ва аз захми пайкони пинҳонмондаи он менолида, бо вуҷуди калонии син то қариби сӣ соли дигар зинда бимонад» [2, 63]. Аббос Иқбол аз рӯйи воқеаҳои таърихӣ ва қасидаҳои ба шахсони алоҳида бахшидаи шоир ба ҳамин хулоса меояд, ки «бидуни истисно зикри ҷамеи вузаро ва ричолии салҷуқӣ аз ҳудуди 465/1075 то 518/1125 боқист, абдаи зикри ҳеҷ кас ё ҳеҷ воқеае, ки замони он бар соли 542 / 1149 муаххар бошад, дида намешавад» [3, 6] ва аз ин ҷо Аббос Иқбол соли вафоти Муиззиро дар ҳудуди 518/1125 ва 519 / 1126 муқаррар мекунад. Ин гуфтаи Аббос Иқбол ба ҳақиқат мувофиқ аст, чунки агар Муиззӣ аз соли 518 / 1125 то соли 542 / 1149 зинда мебуд, ин албатта, дар девони ӯ инъикос меёфт.

Муиззӣ аз худ мероси хеле гаронбаҳо ба мерос гузоштааст, ки он наздик ба нуздаҳ ҳазор байтро дар бар мегирад ва он аз 463 қасида, 3 таркиббанд, 1 мусаммат, 59 ғазал, 33 қитъа, 176 рубоӣ гирд оварда шудааст. Ҳамчунон ки қаблан зикр кардем, хушбахтона, девони Муиззӣ аввалин маротиба бо саъй ва эҳтимоми олими маъруфи Эрон Аббос Иқбол дар Теҳрон мутобиқи соли 1318 ва ё худ соли 1940 мелодӣ ва минбаъд се маротибаи дигар аз ҷониби олимони эронӣ ба табъ расонида шудааст.

Муиззӣ, пеш аз ҳама, шоири дарбор аст ва бешубҳа, аксари ашъори ӯ дар мадҳи салҷуқиён ва аҳли дарбор бахшида шудааст.

Дар ин замина дар ҷое, аз ҷумла дар қасидаи «Дар ситоиши Тоҷиддин хотун модари Санҷар ва султон Муҳаммад» аз хизматҳои сисола:

Сӣ сол пеши шоҳон гуфтам санову мадҳат
Чун бандагони якдил чун чокарони якто [3, 24]

дар қасидаи дигар:

Муддати сӣ сол дар мулки салотин кардаам
Миннати шоҳону шукри родмардон иктисоб. [3, 68]

ва дар қасидаи «Дар мадҳи шоҳ Хотун хоҳари султон Санҷар» аз хизматҳои чилсолаи худ:

Андар ин давлат чиҳил сол аст то ман бандаро
Нест коре ҷуз санову ҷуз дуову офарин.
Вақф дорам ҷону тан бар хидмату мадҳи шумо
Ҳаст бар сарам гуво яздони гетиофарин.
Аз худовандон маро ташрифҳо ҳосил шудаст
Зарри сурху ҷомаҳои фохиру дури самин [3, 513].

дар дарбори салҷуқиён ёд мекунад ва ишора менамояд, ки онҳоро мадҳ гуфта, ба ивази он рӯзгори бошукуҳ гузаронидааст, аммо билохира дар яке аз қасидаҳояш бо номи «Тавҳид» аз мадҳу ситоише, ки аҳли дарбор ва дигар бузургонро кардааст, изҳори пушаймонӣ намуда, чанд аз баҳри ҷоҳу мол мадҳи махлуқон хонам мегӯяд:

Чанд хонам мадҳи махлуқон зи баҳри ҷоҳу мол
Чанд гӯям васфи маъшуқону неъмат зулфу хол.
Гоҳи он омад, ки гӯям муддате аз баҳри дин
Офарину шукру тавҳиди Худои зулҷалол.
Кирдигори ҷону тан парвардигори марду зан
Кирдигори ламязал парвардигори лоязол [3, 417].

Эй Муиззӣ, то кай аз исён биороӣ дилат
Гоҳи он омад, ки аз тоат биороӣ хисол.

Дил зи кажӣ чун гумон кардию бефармон шудӣ
Лоҷарам яздон ба захми тир додат гӯшмол.
Гар кунӣ бар хештан мадҳу ғазал гуфтан ҳаром,
Гардад аз тавҳид гуфтан шеъри ту сеҳри ҳалол.
Офарин кун шоҳу соҳибро, ки номи ҳарду ҳаст
Сину нуну ҷиму рию миму ҳову миму дол. [3,417]

Муиззӣ дар назм анъанаҳои беҳтарини сабки хуросониро пайравӣ намуд ва онро хеле инкишоф дод. Ин пайравӣ ва муваффақияти ӯ, пеш аз ҳама, дар соданависӣ ва тарзи воқеии тасвири бадеӣ буд. Вай дар тамоми ашъори худ аз фикрҳои печида ва тарзи баёни пӯшида сарфи назар кардааст. Бо ташбеҳу истиораҳои равшан, ифодаҳои табиию барҷаста, мақолу масалҳои халқӣ шоир қасидаҳои пурдабдаба ба вуҷуд овардааст, ҳиссиёти амиқи лирикаи ишқиро ифода карда тавонистааст.

Донишманди бузурги адабиёти форсӣ устод Саид Нафасӣ ишора менамояд: «Муиззӣ яке аз бузургтарин шоирони Эрон аст ва шеъри ӯ дар мунтаҳои дараҷаи равонию содагию ширинист ва аз ин ҳайс бар ҳамаи шоирони қарни шашум ба ҷуз Собири Тирмизӣ бартарӣ дорад. Махсусан, дар авсофи табиат ва ғазалсароӣ маҳорати томе дошта ва дар мадҳу марсия баёни муассир ва каломи фасеҳ дорад» [12 83].

Забеҳулло Сафо низ, ҳамин ҷиҳати назми Муиззиро ба хубӣ пай бурда навиштааст: «Хосияти умдаи шеъри Муиззӣ содагии он аст. Муиззӣ маонии бисёрро дар алфози сода ва холӣ аз такаллуф адо мекунад... Агарчи дар тағаззулот ва ғазалҳои ӯ таровати тағаззулҳои Фаррухӣ дида намешавад, лекин ба ҳар ҳол кӯшише, ки ӯ дар сурудани ғазалҳои нағз ба кор бурда, мусалламан василаи муассире дар пешрафти фанни ғазалсароӣ шудааст. ... Муиззӣ дар таркиби алфоз хеле бештар аз шоирони дигари авохири қарни панҷум ва авоили қарни шашум таҳти таъсири лаҳзаи умумии асри худ қарор гирифтааст» [*8, 508*], ки дар сурудани рубоӣ на камтар аз жанрҳои дигар шуҳрати оламгир дорад.

Бо вуҷуди ҳама корҳои анҷомёфта роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори амир Муиззӣ, аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва муҳаққиқони замони муосири шарқ ва ғарб то кунун бисёр паҳлуҳои рӯзгор ва ашъори шоир таҳқиқоти бештареро тақозо менамояд.

АДАБИЁТ

1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Душанбе, 1976., сах. 553.
2. Амир Муиззӣ. Девон / Амир Муиззӣ; тасҳеҳ ва таҳшияи устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ.
3. Амир Муиззӣ. Девон / Амир Муиззӣ; тасҳеҳ ва таҳшияи устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1389 х.қ.
4. Амир Муиззӣ. Девони комил / Амир Муиззӣ; муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳайерӣ. – Теҳрон, 1362 х.қ.
5. Амир Муиззӣ. Девон / Амир Муиззӣ; бар асоси нусхаи мусаҳеҳ устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ. – Теҳрон: Интишороти Завол, 1393 х.қ.
6. Бертельс Е. Э. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс. – М.: Наука, 1960.
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ; таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббосӣ. - Теҳрон. 1337 х.қ.
8. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон,: Фирдавс, 1381. - Ҷ. 2.
9. Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб / Муҳаммад Авфӣ. - Теҳрон, 1335 х.қ.
10. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ ; таҳияи Муҳаммад Муин. - Теҳрон: Ҷомӣ, 1385 х.қ.
11. Ризоқулихони Ҳидоят. Мачмаъ-ул-фусаҳо / Ризоқулихони Ҳидоят. – Теҳрон, 1340 х.қ.
12. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ / Саид Нафисӣ. – Ҷ. 1. - С. 83.

НИГОҲИ МУХТАСАР БА ТАҲҚИҚИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗИИ НИШОПУРӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои асосии адабиёти дарборӣ дар давраи ҳукмронии Салҷуқиён дар Хуросон дида баромада шудааст. Азбаски дар ин раванд нақши махсусро Амир Муиззӣ бозида буд, дар ин мақола лаҳзаҳои асосии омӯзиши ҳаёт, фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои эҷодӣ дарҷ гардида, мадҳияҳои ӯ дар ҳошияи назми мадҳиясароии шоирони муосири даврони шоир баҳогузорӣ шудаанд.

Калидвожаҳо: адабиёти дарборӣ, марказҳои адабӣ, мадҳиясароӣ, Муиззӣ, қасида, мавзӯот, дарки адабӣ.

КОРОТКИЙ ВЗГЛЯД НА ИЗУЧЕНИИ ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АМИРА МУ'ИЗЗИ

В данной статье рассматриваются основные особенности придворной литературы в эпоху правления Сельджукидов в Хорасане. Поскольку в этом процессе особую роль сыграл Амир Му'иззи, излагаются основные моменты изучение его жизни, литературной деятельности, творческие особенности, оцениваются панегирические касыды поэта в контексте хвалебной поэзии современных ему стихотворцев.

Ключевые слова: придворная литература, литературные центы, панегирика, Му'иззи, касыда, мотивы, художественное восприятие.

A SHORT LOOK AT THE STUDY OF THE LIFE AND WORKS OF AMIR MU IZZY

This article discusses the main features of courtlv literature during the reign of the Seliuk Khorasan. Since in this process a special role was plaved bv Amir Mu Izzv sets out the main points a study of his life, literary activities, creative features, estimated panegyric qasidas of the poet in the context of praise poetry of contemporary poets.

Key words: courtly literature, literary centers, panegyric, Mu Izzy, kasyda, motives, artistic perception.

Сведения об авторе: ***Фаррух Хайдаров*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-64-00-40**

ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ВА АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР

Г. С. Нозимова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як марҳилаи адабиётро бо тарвиҷи осори адабиву ҳунарӣ, ки ҷавобгӯйи ниёзи маънавии мардум аст, метавон арзёбӣ намуд. Аз ин рӯ, барои бароварда сохтани эҳтиёҷоти фарҳангиву маънавии худ, дар ҳама давру замон инсоният ба адабиёт майлу рағбат дошт ва ҳамвора дар ташаккули ҳамаҷонибаи он саҳми хешро мегузошт. Вобаста ба сатҳи ҷаҳонбинии маънавии адибону мутафаккирон рушду такомули адабиёт низ сурат мегирифт.

Адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои X-XII бо беҳтарин падидаҳои адабию ҳунарии худ дар олами ирфон нуфуз пайдо кард. Дар ин марҳилаи таърихии адабиёт орифони зиёде ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки аз дарёи ҳикмату ирфон ба ихлосмандони хеш дурри маънӣ берун меовардand. Аз ин ҷост, ки зевари гуфтору қиссаҳои ҷолиби рӯзгори орифони бузурге, чун Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр то кунун ҷаҳони маънавии моро нуру зиё бахшида, афкори инсондӯстонаи эшон сармашқи камолоти ҳар як шахси худогоҳ мегардад.

Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр дар як замон зиндагиву фаъолият намудаанд ва дар адабиёти ирфонӣ мавқеи бузург доранд. Аммо бо вуҷуди сӯфимаслак будан, дар ҷаҳонбинии онҳо як навъ умумияту тафовутҳое ба мушоҳида мерасад, ки зимнан мехостем онро дар ин мақола баррасӣ намоем. Агар аз рӯйи тақсимбандии мактаби тасаввуфӣ, яъне мактаби Бағдод ва мактаби Хуросон, ба кадом мактаб мутааллиқ будани онҳоро муайян кардanӣ шавем, бояд гуфт, ки Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр ҳарду ҳам муртабит ба мактаби Хуросонand[†].

Ба як мактаб вобаста будани ин ду орифи бузург, як навъ қаробати афкору ақоиди фалсафию динии онҳоро низ ҷавобгӯ мебошад, чунки Шайх Абӯсаиди Абулхайр аз мухлисони вафодори Шайх Харақонӣ ба ҳисоб мерафт ва нисбаташ эҳтироми хоссаеро қоил буд.

Дар тариқати тасаввуфии мактаби Хуросон орифони аввалияи ин аҳд пайрави тариқати маломатия буданд, ки таъсири онро дар асрҳои минбаъда низ дидан мумкин аст[‡]. Яъне онҳо корҳоеро анҷом медоданд, ки баъзан ҳатто ба ақл носозгор аст ва бештар ба худ ранҷу озорро раво медиданд. Масалан, Шайх Харақонӣ ҳар шаб баъд аз намози хуфтан, пайваста ба хоки Боязид ба Бастом меомад ва талаб менамуд: «Бор Худоё, аз он хилъате, ки Боязидро додай, Абулҳасанро бӯе дех!» [2, 607-608] ва боз то субҳдам ба вақти намози бомдод ба ёрон мепайваст ва намози бомдодро дар Харақон мегузошт, то бад-ин 12 сол сипарӣ шуд ва ҳоҷаташ раво гардид ва ё Абӯсаиди Абулхайр низ ҳар шаб баъд аз он, ки ҳама мехуфт, ба масҷид мешуд, намоз мегузошт ва баъд аз он «расане бар пойи худ баст ва чӯб бар сари чоҳ ниҳод ва хештанро биёвехт ва Қуръонро ибтидо кард. То саҳар хатм карда буд» [2, 749]. Рафтору гуфтори онҳо баъзан бо сукр пайваст буд, «маломатиҳо ҳеҷ гоҳ ба ягон чиз алоқа надоштанд, зеро ягон чизи ба худ мувофикро намедиданд, ки ба он бипайвандад» [6, 336-337]. Баъзе ҳикматҳои онҳо тафсири Қуръон буда, дар баъзан ҳолат робитаи бисёр заиф доштанд бо Қуръон.

Муҳаққиқони адабиёти тасаввуф саромади мактаби Хуросонро бо исми мубораки Боязиди Бастомӣ оғоз мегузоранд ва пайдоиши ёдгориҳои шавқовари адабиро ба гунаи шатҳиёт низ ба ӯ нисбат медиҳанд, аммо бо вуҷуди пайравӣ аз ӯ, Шайх Абулҳасани Харақонӣ тавонистааст бо назарияҳои ҷадиди худ дар олами ирфон, ҳамон тавре ки Боязиди Бастомӣ шуҳрат дошт, мақому нуфузи бештареро соҳиб гардад. Ҳарчанд Шайх Абулҳасан аз Боязид пайравӣ мекард, чи тавре дар гуфтори дигар аз ҳамасронаш шатҳ гуфтан ба мушоҳида мерасад, дар нигоштаҳои ӯ шатҳ гуфтан камтар ба назар мерасад ва далели амиқи ин маъниро дар чунин гуфтаҳои ӯ метавон шарҳ дод, ки мегӯяд: «Олим бомдод бархезад, талаби зиёдатии илм кунад ва зоҳид талаби зиёдатии зуҳд кунад ва

[†] Дар ин тақсимбандӣ низ баъзе нозукиҳое низ ба назар мерасад, ки аз дидгоҳи диниву мазҳабӣ табақабандӣ гардидаанд ва муҳаққиқони адабиёти ирфонӣ, орифони мактаби Бағдоду Хуросонро бо он тафовут мегузоранд, ки яке бо «саҳв» ва дигаре бо «сукр» бино ёфтааст ва чунин тафовутро дар амали орифон баҳо медиҳанд. Агар вижагиҳои машоихи мактаби Бағдод дар ботину зоҳир мувофиқ будан бо шариати исломӣ бошад, аммо машоихи мактаби Хуросон бо далели ба забон овардани суханоне, ки ба аҳкоми дину зоҳири шариати исломӣ созгор набуд амалу рафтори онҳоро бо «сукр» пайванд намуданд, ҳарчанд ҳадафи ҳар ду мактаб ҳам як буд.

Аммо ин тақсимбандӣ то андозае наметавонад, дар мавриди орифони ин ду мактаб баҳои арзишмандро қоил бошад, чунки аз зиндагиномаи орифони машҳур (новобаста аз тобеияти мактабӣ) метавон бо қотеият гуфт, ки ҳам аз машоихи мактаби Бағдоду Хуросон ҳастанд орифоне, ки таълимоти ирфонии онҳо наметавонад ба кадом мактаб мутааллиқ будани онҳоро муайян қунад, ки дар таърифи саҳву сукр Ҳучвирӣ дар "Кашф-ул-маҳҷуб"(1) ба он ишора намудааст.

[‡] Аслан бояд ба як нукта ишора намоем, ки зербинои мактаби Хуросон ҳамон мактаби Бағдод буд, яъне тамоми орифон бо ҳам қаробати наздик доштанд ва бо як занҷира бо ҳам пайванд буданд, аммо баъдан мактаби Хуросон бо назарияҳои нави худ дар тасаввуф маъруфият пайдо намуд ва таъсири мактаби Бағдод аз он коста гардид ва ҳатто дар ин замина як навъ рақобати намояндагони мактаби Хуросонро нисбат ба намояндагони мактаби Бағдод, ки дар асл аввалин устодонашон ба шумор мерафт, ба мушоҳида мерасид.

Булҳасан дар банди он бувад, ки суруре ба дили бародаре расонад» [2, 629]. Шайх Абулҳасани Харақонӣ дар тариқати ҷавонмардӣ устувор буда, онро заминаи бунёди ҳар коре маънидод мекунад: «… ҷавонмардӣ забонест бегуфтор, биноиест бе дидор; танест бе кирдор, далелест бе андеша ва чашмаест аз дарёву сарҳои дарё» [2, 655] ва агарчи ӯ ҷавонмардиро бунёд бар бинои ҳастиҳо шуморидааст, маърифатро дар вай чароғи равшанибахшӣ ҳастӣ медонад: «… маърифат ҳаст, ки бо шариат омехта бувад ва маърифат аст, ки аз шариат дуртар аст ва маърифат ҳаст, ки бо шариат баробар аст. Мард бояд, ки гавҳари ҳар се дида бувад, то бо ҳар касе (он) гӯяд, ки аз он ҷо буд» [2, 651].

Аз рӯзгори Шайх Абулҳасани Харақонӣ ба мо маълум аст, ки ҳанӯз 130 сол қабл аз тавлиди ӯ Боязиди Бастомӣ ба оромгоҳе, ки наздики деҳаи Харақон ва бо «деҳи дуздон» маъруф буд расида болои санге менишинаду ба ин деҳ назар карда мегӯяд: «Оре, ки аз ин деҳи дуздон бӯйи мардӣ мешунавам» [2, 607]. Яъне ин паёмади неке буд, ки аз омадани Шайх Абулҳасани Харақонӣ мужда медод [7; 9;].

Агар Шайх Абулҳасани Харақонӣ бо диди нави худ дар олами ирфон мақом ёфт, Абӯсаиди Абулхайр аз бузургони ин мактаб аст, ки пайдоиши ашъори ирфониро бо эҷодиёти ӯ тавъам медонанд, яъне намунаи рубоиёте, ки бо номи ӯ дар адабиёт сабт гардидааст, "сарогозии шеъру адаби ирфонии форсӣ" [8, 217] ба шумор меравад. Агарчи дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ дафтари рубоӣ доштани Шайх Абӯсаидро раъд мекунанд, аммо аз рӯйи мантиқи гуфтор муҳаққиқон ба натиҷае расидаанд, ки дар ин дафтари рубоиёт, шояд якчанд рубоии ӯ низ маҳфуз аст. Аксаран Шайх Абӯсаид дар маҷлисҳои худ манфиати халқи бечораро ҷонибдорӣ мекард ва барои иддаои фикри худ бо забони мардумӣ онро ташреҳ менамуд ва баид нест, ки ӯ низ соҳибдевон бошад.

Аз ҷониби дигар, ҳарфи ӯ серуни маъниҳои бикри суфтаву ҳамворе буд, ки ҳеҷ кас ба олами розаш роҳ надошт. Агар ба ин рубоӣ назар кунем:

Ман бе ту даме қарор натвонам кард,
Эҳсони туро шумор натвонам кард.
Гар бар сари ман забон шавад ҳар мӯе
Як шукри ту аз ҳазор натвонам кард [2, 746].

ба яқин аз Шайх Абӯсаид будани онро маълум хоҳем кард. Ва ё ҷойи дигар мефармояд:

Аз мо ҳама аҷзу нестӣ матлуб аст,
Ҳастию тавобиъаш зи мо манкуб аст.
Ин ӯст падид гашта дар сурати мо,
Ин қудрату феъл аз он ба мо мансуб аст [3, 245].

Яъне танҳо чунин тарзи афкор метавонист, заминаеро барои пайдоиши ашъори ирфонӣ муҳайё намояд ва Шайх Абӯсаид бо роҳу равиши хосса онро ибтидо гузошт. Дар баёни Шайх Абӯсаид як нигоҳи пойдореро дар ҷаҳонбинии орифонааш дарёфтан мумкин аст, ки бешак сарчашма мегирад аз ҷаҳонбинии ӯ: «Бо зоҳидон зоҳид бош ва бо сӯфиён сӯфӣ бош ва бо орифон чунонки хоҳӣ бош» [2, 753]. Агар ин нуктаро дар баёни Шайхи Харақон дарёфтан хоҳем, набояд дигарҷӯй бошем, чунки қариб дар ҳар ду маънӣ ба ҳам наздик аст. Бубинед, ки Шайх Абулҳасан чи мефармояд: «…динро аз шайтон он фитна нест, ки аз ду кас: олими бар дунё ҳарис ва зоҳиде аз олам бараҳна» [2, 644] ва ё ҷойи дигар мефармояд: «…рӯзи қиёмат ман нагӯям, ки: «ман олим будам ё зоҳид ё обид. Гӯям: ту якеӣ, ман з-он якеӣ ту будам» [2, 630]. Яъне агар ба ҷаҳонбинии ин ду ориф назар афканем, ду тафаккури созандаи ҷаҳони маъниро дармеёбем. Аз ин ҷост, ки Шайх Абӯсаиди Абулхайр пайваста мекӯшид маҷлисҳои худро бо Шайх Харақонӣ баргузор намояд. Далели дигари наздикии онҳоро аз таълифоти Жуковский дар бораи зиндагиномаи Шайх Абӯсаиди Абӯлхайр, ки барои омӯхтану муайян намудани тасаввуфи мактаби Хуросон хидмати бузурге намудааст, метавон дарёфт ва он аз рӯйи дастнависи мутаалиқ ба Ч. Рё, ки дар музейи Британияи Кабир маҳфуз аст, гирифта шудааст. Бо таҳриру баррасии ин осори бозёфтшуда Жуковский тамоми паҳлуҳои муҳимми рӯзгори Шайх Абӯсаидро барои муайян намудани зиндагиномаи ӯ ба ришгаи таҳқиқ мекашад. Бо ҷой доштани қиссаву ривоятҳои фаровоне аз рӯзгори Шайх Абӯсаиди Абулхайр, ки баъзан аз ҳақиқат дур аст, ин матн наметавонист манбаи эътимодбахше барои муҳаққиқ бошад, аммо ягона сарчашмаи аслии марбут ба рӯзгори Шайх Абӯсаид ҳамон «Асрор-ут-тавҳид» мебошад ва азбаски ин матн баргирифта аз «Асрор-ут-тавҳид» буд, аз ин рӯ барои шинохти чеҳраи аслии Шайх Абӯсаид, Жуковский аз он ба кор мегирад ва аҳамияти илмию адабии ин асарро мекушояд. Дар поёни матне, ки Жуковский бо унвони «Халат ва суханон» интишор додааст, матни «Нур-ул-улум»-и Шайх Харақонӣ низ ҷой дорад [5]. Аз ин ҷо метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки шахси нигорандаи ин мутун қаробати миёни онҳоро ба назар гирифта, ду матнро, ки ба қалами ду орифи бузурги ҳамаср марбут медонанд, дар як китоб ҷой додаст. Дар мавриди назари нек доштани онҳо нисбати якдигар ва дӯстиву садоқати эшон қиссаҳои ҷолибу дилнишине низ дар осори ирфонии баъзе аз адибони бузург вомехӯрад, ки ин маъниро далолат мекунад. Бавижа, Шайх Аттор муносибати миёни онҳоро аз рӯйи ихлосу эҳтироми бузург нисбати ҳам маънидод кардааст. Дар зикри Шайх Абӯсаиди Абулхайр огоҳ шудани ӯро аз Шайхи бузурге хабар дода, менависад, ки Шайх Абӯсаид бо иродати зиёд ба дидораш шараф меёбад ва ё дар зикри Шайх Абулҳасани Харақонӣ, маҷлис оростани Шайх Абӯсаиди Абулхайрро дар манзили Шайх Харақонӣ

меорад, ки бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

Аз Шайх Абӯлҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр осори пуразрзише боқӣ мондааст, ки ба онҳо нисбат медиҳанд ва ҳар кадом дар пайравӣ аз роҳу равиши худ онро эҷод намудааст ва мероси бою рангини онҳо метавонад ҷаҳони маънавии онҳоро бозгӯй бошад.

«Нур-ул-улум», ки ба Шайх Абулҳасани Харақонӣ нисбат медиҳанд, аз тавқеоту мавъизаҳои саропо ҳикматангезу пандомӯз иборат буда, дорои дах боб аст ва барои муайян намудани ҷаҳонбинии ин орифи бузург аз сарчашмаи аввалин ба ҳисоб меравад.

Таълифоти Абӯсаиди Абулхайр низ, аз дафтари рубоиёте иборат мебошад, ки ба ӯ нисбат медиҳанд ва аз он метавон чеҳраи шайхи олитаборро баркушуд.

Ҳамин тариқ, ҳар як падидаи адабӣ густураи адбиётро бо муассирӣ ва моҳияти баланди илмӣ ва арзишманди худ барои интишор ба асрҳои минбаъда муайян мекунад ва омӯзиши таърихи адабиёти гузашта бори дигар собит менамояд, ки ҳар як адибу нависанда, орифу обид, мутафаккиру файласуф, мунаққиду муаррих, новобаста аз замони фаъолияти хеш, бо диди хосси худ дар арсаи адабиёт по гузошта, аз дидгоҳи худ тавонистааст уфуқи тозаеро дар адабиёт ворид намояд.

АДАБИЁТ

1. Абулҳасан Алӣ бинни Усмон Ҳучвирӣ. Кашф-ул-маҳҷуб / Абулҳасан Алӣ бинни Усмон Ҳучвирӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Маҳмуд Ободӣ. – Теҳрон: Сурӯш, 1383. - 1154 с.
2. Аттори Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё / Аттори Нишопурӣ; бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳ Роналд Ален Николсон. - Теҳрон: Илм, 1384. – 777 с.
3. Ахтарони адаб. Ашъори ҳакимон ва орифон; таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. - Душанбе: Адиб, 2010. - 480 с.
4. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Шарҳи аҳвол ва накду таҳлили осори Шайх Фаридаддин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ / Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Интишороти китобфурӯшии Деҳхудо, 1353. - Чопи дуюм. – 540 с.
5. Бертелс Е. Э. Суфизм и суфийская литература / Е. Э. Бертелс. – Москва, 1965.
6. Заринкуб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / Заринкуб Абдулҳусайн. – Теҳрон: Амири Кабир, 1357. – 446 с.
7. Назари ирфонии Аттор дар ҳикоёти Шайх Харақонӣ // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - маркази тайр кардани мутахассисони соҳибунвон: маҷмӯаи маводҳои конференсияи илмию назарияии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2013. С. 445-451 (бо заб. тоҷ.).
8. Таърихи адабиёти Эрон (аз даврони бостон то қоҷория) / Рипко Ян [ва дигарон]; мутарҷим Исо Шаҳобӣ. - Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1381. - 646 с.

ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ВА АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР

Ин мақола ба зиндагиву эҷод ва муносибати байни ду орифи машҳури асри X Шайх Абулҳасани Харақонӣ ва Абӯсаиди Абулхайр, ки бо каромот ва садоқати худ ба Худо муҳаббати тамоми курраи заминро ба даст оварда буданд, бахшида шудааст.

Калимаҳои калидӣ: Шайх, ориф, каромот, суфӣ, сукр, саҳв, Хуросон, Бағдод.

ШЕЙХ АБУЛХАСАН ХАРАКАНИ И АБУСЕЕД АБУЛХЕЙР

Данная статья посвящена изучению жизни, творчества и литературной связи двух легендарных мыслителей X века Шейха Абулхасана Харакани и Абусееда Абулхейра, которые своими тонкими знаниями и преданностью к Богу завоевали любовь всей целенной.

Ключевые слова: Шейх, мыслитель, совершение благодеяний, суфизм, опьянение, оплошность, Хорасан, Багдад.

SHEIKH ABULHASAN HARAKANI And ABUSEED ABULHEYR

This article is dedicated to the life and work and the connection of two legendary thinkers of the X century Sheikh Abulhasan Harakani and Abuseeda Abulheyra that their thin knowledge and devotion to God, won the love of all fission.

Key words: Sheikh thinker to make a blessing, Sufism, intoxication, oversight, Khorasan, Baghdad.

Сведения об авторе: ***Гулрухсор Саидисломовна Нозимова*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета

ЖУРНАЛИСТИКА

МАВҚЕИ РАДИОКОМПОЗИТСИЯ ДАР БАРНОМАҲОИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

Ализода Абдурашид Хӯҷамқул, Саидмуроди Хоҷазод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Композитсия яке аз жанрҳои маъмули радиои даврони шӯравӣ буд, ки вобаста ба таҷлили санае ва дар рӯзи чорабиниҳои идона таҳия мешуд. Пажӯҳишгарон бар ин ақидаанд, ки он бо радиофилм як жанр аст. Дар радиои Тоҷикистон он дар солҳои 70 – 90 инкишоф ёфт ва яке аз жанрҳои муҳим ва мушкил ба ҳисоб мерафт. Дар композитсияҳои солҳои 80 – 90 истифодаи пораҳои шеърӣ мақоми муҳим дошт, ҳатто бисёр композитсияҳо бо шеър оғоз ва анҷом меёфтанд. Барои мисол, дар композитсияе, ки ба ифтихори Наврӯз соли 1990 садо додааст, беш аз 12 шеър оварда шудааст, ки 35 – 40 фоизи барномаро ташкил медиҳад [1]. Дар композитсияҳои даврони истиқлоли радиои Тоҷикистон унсурҳои нав ба миён омаданд. Истифодаи шеър хеле коҳиш ёфт. Агар композитсияҳои даврони шӯравӣ одатан аз 5 унсур: матни гӯянда (сенария), суруд, назари қаҳрамон дар бораи рӯйдод, пораҳои шеърӣ ва лаҳзаҳои мусиқӣ мураттаб мешуданд, дар солҳои 1997 ва баъд тадричан ширкати қаҳрамони рӯйдод хеле кам шуда, баъди солҳои 2006 қариб аз байн рафт. Аммо баъди солҳои 2013 сухани қаҳрамон дар ин жанр аз нав мақоми худро дарёфт.

Инчунин ба мушоҳида мерасад, ки панҷ унсури номбаршуда бо ҳам омезиш меёбанд. Чунончи, пораҳои шеърӣ матни гӯяндаро тақвият медиҳанд, лаҳзаҳои мусиқӣ ба ҳайси пайвандгари сухани гӯянда хизмат мекунад, назари қаҳрамон матни гӯяндаро тақвият медиҳад. Боз як тафовути композитсияи даврони истиқлол дар он зуҳур меёбад, ки ҷанбаи сиёсии ин жанр хеле коҳиш ёфтааст ва хислати фароғатии он афзун гардидааст. Қаблан хусусияти сиёсӣ касб кардани ин жанр композитсияро ба як жанри сиёсӣ ва ҷиддӣ табдил дода буд. Ҳамакнун, ки ҷанбаи фароғатии композитсия афзудааст, композитсия ба як василаи тафреҳиву фароғатӣ табдил ёфтааст.

Дар замони истиқлол вобаста ба расонаҳо ҳаҷми композитсияҳо низ тафовут доранд. Масалан, дар расонаҳои ғайриҳукуматӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ нисбат ба радиои Тоҷикистон ҳаҷми он кӯтоҳ аст. Азбаски вақти композитсияҳои радиои Тоҷикистон тӯлонист, онҳоро бештар ду нафар ровӣ (мард ва зан) қироат мекунанд. Дар композитсияҳои радиои Тоҷикистон сухани муаллиф (матни наттоқон) мавқеи муҳим дошта, қисми асосиро ташкил медиҳад. Радиокомпозитсияҳои «Оташи Наврӯз», «Наврӯзи хушастапай», «Қадаҳи шабнам», «Нози хаёл», «Меҳвари иқбол» ва «Паёми хуршед» асосан ба идҳои Соли нав ва Наврӯз бахшида шудаанд, ки дар онҳо сухани муаллиф нақши меҳварӣ дорад..

Бори нахуст дар композитсияи «Паёми хуршед» [2], ки ба ифтихори оғози соли нав таҳия гардида, шоми 31-уми декабри соли 2006 садо дод, аз суханрониҳои масъулини касбу кори гуногун сарфи назар карда шуд. Бахшҳои кӯтоҳи алоҳида дар мавриди хосиятҳои соли вафодор, таҷлили соли нави масеҳӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз таърихи соли нав, муҷал чист? композитсияро шавқовар ва ҷолиб намудаанд. Суханронии тӯлонӣ бо инсенировкаҳои кӯтоҳи саҳнавӣ иваз гардид. Латифаҳои солинавӣ аз ибтидо то интиҳо ба як ҷузъи ёридиҳандаи сюжетҳо мубаддал шудааст. Чунончӣ, «Арчаи сарсабз рамзи сабзии рӯзгор ва идомаи ҳаёт аст. Дар гирди он мерақсанд, базму шодӣ мекунанд. Вале шодии солинавии қаҳрамони мо дер напоид. Чаро?». Инсенировкаи «Арчаи солинавӣ» бахши мазкурро давом медиҳад, ки хеле ҷолиб аст. Ҳамин тавр, латифа ва саҳначаҳо ҳар бахшро тақвият дода ҷолиб месозанд. Чун композитсия ба гурӯҳи жанрҳои калонҳаҷм дохил мешавад, вақти пахши он тӯлонист. Дар радиои Тоҷикистон композитсияҳо аз як то чор соат садо медиҳанд. Азбаски ҳаҷми чунин барномаҳо васеъ аст, дар радиоҳои хориҷӣ аз ҷумла «Би – би – си», «Озодӣ» хеле кам садо медиҳад. Ҳаҷми ин жанр дар расонаҳои дигар аз 10 то 20 дақиқаро ташкил медиҳад.

Композитсия ба як мавзӯи мушаххас иртибот мегирад. Мавзӯъ бо тарзҳои гуногун ифода мешавад. Гоҳе композитсия тобишҳои ҳаҷв (памфлет, фелетон)-ро касб мекунад. Шояд ин ҷиҳат танҳо ба композитсияҳои даврони истиқлоли радиои Тоҷикистон хос бошад. Композитсияе, ки дар барномаи «Насими субҳ» [3] ба иди бонувон бахшида шудааст, ғайричашмдошт аз садои гиряи кӯдак шурӯъ мегардад. Ин бесабаб нест. Фарзанд меваи ҳаёт аст ва кӯдаконанд, ки орзуи ҳаётро дар қалби волидон зинда медоранд. Гиряи кӯдак хоҳу нохоҳ моро ба меҳри модар нисбат ба фарзанд мекашад: «Мардак, ҳо мардак. Лаббай, занак! (садои гиряи кӯдак баландтар мешавад) Шаб дер омадед-чӣ? То ҳол кӯдак гиря дораду Шумо гаҳвораро намеҷунбонед?. Ё гӯшҳоятон вазнин шудагӣ?. Не – е, занак, ҳозир гаҳвораро меҷунбонам (садои гиряи кӯдак хомӯш мешавад)». Барнома бо муколама оғоз гардида, чун фелетон неши сухан ба камбудиҳои рӯзгор равона шудааст: «… шаб хӯрокатонро нахӯрдеду косаро ҳам нашустед?. Шӯхӣ накун, занак, ин ҳам хӯрок-мӣ? Ман талқони дар сатил бударо хӯрда будам-ку?. Эҳ, намуред, мардак. Вай талқон набуд. Чӣ буд? Барқ ҳам набуд, ки дурусттар бинам, дар торикӣ кучо донам, вай чӣ буд? Муред, мардак, о вай сабӯс буд… А?!» [3]. Композитсияро

рекламаҳои хурди ба ҳаёти бонувон вобаста тақвият медиҳанд. Ҳар саҳначаи ҳачвӣ бо чунин рекламаҳо аз ҳам чудо мешаванд. Дар навбати худ ин рекламаҳо бахшҳоро ба ҳам васл мекунанд. Амсоли: «Хомӯш! Реклама. Оиладор шав! Ақаллан як маротиба ба хотири он ки донӣ, чаро мардони соҳибақл оиладор намешаванд, ва ё ҳангоме, ки ду нафар бо ҳамдигар боварӣ надоранд, пас бидонед, ки онҳо зану шавҳаранд» [3]. Тобишҳои ҳачвии композитсияи мазкур аз ибтидо то интиҳо пайи ҳам сурат гирифта, камбудиҳои рӯзгор, омилҳои аз назарҳо дур мондани занони заҳматкаш, каммаърифатии онҳо, беҳуқуқии бонувони тоҷикро ба ришгаи тасвир кашидааст. Ҳачвияи мазкур як навъ мавзӯъро чамъбаст намудааст. «Хомӯш, Реклама. Оиладор шав. Агар занат боақл бошад, хушбахт мешавӣ, дар акси ҳол файласуф. Мардак, ҳо мардак! Лаббай занак! Бо зуқиданҳот безор кардӣ, як суруди шӯх хон.

Занро бизан, занро бизан, гардаме,
Сариша кафон, поша шикан, гардаме.
Бо ҳама ин гар накунад гӯш туро,
Якта, якта мӯша бикан, гардаме.

Бас кун мардак...» [3].

Ба назар мерасад, ки диди тоза дар таҳияи радиокомпозитсия нақши онро баландтар хоҳад кард, зеро шунавандаҳо аз радиокомпозитсияҳои қолабӣ хаста шудаанд. Муҳим он аст, ки ихтисори баъзе чузъиёти ин жанр (суханронии қаҳрамонҳои рӯйдодҳо, сурудҳои мавзӯӣ, иқтибосҳо) мавзӯъ ва мухтаворо камранг накардааст. Мундарича бо шакли нав пешниҳоди шунаванда гардидааст. Вале баъзан аз тӯлонӣ будани вақт композитсияҳо қимати худро гум мекунанд, такрор ба назар расида, таъсирашон коста мегардад.

Радиокомпозитсияи «Шукӯҳи ваҳдат» [3] ба ифтихори 19-умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ҳачми як соату 45 дақиқа таҳия гардидааст. Он қолаби анъанавиро нигоҳ дошта, маъмулан бо шеър оғоз мегардад:

Б:1. Мекунад обод Ваҳдат давлати озодагон,
Б:2. Шод гардонад, суруди сулҳ рӯҳи рафтагон,
Б:1.Тоҷикистони азизи мо гулистон мешавад,
Б:2. Шуҳрати ӯ мерасад, то шоҳроҳи Каҳкашон.
Б:1.Тоҷикистон, меҳани ман, хонаи ободи ман,
Б:2. Бахти ман, дунёи ман, эй давлати озоди ман! [3].

Мусиқӣ

Сипас, барандагон бо садои мутантан ваҳдатро васф менамоянд, ки тавассути чумлаҳои сода ва аксаран шиоргуна ифода мегардад:

Б:2. Ваҳдати миллӣ – таҳкимбахши Истиқлолият!
Б:1. Ваҳдати миллӣ -иди чамбастагӣ:
Б:2. Ваҳдати миллӣ -иди соҳибихтиёрӣ
Б:1. Оре, имрӯз чашни фархунда барои миллат аст.
Б:2. Зеро Ваҳдати миллӣ бақои давлат аст !

Якчоя : Иди Ваҳдати миллӣ муборак ҳамватанони азиз!

Суруди мутантан дар васфи Ваҳдат

Мусиқии маҳин баланд гардида, тадричан паст мешавад [3].

Навгонии радиокомпозитсияи мазкур аз он иборат аст, ки табрикоти масъулин ва ашхоси дорои касбу кори гуногун бо усули зер ба тариқи кӯтоҳ аз 30 сония то як дақиқа садо медиҳанд:

Мусиқии мавзун дар пасманзар
Б:1. ***Таманноҳо***
Б:2. ***Табрикот***
Б:1. ***Орзуҳои нек***
Мусиқӣ
(Суҳбати сариҳӣ бо шахрвандони касбу кори гуногун оид ба нақши Ваҳдати миллӣ дар чомеа)
Б:2 Ҳусейнова Хайринисо шахрванд (25 сония)
Б:1. ***Таманноҳо***
Б:2. ***Табрикот***
Б:1. ***Орзуҳои нек***
Мусиқӣ
Б:1.Камол Насрулло- Шоири халқии Тоҷикистон (як дақиқа)
(Мусиқӣ)
Б:1. ***Таманноҳо***
Б:2. ***Табрикот***
Б:1. ***Орзуҳои нек***
Мусиқӣ

Б:2. *Ӯрун Кӯҳзод- нависанда (як дақиқа)*

Мусиқии мавзун баланд гардида, оҳиста паст мешавад [3].

Радиокомпозитсияи «Шукӯҳи вахдат» қолаби анъанавиро нигоҳ дошта, 40%- и онро матни гӯянда ба шакли муколама, 40%- ро пораҳои шеърӣ ва лаҳзаҳои мусиқӣ ва 20%- и боқимондаро назари қаҳрамон дар бораи рӯйдод, таманнову табрикот ташкил медиҳад.Ба назари мо, матни гӯянда (40%), ки фармоиши идора аст, ҳанӯз хислати қавии сиёсӣ дорад ва шунавандаро хаста менамояд.Дар хотима, зимни баррасии мавзӯъ ба чунин натиҷа мерасем:

-радиокомпозитсия ҳамчун жанри публитсистиву бадеӣ дар замони истиқлол низ дар байни жанрҳои дигари радиои Тоҷикистон мақоми худро ҳифз намудааст;

- ҳарчанд дар таркиби унсурҳои ин жанр, яъне мундариҷаи он навоварӣ ба мушоҳида мерасад,аммо ҳанӯз шакл ё қолаби анъанавии он пойбарҷо аст;

- тадқиқот собит кард, ки тадриҷан радиокомпозитсия аз барномаи ҷиддии сиёсӣ ба фарҳангу фароғатӣ табдил меёбад, ки ин тақозои замони муосир мебошад;

- дар радиокомпозитсияҳои замони шӯравӣ ва истиқлол гӯянда нақши меҳварии худро нигоҳ доштааст;

- суханҳои қолабӣ, шиору даъват ва мурочиат хоси радиокомпозитсияҳои замони шӯравӣ буд ва бино ба натиҷаи пажӯҳиши мо, дар замони истиқлол тасвири табиии ҳодисаву рӯйдод, манзараҳои табиат, падидории робитаи бевоситаи гӯянда бо объекти тасвир, мусоҳибаи мустақиму «зинда» бо иштирокдорони воқеаву чорабиниҳо ҷойи онҳоро иваз намудаанд;

- пажӯҳиш моро ба хулоса овард, ки тӯлонӣ будани ҳаҷми композитсияҳои радиои Тоҷикистон, характери ҳисоботӣ доштани суханрониҳо, афзалият доштани матни гӯянда ва қироати қолабӣ ояндаи наздик аз коҳиши мавқеи ин жанр гувоҳӣ хоҳад дод.

САРЧАШМАҲО

1. Радиои Тоҷикистон. «Наврӯз». 1990. 22 – юми март
2. Радиои Тоҷикистон. «Паёми Хуршед». 2005. 31-уми декабр
3. Радиои Тоҷикистон. «Насими субҳ».2007. 8 – уми март
4. Радиои Тоҷикистон. «Шукӯҳи вахдат». 2016. 27.06

МАВҚЕИ РАДИОКОМПОЗИТСИЯ ДАР БАРНОМАҲОИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

Дар мақола мавқеи радиокомпозитсия дар барномаҳои радиои «Тоҷикистон» бо мисолҳои мушаххас ба риштаи пажӯҳиш кашида шудааст.Мутобиқи натиҷаи тадқиқот ҳарчанд дар мундариҷаи ин жанр навоварӣ ба мушоҳида расад ҳам, аммо ҳанӯз шакл ё қолаби анъанавии он пойбарҷост ва ба мисли радиокомпозитсияҳои замони шӯравӣ дар композитсияҳои замони истиқлол низ гӯянда нақши меҳварии худро нигоҳ доштааст.

Бино ба натиҷаи пажӯҳиш тӯлонӣ будани ҳаҷми композитсияҳои радиои Тоҷикистон, характери ҳисоботӣ доштани суханрониҳо, афзалият доштани матни гӯянда ва қироати қолабӣ ояндаи наздик аз коҳиши мавқеи ин жанр гувоҳӣ хоҳад дод.

Калидвожаҳо: радио, композитсия, жанр, навоварӣ, воқеа, гӯянда, истиқлол, барнома, танзим.

МЕСТО КОМПОЗИЦИИ В ПРОГРАММАХ РАДИО «ТАДЖИКИСТАН»

На конкретных примерах в статье анализируется место композиции в программах радио «Таджикистан». Согласно выводам исследования, в содержании данного жанра наблюдаются некоторые новаторства, однако до сих пор его форма или классический макет сохраняются. Изучая большое количество радиокомпозиций советских времен, авторы приходят к выводу, что в радиокомпозициях периода независимости центральное место все еще занимает диктор (ведущий).

Также согласно выводам исследования, длинные радиокомпозиции радио Таджикистана, их чтение в формате отчета, отдавать приоритет тексту ведущего и формальное чтение могут в ближайшем будущем навредить содержанию и месту данного жанра.

Ключевые слова: радио, композиция, жанр, новаторство, событие, диктор, независимость, передача, монтаж.

THE PLACE OF COMPOSITION IN PROGRAMS OF RADIO "TAJIKISTAN"

On concrete examples the place of composition is analyzed in the article in the programs of radio "Tajikistan". According to the conclusions of research, there are some innovations in maintenance of this genre, however until now its form or classic layout is saved. Studying plenty of radio compositions of soviet times, the authors come to the conclusion, that in radio compositions of the period of independence a central place still occupies speaker (broadcaster).

According to the conclusions of research, long radio compositions of the radio of Tajikistan, their reading in the format of report, to give priority to text of broadcaster and the formal reading can in the near future harm to maintenance and places of this genre.

Key words: radio, composition, genre, innovation, event, speaker, independence, transmission, editing.

Сведения об авторов: ***Ализода Абдурашид Худжамкул*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 900-90-04-32**

Саидмуроди Ходжазод – доктор филологических наук, доцент кафедры методики изучения таджикского языка и литературы ТГПУ им С. Айни. Телефон: **(+992) 938-55-52-99**. E mail: **Saidmurod70@mail.ru**

МАҚОМИ ОЧЕРК ДАР ЭҶОДИЁТИ ТОҶӢ УСМОН

Маҷид Салимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Очерк чун жанри мустақил ва пешгоми адабиёт шинохта шудааст. Зеро маҳз очерк имкони воқеаҳои алоҳидаро ба ҳам пайвастан дошта, ба хонанда таъсири бештар дорад. Максим Горкий дар номаи худ ба И. Ф Жига очеркро «эскиз», «Мусаввада барои хотира», «Ҷузъе барои оянда» номида тамоми ҷараёни нақли муаллифро ба ҷӯйи ғаму шодӣ,бурду бохт ва андешароиҳои инсон иртибот медиҳад.

Очерк дар фаъолияти эҷодии Тоҷӣ Усмон низ мақоми вижа дошта, маҳорати адабию рӯзноманигории ӯро дар ин жанри муҳимми ҳаётӣ муайян намудаанд. Албатта, дар публитсистикаи солҳои сиюм бештар мақолаю лавҳа ва баъд очерк ба вуҷуд омадаанд. Дар жанри очерк устод С. Айнӣ, Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Алӣ Хуш ва дигар публитсистон намунаҳои осори худро ба табъ расондаанд. Масалан, очеркҳои устод Садриддин Айнӣ «Колхози Коммунизм», «Ҷашни таърихӣ», «Тирози ҷаҳон», «Исёни Муқаннаъ» омӯзанда буда, баъдтар ҷанбаи омӯзиши насли ҷавони публитсистони тоҷик гардид. Ба насри мустанад ва очерк рӯй овардани устод Айнӣ бесабаб нест, зеро Айни чун шогирди чилсолаи Инқилоби Октябр инъикоси музаффариятҳои ҳаёти навро танҳо аз тариқи эҷоди очерку осори мустанад медид. Устод Айнӣ дар поёни очерки «Колхози Коммунизм» навиштааст: «Ин на достон аст, на афсона, на очерк, на муболиға, балки як факт аст, ки бо номҳои реалӣ, чунон ки буд, тасвир карда шуд».

Устод Айнӣ инъикоси рӯйдодҳои таърихиро маҳз ба воситаи жанри ҷанговар –очерк медид. Масалан, дар очерки дигари устод Айнӣ «Тирози Ҷаҳон»(соли 1936), ки ба дирӯзу имрӯзи шаҳри қадимаи тоҷикон Хуҷанд бахшида шудааст, ба тарзи муқоиса бартариҳои ҳаёти баъдиинқилобиро нишон додааст. Яке аз хусусиятҳои хосси очеркҳои Тоҷӣ Усмон дар он аст, ки нависанда бештар ба мавзӯи доғи рӯз, ҳаёти ҳамзамононаш ва бунёдкориву созандагӣ даст задааст. Ӯ аз овардани факту рақамҳои зиёдатӣ даст кашида, бештар симои қаҳрамононашро ба риштаи таҳқиқ мекашад. Аз ин рӯ, ҷаҳони ботинии қаҳрамонони аксари очеркҳои Тоҷӣ Усмон рангину боварибахш қаламдод шудаанд. Масалан, дар очерки «Чилдухтарон» Тоҷӣ Усмон образҳои барҷастае офаридааст, ки хоҳу нохоҳ хонандаро ба фикру хаёл мебаранд. Муаллиф аз номи қаҳрамони асосии очерк Зебӣ бо сӯзу гудоз ҳарф мезанад.

Муаллиф сурату сирати ҳақиқии Зебиро нишон дода, чи гуна ба шуҷоату ҷонисорӣ расидани ӯро ситош мекунад. Духтараки тасвирнамудаи Тоҷӣ Усмон пойбанди хурофоту ғаразҳои нопоки одамони беғам нагашта, барои бахту саодат ва ишқи покаш талош мекунад.

Нависанда дар кушодани симои ҳақиқии Зебӣ аз диалог ва дигар воситаҳои бадеӣ моҳирона истифода мебарад. «Чил духтарон аз духтарони қишлоқи мо, бо сардории чӯпондухтар Зебии зебо, ки ҷойҳои хушҳавою дилкушотарини ин кӯҳсоро медонист, ба сайри лола баромада, ана дар он кӯҳ, ки то ҳанӯз Сурфаи подшоҳ меноманд, чунон бозию хушгузаронӣ мекарданд, ки дар атроф чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст, бехабар буданд».

Инҷо Зебӣ ба сифати духтари поку нотарс мавриди тавваҷуҳи муаллиф қарор мегирад ва дар охир ин хислати ҳамидаи ӯро мекушояд. Бешубҳа очерк дарки амиқи ҳаёт, чашмандозии возеҳи воқеот мебошад.

Дар очерки дигари Тоҷӣ Усмон «Ҷаҳонгул ва Ҷаҳонафрӯз» аз тақдири духтаре сухан меравад, ки ӯ аз бахти хеш шоду хурсанд аст ва меболад, ки ҳукумати Советӣ ба вай имкон додааст, ки дар истеҳсолот пурмаҳсул кор кунад. Ҷаҳонгулро муаллиф ба таври пурра тасвир намуда, лаҳзаҳои гуногуни зиндагиашро ба риштаи тасвир кашидааст. Дар ин очерк муаллиф ба манзараҳои табиат ва фасли сол низ диққат дода, тасвирро аз аввали моҳи декабр хеле ҷолиб шурӯъ мекунад:

«Аввалҳои моҳи декабр. Барфи тунук рӯйи тамоми дашту саҳро ва кӯҳҳои атрофро пӯшонда буд. Рӯзи истироҳат мо бо мақсади сайру шикор ба тарафи саҳро равона шудем. Ҳавои софи баъд аз барф ва манзараи зебои табиат қалби инсонро шод мекард Дар қуллаҳои кӯҳ ва теппаҳои атроф барф дар зери шуълаи хуршеди ҷаҳонафрӯз, ки акнун аз машриқ аз байни силсилаи кӯҳҳо сар берун меовард, мисли булур ё алмос медурахшид».

Дар очеркҳои Тоҷӣ Усмон образнокӣ, тасвири воқеаҳо, инъикоси характер, ҷузъиёт ва воситаҳои образофариниӣ хеле ҷолиб мебошанд. Дар очерки «Дар сари қабри шаҳидон» муаллиф аз лаҳзаҳои фаъолияти мактабдории Каримҷон Ҳусейнзода дар водии Ғарм ёд намуда, ташкилёбии аввалин мактабҳои советиро дар ин минтақа ба риштаи тасвир кашидааст. Муаллифи очерк бештар ба ҷаҳду талоши нахустин омӯзгорон диққат дода, муборизаи онҳоро барои таълими ҳаёти нав ва маҳви бесаводӣ, ҷалби духтарон ба мактаб хеле моҳирона тасвир менамояд. Тоҷӣ Усмон нахустин сафарашро ба водии Ғарм чунин баён намудааст: «Агар аз канори Сурхоб ба ҷойи аҳолинишин назар андозед, боварӣ ҳосил мекунед, ки шаҳри Ғарм аслан дарёзодаи домани кӯҳӣ, шаҳри соҳилии сабзу хуррам ва ниҳоят зебо мебошад. Арарҳои бешумори он мисли шамшод то ба қуллаҳо сар кашидаанд,

садаю чинор, беду сафедорҳо аз дур гулдастаҳои сабзро ба хотир меоранд, мевазорҳо бошанд, ин дараи харсангҳоро ба боғи Ирам мубаддал сохтаанд».

Тоҷӣ Усмон, ки солҳои 1930-ум яке аз мухбирони фаъол, кормандии кумитаи ҳизбӣ ва комсомолӣ буд, бештари навиштаҳояш аз ҳаёти нав, муборизаи Аскарони сурх бар зидди ҳаракати босмачигарӣ нақл мекарданд. Ӯ зимни сафарҳояш ба Саройкамару Вахш, Сталинободу Хуҷанд фаъолияти серҷабҳаи халқро дар сохтмонҳои нав омӯхтааст. Лавҳаю очеркҳояш асосан ба мавзӯи комсомолони фаъол ва муборизаи ҳаёти наву куҳна бахшида шудаанд.

Дар навиштаҳояш тавсифи публитсистии рӯйдоду воқеоти рӯз ба чашм мерасад. Маълум аст, ки Тоҷӣ Усмон чун супоришҳои газетаҳоро ичро мекард, дигаргуниҳои ҳаётро аз мавқеи ҳизби ҳукмрон медид ва шарҳу эзоҳ медод. Тоҷӣ Усмон баробари эҷоди мақола, лавҳа ва очерк ба жанрҳои бадеӣ низ даст задааст.

Вай соли 1966 бо ҳаммуалифии Маҳмуд Ашӯрмуҳаммадов қиссаи «Муборакқадам»-ро таълиф менамояд. Ин қисса дар шакли китоби алоҳида ҳамон сол аз тариқи нашриёти «Ирфон» дастраси хонанда шудааст. Қисса аз бобҳои алоҳидаи Муборакқадам, Ҷавонмардон, Мулоқот бо духтари Губернатор, Бӯсаи аввалин, Рӯзҳои тира, Сӯйқасд, Революсия иборат мебошад. Қисса дар шакли очерки таърихӣ иншо гардида, дар бораи саргузашти фидоии роҳи озодӣ Муборакқадам Аҳмадхон, ки соли 1927 дар ҷанг бо босмачиён ҳалок гардидааст, ҳикоят мекунад. Дар қисса ҳаёти Муборакқадам дар навоҳии Исфара, Фарғона ва Конибодом тасвир ёфтааст. Муборакқадам чун кормандии фаъоли милиса дар барқароркунии сохти Шӯроӣ дар ин минтақа корнамоиҳо намудааст. Дар қисса Тоҷӣ Усмон дар бораи ишқи поки ду ҷавон Муборакқадаму Лиза, ки бо ҳам дил бастаанд, лавҳаю тасвирҳои ҷолиберо баён намудааст. Хусусан, баъди ба итмом расидани ҳаракати босмачигарӣ Муборакқадам ба шаҳри Воронеж рафта, маҳбубааш Лиза ва ягона фарзандашро ҷустӯҷу мекунад. Аммо онҳоро пайдо накарда ба Исфара бармегардад. Оқибат дидори онҳоро надида аз дасти душманон ба ҳалокат мерасад. Соли 1967 нашриёти «Ирфон» китоби нисбатан мукаммали очерку лавҳаҳои Тоҷӣ Усмонро бо номи «Лаънаткардаи халқ» аз чоп мебарорад. Дар ин китоб муаллиф дар бораи воқеаҳои аввали Инқилоби Октябр дар шаҳр ва музофоти Хуҷанди бостонӣ ва қисман дар кишвари Туркистон рӯйдодаро тасвир менамояд. Чи тавре ки аз номи асар дида мешавад, партияҳои буржуазӣ ва пешвоёни онҳо дар аввал худро «Хайрхоҳи халқ» эълон карда, дар амал ба вай хиёнатҳои бешумор мекунанд, охируламр сазовор ба лаънати халқ мегарданд, ки қисми ин кирдорҳои онҳо дар ин китоб ба таври драматизм тасвир ва сирҳояшон ошкор карда мешавад. Маҷмӯа 26 лавҳа навеллаҳои ба ҳам пайвастаеро дар бар мегирад, ки хонанда дар онҳо воқеаҳои то ба ҳол тамоман номаълуму дар ҳеҷ як асар қайд нашударо мутолиа мекунад. Қобили зикр аст, ки дар очеркҳои Тоҷӣ Усмон воқеанигорӣ дар чойи аввал меистад. Зеро, ӯ худ шоҳиди бисёр воқеаву ҳодисаҳое буд, ки баъдтар онҳоро ба риштаи тасвир кашида, дар қолаби мақола ва очерк пешниҳоди хонанда намудааст. Албатта, мавзӯи очеркҳои Тоҷӣ Усмон хеле доманадор ва гуногун мебошад, вале метавон онро ба се қисмат чудо кард:

1. Очеркҳое, ки дар мавзӯи барқарорсозии сохти Шӯравӣ ва маҳви бесаводӣ навишта шудаанд.
2. Очеркҳое, ки дар он корномаи мардум дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ тасвир ёфтааст.
3. Очеркҳои таърихӣ ва илмӣ-бадеӣ.

Силсилаи мақолаю очеркҳои Тоҷӣ Усмон «Вохӯрӣ дар хориҷа», «Мухторияти аксулинқилобӣ», «Дар ҳалқаи оташ», «Фитнагарон», «Совети Депутатҳо», «Прокурор сардори дӯздон», «Сӯйқасд ба намоянда», «Каждуми таги бурё» «Қатл дар Гарнизон» «Ҳақиқати талх» фарогири мавзӯи барқарории ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон мебошанд ва дар эҷодиёти Тоҷӣ Усмон мақоми намоён доранд. Масалан, мақолаи нигоштаи «Босмачигарӣ дар музофоти Хуҷанд», ки бо номи очерк нашр шудааст, дар бораи интихоби қурбошӣ ва ҳаракати босмачигарӣ дар Масчоҳ, Ӯротеппа, Нов бо сардории Турдибой, Холбутта, Лаҳадмахсум дар солҳои 1919-1920 ҳикоят мекунад. Ин ҳодиса аз ҳаёти воқеӣ нақл мекунад, ки чи гуна душманони сохти нав ба муқобили аскарони сурх мебаромаданд. Муаллиф ҳаводиси онрӯзаи Хуҷандро чунин тасвир мекунад: «Дар охирҳои моҳи апрели соли 1921 ҳукумати Хуҷанд бо сардории Бобобек Мавлонбеков, ҷонишини сардори идораи сиёсӣ Худяков ва раиси Ревкоми Уралкент Абдусаттор Ҳасановро намояндаи худ карда, ба қароргоҳи Раҳмонқул-қурбошӣ фиристод. Вақте ки намояндагон ба Ошоба расиданд, қурбошӣ бар хилофи аҳд фиристодагони Ревкомро ба ҳабс гирифт ва куштанӣ шуд». Адиб дар ин очерк хислату характери ҳар як персонажро алоҳида ва мушаххас ба хонанда муаррифӣ намудааст.

Дар мавриди ба кадом жанр тааллуқ доштани бархе нигоштаҳои Тоҷӣ Усмон дар миёни адабиётшиносон ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Зеро бисёр ҳикоя ё мақолаҳои вай дар шакли очерк нашр шудаанд ё баръакс. Вале ба мушоҳида мерасад, ки очерку ҳикояҳои солҳои сиюм ба ҳамдигар якрангӣ ва монандӣ доранд ва қариб тафовуте надоранд. Сабаби ин гуна умумиятҳоро адабиётшинос Л. Демидчик «омехташавии жанрҳо» дар ҳамон солҳо медонад. Ба андешаи Л. Демидчик нахустин омехташавии чунин жанрҳоро дар адабиёти тоҷик И. С Брагинский дар эҷодиёти устод Айнӣ мушоҳида намудааст. Вай ин мавзӯъро пайгирӣ намуда қайд мекунад, ки «анъанаҳои бадеии чандинасра»дар насри Айнӣ ҳифз шуда ва «омезиши жанрҳо истиқлолашро нигоҳ дошта», ки «таълифоти ӯ нисбат ба очерку ҳикояҳои имрӯз ба ҳикояи анъанавӣ бештар қаробат дорад».

Ба назари мо очерку ҳикояҳои Тоҷӣ Усмонро метавон бо номи достонҳои хурд ном бурд. Адиб ба мавзӯи дӯстдоштааш Инқилобу Озодӣ содиқ монда дар ин бора як силсила новелла ва очеркҳои таърихӣ иншо намудааст. Новеллаи «Сӯйқасд ба намоянда» ба жанри очерк қаробат дорад. Зеро дар очерк симои Ориф ном инқилобчӣ, ки ҳамяроқи Абдулло Раҳимбоев мебошад кушода шудааст. Далерию нотарсии вай миёни душманон тухми адовату бадкирдориро кошт, ки оқибат бо роҳи сӯйқасд ӯро ба ҳалокат мерасонанд. Очерки «Ҳақиқати талх»-ро нависанда ба мавзӯи муҳим, эҳёи шаҳри Хуҷанд ва обёрию ободонии ин шаҳри қадимаи тоҷикон, ки дар гузашта бо номи Тирози ҷаҳон машҳур буд бахшида шудааст.

Ба андешаи мо дар эҷодиёти Тоҷӣ Усмон хотираҳои ӯ, ки дар шумораи 8-уми «Шарқи сурх» соли 1962 бо номи «Як моҳ бо Садриддин Айнӣ» нашр шудааст мавқеи муҳим дорад. Аввалан ин хотираҳо дар шакли очерки сафарӣ-бадеӣ таълиф гардида, аз рӯзгори аллома Айнӣ ва характеру муносибати устод бо мардуми оддӣ ва таърихи шаҳри Хуҷанд маълумоти фаровон медиҳад. Тоҷӣ Усмон аввалин маротиба натиҷаи сафари якмоҳаи устод Айниро ба собиқ вилояти Ленинобод дар соли 1936 ва навоҳии он ба риштаи тасвир кашидааст. «Як моҳ бо Садриддин Айнӣ» аз бахшҳои «Ҷумҳурияти ҳаштум», «Истиқболи Айнӣ», «Шабнишинӣ дар меҳмонхона», «Интихоби котиб», «Вохӯрӣ дар мактаби ба номи Айнӣ» «Дар ҷустуҷӯйи қалъаи Темурмалик», «Тирози ҷаҳон», «Вохӯрӣ дар колхози ба номи Айнӣ», «Ҷанги Хуҷандиён бо муғулҳо», «Дар ҷустуҷӯйи Мехрбодом», «Дар Конибодом», «Сухбатҳои шахсӣ» «Сафари Тошканд» иборат мебошад. Тоҷӣ Усмон пеш аз дидорбинӣ бо устод Айнӣ манзараҳои табиати Хуҷанд ва ҳаёти мардумро дар соли 1936 чунин тасвир намудааст: «Ленинободиҳо баҳори музофоташонро арӯси сол меноманду тирамоҳро айни камолоти он мешуморанд. Чунки дар ин мавсим на танҳо серию пурӣ, меваю шира, ҳосили фаровон аст, балки обу ҳаво ҳам муътадил ва хеле форам мешавад. Сангҳои сиёҳранги кӯҳи Муғул, ки дар шимоли шаҳр воқеъ аст, эҳтимол аз таъсири шуълаи офтоб бошад, дар ин мавсим ба худ ранги гӯламуҳи баландро гирифта, намоёнтар мешаванд. Идораи газетаи Ленинобод (аввал «Роҳи колхозчӣ», баъдтар «Пролетари Хуҷанд», пас аз он «Болшевики Хуҷанд» ва дар охир «Бо роҳи Ленин») ба як штаби мадании паҳнкунандаи маданият табдил ёфта буд. Нависандаи дӯстдоштаи мо Раҳим Ҷалил, фелетончии маъруф Қурбон Баҳлулзода ва дигарон дар он газета машғули кор буданд. Ман вазифаи муҳарририи ин рӯзномаро иҷро мекардам Шоири ширинкалом Муҳиддин Аминзода, олими маъруф профессор, академик Зариф Рачабов, педагогҳо Раҳим Алӣ, Ҳотам Солибоев, Ф. А. Абдуллозода иштирокчиёни фаъоли ин газета буданд».

Ҳамон соли 1936 моҳи сентябр Тоҷӣ Усмонро ба кумитаи партиявии шаҳри Хуҷанд даъват намуда, мутасаддии қабули ташрифи устод Айнӣ ба шаҳр таъйин мекунанд. Ва Тоҷӣ Усмон ҳамчун муҳаррири газетаи вилоятӣ пешвозгирии устод Айниро ба Хуҷанд ташкил ва роҳбарӣ мекунад. Адиб манзараи чӣ тавр бо қатора вориди шаҳри Хуҷанд шудан ва пешозгирии мардуми шаҳрро аз устод Айнӣ бисёр самимӣ ва барҷаста нишон додааст. Ин ҳолатро Тоҷӣ Усмон чунин ба қалам додааст: «Соати 9-45 дақиқаи бегоҳӣ бо вақти маҳаллӣ поезд омад. Ашот Карамиян, Рӯзибой Шерматов, ман ва чанде рафиқон сӯйи вагон давидем Ҳанӯз мо аз зина ба болои вагон набаромада Айниро дидем, ки дар баромадгоҳ ҳозир ба фаромадан истодааст. Дар рӯшноии чароғҳои электрикӣ дидан мумкин буд, ки Айнӣ дар сар тӯппии сабзи тошкандӣ, дар тан камзӯли сафеду нави нӯғайча ва ба пояш мӯзаи хром дорад. Ришаш ҳам кӯтаҳакак буд, мӯйлабаш ба худаш мезебид.

Ман дар байни ҳозирон аз ҳама ҷавонтар ва чаққонтар менамудам ва барои ҳамин ҳам хез зада, ба роҳрави вагон баромадам ва баъд аз даст дода вохӯрдӣ кардан ба нависанда «Хуш омадед!» гуфтаму ҷомадонро аз дасти он кас гирифта, аз вагон фаромадам». Сипас, муаллиф дар силсилаи очеркҳои мустанад ва бадеии худ вохӯрию мулоқотҳои устод Айниро дар мактабу дигар муассисаҳои шаҳр ба риштаи тасвир мекашад. Дар ин лавҳаҳое, ки хеле ҷолиб ва хонданибоб таълиф шудаанд, пеш аз ҳама бузургӣ ва салобату фарзонагии ин абармарди таърих дар он солҳои аввали ташкилёбии Тоҷикистони алоҳида мучассам гардидааст. Дар очерк Тоҷӣ Усмон ба фаросату рисолати адиб дар ҷомеа ва нақши Айнӣ дар эҳёи суннатҳои мардумӣ ва бузургдошти ҳақиқати таърихӣ ошкор шудааст. Муаллиф вохӯрии устод Айниро дар мактаби ба номи Садриддин Айнӣ чунин қаламдод мекунад:

«Вақте ки қарори Президиуми Совети шаҳриро дар бораи ба ин мактаби нав дода шудани номи Айнӣ хонда шуд, нависанда бо ҳайрат ба ман нигоҳ кард. Ман ба он кас чизе нагуфта чашмак задам ва табассуми табрикомез кардам. Ба ҷойи ҷавоби хушнудона дар чашмҳои нависанда равон шудани ашкро мушоҳида кардам. Айнӣ рӯймолчаро гирифта, дар пеши назари ҳама оби чашм пок мекард».

Устод Садриддин Айнӣ дар симои Тоҷӣ Усмон, ки он вақтҳо сармуҳаррири рӯзномаи вилояти собиқи Ленинободро ба ухда дошт як ҷавони боистеъдод ва рӯзноманигори боғайратро дид. Ва ба ҳар минтақае устод Айнӣ сафар мекард, албатта, бо ҳамроҳии худ Тоҷӣ Усмонро мегирифт. Дар ин сафар устод Айнӣ бештар ба таърихи Хуҷанди бостонӣ, ҷуғрофияи он ва гузаштаи диёр таваҷҷуҳ мекард. Он рӯзҳоро ба хотир оварда, Тоҷӣ Усмон менависад: «Садриддин Айнӣ дар он вақтҳо одами бекарор буд. Бо вуҷуди он ки ҳар рӯз чандин корхонаю колхозҳо, мактабу муассисаҳои маданиро медид ва дар ду-се ҷой вохӯрӣ ба вуҷуд меомад, боз шабҳоро то қарибии саҳар ба нақлшунавӣ, сухбати кӯҳансолону пешқадамони меҳнат мегузаронд. Рӯзи дигар боз аз ман пештар аз хоб хеста, дари хонаи маро мекӯфт ва аз хоби ширини пагоҳӣ бедор карда, аз пайи иҷрои нақшаи онрӯза мешуд».

Ба назари Тоҷӣ Усмон чунин мерасад, ки устод Айнӣ нақшаи китоби наверо аз таърихи Хуҷанд дар дил мепарварад. Устод Айнӣ аз таърихи муборизаҳои халқ бар зидди ачнабиён ва ким-кадом қалъаю истеҳкомҳо пурсон мешуд. Баъдтар Тоҷӣ Усмон пай бурд, ки Устод Айнӣ аз таърихи муборизаи қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик асаре навиштанист. Дар ин бора Тоҷӣ Усмон чунин нигоштааст: «Ман ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба Ленинобод омадани Айнӣ фаҳмидам, ки вай дар ҷустуҷӯйи кадом як қалъа ва ё ҷойи таърихӣ мебошад. Бинобар ҳамин, рӯзи дигар мо пас аз мулоқот ва суҳбат бо олимон ва муаллимони Институти мевадории Осиёи Миёна (САПИ) бо хоҳиши ӯ ба тамошои соҳили сойи Хоҷа Боқирғон, деҳаҳои Чорсу, Ғозиён, Кӯҳи Рухак, Дашти Амин ва Қалъача рафтем».

Тоҷӣ Усмон дар ҳамин хотирот ё очерки сафариаш бозгиди устод Айниро аз Хуҷанд ботафсил ҳикоят мекунад. Хусусан, тасвири манзараҳои Оби дарёи Сир, соҳили мустаҳками он ва ҳаракати кемаҳо, қайқҳои обӣ хеле табиӣ ва хонданибоб мебошанд. Тамошои кӯҳои Рухак, чашмаи Арзанак, Унчӣ, нимчазираи Сумчак ва Тути Калон ба Айнӣ як дунё завқу илҳом бахшидааст. Тоҷӣ Усмон медид, ки Айнӣ мисли чавонони ҳузарб ва боғайрат барои асари ояндааш мавод чамъ мекард ва ӯ ба ҳар як факту рақам ё ривояту воқеа диққат медод ва навишта мегирифт. Муаллиф очеркашро чунин идома додааст: «-Мо аз он ҷо роҳи тарафи дашти Сомғорро пеш гирифтем ва кема ба соҳили рости дарёи Сир гузашта, аз қалъаи нест шударафтаи Султонобод (ҳоло дар рӯ ба рӯйи он стансияи электрикии обии Қайроқум сохта шудааст) сар карда, нимчазираи совхози ҳозираи Палос, арали Унчӣ, арали Оқтеппа, нимчазираи Сумчак, арали Усто Турсун, арали Раззоқ ва ғайраро як-як дидем.

Айнӣ лаб-лаби дарё гашта, чазираи Темурмаликро мечуст, аммо ҳеч кадоме аз он чазираю нимчазираҳо ба ӯ маъқул нашуд. Вай тамоми рӯз кунчковона ба ман саволҳо медод. Мо ба шаҳр хеле бемаҳал баргаштем». Устод Айнӣ, менависад Тоҷӣ Усмон, мондашавиро ҳис накарда, бо ғайрати дучанд, тамоми атрофро аз назар мегузаронд. Ӯ пиёда роҳро паймуда, таърихи маҳаллаи Тути Калонро бо кӯчаи Ҳасти Буво ва назди Урда муфассал омӯхт. Устод Садриддин Айнӣ дар роҳ ба ман суолҳо медод, навиштааст Тоҷӣ Усмон, ва маънидорона ба атроф нигариста нақл кард: «Чазираи мудофиавии Темурмалик ҳамин Урда набошад? Вақте ки соҳил як вақтҳо дар маҳаллаи Тути калон бошад, дар чазира воқеъ шудани ин урда ачаб не! Ғайр аз ин кӯҳи он сӯйи дарёро ҳам куҳи Муғул мегӯянд.

Муғулҳо аз онҷо ба шаҳр наздик омада, хучум кардаанд. Ба ҳар ҳол, фардо он ҷоро дурусттар дидан лозим! Рӯзи дигар мо ба болои Урда баромадем ва пас аз тамошои он ба тарафи Камар Тукай равон шудем».

Тоҷӣ Усмон баъдтар иқрор мешавад, ки ҳамаи он маълумотҳо ва андешаҳоеро ки устод Айнӣ дар мавриди муборизаю набарди Темурмалик зидди душманон дошт, баъдтар дар очерки таърихӣ-бадеии Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» мутолиа намудааст. Муаллиф серталабӣ ва заҳмату бехобиҳои устод Айниро дар ин очеркаш хеле барчаста ифода кардааст. Охиран натичаи ин сафари Айниро ӯ чунин хулоса намудааст: «Ин гуна суҳбатҳо хеле кам муяссар мегардид. Сабаб он ки Айнӣ ҳамеша серкор буд. Нақшаҳои сафарии ӯ хеле васеъ буду сабаб чӣ, ки вақти кам дошт. Ӯ мехост, ки ҳама ҷоро бинад, ҳамаро фаҳмад ва аз рӯйи нақшаи пеш тартибдодааш ягон чизро аз хотир набарорад. Аз нақлҳои зикршуда ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст, ки вай ба Ленинобод барои таҳқиқоти илмӣ, бо мақсади материалчамъкунӣ, бо корҳои эҷодии нависандагӣ, омӯхтани ҳаёти меҳнаткашон омада буд. Натичаи ҳамин сафар буд, ки Айнӣ баъдтар асарҳои таърихӣ-бадеии таърифии худ: «Тирози Чаҳон» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва дигар мақолаҳои илмӣ-оммавӣ оид ба ин диёр навишт. Бинобар ин, вай кори бисёре дошту ба меҳмонҳои алоҳидаи ғайрирасмӣ, суҳбатҳои шахсӣ намерафт».

Тӯли сафари якмоҳаи устод Айнӣ ба вилояти ҳамонвақтаи Ленинобод Тоҷӣ Усмон ҳамеша ҳамроҳу роҳбалади ӯ буданд. Айнӣ Тоҷӣ Усмонро дӯст дошганд ва сабақҳои аввалини насрнависиро омӯзонданд. Дар сафарҳои устод Айнӣ ба саҳро ё корхонаю истеҳсолот ё миёни мардум Тоҷӣ Усмон паҳлуяшон меистоданд. Забондонӣ ва маърифати баланду истеъдоди худдоди Аллома Айнӣ Тоҷӣ Усмонро мафтун мекард. Хусусан, ба забон ва зарофату покии он диққат додани устод Айниро муаллиф хеле дилчасп тасвир намудааст: «-Нависанда,-гуфт Айнӣ –бояд ҳар чизи зебоеро дида тавонад ва онро дӯст дорад, бо каломи латиф ва зарофати махсус, мисли наққош онро тасвир намояд, мисли ҳайкалтарош муҷассамаи барчаста карда нишон диҳад. Инро на ин ки бо калимоти зебои интихоб-кардашуда, балки бо афкори зебо, яъне маънии бо мантиқу манфиатнок, шавқовар ифода кунад. Ин гуфтаҳои Айнӣ дар бораи табиатро омӯхтан ва зебоиро дида тавонистан ҳанӯз дар ҳамон вақт ба ман як таъсири бузурге бахшиданд».

Хотираҳои Тоҷӣ Усмонро дар бораи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ метавон як саҳифаи тозае аз рӯзгору эҷоди Айнӣ номид. Мутаассифона, ин хотирот ё очерки сафарӣ ҳамагӣ як маротиба, он ҳам бошад дар маҷаллаи «Шарқи сурх» соли 1962 нашр шудааст халос. Тоҷӣ Усмон хотироти худро бисёр ҷолибу хотирмон ҷамъбаст намудааст, ки бозгӯи ҳаёти ҷовидонаи аллома Айнӣ мебошад:

«Як ҳафта пеш аз вафоташ барои зиёрати Айнӣ ба боғи Совети Вазирон рафтам. Пас аз каме суҳбат яке аз ҳамшираҳои тиббӣ, ки хеле зебо буд, ба бемор дору овард. Ман аз диққати назари устод

бехабар ба он духтарак бо ҳавас нигоҳ карда мондам. Баъд аз берун рафтани ҳамшираи тиббӣ Айнӣ бо табассум ба ман нигоҳ карда гуфт:

-Меҳмонхонаи Хоҷа Камол ба хотирам меояд. Ёд доред, ки шумо чи хел аз тирезаи он ба духтарони роҳгузар нигоҳ мекардед? Дар чашмҳои устод Айнӣ ман як завқи ҷавониро дидам. Бори дигар дар он ҷо фаҳмидам, ки нависандаи маҳбубамон то дами охир сафари Ленинободро ба ёд дошт».

Ба ҳамин тартиб очеркҳои портретӣ, бадеӣ, мустанад ва сафарии Тоҷӣ Усмон дорои ҷанбаи бузурги таърихӣ ва илмӣ мебошанд. Дар онҳо сарнавишт, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти нахустин инсонҳои воқеӣ ва бунёдкор тасвир ёфтааст, ки то ҳол аҳамияти бузурги маънавӣ-маърифатии худро гум накардаанд.

АДАБИЁТ

1. Тоҷӣ Усмон. Кашфи асрор / Тоҷӣ Усмон. - Сталинобод, 1958. - 214 с.
2. Тоҷӣ Усмон. Лаънаткардаи халқ / Тоҷӣ Усмон. – Душанбе: Ирфон, 1967. - 180 с.
3. Тоҷӣ Усмон. Як моҳ бо Айнӣ / Тоҷӣ Усмон // Маҷаллаи Шарқи сурх, 1962. - №8.

МАҚОМИ ОЧЕРК ДАР ЭҶОДИЁТИ ТОҶӢ УСМОН

Тоҷӣ Усмон хеле бомуваффақият як қатор очеркҳоро дар бораи ҳаёти нахустин инсонҳои воқеӣ ва бунёдкори Тоҷикистон эҷод кардааст. Дар очеркҳои офаридаи ӯ образҳои қавии қаҳрамонон, портрет ва тасвирҳои табиат дида мешавад.

Калидвожаҳо: Тоҷӣ Усмон, Унҷӣ, очерк, тасвири табиат, портретҳо, навъ, лавҳаҳо, ангораи бадеӣ, навгонӣ, истеъдод.

МЕСТО ОЧЕРКА В ТВОРЧЕСТВЕ ТОДЖИ УСМОНА

Тоджи Усмон успешно создал ряд очерков о жизни и трудовой деятельности славных сынов Таджикистана. В его очерках чувствуются сильные образы героев, портреты и пейзажи природы.

Ключевые слова: Тоджи Усмон, Унджи, очерк, пейзаж, портреты, тип, зарисовка, художественный этюд, новаторство, талант.

THE PLACE OF SKETCHES IN TOJI USMON'S CREATIVITY

Tojii Usmon has successfully created a number of sketches about lives and life of the people of Tajikistan, about formation of the Soviet power in mountains of the republic. In his sketches strong images of heroes, portraits and landscapes of the nature are felt

Key words: Taji Usmon, sketch, creative skill, landscape, portraits, images, life

Сведения об авторе: ***М. Салимов*** - соискатель Таджикского национального университета

СУТУННАВИСӢ ДАР МАТБУОТИ МУОСИРИ ТОҶИК

М. А. Муҳимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Колонка - сутун тарҷумаи калимаи англисии column буда, ҳоло ба се маъно истифода мешавад: сутуни газета, рубрикаи газета ва жанри матбуот.

Аз соли 1650 дар Аврупо барои беҳтар кардани сифати чоп ва хоно шудани рӯзнома матнро ба колонкаҳо (сутунҳо) тақсим мекарданд. Истифодаи колонка дар кори амалӣ ҳамчун як элементи чоп соли 1760 васеъ паҳн шуд. Баъдтар он ҳамчун рубрикаи газета истифода гардид ва ба журналистикаи ИМА низ кӯчид. Он вақт барои муроҷиати муҳаррир ва ё сухани ягон муаллифи машҳур колонкаи махсус ҷудо карда мешуд, ки ҳамеша дар як саҳифа, як ҷой ва зери рубрикаи «Колонка» ба чоп мерасид. Соли 1800 рӯзномаи «Aurora» (Филоделфия) дар сутуни дуюми газета колонкаи муҳаррирро нашр кард. Аз ҳамин вақт дар сохти газета «Сутуни муҳаррир» шакл гирифт ва то имрӯз дар бисёре аз рӯзномаву маҷаллаҳо он истифода мешавад.

Сатрнависӣ ба шакли имрӯза, ки онро дар Ғарб колумнистика мегӯянд, дар асри XIX дар ИМА ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст, агарчӣ қаблан шакли он дар Аврупо пайдо шудааст. 6 майи соли 1835, муҳаррири газетаи «New York Herald» Ҷеймс Гордон Беннет дар мавзӯи муҳимми иҷтимоӣ сутун навишт ва онро ҳоло чун санаи аввалини колумнистика медонанд. Пас аз ин, рӯзномаҳои маъруф дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ сутунҳои муаллифӣ чоп мекарданд.

Моҳи январи соли 1886 дар маҷаллаи «Harper's New Monthly Magazine» сутуни «Editor's Study» пайдо шуд, ки ба қалами нависанда Уилям Дин Хоуэллс тааллуқ дошт. Ӯ то моҳи марти соли 1892 бештар дар мавзӯъҳои муҳимми рӯзи Амрико ва Аврупо, ки мардумро ба ташвиш меовардand, сутуннависӣ мекард. Уилям Дин Хоуэллсро аз беҳтарин сутуннависони асри XIX дар ИМА медонанд. Солҳои 1920-1930 дар ИМА сутуннависӣ аз жанри маъмули матбуот маҳсуб мешуд. Ҳоло бошад, жанри мазкур мавқеи худро аз даст додааст ва бо телевизион рақобат карда наметавонад.

Соли 1889 аввалин нишонаҳои колумнистика дар Русия пайдо шудаанд. Масалан, яке аз публитсистони машҳури рус Алексей Сергеевич Суворин, ки муҳаррир ва муассиси рӯзномаи "Новое время" буд, аз соли 1889 матлабҳои интиқодӣ дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ менавишт. Нигоштаҳои ӯ аксаран қолаби сутуннависиро доштанд. Дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ бошад, сутуннависӣ ҳамчун жанр истифода намешуд, зеро ба ҳукумати худкома публитсистикаи муаллифӣ лозим набуд ва ақидаи инфиродӣ дастгирӣ намешуд. Танҳо бозсозии горбачёвӣ дар соли 1985 ба пайдоиш ва ташаккули сутуннависӣ дар СССР мусоидат намуд.

Ҳоло дар журналистикаи тоҷик, махсусан дар матбуоти хусусӣ, ин тарзи нигориш ба таври зиёд истифода мешавад ва он ҳамчун як воситаи асосии муаррифии андешаи муаллиф, эҳсосоти ӯ оид ба ягон ҳодисаву рӯйдод ба хонандагон мебошад.

Жанри мазкур ин андешаи инфиродии муаллиф ба ягон мавзӯи доғ аст, ки бо як низоми муайяни вақт ва ҷойи доимӣ дар як рӯзнома ё маҷалла ва солҳои охир дар сомона ба табъ мерасад. Асоси нақли муаллифро дар колонка мушоҳидаҳои шахсии сутуннавис ташкил медиҳанд. Ақидаи шахсии муаллиф бошад, бевосита ба хонанда равона гардида, ӯро ба баррасии проблемаи мадди назар ҷалб кардани мешавад. Дар ҳамин ҳол, андешаи муаллиф аксаран субъективӣ аст. Ҳаҷми колонка одатан то 200 сатри газета (12 ҳазор аломат) мебошад, зеро матни аз ин зиёд барои аудитория душворхон мешавад. Сутуннависиро метавон дар ҳамаи ВАО истифода кард. Масалан, ҳоло дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ видеоколонкаҳо ташаккул ёфта истодаанд. Дар телевизиону радио низ метавон ин жанрро истифода бурд.

Дар илми журналистикаи тоҷик ҳанӯз ҳам сутуннависиро чун жанри алоҳида нашинохтаанд. Профессор И. К. Усмонов колонкаро ҳамчун жанри алоҳида қабул надорад. Ӯ дар китобаш «Жанрҳои публитсистика» мегӯяд, ки «Аксарияти сармақолаҳои матбуоти шахсӣ ба номи «сутуни муҳаррир» ва дигар истилоҳи муродифи он чоп мешаванд» [6, 65]. Китоби мазкур 7 сол қабл чоп шудааст ва тӯли ин солҳо сутуннависӣ ҳамчун жанри алоҳида дар матбуоти тоҷик ташаккул ёфт. Воқеан ҳам, сармақола наметавонад жанри колонка бошад. Зеро вай чун колонка ақидаи шахсии муаллиф нест. Чӣ тавре ки профессор И. К. Усмонов дар китоби номбурда менависанд, «… сармақола фикри редаксия аст» [6, 65]. Аз ҷониби дигар, на ҳамеша сутуни муҳаррир ба талаботи жанрии колонка мувофиқ меояд.

Профессор М. Муродов низ мегӯяд, ки «Зимнан сутун ё колонкаи муҳаррир як навъ хусусияти сармақоларо дорад. Аммо на ҳамеша нигоштаҳои муҳаррирон, хосса мухаррирони нашрияҳои хусусӣ ба талаботи сармақола ҷавобгӯ аст» [4, 170]. Муаллиф дар китоби «Асосҳои эҷодӣ журналистӣ» оид ба сутуннависӣ маълумот дода, баъзе хусусиятҳояшро номбар кардааст, вале онро дар қатори жанрҳои алоҳидаи таҳлилӣ ворид накардааст. Аз он ки муаллиф дар бораи колонка дар бахши «Падидаҳои замон ва жанрҳои таҳлилӣ» ҳарф мезанад, ӯ низ дар ақидааш устувор нест, ки сутуннависӣ жанри алоҳида мебошад.

Сутуннависӣ таърихан ҳамчун усули навиштани маводи журналистӣ ташаккул ёфта, ҳоло дар системаи жанрҳо ҷойгоҳи хосси худро дорад ва дар Тоҷикистон аз жанрҳои маъмулии матбуоти хусусӣ мебошад. Воқеан, сутуннависӣ дар матбуоти Ғарб (журналистикаи иттилоотӣ) ягона имконияти изҳори мавқеи шахсии журналист вобаста ба ягон мавзӯи рӯз дар матбуот мебошад, ки дигар ягон жанри журналистикаи Аврупо ва ИМА надорад. Қолаби сутуннависӣ барои ҳамаи моделҳои журналистика ягона буда, онро метавон ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дохил кард. Агарчӣ дар он ҷузъҳои жанрҳои ахборӣ ва публитсистӣ- бадеӣ, аз қабили эссе ва фелетон, низ ба назар мерасад.

Характеристикаи асосии жанрии сутуннависӣ аз рӯйи мавзӯъ эҳсоси шахсии муаллифро нисбати ягон чизи мушаххас фаро гирифта, вазифааш нишон додани нуқтаи назари муаллиф барои ҷалб кардани таваҷҷуҳи аудитория ба вазъияти мавҷуда ва баҳодиҳии он мебошад. Усули пешниҳоди матлаб ба таври таҳлили образӣ, яъне тавъам будани таҳлил ва умумияти бадеӣ сурат мегирад. Аз рӯйи мундариҷа сутуннависӣ ин занҷираи фактҳо, ҳодиса ё рӯйдод аст, ки барои муаллиф ҳамон вақт муҳим намуда, муҳокимаи он вокуниш ба ин факту рӯйдод мебошад. Аз рӯйи шакл сутуннависӣ ин нақли озод аст, ки дар он ҷузъҳои жанрҳои гуногун, аз хабар то эссе, ба назар мерасанд. Аксаран колонка аз фелетон хусусиятҳои интиқодӣ ва тамасхуру киноярро ба худ гирифтааст.

Симо ва шахсияти муаллиф дар сутуннависӣ мавқеи асосӣ ва муҳимро дорад. Зеро аудитория ба он таваҷҷуҳ мекунад: «Кӣ? Чӣ мегӯяд?». Яъне, маъруфияти муаллиф пеши хонандаҳо аз талаботи

асосии сутуннависӣ аст. Бинобар ин, журналистон, адибон, сиёсатмадорони шинохта ва дигарон, ки пеши мардум маҳбубият пайдо карда, аудитория ба суханонашон эътимод доранд, ба сутуннависӣ машғул мешаванд. Дар матбуоти Ғарб талаботи мазкур ҳатман риоя карда мешавад. Мутаассифона, дар матбуоти хусусии муосири Тоҷикистон имрӯз шахсони ба аудитория ношинос ва ҳатто донишҷӯён ҳам сутуннавис шудаанд. Масалан, дар ҳафтаномаҳои «Нигоҳ» аксаран шахсони маъруф, ки онҳоро хонандагон мешиносанд, сутуннависӣ мекунанд. Вале дар нашрияҳои «Фараж» ва «Asia-Plus» нафарони ба аудитория ношинос, ки маъруф нестанд, колонка менависанд. Албатта, дар ин ҳол матлаби чунин муаллифонро намехонанд ва интизор ҳам намешаванд.

Дар ҳамин ҳол, колонка аз ҳама бештар дар ҳафтаномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Фараж», ки ба таъсисаш (22 декабри соли 2006) соли равон 10 сол мешавад, чоп шуда, мавқеи махсуси худро дорад. Нашрия аз шумораи аввали худ ба ин жанр таваҷҷуҳи хосса дошта, аз имкониятҳои сутуннависӣ ба таври васеъ истифода мебарад. Ҳамин аст, ки ҳафтанома қариб дар ҳамаи шумораҳои худ колонка чоп мекунад ва баъзан онро ба матлаби асосии шумора табдил медиҳад. Масалан, 6 апрели соли 2016 (№16) ҳафтаномаи «Фараж» 6 колонка чоп кардааст. Дар саҳифаи якум колонкаи Хуршед Атовулло, муассиси нашрия бо номи «САрҳаД» чоп шудааст. Дар он муаллиф мегӯяд, «Ҳар касе даъво дорад, ки тақсимоти ҳудудӣ дар собиқ Шӯравӣ кӯр-кӯрона, ноогоҳона сурат гирифта буд, хато мекунад». Ба қавли муаллиф чунин сарҳадсозӣ барои тафриқаандозӣ байни миллатҳо ва идора кардани онҳо дар аҳди Сталин сохта шуда буд.

Дар саҳифаи сеюм колонкаи сармуҳаррир Фазлиддин Асозода бо номи «зИДдият» ба табъ расидааст. Дар он муаллиф аз «зиддият»-ҳои раиси МН Ш. Зуҳуров ёд кардааст. Ӯ зиддияти раисро оид ба муҳоҷирати меҳнатии занон ба кишварҳои Араб дастгирӣ намуда, дар ҳамин ҳол ба зиддияти Ш. Зуҳуров дар бораи тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба афзоиши чаримабандии соҳибкорон барои вуруди ғайриқонунии мол муқобил баромадааст.

Дар саҳифаи панҷум колонкаи хабарнигори «Фараж» Шамсулло Фозилов «исТЕЪДОД» чоп шудааст. Дар ин мавод муаллиф аз истеъдоди кӯдаки дусолаи украинӣ Арина Шулевич, ки пойтахти кишварҳои дунёро медонад, изҳори ҳайронӣ мекунад ва аз масъулин мепурсад, ки оё дар Тоҷикистон чунин истеъдодҳо ҳастанд.

Дар саҳифаи ҳафтуми нашрия колонкаи Хусрав Шоҳсаидов, хабарнигори «Фараж» бо номи «ХУДкушЙ» ба табъ расидааст. Дар ин колонка муаллиф андешаҳои субъективии худро оид ба худкушии занон иброз доштааст. Ӯ аз худкушии Мафтуна Раҳимова, ки худро бо кӯдаки 6-моҳааш ба дарёи Кофарниҳон партофтааст, изҳори нигаронӣ мекунад. Ба қавли муаллиф Мафтунаи 20- сола дар ин синну сол бояд таҳсил мекард ва ё касб меомӯхт. Ӯ фаромӯш мекунад, ки синни издивоҷ дар Тоҷикистон аз 18-солагӣ аст. Муаллиф ҳамчунин зарурати мавҷудияти Кумитаи кор бо занон ва оиларо зери суол бурдааст.

Дар саҳифаи 10-уми нашрия колонкаи Бибиҷон Ашӯрова, ки ба хонандаҳо ношинос мебошад, бо номи «Фиреб» чоп шудааст. Муаллиф ин ҷо дар муоширати дағали ронандаҳо ва пулчинакҳои нақлиёти ҷамъиятӣ (маршруткаи№33) ҳарф задааст. Дар ин бора садҳо маротиба дар ВАО гуфтаанд ва мутолиаи он барои хонандаҳо ҷолиб нест. Ҳамчунин колонкаи мазкур ба талаботи сутуннависӣ ҷавобгӯ нест.

Дар саҳифаи 11-уми нашрия колонкаи Доро Сӯҳробӣ бо номи «Тарс» чоп шудааст. Муаллиф аз тарсаш ба савор шудани мошинҳои боркаш ҳангоми сафар аз Душанбе ба Айниву Панҷакент ва тармафароӣ сухан мекунад. Муаллифи колонка маъруф нест ва аудитория ӯро намешиносад. Ин колонка низ ба талаботи жанрӣ мувофиқат намекунад.

Воқеан, дар як шумораи ҳафтанома, ки ҳамагӣ аз 16 саҳифа иборат аст, чоп кардани 6 колонка мувофиқи мақсад набуда, эътибори колонкаро пеши хонандаҳо коҳиш медиҳад. Аз ҷониби дигар, аз ин 6 мавод танҳо 3 колонка ба талаботи сутуннависӣ ҷавобгӯ аст ва ҳеҷ зарурати онҳоро ба шакли колонка чоп кардан набуд.

Бояд гуфт, ки чунин амал дар нашрия нав нест. Масалан, 5 августи соли 2015 дар саҳифаи сеюми ҳафтаномаи «Фараж» (№32 (453) маводи Ҷ. Мирбозхонова бо номи «Намеёбанд!?» ба табъ расид. Муаллиф дар он маълумоти аз нишастҳои матбуотии ташкилоту идораҳо гирифтаашро, оид ба маблағҳои буҷетиро дуздидани ашхоси мансабдори идораҳои гуногуни Тоҷикистон, меорад. Ӯ дар

сархати охирин, ҳамагӣ дар ду ҷумла мегӯяд, ки онҳоро намеёбанд. Яъне, дар ин матн ҳамагӣ дар ду ҷумла, андешаи шахсии муаллиф, эҳсосоти ӯ нисбат ба ин амал оварда шудааст, ки ин ҳеҷ ба талаботи жанрии колонка бозгӯ нест.

Ногуфта намонад, ки дар ҳамин саҳифа маводи Нигора Саидбекова бо номи «Агроинвестбонк», Сирки давлатӣ, Кумитаи занон… боз кӣ дуздид?» чоп шудааст. Ин матлаб ба мавзӯи колонкаи Ҷ. Мирбозхонова бахшида шуда, дар он оид ба изофанависиҳо ва дуздидани маблағҳои давлатӣ сухан меравад.

Дар ҳафтаномаи «Самак» низ якчанд сол колонка чоп мешуд. Аз ҷумла, Ҷасур Абдуллоев, сармуҳаррири вақти ҳафтаномаи «Самак» аз соли 2008 дар нашрияи «Фараж» ба колонканависӣ шурӯъ карда, минбаъд онро дар «Самак» идома додааст. Ӯ аз сутуннависони чирадаст маҳсуб мешавад. Сентябри соли 2015 Ҷасур ва ҳамсабақаш Диловар Салимов, ки ӯ ҳам дар ҳафтаномаи «Самак» ва «Фараж» колонка менавишт, барои таҳсил ба Русия рафтанд. Баъди ин сутуннависӣ дар нашрияи мазкур аз байн рафт.

Ҳафтаномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Нигоҳ» як замон шакли махсуси пешниҳоди колонкаро дошт. Колонка дар ин нашрия бештар дар саҳифаҳои 3, 5, 7 ва баъзан 14 нашр мешуд. Рубрикаи колонкаҳои «Нигоҳ» аз дигар рӯзномаҳо фарқ мекард. Масалан, дар саҳифаи 3-юм зери рубрикаи «Бидуни Format» (ҳоло он аз байн рафтааст) колонкаи сармуҳаррири рӯзнома Фаридун Раҳнавард чоп мешуд. Мазмуни колонкаҳои ӯ асосан иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд. Ӯ дар воқеъ дар навишти колонка хеле муваффақ аст. Махсусан, колонкаҳои ӯ «Либоси номаълум» (№1 (434) 01.04.2015), «Ору кор» (№3 (436) 15. 04. 2015), «Кош Худо подшоҳ мебуд!» (№9 (442) 27.05.2015), «Шаф-шаф неву бизнес» (№10 (443) 03.06.2015) ва ғайра аз беҳтарин матлаб дар ин жанр маҳсуб мешаванд.

Дар нашрияи «Нигоҳ» солҳои гуногун Маҳбуби Ганҷалӣ, Фахриддини Холбек, Дориюши Рақабиён ва дигарон низ колонка менавиштанд. Аз ҷумла, колонкаи Фахриддини Холбек бо номи «Баёни аёну ноаён аз Фахриддини Холбек» ба табъ мерасиданд. Сутуннависӣ ҳоло ҳам дар нашрияи «Нигоҳ» маъмул аст. Ҳоло дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» колонкаҳои Абдуазими Абдуваҳҳоб, Муҳибуллоҳ Қурбон ва дигарон ба табъ мерасад. Аз ҷумла, колонкаи Абдуазими Абдуваҳҳоб бо рубрикаи «Паём ба оянда аз Абдуазими Абдуваҳҳоб» чоп мешавад.

Нависанда Муҳибуллоҳ Қурбон аз соли 2015, баъди ба ҳафтаномаи «Нигоҳ» омаданаш ба сутуннависӣ шурӯъ кардааст. Колонкаҳои ӯ бештар ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Масалан, колонкаи «Ҳилаи бонкӣ» (№36 (469). 02.12.2015) мавзӯи аз банкоматҳо гирифта натавонистани маблағи хурдро ба доллар баррасӣ мекунад. Муаллиф дар охир мегӯяд: «Эҳтимол дар бонкҳои мо танҳо ҳангоми қабули пасандоз онро бо ҳар асъоре, ки пешниҳод кунед, мегиранд, аммо мисли афсонаҳои "рафтан ҳасту баргаштан нест", доллар ҳам ба бонкҳо осон дарояд ҳам на фақат барнамегардад, балки "бандагиро ба ҷо меорад!".

Қобили зикр аст, ки дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» низ баъзе колонкаҳо ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ нестанд. Масалан, 26-уми январи соли 2016, дар нашрия колонкаи Фахриддини Холбек бо номи «Дӯсту душман» (№43 (476) ба табъ расид. Дар маводи мазкур сард шудани муносибати Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф инро ба созмони террористӣ эълон шудани ҲНИТ рабт медиҳад.

Маводи мазкур дар саҳифаи 1-ум чун колонка чоп шудааст, вале он аз як сутун зиёд буда, идомааш дар саҳифаи 3-юм дар 2 сутун ба табъ расидааст. Он ба талаботи колонка ҷавоб намедиҳад ва бештар хусусияти сармақоларо гирифтааст.

Бояд гуфт, ки на ҳар кас аз уҳдаи сутуннависӣ мебарояд ва на ҳар журналист ё нависанда ва умуман шахси маъруф метавонад колумнист бошад. Масалан, дар рӯзномаҳои ИМА, ки теъдоди журналистонаш аз 100 нафар то ҳазор нафар ва аз ин ҳам бештар аст, танҳо ду-се нафар аз уҳдаи ин кор мебароянд. Дар хориҷа агар колумнист машҳур бошад, рӯзномаҳо ба ӯ навиштани колонкаро фармоиш медиҳанд ва маводи мазкурро бо нархи гарон мехаранд. Дар мо бошад, имрӯз донишҷӯёну мухбирони навкор ҳам колумнист шудаанд. Ҳол он ки шарти асосии сутуннависӣ шахси маъруф будан ва сухани шахс дар ҷомеа қурбе доштан аст.

Сутуннависӣ кори заҳматталаб буда, аз муаллиф тақозо мекунад, ки пайваста омӯзад, малакаи худро сайқал диҳад, доимо дар ҷараёни мавзӯи баррасишаванда бошад ва дар ин бора ба аудитория

ақидаи шахсии худро тавре гӯяд, ки дигарон нагуфта бошанд. Яъне, дар нигоштаи ӯ бояд ягон чизи нав ва ҷолиб бошад, ки хонандаро ба ҳамрайӣ ва вокуниш даъват намояд. Агар не, колонкаи ӯро намехонанд. Ҳамчунин яке аз талаботи сутуннависӣ пешниҳоди матлаб бо забони содаву равон ва баъзан вобаста аз мавзӯи баррасишаванда бо киноя ву тамасхур аст, то ки таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб намояд. Ҳамин аст, ки колонкаи хуб дар як нафас хонда мешавад.

Дар сутуннависӣ асос монологи муаллиф аст, ки аз қалби ӯ мебарояд. Бинобар ин, хонанда ба худи факту рӯйдод камтар таваҷҷуҳ карда, аслан мехоҳад ақидаи муаллифро дар бораи мавзӯи баррасишаванда фаҳмад. Зеро ӯ ба сухани муаллиф эътимод дорад.

Сутуннависон метавонанд имрӯз тасаввуроти ҷомеаро ба масоили мубрами рӯз ташаккул диҳанд ва тафаккури онҳоро ба таҳрик оваранд. Ҳамин аст, ки ба ин жанр таваҷҷуҳи журналистон ва нашрон афзудааст.

АДАБИЁТ

1. Гордеев, Ю. А. Жанровая специфика колонки в печатных СМИ / Ю. А. Гордеев // Жанровые метаморфозы в российской журналистике: тез. IV Всерос. науч.-практ. конф., г. Самара 18—19 марта 2010 г. - Самара: Порто-принт, 2010. - С. 22-23.
2. Кройчик, Л. Е.Система журналистских жанров / Л.Е. Кройчик // Основы творческой деятельности журналиста. - СПб.: Знание: СПбИВЭСЭП, 2000. - 272 с.
3. Михайлов, С. А. Современная зарубежная журналистика: правила и парадоксы / С. А.Михайлов. - СПб.: Изд-во Михайлова В. А., 2002. - 446 с.
4. Муродов, М. Б. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ) / М. Б. Муродов.-Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
5. Тепляшина, А.Н. Творческая природа комического: жанровая парадигма современной журналистики: диссертация доктора филологических наук: 10.01.10 / А. Н. Тепляшина [Место защиты: С.-Петерб. гос. ун-т]. - СПб, 2007. - 373 с.
6. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2009. – 139 с.
7. Шостак М. Журналист и его произведение / М. Шостак. - М.: Гендальф, 1998. – 95 с.
8. Ярцева, С. С. Колумнистика: история возникновения и перспективы развития: диссертация кандидата филологических наук: 10.01.10 /С. С. Ярцева [Место защиты: Ворнежский гос. ун-т]. - Воронеж, 2011. - 177 с.

СУТУННАВИСӢ ДАР МАТБУОТИ МУОСИРИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур жанри сутуннависӣ, ки дар рӯзномаҳои хусусии Тоҷикистон нашр мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки сутуннависӣ ҳамчун жанр дар ИМА ҳанӯз дар асри 19 ташаккул ёфтааст, вале дар журналистикаи шӯравӣ он мавриди истифода қарор нагирифтааст, зеро барои ҳукумати худкома ақидаи шахсии муаллиф бегона буд. Дар Тоҷикистон жанри сутуннависӣ таҳти таъсири рӯзноманигории рус бо ба вуҷуд омадани якчанд рӯзномаҳои мустақил дар асри 21 арзи вуҷуд намуд. Имрӯз ҳафтаномаҳои хусусии «Фараж», «Нигоҳ» ва «Asia-Plus» бештари вақт сутуннависии муаллифиро истифода менамоянд. Масалан, рӯзномаи "Фараж" дар ҳар як шумораи худ то се сутун нашр мекунад ва баъзан шумораи сутунҳои муаллифӣ то 6 сутун расонида мешавад. Муаллифи мақола дар мисолҳои мушаххас собит месозад, ки на ҳамаи сутуннависиҳои муаллифии рӯзномаҳо ба талаботи ин жанр мувофиқат менамоянд.

Калидвожаҳо: рӯзноманигорӣ, жанр, сутуннависӣ, рӯзнома, "Фараж", "Нигох", "Озодагон", "Asia-Plus".

КОЛУМНИСТИКА В СОВРЕМЕННОМ ПЕЧАТЕ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье анализируется жанр колонка, который печатается в частных газетах Таджикистана. Автор пишет, что колонка как жанр формировался в США ещё в 19 веке, но в Советской журналистике он не использовался. Так как в тоталитарном режиме личное мнение автора были чужды в СМИ. В Таджикистане жанр колонка появилась под воздействием русской журналистики с массовым появлением независимых газет только в начале 21 века. Ныне частные еженедельники «Фараж», «Нигох» и «Asia-Plus» часто печатают авторскую колонку. К примеру, газета «Фараж» в каждом своем номере печатает, по меньшей мере, 3 колонки, но иногда число авторских колонок достигает 6. Автор статьи на конкретных примерах доказывает, что не все авторские колонки этой газеты соответствует требованиям жанра.

Ключевые слова: журналистика, жанр, колонка, колумнистика, газета, «Фараж», «Нигох», «Озодагон», «Asia-Plus».

COLUMNIST'S IN THE TAJIK CONTEMPORARY OF NEWSPAPERS

Summary: The article examines the genre column in the Tajik private newspapers. The author writes column as genre to form in USA in the 19 century, but the Soviet Union journalism didn't use it. As in totalitarian regime the author's private opinion was alien in mass media.

Column genre in Tajikistan appeared only in the beginning of the 21 century under the influence of Russian journalism with the appearance of mass independent papers. New private newspaper "Faraj", "Nigoh", "Asia-Plus" are often printing, the author column. For example, weekly "Faraj" prits at best 3 column in its every issues, but sometimes the number of author column mounts to 6. The author of article with the specific example proves that not all author columns of this newspaper conforms to the demands of genre.

Key words: Journalism, genre, column, newspaper, "Faraj", "Nigoh", "Ozodagon", "Asia-Plus".

Сведения об авторе: ***М. А. Мукимов*** - профессор кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93-501-72-32.** E – mail: **jovidm@mail.ru**

ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ СОМОНАҲОИ «АЛ - ҶАЗИРА» ВА «БИ- БИ-СИ» (BBC)

С. Қаландаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асре, ки дар он зиндагӣ ба сар мебарем, давраи пешрафти бесобиқаи илму технология дар тамоми ҷаҳон аст. Дар замони рушди босуръати муосидилаи иттилоотӣ ҷиҳати сари вақт ба аҳолӣ расонидани иттилоот дар баробари матбуоти чопӣ, ВАО – и электронӣ, шабака ва сомонаҳои интернетӣ низ нақши муассир доранд. Имрӯз тавассути рушди техникаву технологияи рақамӣ, шабакаи байналмилалии интернет иттилоъро ҳамон лаҳза ба таври фаврӣ метавон ба тамоми олам паҳн кард. Профессор И. Усмонов интернетро «Сареъторин ва хавфноктарин василаи ахбор дар таблиғоти сиёсӣ ва байналмилалӣ» номидааст [8, 22]. Ҳамин аст, ки дар кишварҳои тараққикарда таваҷҷӯҳ ба воситаҳои электронии ахбор афзуда истодааст.

Мувофиқи пажӯҳиши сотсиологӣ солҳои охир бо афзоиши интернет теъдоди рӯзномаҳо дар баъзе мамлакатҳо кам шудан дорад, вале шумораи онҳое, ки "рӯзномаро аз интернет мехонанд, афзуда истодааст" [4]. Аз ин рӯ, ин нуктаро ба эътибор гирифта, имрӯз ҳамаи ширкатҳои бузурги иттилоотии ҷаҳон, аз ҷумла BBC, Рейтер, Al-Jazeera, CNN, NBC ва ғайраҳо дар шароити бо суръати кайҳонӣ рушд кардани технологияи мухобиротӣ – интернет сомонаҳои худро дар интернет боз кардаанд. Айни ҳол интернет марҳилаи муассиртарини ҷаҳонишавии ВАО мебошад, ки тавассути он нашрияҳо, телевизионҳо, радиоҳо ва агентиҳои иттилоотӣ маводи худро ба муштариёнашон ирсол менамоянд. Муҳаққиқ С. Хочазод қайд мекунад, ки дар назарсанҷии сомонаи интернетии АМИТ «Ховар» ба суоли «Шумо хабарҳои ҳаррӯзаро аз куҷо мегиред?» (байни 1541 нафар) назарҳо ба ВАО ба таври зайл аст:

Телевизион – 416 - 27 %;
Интернет - 764- 49,58%;
Радио- 245- 15, 9%;
Ҳафтанома - 116- 7,53%.

Худи ҳамин назарсанҷӣ далолат бар он дорад, ки дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон интернет ва телевизион дар ташаккули афкори омма нақши пешгом доранд" [9, 254].

Дар замони ҷаҳонишавии ҷомеа барои амалӣ намудани манфиатҳои худ ва нодида гирифтани манфиатҳои дигар давлатҳо, ҳизбу созмонҳо ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро вусъат дода, сомонаҳои интернетии худро ҳамеша дар ҳолати "омодабош" нигоҳ медоранд. Зеро исбот шудааст, ки "бо таъсири иттилоъ дар баъзе ҳолатҳо худи инсон куллан тағйир меёбад ва иттилои дурӯғ метавонад, ҷомеаро аз раванди табиии пешрафташ берун бикунад" [5, 7].

Ҳодиса ва инқилобҳои солҳои охири кишварҳои мусулмоннишин – Ироқ, Сурия, Либия, Яман, Афғонистон мустақим ва ботадриҷ таъсири манфии худро ба дигар кишварҳо, аз ҷумла ба Тоҷикистон низ мерасонанд. Феълан дар шароити имрӯзаи ҷанги иттилоотӣ, ки дар як вақт ҳам хабари воқеӣ ва ҳам хабари дурӯғ аз ҷониби ВАО паҳн мешавад, амнияти ҷомеа зери хатар аст. Ҳамин аст, ки "иттилоъ дар ҳамаи давраҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва он объекти мубориза буд" [5, 5].

Мавзӯе, ки мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем, инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон аз дидгоҳи сомонаи "Ал-Ҷазира" – и Қатар дар муқоиса бо сомонаи арабии "Би-Би-Си" мебошад. Сабаби мавриди омӯзиш қарор додани хабару гузоришоти сомонаҳои мазкур дар он аст, ки ҳарду оҷонсӣ дар муборизаҳои иттилоотии ҷаҳон мавқеи муҳим доранд ва бештари расонаҳои дигар ҳангоми пахши хабарҳо ба онҳо такя мекунанд. Аз пажӯҳиш бармеояд, ки баъзан як иттилоъро ҳар ду расонаи хабарӣ дар як вақт ва бо нигоҳи худ нашр мекунанд.

Дуруст аст, ки агентиҳои иттилоотии хориҷӣ на ҳамеша воқеиятро объективона таҳлил ва пахш мекунанд. Дар хабару гузоришоти онҳо баъзан хусни таваҷҷуҳи хосси шаҳрвандиашон ба мушоҳида мерасад ва ё фактро аз рӯйи хоҳиши хӯҷаинони худ тафсир медиҳанд. Дар хабари худ "нуқтаи назари расмиро таҳриф намуда, ба шунавандаҳо фаҳмиши худро оид ба раванди рӯйдодҳо бор мекунанд" [5, 24]. Ба хусус дар замони имрӯза, ки саросари ҷаҳон, махсусан олами ислом пур аз воқеоти хунин аст ва сарнавишти ҷаҳон (инсон) дар чорраҳаи номаълуме меистад, ҳар як хабари сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию илмӣ ҳассосона пазируфтаю аз ҷониби ҳар фард ба таври инфиродӣ таҳлил ва арзёбӣ мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар интернет бо номи "Ал-Ҷазира" ду сомона фаъолият дорад, ки яке бо нишонаи http://www.al-jazirah.com ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва дигаре бо нишонаи http://aljazeera.net ба Қатар мутааллиқанд.

Оҷонсии иттилоотии "Ал-Ҷазира" – и Қатар, ки "яке аз машҳуртарин ширкатҳои иттилоотии олами араб ба шумор меравад (муассисаш амири Қатар – Ҳамад ибн Халифа ас – Сонӣ), аз соли 1996 инҷониб фаъолият дошта, дар рақобати ҷангҳои иттилоотии ҷаҳон нақши муассир дорад" [10, 203]. Сабаби асосии муваффақият ва шуҳрати Алҷазира дар байни ВАО – и олами араб (баъдтар ҷаҳонӣ)

маблағгузории ҳангуфт ва истифодаи усули замонавии онлайнии пахши иттилоот аст. Маҳз ҳамин усул онро аз шабакаҳои дигари арабӣ ҷудо мекунад. Махсусан, баъд аз пахши мустақими ҳуҷумҳои ҳавоии қувваҳои мусаллаҳи НАТО ба Афғонистон (2001) ва изҳороти Усам бен Ладен тариқи ин шабака ҷаҳониён (махсусан олами араб) ба ахбори ин ширкат таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Кормандони "Ал-Ҷазира" дар минтақаҳои таҳти назорати Толибон қарордошта фаъолият карда, ҳамзамон шабакаҳои иттилоотии Ғарбро бо мавод таъмин мекарданд.

Шабакаи "Ал-Ҷазира" дорои мутахассисони варзида аст, ки дар бахши арабӣ ва англисии он 2,5 ҳазор кормандон ва журналистон аз 40 давлати дунё кор мекунанд. Ба ғайр аз қароргоҳҳои доимӣ дар Дуҳа, Лондон, Париж, Москва, Вашингтон ва Куала – Лумпур дар бисёр давлатҳои ҷаҳон бюроҳои худро дорад, аз ҷумла дар кишварҳои арабӣ 35 бюро фаъолият дошта, аудиторияи бештар аз 35 млн. одамро дорост [6, 36].

Ҳодисаҳои "Баҳори араб" нишон дод, ки васоити ахбори омма дар дигар кардани сохти сиёсӣ, ноором кардани вазъият, ба мувофиқа овардани ду ҷониб, роҳгум занонидани мардуми оддӣ ва рӯйпӯш кардани ҳақиқат нақши бағоят бузург доранд. Имрӯз кишварҳои абарқудрат як роҳи хеле осони амалӣ кардани нақшаҳои худро ёфтаанд, ки ин ҳам бошад, ба воситаи расонаҳои худи ҳамон кишварҳо ноором кардани вазъияти сиёсии давлатҳост, ки далели равшани ин гуфтаҳо ноороміҳои кишварҳои араб аст.

Муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ ва дохилии ВАО нақши "Ал-Ҷазира"- ро дар инқилобхои "баҳори араб" ва низоъҳои кишварҳои мусулмонӣ (Ироқ, Сурия, Миср, Либия, Тунис, Яман) калидӣ меҳисобанд [3].

Махсусан, дар сарнагун сохтани низомҳои давлатдории Ҳуснӣ Муборак ва Муаммар Қаззофӣ нақши бениҳоят муҳим бозид. "Ал-Ҷазира" амалан сарҳади журналистикаи телевизионӣ ва тарғиботро убур карда, рӯйирост сиёсати ҳизби "Ихвонулмуслимин" - ро тарғибу ташвиқ ва мавқеи исломгароён (аз Алқоида то "Ихвонулмуслимин") – ро ҷонибдорӣ мекард, ки аз ин Қатар хеле манфиатдор буд [2].

Мутахассисони ВАО чунин меҳисобанд, ки шабакаи "Ал-Ҷазира" "айни ҳол барои амалӣ сохтани сиёсати хориҷии Қатар оид ба заиф гардонидани мавқеи кишварҳои калидии минтақа, ба монанди Миср, Либия, Сурия ва Арабистони Саудӣ олоти муассири тарғиботӣ ба шумор меравад" [7].

Таҳқиқи маводи сомона ба он далолат мекунад, ки воқеан ҳам сомонаи "Ал-Ҷазира" оид ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти мардуми кишварамон хабар, гузоришот ва мақолаҳо нашр кардааст, ки дар бегаразона инъикос кардани воқеаҳо ва муаррифии Тоҷикистон ба олами араб мавқеи хоссе дорад. Аз ин рӯ, аз чи гуна шарҳ ва тавзеҳ додани воқеаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон барои олами араб аз сиёсати пешгирифтаи сомонаи "Ал-Ҷазира" вобаста аст. Чунончӣ, ба қавли муҳаққиқи тоҷик И. К. Усмонов «пайдоиши афкори умум дар бораи Тоҷикистон дар байни онҳое, ки Тоҷикистонро надидаанд, аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти онҳо вобаста аст» [5, 44].

Ҳангоми омӯзиши маводҳои сомонаи "Ал-Ҷазира" мушоҳида шуд, ки аз тамоми воқеаҳову ҳодисаҳои муҳимми Тоҷикистон пайгирӣ менамояд. Чунончӣ, дар муддати солҳои 2001 – 2015 номи Тоҷикистон дар 643 хабару гузоришот дарҷ гардидааст. Аз ҷумла соли 2001 – 200 маротиба, 2002 – 65; 2003 – 35; 2004 – 42; 2005 – 45; 2006 – 36; 2007 – 26; 2008 – 27; 2009 – 42; 2010 – 33; 2011 – 23; 2012 – 18; 2013 – 16; 2014 – 18 ва 2015 – 17 [11].

Ҳамин таҳқиқ дар Би-Би-Си дар маҷмӯъ 153 хабару гузоришотро дарбар мегирад: соли 2001 – 47; 2002 – 9; 2003 – 4; 2004 – 3; 2005 – 10; 2006 – 7; 2007 – 5; 2008 – 8; 2009 – 9; 2010 – 11; 2011 – 9; 2012 – 5; 2013 – 6; 2014 – 7 ва 2015 – 17 [12].

Сабаби дар соли 2001 бисёр дарҷ гардидани номи Тоҷикистон дар хабару гузориш ин ба ҳуҷуми НАТО ба Афғонистон рабт дорад, ки ҳамчун кишвари ҳамсоя ном бурда мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки мо айни ҳол дар ин мақолаи хеш фақат хабару гузоришоте, ки доир ба воқеиёту ҳодисоте, ки Тоҷикистонро соли 2015 дар сархати расонаҳои хориҷӣ қарор дод, мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем. Соли 2015 дар маҷмӯъ дар сомонаи "Ал-Ҷазира" 17 хабару гузориш нашр шудааст (2 хабари фарҳангӣ, 4 – варзишӣ ва 8 хабари бевосита ба воқеаҳои Тоҷикистон). Ҳамчунин 3 хабар доир ба вазъи Афғонистон, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ҳамсоя муаррифӣ намудааст.

Хабарҳои фарҳангие, ки боиси ифтихори тоҷикон аст, яке рӯзи 1. 04. 2015 бо номи «Тоҷгузории ғолибони Қуръон дар Қатар» нашр шудааст. Дар хабар сухан оид ба озмуни (мусобиқа) байналмилалии Қуръони карим, ки дар он 1371 довталаб аз 51 давлати ҷаҳон иштирок дошт, меравад. Дар мавод аз қудрати зеҳнии кӯдаки 12 – солаи тоҷик – Айёмиддини Фахриддин, ки аҳли толорро ба ваҷд овардааст, хабар медиҳад. Ӯ аз имтиҳони ҳифзи комили Қуръон бо азёд донистани қуръон (рақамҳои оёт, сура ва саҳифаҳои қуръон) бо муваффақият гузашт [13].

Ҳамзамон маводи фарҳангии дигаре, ки бо сарлавҳаи «Академияи забони арабӣ ба зиёд кардани мазмуну мухтавои арабӣ дар Интернет дастур медиҳад», нашр шудааст ва аз Тоҷикистон ном бурда мешавад, ин баромади узви Академияи забони арабӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор С. Сулаймонов мебошад. Дар хабар дар бораи баромади устод Сулаймонов С. дар мавзӯи мақом ва мартабаи Ибни Сино дар фалсафа, тиб ва истилоҳоти илмию фалсафӣ дар забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ (форсӣ) сухан меравад [14].

Қобили зикр аст, ки имрӯз ВАО-и хориҷӣ бештар ба рӯйдодҳои манфӣ таваҷҷуҳ доранд. Аз ҷумла, сомонаи "Ал-Ҷазира" низ воқеаву ҳодисаҳои нохуби соли 2015 – и Тоҷикистонро, ки сабаби дар сархати расона ва сомонаҳои хабарии ҷаҳон қарор гирифтани кишварамон гашт ва вокунишҳои зиёдеро ба бор овард, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Чунончи, яке аз онҳо ҳодисаи фирори Гулмурод Ҳалимов – сардори дастаи таъиноти вижа (ОМОН) – и ВКД аз кишвар ва ҳамроҳшавиаш (пайвастшавӣ) ба ДИИШ, ки дар сархати тамоми рӯзномаҳои хориҷӣ, аз ҷумла Алҷазира ва Би-Би-Си низ қарор дошт.

Сомонаи Би-Би-Си оид ба ин мавзӯъ рӯзи 28.05.2015 хабареро бо номи «Фармондеҳи қувваҳои махсуси тоҷик ба ташкилоти Давлати исломӣ дар Сурия ҳамроҳ мешавад» нашр кард. Сомона дар такя ба навори видеоии шабакаи CNN менависад, ки Г. Ҳалимов бо эътироз аз сиёсати душманонаи зидди исломии Тоҷикистон ба ДИИШ ҳамроҳ шудааст. Сомона аз номи хабарнигораш дар Тоҷикистон Абдуҷалил Абдурасулов менависад, ки Ҳалимов ду моҳ боз бедарак буд ва Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи макон ва ҷойи будубошти ӯ маълумот надорад. Он вақт овозаҳо дар бораи он, ки Гулмурод Ҳалимов барои ба сафи ДИИШ пайвастан ба Сурия рафтааст, дар миён буд. Хабарнигор менависад, ки «Ҳалимов яке аз масъулони зидди тундравон буд ва мансаби баландеро дар милитсия ишғол мекард. Ҳамчунин аз беҳтарин афсари таҷрибадор ба ҳисоб мерафт» [17]. Дар хабар оид ба гузаштани даврахои омӯзишии зидди террории Ҳалимов дар Амрико ва ҳамроҳшавии садҳо нафар ба ДИИШ маълумот оварда, махсус қайд мекунад, ки ӯ аз масъулони болорутбае мебошад, ки ба ин ташкилот пайваст мешавад [17].

Баъдан сомонаи "Ал-Ҷазира" низ рӯзи 31.05.2015 дар такя ба шабакаи CNN ва рӯзномаи «Вашингтон пост» бо сарлавҳаи *«Фармондеҳи тоҷик Вашингтонро пас аз оне ки ӯро омӯзонид, таҳдид мекунад»* муфассалтар хабар оварда, менависад, ки фармондеҳи милитсияи тоҷик, ки ӯро ИМА дар муборизаи зидди террор таълим додааст, амрикоиҳоро бо задухӯрд дар дохили худи Амрико таҳдид мекунад.

Сомона менависад, ки полковник амрикоиёнро бо забони русӣ таҳдид карда мегӯяд: «Эй хукони амрикоӣ гӯш кунед!: Ман се маротиба аз Амрико дидан намудам ва дидам, ки чи хел ба омӯзиши сарбозон барои куштани мусулмонон машғул мешавед. Шумоён аскарҳоятонро усули муҳосира ва ҳуҷумро барои нобуд кардани ислом ва мусулмонон меомӯзонед. Агар худо хоҳад мо дар кишваратон рӯ ба рӯ хоҳем шуд, ба хонаҳоятон хоҳем омад ва шуморо мекушем» [16].

Сомона дар такя ба рӯзнома менависад, ки «полковник Холинуф (Ҳалимов – Қ. С) бо террористоне, ки зидди онҳо машқ мекард, ҳамроҳ шуд» [16].

Ҳамчунин, сомона ба тафсилоти курсҳои омӯзишии зидди террор (5 маротиба), ки фармондеҳи собиқи тоҷик гирифтааст, ишора карда менависад: «ҳоло вай (Ҳалимов – Қ. С) усулеро, ки посбони ҷойҳои ҳассос (сафоратхонаҳо, ….) фикр мекунад, медонад» [16].

Қайд кардан зарур аст, ки дар хабари мазкур оид ба эътирози Ҳалимов Г. аз сиёсати Тоҷикистон чизе гуфта нашудааст.

Аз таҳлили хабар бармеояд, ки як хабарро ҳар ду сомона бо назардошти манфиатҳои хеш нашр кардаанд.

Боиси зикр аст, ки насаби Ҳалимов дар "Ал-Ҷазира" хато нашр шудааст: Ғулмурод Холинуф (غولمراد خالينف).

Мавзӯи дигаре, ки сабаби дар сархати хабарҳои матбуоти дохилӣ ва хориҷӣ мавриди баҳс қарор гирифтани номи Тоҷикистон гашт, ин исён ва задухурди мусаллаҳонаи ҷонишини вазири мудофиа, генерали собиқ Абдуҳалим Назарзода ва тарафдоронаш мебошад.

Доир ба ин воқеа ҳар ду сомона рӯзи 5.09.2015 дар такя ба изҳороти сафорати Амрико дар Тоҷикистон бо сарлавҳаҳои *«Даргириҳо дар Тоҷикистон ва Амрико сафораташиро мебандад», «Қуввахои Тоҷикистон генерали аз мансаб дуриуда ва гурӯҳи ӯро таъқиб мекунад* (15) ва *«Амрико дар муҳити тарс аз зӯровари нав сафораташиро дар Тоҷикистон мебандад»* (18) хабарҳо нашр кардаанд.

Хабарҳои мазкур ба ҳам қариб пурра монанданд ва дар такя ба як манбаи асосӣ навишта шудааст. Дар ҳар ду хабар омадааст, ки мақомоти Тоҷикистон дар ин воқеа ҷонишини вазири мудофиа генерал Абдуҳалим Назарзодаро ба ташкили гурӯҳи ҷиноӣ ва дастаи террористӣ муттаҳам карда, гуфтаанд, ки ӯ ба дастгоҳи Вазорати мудофиа ва ШКД - и шаҳри Ваҳдат ҳамла кардааст. Дар бораи кушташудагон омори мухталиф оварда шудааст. Би-Би-Си дар такя ба маълумоти ВКД менависад, ки 8 корманди вазорат ва 2 нафар силоҳбадастон кушта шудаанд [18], аммо "Ал – Ҷазира" дар такя ба оҷонсиҳои Ассошейд Пресс (8 н. корманди ВКД ва 9 н. силоҳбадастон) ва РИА – и русӣ (33 н. корманди ВКД ва ВМ, 9 н. силоҳбадастон) маълумот додааст [15].

Сомонаи Би-Би-Си дар такя ба изҳороти сафорати Амрико дар Тоҷикистон менависад, ки «ҳодисаҳо мумкин саршавии зӯроварии наве бошад» ва дар охири хабар доир ба Тоҷикистон менависад, ки кишвари мусулмонӣ буда, яке аз фақиртарин чумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор рафта, ду даҳсола боз онро Э. Раҳмон сарварӣ мекунад ва интихоботи соли 2013 гарчанде ором гузашт, аммо «интихоботи ҳақиқӣ» вуҷуд надошт [18].

Сомонаи "Ал-Ҷазира" бошад, оид ба сиёсати Тоҷикистон қайд мекунад, ки ҳукумат ҳуҷуми сахтеро алайҳи зуҳуроти динӣ ва мусулмонони кишвар сар карда, занони ҳиҷобдор ва мардони ришдорро мавриди ҳадаф қарор додааст. Сомона дар такя ба ВАО – и маҳаллӣ менависад, ки ин даргирӣ «ба задани ҷавони ришдор то мурданаш аз ҷониби милитсия» рабт дорад. Сомона дар такя ба изҳороти сафорати Амрико менависад, ки «оқибати хатари ин задухӯрдҳо маълум нест, аммо сафорат аз ба амал омадани зӯроварии дигаре нигарон аст. Кормандону шаҳрвандонашро барои аз хона набаромадан ва худдорӣ аз фиристодани фарзандонашон ба мактабҳо водор кард» [15].

Ҳамчунин мавзӯи муҳимми дигаре, ки сомонаи "Ал-Ҷазира" ба он таваҷҷуҳ намудааст, ин оид ба озод кардани чаҳор сарбози нерӯҳои сарҳадии Тоҷикистон аз асорати Толибон мебошад. Рӯзи 14.06.2015 хабареро бо номи «Толибон 4 сарбози тоҷикро бо миёнаравии Қатар озод мекунанд» нашр кардааст, ки дар такя ба Вазорати корҳои хориҷии Қатар навиштааст, ки сарбозони тоҷик бо миёнаравии дипломатҳои ин кишвар аз асорати гурӯҳи Толибон раҳо шуда, аллакай, ин чаҳор сарбозро ба мақомоти Тоҷикистон супурдаанд. Дар хабар бахусус аз талоши миёнаравии амири Қатар – Шайх Тамим бин Ҳаммад оли Сонӣ, зикр мешавад [19].

Дар бораи ин мавзӯъ 16-уми июн Агентии миллии иттилоотии "Ховар" баёнияе нашр кардааст, ки дар он гуфта мешавад, "11-уми июни соли 2015, дар натиҷаи гуфтушуниди расмӣ ва дидани чораҳои махсус бо мақомоти муайян, органҳои салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон сарбозони қисми низомии сарҳадӣ, ки рӯзи 17-уми декабри соли 2014 дар минтақаи сарҳадии 128/2-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби силоҳбадастони номаълум ба қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон рабуда шуда буданд, аз асорат озод карда, ба ватан баргардониданд" [20]. Дар хабари мазкур дар бораи ҷузъиёти чи тавр раҳо кардани сарбозон ҳарф зада намешавад.

Хулоса, метавон гуфт, ки аз таҳқиқи хабару гузоришоти ҳар ду оҷонсӣ маълум мешавад, ки назар ва матолиби ин сомонаҳо нисбати Тоҷикистон то андозае яктарафа аст. "Ал-Ҷазира" дар ҳаёти тоҷикистониён танҳо норасоӣ ва мушкилоти зиёду мухталифи Тоҷикистонро мебинад ва қобили зикр аст, ки дар мавриди муваффақиятҳои Тоҷикистон ягон маводи хуб ба назари мо нарасид. Нашри чунин хабарҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки сомонаи мазкур Тоҷикистонро дар олами араб ҳамчун кишвари ноором ва зидди исломӣ муаррифӣ мекунад.

Боиси тазаккур аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи муҳтавои маводи сомонаҳои мазкур ва тарзу усули пешниҳоди мавод нишон медиҳад, ки онҳо аз манфиатҳои давлате, ҳизбе ва ё созмоне пайгирӣ мекунанд ва ошкор набошад ҳам, бо ҳар роҳу усулҳои гуногун ғоя ва ақидаҳои худро амалӣ месозанд.

АДАБИЁТ

1. Брусницын Н. Информационная война и безопасность / Н. Брусницын. - М.: Вита-Пресс, 2001. - 280 с.
2. Добродеев Д. Почему в Египте не любят "Аль-Джазиру" / Д. Добродеев. - ИТАР-ТАСС, 2014. 14 июн.
3. Мирзаян Г. Катару придется протрезветь / Г. Мирзаян // ЭКСПЕРТ ONLINE. 2012, 12 апрел.
4. Муқим Ҷ. Таъсири бухрони молиявӣ ба рушди матбуоти электронӣ дар ИМА / Ҷ. Муқим. [Захираи электронӣ] www.jovidmuqimwordpress.com
5. Муқим Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 144 с.
6. Орлов В. В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке / В. В. Орлов. – М: РИП-холдинг, 2003. – 101 с.
7. Самсонов А. Катар - карлик с амбициями империи / А. Самсонов // Военное обозрение, 2015. 15 март.
8. Усмонов И. ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон / И. Усмонов. – Душанбе: Сино, 2003. – 64 с.
9. Хоҷазод С. Нақши ВАО – и электронӣ дар ташаккули афкори ҷомеа / С. Хоҷазод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2015. - №4/3 (137). - С. 254 – 256.
10. Шафель Али Шаиф Хусейн. Эволюция состава новостных арабоязычных спутниковых телеканалов в начале XXI века (статья первая) / Шафель Али Шаиф Хусейн // Научные ведомости Белгородского государственного университета: Научный журнал. – 2014. - №6 (177). - Том 21. - ISSN 1990-5327.), с. 202 – 209.

МАНБАЪ

11. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net/portal
12. [Захираи электронӣ] http:// www.//www.bbc.com/arabic
13. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net تتويج الفائز بجائزة الشيخ حمد بن خليفة آل ثاني للقرآن الكريم بقطر 1436/6/11 هـ الموافق 2015/4/1 م
14. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net مجمع اللغة يوصي بزيادة المحتوى العربي 1436/6/17 هـ الموافق 2015/4/7 م
15. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net اشتباكات في طاجيكستان وأميركا تدعو رعاياها 1436/12/2 هـ الموافق 2015/9/5 م
16. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net قائد طاجيكي يهدد واشنطن بعدما دربته لمحاربة طالبان 1436/8/19 هـ الموافق 2015/6/7 م
17. [Захираи электронӣ] http:// www.//www.bbc.com/arabic قائد القوات الخاصة الطاجيكية ينضم للدولة الإسلامية سو 28.05.15
18. [Захираи электронӣ] http:// www.//www.bbc.com/arabic أمريكا تغلق سفارتها في طاجيكستان وسط مخاوف من موجة 5.09.15
19. [Захираи электронӣ] http:// www.aljazeera.net طالبان تطلق سراح أربعة جنود طاجيك بـ 1436/8/26 هـ الموافق 2015/6/14 م
20. [Захираи электронӣ] www. www.tojnews.org Чахор сарбози нерӯҳои сарҳадӣ аз асорати Толибон ба Тоҷикистон баргаштанд. 17 июн, 2015 – 08:31.

ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ СОМОНАҲОИ «АЛ-ҶАЗИРА» ВА «БИ-БИ-СИ» (BBC)

Дар таҳқиқоти мазкур шаклу василаи инъикоси воқеаҳои имрӯзаи Тоҷикистон дар сомонаҳои хориҷӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар заминаи маводи расонаҳои хабарӣ, ба хусус сомонаи маъмултарини оҷонсиҳои иттилоотии араб «Ал-Ҷазира» ва «Би-Би-Си (BBC)» воқеаҳои мубрами Тоҷикистонро аз нигоҳи сомонаҳои мазкур таҳлил намуда, нақш ва мавқеи онҳоро дар инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон нишон додааст.

Калидвожаҳо: нақш, ВАО-и электронӣ, Ал-Ҷазира, Би-Би-Си, муборизаҳои иттилоотӣ, ҳодиса, воқеа, Тоҷикистон, воқеият...

ОТРАЖЕНИЯ СОБЫТИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ САЙТОВ «АЛЬ-ДЖАЗИРА» И «БИ-БИ-СИ» (BBC)

В данном исследовании рассматриваются различные методы и средства используемое иностранными информационными агентствами для отражения новостных событий в Таджикистане.

На материалах различных информационных сайтов в частности наиболее известных - «Аль-Джазира» и «Би-би-си», автор анализирует освещение ими событий происходящих в Республике Таджикистан. На основа результатов данного анализе автором дается оценка роли и места этих агентств в отражении происходящих в Таджикистане событий.

Ключевые слова: роль, электронные СМИ, Аль-Джазира, Би-би-си, информационная война, событие, реальность, Таджикистан…

REFLECTION OF TAJIKISTAN EVENTS FROM THE POINT OF "ALJAZEERA" AND "BBC" SITES

In given research work different methods and ways of reflecting the current events in Tajikistan used by foreign informative agencies are covered.

On the materials of different informative sites, especially of the most popular "Aljazeera" and "BBC" the author analyzes the coverage of all key events taking place in Tajikistan by them. On the bases of results of given analyze the author has marked the role and place of these agencies in the impact of Tajikistan events.

Key words: role, electronic mass media, Aljazeera, BBC, informational wars, event, Tajikistan, reality…

Сведения об авторе: ***С. Каландаров*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранного языка факультета журналистики Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 955-05-44-60.** E–mail: **ihson@mail.ru**

БАРРАСИИ ПРОБЛЕМАИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР НАШРИЯИ "НИГОҲ"

М. Баҳромзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Проблемаҳои глобалӣ, аз қабили норасоии оби ошомиданӣ, қочоқи маводи мухаддир, терроризм ва ифротгароӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи кишварҳои зиёдро ба худ ҷалб намудааст. Ҳамарӯза мо шоҳиди куштори берањмонаи кӯдакону занон ва дигар шахсони бегуноҳ, аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ мегардем, ки дар ВАО мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, дар ҳама давру замон ҳалли чунин масъалаҳои муҳим, ки боиси нигаронии аҳли ҷомеа гаштааст, ниёз ба таҳқиқоту омӯзиш дорад ва дар ин ҷода муайян намудани мавқеи ВАО дар инъикоси ин проблемаҳо низ, дар мадди аввал меистад.

"Нигоҳ" аз қабили он нашрияҳои мустақилест, ки ба воқеаҳои ҷомеа аз нигоҳи дигар назар мекунад. "Нигоҳ" ҳафтаномаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва таҳлилӣ аст, ки онро Бунёди ҷумҳуриявии "Индем" (Информатика барои демократия ва рушди миллӣ) моҳи декабри соли 2006 таъсис додааст [1, 261]. Рӯзнома воқеаҳои дохилӣ ва хориҷиро ба таҳлил мегирад ва баҳо медиҳад. Профессор Иброҳим Усмонов қайд кардааст, ки "Нигоҳ дар бораи масъалаҳое менависад, ки баҳс сари он проблемаҳо зиёданд" [2, 58]. Нақши матбуоти ғайрирасмиро дар масъалаҳои муҳимми ҷомеа муҳаққиқони зиёд назаррас арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи тоҷик Нуриддин Бозоров вобаста ба нақши матбуоти мустақил ё ғайрирасмӣ гуфтааст, ба назар чунин мерасад, ки матбуоти мустақил дар баррасии масъалаҳои доғи рӯз пешдастӣ дорад [3, 286].

Проблемаи вобаста ба вазъияти Афғонистон, яке аз масъалаҳоест, ки ҳамавақт мадди назари нашрияи «Нигоҳ» қарор гирифтааст. Вобаста ба ин масъалаи муҳимми глобалӣ нашрияи мазкур назари коршиносон ва мутахассисонро дар саҳифаҳои худ дарҷ кардааст. Тавре дар як маводи таҳти унвони «Оғози баҳори хунини Афғонистон» Фирӯз Муҳаммад навиштааст, ҳарчанд Ғарб мегӯяд, нахоҳад гузошт Афғонистон ба як кишвари бебандубор ва лонаи терроризми ҷаҳонӣ мубаддал гардад, вале коршиносон назари дигар доранд. "Онҳо мегӯянд бо хуруҷи НАТО дигар шаке нест, вале дар Афғонистон ҷанги шаҳрвандӣ ба авҷи аълои худ хоҳад расид» ["Нигоҳ", 2012. 18 апрел].

Аз мақолаи мазкур бармеояд, ки бо вуҷуди ин ки тамоми кишварҳои ҷаҳон сари андешаи таъмини амният дар Афғонистон фурӯ рафтаанд, вале вазъият дар ин кишвар ҳамоно муташанниҷ аст. Коршиносон низ ин масъаларо қаноатбахш арзёбӣ намуда, иброз доштаанд, ки берун шудани НАТО аз ин сарзамини ноамн наметавонад ба ҷанги шаҳрвандии он хотима гузорад.

«Хуруҷ аз Афғонистон: соли 2014 ё пештар?»-матлаби дигари ҳафтаномаи “Нигоҳ” аст, ки он аз ҷараёни сафари навбатӣ ва басо ногаҳонии сарвари Пентагон ба Афғонистон ҷиҳати мушаххас кардани теъдоди аскарони ин кишвар баъди хуруҷ аз Афғонистон иттилоъ додааст. Ба ин восита “Нигоҳ” навиштааст, ки гарчанде вақти хуруҷи неруҳои НАТО соли 2014 муқаррар шудааст, аммо онҳо саъй доранд аз ин кишвар аз муҳлат пештар бароянд. “Ҳомид Карзай, президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар остонаи сафари Панетта изҳор дошта буд, ки кишвараш ҳатто хостори он аст, ки неруҳои хориҷӣ қабл аз вақти муайяншуда, яъне пештар аз соли 2014 Афғонистонро тарк кунанд. Сарвари Афғонистон хостори он шуд, ки НАТО ва ИМА раванди ба неруҳои афғонӣ таҳвил додани нуктаҳои муҳимми стратегиро тезонанд” [“Нигоҳ”, 2012. 19 декабр].

Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳарчанд НАТО ният надорад дар қасдаш тағдиди назар кунад, вале Вашингтон изҳор дошт, ки ин равандро хоҳад тезонд ва дар Афғонистон на бештар аз 10 ҳазор сарбозонро бокӣ хоҳад гузошт, дарҷ шудааст дар нашрияи “Нигоҳ”.

Масъалаи хуруҷи низомиёни ИМА аз Афғонистон суолест, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон ҳаммарзу бум мебошад, таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша масъалаи таъмини сулҳу суботро дар ин кишвари ҳамсоя матраҳ намуда, таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба он ҷалб намудааст. Ба навиштаи “Нигоҳ” таҳкими амнияти Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми асосиро ишғол менамояд. Дар робита ба ин “Нигоҳ” суханони Эмомалӣ Раҳмонро зимни вохӯрӣ бо намояндаи нави Иттиҳоди Аврупо рӯйи чоп овардааст: «Вобаста ба Афғонистон ҳадафи аслии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон, таъмини сулҳу субот, амният ва ҳаёти осоишта дар ин кишвар мебошад ва мо омодаем, ки баҳри расидан ба ин ҳадафҳо ҳамкории созандаро бо шарикони байналмилалии худ идома диҳем» (“Нигоҳ”, 2012. 25 июл).

Хуруҷи неруҳои НАТО аз Афғонистон, агарчӣ аз як ҷониб мустақил гаштани ин кишварро аз ҷиҳати ҳарбӣ нишон диҳад, аммо аз ҷониби дигар он метавонад барои пайдо шудани муноқишаҳои нисбатан нави кишварҳои абарқудрате чун Амрикову Покистон мусоидат кунад. Аз ин рӯ, “Нигоҳ” дар робита ба муайян намудани вазъи кишвари Афғонистон пас аз хуруҷи неруҳои НАТО мусоҳибаи Аймал Файзӣ-охирин сухангӯйи Ҳомид Карзайро дар саҳифаи худ нашр намудааст. “...раванди сулҳи Афғонистон ва пойдории субот дар ин кишвар ба Покистону Амрико ва дигар қудратҳои ҷаҳонӣ бастагӣ дорад, агар онҳо бихоҳанд, дар кӯтоҳ муддат сулҳ барқарор мешавад, вале агар нахоҳанд, умедвор шудан ба барқарории сулҳ дар 1 ё 2 соли наздик мушкил аст”, гуфтааст охирин сухангӯйи Ҳомид Карзай (“Нигоҳ”, 2014. 29 декабр). Аз мусоҳибаи мазкур “Нигоҳ” ба таври хулоса навиштааст, ки ин гуфтаҳо ба он маънист, ки мо кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд миёнбандро сахттар бандем, зеро ҳукумати нави Афғонистон аз террористон пуштибонӣ хоҳад кард.

Агарчӣ масъалаи хурӯҷи неруҳои НАТО аз Афғонистон яке аз масъалаҳои муҳимми глобалӣ дар таҳқиқи “Нигоҳ” маҳсуб ёбад, аммо мушоҳидаҳо нишон доданд, ки ин нашрия бевосита масъалаҳои дигари глобалӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароиро низ мадди назар гирифта, маводҳои зиёди таҳлилӣ омода намудааст. “Нигоҳ” навиштааст, ки гурӯҳҳои ифротӣ ягон кишвари мусулмоннишинро канор нагузошта, ҳатто қасд доранд Тоҷикистонро низ ба сифати ёрманди худ дар мубориза бар зидди Башор Асад, президенти Сурия истифода баранд. “Шояд кам касе ба ин эътибор дода бошад, ки шурӯъ аз оғози мухолифатҳои хунин дар Сурия аъзои Ҳизби таҳрир дар саросари олам, аз ҷумла, Тоҷикистон ба таблиғи зидди ҳукумати Башор Асад камар баста, шабу рӯз даст ба сиёҳ кардани он задаанд” [“Нигоҳ”, 2013.29 май].

Дар робита ба ин “Нигоҳ” низ чунин навиштааст, ки Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва “Ҷамоаи Ансоруллоҳ”-ро агар шуъбаҳои “Ал-Қоида” дар Осиёи Марказӣ унвон кунем, пас чаро хулоса накунем, ки онҳо дар оянда фаъоли инқилобҳо алайҳи режимҳои минтақа хоҳанд буд?

Дар мақолаи навбатии худ нашрияи “Нигоҳ” сабаби ҳама гуна дархӯриҳоро ба шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста намуда, онро воситаи амалишавии ҳадафҳои гурӯҳҳои мухолиф номидааст. Аз ҷумла, вобаста ба вазъи номатлуби Туркия “Нигоҳ” дар такя ба назари коршиносон навиштааст, ки Макс Жюрен, таҳлилгари амрикоии масоили амниятӣ менависад, ки Эрдуғон ғарқаи ҳалли мушкилоти Сурия шуд ва ният дошт обро лой карда, моҳӣ медорад, вале бехабар монд, ки аз дӯстони худ аз пушт корд мехӯрад. “Даступохӯрдагии сарвазири Туркия қобили дарк аст, “дӯстон”-и дирӯзааш, ки имрӯз аз ӯ даъват мекунанд, ки аз истифодаи неру зидди тазоҳуркунандагон даст кашад ва аз ҷониби дигар аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ мардумро ба майдонҳо мекашанд, талошҳои майдоннишинонро шабеҳи инқилобҳо ё худ хезишҳои мардумии ҷаҳони араб қаламдод мекунанд ва бо ин васила дар атрофаш домҳои фиребу дасиса мегузоранд”,-навиштааст “Нигоҳ”. Пас аз ин гуфтаҳо бармеяд, ки агар шабакаҳои иҷтимоиро дар замони ҳозира “силоҳ”-и ҳар гуна ҳаракатҳои мухолиф бар зидди дигар кишварҳо ном барем, хато намекунем.

Дар як дидораш аз пойгоҳи ҳарбии Кэмп-Пендлтон воқеъ дар штати Колифорния Барак Обама назари худро дар мавриди мубориза бо терроризм дар ҳузури бештар аз 3 ҳазор сарбоз ва афсари ҳарбӣ ин гуна иброз дошт: “Ба шарофати шумо роҳбарияти олии “Ал-Қоида” дар Афғонистон ва

Покистон дар садади торумор шудан қарор дорад. Ман аз ҷасорати дипломатҳо, хадамоти иктишофӣ ва ҳарбиёни мо, ки шабонарӯз кор карданд, то ин ки сафоратхонаҳо ва консулгариҳо ва шаҳрвандони мо дар хориҷ аз кишварро ҳимоя намуданд, ифтихор мекунам" ["Нигоҳ" , 2013. 14 август].

Аз навиштаи "Нигоҳ" бармеояд, ки Амрико бо қудрати ҳарбӣ ва амниятие, ки он дорад, тадриҷан хатари таҳдидҳои гурӯҳҳои террористие, чун "Ал-Қоида"-ро пушти сар мекунад. "Ал-Қоида" аз назари вазири хориҷии Амрико созмонест, ки акнун сояи он боқӣ мондааст, вале аз вуҷуди он дараке нест, навиштааст, "Нигоҳ" дар идомаи матн.

""Ал-Қоида" ва "Толибон" дар саҳнаи ҷиҳоди Миср"- номи як зерсарлавҳаи матлаби "Нигоҳ" аст, ки дар он гуфта мешавад, суқути ҳукумати ихвониҳо барои гурӯҳҳои дигаре, ки аз ислом ҳимоят мекунанд, хеле дардовар қабул шудааст. Зеро ҳатто ғарбе, ки демократия, озодии баёну андеша, интихоботи одилонаро тарғиб мекунад, дар мавриди Миср аз ҳарбиён пуштибонӣ намуд. Ин буд, ки ҳам "Ал-Қоида" ва ҳам "Толибон" сареҳан эълон карданд, ки билохира ба ҷиҳоди Миср хоҳанд пайваст. "Нигоҳ" аз ин мавзӯъ чунин натиҷагирӣ кардааст: "Толибон ҳукумати низомии ин кишварро ба қатли бегуноҳон муттаҳам намуд. "Ал-Қоида" бошад, расман ба тазоҳуроти Қоҳира пайваст ва ваъда ҳам дод, ки аз тариқбаи муборизаи худ бо ҳукуматҳои дастнишонда кор хоҳад гирифт ва "Бародарон"-ро хоҳад ба ин еваи муборизаи ошно кард" ["Нигоҳ", 2013. 21 август].

Ба навиштаи "Нигоҳ" зарфи ду ҳафтаи охир таҳаввулоти ҷиддие дар ҳалли бухронҳои минтақавии Ховари Миёна ба миён омад ва агар нек таҳлил шавад, метавон баръало пирӯзии дипломатияи Русияро мушоҳида кард. Ташаннуҷи авзоъ, ки баъди 20 августи соли 2013 дар бухрони Сурия ҳоким буд ва ин кишварро дар остонаи як ҷанг ва дахолату таҷовузи хориҷӣ қарор медод, тадриҷан ба оромиши нисбӣ бадал шуд. "Хашми Амрикову таҳдидҳои Обама фурӯ нишастанд ва олам як бори дигар шоҳид шуд, ки қудратҳо дар сурати озмудани неру метавонанд роҳи ҳаллеро пайдо кунанд, ки ҳадди ақал хунрезӣ ва хушунатро коҳиш диҳад. Талоши Маскав барои роҳ надодан ба дахолату интервенсияи хориҷӣ ба Сурия самара дод. Амрико роҳи дипломатии ҳалли бухронро пазируфт, вале ин роҳ аз ҷониби Маскав пешниҳод шуд" ["Нигоҳ", 2013. 2 октябр]. Бо овардани чунин корнамоиҳои Русия "Нигоҳ" собит сохтааст, ки иқдоми Русия як минтақаи муҳимми оламро аз хатари бесуботӣ наҷот дод. Ҳоло, ки ҷанг миёни гурӯҳҳо идома дорад, менависад "Нигоҳ", боз ҳам Маскав бар ин умед аст, ки бо коҳиш додани кумаки силоҳ ба мухолифони Асад, метавон ҷилави хунрезиҳои аз ин бештарро гирифт.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз тамоми ҷаҳон, бахусус кишварҳои исломиро таҳдид ва нигарон кардааст, ин ифротгароӣ ва гароиши ҷавонон ба он мебошад. Нашрияи "Нигоҳ" маводҳои зиёди таҳлилиеро дар робита ба ин масъала нашр намуда, сабабҳо ва паёмадҳои онро ба кишварҳои Осиёи Миёна пайгирӣ намудааст. Аз ин рӯ, лозим донистем чанд маводи "Нигоҳ"-ро дар ин самт мавриди пажӯҳиш қарор диҳем. Дар як матлаби худ зери унвони "Хилофате бо сарнавишти номаълум" нашрияи "Нигоҳ" яке аз ҳадафҳои гурӯҳҳои ифротиро дар доғдор намудани дини мубини ислом ном бурда, нишон додааст, ки дар ин ҷода Ғарб ба муваффақият ҳам ноил шудааст.

"Нигоҳ" менависад, ки охири садаи гузашта давлати навпои муҷоҳидин дар Афғонистон тавассути исломгароёни номниҳоде бо исми Толибон заъиф ва аз садри Кобул берун ронда шуд. Толибон муддати каме бештар аз 5 сол ҳокимият карданд ва боз ҳамон ғарб бо сенарияи дигар онҳоро ҳам аз салтанат берун ронд. Вале муваффақ шуд чеҳраи Исломро мағшушу олуда бо хуну террор ба ҷаҳониён ба намоиш гузорад. "Чун Толибон бо ҳамон андешаи асримиёнагӣ тавре амал карданд, ки то дергоҳ ғубори он аз чеҳраи Ислом пок намешавад" ("Нигоҳ", 2014. 9 июл). Илова бар ин, "Нигоҳ" бар ин назар аст, ки Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ) низ тибқи ҳамон сенария аст, вале ба гунаи даҳшатафкантар, акнун ду мазҳаби маъруф дар Ислом теғ ба рӯйи ҳам мекашанд. Хилофат давлати сунниҳост ва шиамазҳабонро лозим меояд баҳри қаламрав ва ояндаи будану мондани худ даст ба пайкор зананд.

ДИИШ чӣ гуна созмон ҳаст ва ҳадафи он аз чӣ иборат аст? Дар робита ба ин "Нигоҳ" мусоҳибаи Абдулборӣ Атавон, таҳлилгари машҳури масоили сиёсии кишварҳои арабӣ рӯйи нашр овардааст, ки фишурдаи онро барои мисол меорем: "Абдулборӣ Атавон, раиси рӯзномаи электронии "Раъюлявм"-и чопи Лондон ва яке аз "Ал-Қоида"-шиносони шинохтаи Ховари Миёна дар посух ба суоли "Оё аҳди "Ал-Қоида" ба охир расидааст ҷойи онро созмони "ДИИШ" гирифтааст ё хайр? мегӯяд: ДИИШ, вориси аслии Созмони "Ал-Қоида" аст, лекин дар шакли ибтидоии он не. ДИИШ тавонистааст, ҳамон стратегияеро амалӣ созад, ки "Ал-Қоида" онро дар замони раҳбарии Усома бин Лодан амалӣ мекард" ("Нигоҳ", 2014.3 сентябр). Ба андешаи Атавон, айни замон ин созмон ба куллӣ мустақил шуда, талош дорад, ҳамин чеҳраи пешрафтаи худро ба намоиш гузорад. Ин созмон аз чор се ҳиссаи Сурия ва аз чоряк ҳиссаи Ироқро зери тасарруфи худ даровардааст. Ин ҳама ба он оварда расонидааст, ки ДИИШ ба ягон ҳукумат итоат намекунад, навиштааст "Нигоҳ" дар идома.

Аммо пажӯҳиши маводҳои минбаъдаи "Нигоҳ" нишон дод, ки гарчанде ДИИШ созмони мустақил буда, ба ягон ҳукумат итоат намекунад, вале барои муқобилият нишон додан бар зидди он гурӯҳи нави террористие бо номи "Хуросон" таъсис дода шудааст, ки ба иттилои расонаҳои амрикоӣ он душмани рақами 1-и Иёлоти Муттаҳида маҳсуб мешавад. Дар ин бора аз ҷумла нашрияи "The New York Times" навиштааст, ки гурӯҳи "Хуросон" аз шохаҳои қавии "Ал-Қоида" буда, тавассути Муҳсин

ал Фазлӣ, ки шаҳрванди Қувайт аст, роҳбарӣ мешавад. Ба навиштаи “Нигоҳ” бисёре аз ниҳодҳо ва шахсиятҳои Русия дар ибрози назарҳои худ дар мавриди муборизаи Амрико алайҳи “Давлати исломӣ” ба ин нукта ишора доштанд, ки ин ҷунбиш ва ҷунбишҳое мисли он парвандаи сервисҳои махсуси Амрико ҳастанд, ки барои даст ёфтани ин кишвар ба ҳадафҳои стратегиаш дар нуқоти мухталифи ҷаҳон шакл дода мешаванд. “Ҳамин мавзӯъ дар “душмани рақами яки Амрико” эълон шудани гурӯҳи “Хуросон” низ сидқ пайдо мекунад” (“Нигоҳ”, 2014.1 октябр). Аммо чизи муҳимме, ки нашрияи “Нигоҳ” тавассути ин мақола ба он ишора кардааст, ин номгузории ин гурӯҳи террористӣ ба исми як музофоти форсизабонон аст.

Дар ҳоле ки, то ҳол ҳама гурӯҳҳое, ки Амрико онҳоро “гурӯҳҳои исломии ифротӣ” муаррифӣ мекард, менависад “Нигоҳ”- исмҳои арабӣ доштанд, ин бор гурӯҳе ба истилоҳ ташкил шудааст, ки номи форсӣ дорад. Хуросон, ки аз нигоҳи ҷуғрофиёӣ дар гузаштаи начандон дур минтақаи азиме аз Эрон то Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро дар бар мегирифт, имрӯз номи се вилоят дар Эрон аст. “Бо номгузори ин гурӯҳ чанд ҳадаф дар назар аст: ҳарчи бештар ҷазб кардани ҷавонони ин минтақа ба гурӯҳҳои бо ном исломии дар асл террористӣ, дар тарсу ваҳшати бештар нигоҳ доштани ҳокимони минтақа, фароҳам кардани замина барои дахолатҳои низомии Амрико дар минтақа, тақвият кардани ҳизбу ҳаракатҳои мухолиф дар ин кишварҳо...”. Аз ин гуфтаҳои “Нигоҳ” бармеояд, ки гурӯҳи террористии “Хуросон пойи низомиёни Амрикоро ба Осиёи Миёна низ хоҳад кашид.

Вале бо вуҷуди ин Амрико, аллакай, иқтидори ба пуррагӣ нест кардани ДИИШ-ро надорад. Зеро он шоҳиди пуркувват гаштани ин гуна неруҳо аз ҳисоби дигар кишварҳо гаштааст. “Нигоҳ” навиштааст, ки Амрико тӯли каме бештар аз як даҳсола ба сеюмин ҷанги густарда доман мезанад ва Барак Обама аз ҳоло мегӯяд, ки ҷанг бо ДИИШ кори як солу ду сол нест. Ва боз ин дар ҳолест, ки ДИИШ ва созмонҳои дигари шабеҳи он сохтаву бофтаи ҳамин кишваранд. “Созмонеро, ки замоне ба хотири барандозии як низоми худкома дар минтақа сармоягузорӣ карда буд, имрӯз домангири худи ӯ шуда ва шояд миллиардҳо доллари дигарро масраф мекунад, то ҳадди ақал хуруҷи шармандаворашро таъмин созад”,- навиштааст “Нигоҳ”. Ҳамин аст, ки Институти медиа-мониторинги Ховари Миёна тарҷумаи як пора аз муроҷиати мубаллиғи мисрӣ Салом Абу-ал-Футуҳро интишор дод. Вай дар суҳбати худ бо боварӣ изҳор дошт, ки Хилофати исломӣ ҳамаи кишварҳои Ғарбро ишғол мекунад. Нашрияи “Нигоҳ” баъзе иқтибосҳоро аз суханони ин мубаллиғи мисрӣ овардааст: “Миллати ислом боз хоҳад гашт. Сарфи назар аз буҳрони кунунӣ ва такаббураш Ғарб нобуд мешавад. Онҷуноне, ки Аллоҳ Импературиҳои Византия ва Форсро бо дастони мусулмонон нобуд сохта буд, ҳамон гуна Ғарбро бо дастони мусулмонон нобуд месозад. Ҳамаи кишварҳои Ғарб Исломро қабул хоҳанд кард” (“Нигоҳ”, 2015. 27 январ). Чуноне ки маълум гашт, агар аз як ҷониб Ғарб созмонҳои ифротгароро худ таъсис дода ва манфиатҳояшро амалӣ кардан мехоҳад, аз ҷониби дигар ин созмонҳо метавонанд билохира ба ин кишвар таъсир расонанд, ки матали “Теша ба решаи худ задан”-ро ба ёд меорад.

Дар ҳамин ҳол аз маводи навбатии “Нигоҳ” бармеояд, ки муроҷиати мубаллиғи мисрӣ Салом Абу-ал-Футуҳ, ки гӯё оқибат ҳамаи кишварҳои Ғарб исломро қабул мекунанд ба ҳақиқат наздик шуда истодааст. Аз ҷумла, “Нигоҳ” дар такя ба расонаҳои фаронсавӣ хабар додааст, ки ҳамлаҳои зиддиисломӣ ва тарғиботу таблиғоти исломситезонаи расонаҳои Ғарб дар Аврупо ва бахусус дар Фаронса пас аз ҳамлаҳои террористӣ ба идораи маҷаллаи танзии “Шарли Эбдо” натиҷаи баръакс додааст. “Масъулини масҷиди марказии Порис, пойтахти Фаронса ба хабарнигорон гуфтаанд, ки дар моҳи январи соли ҷорӣ 40 ҳолати мусалмон шудани фаронсавиҳоро ба қайд гирифтаанд, ҳол он ки дар январи соли 2014 ба 22 нафар Шаҳодатномаи пазириши Исломро додаанд” [“Нигоҳ”, 2015. 18 феврал].

Ҳамзамон дар “Нигоҳ” хабар дода мешавад, ки аз ҷониби гурӯҳе аз фаъолони исломгаро дар Фаронса Ҳизби демократии исломӣ ташкил шуд ва дар як муддати кӯтоҳ тавонист беш аз 800 узв ва 9 ҳазор ҷонибдор пайдо карда, дар интихоботи маҷлисҳои маҳаллӣ ширкат кунад.

“Нигоҳ” дар робита ба авҷгирии ДИИШ ба дигар кишварҳои абаркудте чун Чин навиштааст, ки ин кишвар тамоми имконоташро истифода мекунад, то қадами ДИИШ ба марзҳояш нарасад, Шинҷону Уйғурро ба ҳаракат надарорад ва аз ҳамон даҳлези Осиёи Марказӣ ба сӯйи Русия ҳаракат кунад. “Аммо чанд амали террористии як-ду соли ахир дар Шинҷону Уйғур нишон медиҳад, ки зуҳури ДИИШ дар дохили марзҳои Чин низ эҳтимолияти зиёд дорад” (“Нигоҳ”, 2015. 4 феврал).

Пас аз ин бармеояд, ки имрӯз хатари ДИИШ ё “Давлати исломӣ” на танҳо кишварҳои мусулмоннишинро таҳдид дорад, балки кишварҳои ғайримусалмонӣ ҳам яке аз ҳадафҳои он маҳсуб мешаванд. “Он чӣ имрӯз дар Ховари Миёна мегузарад, дуруст таърихи 1400 соли пешро ба хотир меорад. Агар таҳрикҳои 1400 сол пеш дар ҷазираи Араб имрӯз таърих бошанд, ҳоло намуна ва ё “миф”-е барои муддаиёни хилофати кунунӣ шудаанд”,-навиштааст “Нигоҳ” дар як матлаби худ таҳти унвони “Ҷанги Арабу Аҷам”. Ба навиштаи “Нигоҳ” агар он замон Хилофати Араб худ қудрат буд, ҳоло қудратҳои ҷаҳонӣ ин хилофатро мехоҳанд аз рӯё ё миф ба воқеият табдил диҳанд ва ё таҳти шиори он олами исломро ба ҳам дарандозанд. Ҷанги Арабу Аҷам 1400 сол пеш набарди ду қудрати ҷаҳонӣ буд, ин навбат қудратҳои дигар онҳоро меҷангонанд.

Аз таҳқиқи қисмати бештари матолиби “Нигоҳ” маълум мегардад, ки хатари созмонҳои террористӣ на танҳо кишварҳои Ғарбро таҳдид мекунад, балки эҳтимолияти сар задани онҳо ба сарзамини Осиёи Марказӣ низ вуҷуд дорад. СММ бо пахши як гузориш гуфтааст, ки тайи се моҳи

охир дар Афғонистон 655 афроди мулкӣ кушта ва 1155 тани дигар захм бардоштаанд. Ин ҳодисаҳо барои Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ чӣ паём доранд, таҳлилгари "Нигоҳ" чунин навиштааст: "Сар задани 28 сарбози ҳукуматӣ дар Бадахшон аз сӯйи ҷомасиёҳони ДИИШ ва як пулис дар Самангон аз сӯйи Ҳаракати исломии Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки дар Афғонистон як ҷанги дигар оғоз шудааст ва ҳадафи он ҳамоно Осиёи Марказӣ аст"["Нигоҳ",2015.15 апрел]. Пас метавон хулоса бароварда, ки рӯзе фаро хоҳад расид, ки аз кишварҳои шимоли Афғонистон ҳаракатҳо ба ин сӯйи Ому шурӯъ шаванд.

Ҳамин тавр таҳқиқи нашрияи "Нигоҳ" нишон дод, ки он дар саҳифаҳои худ аз соли 2012 то 2014 бештар роҷеъ ба масъалаи Афғонистон, хусусан хурӯҷи неруҳои Амрико ва НАТО-ро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, дар ин маврид ақидаи коршиносон ва муҳаққиқонро хеле назаррас пайгирӣ кардааст. Аммо қисмати охири он, яъне солҳои 2014-2015, бештар ба масъалаҳои терроризму экстремизм, таҳдиду паёмадҳо ва роҳҳои пешгирии ин зуҳороти номатлуб аз ҷониби абарқудратҳо бахшида шудааст.

Таҳқиқи матолиби нашрияи «Нигоҳ», нишон дод, ки нашрия бештар матолиби худро дар самти шарҳи ҳодисаву рӯйдодҳои муҳимми на танҳо Тоҷикистон, балки берун аз он низ мавриди омӯзиш қарор додааст. Бештар матлабе, ки ба вазъи имрӯзаи кишварҳои абарқудрат, аз қабили ИМА, Эрон, Афғонистон, Сурия ва дигар кишварҳои ҷаҳон бахшида шудаанд, дар шакли мақола ба хонандагон пешниҳод гаштаанд. Аз нигоҳи жанрӣ масъалаҳои глобалӣ дар саҳифаҳои "Нигоҳ" бештар дар шакли мақолаҳо нашр гаштаанд. Мусоҳиба низ дар қисмати ками ин ҳафтанома дида мешавад, ки онро аз ВАО-и хориҷӣ бознашр кардааст. Кам андар ками масъалаҳои глобалӣ дар "Нигоҳ" дар жанри хабар навишта шудаанд. Усули дигаре, ки нашрияи "Нигоҳ" дар баррасии масъалаҳои муҳимми ҷомеа ва ҷаҳон аз он ба таври фаъол ва хеле ба истилоҳ "профессионалӣ" истифода бурдааст ин хулосаи матбуоти хориҷӣ оиди терроризму экстремизм мебошад, ки дар шакли иқтибос оварда шудааст. Чунин усул яке аз фарқиятҳо ва бартариятҳои ин ҳафтаномаро аз дигар нашрияҳои кишвар нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки ҳафтаномаи «Нигоҳ» дар муқоиса бо дигар нашрияҳо, аз ҷумла «Ҷумҳурият» дар саҳифаҳои худ ба масъалаҳои марбут ба захираҳои обӣ, наҷоти Баҳри Арал, қочоқи маводи мухаддир ва амсоли инҳо таваҷҷуҳи кам зоҳир намуда, бештар масъалаи таъмини сулҳу субот ва амният дар Афғонистон ва терроризму экстремизмро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар бораи Афғонистон навиштани нашрияи «Нигоҳ» дар саҳифаҳои худ як навъ ҳамрайъӣ ва ҷонибдории нашрия ба мавқеи Президент атрофи ин кишвар низ мебошад. Нашрияи мазкур дар масъалаи сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои Президент ягон зиддият нишон надода, балки он маводеро, ки нашрияҳои расмӣ ба таври ошкоро навишта наметавонистанд, ин нашрия рӯйи чоп овардааст.

ЛИТЕРАТУРА

1. Усмонов И. История таджикской журналистики / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008. - 280 с (на тадж. яз.).
2. Усмонов И. Журналистика. Т. 3. / И. Усмонов. – Душанбе, 2008. - 448 с (на тадж. яз.).

ИСТОЧНИКИ

3. Бозоров Н. Роль Сафарнаме (путевых заметок) в таджикской прессе / Н Бозоров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 4/1(159). - 312 с (на тадж. яз.).
4. Газета "Нигох" - 2012, 2013, 2014, 2015 г.

БАРРАСИИ ПРОБЛЕМАИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР НАШРИЯИ "НИГОҲ"

Дар ин мақола тарзу василаи инъикоси проблемаи терроризм ва экстремизм, ба хусус вазъи Афғонистон дар давоми солҳои 2012 – 2015 дар нашрияи "Нигоҳ" мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводи марбут ба тероризм, нақши нашрияи "Нигоҳ"- ро дар инъикос ва баррасии проблемаҳои глобалии замони муосир муайян намуда, мавқеъгирии коршиносони алоҳидаро доир ба ин масъала нишон медиҳад. Ба хусус ба масъалаи Афғонистон ва фаъолияти гурӯҳҳои террористие чун "Толибон", "Ал-Қоида" ва ДИИШ бештар таваҷҷуҳ шуда, ҳадафҳои ин созмонҳо ошкор гардидааст.

Калидвожаҳо: ВАО, «Нигоҳ», терроризм, экстремизм, НАТО, ДИИШ, Ал – Қоида, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Афғонистон , коршинос, мушкилот.

АНАЛИЗ ПРОБЛЕМ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА В ГАЗЕТЕ "НИГОХ"

В данной статье анализируется освещение проблем терроризма и экстремизма в газете "Нигох", как одной из глобальных проблем. В статье особое внимание уделяется ситуации Афганистана в период 2012-2015 годов, с выходом вооружённых сил НАТО с этой страны. Также определяется позиция соседних стран Афганистана, в частности Таджикистана в обеспечение мира и согласия в этой стране. Особое внимание уделяется материалам, посвящённым террористической организации "Исламское государство Ирака и Леванта" (ИГИЛ) и его влияние на спокойствие стран мира. Также в статье анализируются политические взгляды экспертов о проблемах террорризма и экстремизма.

Ключевые слова: СМИ, «Нигох», Средная Азия, Таджикистан, терроризм, экстремизм, Афганистан, НАТО, ИГИЛ, Аль-Каида, эксперт, проблема.

ANALYSIS OF THE PROBLEMS OF TERRORISM AND EXTREMISM IN THE NEWSPAPER "NIGOH"

This article analyzes the coverage of terrorism and extremism in the newspaper "Nigoh" as one of the global problems. In the article special attention is paid to the situation of Afghanistan for the period of 2012-2015 years, with the withdrawal of NATO armed forces from this country. Also is

determined the position of surrounding countries to Afghanistan, in particular Tajikistan in ensuring peace and accord in this country. Special attention is paid to the materials dedicated to the terrorist organization "Islamic state of Iraq and the Levant" (ISIL) and its impact on the tranquility of the world. The article also analyzes the political views of experts on the problems of terrorism and extremism.

Key words: Media, "Nigoh", Central Asia, Tajikistan, terrorism, extremism, Afghanistan, NATO, ISIL, al-Qaeda, expert, problem.

Сведения об авторе: ***М. Бахромзода*** - докторант философии (Ph.D), факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 934-65-06-04**

ДОИР БА ЯК РӮЗНОМАИ МУЗОФОТӢ

С. Ғоибов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқ М. Муродов дар бораи проблемаҳои таҳқиқ дар илми журналистикаи тоҷик андешаронӣ намуда, барҳақ қайд мекунад, ки: "Матбуоти музофотии Тоҷикистон дар умри наздик ба садсолаи худ ҳамчун сарчашмаҳои кашфношуда паҳлуҳои зиёди мавриди таҳқиқро ба вуҷуд овардааст, ки нигарони пажӯҳишанд. Хуб аст, ки дар замони Истиқлол ба пажӯҳиши матбуоти маҳаллӣ таваҷҷуҳи илмӣ ба вуҷуд омадааст [7, 109-114].

Воқеан, дар шароити муосир дар контексти илмии журналистикаи тоҷик матбуоти маҳаллӣ ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Пажӯҳиши он на танҳо илми таърихи матбуоти ватаниро ғанӣ мегардонад, балки сабақҳои таърихӣ ва касбиро ошкор месозад.

Дар солҳои сиюми асри гузашта Кумитаи марказии Ҳизби коммунист (болшевикӣ)-и Тоҷикистон бо мақсади рушди матбуоти даврӣ ва беҳтару хубтар ба роҳ мондани кори матбуот ва ҳаракати мухбирони коргару деҳқон як қатор қарорҳоро қабул кардааст, ки қарор «Дар бораи аз нав ташкил кардани шабакаи газетаҳо бинобар барҳам дода шудани округҳо» (аз 11 августи соли 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (аз 16 октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (аз 11 ноябри соли 1930) аз ҷумлаи онҳост.

Дар заминаи ин қарорҳо дар ин даҳсола дар минтақаву навоҳии кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, таъсиси рӯзномаҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шуд. Ҳукумати вақт ба ҳамин восита мехост, ки ҳарчи бештар миёни омма, ғоя ва андешаҳои ҳизбиро пурзӯр гардонад. Баъзе муҳаққиқон дар хусуси пайдоиши нашрияҳои ҷамоҳири шӯравӣ, минҷумла, рӯзномаҳои маҳаллӣ сухан ронд, омили зуҳури онҳоро ба талаботи сиёсати давр ва ҳадафи баланд бардоштани саводнокии мардум нисбат медиҳанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ А. Азимов менависад: «Давлат ва Ҳукумати Шӯравӣ бо таъсири ҷумҳуриҳои миллӣ ва инкишофи сохтор ва иқтисоди онҳо барои амали гардонидани ниятҳои худ аз қувваи матбуот хуб истифода бурд. Охири солҳои бистум ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон низ таъсис шуда, матбуот ва дар ин замина журналистикаи он ташаккул ёфт» [2, 5]. Муҳаққиқ Носирҷон Маъмурзода дар китоби худ, навиштааст, ки «Ҳадафи аслии КМ ҲК Тоҷикистон аз таҳия ва тасвиби ин қарорҳо таъсис додан, қавӣ кардан ва васеъ намудани шабакаи рӯзномаҳои ноҳиявӣ дар ҷумҳурӣ арзёбӣ мешуд» [6, 33].

Дар солҳои 1930 - 1940 дар ҳудуди Тоҷикистон нашрияҳои зиёде рӯйи чоп омада теъдодашон хеле афзуд. Ин ҳолат имкон ба вуҷуд овард, ки доманаи иттиколи масъалаву мавзӯъҳо зиёд ва сатҳи фарогириашон гуногун гардад. Аммо дар ин даҳсола масъалаҳое амсоли партофтани фаранҷӣ, ҳуруфи забони форсӣ, уруфу одатҳои халқӣ, бавежа тоҷикон дар сархати нашрияҳо қарор доштанд ва интиқодона баррасӣ мегардиданд. Барои дар доманаи васеъ фаро гирифтани паҳлуҳои ин масоил ва тарғибу ташвиқи зарарнокии онҳо дар байни мардум, аз мухбирони коргару деҳқон истифода мешуд. Ин усул ба тадричан зиёд гардидани хонандагон замина мегузошт. Дар ин хусус Ҷӯра Усмонов навиштааст: «Баробари тараққиёти матбуоти маҳаллӣ сафи хонандагони газетаҳо ва мухбирони коргару деҳқон низ торафт меафзуд. Масалан, агар дар соли 1925 мухбирони коргару деҳқон ҳамагӣ даҳҳо бошанд, пас дар соли 1935 шумораи онҳо ба 6852 нафар расид» [9, 11-12]. Дар зиёд гардидани теъдод ва доираи хонандагон, аз як тараф, мундариҷаи нашрияҳо мусоидат мекард, аз сӯйи дигар, эътибори ҳизбу ҳукумати вақт нақши муҳимтар мебозид. Чунончи М. Ҷураев менависад, ҳизби айём ба тараққии матбуот аҳамаияти бештар медод ва зиёд кардани теъдоди муштариён, хабарнигоронро яке аз омилҳои асосии ривоҷи матбуот дар байни омма медонист [12, 120].

Ба навиштаи муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик Иброҳим Усмонов ва Давлат Давронов, ҳукумат ба матбуоти тавлидшудаистодаи аҳолии маҳаллӣ аҳамияти аввалиндараҷа медод, зеро ҳадафаш ин буд, ки тавассути корҳои таблиғотӣ он бояд ба дили оммаи меҳнаткашон роҳ ёфта, обрӯ, таъсири ҳизб ва Ҳукумати Шӯроиро дар байни коргарон ва деҳқонон таъмин мекард [10, 44].

Ин ва дигар маълумотҳо ба мо имкон медиҳад, ки доир ба вуҷуд омадани матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон ду омилро асосӣ ҳисобем:

1) Ҳукумати Шӯравӣ мехост ба воситаи матбуот мардумро босавод кунад;
2) ба воситаи рӯзномаҳо сиёсати худро амалӣ созад.

Нақши матбуот дар ҳама давру замон муҳим буд ва боқӣ мемонад. Ба воситаи матбуот метавон ҳар кори бузургеро анҷом дод, ки он корҳоро ба воситаи яроқу аслиҳа анҷом додан ғайри имкон аст. Дар солҳои 30-юм ҳокимони давр инро хеле бо хубӣ дарк карданд. «Матбуоти даврагӣ аз аввалин рӯзҳои мавҷудияти худ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва мадании республика мавқеи бузургро ишғол намуда, диққати асосиро ба кори ташкил ва мустаҳкам намудани ташкилотҳои партиявӣ (ячейкаҳо)-и советҳои қишлоқ медод» [11, 234]. Албатта, барои рушди матбуот низ мушкилот вуҷуд дошт. Дар солҳои аввали таъсисёбии матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон низ мушкилот вуҷуд дошт. Натанҳо кори рӯзноманигорӣ мушкилот дошт, балки ба ҷони рӯзноманигорон баъзан таҳдидҳо мешуд. «Мувофиқи маълумотҳои прокуратураи республика дар соли 1929 фақат аз рӯйи хабарҳои мухбирони коргару деҳқон органҳои РСС Тоҷикистон 131 нафар шахсонро ба ҷавобгарӣ кашида буданд, аз ин ҷумла, 2 кас барои поймол намудани ҳуқуқи мухбирони коргару деҳқон ба ҷиноят кашида шуда буд» (Советский Таджикистна, 1930, 5-уми май). Дар ҳамин хусус М. Р Шукуров менигорад, ки дар солҳои сиюм мухбири қишлоқии райони Исфара Исмоилзодаро захр доданд, мухбири фаъоли Ленинобод Пӯлодҷон Бобоев ваҳшиёна кушта шуда буд. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот дар Тоҷикистон рӯз аз рӯз шумора ва теъдоди рӯзномаҳо хеле зиёд мегардид.

Дар партави ҳамин қарорҳо ва тасмимгириҳои ҳукумати маҳаллӣ дар ноҳияи Айнӣ (Заҳматобод) дар нимаи аввали солҳои 30-юм рӯзномае бо номи «Чорводор» таъсис дода шуд. Аммо дар хусуси соли нашри ин рӯзномаи маълумотҳо гуногунанд. Мувофиқи нигоштаи муҳаққиқ Давлат Давронов «Соли 1930 дар ноҳия (Айнӣ - С.Ғ.) аввалин рӯзнома таҳти унвони «Чорводор» нашр карда мешавад. Аз соли 1932 ин рӯзнома бо номи «Зарбдор» баъдтар таҳти унвони «Барои чорводори сотсиалистӣ» нашр шудааст [5, 12]. Муаррих Қаҳори Расулиён маълумоти дигареро пешниҳод мекунад. Бино ба навиштаи ӯ «Рӯзномаи «Барои чорводори сотсиалистӣ» нашрияи Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Заҳматобод (Айнӣ), аз соли 1935 ҳафтае се маротиба бо забони тоҷикӣ нашр мешуд» [7, 76]. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» низ ба ҳамин маълумот дучор мешавем, «Барои чорводори сотсиалистӣ» аз соли 1935 бо забони тоҷикӣ нашр мегардад».

Дар моҳи августи соли 1984 рӯзномаи «Меҳнат» ба ифтихори 50 солагияш нашри махсусро барои хонандагонаш пешниҳод кардааст. Муҳаррири рӯзнома Субҳон Тӯйғун дар бораи таърихи пайдоиши нашрия сухан ронда, аз ҷумла навиштааст: «…. 50 сол пеш бошад, вақте ки моҳи августи соли 1934 дар район (Айнӣ) шумораи аввалини газетаи «Барои чорводори сотсиалистӣ» аз чоп баромад, дар назди он вазифаҳои нисбат ба ҳамон давра басо азиму масъулиятнок меистод» (Меҳнат, 1984.-9-20). Аз ин нигоштаҳо бармеояд, ки рӯзнома дар соли 1934 рӯйи чоп омадааст. Дар шиносномаи рӯзнома низ соли аввалин бароиши он 1934 нишон дода шудааст. Гумони ғолиб он аст, ки рӯзнома дар соли 1930 ба вуҷуд наомадааст. Аз тарафи дигар, таърихи таъсиси рӯзномаи «Коммунисти Панҷакент», ки ба соли 1931 рост меояд, андешаи дар соли 1930 ба табъ расидани «Чорводор»-ро зери суол меорад. Табиист, ки шаҳри Панҷакент нисбат ба ноҳияи Айнӣ ба марказҳои фарҳангӣ наздиктар ва имконияти бештари таъсиси рӯзномаро дошт. Эҳтимол меравад, ки таъсиси рӯзнома аввал дар шаҳри Панҷакент ва баъд дар ноҳияи Айнӣ рух дода бошад.

Омӯзиш нишон дод, ки рӯзномаи «Меҳнат» чанд даврараро паси сар кардааст. Агар даврараҳои ташаккули рӯзномаро мушаххасан муайян карданӣ шавем, онҳоро ба чор давра ҷудо кардан мумкин аст:

1) аз замони таъсис то соли 1941;
2) баъди ҶБВ то соли 1965;
3) аз соли 1966 то 1990;

4) аз соли 1991 то имрӯз.

Ин давраҳоро ба тарзи мушаххас шарҳ медиҳем.

1. Дар марҳилаи аввал рӯзнома унвони «Чорводор»-ро дошт ва асосан ба соҳаи чорводорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ эътибор медод. Дар солҳои аввалини таъсисёбӣ рӯзнома дар ҷамоатҳо низ мухбирони худро дошт, ки дар бораи вазъи колхозу совхозҳо ва дигар соҳаҳо хабарҳо навишта ба идораи нашрия равон мекарданд. Бо сар шудани ҷанг фаъолияти рӯзноманигорон ва мухбирони коргару деҳқон дар ин рӯзнома кам шуд. Дар солҳои ҶБВ интишори он камтар шуд.

2. Дар оғози марҳилаи дуюм рӯзнома бо номи «Барои чорводори сотсиалистӣ» чоп мешуд. Аз соли 1950 рӯзнома «Роҳи коммунизм» ном гирифт. Муҳаққиқ Давлат Давронов соли таҳйири номи рӯзномаро соли 1963 медонад. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» низ дарҷ гардидааст, ки рӯзномаи мазкур аз соли 1950 бо номи «Роҳи коммунизм» чоп мегардад. Бо шиносоӣ бо бастаҳои рӯзнома мо мутмаин шудем, ки воқеан рӯзнома соли 1950 номи «Роҳи коммунизм»-ро гирифта, бо ҳамин ном то соли 1960 дарҷ гардидааст. Баъдан рӯзнома бо сабабҳои номаълум тӯли 5 сол - аз соли 1960 то 16-уми апрели соли соли 1965 фаъолияташ қатъ гардидааст. Аз 16-уми апрел то декабри соли 1965 ин рӯзнома дар якҷоягӣ бо рӯзномаи «Зарафшон» чоп мешуд. Яъне, нашрияи Кумитаи ҳизбӣ ва Кумитаи Шӯрои намояндагони халқи ноҳияҳои Панҷакент ва Айнӣ якто шудааст. Албатта, рӯзнома дар ин давра ҳам аз лиҳози банду баст ва ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа хеле пеш рафт. Дар рӯзнома дар паҳлуи мавод гоҳо аксҳо низ инъикос мегардид. Ҳамчунин дар муқоиса ба давраи аввал, ки бештар хабару мақола ба назар мерасад, ин ҷо жанрҳои лавҳаву очерк пайдо шудааст.

3. Аз моҳи январи соли 1966 рӯзнома дар алоҳидагӣ бо номи «Меҳнат» чоп мешавад. Ин марҳилаи инкишофи нашрияро метавон «замони тиллоӣ» номид. Рӯзнома тамоми масъалаҳои мубрами рӯз аз қабили хоҷагии қишлоқ, санъату фарҳанг, сиёсат ва ҳатто варзишро пайгирӣ кардааст. Ҳамчунин дар охирҳои солҳои 1980 доираи мавзӯоти нашрия васеъ гардида, ба масъалаҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта дахолат намудааст. Адади нашри рӯзнома низ сол аз сол зиёд мегардид. Ин аз он далолат мекард, ки рӯзнома байни хонадагон маҳбубият пайдо намудааст. Дар ин давра дар нашрия аксари жанрҳои публитсистӣ дида мешавад. Аз ҷумла, жанрҳои хабар, репортаж, мақола, лавҳаву очерк, фелетону памфлет мавқеи бештар доранд.

4. Дар солҳои аввали замони соҳибистиқлолии кишвар рӯзномаи «Меҳнат» то андозае фаъолияташ маҳдуд гардид. Агар ин марҳилаи нашрияро ба давраи сеюм муқоиса кунем, фарқияти зиёдеро ошкор мекунем. Аввалан, дар давраи сеюм рӯзнома дар як ҳафта ду маротиба нашр мешуд. Дар ин давра бошад дар як моҳ як ё ду бор нашр шудааасту халос. Сабаб ноороминҳои кишвар ва буҳрони молӣ. Дар солҳои 1998-2003 рӯзнома каме фаъол гардид. Баъдан бо иллати камтар эътибор додани муассисаш (Ҳокимияти иҷроияи маҳаллии ноҳияи Айнӣ) рӯзнома боз ба гоҳнома табдил ёфт. Баъд аз соли 2014 рӯзнома боз каме фаъол шуд. Айни замон рӯзнома дар як моҳ ду маротиба дар ҳаҷми 8 саҳифа ва бо теъдоди 1600 нусха интишор мегардад.

Яке аз аввалин муҳаррирони рӯзномаи мавриди назар Неъматулоев мебошад. Одилов, Ниёзбадалов, Мирзоев, Авезов аз аввалин нафароне буданд, ки дар ин рӯзнома кор кардаанд ва минбаъд дар солҳои гуногун муҳарририи ин рӯзномаро ба уҳда доштаанд. То соли 1941, яъне то оғози ҶБВ, муҳарририи рӯзномаи «Барои чорводори сотсиалистӣ» -ро Нодиров, Неъматуллоев, Юсупов, Мирзоев ва Авезов ба дӯш гирифтанд. Дар солҳои ҶБВ Назрулло Авезов муҳаррири ин рӯзнома буд. Номбурда дар хотираҳояш менависад, ки «Ана дар он рӯзҳои душвор муҳаррири рӯзномаи «Барои чорводори сотсиалистӣ» Наим Хоҷаев аз деҳаи Сангистон ба фронт рафт. Ҳамин тавр, ҷойи ӯ холӣ монд. Бо супориши Комитети марказии партия маро ба ҳамин газета муҳаррир таъйин намуданд» (Меҳнат.1984.-9-20). Баъди Назрулло Авезов муҳарририи рӯномаро то соли 1966 Наимов, Ҷумаев, Ғиёсов, Турсунов ба дӯш доштаанд.

Баъди иваз шудани номи рӯзнома ба «Меҳнат» (1966) муҳаррири он Субҳон Туғӯн гардид. Субҳон Туйғӯн қариб ним аср муҳарририи ин рӯзномаро ба уҳда дошт. Воқеан, замони гул-гулшукуфии рӯзномаи «Меҳнат» ба замони муҳарририи Субҳон Туйғӯн рост меояд. Адади нашри рӯзнома дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри гузашта ба 10 ҳазор мерасад. Худи муҳаррири рӯзнома дар хотираҳояш менависад, ки «Агар дар аввали ташкилёбӣ тиражи газета («Меҳнат») 400-500 нусхаро ташкил дода бошад, ҳоло 7 ҳазору 100 нусха расидааст». Дар замони муҳарририи Субҳон Туйғӯн

обрӯи рӯзномаи «Меҳнат» на танҳо дар вилоят, ҳатто дар ҷумҳурӣ хеле боло рафт. Ин рӯзнома дар солҳои 80-уму 90-ум на танҳо масъалаҳои музофотӣ, балки мавзӯъҳои ҷумҳуриявиро пайгирӣ ва масъалагузорӣ мекард. Аз солҳои 60-ум то солҳои 90-ум дар рӯзномаи «Меҳнат» журналистон ва шоирону адибони маъруф, аз қабили Мерган Султонов, Мирзоодил Наимов, Давлат Давронов, Амонқул Одилов, Мансур Султонов, шоирон Қутбӣ Киром ва Доро Наҷот кору фаъолият кардаанд.

Воқеан, дар солҳои охири Ҳукумати Шӯравӣ фаъолияти рӯзномаи «Меҳнат» хубтару беҳтар гардид. Як муддат ин рӯзнома мактаби бузурге ҳам шуд. Шахсоне, ки дар боло ёдовари кардем, асосан мактаби рӯзноманигории «Меҳнат»-ро гузаштаанд. Баъди даргузашти Субҳон Туйғун якчанд сол ин рӯзнома гӯё фаъолият намекард. Баъдан рӯзнома ба моҳнома табдил ёфт, ки гоҳ нашр мешуд ва гоҳ не. Теъдоди нашр низ хеле кам шуд, аз ҳазор нусха зиёд намешуд.

Аз соли 2014 муҳарририи ин рӯзномаро Муҳаммадносири Насрулло ба уҳда гирифт. Ин шахс то андозае қомати рӯзномаро «рост» кард. Тиражи онро аз ҳазор ба 1500 нусха расонд. Ҳамчунин, дар ин давра рӯзнома аз 4 ба 8 саҳифа расонида шуд, ки дар як моҳ ду маротиба нашр мешавад. Рӯзноманигорони «Меҳнат» кӯшиш доранд, ки мавзӯъҳои муҳимро пайгирӣ кунанд, аммо маводи расмии он бештар аст. Нашрия аз имконоти жанрҳои хабар, ҳисобот, мухбирнома ва мақола зиёдтар истифода мекунад.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А. Азимов. - Душанбе: Ирфон, 2013.
2. Азимов А. Марзи сухан / А. Азимов. - Душанбе: Дониш, 2008.
3. Айнӣ С. Куллиёт / С. Айнӣ, ҷ.6. – Душанбе,1962.
4. Алиев Р. Ҷашни пуршарафи «Зарафшон» / Р. Алиев // Ҳақиқати Ленинобод, 1982.- 2 май.
5. Давронов Д. Зарафшон то навоҳо дорад / Д. Давронов. - Душанбе, 2003.
6. Маъмурзода Н. Журналистикаи Хатлон: Вазъият, тамоюлҳо ва дурнамои рушд / Н. Маъмурзода. - Душанбе: Ирфон, 2015.
7. Муродов М. Иқдоми нек / М. Муродов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2015. - №4. - С. 109-114.
8. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ / Қ. Расулиён. - Душанбе: Ирфон, 2008.
9. Усмонов Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ. Усмонов. - Сталинобод, 1957.
10. Усмонов Ҷ. Матбуоти Тоҷикистони советӣ / Ҷ. Усмонов. - Душанбе, 1974.
11. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе: Ирфон, 1997.
12. М. Револютсияи маданӣ дар Тоҷикистон / М. Шукуров. – Сталинобод, 1957.
13. Ҷӯраев М. «Овози тоҷик» ва худогоҳии миллӣ / М. Ҷӯраев. - Душанбе: Кайҳон, 2008.
14. Энсклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2. - Душанбе, 1988.

ДОИР БА ЯК РӮЗНОМАИ МУЗОФОТӢ

Муаллифи мақола дар бораи таъсис ва ташаккули рӯзномаи маҳаллии «Меҳнат» таҳқиқот бурдааст. Муҳаққиқ ҳамчунин сабаб ва омилҳои пайдоиши рӯзномаҳои маҳаллӣ дар Тоҷикистонро шарҳ додааст. Аз таҳлилҳои муалифи мақола бар меояд, ки рӯзномаи «Меҳнат» чанд даврароз паси сар кардааст. Инчунин, давраҳои ташаккули рӯзномаро мушахасан муайян карда, онҳоро ба чор давра ҷудо кардааст.

Калидвожаҳо: матбуот, сармуҳаррир, шумора, нашр, музофотӣ, журналистика, муҳаққиқ, таъсис.

ОБ ОДНОЙ РЕГИОНАЛЬНОЙ ГАЗЕТЕ

В настоящей статье речь идет о предпосылках возникновения региональной печати на территории Республики Таджикистан. В данной статье автор анализирует одну из региональных печатных изданий под названием «Мехнат» («Труд»). Рассматриваются исторические этапы, становление и развитие печатного издания. Особое место в статье уделено тем, кто был первым и последующими редакторами газеты. Стоит отметить, что в статье также отражено сегодняшнее состояние газеты «Мехнат».

Ключевые слова: редактор; газета; тираж; исследователи; годы; региональная печать.

ABOUT ONE REGIONAL NEWSPAPER

The present article is devoted to contexts of the rise a regional printing in the territory of Tajikistan. In this article the author analyzes one of the regional print media under the name "Mehnat" ("Work"). Looks at the historical stages, the establishment and the printed edition development. A special place in the the article is given to those who were first and subsequent by editors of the newspaper. It is worth noting that the article also is reflected the current state of the newspaper "Mehnat".

Key words: editor; newspaper; circulation; researchers; years; Regional print.

Сведения об авторе: ***Саъди Гоибов*** - аспирант кафедры печатных СМИ Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 938-00-08-30.** E-mail: **Jahon.888@inbox.ru**

НАҚШИ НАҚШАИ СЕНАРӢ ВА СЕНАРИЯ ДАР ТАҲИЯИ БАРНОМАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

З. Муъминҷонов
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Дар телевизион тарзи пешниҳоди мавод аз муҳимтарин ҷузъиёти корӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷалби бинанда ва ба ҳадаф расидани мақсади офарандагони барномаи телевизионӣ нақши муҳимро мебозад. Дар ин ҷо ба маврид аст, таъкид бояд кард, ки телевизион аз рӯйи табиати хеш бештар аз матн дида ба навор ниёзмандтар аст. Агар дар матбуот асос матн ва сурат пуркунандаи он бошад, дар радио асос садое, ки аз рӯйи матн омода мешаваду мусиқӣ ва интершум пуркунандаи он мегардад. Дар телевизион бошад, садо ба ҷойи дуюм фаромада, навор (кадр) ба ҷойи аввал мебарояд. Матн ҳамчун пуркунандаи навор ба кор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми эҷоди барнома ин хусусиятҳои хосси телевизионро ба ҳисоб гирифта, вобаста ба он эҷод бояд кард.

"Дар эҷоди маводи матбуотӣ вобаста ба талаботи жанрӣ матн навишта мешавад. Дар маводи телевизионӣ бошад, бар иловаи матн, сурат, нақша, навор ва интершуму мусиқӣ дар шакли нақшаи сенарӣ ва ё сенария навишта мегардад. Лаҳзаҳои наворӣ, расму нақшаҳо ва интершуму мусиқии истифодашаванда дар тарафи чапи саҳифа то ними он ва дар нимаи тарафи рости боқимондаи саҳифа матн навишта мешавад" [4, 98].

Калимаи «сценарий» аз мафҳуми театрии «сценариус» шахсе, ки аз оқиби саҳна тартиби ба саҳна баромадани актёрҳо ва ивазшавии саҳнаҳоро аз рӯйи тартиби муайяншуда мегӯяд, ба вуҷуд омадааст. Минбаъд ин мафҳуми театрӣ ба кино ва аз кино ба телевизион гузаштааст. Муаллифи луғати истилоҳотии телевизион сенарияро чунин маънидод намудааст: «Сенария тасвири воқеа, ҷой ва вақти ба вуқуъ пайвастани он, самти инкишофи сужет, тафсили хислати иштирокдорони воқеа мебошад» [2, 66]. Дар луғати тафсирӣ бошад, сенария чунин маънидод гардидааст: «Сценария – асари адабиёт бо навиштани амали пурраи персонажҳо, ки дар асоси он кинофилм офарида мешавад. Нақша, тартиби гузаронидани ягон чорабинӣ» [7, 651].

Муаллифи дастури таълимии «Жанрҳои журналистикаи телевизион» нақшаи сенарияро чунин маънидод намудааст: «Нақшаи сенария – мақсаду орзу, тасаввуроти пешакии муаллифон дар хусуси намоиши ояндаи иди оммавист ва шакли ҷойгиршавии майдонҳои сабт ва табиати номераҳои интихобшаванда ва гурӯҳҳои ҳунариро дар бар мегирад» [3, 38]. Муаллифони дигари соҳаи телевизион низ андешаҳои хешро бобати сенария баён намудаанд: «Шакли пурраи барномаи телевизионӣ дар рӯйи қоғаз, тасаввури муаллиф ва коргардонро дар ҳамбастагӣ сенарияи телевизионӣ меноманд. Вай аз матни гӯянда, муҳтавои умумии аёнӣ, баромадҳо, ҳуҷҷатҳо, далелу рақамҳо иборат буда, асосан аз рӯйи услуб ва нигоҳи муаллиф тарҳрезӣ мегардад»[1, 63]. «Сценарий – сенария – матни асари саҳнавӣ (театр ва кино); матни дастхати барномаҳои телевизионӣ ва радио, ки дар тарафи чап ҷузъиёти ороишӣ низ нишон дода шудааст»[5, 119].

Тарзи навишти сенария чунин аст. Дар тарафи чапи саҳифа то ними он лаҳзаҳои наворӣ, сурат, нақша ва мусиқиву интершумҳои истифодашаванда навишта шуда, таъкид мегардад, ки баранда ва ё гӯяндаи барнома дар кадр ва ё аз паси кард матне, ки дар нимаи рости саҳифа навишта мешавад, мехонад.

"Гирдоварии мухтасари мақсади муаллифи асари телевизиониро нақшаи сенарӣ гуфтан мумкин аст. Одатан нақшаи сенарӣ пеш аз навиштани сенарияи пурра навишта мешавад. Нақшаи сенариро бе навиштани сенария дар барномаҳои мустақими телевизионӣ истифода бурда мешавад" [4, 99-100] Барандаи барномаи мустақими телевизионӣ аз рӯйи нақшаи сенарӣ барномаи мустақимро мебарад. Барои фаҳмо гардидан, намунаи нақшаи сенарии барномаи мустақими телевизиониро, ки аз рӯйи лоиҳаи муаллифи ин сатрҳо навишта шудааст, дида мебароем.

«Нақшаи сенарии барномаи мустақими ҳуқуқии «Инсон ва қонун»

1. Кулоҳи барнома: «Инсон ва қонун» барномаи мустақими ҳуқуқӣ.

2. Студия. Журналист (баранда) иштирокчиёни барномаро шинос мекунад:

Нуриддин Зайниддинов муовини прокурори шаҳри Душанбе;

Машкура Содирова судяи Суди шаҳри Душанбе;

Фархунда Самадова адвокати Маслиҳатхонаи ҳуқуқии шаҳри Душанбе; Нуриддин Қаршибоев раиси Ассосиатсияи воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон.

Мавзӯи барнома: Ҳуқуқ ва озодии инсонро давлат ҳимоя мекунад.

3. Перебивкаи 1: Нишонии барнома. Дар экран чунин навиштаҷот «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» Моддаи 1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои телефон барои савол: 221-26-29; 221-45-21; 223-03-47. Почтаи электронӣ: inson.tvp@mail.ru» мувофиқ ба мусиқӣ навишта мешавад ва баробари он аз паси кадр хонда мешавад.

4. Студия. Журналист (баранда) ба иштирокчиён бобати мавзӯи барнома сухани муқаддимавӣ медиҳад. (Сухани муқаддимавӣ то 1 дақиқагӣ).

5. Перебивкаи 2: Нишонии барнома. Дар экран чунин навиштаҷот «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.» Моддаи 5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои телефон барои савол: 221-26-29; 221-45-21; 223-03-47. Почтаи электронӣ: inson.tvp@mail.ru» мувофиқ ба мусиқӣ навишта мешавад ва ин матн баробари он аз паси кадр хонда мешавад.

6. Студия. Журналист (баранда) саволҳои тариқи телефон ва почтаи электронӣ вобаста ба мавзӯи барнома дохилшударо мехонад ва барои ба саволҳо ҷавоб гуфтан суханро ба иштирокчиёни барнома медиҳад. (Ҷавоб то 2 дақиқагӣ).

7. Перебивкаи 3: Нишонии барнома. Дар экран чунин навиштаҷот «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.» Моддаи 17. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои телефон барои савол: 221-26-29; 221-45-21; 223-03-47. Почтаи электронӣ: inson.tvp@mail.ru» мувофиқ ба мусиқӣ навишта мешавад ва ин матн баробари он аз паси кадр хонда мешавад.

8. Студия. Журналист (баранда) саволҳои тариқи телефон ва почтаи электронӣ вобаста ба мавзӯи барнома дохилшударо мехонад ва барои ба саволҳо ҷавоб гуфтан суханро ба иштирокчиёни барнома медиҳад. (Ҷавоб то 2 дақиқагӣ).

9. Перебивкаи 4: Нишонии барнома. Дар экран чунин навиштаҷот «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯи маълумотеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад.» Моддаи 30. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои телефон барои савол: 221-26-29; 221-45- 21; 223-03-47. Почтаи электронӣ: inson.tvp@mail.ru" мувофиқ ба мусиқӣ навишта мешавад ва ин матн баробари он аз паси кадр хонда мешавад.

10. Студия. Журналист (баранда) саволҳои тариқи телефон ва почтаи электронӣ вобаста ба мавзӯи барнома дохилшударо мехонад ва барои ба саволҳо ҷавоб гуфтан суханро ба иштирокчиёни барнома медиҳад. (Ҷавоб то 2 дақиқагӣ).

11. Перебивкаи 5: Нишонии барнома. Дар экран чунин навиштаҷот «Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.» Моддаи 42. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои телефон барои савол: 221-26-29; 221-45-21; 223-03-47. Почтаи электронӣ: inson.tvp@mail.ru» мувофиқ ба мусиқӣ навишта мешавад ва ин матн баробари он аз паси кадр хонда мешавад.

12. Студия. Журналист (баранда) саволҳои тариқи телефон ва почтаи электронӣ вобаста ба мавзӯи барнома дохилшударо мехонад ва барои ба саволҳо ҷавоб гуфтан суханро ба иштирокчиёни барнома медиҳад. (Ҷавоб то 2 дақиқагӣ).

13.Студия.Журналист (баранда) ба иштирокқунандагонии барнома сухани анҷомӣ дода, ба онҳо изҳори миннатдорӣ мекунад.

14. Журналист (баранда) мавзӯи ояндаи барномаи мустақими ҳуқуқии «Инсон ва қонун»: «Ба ҳар кас озодии нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад»-ро эълон намуда, барномаро ҷамъбаст менамояд.

15. Анҷоми барнома. Рӯйхати таҳиягарони барнома» [8].

Нақшаи сенарӣ роҳнамои баранда буда, ҳолатҳои пешбинӣ нашудаи дар нақшаи сенарӣ дарҷ гардида ба **вуқуъ** омаданаш аз имкон берун нест. Ин ҳолат дар рафти барномаи мустақими телевизионӣ табиӣ буда, баръакс барномаи мустақимро тамошобоб ва диққатҷалбкунанда мегардонад. Ин монанд ба он аст, ки касе пешакӣ гуфта наметавонад, ки бозии футбол чӣ хел пеш меравад ва кадом натиҷа ба анҷом мерасад. Маҳз ҳамин хусусият барномаҳои мустақимро диққатҷалбкунанда мегардонад. Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки нақшаи сенарӣ пеш аз сенарияи пурраи барномаи телевизионӣ навишта мешавад ва он асосан барои бурдани барномаи мустақим дар тамоми жанрҳои телевизионӣ истифода мегардад.

Имрӯз аз тарафи бархе аз ба ном журналистони телевизион, ки даъвои бе нақшаи сенарӣ ва сенария таҳия намудани барномаҳои телевизиониро исбот карданианд, мебояд таъкид кард, ки чи хеле театр ва киноро бе сенария тасаввур кардан ғайриимкон аст, телевизионро низ, ки ҳамчун воситаи муҳиммии ахбори омма ва санъат мебошад, наметавон бидуни сенария тасаввур кард.

Хулоса, сенарияи пурраи телевизионӣ баъди нақшаи сенарӣ (пешакӣ тартиб додашуда), омӯхтани пурраи мавзӯъ, макони наворбардорӣ ва бо истифодаи иловаҳо навишта мешавад. Минбаъд аз рӯйи сенарияи тасдиқгардида, монанд ба асарҳои театр ва кино, барномаи телевизионӣ низ пурра бояд аз рӯйи он таҳия гардад. Дар ин бобат муаллифони дастури таълимии «Асосҳои журналистикаи телевизион» чунин гуфтаанд: «Ҳатто сужети ахбори рӯзмарра бояд нақшаи сенария дошта бошад» [6, 52]. Ин талабот танҳо барои барномаҳои мустақим истисно мебошаду халос. Аз рӯйи сенария таҳия намудани барномаи телевизионӣ талаботи касбият ва бе риоя ба сенария омода намудани барнома аз касбият дур будани корманди телевизионро нишон медиҳад.

ЛИТЕРАТУРА

1. Давронов Д. Современный мир: место телевидение и радио / Д. Давронов.– Душанбе, 2007. – С. 140.
2. Егоров В. Терминологический словарь телевидения / В. Егоров. – Москва, 1977. – С. 66.
3. Куддус Ч. Жанры телевизионной журналистик / Ч. Куддус. – Душанбе, 2003. – С. 60.
4. Муминджонов З. Особенности информационних и аналитических жанров телевидение / З. Муминджонов. - Душанбе, 2015. – 120 с.
5. Муродов М. Словарь журналистических терминов / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – С. 130.
6. Саъдуллаев А. Основы телевизионный журналистики / А.Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2007. – 60 с.
7. Солганик Г. Я. Толковый словарь. Язык газеты, радио, телевидения / Г. Я. Солганик. – Москва, 2002. – С. 680.
8. ТВ "Пойтахт". Телепрограмма "Инсон ва қонун" ("Человек и закон"). Эфир – 9.01.2014.

НАҚШИ НАҚШАИ СЕНАРӢ ВА СЕНАРИЯ ДАР ТАҲИЯИ БАРНОМАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

Мақола ба таҳлили нақшаи сенарӣ ва сенария, вазифаи он дар таҳияи барномаи телевизионӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ кӯшиш намудааст, ки зарурияти истифодаи нақшаи сенарӣ ва сенарияро дар таҳияи касбиёнаи барномаи телевизионӣ исбот намояд.

Калидвожаҳо: нақшаи сенарӣ, сенария , телевизион, барномаи телевизионӣ, баранда, касбият, хулоса.

РОЛЬ ПЛАНА СЦЕНАРИЯ И СЦЕНАРИЯ В ПОДГОТОВКЕ ТЕЛЕПРОГРАММ

Статья посвящена анализу плана сценария и сценария, его роли в подготовке телепрограмм. Автор на основе научных источников старался доказать необходимость использования плана сценария и сценария в профессиональной подготовке телепрограмм.

Ключевые слова: план сценария, сценарий, телевидение, телепрограммы, ведущий, профессионализм, заключение.

THE ROLE PLAN SCENARIO AND THE SCENARIO IN THE PREPARATION OF TV PROGRAMS

The article analyzes the plan of the script and the script. his role in the preparation of TV programs. The author on the basis of naucnih sources tried to prove the necessity of the use plan scenario and the scenario in the training programs.

Key word: plan, script, script, TV, television, presenter, professionalism, conclusion.

Сведения об авторе: ***З. Муминджонов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики телевидения Таджикского государственного института культуры и искусств им. М. Турсунзаде. Телефон: **(+992) 93-505-14-63.** E-mail: **zulfiddin.m@mail.ru**

СОХТОР, ШАКЛИ ПОЛИГРАФӢ ВА МУНДАРИҶАИ МАҶАЛЛАИ «ОЙИНА»

Г. Х. Дадобоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар байни матбуоти даврии ибтидои асри XX маҷаллаи «Ойина» мақоми шоиста дорад, ки дар роҳи бедории фикрӣ ва хештаншиносии тоҷикон нақши хешро гузоштааст. Аз замони ба нашр расидани ин нашрияи пешқадам то ба даврони мо дар тӯли сад сол мақолаҳои алоҳида ва тадқиқотҳои ҷудогонаи илмӣ ба табъ расидаанд ва иддае аз муҳаққиқони матбуот, таърих ва адабиёт дар ин кор саҳм гирифтанд, то мундариҷа, аҳдоф ва шароити таърихии ба миён омадани «Ойина»-ро як дараҷа муайян карда бошанд. Дар ин маврид мақолаву асарҳои пажӯҳишгарони тоҷик Раҳим Ҳошим, Зариф Рачабов, Иброҳим Усмонов, Абдухолиқи Набавӣ, Нӯъмонҷон Ғаффоров ва дигаронро метавон қайд кард, ки бо мавзӯъ ва масъалагузориашон то андозае хусусиятҳои маҷаллаи мазкурро баррасӣ кардаанд ва ҳар яке ба таври худ ҷолиби диққат мебошанд. Дар омӯзиши таърих ва мӯҳтавои маҷаллаи «Ойина» махсусан хизмати олими маъруфи тоҷик, академик Зариф Рачабов арзанда буда, асару мақолаҳои эшон то ба имрӯз барои муҳаққиқон ва алоқамандони матбуот ва публисистикаи тоҷик манбаи муҳим маҳсуб меёбанд. Қобили зикр аст, ки қариб дар тамоми китобу таҳқиқотҳои Зариф Рачабов перомуни таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX маҷаллаи «Ойина» ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст [7, 8].

Маҷаллаи «Ойина» дар шаҳри Самарқанд солҳои 1913-1915 аз ҷониби маорифпарари номвари тоҷик Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875-1919), ки барҳақ ба ҳайси сарвари ҷадидони Осиёи Миёна пазируфта шуда буд, ба забонҳои тоҷикии форсӣ ва ӯзбекии туркӣ дар ду соли интишор баромадааст. Маҷалла дар соли аввал аз 20 августи соли 1913 то 25 октябри соли 1914 ҳафтае як маротиба ва дар соли дуюм аз 6 ноябри соли 1914 то 15 июни соли 1915 моҳе ду маротиба аз чоп баромадааст. Нашрияи мазкур дар соли якум 52 рақам ва дар соли дуюм 16 рақам, ҳамагӣ 68 шумора ба табъ расидааст, ки дар маҷмӯъ 1720 саҳифаро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор ҳаҷми 57 шумораи маҷалла 24 саҳифаро ташкил медод, ба истиснои шумораи 1-уми соли аввал ва шумораҳои 7-16-уми соли дуюм, ки дар ҳаҷми 32 саҳифа чоп шуда буданд. «Ойина» тариқи чопи сангин дар соли аввал бо теъдоди 400-600 нусха ва дар соли дуюм бо теъдоди 300 нусха нашр карда мешуд. Андозаи қоғази маҷаллаи «Ойина» 70 Х 108 $^{1}/_{16}$ буд.

Академик Зариф Рачабов дар бораи маҷаллаи «Ойина» чунин менависад: «Ойна» («Зеркало») ягона маҷаллаи ҷадидони Туркистон буд. Вай тариқи литографӣ ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ дар шаҳри Самарқанд аз 20 августи соли 1913 то июни соли 1915 нашр мешуд. 68 рақами маҷалла ба теъдоди 600 нусха ҳар кадоме аз чоп баромад. Маҷаллаи «Ойна» на танҳо дар Туркистон, балки дар кишварҳои мусалмони ҳамҷавони он низ паҳн мегашт» [8, 3]. З.Ш. Рачабов маводи маҷаллаи «Ойина»-ро омӯхта, ба хулоса омадааст, ки созмондиҳандагону ноширони он ҷадидон буда, вай мавқеъ ва тафаккури буржуазияи нав пайдошудаи Осиёи Миёнаро баён менамуд. Ба андешаи ин муҳаққиқи номвар доираи муаллифони маҷалла хурд буда, дар он асосан мақолаҳои сармуҳаррири «Ойина», сарвари ҷадидони туркистонӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ба табъ мерасиданд. «Маводи маҷалла, аз ҷумла мақолаҳои М. Беҳбудӣ, - навишта буд З.Ш. Рачабов, - диди ғоявии ҷадидони Туркистонро дар давраи тоинқилобӣ инъикос менамуд» [8, 4].

Тибқи маълумоти архивӣ дар идораи маҷаллаи «Ойина» асосан 4 нафар – муҳаррир-ноширМаҳмудхоҷа Беҳбудӣ, котиби масъул Фахриддини Рочӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукрулло ва котиби идора Саидризо Ализода буданд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ - дархости Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба унвони губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд генерал-майор Иля Зурабович Ликошин аз 27 марти соли 1913 аз ҷумла омадааст, ки «муҳаррири масъул ва ноширии «Ойина» Муфтӣ Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ҳайати идораи маҷалла – Саидризо Ализода, Ҳоҷӣ Муин Шукрулло ва Фахриддини Рочӣ. Дар ҳолати рухсатӣ ва ё сафари хориҷа будани Беҳбудӣ вазифаи муҳарририи маҷалла муваққатан ба дӯши Саидризо Ализода меафтад» (Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.- Фонди И-18.- Номгӯи 1.- Делои 8752.- Вараҳи 46).

Сохтор ва мундариҷаи шумораи якуми маҷаллаи «Ойина» аз 1-уми шавволи 1331 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 20 августи соли 1913 милодӣ тариқи зайл буд: Дар муқоваи аввали шумораи нахустини «Ойина» расми мадрасаи Шердори Самарқанд, мундариҷот ва нишонии маҷалла оварда шуда, дар муқоваи охир эълони фурӯши китобу дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои усули ҷадид тариқи мағозаи «Кутубхонаи Беҳбудия» дода шудааст. Саҳифаи 1-ум бо навиштаҷоти «Муборак бод ид» оғоз ёфта, номи маҷалла бо чор забон – «Ойина»-и тоҷикӣ, «Кӯзгу»-и ӯзбекӣ, «Миръот»-и арабӣ ва «Зеркало»-и русӣ омадааст. Тавре ки аз ҳамин саҳифаи якум бармеояд, нигорандаи ороиши маҷалла Саид Абдусалом будааст.

Доираи мавзӯъ ва мундариҷаи маҷаллаи «Ойина» – ватан, миллат, дин, маориф ва тараққӣ буд. Муаллифони мақолаҳои ин нашрия, ки паҳнкунандагони ғояҳои асосии фарҳангофаринӣ ва маърифатпарварӣ дар байни халқҳои тоҷику ӯзбек буданд, тавассути навиштаҳои хеш бар зидди

ҷаҳолат, торикӣ, бесаводӣ мубориза бурда, ҳамватанонро ба бедорӣ, худогоҳӣ ва илму маърифат даъват менамуданд. Мақолаҳои илмӣ-оммавии шумораи 1-уми «Ойина» асосан ба қалами Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз қабили «Туркистон» (сах. 2-5), «Мадрасаи Шердор» (сах. 6-9), «Ду не, чор забон лозим аст» (сах. 12-14), «Мулоҳиза» (сах. 28-31) тааллуқ доранд. Мақолаи Фахриддини Рочӣ «Ойина чист?» (сах. 25-27) хеле ҷолиб буда, хонандагонро бо мақсаду ҳадафи мачаллаи шинос менамояд. Дар шумораи 1-ум шеърҳои Васлӣ «Танбеҳ ва баёни воқеъ» (сах. 9-10), Миллӣ «Илтичо» (сах. 10-11) ва Фахриддини Рочӣ «Ойина» (сах. 26) низ ҷой дода шудаанд. Ҳамчунин дар ин шумора аз нашрияи «Чеҳранамо»-и Миср мақолаи «Ҷароиди Ҷопун» (сах. 32) ба забони тоҷикии форсӣ ба табъ расидааст.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар нахустшумораи мачаллаи хеш маром фаъолияти ноширонашро дар роҳи маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ дар мақолаи "Мулоҳиза" (ба забони тоҷикӣ) чунин ифода кардааст: «Дар ин замон баъзе ашхосе, ки ба иноятӣ ҳақ филҷумла чашм кушода ва ба аҳволи оламу авзои умам (мардум – Г.Д.) ба сабаби савқи табиат ва ё ба хондани илми таърих ва татабӯъ (тадқиқ – Г.Д.)-и мозӣ (гузашта – Г.Д.) воқиф гаштаанд, албатта, толиби ислоҳ мешаванд. Вирди забони ин гуна касон ислоҳ ва ислоҳ аст. Агар аз онҳо пурсида шавад, ки ислоҳ аз кучо сар мешавад, ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактабу мадраса. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактабу мадраса аст. Мактабу мадрасаи кадом миллат, ки обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳам ҳокими дигар миллат мегардад. Мактабу мадрасаи кадом миллат хароб ва ё ба таназзул аст, он миллат маҳкуми таданнӣ (таҳқир – Г.Д.) ва забунӣ аст. Ривоҷи дину миллат, тараққии илму диёнат, пешрафти фазлу ҳунар, ислоҳи ахлоқу одоб, хубии маишату зиндагонии ҳар тоифаро сабаб мактабу мадраса аст» [5, 28].

Мачаллаи «Ойина» ба гуфтаи устод Садриддин Айнӣ «барои ҷавонон як дарача вазифаи фикри нав паҳн карданро ба ҷо меовард» [2, 132]. Дар саҳифаҳои «Оина» нашир ва муҳаррири он Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ходимони намоёни ҷадидия Сиддиқии Ачзӣ, Саидаҳмади Васлӣ, Ҳочӣ Муин Шукрулло, Зуҳриддин Фатҳиддинзода, Абдуррауфи Фитрат, Мирзо Сирочи Ҳаким, Фахриддини Рочӣ ва дигарон перомуни масъалаҳои мухталифи илму дониш, миллату меҳанпарастӣ, ҳолати мактабу мадрасаҳо, услуби нави таълиму тадрис, усули давлатдорӣ ва танқиди урфу одатҳои манфии ҷомеа мақолаҳои пурэҷоз навиштаанд.

Адабиётшинос Абдулхолиқи Набавӣ дар бораи аҳамияти мачаллаи «Оина» дар бедории фикрии мардуми тоҷик ҳарф зада, аз ҷумла қайд намудааст, ки тавассути «Оина» афкори нави замонавӣ, аҳдофи тараққипарварӣ ва тачдидгарӣ ба мардуми кишвар расонида шуда, аҳкоми шариат аз ҳар гуна ифроту тафрит ҳимоя шудаанд ва ин нашрия дар бедории аҳли зиё саҳми босазо доштааст» [6, 46]. Ё худ муҳаққиқи номвари журналистикаи тоҷик И. К. Усмонов қайд менамояд, ки «маводҳои «Ойина» ба насри классикии тоҷик монандӣ доштанд: муаллифон ривоятеро дар боби илм, мадраса ё ахлоқ оварда, фикри худро бо порчаҳои шеърӣ таъкид мекарданд» [10, 20].

Бояд зикр намуд, ки бисёре аз навиштаҳои муаллифон бо имзоҳои мустаор, аз қабили «Айн. Мим.», «Алиф. Дол.», «Мим.», «Нун. Ё.», «Син. Айн.», «Сод. Айн.», «Фе. Ре.», «Че. Нун.» «Қоф.Мим.», «Миллӣ», «Мутаассиф», «Муфтизода», «Сомеъ» ва ғайра ба табъ мерасиданд.

Дар мачаллаи «Ойина» жанри муколама ҳамчун усули тарғибу ташвиқи ғояҳои ҷадидия баҳри рушду нумуи мактабҳои усули савтия басо фаровон мавриди истифода қарор мегирифт. Дар саҳифаҳои ин нашрияи ҷадидон «Мубоҳисаи Муш Мирзо ва Пишак Сӯфӣ», муколамаи яке аз шогирдони мадрасаи Бухоро Содиқ бо домуллои мадрасагии худ бо сарлавҳаи «Суҳбат», мақолаи муколамавии Зуҳриддин Фатҳиддинзода «Муҳовараи мулло ва тарафдори тараққӣ», «Мунозараи қадимӣ бо ҷадидӣ» бо имзои мустаори «Сомеъ» ва ғайра ба табъ расиданд, ки муаллифон бо забони содаву мафҳум ва оммафаҳму гуфтугӯи тоҷикӣ роҳи ягонаи аз ҷаҳолату гумроҳӣ раҳо намудани мардуми ғафлатзадаро танҳо дар ислоҳи мактабу маориф ва рӯ овардан ба низоми нави таълиму тадрис медиданд. Чунончи, муколамаи «Суҳбат» ба таври зайл омадааст:

«Банда шогирд – нишаста будам, ки ҷаноби домулло омаданд, салом кардам. Домулло – ваалайкум ассалом, ин чӣ? Шогирд – «Ойина», домулло – Ойина чист? Ш. – Тақсир «Ойина» мачаллаест туркӣ ва форсӣ аз барои манофеи миллати исломия баҳс мекунад. Д. – Ту ҳам усули ҷадидӣ шудӣ, имрӯз ё фардо кофир мешавӣ. Ш. – Тақсир астағфируллоҳ… Д. – Чаро рост мегӯям. Ш. – Не тақсир, ин гап ғалат, ҳар кас газет хонад, аз вақоеи олам хабардор мешавад. Д. – Бобо ва ачдоди шумо ҳам газет хонда будмӣ? Ш. – Не он вақт мусулмонҳои Бухоро хотирҷамъ буда, давлати мустақила доштанд, ҳоло бубинед, таназзул ба кучо расидааст. Бояд ки моён чашм кушода, бар дигарон назар намуда, ибрат гирем. Насороҳо чӣ шудаанд, мусулмонҳо чӣ? Д. «Ҳар чӣ Ҳудо хост ҳамон мешавад» мисоли машҳур аст. Ш. – Банда дар кори шарр ручӯъ намояд, шарр ва дар кори хайр иртикоб намояд, хайр мешавад. Д. – Ин гапҳо бекор, дар Бухоро ҳеч зарур нест. Ш. – Чӣ навъ тақсир? Д. – Дар ин ҷо ҳазрати Баҳовaддин ҳастанд. Ш. – Чӣ хоҳанд кард? Д. – Душманро як мезананд, ки майда-майда мешавад. Ш. – Тақсир бояд, ки мову шумо ғайрат намуда, саъй намоем, то ки тараққӣ намоем. Агар ин тавр гардем, аз ин бадтар хоҳем гашт. Д. – Агар ба гапи ман дароӣ, минбаъд газет нахон, одам рафта-рафта кофир мешавад. Ш. – ……» [9].

Ноширони «Ойина» кӯшиш доштанд, ки ба воситаи шеъру адаб низ мардуми бесаводу ғафлатзадаро талқини бедорӣ намуда, онҳоро ба мактабу маориф ва донишу ҳунаромӯзӣ даъват

кунанд. Дар ин маҷалла чанде аз шеърҳои ҷонгудози Садриддин Айнӣ низ, ба монанди «Нидо ба ҷавонон», «Ё рабб», «Мозӣ ва ҳол», «Бадкирдориҳо», «Марсия ба Мирзо Сирочиддин Ҳакими Бухороӣ» ба табъ расидаанд, ки дар амалӣ намудани афкори ҷадидия саҳм доштанд. Хусусан, шеъри «Нидо ба ҷавонон», ки дар шумораи 5-уми маҷаллаи «Ойина» аз 18 декабри соли 1914 бо имзои «Сод Айн, Бухоро» ба табъ расида буд, бо мисраҳои зерин оғоз меёбад:

Ҳар сарви сиҳӣ, ки боғбон кишт,
Охир ҳама ҳезум асту ангишт.
Ҳар сарвқаде, ки қад барафрохт,
Охир ба мавоки хок ҷо сохт.
Ҳар моҳрухе, ки рух барафрӯхт,
Охир ба шарораи фано сӯхт.
Ҳар гул, ки ба навбаҳор бишкуфт,
Охир ҳамаро хазон ҷу хас рӯфт.
Ҳар ҷост, ки обшору гулгашт,
Охир шуданист хушк чун дашт.
Ҳар қаср, ки сохт дасти меъмор,
Дар дасти фаност охири кор.

Шеър бо даъвати пурэҳтироси устод Айнӣ ба ҷавонон поён меёбад:

Ҷун моҳ ба авҷи комронӣ,
Бар рӯйи ҷаҳон зиё фишонӣ,
Ҷун боғ ба вақти навбаҳорон,
Бикшоӣ дили ҳазини ёрон.
Ҷун сарв агар самар надорӣ,
Аз сояи худ бубахш боре.
Ҷун меҳр туро ҷу нест тобе,
Боре чун абр пош обе.
Ҷун наҳр гар оби дилкашат нест,
Охир на зи оҳ оташат нест.
Дар мавриди эҳтиёҷ оташ,
Кам нест зи об хубу дилкаш.
Бахшоӣ ба қадри иститоат,
Аз умр ба хидмати ҷамоат.
Гуфтам ба ту он чӣ гуфтанӣ буд,
Бод аз ту худою халқ хушнуд.

Шеърҳои Абдулвоҳиди Мунзим “Мактаб”, Мир Сарвар “Тарғиб ба илм ва маориф”, Фахриддини Роҷӣ “Мустағнӣ зи тарбият машав ҳеҷ...” ва дигарон низ, ки ба забони форсии тоҷикӣ дар маҷаллаи «Ойина» бо усули муроҷиату даъватҳо манзури хонандаи тоҷик гаштанд, ба аҳли илму маърифат, муаллимон ва аҳли маорифи кишвар нигаронида шуда буданд. Чунончӣ, дар қасидаи Абдулвоҳиди Мунзим «Мактаб», ки соли 1914 дар «Ойина» бори нахуст дар № 11 иборат аз 13 байт ва матни пурраи он дар № 23 иборат аз 31 байт ба табъ расида буд, тарғиби мактабу маориф ва илму ирфон бо равияи хитобу нидо ба толибилмон ба тариқи зайл ба миён гузошта шудааст:

Бувад файзу саодат ҳосили туллоб дар мактаб,
Кӣ аз файзу саодат ҳаст, фатҳулбоб дар мактаб...
Ало, эй ошинакомони зулоли маърифат, оед,
Хӯред аз чашмаи илму маориф об дар мактаб...
Биё, эй толиби хушбахт, таҳсили маориф кун,
Ризои ҳазрати парвардигорӣ ёб дар мактаб...
Ба юмни иктисоби нур аз анвори меҳри илм
Мунаввар кун замири хеш чун маҳтоб дар мактаб...
Машав дилтира аз ҷаҳлу бирав мактаб, ки мегардад,
Дили торик чун хуршеди оламтоб дар мактаб...
Гар аз хоби ҷаҳолат орзуи мухлисӣ дорӣ,
Халосиҳо муяссар мешавад з-он хоб дар мактаб...
Илоҳӣ ошинагони маърифат – авлоди миллатро
Ба лутфат аз зулоли илм кун сероб дар мактаб...

Дар саҳифаҳои «Ойина» мактубҳои хонандагону муштариёни маҷалла бо таклифу пешниҳодот ва хоҳишу дархостҳояшон тез-тез интишор меёфтанд, ки аксарият ба масъалаи мактабу маориф дахл доштанд. Дар ин ҷода номаву навиштаҳои толибилми мактаби «Ислоҳ»-и Самарқанд Муҳаммад Салим Наимӣ, Мулло Қавомиддин-муфтӣ, Мулло Абдурраҳмон Махдум ва дигарон қобили таваҷҷуҳанд.

Ҳамин тариқ, дар тамоми муддати давомоти «Ойина» мавзӯи ислоҳоти мактабу маорифи кишвар масъалаи марказӣ буда, муҳтаво ва дарунмояи ин нашрияи ҷадидонро баён менамояд. Тавре

ки аз таҳлилу баррасии маводи мақалла бармеояд, дар ибтидои асри XX мақаллаи «Ойина» дар тарғибу ташвиқи аҳдофи тақдидгароӣ ва пешрафти мактабу маорифи миллӣ саҳми босазо ва чашмрасе доштааст.

АДАБИЁТ

1. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, 1926 / С. Айнӣ: таҳияи М. Акбарзод. - Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
2. С. Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро, 1921 / С. Айнӣ. таҳияи Р. Ҳошим. - Душанбе: Адиб, 1987. - 240 с.
3. С. Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, 1918 / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 14: таҳияи К. С. Айнӣ. - Душанбе: Матбуот, 2005. - С. 29-259.
4. Ғаффоров Н. Ҷадидия ва шинохти он / Н. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 160 с.
5. Маҳмудхоҷа. Мулоҳиза / Маҳмудхоҷа // Ойина, 1913. - № 1. - С. 28-31.
6. Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ («Бухорои шариф», «Самарқанд» ва «Ойина») / А. Набавӣ. - Душанбе: Эҷод, 2007. - 64 с.
7. Рачабов З. Ш. Аз таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халки тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX / З. Ш. Рачабов. - Сталинобод, 1959. - 448 с.
8. Раджабов З. Ш. По страницам журнала «Ойна» / З. Ш. Рачабов // Известия Академии наук Таджикской ССР. Отделение общественных наук. - Душанбе, 1984. - № 4 (118). - С. 3-11.
9. Содиқ (Бухоро). Суҳбат / Содиқ // Ойина, 1914. - № 14. - С. 243.
10. Усмонов И. К. Журналистика. Қисми 3 / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.
11. Ҳошим Р. Ба газетачигии мо як назар / Р. Ҳошим // Ҳаштсолагии рӯзномаи «Ҳақиқати Узбекистон». - Самарқанд, 1932.

СОХТОР, ШАКЛИ ПОЛИГРАФӢ ВА МУНДАРИҶАИ МАҶАЛЛАИ «ОЙИНА»

Дар мақола масъалаҳои гуногунмавзӯӣ ва махсусияти жанрии маводҳои мақаллаи ҷадиди "Ойина" баррасӣ гардидаанд. Дар кори мазкур фаъолияти муҳаррир ва кормандони мақалла Маҳмудхоҷа Бехбудӣ, Фахриддини Рочӣ, Хочӣ Муин Шукрулло ва Саидризо Ализода мухтасаран таҳлил шудаанд. Нақши мақаллаи "Ойина" ба болоравии хушиносии миллии халқҳои Осиёи Миёна таъкид мешавад. Диққати муаллиф ба таҳлили маводи адабӣ ва публитсистии нашрия равона шудааст. Ҳамчунин теъдоди муштариёни мақалла мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

СТРУКТУРА, ПОЛИГРАФИЧЕСКАЯ ФОРМА И СОДЕРЖАНИЕ ЖУРНАЛА «ОЙИНА»

В статье рассматривается тематика и жанровое своеобразие публикаций джадидского журнала «Ойина». В работе вкратце анализируется деятельность редактора Махмудходжи Бехбуди и сотрудников журнала Фахриддина Роджи, Ходжи Муина Шукрулло и Саидризо Ализода. Подчеркивается роль журнала «Ойина» на рост национального самосознания народов Средней Азии. Особое внимание автора обращено анализу литературных и публицистических жанров опубликованных материалов. Также анализу подвергается читательская аудитория журнала.

Ключевые слова: журнал «Ойина», Бехбуди, печать, журналистика, публицистика, литературные жанры, национальное самосознание.

STRUCTURE, PRINTING THE FORM AND CONTENT OF MAGAZINE "OYINA"

The article discusses the theme and genre originality of the publications chadidscha magazine "Ovina". The work briefly examines the activities of the editor Mahmudhodia behbudi and employees of the magazine Fahriddin Rogen, Hodia Muine, Shukrullo and Saidit Alizoda. Emphasizes the role of the magazine "Ovina" on the growth of national consciousness of the peoples of Central Asia. Special author's attention is drawn to the analysis of literary and nonfiction genres published materials. Also an analysis is made of the readership of the journal.

Key words: journal "Oyina", behbudi, print, journalism, journalism, literary genres and national identity.

Сведения об авторе: ***Г. Х. Дадобоева*** – соискатель кафедры печати факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 938-18-08-81.** E-mail: **kgiss@mail.ru**

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ШАҲРИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

З. Мирзоева
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Журналистика яке аз шаклҳои фаъолияти ҷамъиятию адабӣ оид ба гирд овардан, навиштан ва ба воситаи матбуот, телевизион, радио, кино ва ғайра дар байни омма паҳн намудани хабарҳои муҳимми давлатӣ мебошад. Ахбороте, ки журналист паҳн ва дастрас мекунад, хонанда ва шунавандаро аз воқеот, вазъияту рафти ҳақиқати замон, қонуни мавҷудият ва инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва маънавию идеологии ҷамъият бояд воқиф намояд. Мувофиқи сохти синфии ҷамъият гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҳизбҳои мухталиф табақаи гуногуни журналистонро ҳамчун ифодакунанда ва ба амал бароварандаи сиёсату идеологияи худ ташкил менамоянд. Дар нимаи дуюми асри X1X ва аввали асри XX бо пайдоиши фотография ва кинематография соҳаи нав – фото ва киножурналистика пайдо шуд. Солҳои 20-уми асри XX дар асоси комёбиҳои радиотехника жанри радиожурналистика босуръат ривоҷ ёфт.

Дар мамлакатҳои ҷаҳон баробари пайдоиш ва инкишофи матбуот, радио, телевизион журналистика низ ба вуҷуд омада, вусъат ёфт ва аҳамияти калон пайдо кард. Дар натиҷаи пайдоиши

ин ихтисос, ки бо тараққиёти таърихии ҷамъият алоқаманд аст, илми журналистика тадричан ташаккул ёфт [1, 17].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ном иттифоқи эҷодии касбӣ амал мекунад, ки қисмати зиёди рӯзноманигорони ватаниро дар бар мегирад. Аз соли 1958 инҷониб ҳар сол 18-уми сентябр ба хотири журналист ва нависандаи чех Юлис Фучик Рӯзи якдилии байналхалқии журналистон қайд карда мешавад.

Журналистикаи тоҷик баъди ғалабаи Инқилоби Октябр ва ташкил ёфтани матбуот, нашриёт ва радиои советии тоҷик ба вуҷуд омад. Дар ташаккули ихтисос ва баланд бардоштани маҳорати журналистони тоҷик нахустин журнали советии тоҷик «Шуълаи инқилоб» (1919-1921) нақши муҳим бозид. Ба кори журналистика нависандагон, муаллимон, кормандони ҳизбӣ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб карда шуданд [7, 132].

Устодон С. Айнӣ, А. Мунзим, А. Ҳамдӣ, С. Ализода, Ҳ. Ирфон, С. Манофзода, И. Раҳматуллозода, Т. Зеҳнӣ, М. Сарвар, М. Ҳасанов, Х. Абдухолиқзода, Н. Муҳаммадов, Ш. Ҷабборӣ, А. Алиев, А. Қосимов, М. Расулӣ, М. Мӯсавӣ, А. Исмоилзода, С. Қосимов, М. Таҳмосов, Қамбарзода, М. Саидзода, Қ. Дайламӣ, Р. Ҳошим ва дигарон аз ҷумлаи аввалин журналистони тоҷик буданд.

Соли 1924 ҳангоми дар Самарқанд чоп гардидани нахустин рӯзнома ба забони тоҷикӣ «Овози тоҷик» (баъд «Иди тоҷик», «Бедории тоҷик») дар Душанбе сафи журналистони тоҷик афзуда, ба он армияи мухбирону кормандон зам шуд. Дар баробари ин, журналистони касбӣ Б. Ғафуров, Қ. Баҳлӯлзода, С. Ғанӣ, Н. Почоҷонов, А. М. Глухоаский, Н. Пирмқулов, Т. Усмон, А. Ф. Осипов, Н. Фахрӣ, Ҳ. Набӣ, Ҳ. Шарифзода, Д. Ҷаррор, М. Муқимӣ, У. Тоҷибоев, А. Бухоризода, Ҳ. Обидӣ, Ҷ. Усмон, Х. Усмонов, Ҳ. Содиқ ва дигарон ба камол расиданд [1, 123].

Шаҳри Кӯлоб яке аз минтақаҳое хабарсозтарине мебошад, ки дилхоҳ рӯйдод барои хонанда, бинанда ё шунаванда боиси қабул аст. Дар ин шаҳр воситаҳои ахбори омма фаъол аст ва то андозае метавонад халои иттилоотиро дар ин ҷо пурра созад. Дар шаҳри Кӯлоб як телевизион бо номи «Телевизиони Кӯлоб», як рӯзномаи мустақил «Пайк» ва ду рӯзномаи давлатӣ: «Навиди Кӯлоб» ва «Ҳақиқати Кӯлоб (Кулябская правда)» ва инчунин як рӯзномаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо номи «Анвори дониш» фаъолият мекунанд, ки аз ҳаёту рӯзгори мардум ва мушкилоташон барномаю мақолаҳои таҳлилӣ ба нашр мерасонанд.

«Телевизиони Кӯлоб». Ин телевизион замони ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ соли 1992 таъсис ёфтааст ва фақат дар шаҳри Кӯлоб ва чанде аз навоҳии минтақа барномаҳояш ба эфир мебароянд. Директори телевизион рӯзноманигори шинохтаи ҷумҳурӣ Сафаралӣ Бозорзода мебошад. Ин телевизион барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва сиёсӣ пахш мекунад. Соли 2014 ба пахши рақамӣ гузашт ва онро метавон дар моҳвора тамошо кард.

«Пайк». Ин рӯзнома 1-уми июли соли 2013 таъсис ёфтааст ва дар минтақаи Кӯлоб ва ҷумҳурӣ паҳн карда мешавад. Ин рӯзнома ҷамъиятӣ – сиёсӣ буда, маконаш шаҳри Кӯлоб аст. Рӯзнома таҳти №0338 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Муассис ва сармуҳаррираш рӯзноманигори шинохтаи ҷумҳурӣ Аҳмади Иброҳим мебошад. Ба ҳайати эҷодии ин рӯзнома Аслиддин Достиев, Сухробшоҳи Фаррухшоҳ, Турко Дикаев, Саиди Маъруф ва Шарифхони Тағоймурод шомиланд. Рӯзнома аз ҳодиса ва рӯйдоди сиёсӣ ё фарҳангӣ ва ҳаёти мардуми минтақа ва ҷумҳурӣ бештар маводҳои таҳлилӣ ба нашр мерасонад. Шиори ин рӯзнома «Агар имрӯз мисли дирӯз аст, фардо чӣ лозим?» ҳаст.

«Навиди Кӯлоб». Ин рӯзнома соли 1993 таъсис ёфтааст ва фақат дар минтақаи Кӯлоб паҳн карда мешавад. Ин рӯзнома нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб аст. Рӯзнома таҳти №238 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Сармуҳаррираш шоир ва рӯзноманигори шинохтаи ҷумҳурӣ Ҳақназар Ғоиб мебошад. Муассисони ин рӯзнома мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ҳайати эҷодии рӯзнома мебошанд. Ба ҳайати мушовара Хайрулло Амонулло, Раҳмонзода Абдуғаффор Азиз, Кенҷамо Маҷидова, Абдулло Табаров, Сухробшоҳи Фаррухшоҳ ва Ҷумъахон Алимӣ дохил мешаванд. Рӯзнома аз ҳодиса ва рӯйдоди сиёсӣ ё фарҳангие, ки дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб рӯй медиҳанд, рӯйи чоп меорад. Шиори ин рӯзнома «Бани одам аъзои якдигаранд» ҳаст.

«Ҳақиқати Кӯлоб (Кулябская правда)». Ин рӯзнома 7 феврали соли 1944 таъсис ёфтааст ва фақат дар минтақаи Кӯлоб паҳн карда мешавад. Ин рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ мебошад. Рӯзнома таҳти №0057 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Сармуҳаррираш Рустам Одинаев мебошад. Муассисони ин рӯзнома мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ҳайати эҷодии рӯзнома мебошанд. Ин рӯзнома ба забони тоҷикӣ ва рӯсӣ ба табъ мерасад. Рӯзнома ҳодиса ва рӯйдодҳои сиёсӣ ё фарҳангиеро, ки дар шаҳри Кӯлоб рӯй медиҳанд, рӯйи чоп меорад. Яке аз рӯзномаҳои овозадоре маҳсуб меёбад, ки аз замони Шӯравӣ маълуму машҳур буд.

«Анвори дониш». Ин рӯзнома соли 1994 таъсис ёфтааст ва фақат дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ миёни донишҷӯён паҳн карда мешавад. Ин рӯзнома нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст. Рӯзнома таҳти №0011 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Муҳаррираш устоди риштаи журналистикаи

ҳамин донишгоҳ Бахтиёр Сафаров мебошад. Муассиси ин рӯзнома Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошанд. Ба ҳайати мушовара А. Ҳ. Табаров, С. Каримов, М.О. Ибодов, Ҷ. Алимӣ, Д. Сайдалиев, С. Холиқов, А. Алиев, Г. Иброҳимов, Ш. Худойдодова, А. Қаландар, А. Абдулвоҳидов, Б. Ҷӯраев ва Б. Сафарӣ дохил мешаванд. Рӯзнома аз ҳодиса ва рӯйдоди донишгоҳ ва ҳаёти донишҷӯён рӯйи чоп меорад. Дар рӯзнома бештар донишҷӯён мақола чоп мекунанд. Шиори ин рӯзнома «Дониш талабу бузургӣ омӯз» ҳаст.

Журналистика ҳам касб ва ҳам ҳунар аст, зеро журналистон аз маҳорату малакаи махсус истифода бурда, ба меъёрҳои умумӣ такя мекунанд. Пас, фарқи журналистика аз фаъолиятҳои дигар, масалан, тиб ё ҳуқуқшиносӣ, ки онҳоро низ метавон чунин арзёбӣ кард, дар чист? Эҳтимолан, ин тафовут, пеш аз ҳама, дар он нақши махсусе зоҳир мегардад, ки журналистика хабарро дар ҷомеаи озод иҷро мекунад.

Матбуоти озодро гоҳе «оксигени мардумсолорӣ» меноманд, чунки бидуни аввалӣ дувумӣ низ вуҷуд надорад. Маҳз ҳамин нуктаро 200 сол муқаддам файласуфи сиёсии фаронсавӣ Алексде Токвилл зимни боздид аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қайд карда буд: «Бидуни мардумсолорӣ рӯзномаҳои асил вуҷуд надоранд, чунончи мардумсолорӣ низ бидуни рӯзномаҳо мавҷуд нест». Аз он давра то кунун дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳаққонияти ин суханони оддӣ борҳо тасдиқ шудааст. Ҳам демократияҳои устувор ва ҳам рушдёбанда ба ризоияти шаҳрвандони огоҳ вобастаанд. Ҳамзамон воситаҳои ахбори омма яке аз сарчашмаҳои асосии иттилооте мебошанд, ки ба одамон барои идораи ҷомеа заруранд. Ҷиҳати таъмини журналистон бо имкони пешниҳоди чунин иттилоот, кишварҳои зиёде воситаҳои ҳифзи қонунии матбуоти озодро фароҳам овардаанд. Масалан, дар ИМА журналистика ягона касбест, ки дар Сарқонун зикр гардидадааст: «Конгресс набояд ягон қонуни маҳдудкунандаи озодии сухан ё матбуотро мунташир созад» [5, 12].

Чӣ тавре ки дар соли 1878 президенти сеюми ИМА Томас Ҷефферсон навишта буд, «Азбаски асоси низоми идоракунии давлатии мо ақидаи халқ аст, мақсади аввалдараҷа аз он иборат аст, ки ин ҳуқуқ ҳифз карда шавад ва агар шахсан ман муайян месохтам, ки оё мо давлати бидуни рӯзномаҳо дошта бошем ё рӯзномаҳои бидуни давлат, албатта, ман дувумиро интихоб мекардам» [6, 12].

Бояд зикр намуд, ки таъиноти асосии журналистика аз таъмини шаҳрвандон бо иттилооти аниқу дақиқ, ки барои зистани онҳо дар шароити ҷомеаи озод зарур аст, иборат мебошад. Дар ҷомеаи озод журналистон на танҳо аз ҳифзи қонун бархурдоранд, балки масъулият низ доранд. Дар як қатор кишварҳо ин масъулият дақиқан муқаррар гардидааст, дар мамолики дигар танҳо дар назар дошта шудааст, аммо дар ҳама ҳолат он ба як чиз нигаронида шудааст: журналистон зимни иттилоотонии шаҳрвандон масъуланд, ки маълумоти саҳеҳ ва холисонаро бидуни дахолат ё таъсири ягон ҷониб пешниҳод созанд [4, 12].

Воситаҳои ахбори омма дар тамоми кишварҳои демократии ҷаҳон тадричан ба иҷрои вазифаи иловагии «саги посбон» шурӯъ карда, фаъолияти шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ ва судиро назорат мебаранд. Онҳо таъмингари устувории мардумсолорӣ буда, ба шахсоне, ки имкони баёни мавқеи худро надоранд, шароити зарурӣ муҳайё мекунанд ва намегузоранд, ки аксарияти ҳукмрон ҳуқуқҳои ақаллиятро поймол созанд.

Нависандаи ҳаҷвнигори асри XIX-и амрикоӣ Финли Питер Данн гуфта буд, ки вазифаи журналист «дилбардории озурдагон ва озурдани фориғболон аст». Аммо вазифаи асосии журналистика дар ҷомеаи озод тӯли ҳаёти чандин насл бетағйир мондааст. Дар ҷараёни назарсанҷие, ки созмони амрикоии «Кумитаи журналистони нигарон» дар охири асри сипаришуда гузаронида буд, аз намояндагони ин касб хоҳиш карда шуд, ки моҳияти онро шарҳ диҳанд. Дар ин дастурамал омӯзиши мухтасари асосҳои журналистика ба навъе пешниҳод шудааст, ки он дар кишварҳои демократӣ корбаст мешавад – журналистикае, ки ба далел такя мекунад, на ба андешаю назар. Агарчанде андешаю назар ҳуқуқи мавҷудият доранд, онҳоро дар нашрияҳои воқеан касбӣ танҳо дар саҳифаи муҳаррир ва гӯшаву сутунҳои муаллифӣ чоп мекунанд [5, 12].

АДАБИЁТ

1. Асрорӣ В. Печать Советского Таджикистана / В. Асрорӣ // Многонациональная советская журналистика. - Москва, 1975. – С. 17-123.
2. Азимов А. Публисистика ва замони муосир / А. Азимов. - Душанбе: Шарқи Озод, 2004. – С. 4-12.
3. Бозоров Н. Муносибати муаллиф бо рӯйдод ва факт / Н. Бозоров // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. Душанбе, 2006. – С. 6-9.
4. Бозоров Н. Моҳияти факт дар публисистика / Н. Бозоров // Боли сухан. - Душанбе: Сино, 2004. – С. 12.
5. Гулмуродзода П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон / П. Гулмуродзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 12.
6. Дебора Поттер. Рӯзноманигории мустақил / Дебора Поттер. - Душанбе, 2010. - 148 с.
7. Саъдуллоев А. Жанрҳои журналистикаи радио / А. Саъдуллоев, С. Гулов. - Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 13.
8. Усмонов Ҷ. Матбуоти Тоҷикистон / Ҷ. Усмонов. - Душанбе, 1974. – С. 1-10.

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ШАҲРИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Мақола фарогири омӯзиши вазифаҳои журналистика дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои асосии рушди журналистика дар шаҳри Кӯлоб, аҳамияти иттилооти оммавиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: журналистика, рӯзнома, журналист, саҳифа, матбуот, озодӣ, иттилоот, нашрия.

ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ЖУРНАЛИСТИКИ ГОРОДА КУЛЯБА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Статья охватывает задачи журналистики в городе Кулябе Хатлонской области. Автор опирается на основные источники развития журналистики в городе Кулябе и изучает значение массовой информации.

Ключевые слова: журналистика, газета, журналист, страница, пресса, издательство.

DEVELOPMENT OF JOURNALISM IN THE INDEPENDENCE PERIOD IN KULYAB

The article covers the problem of journalism in Kulyab Khatlon. The author relies on the basic sources. The author also based on the development of journalism in the city of Kulyab and gives the value of the media.

Key words: journalism, newspaper, journalist, page, press, publishing.

Сведения об авторе: ***З. Мирзоева*** – аспирантка кафедры журналистики Кулябского государственного университета им.А. Рудаки. Телефон: **(+992) 988-64-99-74**

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ

Сипеҳри Кароматулло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма оинаи тамомнамои вазъи иҷтимоии ҷомеаи кишвар буда, дар ин равиш дар баробари матбуоти расмиву ҳизбӣ нақши нашрияҳои мустақил низ назаррас аст. Охири солҳои навадум ва дар замони истиқлолият рӯзномаҳое мисли "Чароғи рӯз", "Нирӯи сухан", "Рӯзи нав", "Зиндагӣ", "Миллат", "Фараж" ва "Озодагон" таъсис ёфтанд, ки дар инъикоси сиёсати давлат ва масоили иҷтимоии ҷомеаи тоҷикон нақши муассир доштаанд. Дар ин замина мо бо истифода аз усули таҳқиқии таҳлили муҳтаво (контент-анализ) маводи дар рӯзномаҳои "Нигоҳ ", "Фараж" ва "Озодагон" ба табъ расидаро мавриди тадқиқ ва арзёбӣ қарор додем , ки то ҷое дараҷаи касбияти ин расонаҳоро дар инъикоси масъалаи зикршуда нишон медиҳад. Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоӣ мо хусусиятҳои зерини усули таҳлили муҳтаворо дар мадди назар доштем, ки аз нуктаҳои зерин иборат аст: а) таҳлили ҳама гуна мавод дар асоси низоми хосси усулии(методологии) таҳқиқ; б) арзиши тарзи ҷузъбандии (квантификатсияи) матн, яъне тавсифи миқдории мазмун ва ғояи он. Ҳамчунин бо ёрии ин тарзи таҳқиқ маводи дар як давраи муайян нашркардаи рӯзномаҳои мустақил, аҳамияти ин мавод, мундариҷа ва шакли фаъолияти рӯзноманигорӣ ва ҳадафҳои иҷтимоии он таҳлил ва арзёбӣ гардид, ки то ҷое нақш ва ҷойгоҳи ин нашрияҳоро дар низоми ВАО-и кишвар муайян мекунад.

Рӯзномаҳои ёдшуда аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз саъй кардаанд, ки бо инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, аввалан шавқ, иродат ва андешаи мардумро ифода карда, диққати институтҳои низоми сиёсӣ ва оммаи хонандагонро ба масоили мубрами соҳа ҷалб кунанд, сониян, ба ин васила дасти таҳрире дар фаъолияти ниҳодҳои марбута ва таъсире дар фаҳму фаросати хонанда низ дошта бошанд. Ба ифодаи сареҳтаре, соҳибони ин расонаҳо фарзро бар ин гирифтаанд ва ё ниёз ба як тасаввуреро эҳсос кардаанд, ки "ҷомеъа дар маҷмӯъ то ҳудуде бар пояи як табақабандии воҳид пиромуни воқеияти иҷтимоӣ устувор аст. Зеро дар ғайри ин сурат мо қодир нестем ба як дунёи мунсаҷим маъно ва мафҳум бахшем" [1, 28].

Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар рӯзномаҳои мустақил равиши хосси худро дошта, ин нашрияҳо дар таҳия ва нашри мавод асосан ба манбаъҳои худӣ ва гоҳо ба сарчашмаҳои беруна низ такя доштаанд. Аз таҳлили қиёсии ин се рӯзнома, ки воқеияти иҷтимоии кишварро инъикос намудаанд метавон ба чунин натиҷа расид, ки ин нашрияҳо асосан ба маъхаз ва манобеъи зерин пойбанд будаанд:

а) матолибе, ки тавассути маллифони худӣ ва бегона таҳия шудаанд;

б) маводи ирсолӣ аз тарафи хабарнигорони собит ё эъзомӣ;

в) навиштаҳои ҳамкорони ғайри мустақим;

г) таҳлил ва тафсирҳои ҷомеъашиносон ва сиёсатшиносон;

д) ахбор ва эъломияҳои давлатӣ;

е) ахбор ва тафсирҳои дарёфтшуда аз ҷамъиятҳо, аҳзоб ва афроди одӣ;

ё) ахбор, мақола, мусоҳиба, табсира ва дигар маводи иқтибосшуда аз рӯзномаҳо ва нашриёти дохиливу хориҷӣ.

Маводе, ки дар ин замина дар рӯзномаҳои мавриди назар ба чоп расида, ифодагари “ набзи зиндаи ҷомеъа буда, фақат дар асоси таппиши он, на ягон нишонаи дигар, матавон нисбат ба вазъи сиёсӣ, маъмурӣ, илмӣ, адабӣ, зебоишиносӣ, ахлоқӣ, оиди рӯҳияи халқ,боигарӣ, саноат ва ҳунар қазоват кард” [2, 264] иньикоси воқеияти иҷтимоӣ ба назар меояд.

Дар интихоби мавод, таъйини ин ки рӯзномаҳои мазбур чӣ ҳаводиси иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон ва ҷаҳонро интихоб кардаанд, чӣ воқеиятҳое бештар мавриди таваҷҷуҳи онҳо будааст, мо дар равиши интихоб ва арзёбии мавод омилҳои зеринро мушаххас намудем: а) миқёс ва мизони такрори як рӯйдод ва ҳамоҳангии нашрия бо он; б) майдон ва вусъати интишори ҳодиса, шиддат ва ҳиддати он; в) ошкору фаҳмрас будани воқеият; г) ҳаводиси аз нигоҳи пайвадҳои таърихиву фарҳангӣ муносиб; д) ҳамоҳангӣ ва ҳамсадоии воқеиятҳои иҷтимоие, ки ҷомеъа интизори вуқӯъи онҳоро доштааст;е) муҳтавои диққатангез, ҳамоҳангӣ ва ғайри мунтазира будани матлаби маводи интихобшуда.

Дар интихоб ва иньикоси воқеияти иҷтимоӣ илова бар омилҳои ёдшуда чанд омили фарҳангии дигар, аз ҷумла аҳамияти милливу ахлоқӣ, ба шахсиятҳои сиёсиву фарҳангӣ ва манфию ҳавасбарангез рабт доштани иттилоъот низ муассир будааст.

Дар заминаи ин таҳқиқ ва таҳлил метавон гуфт, ки дар иньикоси воқеияти иҷтимоии Тоҷикистон рӯзномаҳои “Нигоҳ”, “Фараж” ва “Озодагон” шеваҳои мухталиф ва судмандро ба кор гирифтаанд. Яке аз ин шеваҳо аз дидгоҳҳои рӯзноманигорони худӣ шарҳу тавзеҳ додани воқеияти иҷтимоии кишвар мебошад. Дар ин росто фаъолияти ҳар се рӯзнома қобили таваҷҷуҳ буда, нашрияҳо бештар ба масоили иқтимоие дахл кардаанд, ки барои ҷомеъаи тоҷикон тақдирсоз будааст. Аз ин ҷиҳат ба хотири муҳиммии мавзӯъ ва масъалаи иҷтимоӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамсадоии ҳар се рӯзнома ба мушоҳида мерасад, ки ,албатта, ба вусъати интишор ва таъсири мавод мусоидат мекунад.

Рӯзномаи “Нигоҳ” бештар ба масъалаҳои иҷтимоие монанди беҳдошти сиҳати мардум, ахлоқ ва амнияти иҷтимоӣ, густариши нашъаҷаллобию нашъамандӣ, ришвахорӣ, сатҳи хидматрасонии тиббӣ ба мардум ва ғайра таваҷҷуҳ карда, ба ошкор сохтани заминаҳои ахлоқиву иҷтимоии равандҳои носолими ҳаёти ҷомеъа саъй намудааст. Аз ин ҷиҳат хусусиятҳои мавзӯии маводҳои дар рӯзнома нашршуда бо вазъи иҷтимоиву сиёсии ин давраи ҷумҳурӣ сахт алоқаманд мебошад. Зайли намуна чанд маводи дар ин самт нашр кардаи рӯзномаи “Нигоҳ”-ро аз назар мегузаронем, ки дар онҳо баъзе тамоюлҳои иҷтимоии ҷомеъаи кишвар дар даҳсолаи аввали садаи равон таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

“Нигоҳ” дар хабарҳои “Суғд: ноболиғон ҷавоҳирот ва 40 000 долларро дуздиданд”, “Дар Хатлон дуздӣ ва қаллобӣ афзоиш ёфтааст” ва “Дастгиршавии гурӯҳҳои ҷиноятпеша идома дорад” аҳли ҷомеаи шаҳвандӣ ва мақомоти марбутаро аз афзоиши ноамниии ахлоқӣ ҳушдор медиҳад. Омили аслии такрор ва касрати вуқӯъ дар ин хабарҳо аввалан моҳият ва муҳиммии масъала бошад, сониян фарогир будани рӯзнома ва ниҳоят ҳамоҳангӣ ва шавқмандии ахлоқии хабарнигорон ва нашрия ба чунин ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дар ҳар се хабар хабарнигор ба омилҳои воқеии рух додани ҷиноят таъкид варзидааст, ки муҳим мебошад. Дар хабари аввал “ноболиғон бо сабаби он ки аз толори автоматӣ қарздор шудаанд, даст ба ҷиноят зада”-анд. “Дуздии амвол ва 101 ҳолати қаллобӣ”, ки “кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифтаанд”, таъкиди хабари дувум аст. Дар хабари охир аз амалиёт ва марги ду нафар дар муборизаи алайҳи қочоқбарони афғон хабар дода шуда, аз афзоиши ин ҳодиса изҳори нигаронӣ шудааст. Дар паҳлуи ин се хабар шарҳи коршинос омадааст ва ӯ бо далелҳо собит кардааст, ки яке аз омилҳои ҷиддии афзоиши ҷиноят, бахусус дуздиву авбошӣ маҳз марказҳои компутерӣ ва автоматӣ будааст. Чанд омиле ҳаст, ки эътибор ва таъсири хабарҳои зикршуаро афзоиш додаанд: нахуст маҳбубият ва ҷозибияти зоҳирии ҳодисаҳо, ки ба ахлоқ ва осоиши ҳамагонӣ марбут мешаванд; дувум такрор ва касрати вуқӯъ , майдон ва вусъати хабар ва воқеияти ногувори иҷтимоӣ, ки низ хонанда ва ниҳодҳои марбутаро ба ҳушёрӣ ва чорабиниҳои талқин мекунад. Корбурди ин хусусиятҳо фақат марбут ба огоҳиҳои тиҷоратӣ набуда, балки рӯзномаро ба дарк ва тафсиру таҳлили воқеияти иҷтимоӣ раҳнамоӣ кардааст, ки хусусияти созандагӣ низ дорад.

Иньикоси масъалаҳои иҷтимоӣ ба василаи хабар дар рӯзномаи “Нигоҳ” бо он чи зикр шуд маҳдуд намешавад, балки паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеъаро дар бар мегирад. Аз ҷумла, масъалаҳои зиёни офати табиӣ, кушгори наврас, ҳифзи амнияти иҷтимоии шаҳрвандон ва сиҳатии мардум дар

хабарҳои “Панҷакент: зарари сел 888000”, “Шӯроб: марги наврас”, “1794 нафар вайронкунандаи қонун муҷозот шуданд” “Пешгирии ВИЧ-СПИД кори ҳамагон” акс ёфтааст. Масъалаҳое, ки ба ин хабарҳо маъруфият , ҷозибияти хос ва таъсиргузор бахшидааст, мояи паёмест, ки шунидан ва хонданаш ба хонанда хушёрӣ ва масъулияту эҳтиёткорӣ ато мекунад. Дар ин гуна хабарҳо нуфузи қудрати манбаъ ба воқеияти доғи иҷтимоӣ асос ёфта, яке аз василаҳои таъсиргузори ҷалби бештари мухотаб хоҳад гардид. Хабарҳои дар ин замина нашркардаи ҳар се рӯзнома ду масъаларо пеш мегузорад, ки яке сиҳати гузориш аст ва дигаре бовариноқ будани манбаъ ба унвони яке аз тарафҳои иртибот.

Рӯзномаи “Фараж” ба интишори хабарҳое бештар таваҷҷуҳ кардааст, ки бозгӯи вазъ ва ҳоли асафбори муҳоҷирони меҳнатиянд.Муаллифи хабари “Тобут дар рӯзи ид” аз марги Зубайдулло ном муҳоҷири меҳнатӣ, ки дар Русия кушта шудааст хабар дода, зимнан шумори қурбониёнро фақат аз деҳаи Якуми Майи ноҳияи Вахш бармешуморад, ки даҳҳо нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамин манбаъ дар хабари дигар, ки таҳти унвони “Сесаду панҷоҳу шаш тобути тоҷик” нашр кардааст, бар синну соли кушташудагон, ки 18 то 30 сола будаанд таъкид варзида, сабаби қатли шаҳрвандони тоҷик дар Русияро “бархурди даҳшатноки гурӯҳҳои миллатгарои рус” унвон кардааст.

Рӯзномаи “Озодагон” низ ба интишори хабарҳо оид ба вазъи муҳоҷирони тоҷик дар Русия диққат дода, аз ҷумла дар хабари “6 кушта ва 23 маҷрӯҳи тоҷик дар як моҳ” бар афзудани миқдори қурбониён нисбат ба солҳои пеш таъкид меварзад. Хабар ба ҳадафҳои миллатгароёнаи қотилони шаҳрвандони кишвар ишораи равшан дорад, ки таъкид бар моҳияти зиёновари иҷтимоии ин ҳодиса аст.

Дар кори нашри хабарҳои иҷтимоӣ ҳар се рӯзнома ба маҳаки ҳифзи амонат дар хабар ва устувории мавқеи манбаъ эътибори хос дода, марҳилаҳои шинохти ҳақ ва амал бар онро вежагии усули нашри ин гуна иттилооти иҷтимоӣ донистаанд, ки гувоҳи садоқат ба касбият аст. Ҳар се рӯзнома дар иньикоси масъалаҳои иҷтимоӣ омилҳои манбаи иртибот(интиқолдиҳандаи паём), вежагиҳои мухотабон(паёмгирон) ва моҳияти паём(чигунагии интиқоли он)-ро ба эътибор гирифтаанд , ки омили аслии пуртаъсирии иттилоъот гардидааст.

Муруре ба муҳтавои ин се рӯзнома собит месозад, ки онҳо дар иньикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба нашри маводе пойбанд будаанд, ки манфиатҳои иҷтимоии мардуми кишварро ба дарозои замон дар дохил ва хориҷи он ҳимоят мекунанд. Дар ин замина ҳадафи рӯзномаҳо холисона ва некбинона буда, мусоидат ба беҳ шудани вазъи иҷтимоӣ ва шукуфоии кишвар аст. Таҳлили муҳтавои мақолаҳои “Нони тилоии пойтахт”, “Маҳдудкуниии энергияи барқӣ : аз Сироҷев то Самиев”, “Ду посух ба як мактуб”, “Савганди Гиппократ”, “Табиб-онкологи шинохта ҳалок шуд”, “Дар сатҳи зиндагии мардум қаноатмандед?” ва ғайр, ки дар “Нигоҳ чоп шудаанд, гувоҳи он аст, ки нашрия, пеш аз ҳама, ба сабаб ва таърихи зуҳури ҳаводиси иҷтимоӣ таваҷҷуҳ доштааст. Муалифони мақолаҳо барои ошкор кардани моҳияти воқеоти иҷтимоӣ ба омилҳои рух додани онҳоро эътибор дода, баҳои холисона ба онҳо аз вежагии фаъолияти ин рӯзномаҳост.Ба ифодаи дигар, рӯзнома барои ба мухотабон расонидани паёми саҳеҳ асли ҳақиқати муҳтаворо ҳифз кардаанд.

Усули интихоб ва иньикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар рӯзномаи “Фараж” дигаргуна буда, пеш аз ҳама, ба тадқиқоти журналистӣ асос ёфтааст. Дар ин равиш барои ин рӯзнома эътибори манбаъ як мафҳуми иртиботӣ аст, ки бо мафҳумҳои дигари иртиботӣ пайванди қавӣ дорад. Аз таҳлили қиёсии муҳтавои маводҳое, ки рӯзнома дар боби иҷтимоиёт чоп кардааст, метавон ба ин натиҷа расид, ки манбаи боэътибор барои ин рӯзнома дар раванди иртибот таъсири мустақим ва ғайри мустақим дошта, бо ин мафҳум иртиботи бевосита доранд ва ҳам таҳти таъсири он қарор доранд. Мафҳумҳое чун гузиниши мавод, арзишҳои иттилоотӣ, айният, назарияи ҳамагонии шинохт, масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор ва ғайра дар воқеъ бо ин фарз, ки манбаи муътабар василаи аслии иртибот аст, айният меёбад. Иньикоси масъалаҳои иҷтимоӣ собит мекунад, ки ибрати манбаъ барои рӯзнома ва кормандони он арзиши хос доштааст. Бинобар ин, аксари маводҳое , ки дар мавзӯи мазбур дар рӯзнома нашр шудаанд, танҳо ба як манбаъ-тадқиқоти кормандони он истинод намудаанд. Аз ҷумла, маводҳои “Суғд дар торикистон”, “Шумо қиматшавии нархи обро чӣгуна қабул кардед?”, “Биёед обрӯи Душанберо нарезонем”, “Баҳори умри инсон чанд аст?”, “Ифтихори сӯхта”, “Модар! Маро

интизор машав!" ва ғайра бо ҳамин усул навишта шуда, дар ҷараёни интихоб ва нашри онҳо арзишҳои ҳоким дар ҷомеъа ва муҳтавои густурдаи иҷтимоии мавод муассир будааст.

Дар нашри чунин маводҳо фаъолияти "Озодагон" низ аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққат аст: нашрия барои қобили дарк кардани воқеияти иҷтимоии кишвар фарзиёти хоссеро перомуни ҷомеъаи кишвар ва чигунагии ҳаракати он дар ихтиёр дорад, ки ба таъсири он меафзояд. Муаллифони аксари ин гуна маводҳо ба ҳодисаҳо маънои иҷтимоӣ бахшида, арзишҳои иттилоотиро бар пояи донистанҳои собитшуда дар атрофи ҳаводиси иҷтимоӣ ва як идеолоҷӣ ва қонунҳои касбӣ устувор сохтаанд. Аз ин мавқеъ, нашри ин гуна маводҳо барои ношир фақат инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ набуда, балки гузориш ва тафсири сареҳи ҷанбаъҳои матраҳшуда дар ҷомеаанд. Бинобар ин, маводе, ки дар ин самт дар рӯзнома нашр шудааст фаврӣ, тоза ва судманд буда, ба воқеият асос ёфтааст. Чанд мақола, гузориш, мусоҳиба, назарсанҷиҳо, аз ҷумла "Коррупсия", "Даюсӣ узр надорад", "Бухрон ва фасод", "Модарони арақфурӯш", "Кӣ гуфт?" ва ғайра, ки рӯзнома чоп кардааст, дар ҳамин равиш таҳия ва нашр шудаанд.

Таҳлили қиёсии ин маводҳо ҷиҳатгирии ошкорои рӯзномаро дар инъикоси нуқсонҳои иҷтимоии кишвар нишон медиҳад. Вале ин ҷиҳатгириро набояд билкул манфӣ арзёбӣ кард. Ин тарзи инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ба забти воқеъбинонаи он мусоидат кардааст, ки зери таъсири равиши асосии сиёсати созандаи иҷтимоии давлат шакл гирифтааст. Масалан, гузориши "Коррупсия" дар дастгирии сиёсати созандаи иҷтимоии давлат зидди фасод ва порахӯрӣ нашр шуда, моҳияти зиёновари ин ҳодисаро дар ҳаёти шахс ва ҷомеъа собит месозад. Мақолаи дигар, "Сабади истеъмолӣ бо афсона пур намешавад" низ дар ҳамин равиш таълиф ва нашр гардида, назари коршиносонро доир ба вазъи сабади истеъмолии сокинони кишвар ва сатҳи зиндагии мардум дар бар мегирад. Ин мавод бо фарогирии санадҳои воқеӣ ҳолату сабаби истеъмоли сокинони кишварро дар заминаи санадҳо нишон дода, камбуди ин соҳаро ҳамчун омили афзоиши бемориҳои музмин таъбир мекунад.

Яке аз равишҳои хосси ин нашрияҳо иборат аз он аст, ки рӯзноманигорон дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамзамон бо усулҳои суннатии фаъолият гирдоварӣ ва таҳлили санадҳои таҷрибавӣ, аз қабили мушоҳида, суҳбат ва омӯзиши ҳуҷҷатҳоро низ ба кор гирифтаанд. Дар ин замина таҷрибаи ҳар се рӯзнома, ки бо тарзи назарсанҷӣ амалӣ шудааст, ҷолиби диққат мебошад. Аз ҷумла, назарсанҷие, ки "Озодагон" таҳти унвони "Як соли "Озодагон" гузаронидааст, на фақат нақди фаъолияти яксолаи нашрия аст,балки то ҷое шинохти одамони касбу кори гуногун аз ваъи иҷтимоии ҷомеъа низ ҳаст.

Дар ин шакл рӯзномаҳои "Нигоҳ" ва "Фараж" низ мавод нашр намудаанд ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ доир ба масоили иҷтимоӣ ва ҳадафҳои рӯзномаҳо дар ин самт изҳори андеша намудаанд. Дар ин равиш метавон аз маводҳои нашркардаи "Нигоҳ" таҳти унвони "Дар сатҳи зиндагии мардум қаноатмандед?" ва "Фараж" "Шумо гуфтед? Мо ҳам мегӯем!" ёд кард, ки бозгӯи вазъи иҷтимоии кишваранд.

Аз таҳлили иҷмолии маводи дар масъалаи мавриди назар нашркардаи рӯзномаҳои зикршуда метавон чунин натиҷа гирифт, ки ҳадафи дастандаркорони соҳа, пеш аз ҳама, дар ҷомеа гурӯҳҳои алоҳидаи он оид ба вазъи иҷтимоӣ донишҳо ва тасаввуроти лозимро бавуҷуд овардан буда, ҳамчунин назари дунёшиносӣ, ормонҳо, эътиқодот, ахлоқи иҷтимоӣ ва муносибати онон ва дастандаркорони соҳаро ба муҳити иҷтимоӣ дар заминаи воқеияти рӯз ба сӯйи созандагӣ таѓйир додан аст.

Бо вуҷуди душвориҳо ва монеаҳои мавҷуд рӯзномашои "Нигоҳ", "Фараж" ва "Озодагон" тавонистаанд, ки дар ҳаёти пурҷӯшу хӯрӯши иҷтимоиву сиёсии ҷомеа навигариҳои муайян ворид созанд, [4, 76], ки рохро барои пешрафти ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма ҳамвор мекунад.

АДАБИЁТ

1. Нагрин Р. Хабар ва таҳияи хабар / Р. Нагрин // Рӯзноманигори ҳирфаӣ. - Техрон, 1381. – С. 28.
2. Прохоров Е. П. Публисистика и действителност / Е. П. Прохоров. - М.:Изд. МГУ им. М. В. Ломоносова, 1973. - С. 264.
3. Прохоров Е. П. Эпистолярная публитсистика / Е. П. Прохоров. - М.:Изд. МГУ им. М. В. Ломоносова, 1966. - С. 24.
4. Шарифзода К. Роль СМИ в политической системе Таджикистана / К. Шарифзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. - Душанбе, 2006. - С. 76.

САРЧАШМА

5. Нигоҳ, 2009.
6. Озодагон, 2009.
7. Фараж, 2009.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ

Дар мақола масъалаҳои иҷтимоӣ ва тарзи усули инъикоси он дар матбуоти мустақили Тоҷикистон, бо усули контент-анализ дар мисоли рӯзномаҳои "Нигоҳ", "Фараж" ва "Озодагон" тадқиқ шудааст. Муаллиф дар заминаи квантификасияи матн, яъне тавсифи миқдории муҳтаво ва ғоя бо ба корғирии методологияи хоси таҳқиқ маводи дар як давраи муайян нашршуда, фаъолияти нашрияҳо, ҳадафҳои иҷтимоӣ, нақш ва ҷойгоҳи онҳоро дар низоми ВАО-и ҷумҳурӣ муайян намудааст.

Калидвожаҳо: матбуоти мустақил, ВАО, масъалаҳои иҷтимоӣ, контент-анализ, хабарнигор, шарҳи коршинос, низомӣ сиёсӣ, мусоҳиба, мақола, ахбор ва эъломияҳои давлатӣ.

ОСВЕЩЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ТЕМ НА СТРАНИЦАХ НЕЗАВИСИМОЙ ПРЕССЫ

В данной статье на основе контент-анализа рассматриваются способы и методы освещения социальных тем в независимой прессе Таджикистана. В качестве объектов изучения выступают такие издания как «Нигох» («Взгляд»), «Фараж» («Лекарство»), «Озодагон» («Свободный»). Автор на основе квантификации текстов публикаций, т.е. контент-анализа с использованием особой методологии исследования материалов, опубликованных в определенный период определил место и роль выше названных изданий в системе СМИ республики.

Ключевые слова: СМИ; независимая пресса; социальные темы; контент-анализ; журналист; мнение эксперта; политеческая система.

ILLUMINATION SOCIAL THEMES ON THE PAGES OF INDEPENDENT PRESS

In this article, based on content analysis considered the ways and methods of covering social issues in independent's press in Tajikistan. The objects of research are such editions as "Nigoh" ("A look"), "Faraj" ("Medicine"), "Ozodagon" ("Free"). The author based on the quantification of the text of the publication, i.e. of content analysis using special methodology of research materials published in the a certain period defined the place and role of above named editions in mass media in a system of the Republic of Tajikistan.

Key words: media; an independent press; social issues; content analysis; journalist; expert opinion; politic system.

Сведения об авторе: ***Сипехри Кароматулло*** - аспирант дневного отделения кафедры печатных СМИ Таджикского национального университета. Телнфон: **(+992) 935-17-17-73.** E-mail: **futuvvat91@mail.ru**

«ҶУМҲУРИЯТ» ДАР ШИНОХТИ МУҲАҚҚИҚОН

Умарбек Фаридун
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар танвири афкори мардум, ба вуҷуд овардани инқилоби фикрӣ, тавсеаи ғояву андешаҳои умумимиллӣ ва дифоъ аз манофеи миллӣ матбуоти даврӣ ба таври мудовим нақши муассир дорад. Матбуоти даврии тоҷик бо умри беш аз садсолаи худ дар ичрои ин рисолати пуршараф гомҳои устувор гузоштаву ба муваффақият расидааст. Бо варақгардон намудани шумораву саҳифаҳои рӯзномаҳои тоҷикӣ ва ковишу пажӯҳишҳои ҷудогона, бисёре аз санадҳои ноомӯхта ва паҳлуҳои гуногунҷабҳаи таърих аён мешавад.

Дар таърихи матбуоти даврии тоҷик рӯзномаи «Ҷумҳурият», ба сифати нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон ҷойгоҳу мақоми вижаеро бархурдор аст. Чунончи аз таърих бармеояд, пас аз ташкили ҶМШС Тоҷикистон дар таҷаммӯи сохтмони ҳаёти нав, бунёди сохтори давлати Шӯравӣ ва ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ, яке аз масъалаи асосӣ таъсиси матбуот ба шумор мерафт, зеро танҳо матбуот метавонист ба халқ сиёсату ҳадафи ҳукуматро тарғиб намояд. Воқеан ин ҳадафро ба ҷуз матбуоти даврӣ ҳеҷ василаи дигаре ичро карда наметавонист.

Бо дарки муҳиммияти ин нукта 15-уми марти соли 1925 дар пойтахти навтаъсиси ҶМШС Тоҷикистон, Душанбе, ки он замон ҳамчун маркази Бухорои Шарқӣ маъруф буд, шумораи аввалини рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо номи «Иди тоҷик» нашр шуд. Бинобар маълумоти сарчашмаҳо шумораи нахустини рӯзномаи «Иди тоҷик» бо теъдоди 1000 нусха бо хуруфи арабиасоси форсӣ дар фазои идона, ки он рӯз ба хотири таъсиси ҷумҳурӣ тантана мекард, дастраси мардум гардид. Зимнан ба зикри як нукта таваҷҷуҳ намоем, ки барои ҳар як нашрия интихоби ном тасодуфӣ сурат намегирад, ном бояд зебо ва ифодакунандаи ғояву ҳадафи нашрия ва муассиси он бошад. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҳам бори нахуст бо номи «Иди тоҷик» нашр шуд, ки рӯҳияи замонро аз таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва соҳиби истиқлолият, забон ва маданяти моддиву мадании қадимии худ шудани тоҷикон ифода мекард. Дар он шабу рӯз, ки сарнавишти ояндаи мардуми тоҷик, зери суол буд, рӯзнома бо унвони худ натанҳо аз соҳиби давлат шудани тоҷикон дарак дод, балки дар дили мардум ҳисси хурсандиву умеди нек ба ояндаро бедор намуд. Баъдан шумораи дуюми он, ки бо номи «Бедории тоҷик» нашр шуд, идомаи мантиқи ҳамон бедорсозии халқи дар натиҷаи зулму асорат азиятдидаи тоҷик гашт.

Рӯзномаи «Иди тоҷик» бо мадади як гурӯҳ кормандони Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон, ки вазифаи тарҷумонӣ, мусаҳҳеҳӣ ва саҳифабандиро ичро мекарданд, бахусус зери таҳрири нозири маорифи Тоҷикистон Аббос Алиев нашр шуд. Бо мадади кормандони Комиссариати маорифи Тоҷикистон, чун А. Алиев, Саидбоғир Қосимов ва Маҳдӣ Таҳмосов нашр шудани рӯзнома шаҳодати он аст, ки ин тоифа аз поягузорони маорифу маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шинохта

мешаванд. Худи ҳамон сол ба ин гурӯҳ устод Абулқосим Лоҳутӣ, ки пас аз инқилоби машрута аз Эрон ба Тоҷикистон омада буд, шомил шуда, хадамоти арзишмандеро дар рушди неруи зеҳнии мардуми тоҷик анҷом дод. Муҳаррири вақти рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх" Қосим Дайламӣ зикр мекунад, ки "дар ҳар як шумораи он ("Бедории тоҷик" Ф.У.) гурӯҳе аз коркунони масъули Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон иштирок менамуданд, ки онҳо аз устод Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ, Қамбарзода, Миртолиб Саидзода, Климчинский, А. Кузнетсов, Қосим Дайламӣ буданд" *(«Комсомоли Тоҷикистон» 17-уми январи соли 1968)*.

Бояд гуфт, ки Аббос Алиев ба сифати яке аз чеҳраҳои равшанфикр дар он замон дар пойдорӣ ва ташаккули маориф ва маданияти тоҷик хадамоти зиёдеро анҷом додааст, аз ҷониби дигар, нахустин муҳаррири рӯзнома таъйин шуданаш ба ин далел сурат гирифт, ки ӯ қаблан дар рӯзномаи «Озод Бухоро» ба ҳайси муҳаррир фаъолият карда, дар кори матбуот таҷрибаи зиёди касбӣ дошт.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз нахустин рӯзи таъсисёбиаш пойдор гардонидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ривоҷ бахшидани маорифу маданияти халқи тоҷикро ҳадафи ниҳойии худ қарор дод. Ба ин хотир, нақши ин рӯзнома дар ҳама ҷабҳаҳои ташаккули маърифати миллати тоҷик мондагор буда, ҳар як саҳифаи он бозгӯйи воқеаву ҳодисаҳои нодири замон аст. Бинобар ин, роҳи дар тӯли беш аз 90 сол тайкардаи рӯзнома ниёз ба пажӯҳиши ҳамаҷонибаро дорад, ки, албатта, аз назари аҳли илму эҷод дар канор намондааст. Дар робита ба таърихи таъсиси рӯзномаи мавриди назар ва ҷойгоҳи он дар низоми матбуоти даврии тоҷик чанде аз асару мақолаҳои ҷудогона таълиф шудааст, ки омӯхтани онҳо барои баҳои воқеӣ додан ба ҳодисаҳои давр ва бахусус, муайян кардани моҳияти сохториву мундариҷавии рӯзнома ва рисолати таърихии он мусоидат намуда, чун манбаи боэътимод ҷиҳати тадқиқи минбаъдаи ин нашрия, ҳамчунин таърихи матбуоти тоҷик хидмат хоҳанд кард.

Дар силсилаи пажӯҳишҳои муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик ва нигоштаҳои кормандони худи рӯзнома нақши "Ҷумҳурият" ба сифати инъикосгари воқеиёти давр, баёнгари рӯҳи замон, мунодии афкори халқ, модари матбуоти тоҷик, сарахбори матбуоти тоҷик ва амсоли ин арзёбӣ шудааст. Ин нигоштаҳоро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва муносибат ба мавзӯъ ва масъалаи мавриди назар метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

1. **Мақолаҳои оммавӣ,** ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар иртибот бо ин ё он масъала ва ё бахшида ба ин ё он ҷашни таърихӣ, хосатан ҷашни матбуоти тоҷик ва санаи таъсиси худи нашрия таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин радиф мақолаҳо ва ёддоштҳои кормандони «Ҷумҳурият», рӯзноманигорон ва муҳаққиқони публитсистикаи тоҷикро, ки ба муносибати 15, 50, 60, 70, 80, 85, 90-солагии нашрия ва ё санаҳои алоҳидаи таърихи матбуоти тоҷик, аз ҷумла Рӯзи матбуоти миллӣ (11-уми март) дар нашрияҳои даврӣ ва маҷмӯаҳои алоҳида нашр шудаанд, дохил кардан мумкин аст. Ин гуна мақолаҳо теъдодан хеле зиёданд, ки агар танҳо номгӯи онҳоро зикр намоем, феҳристи азиме тартиб меёбад. Биноан ин ҷо танҳо зикри баъзе аз онҳоро ҷоиз медонем. Мақолаҳои Исмоилзода– «Тоҷикистони Сурх» *(Тоҷикистони сурх.-1928, 8-уми октябр)*, С. Айнӣ – «Муборизаи 15-солаи бошарафона» *(Тоҷикистони сурх.-1940, 15-уми март)*, Нур Табаров – «Минбари ҳазорон» *(Адабиёт ва санъат-1985, 21 март)*, И. Усмонов – «Сарахбори матбуоти тоҷик» *(Комсомоли Тоҷикистон.-1975, 14-уми март)*, «Баёнгари рӯҳи замон» *(Тоҷикистони советӣ.-1985, 23-юми март)*, Раҳим Ҳошим – «Солҳо дар саҳифаҳо» *(Маориф ва маданият.-1975, 25-уми март)*, М. Турсунзода – «Сорбони матбуоти мо» *(Тоҷикистони советӣ.-1975, 25-уми март)*, Муъмин Қаноат – «Оинаи рӯзгори мо» *(Тоҷикистони советӣ.-1985, 23-юми март)*, «Аввалин газета, аввалин муъҷиза» *(Ҷумҳурият.-1995, 18-уми март)*, Қ. Шарифӣ – «Модари матбуоти тоҷик» *(Ҷумҳурият.-2004, 27-уми март)* ва ғайра аз ҷумлаи ин гурӯҳи мақолотанд, ки вобаста ба давру замони муайян паҳлуҳои гуногуни рӯзномаро бозгӯ кардаанд. Дар ин нигоштаҳо таърихи рӯзнома, муҳтавои матолиб ва нақши он дар ташаккули афкори ҷомеа таҳлил ва баррасӣ шудааст. Бинобар ин, дар онҳо баъзан ҳолати такрори санаду арқом ва андешаи иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Устод С. Айнӣ, ки худ ҳодими фаъоли рӯзнома буд, онро «модари матбуоти Тоҷикистони советӣ» номидааст [3, 323], ки бардақ дуруст аст. Воқеан, рӯзномаи «Иди тоҷик» дар асл барои пайдоиши рӯзномаҳои минбаъда дар сарзамини навтаъсиси тоҷикон замина фароҳам сохт. Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат дар такя ба андешаҳои устод С. Айнӣ нақши бузург доштани ин рӯзномаро дар инъикоси тамоми паҳлуҳои рӯзгору зиндагии халқи тоҷик ва ташаккули маданияту маърифати он арзёбӣ карда, аз ҷумла меафзояд: «Бедории тоҷик" барои намоиши истеъдоди дар тангӣ мондаи халқ чун минбар кор мекард...» *(Тоҷикистони советӣ-1985, 23-юми март)*.

Дар ин радиф ҳамчунин метавон аз маҷмӯаи «Оинаи миллат», ки ба муносибати ҷашни 80-солагии нашрия интишор гардидааст, ёд кард. Дар ин маҷмӯа маводи зиёди арзишманд, ки ба қалами кормандони собиқ ва имрӯзаи рӯзнома мансуб буда, дар жанрҳои мақолаву мусоҳиба, хотира, ёддошт ва лавҳа гирдоварӣ шудааст. Нигоштаҳои ин маҷмӯа бо вуҷуди аз ҳамдигар фарқ доштан, аз ҷиҳати арзёбии нақши ин рӯзнома дар рушди ҷомеа ба ҳам умумият доранд. Ба ибораи дигар, ҳамаи муаллифон ба "Ҷумҳурият" ва нақши он дар инъикоси раванди зиндагӣ ва ташаккули афкори омма қоиланд. Агар дар мақолаҳои Камоли Абдураҳим ва Иброҳим Усмонов нақши рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва таърихи он таҳлил шуда бошад, пас хотираву ёддоштҳои кормандони собиқ ва имрӯзаи нашрия, Шодӣ Саид, Нур Табаров, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Абдулҳамид Самад,

Карoматуллоҳи Мирзо, Асадулло Саъдуллоев, Мансур Сайфиддинов, Бекназар Аҳмадов, Абдулқодири Раҳим ва дигарон, лаҳзаҳои гуворо ва хотирмони рӯзгори рӯзнома ва нақши онро ба сифати мактаби бузург, даргоҳи муқаддас, парчамбардори матбуот бозгӯ мекунад. Ҳамчунин ин мачмӯа аз он чиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар охири он феҳрасти рӯзномаи «Ҷумҳурият» бо шумули маводи фаровон оид ба таъриху комёбиҳои матбуоти тоҷик, рӯзноманигорӣ аз соли 1925 то имрӯз ва феҳрисити ашхосе, ки бо рӯзнома алоқамандӣ доштанд ба тартиби алифбоӣ гирдоварӣ шудааст, ки бешубҳа барои таҳқиқи худи рӯзнома ва таърихи журналистикаи тоҷик ёрӣ дода метавонад.

2. **Мақолаҳои илмӣ**. Ба ин гурӯҳ мақола ва асарҳои муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷикро метавон дохил кард, ки дар онҳо бевосита даврaҳои гуногуни рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ё дар алоқамандӣ бо дигар нашрияҳои даврӣ ба таҳқиқ кашида шудааст. Аз ҷумла, дар нигоштаҳои муҳаққиқон Ҷ. Усмонов, И. Усмонов, Д. Давронов, А. Азимов, П. Гулмуродзода, М. Муродов ва дигарон бевосита паҳлуҳои гуногуни ин рӯзнома мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ё дар иртибот ба масъалаҳои дигари матбуоти тоҷик ба он ишораҳо шудааст. Агар дар нигоштаҳои Ҷ. Усмонов, Д. Давронов бештар таърихи нашрия бозгӯ шуда бошад, дар мақолаҳои И. Усмонов, П. Гулмуродзода, А. Азимов М. Муродов нақши «Ҷумҳурият» дар ташаккули минбаъдаи матбуоти тоҷик, адабиёти тоҷик, тарбияи насли ҷавони адибон ва публитсистон, инъикоси рӯзмарраи ҳаводиси рӯз, баррасии масъалаҳои мубрами давру замон, тасвири чеҳраҳои кору пайкор, инсонҳои ҷӯяндаву созанда ва амсоли ин пажӯҳиш гардидааст. Аз ҷумла муҳаққиқ М. Муродов дар якчанд мақолаҳои илмиаш, ки доир ба таърихи матбуот, вижагиҳои шакливу мундариҷавии журналистика ва публитсистикаи муосири тоҷик навишта шудаанд, доир ба фарогирии мавзӯъ, таҳаввулоти жанрӣ, масоили забон ва услуби нашрияи «Ҷумҳурият» дар низоми матбуоти даврӣ таваҷҷуҳ намудааст. Бахусус мақолаи «Рисолати Ҷумҳурият» далели ин аст, ки дар он фаъолияти яксолаи нашрия дар соли 2014 аз нигоҳи мундариҷаву мавзӯъ, муҳтаво, қолабҳои жанрӣ ва шаклу ороиш ба таври муфассал таҳлил шудааст.

Миёни ин гурӯҳи матолиб китоби муҳаққиқи журналистикаи тоҷик, профессор И. Усмонов – «Ёрдамчии содиқи партия» фарқ мекунад. Ин рисола ба муносибати 50-солагии рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» таълиф шуда, соли 2008 дар китоби мачмӯаи мақолаҳои муаллиф «Журналистика», қисми 3 бо номи «Оинаи рӯзгори тоҷик» ба таври муфассал бо такмил ва тағйиру иловаҳо бознашр гардидааст, ки аз оғози нашр то соли 1975 -ро фаро мегирад. Асари мазкур хусусияти таҳқиқотӣ дорад ва дар он таърихи таъсиси рӯзнома, фарогирии мундариҷаву мавзӯъҳо, рангорангии жанрӣ, робитаи адибон бо рӯзнома, нақши рӯзнома дар сохтмонҳои азими кишвар, тарбияи мухбирони коргару деҳқон ва амсоли ин ба таҳқиқи илмӣ кашида шудааст. Ҳамзамон дар ин мачмӯа доир ба таъсиси аввалин матбуоти тоҷикӣ дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон то пайдоиши рӯзномаи «Иди тоҷик» маълумот оварда шудааст.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар рушду ташаккули адабиёт, публитсистика ва фарҳанги рӯзноманигории тоҷик низ нақши сазовор дорад. Даҳҳо ҳикоя, очерк, лавҳа ва дигар асарҳо, ки дар анвои гуногуни жанрҳои публитсистиву адабӣ кормандони он эҷод кардаанд, дар роҳи таҳқиқу омӯзиши публитсистикаи тоҷик сабақҳои омӯзандаанд. Дар мачмӯаи «Умре дар роҳ» (1976), ки аз ҷониби муҳаррири вақти ин рӯзнома Ғоиб Қаландаров мураттаб шудааст очерк, ҳикоя, шеър, лавҳа, қайдҳо ва ҳачвияҳои бехтарини муаллифони рӯзнома, аз қабили очеркҳои Ғоиб Қаландаров, Асадулло Саъдуллоев, Шодӣ Ҳаниф, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ато Ҳамдам ва ҳикояву шеърҳои Искандар Мирзоев, Адулҳамид Самадов Теша Рачаб, Султон Шоҳзода, Усмон Шарифзода, Абдулвоҳид Воҳидов бахшида ба нашри 50-солагии рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" интихобан гирдоварӣ шудааст. Ин мачмӯа, ки матолиби зиёди ҷолиберо фаро гирифтааст, дар пажӯҳиши нашрияи мавриди назар аз аҳамият холӣ нест.

Аз адабиёт ва сарчашмаҳои зикршуда, даврaҳои гуногун таърихи рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро бо таҳаввулоти сохториву мундариҷавии он метавон муайян кард. Бинобар маълумоти сарчашмаҳо, хотираву ёддоштҳои кормандони рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар шумораи нахустини ин нашрия мактуби КМ РКП ба комунистони Тоҷикистон, мурочиатномаи ҳукумати ҷумҳурӣ ба халқи тоҷик, табрику шодбошиҳои дӯстона ба муносибати таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Вале як нукта боиси баҳс аст, ки бинобар сабаби маҳфуз нашудани шумораи нахустини рӯзномаи «Ҷумҳурият», дар аксар таҳқиқот доир ба теъдоди саҳифаҳои нахустини нашрия андешаҳо гуногун ва ҳатто мухталифанд. Аз ҷумла, шумораи нахустини рӯзномаи «Иди тоҷик»-ро агар Иброҳим Усмонов «16 саҳифаи хурдҳачм» ҳисобад [5, 8], собиқ муҳаррири ин нашрия Нур Табаров дар мақолааш бахшида ба 60-солагии рӯзнома онро «дар ҳачми шаш саҳифаи хурд» арзёбӣ мекунад *(«Адабиёт ва санъат»-1985, 21-уми март)*. Муҳаққиқ А. Азимов бошад дар ин ҷода ақидаи профессор И. Усмоновро ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки «И. Усмонов ин факти таърихиро бори аввал истифода ва пешниҳод менамояд, ки боиси қабул аст» [1, 16]. Аммо ба андешаи А. Азимов, роҷеъ ба он ки «профессор И. Усмонов ин факти таърихиро бори аввал истифода ва пешниҳод менамояд» наметавон пурра розӣ шуд, зеро дар китоби дигари И. Усмонов «Ёрдамчии содиқи партия» теъдоди саҳифаҳои нашрия «шаш саҳифаи хурд» гуфта мешавад [5, 4]. Дар мақола ва ёддоштҳои собиқ кормандони рӯзномаи «Ҷумҳурия» низ ба ин далел метавон дучор шуд. Аз ҷумла, собиқ корманди рӯзнома Бекназар Аҳмадов дар хотираҳояш зикр карда, ки «.... 15-уми марти соли 1925 дар ҳачми шаш саҳифаи хурд бо

теъдоди 1000 нусха рӯзномаи «Иди тоҷик» чоп шуд» *(«Ҷумҳурият»-2004, 14-уми феврали)*. Ҳамин гуна далел дар мақолаи яке аз собиқадорони матбуот Д. Барзӣ низ ҷой дорад. Д. Барзӣ чунин қайд мекунад: «Баъд аз тақсимоти миллӣ дар Осиёи Миёна нахустин рӯзномае, ки дар микёси Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ нашр гардид, ҳамоно ноширии афкори бюрои ташкилоти фирқа, кумитаи инқилобии марказӣ ва иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон - «Иди тоҷик» буд, ки вай дар 15 моҳи марти соли 1925 ба муносибати рӯзи эълони ташкили Ҷумҳурияти шӯроии сотсиалистии мухтори Тоҷикистон бо ҳаҷми бисёр хурде интишор ёфт. *(«Тоҷикистони сурх»-1933, 6-уми май)*. Далели дигаре, ки дар ин самт доманаи андешаро тақвият мебахшад, мақолаи устод Мирзо Турсунзода аст. Устод Мирзо Турсунзода дар мақолаи «Аввалин газета, аввалин муъҷиза», ки ба ифтихори 50-умин солгарди «Тоҷикистони советӣ» нашр шудааст, хотираашро аз нашри шумораи нахустини рӯзномаи «Иди тоҷик» чунин меорад: «Гумон мебарам, ки ба ҳамин қарибиҳо (марти 1925), мо ҷавонони ташнаи илм, бюллетени «Иди тоҷик»-ро даст ба даст гардонида, ба шавқ мутолеа мекардем...». *(Тоҷикистони сурх»-1940, 15-уми март)*. Мақолаи устод М. Турсунзода ва дигар муҳаққиқони соҳа гувоҳи он аст, ки дар ҳаҷми 16 саҳифа нашр шудани шумораи нахустини рӯзномаи «Иди тоҷик» чандон ба ҳақиқат наздикӣ надорад. Аз ин рӯ, дар такя ба андешаҳои муҳаққиқон тахминан метавон хулоса кард, ки бо назардошти вақту фазои таъсиси нашрия, имконоти моддию техникӣ ва фарогирии мавзӯю мундариҷаи он дар ҳаҷми чор ва ё шаш саҳифа нашр шудани шумораи нахустини рӯзномаи «Иди тоҷик» ба ҳақиқат наздикӣ дорад. Шумораҳои баъдии рӯзнома, ки бо номи «Бедории тоҷик» дар ҳаҷми чаҳор саҳифа нашр мешуд, ин хулосаро асоснок мегардонад. Вале то замони пайдо шудани шумораи нахустини рӯзномаи «Ҷумҳурият» чунин ихтилофи назарҳову фарзияҳои гуногун боқӣ мемонад.

Дар умум аз адабиёт ва сарчашмаҳои зикршуда метавон ба чунин хулоса расид, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз оғози пайдоиш то имрӯз дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии миллати тоҷик нақш гузоштааст ва маҳз ҳамин нукта зарурати таҳқиқи онро ба сифати нашрияи расмӣ, соҳибмактаб, собиқадор ва соҳиби услубу шеваи хос дар низоми матбуоти даврии тоҷикӣ ба миён меорад. Тамоми воқеаҳои муҳим ва сарнавишти тамаддуни миллати тоҷик аз оғози таъсис то ба имрӯз дар саҳифаҳои рӯзнома сабт мешавад, ки нақш ва ҷойгоҳи ҳар кадоми он дар илми таърихнигорӣ ва публитсистикашиносии тоҷик ниёз ба омӯзишу пажӯҳиши комил дорад. Ҷилдҳои ҳарсолаи он ҳуҷҷати пурқимат ва оинаи рӯзгору сарнавишти роҳи тайнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар зарфи 90 сол ва беш аз ин аст.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Марзи сухан / А. Азимов. – Душанбе: Дониш, 2008. – 80 с.
2. Айнӣ С. Осори баргузида дар ду ҷилд: Ҷилди 1. Акнун навбати қалам аст / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977.
3. Усмонов И. Қ. «Журналистика» (Қисми 1) / И. К. Усмонов. – Душанбе: Империал – Групп, 2005. – 480 с.
4. Усмонов И. Ёрдамчии содиқи партия / И. Усмонов. – Душанбе, 1975. – 36 с.
5. Ҳошим Р. Солҳо дар саҳифаҳо / Р. Ҳошим // Мақолаҳо ва ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.
6. Аҳмадов Б. Саромадони матбуоти тоҷик / Б. Аҳмадов // Ҷумҳурият, 2004. 14-уми феврал.
7. Барзӣ Д. Ёдоварии матбуоти мо ва вазифаҳои ояндаи он ва мухбирони мо / Д. Барзӣ // Тоҷикистони сурх, 1933. 6-уми май.
8. Дайламӣ Қ. Оғози кор / Қ. Дайламӣ // Комсомоли Тоҷикистон, 1968. 17-уми январ.
9. Қаноат М. Оинаи рӯзгори мо / М. Қаноат // Тоҷикистони совет, 1985. 23-юми март.
10. Муродов М. Андар пажӯҳиши як нашрия (Нигоҳе ба як соли фаъолияти «Ҷумҳурият») / М. Муродов // Осор (Трудьі). Маҷмӯи мақолаҳои илмии ПИТФИ. – Душанбе: Истеъдод, 2015. - Ҷ.2. – 480 с.
11. «Ойинаи миллат». – Душанбе: Эҷод, 2005. – 208 с.
12. Турсунзода М. Аввалин газета аввалин муъҷиза / М. Турсунзода // Тоҷикистони сурх, 1940. 15-уми март.
13. Табаров Н. Минбари ҳазорон / Н. Табаров // Адабиёт ва санъат, 1985. 21-уми март.

ҶУМҲУРИЯТ» ДАР ШИНОХТИ МУҲАҚҚИҚОН

Дар мақола сатҳи шудааст, ки дараҷаи омӯзиши «Ҷумҳурият» ҳамчун нашрияи расмӣ ва пурсобиқа ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Муаллиф мақолаҳои муҳаққиқони соҳаи журналистикаи тоҷик, кормандони худи нашрия ва дигар рӯзноманигоронро, ки дар мавридҳои гуногун иншо намудаанд, бо усули таҳлили муқоисавӣ гурӯҳбандӣ намуда, арзиши илмӣ ва оммавии онҳоро муайян кардааст. Аз силсилаи пажӯҳишҳои муҳаққиқон аён мешавад, ки «Ҷумҳурият» дар низоми матбуоти даврии тоҷик мавқеи муҳим дошта, дар даврахои инқилофи худ ҷиҳати иньикоси тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии миллати тоҷик нақши созгор доштааст. Ҳарчанд мақолаҳои баанҷомрасида хусусияти ҷудогона ва публитсистӣ доранд, аммо дар пажӯҳиши рисолавии нашрия аз аҳамият холӣ нестанд.

Калидвожаҳо: «Ҷумҳурият», журналистикаи тоҷик, рӯзнома, матбуот, маориф, маданият, сиёсат, муҳаққиқ, манфиатҳои миллӣ, шумора, таҳлил, баррасӣ, иньикос.

«ДЖУМХУРИЯТ» ГЛАЗАМИ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В статье проявляется большое усердие в исследовании истории одного из старейших изданий – газеты «Джумхурият», имеющей свою собственную школу и свойственный себе стиль и метод работы. Анализируя сопоставительным методом статьи ряда исследователей таджикской журналистики, сотрудников самого издания и других журналистов, написанных на различные темы, автор группирует и определяет их научно-популярную ценность.

Согласно мнения некоторых исследователей, газета «Джумхурият» занимая существенную позицию в системе таджикской периодической печати, во всех этапах своего развития имела значительную роль в отражении политической, социальной и нравственной жизни таджикской нации. Хотя вышеупомянутые статьи имеют публицистический характер, в настоящем исследовании издания представляют некоторую значимость.

Ключевые слова: «Джумхурият» таджикская журналистика, газета, печать, образование, культура, политика, исследователь, национальные интересы, номер, анализ, рассмотрение, отражение.

"JUMHURIYAT" EYE RESEARCH

The article showed great diligence in the investigation of the history of one of the oldest newspapers - "Jumhuriyat", having its own school and peculiar style and method of work. On the basis of a number of articles of researchers of the history of the Tajik journalism and publication of the employees the author defines the history of the newspaper "Jumhuriyat" and its position in the system of the Tajik periodicals.

According to some studies the role of the newspaper "Jumhuriyat" in all spheres of political, social and moral life of the Tajik nation is considered to be a huge and at all times, taking the primary position in the system of the Tajik periodical print edition was number one. It is this property, and calls for his research again and again.

Key words: «Jumhuriyat», Tajik journalism, paper, printing, education, culture, politics, the researcher, national interests, the number, analysis, consideration, reflection.

Сведения об авторе: ***Умарбек Фаридун (Фаридуни Умарбек***) - аспирант факультет журналистики Таджикского национального университета. Телефона: **(+992) 934-59-68 -10, 987-77-56-83.** E-mail: **faridun-0990@mail.ru**

«TAJIKISTAN TIMES» - АВВАЛИН НАШРИЯИ АНГЛИСЗАБОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Ф. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар гӯем, ки матбуот дар инъикоси проблемаҳои мухталифи ҷомеа нақши муассир дорад, хато нахоҳем кард. Зеро дар шароити кунунии Тоҷикистон дар қиёс бо радиову телевизион инъикоси амиқи проблемаҳои ҷойдошта бештар дар матбуот дида мешавад.

Имрӯз Интернет ба яке аз василаҳои пуркудрати таблиғу ташвиқ ва паҳн кардани иттилоъ табдил ёфтааст. Дар мавриди пайдоишу қудрати он профессори тоҷик Иброҳим Усмонов мегӯяд: «Асри XIX василаи нави пуркудрати электронӣ - интернетро ҳам ба миён овард, ки вай аз имконоти матбуот, телевизион ва радио бархӯрдор аст» [2, 97]. Яъне, Интернет василаи пуркудрати таъсиррасонӣ дар системаи ВАО ва таблиғ гашт. Аз ин сабаб, матбуот низ аз имкониятҳои ин ба таври васеъ истифода мебарад. Матбуоти тоҷик низ аз Интернет ба таври фаровон истифода мебарад ва метавон гуфт, ки имрӯз бе Интернет тасаввур кардани матбуот худ имконнопазир аст. Имрӯз Интернет метавонад бисёре аз корҳои қаблан матбуот мекардаро аз қабили расонидан ва паҳн кардани хабар, ташвиқу таблиғ ва ғайраро иҷро намояд. «Дар системаи ҷаҳонии воситаҳои ахбор Интернет низ мавқеи умда дорад, вай нисбат ба ҳар василаи ахбори дигар имконияти бештари пахши фаврии матолибро дорад…» [2, 7] мегӯяд муҳаққиқи соҳаи журналистика Иброҳим Усмонов.

Албатта, Интернет дар баробари доштани имкониятҳои зиёд ва осон кардани кори матбуот, ҳамчунин паҳлуҳои манфӣ низ дорад. Дар Интернет маводҳои дурӯғин зиёд аст ва наметавон ба ҳамаи он эътимод баст.

Вақтҳои охир дар саҳифаҳои Интернет ҳар гуна матлабҳои иғвоангез нисбати давлату миллати тоҷик пайдо шуда истодаанд. Бештари он матлабҳо бо забони англисӣ нигошта мешаванд ва барои ба муқобили онҳо истодагарӣ карда тавонистан бояд ВАО-и англисзабон вуҷуд дошта бошад. Ин ҷо зарурати пайдоиши нашрияи англисзабон ба миён меояд, зеро бояд шахрвандони хориҷии муқими Тоҷикистон ахборро бо забони англисӣ, вале аз нашрияи тоҷикӣ бихонанд.

Ин ҳама сабабҳоро ба инобат гирифта, чанде аз ноширони тоҷик кӯшиши пур намудани фазои холии бавуҷудомадаро карданд ва дар дохили нашрияи тоҷикӣ, аз ҷумла дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон», «Ману ту», «Овоза ва ҳақиқат» бо забони англисӣ мавод нашр менамуданд. Вале нашрияи алоҳидае, ки бо забони англисӣ нашр шавад, вуҷуд надошт.

Дар Тоҷикистон нахустин бор бо ибтикори Нуралӣ Шоев ҳафтаномаи англисзабон бо номи «The Tajik Times» нашр гардид. Ин нашрия чанд муҳлат бо ин ном нашр шуда, баъдтар номи худро иваз намуд ва «Tajikistan Times» шуд.

Чунончӣ ба мо маълум гардид, сармуҳаррири ҳафтаномаи ««The Tajik Times» («Вақти Тоҷикистон») Шоев Нуралӣ буда, ӯ 7-уми апрели соли 1961 дар шаҳри Кӯрғонтеппа ба дунё омадааст. Ӯ хатмкардаи шуъбаи актёри театр ва синамои Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода буда, фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун мухбир дар рӯзномаи Маданияти Тоҷикистон (баъдан Адабиёт ва санъат) оғоз намудааст.

Шоев Нуралӣ аз соли 2006 то 2012 ҳамчун муаллиф ва барандаи барномаҳои "Тоҷикистон хонаи ман" дар телевизиони Сафина, "Сайри олам", "Сайри меҳан", "Нобиғаҳои миллат" ва ғайраҳо дар Шабакаи якум ТВТ фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2009 то 2012 ба ҳайси Сармуҳаррири рӯзномаи англисизабони "Tajikistan Times" ифои вазифа намудааст.

Аз соли 2012 то 2014 муовини сармуҳаррири идораи ҷавонӣ, варзиш ва сайёҳии Шабакаи Якуми ТВТ шуда кор кардааст. Шурӯъ аз соли 2014 то 2015 сармутахасиси калони Вазорати фарҳангро бар дӯш дошт. Аз соли 2015 то ин ҷониб ба ҳайси директори Муассисаи давлатии Маркази эҷодии «Илҳом фаъолият намудааст.

Чунончӣ, дар хусуси як хабар аз сомонаи «Азия плюс» аз муаррифии ҳафтаномаи «The Tajik Times» чунин омадааст:

«Нуралӣ Шоев як нафар соҳибкори тоҷик буда, дар зарфи беш аз даҳ соли ахир дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба сар бурдааст. Ҳадафи роҳандозии ҳафтаномаи англисзабонро дар «талош барои муаррифии арзишҳои хунарию фарҳангӣ ва вазъи сиёсию иқтисодии Тоҷикистон ба ҷаҳониён» унвон кардааст» [4].

Бояд қайд намуд, ки аввалҳо ҳаҷми саҳифаҳои рӯзномаи «The Tajik Times» 12 саҳифаро ташкил медод. Пас аз 4 моҳи фаъолияташ миқдори саҳифаҳояш ба 16 расид. Кормандони ҳафтанома дар аввал бо сармуҳаррир ва панҷ нафар: муҳаррирон - А. Мирзоев, Б. Абдуллоева, У. Шамгоров, тарроҳи газета - М. Мирзоев иборат буд. Чунончӣ ҳадафи таъсис додани ин ҳафтаномаро муассис ва сармуҳаррири ҳафтанома Н. Шоев дар шумораи аввалинаш чунин қайд намудааст: «Рӯз то рӯз теъдоди сайёҳон ва коргарони хориҷӣ ба кишвари мо зиёд шуда истодаанд. Тоҷирон, донишҷӯён, кормандони ташкилотҳои байналхалқиву созмонҳои хориҷӣ мехоҳанд, Тоҷикистонро ба воситаи рӯзнома ва ё маҷаллааш, ки бо забони байналхалкӣ - англисӣ нашр шавад, бишиносанд. Аз ҳамин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, то ин ки орзуи онҳо ва мардуми тоҷикро амалӣ намоем» [1].

Чунончӣ Иброҳим Усмонов дар хусуси шумораи нахустини нашрияҳо аз ҷумла нашрияҳои хусусӣ чунин қайд намудааст:

«Дар шумораи аввал махсусан, эҳсос зиёд аст. Журналист соҳиби имконияти хос шуда, ҳастиашро ба он мебахшад. Бинобар ин, дар изҳоротҳои мунташираи шумораи аввал орзуҳои нек хеле зиёданд» [3, 250].

Бояд гуфт, ки танҳо ду саҳифаи нашрияи мазкур ба мавзӯҳои Тоҷикистон бахшида шуда буд. Саҳифаҳои боқимондаи онро навигариҳои Осиёи Миёна ва ҷаҳон ишғол намудаанд. Рӯзнома бо забони содаи англо-амрикоӣ ба табъ мерасид. Ба ақидаи сармуҳаррири рӯзнома нашр намудан бо ин забон осонтар буда, он барои аксари хонандаҳо фаҳмотар аст. Сарчашмаи асосии даромади рӯзнома аз ҳисоби реклама маҳсуб ёфта, бештари маблағро худи муассисаш Нуралӣ Шоев таъмин менамуд ва ӯ аз ҳеҷ созмони хориҷӣ кумаки пулӣ намегирифт.

Рӯзномаи «The Tajik Times» рӯзи чоршанбе ва дар як ҳафта як маротиба ба табъ расида, аз рӯзи нахустини нашраш ба мактабҳои олӣ, сафоратхонаҳо, ташкилотҳои байналхалкӣ, меҳмонхонаҳо ба таври обуна тақсим шуда, дар дӯконҳои газетафурӯшӣ низ дастрас буд.

Нақши рекламаро низ бояд фаромӯш накард. Зиёда аз ду саҳифаи рӯзномаро рекламаи хориҷӣ ташкил медод ва ,албатта, ин ба вазъи молиявии он таъсири худро дошт. Дар ин баробар рекламаи хориҷӣ ба фаъолияти эҷодӣ низ бе таъсир буда наметавонад.

Шоев Нуралӣ сармуҳаррири «The Tajik Times» бар он назар аст, ки «саҳифаҳои рӯзномаро метавон ба бахшҳои сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илм, тиб, кроссвордҳои фароғатӣ ва сканвордҳо тақсим намуд» [5].

«The Tajik Times» пас аз як соли фаъолият, дақиқтараш, 23 апрели соли 2010 номи худро иваз намуда, «Tajikistan Times» шуд. Шиори «Рост нишин, рост гӯ» дар муддати як солу ҳашт моҳ дар саҳифаи якуми нашрия дарҷ мегардид. Аз моҳи январи соли 2011 он шиорро иваз намуда, «Фактро мо менависем, аммо ҳақиқатро Худо медонад»-ро шиори асосии худ карданд. Соли 2011 нашрияи «TajikistanTimes» таҳти ҳамин шиор ба табъ мерасид. Шояд кормандони ҳафтанома бо баҳонаи ҳамин шиор аз навиштани воқеият даст кашанд. Иваз кардани шиорро низ метавон як гардише дар самти фаъолияти нашрия номид. Зеро дар шиори аввала агар ба худ бовариӣ эҳсос мешуд, дар шиори нав баръакс.

«Tajikistan Times» нашрияи мустақили ҷамъиятиву иттилоотӣ буда, қолаби жанрҳои журналистӣ дар он то андозае риоя шудааст. Албатта, вақте сухан аз жанрҳои дар он истифодамешуда меравад, қайд кардан лозим аст, ки ин нашрия то андозае кӯшиш мекунад, ки ба ҳамон қолаби жанрҳои журналистикаи Амрико ва Аврупо такя намояд ва ин чиз эҳсосшаванда аст. Вале, новобаста ба ин наметавон хулосабарорӣ кард, ки «Tajikistan Times» пурра бо шеваи журналистикаи Ғарб фаъолият мекард. Ҳарчанд бо забони англисӣ нашр мешуд, аммо қолаби жанрҳои журналистикаи тоҷик риоя мегардид.

Азбаски «Tajikistan Times» ҳафтаномаи иттилоотию ҷамъиятӣ унвон шудааст, аз ҳамин хотир, қисмати бештари ин нашрияро жанрҳои хабарӣ ташкил медиҳанд. Яке аз жанрҳои серистеъмол дар нашрияи мазкур хабар мебошад. Мавқеи ин жанр нисбат ба дигар жанрҳо зиёдтар аст. Ҳаштод фисади рӯзномаро жанрҳои хабарӣ ташкил медиҳанд. Ду саҳифаи онро хабарҳои дохили кишвар зери рубрикаи «Миллат» пур кардаанд. Дар ин саҳифа бештар хабарҳои кӯтоҳе, ки ба Тоҷикистон бахшида

шудаанд, нашр мешуданд. Саҳифаи чор ва панҷ тахти рубрикаи «Имрӯзи ИДМ» (Иттиҳоди давлатҳои мустақил)» нашр мегардид, ки дар ин саҳифаҳои ҷудошуда хабарҳо аз кишварҳои аъзои созмони Иттиҳоди давлатҳои мустақил нашр мегардиданд. Саҳифаҳои шаш ва ҳафтро хабарҳои ҷаҳон зери рубрикаи «Ҷаҳон» фаро гирифта буданд. Дар он бошад, иттилои нав дар бораи ҳодисаҳои арзишноки ҷаҳон оварда мешуд. Саҳифаи ҳашт, ки рубрикаи «Махсусият»-ро дорад, аз хабарҳо дар бораи чеҳраҳои машҳури ҷаҳон пур карда мешуд. Саҳифаи нуҳ бошад, бо рубрикаи «Бизнес» дарҷ гардида буд. Дар ин саҳифа дар бораи тиҷорати байналхалқӣ матолиб нашр мегардид. Хабарҳои варзишӣ дар саҳифаи даҳ ва зери рубрикаи «Варзиш» нашр мегардиданд. Саҳифаи мазкур пурра ба варзиш бахшида шуда буд. Дар ин саҳифа доир ба ҳаёт ва фаъолияти беҳтарин варзишгарони ҷаҳон маълумот оварда мешуд. Саҳифаи ёздаҳ ва дувоздаҳ зери рубрикаи «Андеша» ба нашр мерасид, ки дар онҳо бештар матолиб дар жанрҳои таҳлилӣ нигошта мешуданд. Дар саҳифаи зикргардида андешаҳои коршинос доир ба масоили байналхалқӣ ҷой гирифта буданд. Рубрикаи «Кроссворд» дар саҳифаи сездаҳ ҷой гирифта буд. Дар саҳифаи чордаҳ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ҳунармандони машҳури ҷаҳон маълумот гирд оварда шуда буд. Дар саҳифаи понздаҳ бошад реклама чоп мешуд. Дар ин саҳифа рекламаи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ба табъ мерасид. Дар саҳифаи шонздаҳ тахти рубрикаи «Оё медонед?» хабарҳои ҳангомаовар, ки ҳақиқат будани онҳо аз эҳтимол дур аст, нашр мегардиданд.

Рӯзномаи мазкур дар муддати се соли фаъолияташ танҳо як маротиба моҳи январи соли 2011 рубрикаи «Имрӯзи ИДМ»-ро ба «Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ» иваз намуд.

«Tajikistan Times» ҳафтаномаи мустақили иттилотиву ҷамъиятӣ буда, ҳадафаш он ҳама рӯйдодҳое, ки чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи мамлакат ба вуқӯъ меоянд, ифшо сохтан буд. Ин нуқтаро сармуҳаррири нашрия низ дар нигоштаҳои худ баён намудааст. «Ҳадафи ин ҳафтанома ба мардум тамоми воқеоти рӯзро, ки чи дар дохили мамлакат ва чи дар хориҷи он рух медиҳанд, расонидан аст. Ҳоло вақти он аст, ки мо бояд ҳақиқатро ифшо созем, ки ин яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад» [1].

Кормандони ҳафтаномаи «TajikistanTimes» пайи боз ҳам беҳтару хубтар гардонидани газета талош доштанд. Чунончӣ дар шумораи нахустин сармуҳаррир қайд намудааст: «Мо ният дорем, ки доираи хонандагони рӯзномаро васеътар намуда, газетаи худро ба Суғду Хатлон паҳн намоем» [5]. Аммо онҳо ба мақсади хеш нарасиданд. Зеро чопи рӯзномаи «TajikistanTimes» моҳи апрели соли 2012, бинобар кам доштани хонанда ва пеш омадани мушкилоти молиявӣ, қатъ гардид.

Аллакай, баъди як соли фаъолияти рӯзнома дастаи кормандони ҳафтанома ҳама иваз шуданд. Вазифаи ношир ба дӯши Н. Шоев ва муҳаррири он Н. Ҳайбатов дониста мешуд. Вазифаи дизайнерро Ф. Сатторов ичро намуда, нақши тарроҳиро М. Шоева ба дӯш дошт**.**

Бояд гуфт, тӯли се сол саҳифаҳои рӯзномаро кормандон бо матлабҳои сомонаҳои дигари хориҷӣ пур мекарданд. Мутаассифона, нашрияи «Tajikistan Times» дар бозори матбуоти тоҷик муваффақ нашуд ва пас аз се соли чопаш аз байн рафт.

АДАБИЁТ

1. Шоев Н. Салом хонандаи азиз! / Н. Шоев // The Tajik Times, 2009. 23 апрел.
2. Усмонов И. К. Журналистика / И. К Усмонов. - Душанбе, 2009. - Қ. 2. – С. 7, 97.
3. УсмоновИ. Журналистика / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2011. – Қ. 4. - С. 250.
4. [Захираи электронӣ] http://s1.news.tj/en/node/95563
5. [Захираи электронӣ] www. Khovar.tj

«TAJIKISTAN TIMES»- АВВАЛИН НАШРИЯИ АНГЛИСЗАБОН ДАР ТОҶИКИСТОН»

Мақолаи мазкур «Tajikistan Times»- аввалин нашрияи англисзабон дар Тоҷикистон» ном дошта, муаллиф дар мақолаи хеш аз таърихи пайдоиш, инкишоф, фаъолият ва барҳам хӯрдани рӯзномаи «Tajikistan Times» маълумот додааст.

Калидвожаҳо: «Tajikistan Times», журналистика, нашрия, англисӣ, рубрика, иттилоот, сенсатсия, жанр, хабар, интернет, ВАО.

«TAJIKISTAN TIMES» - ПЕРВАЯ АНГЛОЯЗЫЧНАЯ ГАЗЕТА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная статья посвящена «Таджикистан Таймс» - первой англоязычной газете в Таджикистане.

Ключевые слова: «Tajikistan Times», журналистика, Нурали Шоев, газета, английский, рубрика, информация, сенсатсия, жанр, новость, интернет, СМИ.

«TAJIKISTAN TIMES» -FIRST ENGLISH-LANGUAGE NEWSPAPER IN TAJIKISTAN

The article is devoted to " «Tajikistan times» -first English-language newspaper in Tajikistan." The author in her article tells of the origin, development and termination of the newspaper «Tajikistan Times».

Key words: «Tajikistan Times», journalism, Nurali Shoev, newspaper, English, headline, information, sensation, genre, news, internet, Mass media.

Сведения об авторе: ***Фарзона Мирзоева*** - аспирантка кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 935-48-00-88.** E mail: **Farzonabonu1988@mail.ru**

МАСОИЛИ ХУДШИНОСӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ДАВРАИҶАНГИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

С. Ҳайдаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чунон ки муҳаққиқони адабиёту публитсистика қайд кардаанд [1, 2], нимаи дуюми солҳои сиюм ва аввали солҳои чилуми асри гузашта пайваста ба таҳдиди фашизм ва хавфи ҷанги ҷаҳонӣ адибону олимони номдори Шӯравӣ ба таблиғи сулҳ, дӯстии мардумони ҷаҳон бештар аҳамият медоданд. Силсилаи мақолаҳои С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва М. Миршакар мустақиман ба ташаббусҳои нави ҷомеаи ҷаҳон баҳри аз байн бурдани хавфи ҷанг бахшида шуда буд. Б. Ғафуров низ аз ин ҳаракати байналмилалӣ дур намонд. Ӯ дар мақолаҳои «Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарон ва асоратгарони ачнабӣ» (бо ҳамроҳии Н. Н. Прохоров - 3), «Анъанаҳои қаҳрамононаи халқи тоҷик» [5] ва асари «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ» [4] бо далелҳои таърихӣ афзалиятҳои сулҳу дӯстиро бар ҷангу бадхоҳӣ собит сохтааст. Ҷиҳати ҷолиби ин гуна асарҳо он аст, ки муаррихи публитсист ба сифати далел аз фавқ – фавқи воқеаҳои таърих, ҳодисаҳои ибратбахш, ҷангҳои дохилию берунии марбути Ватани мо истифода мекунад. Чунин тарзи нигориш ба муҳаққиқ заминаи фаъолияти ӯро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳайё сохт. Набояд фаромӯш кард, ки Б. Ғафуров солҳои ҷанг яке аз ташкилотчиёни фаъоли кор ва кумаки неруҳои мусаллаҳ дар ақибгоҳ буд, ки аз ин хусус Ф. Ниёзӣ дар романи «Сарбозони бесилоҳ» [6] хеле муассир нақл кардааст.

Дар тӯли чор соли ҷанги мудҳишу хонумонсӯз талафоти бекиёсу харобкориҳои бемонанд, бераҳмиҳои гӯшношуниду зулму золимиҳои чашмнодид ба амал омаданд. Ҷанг рафтору амалиётҳои муназзамро дар тамоми соҳаҳо халалдор сохт. Аз ин ҷост, ки баробари ҷанговарону меҳнаткашон дар ин айём тамоми шаҳрвандон мақсаду вазифаҳои худро амиқ дарк карда, ба хотири чӣ ҷангидану мубориза бурданашонро ҳам сари вақт ва дуруст муайян сохтанд.

Дар адабиёт ва журналистикаи тоҷик аз рӯзҳои нахустини ҷанг мубориза бо фашизм, ғояҳои ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ аз умдатарин масъалаҳои эҷоди бадеӣ ва публитсистӣ қарор гирифт. Адибон ва журналистони тоҷик ҳам бо силоҳ ва ҳам бо қалам ба ҳифзи ватан бархоста, ба идеалҳои олии инсонӣ содиқ будани худро ҳар лаҳза ба воситаи изҳороту номаҳои хеш баён мекарданд. Сухан ва кору амали онҳо аз ҳам ҷудо набуд. Бисёр қаламкашон хомаи худро бо силоҳ иваз намуда, ба амри дилу виҷдон ихтиёрӣ ба размгоҳ мерафтанд: «Масалан, аз редаксияи «Тоҷикистони сурх» А. Иброҳимов, А. Пирмуҳаммадзода, Ф. Ниёзӣ, Ҳ. Аҳрорӣ, аз редаксияи «Коммунист Таджикистана» қариб 30 кас, аз ҷумла рафиқон А. Ф. Осипов, П. А. Евтеев, Н. Варламов, Н. Архипов, аз газетаи «Қизил Тожикистон» А. Назаров, М. Ашуров, Ш. Рачабӣ, аз редаксияи «Бо роҳи ленинӣ»-и Лелинобод Ҳоҷӣ Содиқ, Тоҷӣ Усмон, Ҳ. Карим, М. Нурматов, М. Ҳучаев, А. Мамадҷонов, аз газетаи райониии Конибодом Н. Фахрӣ, А. Қаҳҳорӣ ва дигарон қаламро бо яроқ иваз карда, ба муқобили душман муборизаи оштинопазир бурда, барои таъмин кардани ғалаба ҷони худро дареғ надоштанд.

Аксарияти онҳо дар муҳорибаҳои ҷангӣ қаҳрамонона ҷангида, матонат, мардонагӣ нишон дода, баргаштанд. Баъзеи онҳо барои ҳифзи ватан ҷони худро нисор карданд» [12].

Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои мардуми советӣ ҷанги адолатхоҳона ва моҳиятан умумихалқӣ буд. Фидокориву фаъолиятмандии халқ дар фронту ақибгоҳ асосан ба чор самт: майдони муҳориба, ақибгоҳи душман, баталонҳои коргарӣ ва ақибгоҳ-фронти меҳнатӣ нигаронида шуда буд.

Занону духтарон ва кӯдакону мӯйсафедон дар ақибгоҳ ба меҳнати зарбдорона машғул шуда, барои таъмини ғалаба шароит фароҳам меоварданд. Партизанҳо дар ақибгоҳи хасми бадкин мавқеъ гирифта, ба истилогарони фашистӣ зарбаҳои ҳалокатовар мезаданд. Дар баталонҳои коргарӣ ҳазорҳо нафар ба меҳнат фаро гирифта шуда, корхонаҳои калони саноатии мамлакатро бо неруи корӣ таъмин менамуданд ва иқтидори кории онҳоро нигоҳ медоштанд. Дар кӯчондану ба ҷойи бехавф бурдани корхонаҳои аҳамияти стратегидошта саҳми беандоза мегирифтанд. Муҳофизони Ватан бошанд, муташаккилона зидди душмани бадкеш дар набард буданд.

Кор дар ақибгоҳи фронт низ чандон осон набуд. Он бурдбориву душворнописандиро тақозо дошт. Назди масъулони фронти меҳнат вазифаҳои зиёд меистод, ки ҳар кадоми он дорои арзиши баланду аҳамияти муҳим ва хос буд. Бо ҷанговарон таъмин намудани фронт, пайваста сафарбар намудани меҳнаткашон ба баталонҳои коргарӣ ва ба низом даровардани кори ақибгоҳу таъмини ғалаба аз болои фашизми Олмон номгӯи нопурраи он вазифаҳои дарпешдоштаи масъулони ақибгоҳ мебошад.

Дар чунин давраи басо душвору масъулиятнок Б. Ғафуров бори гарони вазифаи котиби бахши идеологии КМ ҲК (б) (баъдтар, соли 1944 котиби дуюми КМ ҲК (б))Тоҷикистонро бар дӯш дошт. Ӯ дар кори сафарбар кардани меҳнаткашон ба муборизаи зидди истилогарони ачнабӣ ва харобкорони фашистӣ фаъолиятмандӣ зоҳир намуд. Ба сифати котиби бахши ташвиқу тарғиби ҳизби коммунистии

ҷумҳурӣ дар мубориза алайҳи душмани ғаддор ва саркӯб намудани он саҳмгирӣ карда, дар ин марҳилаи барои мамлакатамон хеле ҷиддӣ ва хатарнок дар роҳи ҳалли проблемаҳои аввалдарҷаи мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ба талаботи давр мутобиқ сохтани кори ақибгоҳ, барои таъмини ҳаматарафаи ғалаба, кумак ба фронту фронтиён бевосита иштирок кард.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ самти асосии фаъолияти олимону эҷодкорон, аз ҷумла таърихнигорон ба офаридани асарҳои мавзӯи ҳарбию ватандӯстӣ нигаронида шуда, Бобоҷон Ғафуров низ ҳамчун таърихшинос ва публитсист ба тадқиқу таълиф ва офариниши асарҳои илмӣ, илмию оммавӣ ва публитсистӣ машғул гашта, асарҳое таълиф кард, ки дар онҳо таърихи муборизаҳои халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ, ғоратгарони дохилӣ возеҳу равшан инъикос ёфтааст [10]. Ҳамчунон Б. Ғафуров чун масъули бахши идеологии Ҳизби Коммунист дар ин давра аз адибон эҷод кардани асарҳои таърихиву ташвиқотиро тақозо мекард. Устод Садриддин Айнӣ дар мактуби аз 23-юми апрели соли 1942 ба унвони шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ навиштаи худ, дар ин хусус чунин қайд кардааст: «Аз темаҳое (мавзӯҳо), ки рафиқ Ғафуров таклиф карданд, барои ман Ибни Муқаннаъ мувофиқ аст, чунки ман дар ин бора дер боз тадқиқот дорам» [13].

Дар мақолаи «Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарон ва асоратгарони аҷнабӣ», ки бо ҳамқаламии Н. Н. Прохоров соли 1942 дар маҷмӯаи «Кори мо ҳақ аст, душман зеру забар мегардад» нашр шуд, чашмандози таърихии Б. Ғафуров вусъат гирифта, ҳарбу зарбҳои гузаштаву таърихӣ таҳқиққорона тасвир ёфтаанд. Муаллиф тавассути он хонандаро даъват менамояд, ки дар мубориза ба муқобили душманони ватану хоинони он ҳар лаҳзаву соат тайёр бошанд. Ин қабил нигоштаву таълифоти Б. Ғафуров дар кори тавзеҳи мафҳуми ҷангу ҷангчӯй, шиносонидан ва ошкор намудани симои манфури фашистон, моҳияти идеологияи зиддибашарии гитлерчиён хизмати ҷолиб ба ҷо оварданд.

Он солҳо матбуоти ҷорӣ, махсусан рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» дар инъикоси ҳодисаву воқеаҳои дар фронту ақибгоҳ ба вуқӯъоянда саҳми беандоза гирифта, бештар ба мавзӯъҳои таърихӣ рӯй меовард: «Таърихи пур аз қаҳрамониҳои халқи тоҷик ба публитсистони «Тоҷикистони сурх» ҳуҷҷатҳои пурбаҳое додаанд. Дар ин давра устод Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик –Темурмалик» ва «Шерзод»-ро навишт. Саид Муллоҷонови Шаҳристонӣ ва Ҷалол Икромӣ корнамоиҳои Спитама ва Таҳмоси Ҳуҷандиро ёд оварданд. Дар баробари ин, устод Айнӣ дар мақолаҳои публитсистии худ «Чингизи асри ХХ», «Деви ҳафтсар»,«Талвосаи ҷонкании даррандаи захмдор»,«Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст», ки ҳамаи инҳо солҳои 1941-42 дар саҳифаҳои «Тоҷикистони сурх» чоп шуданд, дар асоси воқеоти ҳаётӣ оқибати марги Гитлеру гитлерчиёнро пешгӯйӣ намудааст» [10].

Б. Ғафуров ҳам дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» [5] мақолаи хеш «Анъанаҳои қаҳрамононаи халқи тоҷик»-ро бо имзои «Ғафбон» ба табъ мерасонад. Дар ин асар домани ҳофизаи таърихии муаллиф вусъатнок гардидааст. Ӯ тоҷиконро «халқи қадимтарин», «ба маданияти деҳқонӣ асос гузошта» ва «аввалин бинокорони моҳири кӯлу рӯдҳо» дар Осёи Миёна қаламдод карда, дар бораи сарзамини аҷдодони онҳо чунин менигорад: «Падару бобоҳои тоҷикони ҳозира сокинони мамлакатҳои Бохтар ва Суғдиён буданд, ки номи ин мамлакатҳоро таърихнависони дунёи қадим ва Хитой зикр мекунанд». Муаллиф аз мақому мартаба шуғлу пешаи мардум ва нуфузу мавқеи ҷуғрофии мамлакат ёдовар шуда, аз муборизаҳои бар зидди қабилаҳои бодиянишин, қӯшунҳои ғоратгари Искандари Зулқарнайн, истилогарони араб ва Чингизхон бурдан иаҷдодони тоҷикон пора ва лаҳзаҳои муассиркунанда оварда, бо ин васила ҳисси ватандӯстдориро дар мардум густариш медиҳад ва нафрату адоватро нисбат ба душман афзун менамояд. Дар ин мақола ба қавли муҳаққиқи соҳа И. К. Усмонов «аз таърихи пуршарафи халқи тоҷик, фарзандони содиқ ва қаҳрамонии онҳо ёдоварӣ карда мешуд, то ба насли имрӯзаи тоҷикон таъсир кунад, то онҳо ба ҳимояи Ватан бихезанд, дар хати фронт ва оқибгоҳ, дар ҳар ҷо ки бошанд, қаҳрамонона кору пайкор намоянд» [11, 162].

Ҳамчунин, мақолаи мазкур мардуми кишварамонро аз таърихи «муборизаҳои халқи тоҷик бо роҳбарии Спитамени диловар» алайҳи бераҳмию золимӣ, хуни ноҳақрезии урдӯи Искандар, Муқаннаи шуҷоъу «қобилиятҳои беназири ташкилотчигӣ дошта» ба муқобили арабҳои зулмпеша, ки тоҷикон онҳоро анқариб 15 сол «шабу рӯз ором намедоданд», Темурмалики бебоку Маҳмуди Торобии далер зидди Чингизи даъвои ҷаҳонгирӣ доштаву «бало барин зер карда» омада, ки шаҳру қишлоқҳоро оташ задаву аз зарби теғу шамшери золимонаш «дарё-дарё хуни халқи меҳнатдӯст равон» гашта буд, огоҳ сохта, онҳоро баҳри дифои мамлакат, марзу буми он омодаву ҳидоят менамояд. Муаллиф ҳамзамон меафзояд, ки таърихи тоҷикон ин қабил воқеаҳои пурфоҷиаро бисёр дидааст ва халқи диловари он алорағми ҳамаи ин доимо «далерии беҳамто нишон медод», «анъанаҳои ба муқобили ҳар зулму ситам муборизаи фидокорона бурданро дар худ нигоҳ» медошт ва байрақи ғолибиятро ба худ мебурд. Ин мисраъҳои машҳури Саъдӣ:

Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман!
Он манам, к-андар миёни хоку хун бини саре.
Он ки ҷанг орад ба хуни хеш бозӣ мекунад,
Рӯзи майдон, в-он ки бигрезад ба хуни лашкаре!

-ро чун шиори қаҳрамонону паҳлавонон ва диловарон ба мавқеъ истифода бурда, аз идомати анъанаву муборизаҳои боадолатонаву ватандӯстонаи ниёгонамон сухан рондааст. Ӯ ба муҳофизони Ватани маҳбуб на танҳо эътиқод, ҳамчунин боварии қавӣ дорад, ки бо тантанаву фахр ва қатъияти махсус нигоштааст: «Фарзандони озодидӯсти халқи тоҷик-набераҳои Коваи оҳангар, авлодони Спитамен, Муқаннаъ, Темурмалик ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳанд, ки бар гарданашон юғи пурнанги ғуломӣ андохта шавад» [5].

Б. Ғафуров таърихи халқу кишвари хеш, адабиёти классикии форсу тоҷик, афсонаву ривоятҳои таърихиву мардумиро хеле хуб медонист, ки ин барои ба вуҷуд овардани таълифоти хонданбобу гуногунманбаъ ба ӯ шароит фароҳам меовард. Чун ҷанг идома дошту муҳофизони кишвар ташнаи шиору суханони дилгармкунандаву даъватбаамалоранда ва муроҷиатномаҳои ба маҳви душман сафарбаркунанда буданд, Б. Ғафуров боз ба ин мавзӯъ рӯй оварда, онро густаришу инкишоф дод ва асари мукаммали илмию оммавии «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ»-ро офарид, ки соли 1944 интишор гардид. Асар аз 22 боб иборат буда, дар асоси факту далелҳои таърихӣ бо ҷанбаи пуркуввати илмӣ таълиф шудааст. Ручӯъҳои таърихӣ, мантиқи илмӣ ва ҷанбаи публитсистӣ дар ҳамбастагӣ бо ҳам омезиш ёфта, қимати таълифоти мазкурро «дар шарҳу баёни нақшаи халқ дар ҳаракатҳои мардумӣ, ҳаллу фасли муаммоҳои калони иҷтимоию сиёсӣ муайян намуд» [1, 15-16].

Бобу фаслҳои охирини асар, ки махсус ҳодисаву воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар гирифтааст, аз корнамоиву ҷонфидои фарзандони Тоҷикистон Ҳодӣ Кенҷаев, Исмоил Ҳамзаалиев, Саидқул Турдиев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Ҳайдар Қосимов, Муҳаммадӣ Иброҳимов ва дигар диловарони ҷасури майдонҳои набард дар муҳорибаҳои шадиду задухӯрдҳои азими мамлакат ҳикоят мекунад. Дар чунин давраи басо масъулиятнок, ки тақдири халқи бузурги мамлакати тавоно ҳал мешуд, ба таърих ва гузаштаи қаҳрамонони халқи худ рӯй овардан, онро аз нав эҳё кардан аз ҷониби Б. Ғафуров бесабаб набуд. Ба воситаи ин гуна асар мардум аз ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва гузаштаи худ огоҳ мегарданд. Суннатҳои волою муқаддаси мардумиву миллӣ ва умумибашарӣ, аз ҷумла анъанаҳои ватандӯстии халқи тоҷик барқарору ҳифз гардида, дар мавқеи худ устувор мемонад, сатҳи худогоҳию хештаншиносӣ вусъат меёбад. Дар бораи анъана ва идомаи он, ки ифтихори муосирон ва ояндагон мебошад, муаллиф аз ҷумла чунин менигорад: «Дар муборизаи чандинасраи муқобили истилогарон ва ситампешагони ачнабӣ анъанаҳои ватандӯстонаи халқи тоҷик нисбат ба истилогарон торафт зӯртар мешуд ва халқ чунин ҳисоб мекард, ки аз ба разилон ғулом шуда гаштан дида, қаҳрамонона мурдан беҳтар аст» [5].

Нигоштаву таълифоти солҳои мудҳиши ҷангии Б. Ғафуров, чӣ тавре ки Е. Осетров қайд кардааст, он айём «солдатҳоро ба ҳуҷум бархезонда, истеҳкомҳои душманро яке аз пайи дигар аз байн бурда, ҷанговаронро аз Волга то Берлин ҳидоят менамуд» [8, 71].

Айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ давраи имтиҳони ҷиддии мардуми мо низ ба шумор меравад. Дар ин давраи муҳимми таърихӣ Б. Ғафуров чун сарвари идеологҳои ҷумҳурӣ ба аксари хоҷагиву деҳот ва шаҳру навоҳии Тоҷикистон ва берун аз он як қатор сафарҳои судманд ба анҷом расонда, бо асарҳояш, бо садову даъватҳои шуълавари шоирону нависандагон, публисистон ҷур шуд.

Инчунин, Б. Ғафуров дар ташкил намудани мактубу муроҷиатнома ва хитобаю даъватномаҳо ҳиссагузорӣ карда, ба воситаи онҳо муҳофизони ватанро аз кору бори мардуми ақибгоҳ ва аҳли заҳмати ақибгоҳро аз ҳарбу зарби синасипарони мамлакат огоҳ мегардонд. Ин тарзи нигориш алоқаи байниҳамдигарии фронтиён ва мардуми ақибгоҳро густариш дода, ҳарду ҷониборо рӯҳу илҳом илҳо мекард. Диққати тарафайнро бошад, баҳри як мақсад-маҳву мағлуб сохтани душман равона месохт. Дар ин айёми басо душвор журналистону публитсистон, адибону олимон, кулли эҷодкорон ба воситаи маҳсули қалами хеш аз минбари баланди матбуот истифода бурда, дар якҷоягӣ «барои ба ҳам пайвастани андешаҳои ақибгоҳу майдони набард хидмати босазо» [7, 89] ба амал овардand ва дар ғалабаи умумихалқии мо саҳмгузор гаштанд. Аз ин дидгоҳ ба хулосае омадан мумкин аст, ки фаъолияти Б. Ғафуров дар айёми ҷанг басо доманфарох ва масъулиятнок будааст.

АДАБИЁТ

1. Академик Бободжан Гафурович Гафуров и его труды // Б. Г. Гафуров. Избранные труды. - М.: Наука, 1985. – С. 4-20
2. Брагинский, И. С. Жизнь и деятельность Б. Г. Гафурова / И. С. Брагинский // Бободжан Гафурович Гафуров. Библиография. – Д.: Дониш, 1969. – С. 4-22.
3. Гафуров, Б. Г., Прохоров, Н. Н. Борьба таджикского народа против чужеземных захватчиков и порабoтителей / Б. Г. Гафуров, Н. Н. Прохоров // Наше дело правое, враг будет разбить. – Сталинград, 1942. – С. 34-73.
4. Гафуров, Б. Г., Прохоров, Н. Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей родины / Б. Г. Гафуров, Н. Н. Прохоров // Очерки из истории таджиков и Таджикистана. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1944. – 212 с.
5. Ғафбон. Анъанаҳои қаҳрамононаи халқи тоҷик / Ғафбон // Тоҷикистони сурх, 1943. 6 ноябр.
6. Ниёзӣ, Ф. Сарбозони бесилоҳ / Ф. Ниёзӣ. - Д.: Адиб, 1989. – 416 с.
7. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Д.: Ирфон, 1989. – 176 с.
8. Осетров, Е. Вторжение и действительность / Е. Осетров // Вопросы литературы.- 1973. - №2. – С. 70-73.
9. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қ.1. – Сталинобод: Нашрдавлтоҷ, 1956. – 312 с.
10. Усмонов, И. Ёрдамчии содиқи партия / И. Усмонов. – Душанбе, 1975. – 34 с.

11. Усмонов, И.К. Журналистикаи академик Бобоҷон Ғафуров / И. К. Усмонов // Журналистика. - Душанбе, 2011. - Ҷ. 4. – С. 117-248.
12. Усмонов, Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ. Усмонов, У. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 1975. – 95 с.
13. Ҳашт мактуб // Садои Шарқ, 1978.-№1. - С. 114-124.
14. Шарипов, Ҷ. Инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар насри тоҷик / Ҷ. Шарипов. – Д.: Дониш, 1981. – 146 с.

МАСОИЛИ ХУДШИНОСӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ДАВРАИҶАНГИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Фаъолияти Б. Ғафуров дар айёми ҷанг басо доманфарох ва масъулиятнок аст. Дар адабиёт ва журналистикаи тоҷик аз рӯзҳои нахустини ҷанг мубориза бо фашизм, ғояҳои ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ аз умдатарин масъалаҳои эҷоди бадеӣ ва публитсистӣ қарор гирифт. Б. Ғафуров дар солҳои ҷанг яке аз ташкилотчиёни фаъоли кор ва кумаки неруҳои мусаллаҳ дар ақибгоҳ буд.

Калидвожа: ҶБВ, публитсистика, Ғафуров, фронт, ақибгоҳ, очерк, мақола, мубориза, фашизм.

ПРОБЛЕМА САМОСОЗНАНИЯ В ПУБЛИЦИСТИКЕ ВРЕМЕН ВОЙНЫ БОБОДЖОНА ГАФУРОВА

Журналистская деятельность академика Б.Гафурова во время войны была разносторонней и ответственной. В таджикской литературе и журналистике с первых дней войны была организована активная пропаганда борьбы с фашизмом, идей патриотизма и человечности. Эти темы являлись основополагающим в литературном и публицистическом творчестве. Академик Б. Гафуров в годы войны был одним из активных организаторов военной помощи в тылу.

Ключевые слова: ВОВ, публицистика, Б.Гафуров, фронт, тыл, очерк, статья, борьба, фашизм.

SELF-KNOWLEDGE ISSUES OF BOBOJON GAFUROV IN THE DURING WAR PUBLICIST

Journalistic activity of the academician B.Gafurov during of war was versatile and responsible. In the Tajik literature and journalism from first days of war active propagation of struggle against fascism, ideas of patriotism and humanity has been organized. These themes were basic in literary and publicist creativity. The academician B.Gafurov in days of war was one of active organizers of the military help in back.

Key words: the Second World War, publicist, B.Gafurov, front, back, essay article, struggle, fascism.

Сведения об авторе: ***С. Хайдаров*** - доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета.
Телефон: **(+992) 935-07-07-16**

АРТ-КРИТИКА И ОСВЕЩЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ИСКУССТВА В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА

Т. Ниязова
Таджикский национальный университет

Какой должна быть арт-критика в СМИ? Даже без детального анализа, очевидно, что критика внутри системы искусства всегда выступает в качестве практической теории искусства, являясь основным механизмом конструирования образов, понятий и терминологического инструментария.

Но это при условии, если арт-критик доказывает что-то обществу с помощью искусства. Своими публикациями он не только и не столько информирует аудиторию о событиях искусства, сколько ведет некую просветительскую работу, в которой объясняет процессы, происходящие в искусстве, рассуждает об их актуальности и необходимости, влиянии на воспитание у аудитории духовных и нравственных качеств, на формирование эстетических пристрастий. Иными словами - это идеолог, доносящий до публики смысл искусства, ценитель, который разъясняет.

В таджикских масс-медиа таких примеров в чистом виде нет. То немногое, что лишь условно можно отнести к публикациям идеолого-просветительско-философского характера, принадлежит изданию культурного центра «Бактрия». По мере того как КЦ устраивает те или иные мероприятия в местных СМИ появляются статьи, обзоры, расширенные заметки, синопсисы о предстоящих мероприятиях. Доступ к подобной информации, СМИ получают сразу по трем каналам: первый - это рассылка пресс-релизов, о которой говорилось в первом параграфе исследования, второй - сайт КЦ и бюллетень «Окно», издававшийся сотрудниками «Бактрии», в котором авторы не просто публиковали отчеты о проводимых КЦ мероприятиях, но и на их примере создавали общую художественную картину страны. В равной мере освещались, как новые практики искусства, так и традиционные средства художественного выражения. И то и другое представляет важность. В них скрыты символические отношения между прошлым и настоящим.

Қисмати бештари постҳо аз сабтҳои видеоие иборатанд, ки як навъ ба пахши телевизионию радиовӣ монанд барномаҳоро пешкаш мекунанд. Чи тавре, ки дар боло қайд шуда буд, баъзеи онҳо дар асл барномаҳои Т. Иматшоев ва Ф. Сабзалиев бо забони шуғнонӣ ва барномаҳои хабарию суҳбатнигории Ш. Ғуломалиев ва Н. Мирбозхонов бо забони вахонӣ худ барномаи садову симоро мемонанд. Чи тавре, ки маълум аст корбасти забони дар садову симо пахш шуда низ, ин васеъ намудани доираи корбарии он аст. Дар он истеъмолкунанда имконияти шунидану дидани онҳоеро, ки бо забони модариаш суханронӣ мекунад, дорад. Муҳокимаву мубодилаи афкор оиди ин наворҳо собити онанд, ки онҳо диққати бисёре аз соҳибзабононро ба худ кашидаанд, зеро ин маводҳо бо забони модарӣ ба талаботи маънавии онҳо ҷавоб медиҳанд. Ин ҳолат ба постҳо оиди мавзӯи муҳокимаи масъалаҳои мубрами барои ин ҷомеаи забонӣ муҳим буда низ, дахл дорад.

Мавзӯъҳои муҳокимаи луғат ва алфавит, тарҷумаҳои насрӣ ба ин забонҳо, дар ҳамаи гурӯҳҳо вазифаи мустаҳкамкунии таҳкурсии стандартии забонро доранд. Чи тавре ки маълум аст, солҳои охир бисёр воҳидҳои аслии ин забонҳо архаизм гашта ба ҷойи онҳо иқтибосҳо аз дигар забонҳо корбурд мешаванд. Аъзоёни гурӯҳ бошанд дар постҳои ба луғот дахл дошта, барои барқарор намудани калимаҳову ибораҳои аз истемол дуршуда ҷаҳд мекунанд ва истифодаи онҳоро мавриди муҳокимаи фаъолона қарор медиҳанд. Азбаски ҳамаи забонҳои помирии Тоҷикистон бехат ҳастанд, муҳокимаи алфавит ё расмулхати муносиб барои ин забонҳо барои аъзоёни гурӯҳи фейсбукӣ низ қисмати муҳимми инкишофи истифодаи забон ба шумор меравад. Суратҳои дар саҳифаҳои гурӯҳҳо ниҳода шуда низ, тафсири забонии худро дар муҳокимаҳои зери худ доранд, ки дар бисёр ҳолатҳо бо забони модарии аъзоёни гурӯҳ ирсол дода мешавад. Онҳо чунин постҳоеанд, ки соҳибзабононро ба фикр баён намудан водор мекунанд. Масалан, дар санаи 24 феврали соли 2016 Наим Мавлонназаров сурати хати ҳавоии шаҳри Хоруғро бо навиштаҷоти “Ид маш айрапорт. Шаҳри Хоруғ”-Ин аэропорти мо. Шаҳри

Хоруғ-ро дар саҳифаи гурӯҳ ирсол доштааст. Ин пост боиси мубодилаи афкор оиди намуди хати ҳавоӣ, ғайриоддӣ будани тарзи наворгирии сурат, таассуф аз хурд будани аэропорт гаштааст [7].

Ба вуҷуди он ки забонҳои помирӣ забони ақаллият ҳастанду бехатанд, ба қавли Ш. Юсуфбеков "қудрату суботи фавқулоддаро доранд, зеро соҳибони забон нақши муҳим доштани забонҳояшонро дарк менамоянд"[9, 280]. Кӯшишҳои ҷамъиятӣ намудани ин забонҳо тавассути расонаҳои электронӣ, ба хусус, шабакаи иҷтимоии Фейсбук, ки барои намояндагони забонҳои ақаллияти бехат имконияти озодонаи муошират бо забони модариро медиҳад, низ далели талош барои ҳифзи забонҳо аст. Ҳамаи мавзӯъҳои муҳимми номбаршуда, ки масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ифода мекунанд, нақши ҷамъиятӣ гирифтани забонро собит менамоянд. Рӯз аз рӯз шумораи аъзоёни гурӯҳҳо ба оҳистагӣ ҳам бошад зиёд шуда истодааст. Хонанда ё истеъмолкунандаи шабака ва гурӯҳ ҳуқуқ ва имконияти ба забони худ дидан, шунидан ва хонданро пайдо мекунад. Ин фаҳмиши муҳитро барояш осонтар намуда, имконияти мақсаду марому фикри худро ба хубӣ баён карданро медиҳад. Зеро маълум аст, ки забон ба тарзи фикрронии шахс таъсири муҳимми худро мегузорад, агар шахс бо забони худ фикр баён карданро ба хубӣ омӯзад, ба муҳити атроф, ба дигарон худро муаррифӣ карда метавонад ва ин муҳитро дарк намудан низ ба ӯ осонтар хоҳад шуд.

Омили муҳимми дигаре, ки аз ин тадқиқот бармеояд - ин ба як тартиби муайян даровардани забон бо кӯшиши якҷояву коллективонаи дорандагони забон, ки имрӯз дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ба сар мебаранд. Ҳузури мавзӯъҳое, ки дар гурӯҳҳои помирзабон дида мешаванд на танҳо мақоми ҷамъиятии ин забонҳоро барпо месозанд, балки дар барқароркунии воҳидҳои лингвистии ин забонҳо, сохтани расмулхати муносиб барои ин забонҳо, хулоса ба як чорчӯбаи муайяни адабиву стандартӣ даровардани ин забонҳо саҳм мегузоранд, ки ин мавзӯи тадқиқоти дигаре хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Аламшоев М. Историческое становление и перспективы сохранения памирских языков / М. Аламшоев // Endangered Languages and History. Proceedings of the Conference FEL XIII. – Khorog, 2009. - С. 177-182
2. Ашуров Илҳом. Гурӯҳи *Šekošəvi zvůk* –Забони ишкошимӣ / Илҳом Ашуров [Захираи электронӣ] www.facebook.com/groups/249622301783014
3. Додихудоева Л. Р. Памирские языки / Л. Р. Додихудоева // Языки народов мира. - М., 2000. – С. 33-40.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди Забони Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1989.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди Забони Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2009.
6. Лашкарбеков Б. Влияние исторических миграционных и глобализационных процессов на судьбу памирских языков и малых народов Памира / Б. Лашкарбеков // Endangered Languages and History. Proceedings of the Conference FEL XIII. – Khorog, 2009. - С.142-147.
7. Мавлонназаров Наим. Гурӯҳи "Помери бозор" / Наим Мавлонназаров. [Захираи электронӣ] www.facebook.com/groups/5006663138
8. Соколова В. С. Генетические отношения язгулямского языка и шугнанской языковой группы / В. С. Соколова. - Л., 1967. - С. 1-158.
9. Юсуфбеков Ш. Миноританые языки Памира: Проблемы и перспективы развития и изучения / Ш. Юсуфбеков // Лексика. Этимология. Языковые контакты. - М., 2011. - С. 278-281.
10. Crystal D. Language Death / D. Crystal. - Cambridge: Cambridge University Press, 2000. – P. 1-198.
11. Crystal D. Language and The Internet. (22nd ed.) / D. Crystal. - Cambridge: Cambridge University Press, 2004. – P. 1-272.
12. Cunliffe D. Young bilinguals 'Language Behavior in Social Networking Sites: The Use of Welsh on Facebook / D. Cunliffe, D. Morris, C. Prys // Journal of Computer-Mediated Communication 28(2), 2013. - P. 339-361.
13. Sheyulislomi J. Identity, Language, and new media: the Kurds case / J. Sheyulislomi // Language Policy 9, 2010. – P. 289-312.

ИСТИФОДАБАРИИ ЗАБОНҲОИ ПОМИРӢ ДАР ШАБАКАИ ИҶТИМОИИ ФЕЙСБУК

Дар мақолаи мазкур дискурси забонҳои бехатти помирии Тоҷикистон дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили дискурси гурӯҳҳои забонҳои помирӣ нишон медиҳад, ки истифодаи маълумотҳои забонҳои камшумор ба васеъсозии функсияҳои ҷамъиятӣ ва рушди минбаъдаи онҳо мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: забонҳои помирӣ, забонҳои бехат, Фейсбук, дискурс, забонҳои камшумор, функсияҳои ҷамъиятӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПАМИРСКИХ ЯЗЫКОВ В СОЦИАЛЬНОЙ СЕТИ ФЕЙСБУК

В статье исследуется дискурс бесписьменных памирских языков Таджикистана в социальной сети Фейсбук. Анализ дискурса памироязычных групп показывает, что использование данных малочисленных языков способствует расширению их общественных функций и их дальнейшему развитию.

Ключевые слова: памирские языки, бесписьменные языки, Фейсбук, дискурс, малочисленные языки, общественные функции.

THE USE OF PAMIRI LANGUAGES IN THE SOCIAL NETWORK OF FACEBOOK

The article examines discourse of unwritten Pamiri Languages of Tajikistan on Facebook's groups. The findings reveal that the use of these minority languages contributes to wide spreading of public functions and further development of them.

Key words: Pamiri languages, unwritten languages, Facebook, discourse, minority languages, public functions.

Сведения об авторе: ***Парвина Абдулхамидова*** -кандидат филологических наук, Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева. E-mail: **parvin.abd@mail.ru**

БОЗТОБИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАХТИЁРИ МУРТАЗО

С. И. Шарипов
Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Имсол аз ғалабаи мардуми шарафманди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар набарди солҳои 1941-1945 71 сол пур шуд. Ҳар қадаре ки мо аз рӯзи ғалаба дур мегардем, ҳамон андоза моҳияту ангезаи он дар вуҷудамон бештар мешавад. Дар ин ҷанг зиёда аз 70 давлати хурду бузурги ҷаҳон дохил буданд, ки ба ҳамаи онҳо хисороти ҷонию молӣ расид. Албатта, барои ғолибият дар ин ҷанги шадиди ҷаҳонӣ, ҳимояи хоки ватани ачдодӣ ва таъмини зиндагии пурсаодат садҳо ҳазор фарзандони ғаюр дар ин ҷода ҷони худро аз даст додаанд, ки қаҳрамонии онҳо ҳеҷ гоҳ аз хотирҳо фаромӯш намешавад. «Шуҷоату мардонагӣ ва қаҳрамониҳои тоҷикистониҳо дар саҳифаҳои таърих сабт гардидааст. Аввалан, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 300 ҳазор нафар дар ҷанг иштирок кард. Аз он 54 нафар унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, 15 нафар бо се ордени «Шараф» мушараф гардид» [6, 4-5]. Хотираи шикастнопазиру қалби пурмуҳаббати чунин афрод ҳамеша тимсоли некиву шуҷоатмандӣ барои насли наврас пеши назар ҷилвагар мешавад. Ин падидаву зухурот дар публитсистика ба таври зарурӣ инъикоси худро ёфтаанд. «Мавҷудияти рӯҳи иҷтимоӣ дар осори намояндагони адабиёти классикии тоҷику форс ва ба публитсистика гаравидани адибони муосир нишони он аст, ки дар ҳар давру замон дахолат ва воқеиёти муҳими рӯз ва маърифати иҷтимоии онҳо барои равшанфикрон маҳакӣ асосӣ ба ҳисоб мерафтааст» [4, 3]. Публитсистика имкон дорад, ки тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирад, мушкилоту муаммоҳои мавҷударо шарҳу эзоҳ диҳад. Ба ақидаи донишманди соҳа Нуриддин Бозоров «Публитсистика аслиҳаи тавонои муборизаҳои ғоявӣ, воситаи тарбияи ҷамъиятӣ, ташвиқот ва тарғибот, тарзи ташкил ва нақли ахбори иҷтимоӣ мебошад» [1, 11].

Замони ин ҷанги хонумонсӯз ва баъд аз он низ пайваста аз ҷониби аҳли эҷод, хосса нависандагону шоирон, рӯзноманигорону публитсистон асарҳои бузургу арзишманди дорои мазмуни баланди ватандӯстӣ, филмҳои гуногуни таърихӣ, ки қисматҳои гуногуни ин воқеаи сангинро фарогир, саҳнаҳои театрӣ ва аксу расмҳои чеҳраҳои қаҳрамонҳо ба вуҷуд омаданд, ки дарунмояи онро, пеш аз ҳама, муттаҳидиву меҳнатдӯстӣ, дӯстиву рафоқати халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳимояи Ватанмодар, бунёдкориву созандагӣ ташкил медиҳанд. Дар публитсистикаи Бахтиёр Муртазо инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳифзи марзу буми ачдодӣ, таъмини ғалаба, меҳнати софдилона ва ғайра ҷойгоҳи хосса дорад. Ӯ дар баррасии масъалаи мазкур таҷрибаи ғанӣ дошта, барои муассирии андешаҳояш натанҳо ба далелҳои боэътимоду раднашавандаи таърихӣ, балки суҳбат бо худи иштирокчиёни ҷангу наздикони онҳо такя кардааст, ки дар муассирии каломаш мусоидат кардаанд. Ба қавли муҳаққиқ Бахтиёри Қудбиддин «Дар ин роҳ мушоҳида, ҷустуҷӯ, дидан, мулоқот кардан ва ботини қаҳрамонро омӯхтан ҷузъиёти бунёдии» [7, 47) мавод аст.

Ба мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ доштани адиб ба омилҳои зерин вобаста аст:

а) ҳангоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) публитсист Бахтиёр Муртазо кӯдак буда, азобу машаққати зиндагӣ ба руҳу равони ӯ таъсири зиёд расонд.

б) аз хонаводаи онҳо чор нафар, падар ва амакҳояш ба майдони ҷанг рафта, ду нафар қаҳрамонона ба ҳалокат расида, ду нафари дигар сиҳату саломат баргаштаанд.

в) ҳисси баланди ифтихороти миллӣ, тарбияи насли наврас дар ҷодаи худшиносӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат, ки асоси кори эҷодкоронро ташкил медиҳад, иборат аст.

Соли 2005 бо дастгирии Ассосгузори сулҳу вахдати миллӣ -Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби «Шасти зафар», ки маҳсули тафаккури аҳли эҷоди кишварро дар солҳои гуногун дар бар мегирад, чоп шуд. Дар бахши дуюм, ки осори насриро фарогир аст, очерки «Фарзанди Кофарниҳон»-и адиб Б. Муртазо низ дар шумули бехтарин нигоштаҳои публитсистӣ дохил шудааст. Мавзӯи асосии очерки мазкур қаҳрамонии як фарзанди диёри Қубодиён Қодир Бӯбиевро инъикос мекунад. Муаллиф барои пурҷило гардидани симо ва кору амали ҷавонмардонаи қаҳрамон ӯро натанҳо дар ҷабҳаи ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945 нишон медиҳад, балки ҷасорату қавииродагии Қ. Бӯбиевро дар солҳои 1920-1935 ба риштаи таҳқиқ мегирад. Услуб ва тасвири манзараҳои ҷолиби ҳаёти қаҳрамони очерк ҷолиби диққат буда, аз маҳорати хуби нигорандагии публитсист- чеҳраофарӣ, проблемагузорӣ, тарбияи аҳли ҷомеа ва амсоли он дарак медиҳад. Қодир Бӯбиев аз давраи наврасию ҷавонӣ орзу дошт, ки мисли ҳамдеҳагони худ ҳамеша ин марзу бумро аз дасти ғоратгарон, душманони асосии инсоният ҳифз кунад. Ҳамин шуру шавқи зиёд боис гардид, ки дар аввалин кӯшишҳояш дар ин ҷода муваффақ гардаду, нотарсиву далерии хешро исбот намояд. Публитсист қаҳрамони худро далеру шуҷо, донишманду муборизи роҳи озодӣ ва муқобили душман тасвир намуда, ӯро ҳамеша дастболо нишон медод.

Солҳои 1915-1930 дастаҳои ғоратгарону босмачиён дар ҳудуди мамлакат бештар гардида, амалҳои нангину ғайриинсониро содир мекарданд. «…Хунхорон пас аз чандин зарбу латҳо фармондеҳро бар сари санге шинонда парронданд. Қодир, ки аз ҳамаи ин бедодгариҳо огоҳ буд, бо роҳи пинҳони байни чакалакзор ба назди Алексей Семёнович Жадов тозон шуд…

- Маро ҳам ба аскарӣ қабул кунед, - зуд-зуд нафас кашида гуфт Қодир ба назди Жадов омада. – Ман барои хуни фармондеҳи Аскарони Сурх Назаров қассос мегирам» [7, 405]. Бо тасвири ин манзара, симои қаҳрамон дар очерк пурратар гардида, аз ватанпарастиву инсондӯстии ӯ дарак медиҳад. Дар ҳама лаҳзаҳои вазнин Қодир Бӯбиев омодааст, ки барои ҳифзи Ватан сина сипар кунад, то ҳамдиёронаш орому осуда зиндагӣ намоянд. Чунончи: «Саворон, ки суроби онҳо акнун ба чашми Қодир менамуд, андак таваққуф карданд. Пас ҳама якбора аспҳоро қамчин зада, ба ҳучум даромаданд. Гранатаи Қодир ононро бесару сомон кард. Дар ҳамин лаҳза сарҳадбонон низ даррасида, ба тарафи ғоратгарон гранатаҳо ҳаво доданд. Вайронкорон дар ҳалқаи дуду оташ монда буданд ва ночор ҳамаашон силоҳҳоро партофта, даст боло карданд…» [7, 406]. Ҳеҷ гоҳ амали неку шоиста ва ғамхору муҳофизи халқу Ватан аз ёду хотироти касе фаромӯш намешавад. Чунончи муҳаққиқи соҳа Асадулло Саъдуллоев қайд мекунанд: «…Ӯ мехоҳад абадияти ному мураввач будани рӯҳи родмардони диёрро ба мавқеъ зикр намояд. Қонунмандиҳои публитсистика ин тарзи нигоришро меписанданд» [5, 164). Онҳо ҳамеша барои дигарон намуна, роҳнамои зиндагӣ ва фарди поктинату хирадпеша шинохта мешаванд. Ин андешаҳо бори дигар исботи худро дар очерк ба пуррагӣ ёфтааст.

«- Рафиқон, - ба сухан даромад Жадов, - имшаб ба туфайли ҳушёрии сарҳадбони мо гурӯҳи мусаллаҳи вайронкорони сарҳад дастгир карда шуд. Ман ба Қодир Бӯбиев барои ин далерию шуҷоаташ миннатдорӣ эълон мекунам!» [7, 406]. Баъди пароканда шудани гурӯҳи босмачиён, Қодир Бӯбиев масъули мақомоти давлат ӣ шуда, сохти ҷомеаи тозабунёдро ба ҳамдеҳагонаш шарҳ медод. Ӯ роҳҳои саводнок намудани халқи меҳнаткаш, таъмини зиндагии шоиста ва масъулиятшиносиву ваҳдатгароиро омили асосии пешрафти ҷомеа ва давлат медонист. Аз сӯйи дигар, боло бурдани ҳисси меҳанпарастӣ ва ҳифзи онро қарзи шаҳрвандиву вичдонии инсоният меҳисобид. Соли 1941 Германия аҳдшиканона ба сарзамини Иттиҳоди Шӯравӣ ҳучум мекунад ва Қодир Бӯбиев дар баробари даҳҳо ҳазор ҳамдиёрони худ ба муҳофизати ватан сафарбар мешавад. Қодир, ки аспсавори хубу моҳир буд, хоҳиш менамояд ӯро ба қисми савора равон кунанд. Афсарону сарбозон баъди гузаштан аз курси махсуси тайёрӣ дар шаҳри Душанбе ба майдони набард мераванд, ки ӯ ҳам дар ин миён буд. « - Аввалин бор ҷанги ҳақиқиро дар шаҳрчаи Камишинои Сталинград дидам, - ба хотир меорад Қодир амак. Пас аз задухӯрди шадид аскарон истироҳат мекарданд. Қодир ба зодгоҳаш мактуб менавишт. Ӯ аз аввалин задухӯрд сиҳат баромадани худро маълум мекард» [7, 407]. Имтиҳони ҷиддии қаҳрамонӣ дар майдони ҷанг ҳоло дар пеш буд ва Қодир ҳамеша талош менамуд, ки рисолат ва қарзи фарзандии худро софдилона ва далерона ичро кунад. Тамоми роҳбарону қумондонҳо ба ӯ боварии комил доштанд, зеро дар марҳилаҳои мураккаби набард ҳамяроқони худро ҳаҷот медод ва душманро сарнагун мекард. Се рӯз пеш як полки разведкачиён аз ҳудуди ҷойгиршавии базаи ҳарбӣ хеле дур рафта, бенишон шуданд. Қодир ва ду ҳамяроқаш Седов ва Максимов вазифадор гардиданд, ки бояд ҳарчи зудтар аз вазъияти ин полк бохабар ва робитаро бо маркази қисми ҳарбӣ барқарор намоянд. «Ӯ бо ҳамроҳонаш аз рӯйи харита роҳи шуда, масофаи дуреро паймуд. – Фашистон мушак парронда, роҳро равшан мекарданд, -нақл менамояд Қ. Бӯбиев. – Мо баъди ин ҳолат ба рӯйи замини пурбарфу яхбаста ҷафс шуда гаваккашон мерафтем. Қарибиҳои субҳидам полкро ёфта, ҷавоби номаро овардем» [7, 408]. Қодир Бӯбиев бо ин амали ҷавонмардонаи худ бо медали «Барои мардонагӣ» қадршиносӣ шуд ва баъди ин кору амали шоёни таҳсин эътимоду боварии роҳбарон ва афсарону сарбозон ба қобилияти баланди ӯ бештар гардид. Супориши дигар ба аскарони разведкачӣ аз ҷониби роҳбари полки ҳарби муайян гардид. Онҳо бояд мавқеи ҷойгиршавии душман, шумораи дақиқи яроқу аслиҳа ва техникаи онҳоро меомӯхтанд. Ин вазифа ва уҳдадориро низ сарбаландона ичро намуд. Чунончи: «Қодир Бӯбиев бо як даста аскарон ба разведка рафта, мавқеи техникаи душманро дар харита қайд намуд. Ҳангоми бозгашт разведкачиёни мо як нафар гитлерчиро низ асир гирифтанд, Қодир онро ба аспаш бор карда овард» [3, 408]. Ин омил боис гардид, ки афсарони Шӯравӣ дар муборизаба душман дар асоси далелҳои бадастомада амал намуда, муваффақ шаванд. Барои нотарсиву шуҷоат ва анҷоми муваффақонаи супориш Қ. Бӯбиев ва ҳамсафонаш бо медали «Шараф» сарфароз шуданд. Ӯ то лаҳзаҳои охир ҷанг дар майдони набард ба муқобили душман ҷангида бо ордену медалҳои фаровон ба зодгоҳаш баргашт. Баъди хотимаи ҷанг чун роҳбари кордон шахси рӯзгордида, деҳқони асил дар самтҳои гуногун фаъолияти пурсамар намуда, дар ободиву шукуфоии ин гӯшаи диёр саҳми шоиста гузошт.

Очерки дигари публитсисти воқеънигор Бахтиёри Муртазо «Аз Кофарниҳон то Одер» унвон дошта, қаҳрамониву матинародагии фарзанди барӯманди халқи тоҷик Девонақул Ҷӯраевро дар бар мегирад. Адиб манзараи пуртаҳшатеро, ки дар овони кӯдакӣ қаҳрамон бо чашми сар дидаву нафрататаш нисбати ашхоси ҷангҷӯю бадхоҳ зиёд шуда буд, воқеӣ тасвир намудааст. Чунончи: «…Рӯзе дар саҳни ҳавлӣ, рӯйи бӯрё менишаст, ки ногоҳ ба ҳавлиашон як гурӯҳ одамони мусаллаҳи туршрӯ зада даромаданд. Дар ин ҳангом падараш дар хона дастосро метофт. Одамони омада падари ӯро аз хона баровардандуда рӯйи ҳавлӣ, дар пеши назараш парронданд» [9, 86]. Баъди ин ҳодиса андешаву фикри

Д. Ҷӯраев ба кулли тағйир ёфт. Ҳамеша банди хаёлот, сабабу омилҳои ба қатл расондани падарро фикр мекард, аммо ҳеҷ ҷавоби муносиб ёфта наметавонист. Аз гуфтаи ҳамдеҳагон фаҳмид, ки падари ӯро босмачиён куштаанд.

Д. Ҷӯраев дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳимояи сарзамини худ, ҳамватанону пайвандон бархоста, дар муборизаҳо ҳамеша диловарӣ нишон медод. Ӯ дар ҳайати полки тирандозии 633 ҳангоми ҳифзи шаҳри Одесса бори дигар шуҷоатмандии худро исбот кард. Дар баробари ин ҳама фидокориҳо, инчунин дар вазифаҳои ҷамъиятӣ, тарбияи худшиносиву худогоҳии ҷавонон саҳм мегузошт. Бо сарбозону афсарон дар хусуси сиёсати давр суҳбат намуда, беҳтарини онҳоро ба сафи комсомолӣ қабул карда, билети ҳизбиро бо тантана месупорид. Боре ҳангоми маҷлиси партиявӣ душманон ба онҳо ҳуҷум мекунанд ва Д. Ҷӯраев бо қобилияти баланди касбӣ ин хатарро рафъ мекунаду барои мубориза ба душманон роҳ мекушояд. «…Ӯ бо машақати зиёде ба пулемёти душман наздик шуда, ду дона гранатаи якчо бастаро ба сӯйи он ҳаво дод. Таркиш дами пулемёти фашистонро фурӯ баст. Аввалин шуда худи Ҷӯраев аз ҷо ҷаст ва «ура!» - гӯён пеш давид. Аскарони дигар ҳам туфангу гранатаҳоро ба даст гирифта, аз пайи котиби худ шитофтанд» [9, 87]. Ин ва дигар корнамоиҳои Девонақул Ҷӯраев дар қиссаҳои ҷангӣ дар шаклҳои гуногун инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, муаллифони китоби «Шуҷоат баҳри ватан» Давлат Халил ва Фозил Абдурашитов баъзе қайдҳои ҷолиб оид ба рӯзгор ва далерии ин марди асили ватанпарвар доранд, ки шахсияти ӯро бори дигар ба назари хонанда фарди таҳамтан ва ҳушёру зирак ба ҷилва меоварад. Чунончӣ: «…Онҳо бо душман қаҳрамонона ҷангиданд. Он лаҳза Девонақул қумондони отделенияи тирандозӣ буд. Аввали моҳи октябри соли 1941, вақте ки душман ба хоки шаҳри Одесса наздик мешуд, муҳорибаи сифатан пуршиддату вазнин мерафт. Аввал қушунҳои Руминия ҳуҷум намуда, сонӣ онҳоро қушунҳои фашистӣ иваз намуданд. Қушунҳои мо ҳуҷуми душманро гардонида, дар мавқеи худ истодагарӣ мекарданд» [8, 55]. Д. Ҷӯраев дар симои афсарону сарбозони далери Ватан музаффариятро мушоҳида мекард, чунки онҳо дар лаҳзаҳои вазнин то охирон нафас ба муқобили душман мубориза мебурданд. Ҳамеша ба ҳамсафони худ талқин мекард, ки бояд барои озодиву ободии диёр ҷонфидоӣ намуд. Леонид Андреев комсорги ротаро, ки дар як муҳориба қаҳрамонона ҷангида ба ҳалокат расида буд, ба хотир меовард ва ӯро намунаи беҳтарини фидоиёни Ватан арзёбӣ мекард. «Гурӯҳи муқовимати Леонид Андреев ду шабу ду рӯз ҳамлаи пайдарҳами фашистонро паст гардонд. Ин гурӯҳ аз ҳафт нафар ҷанговар ва як пулемёт иборат буд. Ҳама қаҳрамонона ҷон нисор карданд, вале душманро гузаштан намонданд» [9, 88]. Ҳамеша фикри ёди ватану ҳифзи он дар шуури сарбозони Иттиҳоди Шӯравӣ гардиш мехӯрд. Баҳри нобуд намудани душман тамоми неруву қобилияти худро содиқонаву софдилона равона мекарданд. Воқеаҳои мушкилу ғайричашмдошт дар ҳама ҷабҳаҳо рух медод ва онро Д. Ҷӯраев бо дониши баланди касбии ҳарбӣ паси сар мекард. Дар шаҳри Бигдоши Полша ҳайати аскарон ба як вазъияти мураккаб рӯ ба рӯ шуданд. Муаллиф ин ҳолатро тавре ба риштаи тасвир мегирад, ки аз ҷасорати баланди Д. Ҷӯраев шаҳодат медиҳад. «Вақте ки танкҳои «фердинанд»-и фашистон ба тарафи аскарони ҷавон ҳамлавар гаштанд, онҳо безобита шуда, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Комсорги баталон Ҷӯраев инро пайхас намуда, дарҳол хазида ба назди онҳо рафт ва ба ҳар яке мавқеи мувофиқро нишон дод. Сипас худаш бастаи гранатаҳоро ба ҷойи нишонраси яке аз танкҳо ҳаво дод. Танг оташ гирифт…Баъди даргирифтани танкҳо аскарон бо комсорги худ ба ҳамлаи ҷавобӣ гузаштанд. Роҳи оҳан, ки мавқеи муҳимми стратегӣ дошт, дар вақти муайян ишғол карда шуд» [9, 89-90]. Монанди ин ҳодиса зимни муҳориба бо душман хатарҳои зиёд буд. Дар наздикии соҳили Одер зимни як амалиёти муштарак воқеаи вазнине дар ҳаёти ӯ рӯх дод. Адиб дар ин вазъият мавқеъ ва нақши қаҳрамони худро арзанда тасвир мекунад. Чунончи: «…Душманон, ки ба оташфишонии разведкачиён андармон буданд, баталон фурсатро ғанимат дониста, ба ҳамла гузашт. Ҷӯраев омадани ҳамяроқони худро дида натавонист: вай аз таркиши фаустпатрон захмӣ шуда, аз ҳуш рафта буд» [1, 91]. Баъд аз ин ҳодиса Д. Ҷӯраев дигар натавонист дар майдони муҳориба бар зидди душман бичангад. Барои ин ҳама қаҳрамонӣ ӯро бо чандин ордену мукофотҳои давлатӣ лоиқ донистанд. Ҳангоме ки афсарону сарбозони Иттиҳоди Шӯравӣ ғалаба намуданд, дар баробари миллион нафар одамон шодиву нишоти Д. Ҷӯраев ҳадду канор надошт. Солҳои дароз ӯ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ фаъолият намуда, дар пешрафту шукуфоии ватани худ ҳиссаи арзанда гузошт. Дар баробари қаҳрамонони воқеии очеркҳои публитсист Б. Муртазо Д. Ҷӯраев ва Қ. Бӯбиев зиёда аз 2700 нафар сокинони ноҳияи Қубодиён дар ин ҷанг иштирок намуда, чунин корнамоиҳо намудаанд. «…Дар майдони ҷанг кубодиёниҳо ҷонбозиҳо ва фидокориҳои беназир нишон медоданд. Дар ҷангҳои хунини назди Днепр собиқ механизатори ноҳия В. И. Бояркин қаҳрамонии бемисл нишон дода» [2, 57] ба душман зарбаҳои марговар задааст. Барои ин амалу фидокорияш бо қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ қадршиносӣ гардид.

Ҷойи шубҳа нест, ки маҳз дӯстиву бародарии мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар таъмини ғалаба нақши асосиву ҳалкунанда гузошт ва он дар очеркҳои публитсист Б. Муртазо хеле шавқовару воқеӣ ифода ёфтаанд. Дар андешаву ҳастии афсарону сарбозон танҳо мубориза барои адолат ва пойдории сулҳу ваҳдат ҷойгир гашта буд ва он самараи нек ба бор овард, ки ҷанбаи масъаларо низ адиб моҳирона инъикос кардааст. Ба андешаи таҳқиқгари осори адиб профессор Мурод Муродов «Як хусусияти барҷастаи очеркҳои Б. Муртазоев боз дар он аст, ки ҳамагӣ ба проблемаҳои иҷтимоӣ

мубталоянд. Масъалагузории иҷтимоӣ водор намуда, ки қаҳрамону персонажҳо фаъол бошанд, дар хусуси мушкилоти ба миён омада, мулоҳизаву андеша ронанд ва ба ин васила дар ҳалли онҳо саҳм гузоранд» [4, 157]. Дарвоқеъ, масъалаҳои баррасишаванда аҳамияти зиёди иҷтимоӣ дошта, дар ҳалли онҳо нақши қаҳрамонҳои очерк арзишманд ба тасвир омадаанд. Умуман, асоси мазмуни очеркҳои ба мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшидашудаи публитсист Б. Муртазоро маҳз ғаюрӣ, инсондӯстӣ, ватанхоҳӣ, сулҳхоҳӣ, ободгароиву меҳнатдӯстӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистика) / Н. Бозоров. - Душанбе, 2014. - 184 с.
2. Дод, Қ. Кубодиён (Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз). / Қ. Дод., А. Фозил, С. Қиёмиддин. - Душанбе, 2014. - 220 с.
3. Қутбиддин, Б. Воқеияти тасвир / Б. Қутбиддин. - Душанбе, 2014. - 124 с.
4. Муродов, М. Аз замон то замон / М. Муродов. - Душанбе, 2010. - 248 с.
5. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. - Душанбе, 256 с.
6. Саидаҳмади Ҳ. Қиссаҳои ҷангӣ / Ҳ. Саидаҳмад. Н. Бобо. - Душанбе, 2015. - 100 с.
7. Шасти зафар: мураттибон Низом Қ., Р. Атоева. - Душанбе, 2005. - 472 с.
8. Халил, Д. Шуҷоат баҳри ватан (Доир ба корнамоӣ ва ҳаёту фаъолияти собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватании ноҳияи Кубодиён) / Д. Халил., Ф. Абдурашитов. - Душанбе, 2010. - 176 с.
9. Хотираҳои солҳои ҷанг. Саҳифаҳои қаҳрамонӣ / тартибдиҳанда Ҷ. Почоев. - Душанбе, 1985. - 139 с.

БОЗТОБИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАХТИЁРИ МУРТАЗО

Муаллиф мавқеъ ва таҷассуми Ҷанги Бузурги Ватаниро дар публитсистикаи Бахтиёри Муртазо мавриди таҳқиқ қарор дода, махсусияти онро зикр кардааст. Пеш аз ҳама, очеркҳои адиби публитсист бо фарогирии масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ иҷтимоиву фарҳангӣ аз нигоштаҳои дигар эҷодкорон фарқ дорад.

Мақола очеркҳоеро фаро мегирад, ки бевосита ба мавзӯи ҳимояи Ватан тааллуқ дорад ва дар баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллии хонанда таъсири бузург мерасонанд. Ҳамчунин лаҳзаҳои қаҳрамонии фарзандони ҷонфидои халқи тоҷикро, ки дар марҳилаи ҳассосу мураккаби таърихӣ, ки тақдири миллату давлат ба онҳо вобаста аст, бо шавқмандӣ баён ёфтааст, дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: ҶБВ, қаҳрамон, тасвир, образ, муҳориба, амалиёт, мардонагӣ, таҳлил, очерк, публитсист, ватандӯстӣ.

ОТРАЖЕНИЕ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ В ПУБЛИЦИСТИКЕ БАХТИЯРА МУРТАЗО

В данной статье расматриваются героические подвиги таджикистанцев в годы Великой Отечественной войны, освещённые в публицистике Бахтияра Муртазо. Автор на основе анализа ряда очерков посвященных войне, определяет тематику произведений писателя, где показывает мастерсво описания событий и формирование образов героев.

Исследование показывает, что основное содержание очерков посвященных Великой Отечественной Войне публициста Б. Муртазо расскрывает храбрость, мужественность, гумманость, патриотизм, миролюбие, трудолюбие, созидание и т.д.

Ключевые слова: ВОВ, герой, описание, образ, борьба, операция, храбрость, анализ, очерк, публицист, патриотизм.

OTRAZHENIE GREAT PATRIOTIC WAR IN PUBLICIST BAKHTIAR MURTAZA

In this article we are risen heroic feats of Tajiks in Godi WWII, lit in publittsistike Bakhtiar Murtazo. Author, based on analysis of a number of essays on the war determines the theme of the writer, which shows mastersvo descriptions of events and the formation of images of heroes.

Research shows that the main content of essays devoted to the Great Patriotic War publicist B. Murtazo reveals the bravery, courage, gummanost, patriotism, peace, hard work, creativity and so on.

Key words: Second World War hero, description, image, fight, operation, courage, analysis, essay, essayist, and patriotism.

Сведения об авторе: ***Шарипов Сангимурод Исматуллоевич*** - преподаватель кафедры журналистики Курган-Тюбинского государственного университета им. Н. Хусрава. Телефон: **(+992) 918-13-03-59**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ – Я З Ы К О З Н А Н И Е

ФУНКЦИОНАЛЬНО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ КАУЗАТИВЫ: ПРОЦЕССЫ ДЕСЕМАНТИЗАЦИИ
***С. В. Шустова, Е. А. Ошева*……... 3**

НИГОҲЕ БА РИСОЛАИ ОВОШИНОСИИ ИБНИ СИНО "МАХОРИҶ-УЛ-ҲУРУФ"
***С. Сулаймонов*……. 7**

АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ “ФОИДАҲО”-И “БУРҲОНИ ҚОТЕЪ”
***Д. Хоҷаев*..... 13**

О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ ЯЗЫКА ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ
***М. Саломов*……... 17**

МАРЗИ МАЪНОӢ
Ж. Гулназарова*…… *21

АКТУАЛЬНОЕ ЧЛЕНЕНИЕ ВЫСКАЗЫВАНИЯ
З. Р. Юсупова*……... *24

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ АНТРОПОНИМИЯИ МАРДУМИ ШУҒНОН
Малоҳати Махсутшо*…… *27

ИСТИЛОҲОТИ ИФОДАГАРИ РОЗ ВА СИРРРУ АСРОР ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ
А. Амиршоев*……. *31

ҲИДРОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР АСАРИ «СУРАТУЛАРЗ»-И ИБНИ ҲАВҚАЛ
Д. Р. Ҳомидов, Г. Х. Икромова*…….. *34

НАЗАРЕ БА ЛЕКСИКАИ ЛАҲҶАИ ВАХӢ-ҚАРОТЕГИНӢ
О. Борунов*…… *38

АНТРОПОНИМЫ РЕЛИГИОЗНОГО ПРОИСХОЖДЕНИЕ
Ш. Ш. Гуламадшоев*……... *44

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ СОКРАЩЕННЫХ ТЕРМИНОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
И. Б. Дададжанова, Г. Х. Мирзоева*…….. *48

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЕМАНТИЧЕСКОГО СПОСОБА ТЕРМИНООБРАЗОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ (русский, таджикский, немецкий)
З. И. Замонов*…… *50

УПОТРЕБЛЕНИЕ В КАЧЕСТВЕ ФАМИЛИЙ ЛИЧНЫХ ИМЁН
С. М. Насруддинов*…….. *54

НИГОҲЕ БА ТАҲЛИЛИ ЗАБОНИЮ ТАЪРИХИИ ОРОНИМИЯИ «ҚУРЪОН»
Муҳаммад Саидов*…….. *56

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УЧЕБНИКА «АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК ДЛЯ МЕЖДУНАРОДНОГО ТУРИЗМА» В УЧЕБНЫХ ГРУППАХ
З. А. Валиева, Р. Р. Раджабова*…… *60

ТАЪБИРОТИ ФЕЪЛИИ СОМАТИКИИ ТОҶИКӢ ВА ТАҲВИЛИ ОНҲО БА ЗАБОНИ РУСӢ

М. Н. Саидхоҷаева…….. *63*

ПОЛИЛЕКСЕМНЫЕ ТЕРМИНЫ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ
З. Самиев…….. *68*

ВАСЛИ КОМПОНЕНТИ «КАЙ» ДАР НОМҲОИ ЭРОНИИ «ҲАЗОРУ ЯК ШАБ»
Ҷ. Темуров…… *72*

НАВВОЖАҲО (НЕОЛОГИЗМҲО) ДАР ЗАБОНИ МУОСИРИ АРАБӢ
А. Тураев…….. *74*

ШАРҲИ БАЪЗЕ НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФИИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР ОСОРИ ТАЪРИХӢ
М. Турсунова…… *76*

ЛСГ КАЧЕСТВЕННЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИХ НОС ЧЕЛОВЕКА
Ш. Р. Хасанова…… *81*

БЫТОВЫЕ РЕАЛИИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ С. АЙНИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА» И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕВОДА НА РУССКИЙ ЯЗЫК
Тахмина Нагзибекова…….. *83*

О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ ИЗУЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕРМИНОСОЧЕТАНИЙ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ
Х. Асламов…… *84*

ПОНЯТИЕ АНТОНИМИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Э. Гулмонов…….. *87*

ДУШВОРИҲОИ СИНОНИМИЯИ ИСТИЛОҲОТ ДАР МИСОЛИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ЭКОЛОГИЯ
Ш. Б. Каримов, И. Б. Эмомов…….. *91*

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ СОПОСТАВЛЕНИЯ ПЕРФЕКТА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
И. Муродов…… *95*

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ УКРАШЕНИЙ ОДЕЖДЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
Х. Худоиева..... *98*

СПОСОБЫ ВЫДЕЛЕНИЯ ТЕМЫ И РЕМЫ В ТЕКСТАХ
З. Р. Юсупова…… …… *99*

ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ, ХАРАКТЕРИЗУЮЩИЕ ВОЗРАСТ ЧЕЛОВЕКА В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ
Л. И. Джамирова…… …… *103*

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СРАВНИТЕЛЬНЫХ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ***(на материале русского, таджикского и английского языков)***
Н. Ш. Рахмонова…… …… *106*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ – Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

АЗ ТАЪРИХИ ЭҶОДИ ПОВЕСТИ «СУБҲИ ҶАВОНИИ МО»

Сироҷиддини Эмомалӣ…… *111*

МАХСУСИЯТҲОИ ШЕЪРИ АНДЕШАҲОИ ОТИФИИ ТАСВИРИИ БОЗОР СОБИР
Аскар Ҳакимов…… *115*

ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ ВА АБУЛҚОСИМИ ЛОҲУТӢ
(таҳлили муқоисавии ашъор ва афкор)
Рустам Ваҳҳобзода..... *122*

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЭМЫ «САЛАМАН И АБСАЛЬ» ДЖАМИ С ПЕРЕВОДОМ ХУНАЙНА ИБН ИСХАКА
М. Низомов…… *125*

ТАҲМИДИЯ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ХОҶУИ КИРМОНӢ
Амирҳамза Сатторов..... *130*

ПРОЦЕСС ТЕОГНОЗИСА В ИРФАНИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИР САЙИД АЛИИ ХАМАДОНИ
К. Кодиров…… *132*

ИМОДУДДИН АЛ-ИСФАҲОНӢ ВА «ХАРИДАТ АЛ-ҚАСР»-И Ӯ
М. Н. Аминов…… *138*

АНАЛИЗ СОДЕРЖАНИЯ ПОЭЗИИ САЛМАНА ХИРАТИ
Ахдия Фазили…… *142*

НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ АДАБИИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД
Р. Мансурова…… *144*

НОСЕҲИ ХАТЛОНӢ – ШОИРИ ДОСТОНСАРО
Бӯрӣ Гулназаров..... *146*

НИГОҲЕ БА «ҒАРБЗАДАГӢ»-И ҶАЛОЛ ОЛИ АҲМАД
(пажӯҳиши фарҳангшиносӣ)
Олимҷон Хоҷамуродов…… *153*

ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК
М. Р. Исматуллоев…… *157*

РӮЗГОР ВА ОСОРИ ФАРИДУН ТАВАЛЛУЛӢ
Ш. С. Тешаева…… *160*

ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ФОРМИРОВАНИЯ ПЕРСИДСКОГО РОМАНА
Акрам Борути…… *162*

ОБРАЗИ ПОДШОҲОН ДАР “ЧАҲОР МАҚОЛА”-И НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ
Абдуқодирзода Саидмукаррам..... *165*

ПОЭЗИЯ И ПОЭТИЧЕСКОЕ ИСКУССТВО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУСУЛЬМАНСКИХ БОГОСЛОВОВ
И. Давлатов…… *168*

АНТУАН ГАЛЛАН И «АРАБСКИЕ НОЧИ ИЛИ ПЕРСИДСКИЕ ДНИ»
Д. Махмудов…… *174*

МАВҚЕИ ОСОРИ ХУРДИ ЛИРИКӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МИРЗО ҚАДАМ ВА МУҲТАВОИ ОН
Г. Мирзорахматова…… *177*

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ РЕСУРСЫ ПОЭЗИИ РУДАКИ
М. М. Мирзохонова*……. *182

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТВОРЧЕСКОЕ НАСЛЕДИЕ ЗАРРИНКУБА
Настаран Ибрагимзаде*…….. *186

ТАСВИРИ МУШКИЛОТИ ЗАН ДАР РОМАНИ «ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ»
-И Ф. МУҲАММАДИЕВ ВА «ОСМОНИ БЕКАРОН» («САРА АКАШ»)-И Р. ЯДАВ
М. А. Нурова*……. *189

МУЛОҚОТИ МАВЛОНО ЯЪҚУБИ ЧАРХӢ БО ХОҶА УБАЙДУЛЛОҲИ АҲРОРИ ВАЛӢ ДАР МУЛКИ ЧАҒОНИЁН (ҲИСОРИ ШОДМОН)
Бурҳон Сайфиддинов*…….. *192

ТАҲҚИҚ ВА ШИНОХТИ ШЕЪР АЗ НИГОҲИ ШИБЛИИ НУЪМОНӢ
З. Ҳамроқулова*…… *195

МУҲАҚҚИҚИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
Муҳайё Холтураева*…… *198

ТАЪСИРПАЗИРИИ ВОҚИФ АЗ ШОИРОНИ ПЕШИН
Шарофиддин Асомидинзода*…….. *202

НИГОҲЕ БА ДОСТОНИ «КАЙХУСРАВ» ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ
Рустам Наботӣ*……. *205

ТАСВИРИ РӮЗГОРИ ШОҲ ШУҶОЪ ДАР «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО»-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ
Момогул Шодиева*..... *209

ТЕОРИЯ ТЕОМАНИЗМА В ИРФАНИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ МИР САЙИД АЛИИ ХАМАДОНИ
К. Кодиров*……. *211

САЙРИ КӮТОҲИ ТАЪРИХӢ БА БАЪЗЕ МАНОБЕИ ИСТИЛОҲОТИ МУСИҚИИ ТОҶИКӢ
З. Ф. Абдуллоева*..... *216

МУЛОҲИЗАҲОЕ ЧАНД ОИД БА ҲИКОЯҲОИ Ӯ. КӮҲЗОД
Д. Ҳикматова*…….. *219

ПАДИДАҲОИ ТОЗАИ ИЛМИИ ОСОРИ УСТОД С. АЙНӢ
Ҳ. У. Солиев*……... *222

ВОСПРОИЗВЕДЕНИЕ СТИЛЯ СТИХОТВОРЕНИЯ «МУЖЕСТВО» А. А. АХМАТОВОЙ ПРИ ПЕРЕВОДЕ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК
Киматби Элназар*…….. *224

НИГОҲИ МУХТАСАР БА ТАҲҚИҚИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗИИ НИШОПУРӢ
Фаррух Ҳайдаров*…… *227

ШАЙХ АБУЛҲАСАНИ ХАРАҚОНӢ ВА АБӮСАИДИ АБУЛХАЙР
Г. С. Нозимова*……. *233

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

МАВҚЕИ РАДИОКОМПОЗИТСИЯ ДАР БАРНОМАҲОИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»
Ализода Абдурашид Хӯҷамқул, Саидмуроди Хоҷазод*…….. *236

МАҚОМИ ОЧЕРК ДАР ЭҶОДИЁТИ ТОҶӢ УСМОН

Маҷид Салимов…….. *239*

СУТУННАВИСӢ ДАР МАТБУОТИ МУОСИРИ ТОҶИК
М. А. Муқимов…… *243*

ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ СОМОНАХОИ «АЛ - ҶАЗИРА» ВА «БИ- БИ-СИ» (ВВС)
С. Қаландаров…….. *248*

БАРРАСИИ ПРОБЛЕМАИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР НАШРИЯИ “НИГОҲ”
М. Баҳромзода……. *252*

ДОИР БА ЯК РӮЗНОМАИ МУЗОФОТӢ
С. Ғоибов..... *257*

НАҚШИ НАҚШАИ СЕНАРӢ ВА СЕНАРИЯ ДАР ТАҲИЯИ БАРНОМАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ
З. Муъминҷонов..... ..... *261*

СОХТОР, ШАКЛИ ПОЛИГРАФӢ ВА МУНДАРИҶАИ МАҶАЛЛАИ «ОЙИНА»
Г. Х. Дадобоева…… *264*

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ШАҲРИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ
З. Мирзоева…….. *267*

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ
Сипеҳри Кароматулло..... *270*

«ҶУМҲУРИЯТ» ДАР ШИНОХТИ МУҲАҚҚИҚОН
Умарбек Фаридун..... *274*

«TAJIKISTAN TIMES» - АВВАЛИН НАШРИЯИ АНГЛИСЗАБОН ДАР ТОҶИКИСТОН
Ф. Мирзоева…… *278*

МАСОИЛИ ХУДШИНОСӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ДАВРАИҶАНГИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ
С. Ҳайдаров…… *281*

АРТ-КРИТИКА И ОСВЕЩЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ИСКУССТВА В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА
Т. Ниязова…… *284*

ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДИСКУРС В ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОМ АСПЕКТЕ
Сафарзода Манучехри Наджот…… *288*

ИСТИФОДАИ ЗАБОНҲОИ ПОМИРӢ ДАР ШАБАКАИ ИҶТИМОИИ ФЕЙСБУК
П. Абдулҳамидова..... *290*

БОЗТОБИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАХТИЁРИ МУРТАЗО
С. И. Шарипов…….. *296*

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳими мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳимияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи илмҳои филологӣ мебошанд, барои нашр қабул мегарданд.

Ҳангоми пешниҳод намудани мақолаи илмӣ муаллифон бояд қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

Бо дарназардошти матни мақола, рӯйхати адабиёти истифодашуда, нақшаҳо, расмҳо, фишурдаҳо ва калидвожаҳои бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омодагардида ҳаҷми мақола на бештар аз 10 саҳифаи матни компютерӣ бошад.

Мақола бояд дар барномаи таҳриргари Microsoft Word ҳуруфчинӣ шуда бошад. Дар баробари шакли чопӣ, инчунин шакли электронии матни мақола низ бояд пешниҳод карда шавад. Шакли дастнавис бояд дар компютер ҳуруфчинӣ шуда бошад ва ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд (гарнитураи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, Times New Roman барои матни русӣ, шакли саҳифаи компютерӣ А4, фосилаи атрофи саҳифа: боло – 3 см, поён – 2,5 см, чап – 3 см, рост – 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,5).

Дар қисми болоии саҳифаи аввал номи мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф навишта мешавад. Дар сатрҳои минбаъда номи муассисае навишта мешавад, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд. Сипас, почтаи электронии муаллиф низ нишон дода мешавад. Баъд аз ин матни мақола ҷойгир карда мешавад. Дар охири мақола баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда фишурда ва калидвожаҳо (аз 8 то 10 калима) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ навишта мешаванд.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда чун анъана баъди матни мақола ҷойгир карда мешавад. Муаллифон ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд талаботи тартиб додани онро риоя намоянд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд аз 5-6 номгӯй кам набошад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд хулосаи экспертӣ ва маълумотномаи муаллифӣ (барои илмҳои табиӣ) ва тақризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чоп тавсия намегарданд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Все научные статьи, поступившие в редакцию журнала, подлежат обязательному рецензированию.

Заведующий редакцией определяет соответствие статьи требованиям к оформлению и направляет статью на рассмотрение главному редактору или его заместителю. Далее, с приложенной справкой о прохождении программы «Антиплагиат», - на рецензирование двум членам редакционной коллегии или двум внешним рецензентам - специалистам, докторам или кандидатам наук, имеющим наиболее близкую к теме статьи научную специализацию.

Заведующий редакцией, главный редактор или его заместитель имеют право единолично отклонить статью, если ее материал не соответствует тематике издания, его направленности и политике, а также требованиям к оформлению статей.

Рецензенты уведомляются о том, что, присланные им рукописи, являются собственностью авторов и содержат сведения, не подлежащие разглашению. Рецензирование проводится конфиденциально.

Сроки рецензирования определяются в каждом отдельном случае заведующим редакцией с учетом создания условий для максимально оперативной публикации статьи.

Рецензирование проводится конфиденциально для авторов статьи, носит закрытый характер. Рецензия предоставляется автору по его письменному запросу, без подписи и указания фамилии, должности, места работы рецензента. Рецензия с указанием автора рецензии может быть предоставлена по запросу экспертных советов в ВАК.

В рецензии освещаются вопросы, приведенные в приложении.

В заключительной части рецензии на основе анализа статьи должны быть даны четкие выводы рецензента о возможности публикации статьи в представленном виде, или о необходимости переработки (доработки) статьи по замечаниям рецензента.

Если рецензия содержит рекомендации по исправлению и доработке статьи, редакция направляет автору замечания рецензента с предложением учесть их при доработке статьи, или аргументировано их опровергнуть. Переработанная автором статья повторно направляется на рецензирование.

Если статья не рекомендована рецензентом к публикации, то текст отрицательного заключения направляется автору. В случае аргументированного несогласия автора с мнением рецензента, автор статьи может обратиться в редакцию с просьбой о направлении его статьи на дополнительное рецензирование. В этом случае редакционная коллегия журнала либо направляет статью на повторное (дополнительное) рецензирование, либо предоставляет автору мотивированный отказ в публикации. Окончательное решение по этому вопросу принимает главный редактор или его заместитель, который вправе опубликовать статью в качестве дискуссионной.

Наличие положительной рецензии не является достаточным основанием для публикации статьи. Окончательное решение о целесообразности и сроках публикации после рецензирования принимается главным редактором или его заместителем, а при необходимости - редакционной коллегией журнала.

Редакция журнала не хранит статьи, не принятые к печати. Все статьи, полученные редакцией, автору не возвращаются.

Оригиналы рецензий хранятся в редакции журнала в течении трех лет.

Редакция строго придерживается норм и правил международной публикационной этики.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Масъули бахши филологӣ: **М. Набиева**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **О. Ашмарин**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии филологических наук: **М.Набиева**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, О. Ашмарин**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 61
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 61
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj